ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

# ЧЕҲРАҲОИ МОНДАГОР



ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

# ЧЕҲРАҲОИ МОНДАГОР

Душанбе
«ЭР-граф»
2016

ББК 63.3 (2 тоҷик)+84 тоҷик 7-4
Р-47

*Эҳдо ба 25-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**Мушовирони илмӣ**
***Абдуҷаббор Раҳмонзода,***
*академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон,*

***Нуриддин Саид,***
*доктори илмҳои фалсафа, профессор*

**Эмомалӣ Раҳмон.**
Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016. - 364 саҳ.

Китоби мазкур дар асоси осори илмиву таърихӣ ва маърӯзаҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мураттаб гардидааст. Анҷом додани ин кор ба се ваҷҳ муносиб дониста шуд: аввалан, сатҳу савияи илмии нигошта ва маърӯзаҳо дар пояи баланд қарор дорад ва аз онҳо боястӣ аҳли илму адаб, омӯзгорону донишҷӯён ва доираи васеи хонандагон зимни пажӯҳиши илмӣ, таълими шогирдон ва огоҳии бештаре пайдо намудан бо рӯзгору осори шахсиятҳои варзидаи таърихӣ ва фарҳангиамон истифода баранд. Аз ҷониби дигар, ин кор ба он хотир зарур дониста шуд, ки дар айни ҳол теъдоди нашри китобҳои Сарвари кишвар хеле маҳдуд аст ва на ҳамаи ниёзмандон имкони дарёфту мутолиаи онҳоро доранд. Далели севум ин аст, ки дар як маҷмӯа гирд омадани маводи ин китоб, ки қаблан ба сурати пароканда дар маҷмӯаву китобҳои гуногун ва нашрияҳои даврӣ чоп шуда буданд, ба хонандагон имкони мусоиди истифода ва баҳрабардориро фароҳам меорад.

ISBN 978-99975-53-14-0

КИТОБХОНА
ДДОТ ба номи С. АЙНИ
715701

© Эмомалӣ Раҳмон, 2016.

***Хонандаи гиромӣ!***

Китобе, ки дар даст доред, Шуморо бо саҳифаҳои пурифтихори таърихи халқи тоҷик шинос намуда, аз рӯзгори шахсиятҳои номдору сарбаланди илмӣ, адабӣ ва таърихиву сиёсиамон нақл менамояд. Таърих гувоҳ аст, ки ин сарзамин абармардонеро ба дунё овардааст, ки ҳар кадом дар замони хеш бо хирад, заковат, дониш ва фазилат ба дараҷае шуҳрат пайдо карда буданд, ки самараи умру хидмати беназир, мақому манзалаташон ҳамеша ва дар ҳама давру замон боиси ситоиш ва қадрдонӣ мебошад. Ёд овардан ва муаррифӣ кардани шуҷоату далерӣ, фазлу дониш ва бузургиву тавонмандии онҳо далели эҳтироми мо ба таърих ва симоҳои таърихию фарҳангии халқи азизамон аст.

Тоҷикон дар тӯли ҳазорсолаҳо ҷабру ҷафои аҷнабиёнро бо сабру таҳаммул ва бурдбории мардонавор паси сар намуда, бо дастовардҳои безаволи фарҳангиашон беҳтарин бозёфтҳои маънавии нухбагони сарзамини хешро ҳифз кардаанд. Барои миллати куҳанбунёди тоҷик пас аз суқути давлати Сомониён қариб ҳазор сол лозим шуд, ки дар порае аз сарзамини таърихии аҷдодиаш давлати худро бунёд намояд ва ба оламиён аз истиқлоли деринтизори сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиаш паём фиристад. Хушбахтона, истиқлолияти давлатии тоҷикон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ бо қаноатмандӣ эътироф гардид. Ниёгони хирадпешаамон ҳамвора дар орзуи расидан ба ин рӯзи хуррамиву фирӯзӣ ниёишҳои зиёдеро ба қалам овардаанд ва танҳо дар даҳсолаи охири асри XX мо ба ин саодати бузург шарафёб шудем.

Истиқлолияти давлатӣ волотарин ва боарзиштарин дастоварди миллати тоҷик дар масири даҳ асри охир буда, нишонаи ҳувийят ва озодӣ, ифтихор ва номус, рамзи саодат ва шарти бақои миллати соҳибихтиёру соҳибдавлати тоҷик мебошад. Тоҷикистон маҳз ба шарофати истиқлолият ҳамчун узви баробарҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардид ва дар харитаи сиёсии дунё бо ҳама махсусиятҳои давлатдории муосир арзи ҳастӣ намуд.

Мо ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, ба ҷомеаи мутамаддини демократӣ бо ҳувийят, арзишу анъанаҳо ва чеҳраву симои хоси миллии хеш, ҳамзамон бо дастоварду комёбиҳо ва бозёфтҳои фарогири фарҳанги башарӣ ворид гардидем. Истиқлолияти давлатиро дар роҳи худшиносии милливу таърихӣ, эҳёи ойину суннатҳо ва рушди илму адаб метавон марҳалаи дурахшону

пурифтихори фарҳангу тамаддуни миллӣ, даврони рушди неруи зеҳнӣ ва эҷодкорӣ арзёбӣ намуд.

Баъди соҳибистиқлол гардидан Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фосилаи кӯтоҳи замонӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардид ва бо ҷаҳду талоши созандаву бунёдкоронаи халқи азизамон ба кишвари ободу осуда мубаддал гашт. Акнун моро зарур аст, ки баҳри таҳкими ҳувийяти миллӣ ва шакл гирифтани тафаккуру андешаи миллӣ, инчунин ҷиҳати бедор намудани ғурури миллӣ дар зеҳни наврасону ҷавонон гузаштаи пуршебу фарози миллатро хотировар шавем ва аз корномаҳои дурахшони фарзандони халқи худ ҳар чи бештар насли имрӯзаро огаҳ намоем.

Ман ҳар гоҳ дар фурсати муносиб, фориғ аз кори давлатдорӣ, ба омӯзиши сарнавишти миллат, зиндагӣ ва осори шахсиятҳои бузурги халқи азизам машғул шуда, китобҳои зиёдеро мутолиа менамоям ва аз сарчашмаҳои гуногун дар бораи таърихи миллатамон маълумот мегирам. Сабақҳои ибратомӯзи таърих, гузаштаи пурифтихор, шахсиятҳои тавонову фарзандони бузурги халқ роҳи гузаштаро пешорӯямон қарор дода, чун ҳаками одил гиреҳи бурду бохти силсилаи давлату давлатдориҳои тоҷиконро бароямон мекушоянд.

Омӯхтани рӯйдодҳои таърихиву фарҳангӣ, зиндагиномаи шахсиятҳои сарсупурдаи миллат ва чеҳраҳои баргузидаи адабӣ имкон медиҳад, ки решаҳои худро аз гузашта дарёфт намоем, бо онҳо пайванд доштани хешро эҳсос карда, ба хотири номуси ватандорӣ ном ва корномаҳои онҳоро аз нав зинда гардонем ва ба фарзандони халқи далерамон бо ифтихор дар бораашон ҳарф занем. Маҳз ба ҳамин хотир ҷашнҳои бузурги умумимиллӣ, бахусус 1100-солагии давлати маънавибунёди Сомониён, Соли тамаддуни ориёӣ, 2500-солагии шаҳри Истаравшан, 2700-солагии Кӯлоб, бузургдошти шахсиятҳои сарсупурдаи илмиву адабӣ ва сиёсиву таърихӣ Имоми Аъзам, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Камоли Хуҷандӣ ва дигаронро баргузор намуда, аз таъриху фарҳанги миллат ганҷҳо ва ҳикматҳое берун овардем, ки бо моҳият ва арзишҳои ҷаҳониашон худшиносии тоҷиконро таҳким бахшиданд.

Шинохти таърих ва ҳикмату фарҳанги оламгири ниёгон ба хотири муаррифии мақоми ҷаҳонии миллати мо мебошад. Он дар худогоҳӣ ва ҷустуҷӯҳои таърихиву миллии тоҷикон марҳалаи комилан тозаро ба вуҷуд овардааст.

Рӯ овардани ман ба таърих ва симоҳои барҷастаи халқамон боз ба он хотир мебошад, ки мо бояд баояндагон зарурати донистани гузаштаи

худро талқин намоем ва онҳоро аз саҳифаҳои дурахшони миллатамон, ки сабақи бузурги худогоҳӣ мебошанд, огоҳ созем ва дар қалбашон меҳру муҳаббат, садоқату вафодориро бедор намуда, ба онҳо аз ин таърихи пуршараф ифтихор карданро ёд диҳем. Зеро эътиқод ва эътимод доштан ба таърих, фарҳанг ва адабиёт такягоҳи устувори миллат ба шумор меравад.

Мо дар ҷаҳони имрӯз фарҳанги беназир дорем ва ворисн тамаддуни беш аз шашҳазорсола ҳастем. Баробари ин шахсиятҳои бузурги фарҳангию таърихие дорем, ки ҳар кадоми онҳо мавриди эҳтироми хосу ом мебошанд. Вале замони муосир моро водор месозад, ки баробари ифтихор доштан аз гузаштагони хеш дар арсаи зиндагии имрӯза қаҳрамонҳои корзори замонро ба воя расонем, Ватанамонро боз ҳам обод гардонем, чароғи маърифатро партавафшон созем ва бо наврасону ҷавонони соҳибзавқи хеш ба дастовардҳои тоза ноил гардем, то онҳо шукуфоии миллатро таъмин намуда, кишвари моро ба як сарзамини аз ҳар ҷиҳат пешрафта табдил диҳанд.

Қобили зикр аст, ки дар замони истиқлолият илму маориф ва фарҳанг ба як рукни муҳими иҷтимоӣ табдил ёфта, ҳамчун ҷавҳари ҳастии миллат эътироф гардидаанд. Зеро ин падидаҳои бузурги башарӣ дар ташаккули маънавии ҷомеа хизмат намуда, дар тарбияи насли наврас, шинохти рисолати таърихӣ, густариши эҳсоси ватандорӣ ва худшиносиву худогоҳии миллӣ таъсири амиқ мегузоранд. Ифтихор аз таърих, фарҳанг, забон ва анъанаҳои наҷибу ҷовидонаи миллат як рукни бисёр муҳими истиқлолияти давлатӣ мебошад. Мо борҳо таъкид кардаем ва бори дигар хотиррасон менамоем, ки истиқлолияти фарҳангӣ барои мо баробари истиқлолияти сиёсӣ азиз аст.

Бо эътимод метавон изҳор намуд, ки 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷашни муборакн миллӣ ба густариши бештари худогоҳиву худшиносӣ, ваҳдати миллӣ, ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ифтихори ватандории ҳар як фарди бонангу номуси кишварамон нерӯи тоза мебахшад.

*Бо эҳтиром,*

**Эмомалӣ РАҲМОН,**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## *Куруши КАБИР*

# БУНЁДГУЗОРИ ДАВЛАТДОРИИ МУТАМАДДИН



Дар таърихи ҳар миллат дер ё зуд шахсиятҳои барҷастае пайдо мешаванд, ки тақдири онро ба куллӣ тағйир дода, маданияти моддиву маънавиии онро ба сатҳи тозаву баланди тараққиёт мерасонанд ва фарҳангу тамаддунашро ба арсаи ҷаҳонӣ мебардоранд. Барои порсҳо (ва шояд ҳам на танҳо барои онҳо, балки барои тамоми халқҳои эронитабор) чунин шахсият Куруши Кабир буд.

Куруши Кабир ба нахустин империяи мутамаддини ориёӣ бунёд гузошт, ки то замони лашкаркашию кишваркушоиҳои Искандари Мақдунӣ дар таърихи тамаддуни башарӣ назире надошт. Империяи таъсисдодаи ӯ мутобиқи маълумоти катибаҳои Дорои Бузург ва муаррихони Юнони қадим чандин давлатҳои ҷаҳони куҳан - Порсу Мод, Бобулу Ошур, Мисру Финиқия, Лидияву Урарту, Парфияву Гиркания, Бохтару Суғд ва ғайраро дар қаламрави 22 вилоят муттаҳид намуда, дар ҳудуди се қитъаи олам - Осиё, Аврупо ва Африқо доман густурда буд. Куруш дар таърихи тамаддуни башарӣ бо сиёсати оқилонаи кишваркушоӣ, таъсиси империяи тавоною мутамаркази ориёӣ, усули нави идоракунӣ ва шакли мукаммали давлатдорӣ, ислоҳоти умури сипоҳу низоми лашкар, густариши тиҷорату тадбирҳои роҳсозӣ, алалхусус, пойдории адолату пуштибонии ҳуқуқи манзалати ҷумлаи халқиятҳои сокини қаламраваш шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардааст. Эъломияи таърихии Куруш бошад, аз ҷониби олимону муаррихон ҳамчун нахустин эъломияи ҳуқуқи башар эътироф шудааст, ки низоми одилона, инсонпарварона ва дунявии давлатдориро пуштибонӣ мекард.

Куруши Кабир дар миёни шоҳаншоҳони аҳди қадим яке аз оқилтарин, боинсофтарин, камозортарин ва дурандештарин шоҳаншоҳ буд, ки бо тамаддунофарию давлатсозӣ, инсонпарварию адолатпешагӣ ва рафтору ахлоқи ҳамидааш нуфузи оламгир ёфтааст. Ниёгони мо дар он даврахои

дур тахти парчами Куруши Кабир на танҳо як давлати муқтадиру мутамаркази муштарак, балки тақдири муштарак, таъриху фарҳанги муштарак, забону хати муштарак ва расму ойини муштаракро бунёд гузоштанд, ки аз сарчашмаи тамаддуни ориёӣ об мехӯрд.

Тақдири давлатдории Куруш ба тақдири давлати имрӯзаи тоҷикон хеле шабоҳат дорад, ки рӯҳияи ваҳдату муттаҳидсозии миллат, пуштибонии сулҳу адолат, густариши тиҷорату иқтисодиёт ва бунёдкорию ободонӣ, ислоҳоти низоми лашкар ва такмили идоракунии мамлакат аз ҷумлаи ин монандию ҳамоҳангиҳост.

❁ ❁ ❁

Куруши Кабир аз мартабаи шоҳи як вилоят ба дараҷаи шоҳаншоҳи як империяи бузурги ҷаҳонӣ расид. Аммо барои ба ин мартаба расидан ӯ саъю кӯшиш ва ҷидду ҷаҳди зиёде кард ва монеаҳои бисёреро аз сари роҳи худ бартараф намуд. Куруш аз рӯзҳои аввали ба сари ҳокимият омаданаш ба мустаҳкам кардани ҳокимияти марказӣ ва пурқувват кардани артиши худ шурӯъ кард. Вақте ки ӯ мустаҳкам будани ҳокимият ва пурқувват шудани лашкари худро эҳсос кард, соли 553-и то мелод бар зидди шоҳи Мод Ихтивируа (Астиаг) исён бардошта, бинобар бекифоягӣ ва заъфи қудрати ӯ қиём намуд ва аз итоати ӯ амалан баромад. Астиаг барои танбеҳ додани ин сарвари тобеъаш ду маротиба ба Порс лашкар фиристод, аммо ҳар ду дафъа ҳам ба нокомӣ дучор шуд. Баъди ин Куруш ботантана ба пойтахти Мод - шаҳри Ҳангматана дохил шуд ва ӯро расман подшоҳи Порс ва Мод эълон карданд. Манбаъҳои таърихӣ дар бораи чӣ тавр сарзамини Модро ишгол кардани Куруш ба ҷуз се муҳорибае, ки байни онҳо сурат гирифтааст, иттилои дигаре надодаанд.

Ба ҳар ҳол, якбора подшоҳи ин ду кишвар эълон шудани Куруш ҳам нуфузу эътибори ӯро баланд бардошт ва ҳам мавқеи сиёсии ӯро мустаҳкам намуд. Дар он замон Порс барои давлати Мод аҳамияти хос дошта бошад ҳам, дар минтақа чун як вилояти мутеъ шинохта мешуд. Аммо Мод калонтарин ва пурқувваттарин давлати минтақа буд ва эътибори ҷаҳонӣ дошт. Агар ривояти Ҳеродот воқеӣ бошад, Куруш набераи Астиаг буд. Аз ин рӯ, дар симои ӯ на ғосиби ҳокимият, балки ворисиқонунии подшоҳони Модро медиданд. Акнун бояд тамоми кишварҳои тобеи давлати Мод бечуну чаро ба Куруш итоат мекарданд. Дар амал ҳамин тавр ҳам шуд.

Воқеияти таърихӣ тасдиқ менамояд, ки Куруши Кабир баъди бар зидди шоҳи Мод - Астиаг қиём намудан ва ӯро маглуб сохтан ба устувор

намудани иқтидори давлати Форс кӯшида, тақрибан солҳои 547-546-и то мелод пай дар пай аввал Парфия, Гиркания, Лидия ва давлатҳои юнонии Осиёи Хурдро забт мекунад. Сипас барои беҳтар намудани марзҳои шимолу шарқии қаламрави Форс, тақрибан солҳои 545-540-и то мелод, яъне дар давоми бештар аз панҷ сол ба ҳудудҳои Маргиён, Хоразм, Суғд ва Бохтар, инчунин сарзамини скифҳо (сакоиҳои резишгоҳи рӯди Ому ва канораҳои Сир) лашкар мекашад. Агар ба шарҳи ин масоил таваҷҷуҳ кунем, мушоҳида хоҳем кард, ки нақшаҳои ҳарбии Куруш бо гирифтани сарзамини модҳо хотима наёфтааст. Баъди Мод Куруш давлати Иломиҳоро, ки дар ҷанг бо Ошур заиф шуда буд, ба тасарруфи худ даровarda, пойтахти худро аз Аншон (Эншон) ба Шум интиқол дод.

Тафсилоти ба даст овардани сарзамини Лидияро муҳаққиқон тасвир намуда, аз ҷумла қайд кардаанд, ки яке аз рақибони ҷиддии Куруш дар ғарб Лидия буд. Дар Лидия юнониёни муҳоҷир ва аҳолии маҳаллӣ - хетиҳо ва лувайҳиҳо аҳлона зиндагӣ мекарданд. Он баъди Мод, Бобул ва Миср чорумин давлати пуриқтидори минтақа буд. Лидия роҳҳои тиҷоратиеро, ки аз Байнаннаҳрайн ва Эрони Ғарбӣ ба воситаи Осиёи Хурд ба баҳри Эгей ва Юнону Аврупо мебурданд, зери назорати худ дошт. Барои ба баҳри Эгей баромадан ва боигарии Осиёи Хурдро ба даст даровардан ҳанӯз шоҳи Мод Фравартиш қисмати шарқии Осиёи Хурдро ишғол карда, панҷ сол бо Лидия ҷангид, аммо онро ишғол карда натавонист.

Дар бораи давлати Ҳахоманишиён бо Лидия Ҳеродот[1] муфассал ахбор додааст. Ташаббускори ин ҷанг шоҳи Лидия Крез буд. Баъди Модро ишғол кардани форсҳо ӯ хатарро эҳсос карда, ба ҷанг тайёрӣ дид ва бо Миср иттифоқ баст. Соли 547-и то мелод Крез бо лашкараш ба Каппадокия, ки баъди модҳо ба форсҳо итоат мекард, зада даромад ва дар назди шаҳри Синопа лашкаргоҳи худро сохт. Куруш низ бо лашкари худ ба ин ҷо омад. Куруш ҳанӯз дар ҳамин ҷанги нахустини хориҷиаш сиёсатмадори дурандешу нуктасанҷ ва одил будани худро нишон дод. Ӯ қосид фиристода, ба Крез пешниҳод кард, ки агар бе ҷанг таслим шавад, ӯро шоҳи Лидия таъин мекунад. Ӯ ба ҳамаи шаҳр - давлатҳои юнонии Осиёи Хурд низ ваъда дод, ки агар таслим шаванд, озодиҳо ва имтиёзҳои онҳоро нигоҳ медорад. Аммо ҳам Крез, ки ба қувваи худ боварии калон дошт ва ҳам шаҳрҳо пешниҳоди ӯро рад карданд. Танҳо шаҳри Милет дурандешӣ зоҳир карда, ин даъватро қабул кард. Баъди ин дар назди дарёи Галис задухӯрди хунин ба амал омад, аммо ғалаба насиби ҳеҷ

1. Геродот. История. Кн.1. –М., 1972. –С.69-71.

кадом аз тарафҳо нашуд. Крез ба пойтахти худ шаҳри Сард баргашт, то ки барои муҳорибаи оянда хубтар тайёрӣ бинад. Ӯ аз иттифоқчиаш Спарта хоҳиш кард, ки дар баҳор, яъне тақрибан баъди панҷ моҳ барои ёрӣ лашкар фиристад. Ба шоҳи Бобул Набонид барои бастани иттифоқи ҳарбӣ муроҷиат кард ва ҷанговарони зархариди юнониро, ки дар лашкараш буданд, то баҳор ба хонаҳояшон ҷавоб дод.

Дар ин миён Куруш, ғайричашдошти Крез, фурсати баамаломадаро ғанимат шуморида, лашкари худро аз нав мураттаб намуд ва масофаи тӯлониро босуръат тай карда, ба шаҳри Сард расид. Крез маҷбур шуд лашкари худро барои муҳориба ба дашти назди шаҳр барорад. Дар задухӯрди баамаломада лидиягиҳо шикаст хӯрда, ба шаҳр қафо нишастанд. Баъди 14 рӯзи муҳосира лашкари форсҳо шаҳри Сардро ишғол кард. Ин ҳодиса дар байни моҳҳои октябр - декабри соли 547-и то мелод рух дод. Иттифоқчиёни Лидия фурсат наёфтанд, ки ба ёрӣ биёянд. Куруш олиҳимматӣ зоҳир карда, Крези ба асирӣ афтодаро афв кард. Ӯ Табала ном форсро ҳокими Лидия таъин карда, дар шаҳри Сард дастаи ҷанговарони форсро ҷойгир намуд ва худаш ба Ҳангматана баргашт.

Баъди рафтани ӯ лидиягиҳо шӯриш бардоштанд, аммо лашкари форсҳо бо сардории Мазар омада, шӯришро пахш карда, шаҳрҳои дигари Осиёи Хурдро низ ишғол намуд. Баъди Мазар Гарпаги мод ҳокими Лидия таъин шуд ва шаҳрҳои боқимондаи юнониёни Осиёи Хурдро тасарруф намуд. Ин ҳамон Гарпаге буд, ки дар ишгол кардани Мод ба Куруш ёрӣ дода буд. Тавре ки мебинем, Куруш ба шахсони содиқ ва лаёқатманд мансабҳои баланди давлатиро медод ва дар аксар мавриди онҳо вазифаҳои ба дӯшашон гузоштаро ӯҳдабароёна ва бо масъулияти том иҷро мекарданд.

Дар бораи Эрони Шарқӣ ва Осиёи Марказиро ишғол кардани Куруш муаррихони Юнони қадим ва сарчашмаҳои дигар маълумоти хеле ночиз ва пароканда додаанд. Тамоми олимоне, ки дар бораи Ҳахоманишиҳо асар навиштаанд, ин маълумотро истифода бурдаанд. Ҳеродот навиштааст, ки баъди Лидияро ишғол кардани Куруш дар сари роҳи ӯ «бобулиҳо, бохтариҳо, сакоиҳо ва мисриҳо меистоданд».[1] Ба қавли Ктесий, дар ҷанг бо бохтариҳо Куруш гоҳе муваффақ мешуд ва гоҳе ноком. Бохтариҳо танҳо баъди фаҳмидани он, ки Куруш писари шоҳи Мод Астиаг будааст, аз муқобилат даст кашида, ба ӯ тобеъ шуданд. Аз ин ахбор бармеояд, ки Куруш тавонист бо роҳи гуфтушунид бохтариҳоро ба бас кардани ҷанг моил созад. Ктесий ҳамчунин дар бораи сарзамини сакоиҳои хаумавар-

1. Геродот. История. Кн.1. –М., 1972. –С. 153.



гаро ишғол кардани Куруш хабар додааст. Ба фикри бархе аз олимон, инҳо сакоиҳое буданд, ки дар он тарафи Сирдарё зиндагӣ мекарданд.[1]

Муаррихи юнонӣ Плиний навиштааст, ки «Куруш шаҳри Каписаро вайрон кард» ва ин шаҳр дар шимоли Кобул ҷойгир буд. Арриан бошад, аз ҳуҷуми Куруш «ба сарзамини ҳиндуҳо» ёдовар шудааст.

Сабаби чунин ахбори кӯтоҳ додани муаррихони зикршудаи юнонӣ дар бораи ҷангҳои Куруш дар Эрони Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ аниқ маълум нест. Шояд танҳо дар бораи ин кишварҳои дурдасти шарқӣ маълумоти кофӣ надоштанд. Дар робита ба ин масъала як ахбори Ҳеродот[2] ҷолиби диққат аст. Ӯ таъкид кардааст, ки танҳо дар бораи ҷангҳои ба форсҳо душвориҳои зиёд оварда нақл мекунад. Дар асоси ин ахбор мо метавонем хулоса барорем, ки аксарияти кишварҳои Эрони Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ бе ҷанг ба ҳайати давлати Ҳахоманишиён дохил шуданд. Эҳтимол баъди он ки нерӯмандтарин давлати ин минтақа Бохтар ихтиёран ба итоати Куруш даромад, Суғд, Хоразм ва дигар кишварҳо низ ба он пайравӣ карданд.

Дар бораи лашкаркашиҳои Куруш ба марзҳои Осиёи Марказӣ сухан ронда, як ахбори хеле ҷолиби Ктесийро ёдовар шудан ба маврид аст. Ктесий меорад, ки ҷанговарони бохтарӣ ба муқобили Куруш азми қавии ҷангидан ва ҳифз намудани сарзамини худро доштанд. Вале Куруш ба пешвои ҷанговарони бохтарӣ худро ҳамчун ҷонишин ва валиаҳди шоҳи Мод-Астиаг шинос намуда, онҳоро водор намуд, ки мартабаи подшоҳии

1. Гафуров Б. Таджики. Древнейшая, древная и средневековая история. -М., 1972. - С.73.
2. Геродот. История. Кн.1. –М., 1972. –С. 177-178.

ӯро бишиносанд ва аз сари ҷангу хунрезиҳо бигзаранд. Дар натиҷа бохтариён ба суханони ӯ эътимод баста, ярокҳояшонро фурӯ гузоштанд ва ихтиёран бо Куруш созиш бастанд.

Воқеан, мувофиқи ахбори Ҳеродот баъди марги подшоҳи Мод Киаксар тоҷу тахт ба писари ӯ Астиаг мемонад. Астиаг қариб 35 сол подшоҳӣ намуда, аз дасти набераи худаш Куруши Кабир, ки фарзанди Мандана ном ном духтари Астиаг ва Камбуҷия ном ҳокими Парсумаш (номи собиқаи вилояти Форс) буд, аз тахти шоҳӣ бенасиб мегардад. Куруши Кабир соли 550-и то милод худро ба ҷои бобояш Астиаг расман подшоҳи Мод эълон мекунад.

Ин амали Куруши Кабир аз ҷониби подшоҳони Миср, Бобул, Ошур ва Юнон чун силсилаи навбатии ба тахт нишастани яке аз намояндагони силсилаи подшоҳони Мод пазируфта мешавад. Чуноне ки аз навиштаҷоти «Солномаи Набонид - Куруш» бармеояд, сипас ӯ хазинаи пурсарвати подшоҳони Модро аз пойтахти он Экбатан (Ҳамадон) ба вилояти Форс интиқол дода, ҳокимони миёнаҳоли кишварҳои хурди Парсумашу Аншанро аз фаромӯшхонаи рӯзгор ба арсаи таърихи башарият ҳидоят месозад.[1]

Азбаски дар он рӯзгор муносибати давлати Мод бо Бохтар хеле хуб буд (дар ин бора Ктесий низ хабар додааст), аҷаб нест, ки дар ибтидои кор бохтариён бо Куруши Кабир наҷангида, ӯро ҳамчун ворисй шоҳи Мод шинохта бошанд. Новобаста ба он, ки ҷараён ва ҷузъиёти Эрони Шарқӣ ва Осиёи Марказиро гирифтани Куруш маълум нест, як чиз мусаллам аст - тамоми ин минтақа ҳанӯз дар даврai ӯ ба ҳайати империяи Ҳахоманишиён дохил карда шуда буд. Дар ин бора катибаи порсии Доро (Дориюш) дар кӯҳи Беҳсутун равшану возеҳ шаҳодат медиҳад. Дар он дар байни кишварҳои тобеи форсҳо - Марғинон (Марв), Арея (Ҳирот), Бохтар, Хоразм, Суғд ва баъзеи дигар номбар шудаанд.

Масъалаи дигари баҳснок кадом сол ба Осиёи Марказӣ ҳуҷум кардани Куруш мебошад. Муаррихони қадим соли дақиқи рух додани ин ҳодисаро нишон надодаанд. Онҳо дар ин бора маълумоти гуногун ва бо ҳам муқобил дода, се вақтро номбар кардаанд: 1) баъди Модро ишғол кардани Бобул, яъне байни солҳои 539-530-и то мелод. Муҳаққиқони муосир низ ба се гурӯҳ тақсим шуда, яке аз ин санаҳоро дастгирӣ мекунанд. Масалан, яке аз олимони маъруфи ин соҳа М.А.Дандамаев ҷонибдори санаи дуюм буда, ин ҳодисаро байни солҳои 545 - 539-и мелод медонад.

1. Дар ин бора ба таври муфассал дар асарҳои зерин сухан рафтааст: Дандамаев М.И. Иран при первых Ахменидах. -М., 1963. -С.102-110; Дьяконов И.М. История Мидии. -М.-Л., 1956. -С.18-19.

Мутаассифона, ягон далели қотеъе вуҷуд надорад, то ба мо имконият диҳад, ки ба яке аз санаҳои зикршуда бартарӣ диҳем. Бо вуҷуди ин, ба назар чунин мерасад, ки ин ҳодиса бояд то ҳуҷуми Куруш ба Бобул (соли 539-и то мелод) рух дода бошад.

Ба ақидаи олимони муосир, дар байни муаррихони Юнони қадим ахбори Ҳеродот аз ҳама боэътимодтар мебошад. Аз рӯи маълумоти ӯ, ин ҳодиса баъди Лидияро ишғол кардани Куруш рух додааст. Ба қавли Ҳеродот[1] вақте ки Гарпаг шаҳрҳои Осиёи Хурдро забт мекард, Куруш тамоми кишварҳои Осиёро пайи ҳам ишғол намуда, танҳо баъди ин ба Бобул ҳуҷум кард. Шояд як сабаби ихтилофи назари муаррихони Юнони қадим дар ин масъала аз он иборат бошад, ки баъзе кишварҳои Эрони Шарқӣ ба мисли Гиркания ва Порт то забти Мод ва бевосита баъди ин ҳодиса ихтиёран ба Куруш тобеъ шуданд. Агар баъзе мамлакатҳои дигари Осиёи Марказӣ ба онҳо пайравӣ карда бошанд, аҷабе нест. Яъне ин ҳодиса ҳанӯз пеш аз забти Лидия сар шуда, эҳтимол якчанд марҳаларо дар бар мегирифт. Аз гуфтаҳои Ҳеродот ва дигар муаррихони қадим як чиз то андозае аён мегардад: дар ин минтақа ҷангҳои калон рух надода буданд ва аз ҷониби дигар, ин муаррихон дар бораи ҳодисаҳои дар ин минтақаи дурдасти шарқӣ бавуқӯъпайваста маълумоти дақиқ надоштанд.

Баъди ишғол кардани Эрони Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ дар сари роҳи Куруш барои ҳукмрони ҷаҳони мутамаддини давр шудан Бобул меистод. Он тараққикардатарин мамлакати минтақа, маркази маданият ва тиҷорат буд. Ишғол кардани ин давлат барои Порсҳо ҳам аҳамияти сиёсӣ - ҳарбӣ ва ҳам иқтисодӣ - фарҳангӣ дошт. Дар арафаи ҳуҷуми Куруш вазъияти дохилии Бобул ба манфиати шоҳи он Набонид набуд. Тоҷирон, ки дар Бобул нуфузи калон доштанд, барои ба дасти Порсҳо афтидани роҳҳои савдои Осиёи Хурд, рӯҳониёни мазҳаби бонуфузи худои Мардук барои таъқиб шуданашон, яҳудиёни асир ва тобеъ барои маҷбурӣ ба ин ҷо муҳоҷир гардиданашон аз Набонид норозӣ буданд. Куруш аз вазъияти дохилии Бобул огоҳ буд ва кӯшиш мекард аз он барои тасарруфи ин кишвар ҳаддалимкон истифода бурда, иқдомҳои муайяни сиёсӣ - дипломатиро ба кор барад. Аммо вазъияти баамаломада маънои онро надошт, ки тақдири Бобул аллакай пеш аз ҳуҷуми Куруш ҳал шуда бошад. Набояд фаромӯш кард, ки дар ҳама гуна мунокиша нақши ҳалкунандаро иқтидори ҳарбии тарафҳои муқобил мебозад. Куруш ин ҳақиқатро хуб медонист.

1. Дар ин бора ба таври муфассал дар асарҳои зерин сухан рафтааст: Дандамаев М.И. Иран при первых Ахменидах. -М., 1963. -С.102-110; Дьяконов И.М. История Мидии. -М.-Л., 1956. -С.18-19.



Аз ҳамин сабаб ӯ барои ба Бобул ҳуҷум кардан хуб тайёрӣ дид. Лидия, Эрони Шарқӣ ва Осиёи Марказиро ишғол карда, ақибгоҳи худро мустаҳкам намуд ва нерӯи ин кишварҳоро барои пурқувват кардани лашкари худ истифода бурд.

Баҳори соли 539-и то мелод лашкари Куруш ба хоки марзи Бобул дохил шуд. Ӯ ҳангоми лашкаркашию кишваркушоиҳо ба сӯи Бобули овозадору мағлубнопазир аз деворҳои устувор ва истеҳкоми ҳарбии муъҷизаосои ин шаҳр басо андеша дошт. Мувофиқи маълумоти Ҳеродот, шаҳри мураббаъасосро девору бурҷҳои мудофиавии бузурге иҳота мекард, ки давродаври он чаҳорсаду ҳаштод стадий (тақрибан 80 км) меомад. Деворҳои муҳташами Бобул панҷоҳ оринҷ[1] паҳноӣ ва дусад оринҷ баландӣ доштанд. Ва аз болои ин деворҳои паҳни бо манораҳои дидбонӣ иҳоташуда ду аробаи чораспа бемалол рафтуо мекард. Дар давродаври шаҳр сад дарвозаи ғафси мисин устувор буд, ки онҳоро бо зарби даҳҳо манҷаник раҳна задан имкон надошт.[2]

Вале ин деворҳои устувору дарвозаҳои бузурги рахнанопазир дар назди азму иродаи кишваркушоиҳои Куруши Кабир ва макри сарлашкари ӯ Гобрия дер напоид. Дар ҳоле, ки Валтасар - писари шоҳи Бобул Набонид аз устувории деворҳои шаҳр хотирҷамъона машғули айшу ишрат ва майнӯшӣ буд, дарвозаҳои Бобулро ҷосусони зархарид (ба қавле коҳинони ибодатхонаи Эсағил) ба рӯи лашкари Куруш кушодаанд. Дар тӯли чанд соат саросари шаҳр ва қасри бошукӯҳи шоҳаншоҳ забт гардид ва ҳомии шаҳр Валтасари сархушро басо осон ғофилгир намуданд.

1. *Оринҷ* - ченаки дарозӣ, ки тақрибан ба 0,4 метр баробар аст.
2. Масперо. Древняя история народов Востока. -М., 1911. -С.681.

Муҳорибаи ҳалкунанда моҳи августи ҳамон сол дар назди шаҳри Описа дар соҳили Даҷла ба амал омад. Ба лашкари Бобул писари шоҳ Набонид Белшарусур сарварӣ мекард. Дар муҳорибаи бaамаломада форсҳо лашкари бобулиҳоро шикаст дода, пурра ғалаба карданд. 10-уми октябри ҳамон сол Гобрия бе ҷанг шаҳри Сиппар ва баъди ду рӯз Бобулро ишғол кард. 29-уми октябр Куруши Кабир ботантана вориди Бобул шуд. Набонид асир афтод, аммо Куруш ӯро ҷазо надода, афв кард. Вале писари ӯ Белшарусур ба қатл расонида шуд. Тавре ки мебинем, Куруш дар ҳолатҳои зарурӣ нисбат ба душманони оштинопазир қатъият ва устуворӣ зоҳир мекард.

Баъди Бобулро гирифтан Куруш як қатор амалҳои сиёсӣ - дипломатиро иҷро кард, ки барои мустаҳкам кардани ҳокимияти Порсҳо дар Бобул равона шуда буданд. Ӯ маъбади асосии Бобул Эсагиларо барқарор намуда, ба худои Мардук қурбонӣ кард ва ҳуқуқу имтиёзҳои рӯҳониёни ин худоро аз нав ба онҳо баргардонд. Ӯ эъломия интишор карда, ба ҳамаи халқҳо ҳуқуқ ва озодӣ дод, яҳудиёнро иҷозат дод ба ватани худ ва ё ба ҳар куҷое, ки хоҳанд, рафта зиндагӣ кунанд. Подшоҳии Бобул ва сохти маъмурӣ - идоравии онро тағйир надод. Ин ва дигар чорабиниҳои Куруш аз ҷониби сокинони Бобул хуш пазируфта шуда, мавқеи ӯро дар минтақа мустаҳкам намуданд.[1]

Баъди Бобулро гирифтани Куруш Финикия ва Фаластин ихтиёрӣ ба итоати ӯ даромаданд. Акнун дар дасти Куруш Бобул ва тамоми Шарқи Баҳримиёназамин буд. Навбат ба ягона давлати тавонои минтақа - Миср буд, ки форсҳо онро забт накарда буданд. Ҳамаи муҳаққиқон комилан дуруст таъкид кардаанд, ки Куруш, бешубҳа, ният дошт ба Миср ҳамла намояд. Аммо бар хилофи чашмдошти ҳамзамонони Куруш ва олимони муосир ӯ ин корро ба таъхир гузошт.

Нотинҷиҳои сарҳади қисми шимолу шарқии давлати Форс ва пай дар пай тохтутоз намудани қабилаи массағетҳо, ки аз итоати Куруш берун буданд, ӯро водор мекард, ки қасди лашкаркашиашро мавқуф гузорад. Аз ин рӯ, Куруши Кабир ба Миср, ки рақиби ягонааш буд, ҳуҷум накард ва ба ҷои худ писараш Камбуҷияро ба тахти шоҳии Бобул нишонда, тобистони соли 530-и то милод дубора роҳи сарзамини Осиёи Марказиро пеш гирифт. Ӯ бо фавҷи сипоҳиёни бешумор, ки аз ҳар қавму миллат гирд омада буданд, ҳадафи пойдор намудани сарҳад ва шикастани ӯрдуи

---

1. Ниг. Геродот. История. Кн. I. -С.178 - 201; Дандамаев М.А.Политическая история Ахеменидской державы. -М., 1985. -С. 32-52.

массагетҳоро дошт. Ба назар чунин мерасад, ки агар массагетҳо ба бехатарии қисмати шимолу шарқии империя ҷиддӣ таҳдид намекарданд, Куруш чунин роҳи дурударозро тай карда, бар зидди онҳо ба ҷанг намерафт. Дар ҳар сурат ӯ ин корро кард ва дар бораи ин ҳуҷум Ҳеродот ва дигар муаррихони Юнони қадим маълумот додаанд.

Ривояти Ҳеродотро дар бораи ин ҷанг бисёр муҳаққиқони муосир дар мақолаву китобҳои худ овардаанд ва гумон мекунам ҳоҷат ба такрори он нест. Таърихшиносони муосир дуруст қайд кардаанд, ки дар нақли Ҳеродот воқеият бо ҷомаи хаёлот ва бадеият оро дода шудааст.

Дар бораи мансубияти этникии массагетҳо ва ватани буду бошашон миёни олимон чандин ақидаҳо мавҷуданд. Аз қавли Ҳеродот чунин ба назар мерасад, ки массагетҳо дар сарзаминҳои байни баҳрҳои Каспий ва Арал ва дар атрофи он зиндагӣ мекарданд. Пеш аз омадани Куруш онҳо ба қаламрави империяи ӯ, ба минтақаҳои муқиминишини Порт, Гиркания ва ноҳияҳои ҳамҷавор ҳуҷум карда, шаҳру деҳаҳои онро талаву тороҷ намуданд. Эҳтимол, ба ҳамин сабаб Куруш маҷбур шуд ба ин минтақа лашкар кашад. Массагетҳо аз ин бохабар шуда, қафо нишастанд ва ба даштҳои паҳновари худ рафтанд. Ин усули дӯстдоштаи ҷангии саҳронишинон буд. Онҳо ба ин восита душманро дар саҳроҳои беоб сарсону саргардон ва хаста намуда, ногаҳон ба ҳуҷум мегузаштанд.

Вақте ки Куруш ба сарҳади сарзамини массагетҳо расид, байни намояндагони тарафайн музокира баргузор шуд. Ба қавли Ҳеродот,[1] маликаи массагетҳо зане буд Томирис ном, ки баъди марги шавҳараш ба ҷои ӯ сарварӣ мекард. Томирис ба Куруш мегӯяд, ки ба кишвари мо тамаъ накун ва ба ватани худат баргашта рав. Вақте ки Куруш ба назди малика хостгоронро мефиристад, Томирис ӯро айбдор мекунад, ки ӯ бо ин роҳ мехоҳад соҳиби мамлакати массагетҳо шавад. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки эҳтимол Куруш аз массагетҳо талаб кард, ки пурра ба ӯ тобеъ шаванд, аммо ҷавоби рад гирифт. Тавре ки мебинем, Куруш ҳамеша пеш аз сар кардани ҷанг кӯшиш мекард бо воситаҳои дипломатӣ, яъне музокира мунокишаро бартараф созад. Баъди натиҷаи дилхоҳ надодани гуфтушунид Куруш бо дарбориёнаш машварат ороста, ба қароре меоянд, ки ба сарзамини массагетҳо дохил шуда, бо онҳо задухӯрд намоянд.

Куруш бо фавҷи сарбозони сершумор ҷониби рӯди Аракс омада, бар зидди массагетҳо ҷанги ошкороро сар мекунад; барои убур намудани сарбозон ӯ аз болои дарё кӯпрукҳо месозад, дар рӯи киштиҳо барои

1. Геродот. История. Кн. I. -С. 205-206.



убур намудани ҷанговарон бурҷ мегузорад. Вақте ки Куруш машғули ин корҳо буд, Томирис сӯяш қосиде фиристод бо пайғоми зерин: «Даст бикаш, шоҳи Мидиҳо, аз коре ки ба он саргардонӣ; охир ту намедонӣ, ки кори пешгирифтаат бо некӣ анҷом хоҳад ёфт ё на. Боз ист ва дар сари умматони хеш подшоҳӣ бикун, ба подшоҳии мо низ халал марасон, то машғули кори хеш бошем».

Вале Куруш суханони Томирисро гӯш накард ва бо лашкараш аз дарёи Аракс (Амударё) гузашта, массагетҳоро дунболгирӣ кард. Дар муҳорибаи якум бо дастаҳои пешгарди массагетҳо форсҳо ғалаба карданд. Дар ин задухӯрд писари маликаи массагетҳо ҳалок гардид. Томирис ҳамаи нерӯҳои ҷангиашро гирд оварда, ба Куруш ҳамла намуд. Ба ман чунин менамояд, ки ин муҳориба аз тамоми ҷангҳое, ки барбариҳо (массагетҳо) то ин дам ба сар бурда буданд, шадидтаринаш будааст. Аз рӯи шунидам, ҷанг ин тариқа рух додааст: аввал ҳар ду қӯшун аз масофаи дуртар истода ба якдигар аз камон тир андохтаанд, сипас, вақте ки тири камон тамом шудааст, ба ҷанги тан ба тан гузашта, найзаву шамшерзанӣ кардаанд. Қӯшунҳо муддати дуру дароз бо ҳам муқобил истода, ҳеҷ яке аз тарафҳо рӯ ба гурез нанихҳодааст. Ниҳоят, массагетҳо ғалаба ба даст овардаанд. Бештарин қисмати қӯшуни Форс дар майдони ҷанг нобуд гардида, худи

Куруш ҳам кушта шудааст. Ӯ бисту ҳашт сол подшоҳӣ карда буд. Томирис машкеро пур аз хуни одамӣ кард ва амр дод, ки аз байни мақтулон ҷасади Курушро пайдо намоянд. Баъди ёфтан ӯ сари Курушро ба машки пурхуне ғӯтонида, бо таҳқир гуфт: «Ҳарчанд мебинам, ки дар муҳориба бар ту голиб омадам, вале ту бар дӯшам бори гарони андӯҳро гузоштӣ, бо макр писарамро аз ман рабудӣ ва акнун туро аз хун сер хоҳам кард, чуноне ки бароят таҳдид намуда будам».[1]

Ин ривоят то чӣ андоза ба ҳақиқат наздик аст, маълум нест. Вале мо ин қиссаро барои он зикр кардем, ки оқибати тавсеаталабиҳо, забткориҳо ба чӣ анҷом меёбад.

Албатта, Куруши Кабир аз забткомону ҷаҳонкушоёну қудратталабоне мисли Чингиз, Темур ва ҳаттто Искандари Макдунӣ ва лашкаркашони араб тафовути куллӣ ва ҷиддӣ дошт. Ӯ ҳеҷ гоҳ ба қатли ом роҳ намедод, дар ҳамон давраҳои аввали инкишофи тамаддуни башарӣ риояи ҳуқуқи инсон ва адолату инсофро аз ҷумлаи аслҳои давлатдорӣ медонист. Эъломияи ӯ аз дурандешӣ ва хирадмандиаш гувоҳӣ медиҳад. Ӯ бунёдгузори давлати нахустини муназзам ва мутамаддини инсонӣ буд.

Ба ҳар ҳол, аз сабақи мусбате, ки Куруш дошт, бояд ибрат гирифт, Ӯ ориёие буд, ки озодиро беҳтар аз ҳама чиз медонист ва душманони асиргирифтаашро ба ғулом табдил намедод.

Муаррихони юнонӣ шаҳодат медиҳанд, ки ҷасади Курушро баъди як соли маргаш писараш Камбуҷия бо баҳои гароне харида, дар вилояти Форс, дар шаҳри Посоргод (пойтахти нахустини империяи Ҳахоманишиҳо) дафн мекунад. Мақбараи Куруши Кабир то кунун чун нишонае аз он рӯзҳои куҳан пурра ва беосеб маҳфуз мондааст. Искандари Макдунӣ ба сари қабри Куруш дар Посоргод ду маротиба рафта буд ва ин ҳодиса дар сарчашмаҳо зикр ғардидааст.

Ҳамин тавр, ҷанги Куруш бо массагетҳо ба таври фоҷиавӣ ба анҷом расид. Дар бораи ҳодисаҳои баъди ин муҳориба рухдода ягон хел маълумот нест. Мо намедонем, ки массагетҳо аз ин ғалабаи худ чӣ манфиат ба даст оварданд. Камбуҷия, ки баъди марги падараш ба тахти шоҳаншоҳӣ нишаст, дар ин минтақа ягон хел амалиёти ҳарбӣ бар зидди массегетҳо нагузарондааст. Эҳтимол баъди ин муҳорибаи хунин, ки дар он массагетҳо низ бояд талафоти калон дода бошанд, байни тарафҳо сулҳ ва аҳдномаи ба якдигар хуҷум накардан баста шуд.

1. Хрестоматия по истории древнего Востока. -М., 1963. -С. 353-354.

КИТОБХОНА
ДДОТ ба номи С. Айнӣ

Дар бораи ҷанги Куруш бо массегетҳо ҳанӯз дар давраи қадим ривоятҳои зиёд ва гуногун пайдо шуда буданд. Имрӯз ҳам дар тамоми мақола ва рисолаҳои ба таърихи давлати Ҳахоманишӣ бахшидашуда ин ҷанг батафсил таҳлил шудааст. Бояд дар назар дошт, ки сабаби шуҳрати ин ҷанг танҳо дар марги фоҷиавии Куруш буд. Подшоҳи ҷаҳонгир, ки то ин муҳориба чандин кишварҳои зӯру тавоноро тасхир карда, ҳеҷ шикасте надида буд, дар муҳориба бо як қабилаи саҳронишин ба ҳалокат расид. Ин гуна фарҷомро ҳеҷ кас мунтазир набуд. Аммо аз лиҳози сиёсӣ - ҳарбӣ ин ҷанг барои давлати пурзӯри Ҳахоманишӣ ягон оқибати фоҷиавӣ ва ҳатто ҷиддӣ надошт. Баъди ин муҳориба массагетҳо ягон бор ҳам ба қаламрави Ҳахоманишиён ҳуҷум накарданд. Манзур аз ин суханон он аст, ки мо набояд ба ин ҷанг аз будаш зиёд баҳо диҳем.

Дар мавриди шахсияти Куруш бояд ёдовар шавем, ки ҳамзамонони ӯ ба фаъолияти сиёсию ҳарбиаш баҳои баланд додаанд. Беҳуда нест, ки рӯҳониёни Бобул ӯро *фиристодаи худованд Мардук*, яҳудиён *фиристодаи худованд Яҳво* ва юнониён *сиёсатмадори бузург* номидаанд. Олимони муосир дар бораи ӯ ҷилд - ҷилд асарҳо офаридаанд. Албатта, мо набояд хизмати шахсиятҳои таърихиро аз будаш зиёд карда, ба игроқ роҳ диҳем. Аммо Куруш, бе муболиға, ба ҳама гуна бузургдошт сазовор аст. Барои тасдиқи ин фикр мо аз фаъолияти ӯ метавонем мисолҳои зиёд орем, аммо бо чанд мисол иктифо меварзем.

Баъзе муаррихон сабаби ба осонӣ шикаст ёфтани Бобулро аз сиёсати яктарафаи шоҳи Бобул Набонид, афзудани ихтилофоти дохилӣ ва норозигии рӯҳониёни кишвар медонанд. Шоҳони Бобулу Ошур ба намояндагони миллатҳои зердаст зулму ҷафои беадад намуда, эътиқоди динӣ ва ибодатхонаҳояшонро поймолу ғорат менамуданд. Барои мисол намунаеро аз катибаи шоҳи Ошур Насирбол меорем, то сиёсати бебақои ин давлати абарқудрат ва иллатҳои зуд шикаст хӯрдани он аён гардад:

*«Ба фармудаи Ошур ва Иштор, худоёни бузург, ки ҳомиёни ман ҳастанд, бо лашкариён ва аробаҳои ҷангии худ ба шаҳри Гиною ҳамла бурдам ва онро ба як зарби шадид тасарруф кардам. Шашсад ҳазор нафар аз ҷангиёни душманро бедиранг сар буридам. Се ҳазор асирро зинда туъмаи оташ сохтам ва ҳатто якеро боқӣ нагузоштам, то ба гаравгонӣ равад. Ҳокими шаҳрро ба дасти худам зинда пӯст кандам ва пӯсташро ба девори шаҳр овехтам ва аз он ҷо ба сӯйи шаҳри Тилло равон шудам. Мардуми ин шаҳр аз дари аҷзу илтиҷо дарнаёмаданд ва таслими ман нашуданд. Лоҷарам ба шаҳрашон юриш бурдам ва онро гушуда ва 30 ҳазор нафарро аз дами тег гузарондам. Бисёр нафаронро дар оташ кабоб кардам ва асирони бешуморро*

*дасту ангушту бинӣ буридам ва ҳазорон чашм аз коса ва ҳазорон забон аз даҳон берун кашидам. Аз ҷасади куштагон пуштаҳо сохтам ва сарҳои бурида ба тоққои шаҳр овехтам».*[1]

Аммо Куруши Кабир сиёсати оқилонаи давлатдориро пеш гирифта, эътиқоду ақоид ва дини миллатҳои ғайрро эҳтиром мегузошт. Ӯ ба ҳар кишваре, ки мерафт, худоёни мазҳабҳои мухталифро ба расмият мешинохт, худро ҷонишини қонунии подшоҳони бумӣ эълон медошт ва аз рӯи расму русуми онҳо подшоҳиро мепазируфт. Беҳуда нест, ки рӯҳониёни Бобул ӯро ҳамчун писари худои олитабори бобулиён Мардук муаррифӣ намуда, ба тахти шоҳӣ нишастанашро бо хушнудии тамом истиқбол намуда буданд. Ба ибораи имрӯз, сиёсати давлатдории Куруши Кабир 2500 сол аз ин муқаддам ба тарзи давлатдории дунявӣ асос ёфта буд. Шояд яке аз сабабҳои шуҳрати ҷаҳонӣ ёфтану империяи абарқудрати замони худ шудани давлати Форс дар пеш бурдани ҳамин сиёсати давлатдории дунявӣ нуҳуфта бошад.

Дар айни ҳол бояд зикр намуд, ки Куруши Кабир зимни сиёсати давлатдорӣ ва тарзи дунявии тафаккур ҳадафҳои кишваркушоӣ ва густариш додани иқтидори рӯзафзуни империяи Форсро пеш мебурд. Ба қавли муаррихони аҳди қадиму ҷадид, Куруши Кабир қабл аз ҳуҷум ба Бобул дар симои савдогарону тоҷирон, рӯҳониёни мазҳабҳои гуногун ва дастаи ҷосусони давлатӣ тарғиботчиёни сиёсати худро ба он ҷо интиқол дода, намояндагони миллату мазҳабҳои азияткашидаро қаблан ба империяи Ҳахоманишиён дилгарм месохт. Куруши Кабир алалхусус нисбат ба миллати банӣ-Исроил, ки аз замони Бухтуннаср дар асорати давлати Бобул буд, меҳрубонӣ ва инояти зиёде кардааст. Ӯ ашёҳои гаронбаҳо ва зарфиёти тилоиву нуқрагинро, ки ҳангоми хароб намудани маъбади яҳудиён дар Байтулмуқаддас ғорат шуда буд, ба ибодатхонаи яҳудиён бозгардонд. Гузашта аз ин, бо иҷозаи Куруш беш аз 42 ҳазор нафар яҳудӣ, аз ҷумла, 7 ҳазор ғуломону каниз барои таъмиру таҷдиди маъбадҳои Байтулмуқаддас раҳсипор шуданд. Аз ин ҷост, ки эҳтироми паямбарони банӣ-Исроил ба Куруш хеле зиёд буда, номи ӯ дар китоби муқаддаси онҳо зикр шудааст.

Куруши Кабир дар айни ҳол маъбадҳои Бобулистон, Ошур ва Эламро таъмир намуда, ба онҳо назру ниёз ва қурбониҳои зиёде нисор месохт, халқиятҳои мухталифро барои баргаштан ба ватани аслиашон

1. Ҷаҳониён Ардашер. Дини Ҳахоманишиён. -Теҳрон, озари 1349, саҳафоти мухталиф.

рухсат медод. Вале бо вуҷуди ҳамаи ин ҷавҳари зӯроваронаи империяи Ҳахоманишиён ва сиёсати бузургдавлатии онҳо боқӣ мемонд.

Вақте ки Куруши Кабир соли 539-и то мелод шаҳри Бобул - пойтахти давлати муқтадири Бобулистонро фатҳ кард, бар хилофи шоҳони аҳди бостон, ки маъмулан ба куштору ғорат мепардохтанд, эъломияе интишор сохт, ки дар он ҳифзи ҷону мол ва озодии эътиқоди динии шаҳрвандон кафолат дода мешуд.

Эъломияи Куруш, ки аз фарҳанги ориёӣ ва ақоиди инсондӯстӣ сарчашма мегирад, нахустин ҳуҷҷати таърихиест, ки эҳтироми ҳуқуқ, озодии мазҳабу эътиқод ва ҳифзи дороии шаҳрвандонро пуштибонӣ кардааст. Ин эъломия, ки бо номи «Устувонаи Куруш» машҳур аст, дар Музейи Британия маҳфуз буда, шояд намунаи нахустини Эъломияи ҳуқуқи башар дар таърихи инсоният бошад.

Ба назарам, матни ин эъломияро, ки бо хат ва забони бобулӣ навишта шуда, тарҷумаи форсӣ-тоҷикии он бо саъй ва эҳтимоми олими шинохта П.Ҷамшедов ба табъ расидааст, овардан аз аҳамият холӣ нест:

*«Манам Куруш, шоҳи шоҳон, шоҳи бузург, шоҳи нерӯманд, шоҳи Бобул, шоҳи Сумер ва Акад, шоҳи чаҳор мамлакат, писари Камбуҷия - шоҳи бузург, навосаи Куруш, шоҳи бузург аз шохаи салтанати абадӣ, ки салтанаташ мавриди худоён ва ҳукуматаш ба дилҳо наздик аст. Вақте ки бе ҷангу ҷидол вориди Бобул шудам, ҳама мардум қудуми маро ба шодмонӣ пазируфтанд. Дар қасри подшоҳони Бобул ба сарири салтанат нишастам. Мардук - худои Бобул дилҳои наҷиби мардуми Бобулро мутаваҷҷеҳи ман кард, зеро ман ӯро муҳтарам ва гиромӣ доштам. Лашкари бузурги ман ба оромӣ вориди Бобул шуд. Нагузоштам садама ва озоре ба мардуми ин шаҳру ин сарзамин ворид ояд. Вазъи дохилии Бобул ва амокини муқаддаси он қалби маро такон дод. Фармон додам, ки ҳеч як аз хонаҳои мардум хароб нашавад. Худои бузург аз ман хурсанд шуд ва ба ман, ки Куруш ҳастам ва ба писарам Камбуҷия ва тамоми лашкари ман аз роҳи иноят баракати худро нозил кард. Подшоҳоне, ки дар ҳама мамолики олам дар сарзаминҳои худ нишастаанд, аз дарёи боло то дарёи пойин ва подшоҳони ғарб тамоман хироҷи сангин оварданд ва дар Бобул бар пойҳои ман бӯса заданд. Фармон додам, ки аз Бобул то Ошур ва Шуш ва Акад... ва ҳамаи сарзаминҳое, ки дар он тарафи Даҷла воқеанд ва аз айёми қадим бино шудаанд, маобидеро, ки баста шуда буд, бикушоянд. Ҳама худоёни ин маобидро ба ҷойҳои худ баргардондам, то ҳамеша дар он ҷо муқим бошанд. Аҳолии ин маҳалҳоро ҷамъ кардам ва манозили онҳоро, ки хароб карда буданд, аз нав сохтам*

*ва худоёни Сумеру Акадро беосеб ба қасрҳои онҳо, ки «шодии дил» ном доранд, бозгардондам. Сулҳу оромиширо ба тамоми мардум ато кардам».*

Эъломияи мазкур падидаи комилан нави сиёсию фарҳангӣ буд. Ӯ ба мисли шоҳони пешинаи ин минтақа мағлубонро ғуломи худ эълон накард. Баръакс, Куруш олиҳимматии сиёсӣ, адолат ва инсондӯстии бемисл нишон дода, ба халқҳои мағлуб озодӣ ва кафолатҳои ҳуқуқӣ эъто кард.

Ин эъломияи башардӯстона, ки метавон нахустин санади кафолати озодии мазҳабу эътиқоди динӣ ва ғузашта аз ин, эҳтироми ҳуқуқи шаҳрвандони гуногунмиллату мухталифойин шумурд, аз тамаддуни ориёӣ сарманшаъ гирифтааст. Шояд дар таърихи аҳди қадим ин эъломия нахустин иқдомест сӯйи ҷомеаи дунявию адолатпарвар, ки дертар тавассути рӯшанфикрони Юнону Рим ба Аврупо роҳ ёфта, заминаи ҷомеаи ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва башардӯстонаро падид овард.

Куруш сиёсатшиноси нуктасанҷ буд. Пеш аз ҳама гуна муҳориба ӯ барои нарехтани хун ба рақибонаш бо кафолати амният, озодӣ ва бо шартҳои барои онҳо имтиёзнок бастани сулҳро пешниҳод мекард. Танҳо дар сурати аз ҷониби муқобил қабул нашудани пешниҳодҳояш даст ба ҷанг мезад. Баъди ғолиб баромадан кӯшиш мекард мағлубонро беҳуда озор надиҳад ва иззати нафси онҳоро паст назанад.

Ӯ одамшиносу инсондӯст буд ва шахсони лаёқатмандеро, ки бараяш содиқона хизмат мекарданд, қадр мекард ва ба онҳо мансабҳои калони давлатиро медод. Ағлаб ӯ подшоҳони маглубшуда ва ба асирӣ афтодаро мебахшид. Шоҳи Лидия Крез, шоҳи Бобул Набонид ба ин мисол шуда метавонанд. Куруш дар ҳайати империяи худ қариб 70 қавму миллатҳои гуногунро муттаҳид карда, ба ҳамаи онҳо расман озодӣ ва баробарҳуқуқӣ ато намуд. Башарият метавонад имрӯз ҳам аз таҷрибаи инсондӯстӣ ва адолатпарварии ин шахсияти беназир истифода барад. Таҷрибаи давлатдории Куруши Кабир ибратомӯз аст, мо бояд онро ҳамаҷониба омӯзем, зеро сохтори давлатии Ҳахоманишиён яке аз муҳимтарин тарзи ҳукуматҳои императории Аҳди бостон ба шумор меравад.

Сазовори ёдоварист, ки ӯ бори нахуст чандин кишварҳо ва халқҳои ориёиро дар ҳайати як давлат муттаҳид намуда, барои ташаккулу инкишофи забону фарҳанги ягонаи онҳо мусоидат намуд. Хусусан дар аҳди Куруши Кабир, ки давраи марказиятёбӣ ва дар қаламрави давлати бузурги Ҳахоманишиён муттаҳид шудани давлатҳои хурд ва қабилаҳои парокандаи ориёинажод ва ориёизабони сарзамини Ориёнои Ғарбӣ ва Ориёнои Шарқӣ ба шумор мерафт, таъқибу саркӯб кардани сакоиҳои марказгурезу озодипараст авҷ гирифта, барои аз тохтутози онҳо эмин

доштани сарҳадҳои шарқии империяи Ҳахоманишиён қалъаи истеҳкомии Курушкада бунёд мегардад.

Гумони ғолиб он аст, ки Куруши Кабир баъди кишваркушоиҳо ва вусъат бахшидани ҳудудҳои шарқии империяи Форс қалъаи устувор ва истеҳкоми марзбонии *Курукада*ро дар ҳудуди Истаравшани қадим бунёд гузоштааст, ки он дертар бо номи ***Курушкада*** (шаҳри Куруш) шуҳрат ёфтааст. Ҳадафи асосии сохтани Курушкада мустаҳкам намудани сарҳадҳои қисми шарқии қаламрави Форс ба хотири лашкаркашиҳои минбаъда, яъне дар оянда забт намудани давлатҳои пуриқтидори Бобулистон ва Мисри қадим буд. Чуноне ки қаблан ёд кардем, сакоиҳои сарвари тиграхуд, ҳаумаварг ва канораҳои Суғд бо ҷасорату пархошҷӯӣ ва маҳорати баланди ҷангиашон дили ҷумлаи подшоҳону қудратталабонро ба ларза меоварданд.

Муаллифону воқеанигорони аҳди атиқа - Страбон, Юстин, Арриан, Квинт Куртсий ва дигарон таъсиси ин шаҳрро ба Куруш нисбат дода, онро *Киропол, Кирэсхата* ном мебаранд. Ногуфта намонад, ки қадами номубораки Искандари Мақдунӣ низ ҳангоми лашкаркашиҳояш ба Киропол расида буд. Шояд ӯ баъди Куруш ин истеҳкоми ҳарбию марзбониро таъмиру устувор намуда, дар шикастани ошӯби сокинони Суғду Истаравшан ва Самарқанди бостонӣ чун бошишгоҳи ҳарбӣ истифода бурда бошад. Ва аҷаб нест, ки яке аз шадидтарин ҷангҳои байни пешвои суғдиён Спитамен ва Искандари мақдунӣ дар канораҳои шаҳри Киропол (баъдтар ин шаҳр бо номи *Искандарияи Ақсо* низ шуҳрат ёфт) рух дода бошад.

Мавҷудияти таърихии шаҳри Курукадаро муаррихону кишваршиносон В.Минорский, В.Чейлитко ва дертар бостоншиноси тавоно академик Н.Неъматов дар заминаи этимологияи номи *Куркат* асоснок намуда, мавҷудияти воқеии ин ном ва ин маҳалро аз таърихи аҳди қадими Истаравшан то ба имрӯз оварда расониданд. Фарзияи нисбатан дақиқи илмӣ ба он мебарад, ки номи *Курукада*и аҳди Куруш шояд ба *Куркат*и имрӯзаи воқеъ дар ноҳияи Спитамени вилояти Суғд (маркази деҳшӯрои Куркат) як пайвастагии узвие дошта бошад.

Куруш ба ворисн худ писараш Камбуҷия империяи паҳноварро мерос гузошт. Камбуҷия сиёсати кишваркушоии падарашро идома дод. Дар бораи панҷ соли аввали ҳукмронии ӯ дар сарчашмаҳои хаттӣ ягон хел маълумот нест. Муаррихони Юнони қадим аз вақти ҳуҷуми ӯ ба Миср сар карда, дар бораи ӯ ахбор медиҳанд. Куруш баъди Бобулро ишғол кардан бояд ба Миср ҳуҷум мекард. Аммо тавре ки ишора кардем, ӯ

бо сабабҳои номаълум ин корро ба таъхир андохт. Дар натиҷаи марги ногаҳонӣ ва фоҷиавии ӯ ин нақша иҷро нашуд. Камбуҷия низ барои ба Миср ҳамла овардан шитоб накард. Эҳтимол ӯ мехост хубтар тайёрӣ бинад ва дар фурсати муносиб ин корро анҷом диҳад.

Соли 525-и то мелод Камбуҷия лашкари худро дар Фаластин ҷамъ карда, ба сӯи Миср равон гардид. Ба ёрии ӯ киштиҳои ҳарбии финикиҳо ва юнониёни Осиёи Хурд омада буданд. Нахустин муҳориба бо лашкари мисриҳо дар назди шаҳри Пелусия ба вуқӯъ пайваст. Дар ин задухӯрди хунин форсҳо пурра ғалаба карданд. Боқимондаҳои лашкари Миср бетартибона қафо гаштанд. Баъди ин муҳориба форсҳо ба сӯи пойтахти Миср - шаҳри Мемфис ҳаракат карда, ягон муқобилияти ҷиддӣ надиданд. Онҳо ба шаҳр расида, онро муҳосира намуданд. Мисриҳо муқобилияти зиёд нишон надода, ба зудӣ таслим шуданд. Фиръавн Псаметихи III асир гирифта шуд. Аммо Камбуҷия сиёсати падарашро давом дода, ӯро афв кард. Августи соли 525-и то мелод Камбуҷияро расман шоҳи Миср эълон карданд.

Барои таваҷҷуҳи аҳолии маҳаллиро ба худ ҷалб кардан ӯ либосҳои мисрӣ пӯшид ва маросими батахтнишиниаш мувофиқи қоидаҳои мисрӣ гузаронда шуд. Барои қонунӣ гардонидани ҳукмрониаш ӯ худро ворисифиръавнҳо эълон кард. Баъди Мемфисро ишғол кардани Камбуҷия қабилаҳои Ливия ихтиёран ба ӯ тобеъ шуданд. Баъдтар ӯ қисмати шимолии Куш (Эфиопия)-ро ишғол кард.

Аз сарчашмаҳои хаттӣ бармеояд, ки ӯ бо баъзе амалҳояш рӯҳониёни Мисрро ба худ зид карда буд. Ба ӯ вайрону ғорат кардани якчанд ибодатхонаҳоро нисбат медиҳанд. Аммо ба ақидаи як қисми олимон, ин хабарҳо заминаи воқеӣ надоранд ва онҳоро рӯҳониён барои беобрӯ кардани Камбуҷия бофта баровардаанд. Дар ҳар сурат гумон кардан душвор аст, ки рӯҳониён ӯро бесабаб тухмат карда бошанд. Шояд харобкунии ибодатхонаҳо, ки ба ӯ нисбат медиҳанд, пурра набошад ҳам, қисман ҷой доштааст.

Камбуҷия чор сол дар Миср монд. Дар ин миён дар пойтахти империя вазъият ноором шуда буд. Аз набудани подшоҳ истифода бурда, мӯбад Гаумата, ки Камбуҷия идораи корҳои давлатиро ба ӯ супорида буд ва ба бародари Камбуҷия Бардия хеле монанд буд, худро шоҳаншоҳ эълон кард. Ҳол он ки мувофиқи ахбори Ҳеродот, Камбуҷия бародараш Бардияро пеш аз ҳуҷумаш ба Миср пинҳонӣ кушта буд. Хабари табаддулоти Бардияи дурӯғин моҳи марти соли 522-и то мелод ба Миср расид. Баъди шунидани ин хабар Камбуҷия лашкарро ҷамъ карда, ба

сӯи Эрон равон гардид, аммо дар роҳ ногаҳон бемор шуда, вафот кард. Марги ӯ асроромез буд ва ривоятҳои зиёдро ба миён овард. Аз рӯи яке аз онҳо, ӯро ҷосусони мӯбад Гаумата заҳр дода куштанд. Марги Камбуҷия муборизаҳои дохилисулолавӣ ва дарбориро тезутунд кард.[1]

Воқеан Куруши Кабир дар болои пойдевори устувори давлати тавонои Мод давлати муҳташаму абарқудрати Форсро бунёд ғузошта, қаламрави онро дар чор самти кишвар вусъат бахшид. Дорои ҷаҳонгир шуҳрату эътибори давлати Ҳахоманишиёнро боз ҳам афзунтар намуда, тамоми душманони худро чи дар Машриқу чи дар Мағриб забуну мутеъ сохт. Баъди шикасти Ҳахоманишиён Искандари Мақдунӣ тамоми марзу буми давлати Куруши Кабир, аз ҷумла, Порту Марғиён ва Бохтару Суғдро дар ҳайати империяи Мақдуниён мутаҳҳид сохта бошад ҳам, ин тоифаҳои озодипарастро мутеъ карда натавонист.Дар бораи ҳодисаҳои ин давра муаррихони қадим маълумоти гуногун ва дар бисёр маврид ба якдигар мухолиф додаанд. Асрори баъзе ҳодисаҳои ин давра ҳанӯз ҳам дар қаъри асрҳо ниҳон монда ва ба хотираи фаромӯшӣ супурда шудаанд.

1. Дар бораи ҳамлаи Камбуҷия ба Миср ниг: Дандамаев М. А. Политическая история Ахеменидской державы. - С. 55-63; Гафуров Б. Таджики. -С. 71; История древного Востока. -С. 589-590.

# СПИТАМЕН

## ПАРЧАМБАРДОРИ ҶОДАИ ОЗОДИВУ ИСТИҚЛОЛ




Солҳое, ки дар мактаби миёна мехондам, чанде аз маснавиҳои Низомии Ганҷавӣ ба дастам афтод, ки дар миёни онҳо «Искандарнома» ҳам буд. Аз гояти шавқе, ки ба шахсияти Искандари Мақдунӣ ва лашкаркашиҳои ӯ доштам, ин манзумаро мутолиа намуда, хеле ба тааҷҷуб афтодам. Искандари офаридаи Низомии Ганҷавӣ аз шахсияти Искандари Мақдуние, ки камобеш аз китобҳои дарсии таърих хонда будам, ба назарам фарқи калон дошт. Он солҳо имкон надоштам, ки симои Искандари таърихӣ ва Искандари хаёлии Низомиро дар асоси ахбори муаррихон ва сарчашмаҳои мавҷуда муқоиса намоям. Вале бо вуҷуди ин эҳсос мекардам, ки Искандари Мақдунӣ дар ин достон ҳамчун шоҳи идеалӣ ва пиндори хаёлии шоир ба зуҳур омада, аз шахсияти воқеии худ, ки лашкаркаши ғосиб, рақиби бераҳму истилогар ва шоҳи якраву худпараст буд, хеле дур афтодааст.

Воқеан, баъди гузашти солҳо, зимни афзудани доираи мутолиа ва таҷрибаи зиндагӣ пай бурдам, ки ҳадафи аслии шоирони бузурги мо - Фирдавсӣ дар «Шоҳнома», Низомӣ дар «Искандарнома», Ҷомӣ дар «Хирадномаи Искандарӣ» ва гайра офаридани симои таърихӣ ва воқеияти зиндагии Искандари Мақдунӣ набуда, балки тасвири шоҳаншоҳи одил ва раиятпарваре будааст, ки барои подшоҳони бедодгару ҳокимони ҷоҳили даврашон намунаи ибрат гардад. Хосса, барои он садрнишинони бодиягарде, ки баъди заволи давлати Сомониён тахту тоҷи шоҳаншоҳӣ барояшон чун атои қисмат расида буду аз ойини деринаи давлату давлатдории ориёиҳо ва низоми идоракунии кишвар огоҳие надоштанд.

Ва беҳуда нест, ки дар давраи ҳукуматдории Салҷуқиён Низомулмулки вазир «Сиёсатнома»-и худро оид ба усули давлатдории Сомониён ва дигар давлатҳои пешрафтаи давраш навишта, оид ба ойини кишвардорӣ, рафтору кирдор ва муносибату муомилаи амирону вазирон, надимону девондорон, расми нигаҳдории лашкар ва таъмини хазинаи давлат фикрҳои басо ҷолиб баён намудааст. «Сиёсатнома» барои амирону вазирони кӯтоҳандеш мебоист ҳам дастури мамлакатдорӣ ва ҳам пандномаи ахлоқу одоби ҳамида гардида, адолату инсоф, ростию хайрхоҳӣ, халқдӯстию раиятпарварӣ рукни асосии осоиш ва оромии кишвар мешуд. Вале тақдири бадфарҷом мисли Фирдавсию Низомӣ, ки дар давраи салтанати Ғазнавиёну Салҷуқиён зистаанд, ба Низомулмулки вазир низ чандон вафо накард. Агар Фирдавсӣ дар баҳои заҳмати гаронаш аз Султон Маҳмуди Ғазнавӣ подоши басо ночизе гирифта, аз ғояти ранҷидаҳолию озурдахотирӣ бефарҳангию пастфитратии султонро ҳаҷв намуда, дар поёни умраш рӯ ба гурезогурезу хуфиянишинӣ оварда бошад, Низомулмулк бар подоши хидматҳои холисонаи вазирӣ аз вазифа барканор шуда, оқибат кушта гардид.

Ҳамин тариқ, ҳадафи аслии Фирдавсию Низомию Ҷомӣ офаридани симои идеалии Искандари Мақдунӣ будааст, ки барои амирону вазирони замонашон панде гардад ва расми халқпарварию раиятдӯстиро дар замири зимомдорони мамлакат бедор намояд. Вале Искандари воқеӣ дар асл як фарде буд, ки қабл аз ҳама дар рӯҳияи эллинӣ тарбия ёфта, аввал таҳти парастории дояаш Ланика, сипас устодонаш Леонид ва Лисимах[1] ба камол расида, обутоби спартанӣ ёфтааст. Дертар ӯ бо васояти падараш Филиппи II муддате чанд илмҳои мухталифи замон, фалсафа ва дастовардҳои тамаддуни юнониро аз олим ва файласуфи машҳур Арасту меомӯзад. Мувофиқи расми эллиниҳо, ӯ аз овони хурдсолӣ санъати ҷангу набардҳои тан ба тан ва аспсавориро аз худ намуда, аз ҳамон айём аспи дӯстдоштааш Бутсефалро аз Демарати Коринфӣ туҳфа мегирад.[2] Искандар аспи қайсар ва ваҳшитабиатро дар пеши чашми падар ва муқаррабони ӯ саворӣ намуда, гӯё баъди он аз падараш чунин суханони таҳсиномез мешунавад: «Писарам, барои худат мулки дигаре пайдо намо, вагарна Мақдуния барои ту тангӣ мекунад».[3]

Ғояҳои бузургэллинӣ ва лашкаркашию забткориҳои пайдарпайи шоҳаншоҳони Ҳахоманишӣ ба Юнони қадим борҳо давлатҳои хурду бузурги

1. Гафуров Б. Цибукидис Д. Александр Македонский и Восток. -М., 1980. -С.17.
2. Шахермайр Ф. Александр Македонский. -М., 1986. - С.47.
3. Гафуров Б. Цибукидис Д. Александр Македонский и Восток. -М., 1980. -С.17.

ин сарзамин - Афина, Спарта, Фив ва Коринфро алайҳи форсҳо муттаҳид сохта, муқобилияту муҳорибаҳои шадиди мусаллаҳонаро падид овард. Баъди пурқувват шудани Мақдуния Филиппи II сиёсати муттаҳидсозии давлатҳои ҷудогонаи Юнонро пеш гирифта, пас аз муҳорибаи Хиронея (соли 338-и пеш аз мелод) ба сулҳи миёни давлатҳои Юнонзамин муваффақ шуд, ки он дар таърих чун иттифоқи давлатҳои эллинӣ шуҳрат ёфтааст. Барои риояи созишнома ва ҳалли мушкилоти пешомада ба таври мунтазам дар Коринф ҷамъомади Синедрион - Шӯрои махсус доир мегардид, ки ин шӯро шоҳи Мақдуния Филиппи II-ро гегемон ва сарфармондеҳи қӯшунҳои муттаҳидаи давлатҳои эллинӣ таъин карда буд.[1] Ногуфта намонад, ки Искандари Мақдунӣ дар муҳорибаи Хиронея дар 18-солагӣ қӯшунҳои савораи фалангаи ростро сарварӣ намуда, сарбозони саворан фиваниро ба ақибнишинӣ водор намуд ва истеъдоди лашкаркашии худро намоиш дод.[2]

Баъди марги ногаҳонии Филиппи II, ки бар асари сӯиқасд рӯй дода буд, Искандар ба тахти Мақдуния нишаста, бо баҳонаи ситонидани қасоси падар аввал ба муқобили душманони дохилӣ ва сипас рақибони хориҷии худ мубориза оштинопазир бурд ва чанде нагузашта мавқеи худро ҳам дар Мақдуния ва ҳам дар саросари Юнон устувор намуд. Исёнҳои зиддимақдунӣ, ки соли 335-и то мелод дар баъзе шаҳрҳои Юнон ва музофотҳои он сар зада буд, Искандари Мақдуниро водор намуд, ки фавран лашкар кашида, исёнгаронро саркӯб созад ва ба ҷои падар ҳамчун гегемону сарфармондеҳи қӯшунҳои муттаҳидаи эллинӣ эътироф гардад. Кӯшишҳои Дорои III барои устувор намудани мақоми худ дар Осиёи Хурду соҳилҳои баҳри Миёназамин, ҳамчунин аз ҷиҳати молиявӣ дастгирӣ кардани шаҳру музофотҳои ошӯбкарда бар зидди мақдуниён чандон бар ор нагирифт ва оқибат ҳуҷуми Искандари Мақдуниро ба империяи паҳноварн Ҳахоманишиҳо (соли 334-и пеш аз мелод) ба бор овард.

Искандари Мақдунӣ ҳамагӣ бистсола буд, ки ба тахти шоҳаншоҳӣ нишаст ва азми ҷаҳонгирӣ намуд. Лашкари ӯ асосан аз ду қисми асосӣ - мақдуниҳо ва юнониҳои узви иттиҳоди Коринф гирд омада буд. Ӯ ба воситаи Геллеспонт (Дарданели ҳозира) ба Осиёи Хурд гузашта, бо қӯшуни иборат аз панҷ ҳазор аскари савора, сӣ ҳазор аскари пиёда ва отрядҳои вазнинярoқу ҷанговарони зудамалкунандаи сабуксилоҳ дар муҳорибаи назди дарёи Граника (моҳи майи соли 334-и пеш аз мелод)

1. Шахермайр Ф. Александр Македонский. -М., 1986. - С. 30.
2. Гафуров Б., Цибукидис Д. Александр Македонский и Восток. -М. 1980. - С.36.

армияи сершумори Ҳахоманиширо торумор кард ва шаҳрҳои юнонии Осиёи Хурдро озод намуд. Ба қӯшуни Искандари Мақдунӣ сарлашкарони боистеъдод - Парменион, Антипатр, Филота, Птоломей Лаг, Пердикка ва дигарон сарварӣ мекарданд. Қатъи назар аз се баробар афзун будани қӯшуни Ҳахоманишиён Искандари Мақдунӣ Дорои III-ро дар наздикии Исса (тирамоҳи соли 333-и пеш аз мелод) сахт шикаст дод ва ӯро ба фирор водор намуд. Сипас Искандар муқовимати Финикияро бартараф намуда, бандарҳои шарқии баҳри Миёназаминро ишғол кард. Зимистони соли 332-и пеш аз мелод дарвозаҳои Миср ба рӯяш кушода гардид ва коҳинони воломартаба ӯро чун фарзанди худо Аммон пазироӣ ва арҷгузорӣ намуданд. Аз рӯи ахбори воқеанигорону муаррихони аҳди атиқа - Арриан, Квинт Куртсий Руф, Диодор ва дигарон Искандари Мақдунӣ баъди ғалаба дар муҳорибаи Гавгамел (1-уми октябри соли 331-и пеш аз мелод) бо тантана эълон кард, ки хукмронии шоҳаншоҳ Дорои Кудумон дар қаламрави Порс хотима ёфт. Воқеан, лашкари аз ғалабаҳо рӯҳбаландгардидаи Искандар қариб бе ягон муқовимат сӯйи шаҳри овозадори Бобул равона гардид ва рӯҳониёни бонуфузу ашрофзодаҳои бобулӣ дарвозаҳои ин шаҳри дорои истеҳкоми пурқувватро басо осон ба рӯяш кушоданд.

Рӯҳониёни маккор Искандари Мақдуниро дар маъбади овозадори Иштар арҷгузорӣ намуда, ба сараш тоҷи меросии шоҳаншоҳи Ҳахоманиширо гузоштанд ва ӯро «шоҳаншоҳи Бобул ва чаҳор самти олам» номиданд. Ва Искандар шаҳри овозадори Бобулро пойтахти давлати худ эълон карда, дар огӯши фараҳафзои Боғи муаллақ чандин моҳ фароғат намуду хастагии дурударози ҷангу лашкаркашиҳоро баровард.

Сипас Искандар шаҳрҳои куҳанбунёди Шуш, Истахр ва пойтахти овозадори порсҳо - Персополисро забт намуда, ба лонаи шоҳаншоҳони Порс ворид гашт, қасрҳову ибодатхонаҳоро ба хок яксон намуд, чандин китоби муқаддаси зардуштиён, аз ҷумла «Авесто»-ро сӯзонид ва бисёр рӯҳониёнро гирифтори таъқибу нобудшавӣ кард. Ҷанговарон ғанимати бешуморе ба даст оварданд ва лашкари Искандар дар Персеполис «чаҳор моҳ»[1] дам гирифт. Ҷосусон хабар доданд, ки Дорои Кудумон баъди шикаст дар муҳорибаи Гавгамел ба пойтахти собиқаи Модҳо шаҳри Экбатон (Ҳамадон) фирор кардааст. Искандар ба лашкараш отрядҳои навро ҳамроҳ намуда, сафҳои онро пурра намуд ва бо фаро расии баҳори соли 330-и пеш аз мелод сӯи Экбатон шитофт.

1. Гафуров Б. Цибукидис Д. Александр Македонский и Восток. -М.,1980. - С. 200.

Ба қавли муаррих ва воқеанигори дарбори Клитарх, «лашкари савора дар тӯли понздаҳ рӯз шаш ҳазор стадий роҳро паймуда, бо ҳамон суръати таъҷилӣ шаҳрро ишгол карданд. Охирин хазинаҳои Дорои Кудумон ба дасти Искандар афтод ва ӯ сӯйи Гургон фирор намуд. Ҷанговарон ба се гурӯҳ тақсим шуда, тавассути се роҳ сӯйи Гургон шитофтанд. Дирӯз тангнои дарвозаи Гургонро паси сар гузоштем. Дар пеш шаҳри Рог (Рай) аст, ки дар он ҷо Дорои Кудумон ниҳон шудааст. Акнун ӯ аз мо раҳоӣ надорад».[1]

Вале Дорои Кудумон гирифтори қасоси лашкари аҷнабӣ нагашта, бо супориши хешованди хеш - волии Бохтар Бесс аз ҷониби сарлашкар Набарзан ва волии Арахозия ва Дрангиана Барзиент кушта гардид. Дере нагузашта ба Искандари Мақдунӣ хабар расид, ки ҷасади оғушта ба хоку хуни Дорои III дар гӯшае хобидааст. Искандар ба болои ҷасад ҳозир шуда, аз сарбозе кӣ будани марҳумро пурсид. Сарбоз посух дод, ки «ин дам ҳеҷ кас, то омадани Искандари Мақдунӣ ӯро худованди тамоми халқҳо ва кишварҳои олам аз тулӯъ то гуруби офтоб - шоҳаншоҳ Дорои Кудумон меномиданд».[2]

Мувофиқи ахбори «Таърихи Табарӣ»-и Абӯалии Балъамӣ, манзараи марги Дорои III дигархелтар тасвир шудааст: «Ва ин Доро марде буд ситамкора ва халқ ӯро душман гирифта буданд... Ҳама сипоҳ бар вай озурда буданд аз бедодиҳо, ки карда буд, аз кибру ҷабборие, ки дошт...

Искандар бо ҳоҷибони хеш биёмад ба наздикии Доро ва ӯро бидид бар замин ба хок андар ҳамегашт ва хун аз вай ҳамерафт. Ва... сари Доро бар канор ниҳод ва хок аз рӯяш пок кард ва ӯро малик хонд ва гуфт: -Ё малик, нахостаме, ки туро чунин дидаме, алҳамдулиллоҳ, ки на аз ман омад бар ту ва аз касҳои ту омад бар ту. Акнун ҳар ҳоҷате, ки дорӣ, бихоҳ ва бифармой!

Доро чашм боз кард ва гуфт: -Маро ба ту се ҳоҷат аст: яке хуни ман нагузорӣ, ки ботил шавад ва дигар - духтари маро - Равшанак ба занӣ кунӣ ва се дигар меҳтарони Аҷам некӯ дорӣ ва эшонро барда накунӣ.

Искандар гуфт: -Ҳар се ҳоҷат раво кардам.

Ва Доро бимурд. Ва Искандар ӯро ба тобут андар кард ва дигар рӯз ба тахти Доро бинишаст.

Ва он Равшанакро ба занӣ кард ва... уламо ва ҳукамои Аҷамро биёвард ва илмашон биёвард ва набишт ва тарҷума кард ба забони юнон(ӣ)

---

1. Ильясов Я. Согдиана. -Душанбе, 1987. - С.236.
2. Арриан, Ш, 21.5. Мувофиқи хабари Квинт Куртсий Руф тахти фармондеҳии Бесс ҷанговарони бохтарӣ, доиҳо, массагетҳо гирд омада буданд.

ва ба Юнон фиристод сӯйи Аристотолис. Ва ҳарчанд битавонист, аз шаҳри Порсу Бобулу Ироқ вайрон кард ва ҳисорҳо бияфканд, ҳамчунон ки Бахтуннаср карда буд. Ва девонҳои Доро ҳама бисӯхт».[1]

Маросими тоҷгузории Искандари Мақдуниро баъди сари Дорои III воқеанигорон ва таърихнависони аҳди қадим чун як гардиши ҷиддие дар низоми давлатдорӣ ва кишваркушоиҳои ин лашкаркаши тавоно шумурдаанд. Ӯ баробари расму ойини маъмулии ашрофони юнонӣ анъанаҳои шоҳаншоҳони Ҳахоманиширо пазируфта, муқаррабону сарлашкаронашро водор намуд, ки ба расми шарқиён дар ҳузури ӯ ба зону бизананд ва ҳатто замин бибӯсанд. Ин иқдом дастаи сарлашкарону дӯстони наздикашро, ки дар рӯҳияи эллинӣ тарбия ёфта, аз оғози лашкаркашиҳо паҳлу ба паҳлу буданд ва тафриқае дар мақому мартаба намегузоштанд, дар ҳолати басо ногувор гузошт. Як гурӯҳи ҳамсафону дӯстони ӯ, аз ҷумла, Гефестион, Птоломей Лаг, Пердикка амри ӯро ночор писандида бошанд, гурӯҳи дигар - Филот, Клит, Аминта аз ин кирдори Искандар озурдахотир гашта, хостанд ба ҷони ӯ сӯйиқасд намоянд. Сӯйиқасд ошкор гашт ва Искандари Мақдунӣ аввал Филот, сипас падари ӯ Парменион ва дертар дигар ҳамсафони барошуфтаашро маҳкум ба қатл намуд.

Искандари Мақдунӣ бо ин зоҳирбозиҳои назарфиребаш мехост унсурҳои беҳтарини тамаддуни Ғарбу Шарқро бо ҳам омезиш дода, як империяи ҷаҳонии фарогире офарад, ки халқҳои сершумори гуногунзабону мухталифойинро зери нигини як қаламрав муттаҳид созад. Як давлати мутамарказ ва идеалие бунёд намояд, ки сокини Юнонзамин худро дар билоди Порс ва сокини Порс худро дар Мақдуния бегона напиндорад. Ба ҳамин хотир ӯ расму ойини форсҳо ва дигар халқиятҳои Осиёро пазируфта, азми ҷаҳонгирию кишваркушоиҳо намуд.

Ногуфта намонад, ки ин ғоя парвардаву офаридаи нахустшоҳони Ҳахоманишӣ буда, аз аҳди Куруши Кабир ва Дорои I сар карда дар миёни ҷаҳонгирону бунёдгузорони империяҳои бузург пайравону ҳомиёни зиёде пайдо кардааст. Халқи тоҷик ва ниёгони ориёии ӯ баъди империяи ҷаҳонии Искандари Мақдунӣ боз дар аҳди хилофати араб ва истилои мугул ба ин ҳангомаи бузургдавлатии аҷнабиён гирифтор шуда, ҳувийяти миллӣ ва орияти аҷдодии худро аз даст надоданд. Дар даврони Шӯравӣ низ барои бунёди чунин империяи абарқудрате, ки сокинони он ғолибан бо як забони умумӣ ҳарф зада, мароми мақсади муштарак дошта бошанд,

---

1. Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммади Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. Ҷилди 1. -Душанбе, 2000. -С.395- 398.

кӯшишҳои зиёде ба харҷ дода мешуд. Гузашта аз ин, мақому мартабаи як миллатро бо роҳи сунъӣ баланд бардошта, ба дастовардҳои таърихию фарҳангӣ ва мероси мадании миллатҳои дигар хурдагирона муносибат кардан ба ҳукми анъана даромада буд. Одатан ин амалҳо ба хотири офаридани халқияти якмарому якзабон, дорои мафкураи аз решаҳои таърихӣ канда ва аз миллату унсурҳои миллӣ бегона пиёда мегардид.

Хуллас, азми ҷаҳонгирӣ ва бунёди империяи ягонаи ҷаҳонӣ дар ниҳоди Искандари Макдунӣ он қадар қавӣ буд, ки ҳатто баъди тоҷи шоҳаншоҳии Дорои III-ро ба сар ниҳодану ба тахти аҷдодии Ҳахоманишиён соҳиб шудан низ ӯ ба лашкаркашию кишваркушоиҳояш интиҳо набахшид. Акнун дар сари роҳи ӯ Бохтари ҳазоршаҳр ва Суғди зебоманзар бо боигариҳои беинтиҳояш доман афрохта буд.

Искандари Мақдунии саргарми галабаҳо баландиҳои осмонгири Ҳиндукушро паймуда, ба паҳноҳои Бохтару Суғд менигаристу гумон мекард, ки мутеъ кардани ин кишварҳо низ чун дигар вилоятҳои қаламрави Ҳахоманишӣ барояш мушкилие надорад ва чанде нагузашта орзуи деринааш - созмон додани империяи ягонаи ҷаҳонӣ ҷомаи амал мепӯшад. Вале ӯ сахт иштибоҳ карда буд. Искандар аз огози лашкаркашӣ ба марзҳои Бохтару Сугд бар хилофи интизораш ба муқовимати шадиди мардуми ин сарзамин дучор омада, дар тасхири ин ду вилоят назар ба тамоми вилоятҳои забткардаи қаламрави Ҳахоманишӣ ранҷу заҳмати зиёде кашид.

Ҳарчанд волии собиқи Бохтар - Бесс худро ба ҷои Дорои III шоҳаншоҳ эълон карда, лақаби Хашиёршоҳро гирифта буд, бар зидди Искандари Макдунӣ ягон муқовимати ҷиддие карда натавонист. Мувофиқи маълумоти муаррихони юнонӣ, ҳангоме ки лашкари сершумори Искандар дарёи Омӯро дар фосилаи 400 стадий (тақрибан 70 км) бо талафоти зиёд ва азобу машаққат убур мекарданд, аз ҷониби Бесс ягон муқобилияте надиданд. Ҳол он ки Бесс дар ихтиёраш 7 ҳазор ҷанговари савораи бохтарӣ ва ҳазорҳо сарбозони боқимондаи лашкари Дорои III ва қабилаҳои доиро дошт. Шояд барои чунин тарсӯӣ ва дуруст ташкил карда натавонистани муқовимат эътибори ӯ коҳид ва дере нагузашта ҳамсафонаш Бессро дастгир намуда, ба Искандар супурданд. Ва аз ҳамон лаҳза сар карда, муборизаҳои шадиди қаҳрамони халқи тоҷик Спитамен[1] баҳри озодию истиқлоли кишвар боло гирифт.

1. ***Спитамен*** (порсии бостон: ***Spitamana***, юнонии қадим ***Σπιταμένη***, соли 370-и пеш аз мелод - соли 327-и пеш аз мелод ), сипаҳсолори суғдӣ ва раҳбари шӯриши суғдиён ва балхиён бар Искандари Мақдунӣ (Искандари Зулқарнай, яъне Искандари Душоха) дар соли соли 329-и пеш аз мелод буд. Раҳбарии Спитамен ва ёрии сакоиҳо ин шӯришро яке аз муҳимтарин корзор дар ҷанг бо

Муборизаи Спитамен барои истиқлол ва озодӣ яке аз дурахшонтарин саҳифаҳои таърихи гузаштаи тоҷикон ба шумор меравад. То ҷое ки ба илми таърих даст додааст, талошҳои воқеии истиқлолхоҳӣ ва ватанпарастии бошууронаи тоҷикон аз давраи истилои Искандари Мақдунӣ чун як раванди муташаккили сиёсию иҷтимоӣ оғоз ёфта, дар таърихномаҳои воқеанигорони аҳди Искандар ва давраҳои минбаъда хеле равшан сабт шудааст. Даҳҳо муаррихони аҳди қадим - Арриан, Квинт Куртсий Руф, Диодор, Помпей Трог, Каллисфен ва дигарон Спитаменро чун рақиби тавонои Искандари Мақдунӣ ва лашкаркаши зираку боҳунар ба қалам дода, сифатҳои наҷиби ватандӯстӣ ва афзалияти ӯро аз охирин шоҳони Ҳахоманишӣ зикр намудаанд.

Ғалабаҳои бузург одатан аз пайи хатарҳои бузург ба даст меоянд. Спитамен бо душмани басо тавонoю маккор, лашкаркаши беҳамто ва шикастнопазир Искандари Мақдунӣ таҳти фармондеҳии сарлашкарони форс борҳо ҷангида, шоҳиди шикасти шармандавори онҳо гардида бошад ҳам, ин қазия ба муборизаҳои шадиди ӯ баҳри истиқлол алайҳи лашкари сершумори юнониву мақдунӣ монеъ шуда натавонист.

Мувофиқи хабари Квинт Куртсий Руф, ҳафт ҳазор ҷанговари саворaи бохтарию суғдӣ таҳти фармондеҳии Спитамен қарор доштанд, ки дар қиёс бо лашкари ҷангозмудаи пиёдаю савора ва вазнинярoқи Искандар қариб сӣ баробар кам буд. Спитамен ҷанговари касбӣ ва лашкаркаши набардозмуда буда, муборизаҳои озодихоҳонаи нахустини худро бар зидди душман ҳангоми аз сари қудрат рафтани Бесс оғоз намуд. Ӯ мактаби ҷангии порсҳоро гузашта, бурду бохти онҳоро дар қиёс бо амалиёти ҳарбӣ ва низоми лашкаркашии юнониён хуб омӯхта буд.

Искандар баъди қатли Бесс Навтоқро ишғол менамояд ва аз аҳолии маҳаллӣ аспи зиёде рабуда, сӯйи пойтахти Суғд шаҳри Мароқанд (Самарқанд) лашкар мекашад. Ӯ шаҳри Мароқандро ишғол намуда, бошитоб сӯйи Курушкада ё Киропол раҳсипор мегардад. Ҳадафи асосии лашкаркашии бошитоб он буд, ки Кирополро ҳарчи зудтар забт намуда, сари роҳи ба кӯмак омадани сакоиҳои соҳили муқобили Яксарт (Сирдарё)-ро бубанданд. Илова бар ин шоҳроҳи корвонгардро ба даст оварда, ворид шудани силоҳҳои ҷангӣ ва лавозимоти ҳарбиро пешгирӣ намоянд. Лашкари Искандар дар сари роҳи Киропол ба муқовимати шадиди мардуми

---

юнониён кард. Аммо сардорони сакоиҳо бар Спитамен хиёнат карданд ва ӯро аз тарси Искандар дар соли соли 327-и пеш аз мелод куштанд. Аммо шӯриш ҳамчунон то соли соли 327-и пеш аз мелод идома ёфт.

маҳаллӣ дучор меоянд ва муборизаҳои истиқлолхоҳии ниёгони мо бар зидди аҷнабиёни юнониву макдунӣ боло мегирад.

Илҳомбахш ва пешвои воқеии ин муборизаҳо Спитамен буд ва то нафаси вопасин баҳри озодию истиқлоли кишвараш талошҳо варзид. Нахустин талошҳои шадид ва набардҳои рӯ ба рӯи Спитамен бар зидди Искандари Макдунӣ дар Мароқанд рӯй додааст. Арриан хабар медиҳад, ки Искандар ҳангоми лашкар кашидан ба Киропол дар роҳи кӯҳӣ ба муқовимати шадиди 30 ҳазор нафар суғдиён дучор меояд. Дар ин ҷанги нобаробар лашкари сар то по мусаллаҳи юнониён, ки бар тан ҷавшанҳои фулузини тирногузар, шамшерҳои оҳанин, найзаҳои дароз ва лавозимоти ҷангии мукаммал доштанд, талафоти зиёде медиҳанд. Аз ҷониби сугдиён 22 ҳазор фидоӣ ҷон бохта, боқимондаҳо аз фишори отряди сершумори аҷнабӣ ақибшининӣ мекунанд.

Мудофиаи Киропол низ аз ҷониби сокинони шаҳр ва мардуми деҳкадаҳои ҳамсоя хуб ба роҳ монда шуд. Деворҳои мустаҳками қалъаи шаҳрро ҳатто бо манҷаниқ рахна карда натавонистанд. Искандари Макдунӣ дурудароз давом кардани муҳосираро пай бурда, фавҷи лашкарашро ба самти девори муқобили қалъа партофту мудофиачиёнро дар ғафлат гузошта, тавассути ноаён кофтани ҷӯйи обгузар ба шаҳр зада даромад. Сокинони шаҳр дар ҷангҳои кӯчагӣ муқобилияти сахт нишон доданд. Дар тӯли ин ҷангҳо Искандари Макдунӣ ва чандин сарлашкарони ӯ захм бардошта, оқибат Киропол ро ишғол намуданд.

Искандари Макдунӣ овораи забти Истаравшану Фарғона ва сохтани гарнизони ҳарбӣ дар Хуҷанд буд, ки Спитамен мардуми маҳаллиро муттаҳид намуда, бо дастаи ҷанговарон ӯрдуи лашкари дар Мароқанд будаи душманро торумор мекунад (соли 329-и пеш аз мелод) ва шаҳрро ба даст меорад.

«Вақте ки қӯшуни юнону макдунӣ дар такопӯи ишғол кардани Уструшан ва Фарғонаи Ғарбӣ буд, оташи шӯру исён тамоми мамлакати Суғд ва як қисми Бохтарро фаро гирифт. Искандари Макдунӣ миқёси шӯришро дарк накарда, ба кӯмаки гарнизони муҳосирашудаи Мароқанд қӯшуни на чандон калон (тақрибан 2500 нафар) фиристод. Вақте ки дастаи аскарони пештар фиристодаи Искандар ба Мароқанд наздик расид, Спитамен шаҳрро аз муҳосира озод намуда, зиракона ақиб нишаст. Аскарони юнонӣ ин аҳволро дида, суғдиёнро таъқиб карданд. Спитамен фурсати муносиб пайдо намуда, якбора пас гашт ва ба сари юнониён тохт. Арриан (IV, 5,8) мегӯяд, ки юнониён «рӯ ба гурез ниҳода, ба як ҷазирачаи байни дарё (дарёи Зарафшон дар назар дошта мешавад. *-Б.Г.*) паноҳ бурданд. Лекин

дар ин ҷо скифҳо ва аскарони савораи Спитамен онҳоро ба муҳосира гирифта, парронда маҳв карданд».[1]

Ин шикастҳои пайдарпай Искандари Мақдуниро сахт ба таҳлука овард. Киропол бар хилофи чашмдошти ӯ канораи олам набуд ва паҳноҳои сарзамини бузурге аз соҳили дигари Яксарт (Сирдарё) оғоз меёфт, ки дар ихтиёри сакоиҳои ҷасуру пархошҷӯй қарор дошт. Искандар бо фавҷи лашкари сершумор ба Самарқанд бозгашт, вале Спитамен нобаробар будани қувваҳоро дида, аз муҳорибаи рӯйирост даст кашид ва аз Самарқанд берун рафт.

Юнониён ба қатлу ҷазо додани аҳолӣ шурӯъ намуда, мардони калонсол ва кӯдаконро аз дами теғ гузарониданд, садҳо деҳаро оташ заданд, то ки чашми суғдиёнро тарсонда, муқовимати истиқлолхоҳӣ ва ошӯбу исёнро бишкананд. Аммо оташи шӯришу талошҳои истиқлолхоҳӣ бештар аланга мезад ва халқи қаҳрамони Суғд ба талафот нигоҳ накарда, мутеъ намешуд. Спитамен бо сипоҳиёни савораи тезгардаш аз ҳар тараф ба лашкари Искандар хуҷум оварда, ба истилогарон зарбаҳои ҷонкоҳ мезад.

Искандари Мақдунӣ аз мутеъ нашудани мардуми Сугд сахт барошуфта, ӯрдуи лашкарашро ба панҷ гурӯҳ тақсим намуд ва амр дод, ки ҳар каси дучоромадаро бераҳмона қатл намоянд. Мувофиқи хабари Диодор, дар натиҷаи ин кушторҳо дар саросари Суғд зиёда аз 120 ҳазор кас нобуд гашта, кулли деҳаву шаҳрҳои ин сарзамин басо харобу вайрона шуд. Ҳангоми ин хунрезиҳо Спитамен бо 600 сарбози савора ба ақибгоҳи Искандари Мақдунӣ гузашта, мубориза ро дар Бохтар огоз кард. Ӯ бо дастаи сарбозон ба гарнизонҳои Искандари Мақдунӣ ҳамла оварда, ҷанговарони юнониро қир мекард ва онҳоро ба таҳлука меовард.

Искандар ночор яке аз беҳтарин лашкаркашони хеш Кратерро бар зидди Спитамен равона кард. Дар натиҷаи муҳорибаи шадид Спитамен саду панҷоҳ сарбозашро талаф дода, сӯйи биёбон ақиб нишаст. Кратер аз таъқиб кардан ҳаросида, қафо гашт. Спитамен дастаи ҷанговарони худро аз ҳайати ориёиёни кӯчманчӣ пурра намуда, боз дар тӯли баҳору тобистони соли 328-и пеш аз мелод ба гарнизони душман зарбаҳои пайдарпай мезад ва юнониёнро ором намегузошт. Дастаи ҷанговарони Спитамен дар ин давра тақрибан се ҳазор сарбози савораро ташкил медод. Спитамен ба хотири пурра озод намудани Суғд боз ба ҷангҳои шадиди рӯ ба рӯ оғоз намуд. Дар яке аз набардҳои сахт Спитамен қариб 800 нафар сарбозашро талаф дода, ақибнишинӣ кард. Ҷанговарони бохтарию

1. Ғафуров Б. Тоҷикон. Китоби 1. -Душанбе, 1998. - С.129.

суғдӣ, ки аз ҷангҳои пайдарпай ва думболагириҳои Искандари Мақдунӣ хеле хаста шуда буданд, оқибат Спитаменро тарк намуданд. Спитамен бо дастаи боқимондаи лашкар ҳамроҳи сакоиҳо ва массагетҳо ба биёбон рафт.

Оид ба марги Спитамен ва рӯзҳои вопасини умри ӯ ду тахмин мавҷуд аст, ки якеаш ба муаррихи юнонӣ Арриан (IV, 17, 71) тааллуқ дорад. Мувофиқи маълумоти ӯ, ба сардорони қабилаҳои сакоиёни кӯчманчӣ хабар расид, ки Искандари Мақдунӣ ба хотири дастгир намудани Спитамен азми ба сарзамини онҳо лашкар кашидан дорад. Сарварони қабилаҳои массагетҳо барои пешгирии ин ҳуҷум сари Спитаменро аз тан ҷудо намуда, ба Искандари Мақдунӣ мефиристанд.[1]

Мувофиқи ахбори Квинт Куртсий Руф, Спитамен зани зебо ва фарзандони дӯстдорашро ҳангоми ҷангу ҷидолҳо пайваста ҳамроҳ мегардонд, то ки чун гаравгон ба дасти душман наафтанд. Зани ӯ, ки соҳиби се фарзанд буд, аз таъқиботу думболагириҳои пай дар пай сахт дилгир шуда, Спитаменро ташвиқ менамояд, ки ба Искандари Макдунӣ таслим гардад ва аз рӯйи ваъдаҳои ӯ зиндагии осудаҳолонаро пеш гирад.[2] Спитамен аз ин суханони занаш ба хашм омада, аз гояти қаҳру газаб ба ӯ ҳамла мекунад, вале бародарони занаш ӯро мераҳонанд. Боре баъди базми айшу нӯш занаш сари Спитамени дар хоби ғафлат мондаро аз тан ҷудо намуда, ба қароргоҳи Искандари Мақдунӣ меорад.

Ин андешаи воқеанигорони юнонӣ то кадом андоза асос дорад, ба ҳукми олимону муаррихон ҳавола мекунем. Вале дар ин лаҳза манзараи ба пеши Искандар овардани сари Спитамен дар тасвири нависандаи таърихнигори рус Василий Григоревич Ян пеши назар меояд.

Искандар баъди ба хуну оташу мусибатҳои сангин гирифтор намудани сарзамини Сугд дар Мароқанд ҳамроҳи маликаи ҷавон Рухшонак ва муқаррабонаш истироҳат мекард. Ба ин ҷамъомад рухсат пурсида ҳокими маҳаллӣ Датаферн ворид гардид ва дар пеши пои Искандар халтаеро гузошта, аз даруни он сари огушта ба хоку хунеро берун овард.

– Ин кист? - пурсид Искандар баробари дидани сари чашмонаш нимапӯш ва ҳанӯз ҷавон.

– Спитамен, -бо тантана арз намуд Датаферн.

– Ин сар ба ман хеле писанд аст, вале афсӯс, ки онро мисли сипару камони Доро ва ангуштарини Бесс доим ҳамроҳам гардонида наметавонам.

1. Гафуров Б., Цибукидис Д. Александр Македонский и Восток. -М., 1980. -С.263.
2. Ҳамон ҷо. -С.263-264.



*Дар осорхонаи Палатинаи шаҳри Рим пайкараи аслии Спитамен, ки 2230 сол пеш бо амри Искандари Мақдунӣ рассом-муҷассамасоз Лисипп аз сари бурида ва хунчакони ҷадди бузурги тоҷикон сохта буд, нигоҳдорӣ мешавад. Онро моҳи апрели соли 2009 нависанда ва драматурги тоҷик Ато Ҳамдам пайдо кард.*

Ва Искандар беҳтарин ҳайкалтароши юнонӣ Лисиппро ба ҳузур хонд, ки ин дам ба офаридани муҷассамаи ӯ машғул буд.

– Ту айнан нусхаи биринҷии ҳамин сарро офарида метавонӣ? -пурсид Искандар. -Ӯ аз ҳамаи лашкаркашону душманони то ин дам вохӯрдаам ҷасуртарину тавонотарин буд. Спитамен чун дигар ҳарифонам аз ман намегурехт, балки бо сарбозони камшумораш ба сари лашкари ман пайваста ҳамла меовард.[1]

Талошҳои истиқлолхоҳӣ ва ватанпарастонаи Спитамен яке аз дурахшонтарин саҳифаҳои таърихи муборизаҳои муташаккилонаи ниёгони суғдию бохтарии мо алайҳи истилогарон мебошад. Ин муборизаҳои шадид қариб чор сол идома ёфта, баъди марги Спитамен ҳам ором нагирифт ва Искандари Макдуниро водор намуд, ки даҳҳо истеҳкомҳои ҳарбию гарнизонҳои мудофиавӣ созад. Танҳо дар ҳудуди Бохтару Суғд, мувофиқи маълумоти Страбон, 8 шаҳр ва аз рӯи ақидаи Юстин, 12 шаҳр[2] бунёд намудааст, ки онҳо асосан барои нигоҳдорию муҳофизати отрядҳои юнониён ва зери итоат нигоҳ доштани сокинони ин сарзамин қомат афрохта буданд. Аз шаҳрҳои бунёднамудаи Искандари Макдунӣ то ба ҳол барои мо Искандарияи Ақсо (Хуҷанд), Искандарияи лаби Омӯ (тахминан дар Тирмиз ё Хатлон), Искандарияи Бохтар, Искандарияи Аррея (Ҳирот), Искандарияи Мароға (Марв) ва ғайра маълуманд, ки онҳо ғолибан моҳияти стратегию ҳарбӣ доштанд.

Баъди марги Спитамен ба тарафи Искандари Макдунӣ гузаштани ашрофон маънои интиҳо ёфтани муборизаро надошт. Аҳолии маҳаллӣ бар зидди истилогарон ниҳонию ошкоро бархоста, роҳи пешгирифтаи

1. Ян В. Собрание сочинений в четырех томах. Том 1. -М., 1998. - С.408-409.
2. История таджикского народа. Том Т. -Душанбе. 1998. - С.320.

Спитаменро идома медоданд. Марҳалаи охирини ин муборизаҳо дар ноҳияҳои марказии Бохтар, ҳангоми ҳаракати лашкари ӯ ба ҷониби дарёи Окс (Амӯдарё) рост меояд.

Мувофиқи ахбори сарчашмаҳо, яке аз сарлашкарони маъруфи Искандар Полиперхонт баъди муҳорибаҳои шадид Бубакенро мутеъ карда, барои пойдории ҳокимияти хеш шаҳри навбатии Искандарияро месозад, ки «аз рӯйи нишондодҳои баъзе муаллифон байни Тамлият ва Мунк, аз рӯйи дигар сарчашмаҳо, байни Ҳулбуку Мунк воқеъ гардидааст. Ҷойи ҳамаи ин нуқтаҳо маълум аст: Мунк дар ноҳияи Ховалинг воқеъ буд; Ҳулбук ба тарафи ҷануб аз Кӯлоб дар ҷойи деҳаи Қурбоншоҳид дар шафати дарёи Сурхоб; Тамлият дар ҷануби гузаргоҳи Вахш, наздики Норак. Дар яке аз ин ҷойҳо Полиперхонт Искандарияро бунёд намудааст».[1]

Вале хунрезию кушторҳои ваҳшиёна, ба ғуломию асорат бурдани ниёгони мо аз кӯдаки 7-сола то пири 70-сола, оташ задани шаҳру деҳкадаҳои Суғду Бохтар, бунёди истеҳкому гарнизонҳои ҳарбӣ ва шаҳрҳои қалъабандӣ азму иродаи истиқлолхоҳӣ ва муборизаҳои бардавоми аҷдодони бохтарию суғдии моро бар зидди аҷнабиёни юнониву мақдунӣ шикаста натавонист. Муборизаҳои пай дар пайи мутташаккилона, зери парчами озодию истиқлол гирд омадани қавму қабилаҳои мухталиф, иттиҳоди ҳадафманди сокинони шаҳру деҳот алайҳи душмани маккор ва дигар омилҳо ҳувийяти озодихоҳӣ ва ватанпарастиро дар ниҳоди мардуми Бохтару Суғд парвариш дод ва дар имтиҳонҳои басо душвори таърих озмуд.

Спитамен дар набардҳои нобаробар ҳалок шуда бошад ҳам, ҳамсафони ӯ Оксиарт, Сисимитр ва Ҳурриён дар қалъаҳои дастнораси кӯҳӣ ва шахҳои баланду устувор паноҳ бурда, душманро лаҳзае ором намегузоштанд. Қалъаҳои Суғд ва Бохтар аз ҷумлаи он истеҳкомҳои дастнораси кӯҳие буданд, ки нерӯҳои боқимондаи озодихоҳ дар онҳо гирд меомаданд. Ҳимоятгарони қалъа захираи кофии хӯроквори ва об доштанд ва муборизаро бе дудилагӣ идома медоданд. Искандари Мақдунӣ маҷбур шуд, ки пайроҳаҳои мушкилгузар ва вартаҳои хатарнокро паси сар карда, ба ҷанговарони фатҳкунандаи ин қалъаҳо маблағи гароне (12 талант ба фотеҳи нахустин ва 300 тангаи тиллоӣ ба фотеҳи охирин) пешниҳод намояд. Баъди фатҳи қалъаи Суғд, ба қавли Ю.Яъқубов, Искандар 30 нафар сарварони шӯришро дар кӯҳ мекушад ва ҳимоятгарони боқимондаро ба ғуломӣ дода, амволашонро ба тороҷ мебарад.[2]

---

1. Пянков И.В. Осиёи Миёна дар номаҳои бостон. -Душанбе, 1991. -С.58.
2. Яъқубов Ю. Таърихи қадими халқи тоҷик. -Алмаато. 2000. -С.161.

Мувофиқи маълумоти Арриан, Искандари Мақдунӣ баъди забти қалъаи Суғд аҳли оилаи Оксиартро (бо талаффузи маҳаллӣ *Вахшуварта* - ишора ба дарёи Вахш) асир мегирад, ки дар байни онҳо духтараш Рухшонаки ниҳоят зебо ҳам будааст. Ба гуфти Арриан, дар ҳусну ҷамол ва зебоӣ танҳо зани Дорои III ба ӯ баробар шуда метавонистааст. Искандар бо як нигоҳ ба Рухшонак ошиқ шуда, ӯро ба занӣ мегирад. Оксиарт инро пай бурда, ихтиёран ба ҳузури Искандар меояд ва бо иззату икром пазируфта мешавад.

Искандари Макдунӣ баъди талафоти гарон, заҳматҳои рӯзафзуни лашкаркашиҳо ва ҷангу ҷидолҳои бешумор роҳи созишро пеш гирифта, бо ашрофони бонуфуз ва ҳокимони соҳибэътибори Бохтару Суғд робитаҳои хешутабориро барқарор менамояд ва мансабу мақоми онҳоро нигоҳ медорад. Бо пеш гирифтани ин сиёсат Искандар дар байни аъёну ашроф ва ҳокимони собиқи Суғду Бохтар эътибор пайдо карда, дар мутеъ намудани ошӯбгарон ва саркӯб сохтани халқи озодихоҳ дастболо мегардад. Хиёнати табақаи аъёну ашроф ва рӯҳониёни бонуфуз аз як тараф ва марказият надоштани нерӯҳои шӯришгарон баъди сари Спитамен аз сӯйи дигар, боиси шикасти талошҳои истиқлолхоҳӣ гардида, охирин вилоятҳои қаламрави Хахоманишӣ - Бохтару Суғдро мутеи империяи паҳновари Искандари Макдунӣ менамояд.

Баъди талошу муборизаҳои шадид ва хунрезиҳои беадади қариб чаҳорсола Искандари Макдунӣ Бохтару Суғд ва дигар кишварҳои Осиёи Миёнаро ба ҳайати империяи худ муттаҳид намуда, баъди Хахоманишиён ба дуюмин империяи бузурги ҷаҳонӣ бунёд мегузорад. Империяи Искандари Мақдунӣ қаламрави давлати Ҳахоманиширо фаро гирифта, бар иловаи он давлатҳои Юнону Мақдуния ва дигар кишварҳои нимҷазираи Балканро муттаҳид мекард.

Искандари Макдунӣ баъди галабаи пайдарпай боре дар ҳузури сарлашкаронаш худситоиёна гуфта буд, ки рӯзе сарзамини Юнон ва қаламрави паҳновари Осиёро муттаҳид сохта, чун арӯсе оро медиҳаду баъди расидан ба каноран олам онро аз Офаридгор мерабояд. Ӯ тайи даҳ соли кишваркушоиву лашкаркашиҳо на ба канораи дунё расиду на оташи ошӯбу исёнҳоро дар қаламрави паҳновараш хомӯш кунонда тавонист. Алангаи шӯришу ошӯбҳои истиқлолхоҳиро нав дар як гӯшаи империя хомӯш мекард, ки хатари дар гӯшаи диғар боло гирифтани он ӯро осуда намегузошт.

Искандари Макдунӣ баъди фатҳи Бохтару Суғд оқибат азми Ҳиндустон намуда, се соли дигар дар қисматҳои Ҳиндустони Ғарбӣ - водии

Панҷоб лашкаркашиҳо намуд ва бо душворӣ қӯшунҳои филсавори ҳокими он Порро шикаст дод. Ӯ мақсад дошт, ки юриши худро ба водии дарёи Ганг идома диҳад, вале сарбозони хастаҳоли аз ҷангу ҷидол дилгиршудааш ӯро дастгирӣ накарданд.

Ӯ маҷбур шуд, ки дастаҳои ҷанговаронашро тақсим намуда, бо роҳи хушкӣ ва баҳр сӯйи Бобул раҳсипор гардад. Ба дастаи қӯшунҳои бо роҳи хушкӣ раҳсипораш худи Искандари Мақдунӣ ва ба сарбозони бо роҳи баҳрӣ равонааш сарвари флот Неарх роҳбарӣ мекард. Баъди азобу машаққатҳои гарон ва паймудани бероҳаҳои душворгузар лашкари Искандар ба Бобул баргашт ва худи ӯ соли 323-и пеш аз мелод, дар 33-солагӣ аз дунё гузашт. Ва ниҳоят империяе, ки аз паҳноҳои Дунай то сарзамини Ҳинд, аз баҳри Миёназамин то соҳили дарёи Сир доман афрохта, бузургтарин давлати дунёи қадим буд, баъди марги Искандари Мақдунӣ пароканда шуд ва дар ҳудуди он давлатҳои ҷудогона падид омаданд.

Ниёгони бохтарию сугдии тоҷиконро ба ҳайати давлати Ҳахоманишиён умумияти забон, умумияти мазҳаб, умумияти фарҳанги ориёӣ ва ниҳоят тақдири ягонаи таърихӣ муттаҳид сохта бошад, дар давраи истилои Искандари Мақдунӣ хувийяти ватанпарастӣ ва истиқлолхоҳии онҳо боло гирифта, баъди ҳалокати Спитамен ва пахш гардидани шӯришҳои халқӣ Бохтару Суғд ба тасарруфи истилогарони юнониву мақдунӣ даромаданд. Сабабҳои асосии шикасти талошҳои истиқлолхоҳӣ ва муқовимати мардуми Бохтару Сугдро мо бояд аз муташаккил набудани нерӯи шӯришғарон ва қувваи марказиятноки ҳарбӣ надоштани онҳо, ба табақаҳои доро ва мардуми бонуфузи маҳаллӣ муносибатҳои хешутаборӣ пайдо кардани Искандару сарлашкарони вай, инчунин ба аъёну ашроф ва ҳокимони собиқ додани мансабу имтиёзҳо ва дигар самтҳои сиёсати созишкоронаи ин лашкаркаши кишваркушо биҷӯем.

Ҳарчанд муборизаҳои шадиди истиқлолхоҳӣ ва ватандӯстии ниёгони мо таҳти сарварии Спитамен оқибат ба шикасту бебарориҳо дучор шуданд, корнамоиҳои бемислу монанди онҳо дар сафҳаҳои таърих то ба рӯзгори мо ба ёдгор мондааст. Мо имрӯз корнамоиҳои Спитамени диловар ва ҳамсафони ӯро қадршиносӣ намуда, барои зинда доштани номи нек ва хотираи бегазанди фарзандони фидоии Ватан ордени «Спитамен»-ро таъсис додем, ки он барои шуҷоату корнамоиҳои ватандӯстона ва идомаи анъанаи неки ҳифзи марзу буми сарзамини аҷдодӣ ба ворисони воқеии ин марди қаҳрамон дода мешавад.

Таърих корнамоиҳои фарзандони худро ҳаргиз фаромӯш намекунад. Дар саҳифаҳои таърихи миллати тоҷик садҳо ошӯбҳои хурду бузург сабт шудааст, ки ҳадафи аслии онҳо решакан намудани зулму истибдоди аҷнабиён ва расидан ба истиқлолу давлатдории миллӣ буд. Имрӯз ватани воқеии сугдиён - собиқ вилояти Ленинобод ба хотири риояи адолати таърихӣ *вилояти Суғд* ва ноҳияи собиқи Нов ба хотири корнамоиҳои безавол ва орзую ормонҳои наҷиби Спитамен ва ҳамсафони диловари ӯ *ноҳияи Спитамен* номида шудааст. Маҳз ҷонбозию талошҳои пай дар пайи Спитамен ва садҳо фарзандони фидоӣ буд, ки тоҷикон тавонистанд дар тӯли ҳазорсолаҳо фарҳанги давлатдории хешро нигоҳ дошта, ин суннати ориёиро пушт ба пушт то ба рӯзгори мо бирасонанд ва давлати миллии соҳибистиқлол, ягона ва беҳамтои хешро умри ҷовидона бахшанд.

# *ЗАРДУШТ*
# ПАЁМБАРИ ОЙИНИ РОСТИН



Шахсияти Зардушт дар таърихи инкишофи афкори маънавии инсоният чандон бузургу ҷозибанок аст, ки бисёр халқҳои бостонӣ ӯро аз нобиғагони ҷаҳони куҳан донистаанд. Ҳатто чунин халқе мисли юнониҳо, ки Ғарби муосир фарҳанги онҳоро сарчашмаи тамаддуни имрӯзаи худ медонад, аз айёми куҳан бо номи ӯ ошно буда, дар бораи дини ӯ маълумоти муайяне доштаанд.[1] Онҳо мувофиқи расму ойини бостонии худ, бо хатми ҳар садсола аз миёни доноёни он замон ҳафт нафар хирадманд интихоб мекарданд, ки дар пешрафту комёбии моддӣ ва маънавии халқи Юнон саҳми бештар гузошта бошанд. Ҷолиб аст, ки дар китоби «Строматӣ»-и Климентӣ Александронӣ дар миёни ҳафт нафар хирадмандони юнонӣ ду нафар ориёӣ, яъне Зардушт ва Абарис зикр шудаанд.[2]

Вале дар ҳамон давра ҳам юнониёни қадим дар бораи замони зиндагии Зардушт маълумоти дақиқ надоштанд. Масалан, қадимтарин муаррихи онҳо Ксанф, ки дар асри V-и то мелод зиста, аз Зардушт ёдоварӣ кардааст, замони зиндагии паёмбари дини нахустини яктопарастиро 6000 сол пеш аз лашкаркашии Хишоёршо ба Юнон муайян кардааст. Вале муаррихони дигари Юнони қадим Николаи Дамаскӣ ва Диогени Лаэртӣ, ки аз осори Ксанф истифода кардаанд, ин санаро 600 сол пеш аз лашкаркашии номбаршуда зикр намудаанд. Тавре ки маълум аст, Хишоёршо - писари Дорои I ба Юнони қадим дар ҳудуди соли 480-и то мелод ҳамла карда буд.[3]

1. Муминджанов Х. Древнетаджикская и древнегреческая философии; тождество различия и различие тождества. В сб. Зороастризм и его значение в развитии цивилизации народов Ближнего и Средного Востока. -Душанбе, 2003. -С.29.
2. Фрагменты ранных греческих философов. -М., 1989. -С.94.
3. Мӯминҷонов Ҳ. Зардушт ва ойини ӯ. -Душанбе, 1993. -С.28.

Агар рақами аввалро афсонавӣ пиндорем, рақами дуюм то андозае ба ҳақиқат наздик аст (600+480=1080) ва ба асри XI-и то мелод рост меояд. Ктезиас (404-358-и то мелод), табиби дарбори ҳахоманишӣ замони зиндагии Зардуштро асри XIII-и то мелод, Свид асри X-и то мелод ва Плутарх 5000 сол пеш аз ҷанги Троя[1] донистаанд.[2]

Дар рисолае, ки ба Ориген нисбат дода шудааст ва дар бораи фирқаҳои мазҳабӣ ва ҷараёнҳои фалсафии замони бостон ҳикоят мекунад, Пифагор (582-497-и то мелод) - файласуф ва риёзидони маъруфи юнонӣ шогирди Зардушт номида шудааст.[3] Аз рӯи маълумоти ин китоб, Зардушт ҳамасри Пифагор аст.

Эудокс ва Арасту - муаррих ва файласуфи маъруфи Юнон замони зиндагии Зардушт - созмондиҳандаи ойини муғро, ки дорои афкори фалсафаю ахлоқист, 6000 сол пеш аз Афлотун донистаанд.

Таърихи суннатии зуҳури Зардушт дар ду рисолаи мазҳабӣ -«Бундаҳишн» ва «Ардовирофнома», ки дар асрҳои IX-X мураттаб шуда, меъёрҳои динӣ ва ахлоқии ин ойинро мавриди баҳс қарор додаанд, баён гардидааст. Дар онҳо космологияи зардуштӣ инъикос ёфта, мувофиқи он умри ҷаҳон аз 12 ҳазор сол иборат аст. Дар се ҳазор соли нахуст Худованд тамоми мавҷудоти оламро дар шакли ҷаҳони мусул[4-5] (олами идеяҳо), ки ҳамон ҷаҳони фравашиҳо аст, халқ кардааст ва дар ин сеҳазорсола аносири ҷаҳон беҳаракат буда, ҳамаи онҳо поку беолоиш будаанд. Ин давра дар «Бундаҳишн» бо номи «менӯг» зикр шудааст. Дар сеҳазораи дуюм, ки Аҳриман ба вуҷуд омад, тамоми ашёи ҷаҳон омехта гардида, давраи гумезишн оғоз шуд, ки ҳолати кунунии ҷаҳон аст.[6] Дар ин марҳала фурӯҳарҳо ба худ қолиби моддӣ гирифта, якҷо бо изадон ба ҳаракат ва мубориза мепардозанд. Сурати фалакӣ ё фурӯҳари Зардушт дар охири сеҳазорсолаи аввал ва ибтидои сеҳазорсолаи дуюм офарида шудааст. Ҳамин тариқ, ӯ 258 сол пеш аз инқирози салтанати ҳахоманишӣ ба пайғамбарӣ мерасад. Ба ибораи дигар, фравашии вай дар ҳудуди соли 630-и то мелод ба шакли қолиби моддӣ даромадааст.

Дар «Ардовирофнома» бошад, замони пайғамбарии Зардушт 300 сол пеш аз ҳамлаи Искандар ба империяи ҳахоманишӣ зикр шудааст. Чун

1. Ҷанги Троя дар ҳудуди асри XII-и то мелод сурат гирифтааст.
2. Пури Довуд. Ясно. Ҷ.1. -Теҳрон, 2536. -С.15 ба баъд.
3. Кузнецов Б.И. Древний Иран и Тибет. -Санкт-Петербург, 1998. -С.232.
4. Ҷаҳони фравашии «Авесто» бо ҷаҳони мусули Афлотун баробар аст.
5. Моле М. Эрони бостон. -Теҳрон, 1377. -С.121; Оштиёнӣ Ҷ. Зардушт. -Мюнхен, 1980. -С.60.
6. Оштиёнӣ Ҷ. Зардушт. -С.60.

ҳамлаи Искандари Макдунӣ ба Эроншаҳр дар соли 330-и қабл аз мелод сурат гирифтааст, таърихи таваллуди Зардушт дар ҳудуди соли 660-и то мелод муқаррар шудааст.[1]

Дар суннати мазҳабии маздаясно омадааст, ки Зардушт аз таблиғи дини худ дар ватани хеш ноком гардида, ба дарбори подшоҳи каёнӣ Виштосп раҳсипор гардид ва дар он ҷо динаш пазируфта шуд. Дар асоси ин ривоят, баъзе муҳаққиқон сулолаи каёниро бо сулолаи ҳахоманишӣ ва подшоҳони сулолаи Мод яке довиста, Кай Гуштосп - подшоҳи каёниро бо Виштосп - падари Дорои 1 монанд кардаанд. Зардушт дар «Готҳо» аз Кай Гуштосп тавре сухан меронад, ки гӯё ӯ шоҳи афсонавӣ набуда, шоҳи зиндаи қодиру тавоност ва ҷалолу ҷабарути вай мояи тарсу ҳароси подшоҳони дигар аст. Ҳертсфелд ва Ҳертел тасаввур кардаанд, ки Кай Гуштоспи «Авесто» ҳамон Виштоспи падари Дорои 1 (522-486-и то мелод) аст, ки аз номи писараш дар вилояти Порт ё Парсава фармонраво буд. Худи Доро дар катибаи Беҳсутун аз падари худ ҳамчун яке аз шаҳрбонҳои маъмулӣ ном мебарад. Доро дар ин сангнавишта чунин овардааст: «Парсава (бахше аз Эрон, Туркманистон ва Ӯзбекистони кунунӣ) ва Варкона (Гургон) зидди ман шӯриш бардоштанд ва худро ҳонибдори Фравартиш эълон карданд. Мардуми он ҷо аз падарам Виштоспа, ки дар Порт буд, итоат накарданд. Он гоҳ лашкар, ки ба Виштосп вафодор монда буд, берун рафт ва дар як шаҳри Порт ба номи Виспа Узатиш ба мубориза пардохт. Аҳуромаздо ӯро ёрӣ намуд, ба хости Аҳуромаздо Виштоспа лашкари шӯришиёнро саркӯб кард. Ин ҳодиса дар 22-юми моҳи вияжна (5.11.521-и то мелод) рӯй дод». Доро дар охири ин катиба мегӯяд: «Ман аз Рай лашкаре ба ёрии Виштоспа фиристодам ва дар як шаҳри Порт бо номи Патиграбона дубора дар аввали моҳи гармапада (мутобиқ бо 3.IV. 520-и то мелод) ҷанге воқеъ шуд ва Виштоспа қувваи шӯришиёнро дарҳам шикаст ва кишвари Порт дигарбора зери фармони ман даромад».[2] Аз ин далелҳо чунин бармеояд, ки аввалан, Виштоспа - падари Доро соҳиби унвони шоҳӣ намебошад. Сониян, суннати зардуштӣ Балхро ба унвони марказ ва пойтахти ин шоҳ зикр менамояд. Дар асоси далели боло Ҳертел ва Ҳертсфелд Зардуштро ҳамасри Доро ва падари вай медонанд.

Омӯзиши илмии дини маздаясно, «Авесто» ва паёмбари он дар асри XVIII шурӯъ шуда, то ба имрӯз идома дорад. Дар ин давра дар баробари таҳқиқоти васеи осори хаттӣ забоншиносии муқоисавӣ падид омада,

1. Муин М. Маздаясно ва адаби порсӣ. -Теҳрон, 1338. -С.97-99.
2. Хрестоматия древного Востока. -М.,1978. -С. 492.

ковишҳои нисбатан васеи бостоншиносӣ сурат гирифтанд. Риштаҳои мутазаккираи илм, ба иловаи топография, топонимика, ономастика барои равшан кардани таърихи бостон ҳаҷми зиёд ва рангоранги маълумотро дар ихтиёри олимон гузоштанд. Партав ва муҳтавои ин маълумот донишмандонро ба кашфи бисёр мушкилот, аз он ҷумла, ба таъини замони зиндагии Зардушт наздик кард. Вале сарфи назар аз он як гурӯҳ муҳаққиқони муосир, аз ҷумла, Ҳеннинг, Алтхайм, Мейе ва ғайра таърихи суннатии ба паёмбарӣ баргузида шудани Зардуштро пазируфтаанд.

Ҳеннинг дар натиҷаи таҳқиқи ҳамаҷонибаи таърихи суннатӣ се давраро ҳамчун замони зиндагии Зардушт пешниҳод кардааст: 553-650; 551-628; 541-618.[1] Бобоҷон Ғафуров низ дар «Тоҷикон» таърихи суннатиро ҷонибдорӣ карда, замони зиндагии Зардуштро охири асри VII - аввали VI-и то мелод ҳисоб мекунад, вале эҳтимол медонад, ки он чанд сада пештар бошад.[2]

Ҳиндушиноси маъруфи ҳолландӣ Ф.Кейпер чунин мешуморад, ки забони Зардушт, ки аз унсурҳои умдаи лаҳҷаҳои гуногун мураттаб гардида, забони адабии он замон мебошад, аз бисёр ҷиҳат нисбат ба забони «Ригведа» бостонитар аст. Вай аз рӯи муқоиса ва меъёрҳои забоншиносӣ замони зиндагии Зардуштро пеш аз соли 800-и то мелод медонад.[3]

Гурӯҳи дигар ба замони қадимтар ишора менамоянд. Масалан, Ломмел назарияи Ҳертелро дар бораи он ки Гуштоспи «Авесто» падари Дорои 1 аст, ба куллӣ беасос медонад. Вай ба катибаи Саргон - подшоҳи Ошур, ки дар соли 714-и то мелод тартиб дода шуда, дар он номи Маздо ба чашм мехӯрад, ишора кардааст. Дар асоси ин катиба вай зуҳури Зардуштро хеле пеш аз соли 714-и то мелод ва пеш аз салтанати Ҳахоманишиҳо ва Модҳо медонад. Эдуард Мейер ҳам ба катибаи подшоҳони Ошур ишора менамояд. Дар онҳо номи баъзе аз ашрофони модӣ *Маздаҳу* номида шудааст. Вай ин номҳоро нишонае аз маздопарастии қабилаҳои Мод дониста, даврони зиндагии вахшури ориёиро пеш аз садаи 1000-и то мелод намешуморад.[4]

Ҳарлез ба ривоятҳои юнонӣ дар бораи замони ҳаёт ва фаъолияти Зардушт аҳамияти нисбӣ дода, ба ҳуҷҷату катибаҳое, ки марбут ба садаи XIV-и то мелод дар наздикии Анқара ба даст омадааст, таваҷҷуҳ намудааст. Вай забони «Готҳо» ва санскритро муқоиса карда, ба чунин

1. Оштиёнӣ Ҷ. Зардушт. -С.41-42
2. Гафуров Б. Таджики. -С. 64.
3. Кейпер Ф.Б.Я. Труды по ведийской мифологии. -М., 1986. -С. 9.
4. Оштиёнӣ Ҷ. Зардушт. -С.62.

хулоса омадааст, ки ин замон набояд аз садаи XIV-и то мелод поёнтар бошад. Бартоломе даврони зиндагии паёмбари ориёиро дар асри IX-и то мелод ва Везендонг дар миёни садаҳои 1000 ва 900-и то мелод донистаанд. Виндишман, Гейгер, Тил, Олденберг ривояти суннатии зиндагии Зардуштро комилан нодуруст дониста, онро бо далелҳои муътабар рад мекунанд ва даврони ҳаёту фаъолияти ӯро дар ҳудуди солҳои 1200 то 800-и то мелод медонанд.[1]

Авестошиноси немис Мултон бар зидди онҳое, ки Зардуштро шахсияти афсонавӣ ҳисоб мекунанд (Гусинг, Дармстетер) баромада, ибрози эътимод мекунад, ки таронаҳои Зардушт дар давраи бисёр қадим падид омадаанд. «Готҳо», образҳои ба вуҷуд овардаи он, эҳсосоти Зардушт, одамон ва муносибатҳои онҳо бо паёмбар аз он ҳикоят мекунанд, ки гӯяндаи ин сурудҳо шахси таърихӣ буда, нобигаест, ки асари бузургеро ба вуҷуд овардааст. Мултон ба воситаи назарияҳои нуҷумӣ аз истилоҳоти «Готҳо» чунин хулоса мекунад, ки зуҳури Зардушт байни солҳои 1800 то 900-и то мелод аст.[2]

Авестошиноси маъруфи англис Мэри Бойс дар китоби худ «Зардуштиён» замони зиндагии паёмбари ориёиро байни солҳои 1500 ва 1200-и то мелод дониста, дар таҷдиди ин асар дар асоси таҳқиқи лаҳҷа ва истилоҳоти «Готҳо» ба чунин хулоса омадааст, ки Зардушт дар ҳудуди солҳои 1200-и то мелод умр ба сар бурдааст.[3] Ин мутахассиси номдори «Авесто» дар китоби наваш «Чакидаи таърихи кеши Зардушт» ақидаҳои худро чунин баён месозад: «Сулолаи ҳахоманишӣ ҳадди ақал аз замони Куруш,[4] яъне дар миёнаҳои садаи VI-и то мелод дини зардуштиро пазируфта буданд».[5] Онҳоро низ мисли соири қабилаҳои Порс муғҳои Мод ба ин дин ташвиқ карда буданд. Ба фикри ӯ, худи муғони Мод низ пеш аз соли 700-и то мелод ин динро пазируфта наметавонистанд. Аз ин чунин хулоса мегирад, ки матнҳои «Авесто»-и навшуда бояд пеш аз ин таърих ба шакли қатъии худ даромада бошанд. Сипас барои ёфтани далел ба «Авесто» мурочиат мекунад. Дар «Фарвардиняшт» (банди 97) ба ному фравашии Саена[6] ном шахсе дуруд фиристода шудааст. Пас аз гузашти замоне дар банди

1. Кристенсен А. Каёниён. -С.26.
2. Оштиёнӣ Ҷ. Зардушт. -С.63.
3. Бойс М. Зороастрийцы. -М., 1988. -С.27; Зороастрийцы. -Санкт-Петербург, 2003. -С.18.
4. *Куруш* - поягузори сулолаи Ҳахоманишиён дар моҳи августи соли 530 аз ҷониби массагетҳо - яке аз қабилаҳои ориёии Осиёи Марказӣ кушта шуд (Гафуров Б. Таджики. -Душанбе, 1989. -С.88).
5. Бойс М. Чакидаи таърихи кеши Зардушт. -Теҳрон, 1377. -С.40-41.
6. Дар «Авесто» *Саена* ба маънии *Симург* аст.

126-и ҳамин яшт ба ному фравашии касоне дуруд фиристода мешавад, ки наберагони ҳамин Саена мебошанд. Яъне Тиру Накасва, Утаюти ва Фруҳакафра. Ба фикри ӯ, агар ба ҳар насле 30 сол ҷудо кунем, аввал ин ки ҳамин бандҳои «Фарвардинъяшт» пас аз 90 соли банди 97 ба ин яшт ҳамроҳ карда шудааст. Сониян, барои тартибу тадвини комили он 100-150 сол зарур аст. Аз инҳо ва далелҳои дигар чунин натиҷагирӣ мекунад, ки яштҳои куҳани «Авесто» дар садаҳои XI-VIII-и то мелод таҳаввулу такомул пайдо кардаанд. Аз тарафи дигар, Саена писари Аҳумстут, ки аз ӯ дар банди 97 сухан рафтааст, нахустин рӯҳонии ориёӣ буд, ки мувофиқи «Авесто» ба беш аз 100 талаба тадрис мекард. Аз ин муҳаққиқ ба чунин хулосаҳо мерасад, ки дар он давра мактабҳои доимӣ ва босуботи мазҳабӣ амал мекарданд ва дини зардуштӣ чунон вусъату интишор пайдо карда будааст, ки дар пеши як нафар устод беш аз 100 шогирд тарбия шуда, ҳамаи онҳо ба ҷомеа ирсол мешудаанд. Ба ақидаи донишманд, барои он ки дини ҷадид ба чунин зинаи пешрафт ноил ояд, тахминан 150-200 соли дигар лозим аст. Ва аз ҷамъбасти ҳамаи инҳо ба чунин хулоса меояд, ки наздиктарин замони бунёдгузории дини зардуштӣ садаи XI-и то мелод мебошад.[1]

Ричард Фрай нисбат ба солшумории суннатӣ, ки ҳудуди соли 600-уми то мелодро даврони зиндагии вахшури ориёӣ мешуморад, асри X-и то мелодро санаи воқеитар медонад.[2] Артур Кристенсен дар бораи ин масъала чунин менависад: «Кеши зардуштӣ пеш аз муҳоҷирати бузурги қабоили ориёӣ дар миёни қабоили эронӣ мунташир шуда буд ва модҳову порсиён ҳангоме ки дар нимаи аввали қарни нӯҳуми қабл аз мелод ё дертар шурӯъ ба ҳаракат ба тарафи мамолики ғарбӣ карданд, ин кешро бо худ оварда буданд. Лекин баъдҳо, дар натиҷаи ҷудо гардидани ақвоми шарқӣ ва гарбии ориёӣ, ойини зардуштӣ ба суратҳои мухталифе дар ин минтақа такомул ёфт. Агар ҳақиқати амр ҳамин бошад, бисёр душвор аст, ки аҳди Зардуштро замони муаххир аз ҳазор соли пеш аз мелоди Масеҳ донист».[3] Чун овардани ҳамаи фикру мулоҳизаҳо аз имкони мо берун аст, ба асарҳое, ки фақат дар солҳои охир ба чоп расидаанд, иктифо мекунем. Масалан, авестошиноси маъруфи рус С.Н.Соколов дар муқаддимаи китоби «Авесто» дар тарҷумаҳои русӣ (1861-1996)» ақидаҳои гуногунро ҷамъбаст карда, ҷонибдори он аст, ки Зардушт дар давраи пеш

1. Бойс М. Чакидаи таърихи кеши Зардушт. -С.43.
2. Фрай Р. Наследие Ирана. -М., 2002. -С.52.
3. Кристенсен А. Каёниён. -Техрон, 1381. -С.9.

аз империяи ҳахоманишӣ (551-330-и то мелод) зиндагӣ кардааст.[1] С.Г. Кляшторний ва Т.И. Султонов даврони зиндагӣ ва фаъолияти паёмбари ориёиро охири ҳазораи 2 ва ибтидои ҳазораи 1-и то мелод ҳисоб мекунанд.[2] Донишманди дигари рус М.И. Стеблин-Каменский низ андешаи баъзе муҳаққиқони Ғарбро дар бораи афсонавӣ будани шахсияти Зардушт комилан рад карда, даврони зиндагии ӯро ҳудуди охири ҳазораи 2 ва аввали ҳазораи I-и то мелод зикр мекунад.[3]

В.Ю. Крюкова санаи М.И. Стеблин-Каменскийро тарафдорӣ карда, маҳалли хурӯҷи Зардуштро доманакӯҳҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷануби Урал то кӯҳҳои Саяну Олтой, ба шумули доманаи кӯҳҳои Тиёншон, Помир, Алтай ва Ҳиндукуш муайян мекунад.[4]

Дар ин бобат ибтикору ташаббуси донишмандони эронӣ низ қобили ёдоварӣ аст. Устод Иброҳим Пури Довуд ақидаи ҳамаи муаррихон ва файласуфони Юнони қадим ва Румро, ки дар ин мавзӯъ ибрози назар кардаанд, ҷамъоварӣ ва таҳлил намуда, дар охир аз ақидаи муаррихи юнонӣ, ки даврони зиндагии паёмбари ориёиро садаи XI-и то мелод медонад, ҷонибдорӣ кардааст.[5]

Муҳаққиқи дигари эронӣ Забеҳи Беҳрӯз менависад: «Зардушт дар соле, ки Кай Гуштосп ба тахт нишаста буд, мутаваллид шудааст. Дақиқӣ дар «Шоҳнома» таърихи ҷулуси Гуштоспро бо ин байт додааст:

*Ҳаметофт бар ҷаҳон яксара,*
*З-урдибиҳишт офтоб аз бара.*

Бинобар ин байт ду таърих барои мелоди Зардушт ба даст меояд. Яке соли 260-и то мелод ва дигаре соли 1767-и то мелод. Маълум аст, ки соли 260-и то мелод ба аҳди Зардушт тавофуқ надорад.[6]

Забеҳи Беҳрӯз дар натиҷаи таҳлили солшумориҳои бостонии Эроншаҳр (форсии қадими динӣ, яздигурдӣ, пешдодӣ ва баҳизакӣ) аз се тариқ соли таваллуди Зардуштро соли 1767-и то мелод хулоса кардааст, ки ба овардани яке аз онҳо иктифо намудем.[7] Муҳаққиқони дигари эронӣ Жолаи

1. Авеста в русских переводах. -Санкт-Петербург, 1997. -С.9.
2. Кляшторный С.Г., Султонов. Т.И. Государства и народы Евразийских Степей. -Санкт-Петербург, 2004. -С.24.
3. Стеблин-Каменский М.И. Авеста. -М., 1993. -С.3.
4. Крюкова В.Ю. Зороастризм. -Санкт-Петербург, 2005. -С.18.
5. Пури Довуд. Ясно. Ҷ.1. -Теҳрон, 2536. -С.110.
6. Беҳрӯз Б. Замони Зардушт. -Теҳрон, 1346. -С.5.
7. Мӯминзода Ҳ. Зардушт ва ойини ӯ. Бахши аввал. -Душанбе, 1993. -С.29.

Омӯзгор ва Аҳмади Тафаззулӣ даврони ҳаёт ва фаъолияти вахшури бостониро миёни садаҳои 1200 то 1000-и то мелод ҳисоб мекунанд.[1]

Ҷалолиддини Оштиёнӣ пас аз таҷзияю таҳлилу муқоисаи сарчашмаҳои ведоӣ ва «Авесто» ба чунин натиҷа расидааст, ки «Готҳо» ва «Ригведа» ҳамзамон тадвин гардида, таърихи зуҳури Зардушт дар асрҳои XVIII ва XIV-и то мелод сурат гирифтааст.[2]

Ақидаҳо дар бораи зодгоҳи Зардушт гуногун аст, ки овардани ҳамаи онҳо аз ҳудуди имкони мо хориҷ аст. Ба сабаби жарфияти замон, даврони бисёр дури зиндагии Зардушт, мавҷуд набудани далелҳои муътамаду боварибахш дар «Авесто» ва санадҳои катбии дигар муҳаққиқон маҷбур буданд, аксаран аз ишораҳои алоҳида, нишонаҳои ҷудогона ва далелҳои ночизу номуътамад хулосаҳои бузург дарёфт намоянд. Дар баробари ин норасоии дигаре низ вуҷуд дорад, ки он хулосабарориҳои ҷиддӣ танҳо дар асоси бозёфтҳои бостоншиносӣ мебошад.

Муаррих ва бостоншиноси маъруфи рус В.М. Массон, ки асарҳои илмӣ ва бозёфтҳои бостоншиносии ӯ дар бораи таърихи Осиёи Марказӣ қобили қабули тамоми донишмандони ҷаҳон қарор гирифтааст, дар ин бора менависад: «Воқеан бояд дар назар дошт, ки баҳсҳои бостоншиносӣ дар муқоиса бо ҳуҷҷатҳои катбӣ, одатан, ба хотири нигоҳдорӣ ва интиқоли маълумот ихтисос дода намешуданд. Онҳо фақат натиҷа ё ҳамсафари ин ё он ҷараёнҳое буданд, ки дар ҷомеаҳои бостонӣ ба вуҷуд омада, пеш аз ҳама, ҷараёнҳои културогенезро инъикос мекарданд. Аз ин рӯ, истифодаи маводи бостоншиносӣ дар азнавсозии манзараи таърихӣ эҳтиёти фаровонро тақозо мекунад».[3]

Чунин муносибатҳои якҷониба боис гардидааст, ки ҳудуди ватани Зардушт аз соҳили баҳри Миёназамин қариб тамоми Осиёро фаро гирифта, то ҳудуди Евразия муайян шавад. Бахусус, муаррихони асри миёна, ки таҳти таъсири таҳрифоти даврони сосонӣ қарор гирифта буданд, дар ин бобат маълумоти гуногун додаанд. Масалан, Табарӣ, Ибн-ал-Асир, Мирхонд чунин навиштаанд, ки ӯ аз аҳли Фаластин буда, фаъолияти мазҳабии ӯ дар қаламрави Озарбойҷони муосир сипарӣ шудааст. Муҳаммади Шаҳристонӣ дар асараш «Ал-милал ва-н-ниҳал» падари Зардушт Пурушасбро аз аҳолии Озарбойҷон ва модараш Дугдуяро аз мардуми Рай медонад.[4] Муаллифо-

1. Омӯзгор Ж. Тафаззулӣ А. Устураи зиндагии Зардушт. -Теҳрон, 1380. -С.22.
2. Оштиёнӣ Ҷ. Зардушт. -С.110.
3. Массон В.М. Историография древней истории Средней Азии. В сб. «Историография истории древного Вастока». -Санкт-Петербург, 2002. -С.50.
4. Донишномаи Эрони бостон. Ҷ. II. -Теҳрон, 1381.-С.1078.

ни «Низом-ут-таворих» ва «Нафоис-ул-фунун» вайро аз Хуросон ҳисоб карда, чунин мешуморанд, ки Гуштосп дар ин ҷо ба ӯ гаравидааст.

Ибни Хурдодбеҳ, Балозурӣ, Ибн ал-Фақеҳ, Масъудӣ, Ҳамзаи Исфаҳонӣ, Ёқут ва Қазвинӣ маҳалли валодати ӯро Урумияи Озарбойҷон гуфтаанд.[1] Китоби паҳлавии «Шаҳристонҳои Эрон» ӯро аз Рай гуфтааст.[2] Зоҳиран муаллифони он ба Яснои 19, банди 18 такя кардаанд, зеро ки дар он шаҳри Рай бо истилоҳи «Рагаи Зардушт» ёд шудааст.

Дар даврони омӯзиши илмии «Авесто» дар Аврупо, ки аз асри XVIII оғоз гардидааст, ҳамон мушкилот боқӣ монда, ба хотири равшан кардани даврони зиндагии Зардушт имрӯз ду риштаи нисбатан наве ба фаъолият оғоз карданд, ки пажӯҳишҳои бостоншиносӣ ва забоншиносии муқоисавӣ мебошанд. Ба илова, имрӯз таваҷҷуҳи инсонҳои бохирад, сарфи назар аз вобастагиҳои гуногуни онҳо ба гузаштаи худ, бахусус таърихи бостонӣ хеле афзуда, сафи донишмандон ва муҳаққиқонро бештар кардааст ва ба нерӯи пажӯҳишии онҳо вусъат бахшидааст. Бозёфтҳои бостоншиносии собиқ шӯравӣ дар солҳои 50-80-уми асри гузашта дар ҷануби Русия, Қазоқистони марказӣ, доманаҳои кӯҳҳои Тиёншон ва Помир, Ҳафтрӯд, дар Хоразму Бохтар ва бахусус кашфи Аркаим таваҷҷуҳи донишмандони ҷаҳонро ба ин минтақа ҷалб намуд.

Профессор Артур Кристенсен дар асари маъруфи худ «Каёниён» мубоҳисони маҳалли валодати Зардуштро ба се гурӯҳ тақсим карда, ба гурӯҳи аввал онҳоеро мансуб намуда, ки Зардуштро аз навоҳии гарбии Эрон медонанд, ба гурӯҳи дуюм онҳоеро ҷой дода, ки маҳалли валодати ӯро машриқи Эроншаҳри бостон мепиндоранд ва ба гурӯҳи сеюм назари онҳоеро номбар кардааст, ки ба фикри онҳо, Зардушт дар мағриби Эрон таъқиб шуда, барои интишори ойини хеш ба машриқи ин кишвар рафтааст.

Ин донишманди даниягӣ нисбат ба он ки эрониён дар давраҳои мухталифи таърихӣ мувофиқи манфиати сиёсии худ маҳалли «Айиряна Ваеҷа» - ватани Зардуштро тағйир медоданд, чунин менависад: «Дар оғози давраи Ашкониён «Айиряна Ваеҷа»-ро ба ноҳияи Хоразм интиқол дода буданд ва ҳол он ки баъдҳо, ки маркази шоҳаншоҳӣ муҷаддадан ба мағриби Эрон интиқол ёфт, саъй шуд, ки «Айиряна Ваеҷа»-ро дар ҳудуди Озарбойҷон ҷустуҷӯ кунанд».[3]

---

1. Муин М. Маздаясно ва адаби порсӣ. -С.60-65.
2. Оштиёнӣ Ҷ. Зардушт. -С.31.
3. Кристинсен А. Каёниён. -Теҳрон. -С.4.

Бо вуҷуди ин ки имрӯз ба бисёр масъалаҳои таърихи дури гузаштаи ин минтақа равшанӣ андохта шуда, дар масъалаҳои гуногун дидҳои ҷадид ва мулоҳизоти наве падид омадаанд, маҳалли сукунату зиндагии Зардушт то ҳанӯз ба таври дақиқ мушаххас нагардидааст. Масалан, Бартоломе зодгоҳи Зардуштро шимолу ғарбии Эрон медонад. Ба фикри ӯ, ин паёмбар мактаби худро дар Озарбойҷон поягузорӣ карда, баъдан маҷбур гардид ба минтақаҳои шарқи Хуросон ва Афғонистони кунунӣ муҳоҷират намояд. Чун вай дар қаламрави давлати каёнӣ қарор дошт, Гуштосп - подшоҳи мамлакат ба вай имон оварда, пайрави ӯ гардид.[1] Ба ақидаи ин донишманд, густариши дини маздаясно дар атрофи кӯли Ҳомун, воқеъ дар ҷануби Афғонистон оғоз гардида, ба сӯи шимол интишор пайдо кардааст. Чун растохез дар атрофи кӯли Чаечести авестоӣ огоз хоҳад шуд ва Ҳертсфелд онро кӯли Ҳомун медонад, ба ақидаи ӯ, маҳалли зуҳури вахшури ориёӣ ин ҷост.[2] Профессори дигари немис Гелднер хостгоҳи паёмбарро, бино ба таҳлили забони «Готҳо» ба минтақаи байни Парфия ва дарёи Ҳинд нисбат медиҳад. Вай маҳалли пайдоиши «Ведаҳо» - китобҳои муқаддаси ҳиндуёни қадимро Ҳинди муосир ҳисоб карда, нисбат ба шабоҳати забонӣ маҳалли пайдоиши «Авесто»-ро дар ҳамсоягии он, яъне Систони имрӯза медонад ва аз ин хулоса мебароранд, ки зуҳури Зардушт дар ин сарзамин сурат гирифтааст.[3] Ричард Фрай ҳам забони ду лаҳҷа - «Готҳо» ва «Хурда Авесто»-ро муқоиса карда, мутмаин аст, ки ин забонҳо бо забони вилоятҳое, ки дар байни биёбонҳои марказӣ ва кӯҳҳои Афғонистон қарор доранд, бештар мувофиқат мекунанд.[4]

Чун падари Дорои 1 (522-486-и то мелод) Гуштосп ном дошта, ҳокими яке аз сатрапҳои шарқии империяи ҳахоманишӣ будааст, Ҳертел падари Дороро ҳамон Гуштоспи «Готҳо» дониста, муътақид аст, ки Зардушт дар ғарби Эрон ба камол расида, баъд ба хотири густариши дини худ ба шарқ муҳоҷират намудааст. Ба фикри ӯ, Зардушт дар дарбори Гуштоспи ҳахоманишӣ - ҳокими Парсава пазируфта шуда, дар шахси ӯ пуштибон ва ҳимоятгари худро пайдо кардааст. Ҷексон низ боварӣ дорад, ки Зардушт аҳли Озарбойҷон ва ватани модари ӯ ҳамин минтақа аст. Баъдан вай ба сӯи шарқ равон шуда, «Готҳо»-ро дар он ҷо танзим кардааст. Сабаби ин ки баъзеҳо маҳалли валодати ӯро бахшҳои ғарбии Эрон ташхис додаанд, иборат аз он аст, ки Рай ва Озарбойҷон дар давраи Ашкониён ва

1. Оштиёнӣ Ҷ. Зардушт. -С. 31.
2. Кристенсен А. Каёниён. -Теҳрон, 1381. -С.4.
3. Оштиёнӣ Ҷ. Зардушт. -С.21-24.
4. Фрай Р. Наследие Ирана. -М., 2002. -С. 55.

Сосониён марказҳои муҳими дини зардуштӣ буда, оташкадаҳои маъруфи бостонӣ ба он ҷо интиқол дода шуда буданд.[1]

Чизи муҳими дигаре, ки дар ин ҷо бояд зикр кард ва он ба таъини маҳалли валодати Зардушт халал мерасонад, иборат аз он аст, ки сарнавишти дини маздаясно пас аз интиқоли он аз шарқ ба ғарб дар ихтиёри муғони модӣ қарор гирифт[2] ва онҳо на танҳо дар ҷугрофия, балки дар муҳтавои «Авесто» тағйироти фаровон ворид намуданд. Аз ин рӯ, дар бораи ҳаёту фаъолияти Зардушт ривоятҳои гуногуни суннатии мазҳабӣ мавҷуд аст, ки маҳалли зиндагии ӯро дар минтақаҳои мухталиф нишон медиҳанд.[3]

Мувофиқи яке аз онҳо, Зардушт дар хонаводаи подшоҳони Мод ба дунё омадааст. Зодгоҳи ӯ дар Озарбойҷон, дар соҳили кӯли Урумия мебошад. Исми хонаводагии ӯ Спитама, номи падараш Пурушасп ва модараш Дугду будааст. Падари ӯ марди донишманду фозил буда, модараш духтари яке аз ашрофони эронӣ мебошад. Пас аз таваллуд номи Спитама, ки номи бобои Зардушт буда, ба ӯ гузошта шудааст. Яке аз муъҷизаҳое, ки Зардушт ҳангоми таваллуд нишон додааст, гӯё ин аст, ки вай бо садои ханда қадам ба ин ҷаҳон ниҳодааст. Пас аз таваллуд вай муъҷизаҳо ва кароmоти зиёде нишон додааст. Вай дар 15-солагӣ аз ҳамсолон канорагирӣ карда, аксаран дар олами фикру андеша будааст. Дар 30-солагӣ Зардушт ба нубувват маъбус гардида, дар чеҳрааш нури илоҳӣ дурахшидааст. «Готҳо» тавассути ваҳйи худовандӣ ба ӯ дар кӯҳи Сиблони, воқеъ дар Озарбойҷон мерасад. Вай дар ғарби Эрон 12 сол дини худро таблиғ кард, вале чун дар ин минтақа гӯши шунавое пайдо накард ва мавриди таъқиби рӯҳониёни динҳои политеистӣ ва табақаи ҳокими замонааш қарор гирифт, маҷбур ба тарки зодгоҳи худ шуд. Ӯ аз ғарби мамлакат ба шарқи он, яъне навоҳии Балху Хоразм раҳсипор шуда, дар он ҷо ба таблиғи дини худ пардохт.

Дар Бохтар Гуштосп - подшоҳи он сарзамин бо мушкилоти зиёде ба дини вай имон овард. Интишори дини Зардушт аз Бохтар оғоз гардида, ба сарзаминҳои дигар гузаштааст. Дар густариши дин ба ӯ Гуштосп - подшоҳи охирини каёнӣ, Фрашуштра ва Ҷомосп - вазири вай ҳомӣ ва пуштибон гардиданд. Арҷосп - подшоҳи Тӯрон душмани асосии интишори дини Зардушт буд. Пас аз 35 соли зуҳур ва инкишофи дини маздаясно, Зардушт дар яке аз ҷангҳои охирине, ки байни Гуштосп ва Арҷосп сурат

1. Оштиёнӣ Ҷ. Зардушт. -С.21-24.
2. Авеста в русских переводах. -С.13.
3. Мӯминҷонов Ҳ. Тӯрон - гаҳвораи тамаддуни ориёӣ. -С.39-42.

гирифт, дар синни 77-солагӣ кушта шуд. Номи қотили ӯро тӯроние бо исми Бротрукраш овардаанд.[1]

Донишманди эронӣ Ҷалолиддини Оштиёнӣ ақидаҳоеро, ки тибқи он шимол ва шимолу ғарбии Эрони муосир ва Озарбойҷон ватани Зардушт аст, ҷамъбаст намуда, чунин навиштааст: «Тақрибан тамоми донишмандоне, ки маҳалли валодати Зардуштро дар ғарби Эрон донистаанд, таҳти таъсири ривояти суннатӣ ва устураи мазҳабӣ қарор гирифта, ҳеҷ гуна далеле ғайри ин ривоятҳо пешниҳод накардаанд. Дар ҳоле ки имрӯз мусаллам шудааст, ки ин сарчашмаҳо ба ҳеҷ ваҷҳ асолат надоранд. Ҷолиб аст, ки худи ҳамин муҳаққиқон ин ҳақиқатро таъйид мекунанд. Дар баррасии шарҳи ҳоли Зардушт мантиқ ҳукм мекунад, ки бо равиши систематикӣ ба кашфи ҳақиқат пардозем ва чун ривоятҳои суннатӣ дар рӯи устураҳои афсонагун устувор аст, аз такя ба онҳо парҳез намоем».[2]

Дар илми авестошиносӣ, мисли соири илмҳо, ҳар таҳқиқи ҷиддӣ, ки аз ҷониби пажӯҳишгарон сурат мегирад, ба гӯшае аз мубҳамот ва норавшаниҳои мавзӯъ равшанӣ меандозад. Чун имрӯз заминаи амалии таҳқиқ васеъ гаштааст, аксари донишмандон дар натиҷаи таҳлили амиқи матнҳои «Авесто», муқоисаи он бо «Ведаҳо», сарчашмаҳои паҳлавӣ, осори муаррихони асрҳои миёна ва бахусус истифодаи васеи бозёфтҳои бостоншиносӣ, топография, томонимика, забоншиносии муқоисавӣ ба чунин хулоса омадаанд, ки зодгоҳи вахшури ориёӣ дар шарқ ва шимолу шарқии Эроншаҳри бостон воқеъ будааст.

Рукниддини Ҳумоюнфаррух - яке аз донишмандони Эрони муосир дар ин бора навишта: «Ба тавре ки медонем, он 16 кишвар[3] ҳама дар шарқи Эрон ҳастанд, бинобар ин дар «Авесто» ному нишони як шаҳр ё як кишвари воқеъ дар гарби Эрон наомада ва метавон гуфт, ки ин маврид беҳтарин далелу гувоҳи содиқ аст ба ин ки Зардушт ҳеҷ гоҳ дар ғарби Эрон ва ё Озарбойҷон назистааст, чӣ агар ҷуз ин буд, имкон надошт, аз зодгоҳи худ мутлақан ёде накунад ва номи кишвар ё шаҳрро набарад».[4] Зултсер - шарқшиноси олмонӣ дар баррасие, ки дар соли 1979 ба амал оварда буд, навиштааст, ки то садаи охирин назарияе, ки дар замони Сосониён аз тарафи теологҳои зардуштӣ баён мешуд ва мутобиқи он Зардушт аз шимолу ғарбии Эрон, сарзамини Модҳо ё Озарбойҷон реша

1. Баҳор М. Пажӯҳише дар асотири Эрон. -С.190-213; Омӯзгор Ж., Тафаззулӣ А. Устураи зиндагии Зардушт. -Теҳрон, 1380. -С.29-46.
2. Оштиёнӣ Ҷ. Зардушт. -С. 26.
3. Донишманд 16 кишвареро дар назар дорад, ки дар фаргарди аввали «Вандидод» зикр шудаанд.
4. Маҷаллаи «Баррасиҳои таърихӣ», 1347, № 5. -С.299.

гирифта буд, мавриди қабул қарор гирифтааст. Ахиран собит шудааст, ки ин тасаввур фақат пояи сиёсӣ дошта ва фақат афсонае будааст. Аз ин фикр Дюшен-Гийемен ҷонибдорӣ кардааст.[1] Омили муҳими дигаре, ки донишмандон манотиқи ғарби Эронро мардуд медонанд, омили забонист. Забони авестоӣ дар муқоиса бо дигар забонҳои эронӣ забонест, ки мутааллиқ ба шарқи Эроншаҳри бостон аст ва дар ин китоб ҳеч нишоне аз вожаҳое, ки асли модӣ ё форсии бостон дошта бошанд, дида намешавад.[2]

Аз ин рӯ, дар охири нимаи аввал ва дуюми асри гузашта пажӯҳишгарон барои таъини зодгоҳи паёмбари дини нахустини яктопарастӣ ба шарқ ва шимолу шарқии Эроншаҳри бостон рӯ оварданд. Дар ин давра ҳам, чун таъини ҳудуди мушаххаси зодгоҳи Зардушт минтақаи васеъеро дарбар мегирифт, мушкилоти зиёде ба вуҷуд овард. Дар суннати зардуштӣ Балх (Бохтар) - маркази мазҳабии ин дин ба шумор мерафт. Аз ин ҷиҳат аксари донишмандони муосир ин маҳалро зодгоҳи паёмбар шинохтаанд. Масалан, Винденгрен ватани Зардуштро дар ҳудуди Хоразм, Бохтар, Суғд ва атрофи кӯли Арал нишон медиҳад. Зеҳнер бахшҳои шимоли Афғонистонро чунин минтақа медонад.[3] Неолӣ бар он аст, ки зодгоҳи Зардушт дар ноҳияе миёни Ҳиндукуш ва Ҳомун дар Афғонистон аст. Ба назари вай, шимолтарин ноҳияе, ки ҳудуди фаъолияти Зардушт будааст, Балх, Ҳирот ва ҷанубтарин ноҳия Заранг ва Рахҷ аст.[4] Маркварт маълумоти Ҳеродотро ба эътибор гирифта, ба чунин натиҷа расидааст, ки он водиҳои дарёи Таҷан мебошад.[5]

Имрӯз муҳаққиқон минтақаи Бохтарро, ки аз рӯи ривояти суннатии дини зардуштӣ маркази мазҳабии дини маздаясно ба шумор меравад, бо дастовардҳои имрӯзаи авестошиносӣ муқоиса карда, ҳоло ин маҳалро иқоматгоҳи муваққатии қабилаҳои эронӣ дар сари роҳи онҳо ба ватани таърихиашон медонанд. Гузашта аз ин, далелҳои забоншиносӣ, ки дар исботи масъала мақоми муҳим доранд, номувофиқатии забонҳои авестоӣ ва забони бохтарии қадимро ифшо намудааст. Дар пешгуфтори «Авесто дар тарҷумаҳои русӣ (1861-1996)» дар ин бора чунин навишта шудааст: «Масъалаи нақши Бохтар дар ташаккул ва марҳилаи ибтидоии инкишофи зардуштия бисёр муҳим аст. Замоне як гурӯҳ олимон лаҳҷаи бохтариро забони авестоӣ пиндошта, ин мамлакатро маҳди ватани Зардушт ва

1. Оштиёнӣ Ҷ. Зардушт. -С.33-34.
2. Омӯзгор Ж., Тафаззулӣ А. Устураи зиндагии Зардушт. -Теҳрон, 1382. -С.23.
3. Оштиёнӣ Ҷ. Зардушт. -С.33-34.
4. Омӯзгор Ж., Тафаззулӣ А. Устураи зиндагии Зардушт. -С. 24.
5. Маркварт И. Веҳруд ва Аранг. -Теҳрон, 1367. -С.14.

зардуштия дидан мехостанд. Ҳоло, зоҳиран, аз кӯшишҳои тавъам донистани забони «Авесто» ва забони бохтарӣ бояд сарфи назар карда шавад. Осори забони бохтарии тоза бадастомада, сарфи назар аз он ки ба замони дуртаре (асри XI-и мелодӣ) марбут аст, нишон медиҳад, ки забони бохтарии куҳан ҳанӯз дар ҷараёни ташаккули худ нисбат ба авестоӣ ва забони умумии эронӣ бо роҳи дигаре рушд мекардааст».[1]

Аз ин рӯ, донишманди олмонӣ Шаедер маншаи Зардуштро дар шимолу шарқии Эроншаҳри бостон, яъне Туркистони шарқӣ ва минтақаи атрофи кӯли Арал медонад. Вай муътақид аст, ки Зардушт ҳеҷ гоҳ ба сарзамини кунунии Эрон, сарзамини Озарбойҷон ва ҳатто ба Афғонистон қадам нагузошта, ҳамаи ривоятҳои мавҷуда мазҳабӣ мебошанд, ки баъдан мураттаб гардидаанд.[2] Ба назари Нюберг – донишманди шведӣ, Зардушт дар ибтидо дар соҳили рӯди Сайҳун (Сир) зиндагӣ кардааст. Чун дини ӯро дар ватанаш напазируфтанд, вай аз он ҷо гурехта, ҷониби дарёи Ҷайҳун (Омӯ) муҳоҷират кардааст. Оҳиста-оҳиста дини ӯ то ба шаҳри Рай расида, он ба яке аз марказҳои мазҳабии Зардушт мубаддал гардидааст. Ба фикри ӯ, дар он замон дар тамоми Эроншаҳри бостон панҷ раҳбар ё сарвар вуҷуд доштааст: *иманапаити* - сарвари хона, *виспаити* - сарвари авлод, *зантупаити* - сарвари қабила, *даҳюпаити* - сарвари вилоят ё мамлакат ва *манупаити* - сарвари рӯҳонӣ ё мазҳабӣ.[3]

Алтҳейм, Хумбах, Миллз, профессор Лентс зодгоҳи Зардуштро дар бахшҳои шимоли шарқии Эроншаҳри бостон, бахусус, Бохтар, Суғд ва Туркистони шарқӣ ҳисоб кардаанд. Артур Кристенсен, ки «Готҳо» - таронаҳои Зардуштро мавриди мутолиаи амиқ қарор дода, бо таҳқиқоти замонааш мутобиқ гардондааст, дар ин бобат чунин навиштааст: «Аз ҷиҳати иқтисодӣ зоҳиран миллати «Готҳо» кӯчнишини зореъ буд. Дар он ҷо як ҳолати мутагайири иқтисодӣ мушоҳида мешавад, ки хоси Осиёи дохилӣ ва ҳамчунин сарзаминҳои мухталифи эрониёни даврони баъд аст. Дар ин ҷо қабила дорои масокини зимистонӣ ва муайяне буд, ки ба наҳви ибтидоӣ дар он ба зироат иштиғол дошт ва аз селобҳо ё рӯдхонаҳо барои обёрии арозии худ истифода мекард. Тобистонҳо ин қабила шурӯъ ба муҳоҷират ба чарогоҳҳо менамуд, ки маъмулан дар навоҳии муртафеъ ва дар кӯҳистонҳо қарор дошт».[4] Донишманд соҳаҳои ғуногуни ҳаёти мардуми «Готҳо»-ро мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода, дар охир

1. Авеста в русских переводах (1861-1996). -С.9-13.
2. Пури Довуд. Ясно. Ҷ.1. -С. 34-36; Оштиёнӣ Ҷ. Зардушт. -С.31-33.
3. Нюберг Г.Х. Динҳои Эрони бостон. -С.64.
4. Кристенсен А. Маздопарастӣ дар Эрони қадим. -Теҳрон, 1376. -С.22.

чунин менависад: «Бо таваҷҷуҳ ба ин муқаддамот, мавҷуд набудани ягон нишонаи осори тамаддуни Осиёи Улё (Осиёи ғарбӣ) дар «Готҳо», моро бар он медорад, ки сарзамини аслии кеши зардуштиро тақрибан дар шимол ё дар машриқи заминҳое тасаввур кунем, ки дар аҳди солифа маскани қабоили ориёӣ буда ва осори кӯчнишинии мақрун ба зироат дар он мушоҳида мешудааст. Қабоили зореъ, хусусан дар доманаҳои ҷибол ё дар шуаби арозии кӯҳистонӣ зиндагӣ мекарданд ва бинобар ин метавон қабоили вобаста ба тамаддуни «Готҳо»-ро сокини Суғд ё Фарғона ё Балх ва ба заҳмат Хоразм тасаввур кард».[1]

Мэри Бойс дар китоби ҷадиди худ «Чакидаи таърихи кеши Зардушт» бисёр проблемаҳои мавҷударо аз диди нав мавриди мутолиа қарор дода, дар натиҷаи таҳлили «Готҳо» дар бораи Зардушт чунин андеша иброз медорад: «Матнҳои авестоии куҳан, яъне «Готҳо» ва ду мантраи[2] муваҷҷаз ва ясной ҳафтҳот[3] дорои ишораҳо ва далелҳои гаронбаҳо ва боаҳамият дар бораи ҷомеаест, ки Зардуштро дар домани хеш парваронда буд. Ҷомеае, ки худро аз назари нажодӣ ва қавмӣ ошкоро якдасту якпорча медид ва ба ақвоми бегона ва нооориёӣ ишорае надорад. Ҷомеа назми устувор дорад, ки такрор ба такрор ба он ишора мешавад...

Он тасвире, ки аз мутолиаи матнҳо, аз ҷомеаи бостонии авестоӣ ба чашм мехӯрад, бо вазъи зиндагии иҷтимоии қавмҳое, ки дар охири ҳазораи 2-и то мелод дар шимоли рӯди Сайҳун (Сир) мезистаанд, мутобиқат дорад. Сарзамини паҳновари пӯшида аз саҳрою дашт ва ҷангалҳои кон ва рӯдсор ва кӯҳсоре, ки имрӯз бар он номи «Қазоқистон»-ро итлоқ мекунанд ва аз назари вусъат тақрибан баробар аст бо ниме аз масоҳати Аврупои Ғарбӣ».[4]

Забоншиноси забардасти рус В.И.Абаев Зардуштро намояндаи қабилаи тӯр дониста, маҳалли ӯро соҳилҳои дарёи Сир муайян мекунад. Ба фикри ӯ, Зардушт дар миёни ҳамқавмони худ ба тарғиби ойини ҷадид шурӯъ карда, онҳоро ба пайравӣ аз ойини маздаясно даъват намуд. Вале пайравони ойинҳои мухталиф, бахусус пешвоёни динии онҳо ба ӯ зиддият карда, ба таҳдиду таъқиб пардохтанд ва ӯ маҷбур гардид маҳалли сукунати худро тарк карда, мусофиратҳои дуру дароз анҷом диҳад.[5]

---

1. Кристенсен А. Маздопарастӣ дар Эрони қадим. -Теҳрон, 1376. -С.23.
2. Ҳар ҳоти 17-гонаи Зардушт бо номи *мантра* (тарона) ёд мешаванд.
3. Ясной 35 то 42 аз ҷиҳати қадимат ба «Готҳо» наздик буда, аз ҷониби шогирдони паёмбари ориёӣ навишта шудаанд.
4. Бойс М. Чакидаи таърихи кеши Зардушт. -Теҳрон, 1377. -С.44-49.
5. Абаев В.И. Скифский быт и реформы Зороастра. АО, т. 24. 1956. -С.23-56; Мӯминзода Ҳ. Зардушт ва ойини ӯ. -Душанбе, 1993. -С.36.

Ба вуҷуди он ки дар миёни ҷомеаи «Готҳо» ва қабилаҳои сакҳо (скифҳо) донишмандон гоҳе фосилаи ночиз ва гоҳе нисбатан тӯлонӣ қарор медиҳанд, бозёфтҳои бостоншиносӣ силсила ва пайдарҳамии фарҳангҳои авестоӣ ва сакоиро собит менамоянд. Бостоншиноси маъруфи рус А.Н.Бернштам, ки дар тӯли беш аз даҳ соли миёнаҳои асри XX масоҳати бузурги Осиёи Марказиро мавриди таҳқиқу ковишҳо қарор додааст, «Рангҳа»-ро номи бостонии дарёи Сир дониста, маҳалли пайдоиши зардуштияи ибтидоиро дар ноҳияи Ҳафтрӯд (доманаи кӯҳҳои Тиёншон ва Помир) медонад: «Мушоҳидаи умумии ин сарзамин ба мо имкон медиҳад, навоҳии марказиро аз маҳалҳои атроф ҷудо кунем. Ҷои шубҳа нест, ки маркази асосии тамаддуни сакоӣ моварои дарёҳои Или ва Чу ва бахусус водии дарёи Чу аст. Доманаҳои кӯҳҳои Тиёншон, бахусус Помир теппаҳои начандон калон дорад. Дар ин минтақа, дар водии дарёи Или, бахусус Турген, Иссиқ, Талгар ва шарқтар то водии Иртиш, шоҳқабилаҳои сакоиҳо зиндагӣ мекарданд».[1]

Дар Тоҷикистон низ солҳои охир дар заминаи пайдо кардани ватани мушаххаси Зардушт таҳқиқоти муайяне анҷом дода шудааст. Масалан, донишманди бостоншиноси тоҷик Юсуфшоҳ Ёқубов паёмбари ориёиро аз Бохтар, аз деҳкадае ба номи Дориҷ - Дуродж воқеъ дар Бадахшони Афғонистон ҳисоб мекунад. Вай дар мубоҳиса бо И.В.Пянков чунин далел меоварад, ки мутобиқи фаргарди XX-уми «Вандидод», деҳе ки Зардушт таваллуд шудааст, Дориҷ номида мешавад.[2] Бояд зикр кард, ки на танҳо дар «Вандидод», балки дар тамоми адабиёти динии зардуштӣ чунин рустое вуҷуд надорад. Мувофиқи «Вандидод» (фаргарди 19, банди 4, 11), «Бундаҳишн» (боби X) ва сарчашмаҳои дигари паҳлавӣ Дреҷо ё Дареҷа рӯди борониест, ки шохоби дарёи неки Даитя аст ва хонаи падари Зардушт дар соҳили он қарор дорад. Донишманди дигари Тоҷикистон И.В.Пянков рӯди Даргамро, ки дар боби 9-и «Бундаҳишн» омадааст, бо рӯди Даргом дар Суғд мувофиқат дода, он маҳалро зодгоҳи паёмбари ориёӣ медонад.[3] Муҳаққиқи дигар Ҳ.Мӯминҷонов дар асоси муқоиса ва мутобиқкунонии матнҳои «Авесто» ва адабиёти зардуштӣ, топография ва топонимикаи он бо дастовардҳои илми авестошиносии имрӯз ба чунин хулоса омадааст, ки зодгоҳи паёмбари ориёӣ дар гирду атрофи Иссиққӯл

1. Бернштам А.Н. Материалы и исследования по археологии СССР, № 26. Историко-археологические очерки Центрального Тяньшаня и Памиро-Алая. -М., 1952. -С.214.
2. Якубов Ю. К проблеме времени и места рождения Заратуштры. В сб. «Авеста в истории и культуры Центральной Азии». -Душанбе, 2001. -С.39.
3. Авеста в истории и культуре Центральной Азии. Матер. межд. конф. -Душанбе, 2001. -С.39.

ва вилояти куҳани Ҳафтрӯд, воқеъ дар Қирғизистон ва Қазоқистони муосир қарор дорад.[1]

Зардушт дар «Готҳо» дар бораи худ маълумоти мустақиме намедиҳад. Вале ҷолиб аст, ки тамоми фаъолияти Аҳуромаздо ва паёмбари ӯ дар «Айиряна Ваеҷаҳ» (Ориёвиҷ) сипарӣ мешавад. Фаргарди аввали «Вандидод» ин сарзаминро сарзамини аввалини офаридаи Аҳуромаздо муаррифӣ мекунад ва он дар тамоми бахшҳои «Авесто» муқаддас дониста шуда, сутуда мешавад. Кӯли муқаддаси Чаечест, дарёи неки Даитя, шаҳр ё зистгоҳи маъруфи бунёдкардаи Ҷамшед бо номи «Вараҷамкард», канал ё рӯди сохтаи Афросиёб - Новтог зодгоҳи Зардушт тахмин мешавад. Мувофиқи «Гузидаҳои Зотспарам» (фасли 2) мулоқоти нахустини Зардушт бо Аҳуромаздо - худованди бузург дар Айиряна Ваеҷаҳ ба амал омад. Ҳамин сарчашма (боби 22) маълумот медиҳад, ки муколамаи Зардушт бо ҳафт амшоспанд дар ҳамин сарзамин сурат гирифт. Дар асоси «Бундаҳишн» (фасли 32, банди 3) Зардушт бори нахуст дар ин сарзамин ба Аҳуромаздо маросими ситоиш ба ҷо овард ва Мадюмоҳ - писари Оростӣ, амакбачаи паёмбар пайрави нахустини ӯ гардид.

Дар бандҳои 104-105-и яшти 5 («Обоняшт») Зардушт пас аз ба ҷо овардани маросими ситоиш дар Ориёвиҷ дар соҳили дарёи Даитяи нек аз Аредвисура Анаҳито дархост кард, ки барои ба дин рӯ овардани Кай Гуштосп вайро комёб гардонад. Дар бандҳои 25-26-и яшти 9 («Гушяшт») Зардушт пас аз тақдими назр ва анҷоми намоз дар Айиряна Ваеҷаҳ, дар соҳили дарёи Даитя аз фариштаи муваккили чорпоён - Друвосп дархост намуд, ки Хутаосаи неку озод - ҳамсари Кай Гуштосп ба дини ӯ гароянд. Гузашта аз ин, мувофиқи маълумоти «Бундаҳишн» (боби 20, банди 32) рӯди Дареҷа (Дреҷо) монанди дарёи Даитя дар Айиряна Ваеҷаҳ аст ва дар канори он хонаи Пурушасп - падари Зардушт қарор дошт. Дар ҳамин сарчашмаи паҳлавӣ (боби 24, банди 15) чунин омадааст: «Рӯди Дареҷа сарвари рӯди боронӣ аст, зеро ки хонумони падари Зардушт дар соҳили он буд ва Зардушт дар он ҷо зода шуд». Фаргарди 19-уми «Вандидод» (бандҳои 4, 11) менависад, ки Дреҷо рӯдест, ки дар пушта ва баландии он хонаи Пурушасп - падари Зардушт қарор дошт.

Аз матнҳои боло чунин бармеояд, ки Зардушт дар маркази «Айиряна Ваеҷа», дақиқтар дар соҳили дарёи неки Даитя ва боз ҳам дақиқтар дар пуштае дар канори рӯди боронии Дареҷа, ки шохоби Даитя буда, дар

1. Мӯминҷонов Ҳ. Тӯрон - гаҳвораи тамаддуни ориёӣ. -Душанбе, 2004. -С.86.

он баландӣ хонаи падараш будааст, чашм ба ҷаҳон кушодааст. Чунин рӯдҳои боронӣ одатан дар даштҳо ва доманаи кӯҳҳо ба вуҷуд меомаданд.

Дар «Авесто» Афросиёб - писари Пашанг ва подшоҳи Тӯрон ду бародар дорад: Ағрирас ва Гарсиваз. Ҳар яке аз бародарони Афросиёб дар минтақае аз Тӯрон ҳукмронӣ мекарданд. Гупат яке аз минтақаҳои Тӯрон будааст, ки дар он ҷо Ағрирас ҳукмронӣ мекардааст ва бо номи Гупатшоҳ маъруф будааст. «Минӯи хирад» (боби 62, банди 3) менависад: «Гупатшоҳ дар Айиряна Ваеҷаҳ андар кишвари Хванирас[1] аст». Дар «Дотистон диник» (боби 90, банди 4) омадааст: «Салтанати Гупатшоҳ дар мамлакати Гупат муҷовири Айиряна Ваеҷаҳ дар канори оби Даитя мебошад». Дар «Бундаҳишн» бошад (боби 29, банди 5), сарзамини Ағрирас Сакавастан (зоҳиран Сакистон) номида шуда, лақаби худи ӯ ва писараш Гупатшоҳ омадааст.

Аз матни сарчашмаҳои паҳлавӣ чунин ба назар мерасад, ки сарзамини Афросиёб, яъне Тӯрон ё бахше аз он дар ҳудуди Айиряна Ваеҷаҳ қарор доштааст. «Бундаҳишн» (боби 29, банди 13) дар ин бобат навишта: «Мамлакати Сакавастан дар сари роҳи Туркистон ба тарафи Чин воқеъ аст»[2]. Сарчашмаҳои паҳлавии «Динкарт» (китоби ҳафтум, бандҳои 16-19), «Динкарт» (китоби 7, бандҳои 2-14), «Гузидаҳои Зотспарам» (боби 9-10), «Виҷаркард динӣ» (бандҳои 10-14) «Заротуштнома» дар бораи ӯ ривоятҳои суннатии мазҳабӣ оварда, Зардуштро дар иҳотаи душманонаи тӯрониён, соҳирон ва ҷодуғарони тӯронӣ нишон додаанд.

---

1. Ориёиёни бостон ҷаҳонро ба ҳафт бахш тақсим карда буданд. Кишвари марказӣ, ки худи онҳо мезистанд ва аз ҷиҳати масоҳат бо шаш бахши дигар баробар буд, «Хванираса» (*дорои фойтунҳои зебо*) ном дошт.
2. Ба вуҷуди он, ки донишмандон дар бораи хостгоҳи ориёиён ибрози ақида кардаанд, дар бораи таъйини мушаххаси сарзамини Айиряна Ваеҷа камтар ибрози назар намудаанд. Кипперт онро ба ҷанубу шарқии Фарғона, Гейгер ба Фарғона ва Кӯҳистони ҳозира нисбат дода, Даитяро дарёи Зарафшон медонад. Баъзе донишмандон дар зери таъсири ислоҳоти даврони сосонӣ Арон - воқеъ дар шимоли Эрони муосирро Айиряна Ваеҷаҳ донистаанд. Гейгер пас аз 14 соли таҳқиқ дар ақидаи худ собит монда, чунин навиштааст: «Айияна Ваеҷаҳ ҳатман дар бахшҳои болоии шимолу шарқии Эроншаҳр қарор дорад ва мумкин нест, ки Арон бошад» (Пури Довуд. Ясно. Ҷ.1. -С.41). Тил низ ин сарзаминро дар шимолу шарқи Эроншаҳри бостон медонад. Фрай дар шарқи Эрон ба шумули сарзаминҳои имрӯзаи Афғонистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ҳисоб мекунад (Р.Фрай. Наследие Центральной Азии. -Душанбе, 2000. -С.80). Донишманди шаҳири эронӣ Иброҳими Пури Довуд Ориёвич (Эронвич)-ро дар Туркистони Русия тасаввур кардааст (Пури Довуд. Ясно. Ҷ.1. -С.47). Муаррих ва бостоншиноси тоҷик Н.Неъматов даштҳои Олтой то дарёи Волға ва соҳили баҳри Хазарро чунин минтақа медонад (Н.Н.Неъматов. Прародина ариев. -Душанбе, 2005. -С. 28) Муҳаққиқи тоҷик Ҳ. Мӯминҷонов доманаи кӯҳҳои Олтой, Тяншон ва Помир, Қазоқистони муосир, баҳри Хазар, дарёи Урал ва водиҳои Фарғонаю Зарафшонро «Айиряна Ваеҷа» муайян кардааст. (Ҳ.Ҳ. Мӯминҷонов. Тӯрон - гаҳвораи тамаддуни ориёӣ. -Душанбе, 2004. -С. 28).

Аз маълумоти бахшҳои гуногуни «Авесто» дар бораи зодгоҳи Зардушт ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ватани ӯ «Айиряна Ваеҷа» - сарзамини зебою дурахшони ориёиҳо буда, зоҳиран, дар яке аз хонаводаи сокин дар маҳалли наздикӯҳӣ ва ё дараи кӯҳистонии шарқи Бохтари қадим ба дунё омадааст.

### *«Авесто» ва бахшҳои он*

Зардуштия нахустин дини яктопарастӣ дар ҷаҳон буда, дорои сохтори мушаххас ва аҳкоми динӣ бар пояи ахлоқ мебошад. Ин сохтору низом чандон нерӯманду тавоно поягузорӣ шудааст, ки рукнҳои умда ва асосии онро тақрибан тамоми динҳои ҷаҳонии имрӯз ба орият гирифтаанд. Зардушт мувофиқи китоби ҳафтуми «Динкард» (боби 4, банди аввал), «Гузидаҳои Зотспарам» (боби 22, бандҳои 1-3) нахустин инсон аст, ки ба василаи ваҳйи илоҳӣ ба мартабаи паёмбарӣ расидааст.

Китоби муқаддаси ӯ «Авесто» ном дошта, ин калима аз ҷониби муҳаққиқон бо таври мухталиф талаффуз ва маънидод мешавад. Вале аксаран онро калимаи паҳлавии *«Упаста», «Апасток»* дониста, ҳамчун қонун, дастур, раҳнамои динӣ тарҷума кардаанд.[1] Аксари донишмандони ғарбӣ чунин мешуморанд, ки матнҳои китоби муқаддаси зардуштиён аз замонҳои қадим дар забону ҳофизаи рӯҳониён ва мардум ҳифз гардида, фақат дар даврони сосонӣ сабт карда шудаанд.[2] Вале гузориши муаррихони Юнони қадим ва суннати мазҳабӣ бар он далолат мекунад, ки нусхаҳои хаттии «Авесто» дар замони Ҳахоманишиён вуҷуд доштаанд. Гурӯҳи дигари донишмандон, мисли Ф.Алтхейм ва Андреас чунин мешуморанд, ки матнҳои «Авесто» дар ибтидо дар Осиёи Миёна бо алифбое, ки асли оромӣ дошт, сабт карда шуда буд. «Авесто» дар ҳамин шакл ҳамчун осори хаттӣ то огози ҳукмронии сулолаи сосонӣ омада расидааст. Ба ақидаи онҳо, дар ин бора китоби «Кефолиё»-и Монӣ гувоҳӣ медиҳад. Дар он ғуфта мешавад, ки пайравони Зардушт пас аз Монӣ суханони ӯро сабт карда, ҳоло онро қироат мекунанд.[3]

Мувофиқи маълумоти Плиний, ки аз Гермипп - муаррихи асри III-и то мелод нақл мекунад, китоби муқаддаси муғон дорои ду миллион бандҳои шеърӣ будааст.[4] Мувофиқи маълумоти «Динкард» бошад, вақте ки дар даврони сосонӣ онро ҷамъоварӣ карданд, фақат 348 боб боқӣ монда буд.

1. Разӣ Ҳ.Донишномаи Эрони бостон. Ҷ.1. - С.418.
2. Крюкова В.Ю. Зороастризм. -Санкт-Петербург, 2005. -С. 31.
3. Брагинский И.С. Из истории таджикской и персидской литературы. - С.102.
4. Ҳамон ҷо. - С.81

Онро ҳам мисли собиқ ба 21 китоб тақсим карда буданд. Агар дар даврони ҳукмронии сулолаи сосонӣ миқдори вожаҳои «Авесто» дар ҳудуди 345 ҳазор калима бошад, имрӯз аз он фақат 83 ҳазор калима боқӣ мондааст.[1]

«Авесто» - китоби муқаддаси пайравони дини маздаясно аз панҷ бахши зер иборат аст:

**«Ясно»** («Ясна») бахши асосӣ ва муҳимтарини «Авесто» буда, аз 72 боб иборат аст. Ин калима дар «Авесто» дар шакли *ясна*, дар санкрит дар шакли *яҷна* ва дар паҳлавӣ дар шакли *язишна* омада, ба маънии «*ситоиш, парастиш, ниёиш, саҷда, намоз*» истифода мешавад. Дар забони тоҷикӣ дар шакли *ҷашн* боқӣ монда, калимаҳои *Эзид* ва *Яздон* низ аз решаи он падид омадаанд. Бобҳои «*Ясно*» бо номи «*ҳо*» ё «*ҳот*» ёд мешавад, ки маънии *боб* ё *фасл*ро дорост. Ҳар ҳот аз чанд банд иборат мебошад. Дарозтарин ҳоти «Ясно» 32 банд ва кӯтоҳтарини он се банд аст. «Ясно» ҷанбаи тақаддус ва таборакро доро мебошад. Чун дар тамоми «Авесто» миёни инсон ва табиат пайванди ногусастанӣ вуҷуд дорад, дар ҳотҳои «Ясно» низ аз Аҳуромаздо - худованди бузургу тавоно ва офаридгори ҷаҳони моддию маънавӣ сар карда, ба маънои васеи калима ҳама аносири зебою зиндагибахш ситоиш карда шудаанд. Эзидон - фариштагони фазоянда, ҳар чизи неку судрасон сазовори ситоиш дониста шудаанд. Ҳар чизи неку судманд, ки дар зиндагии моддӣ ва маънавӣ баҳрарасон, манфиатбахш ва фазоянда бошад, сазовори ситоиш хонда шуда, партав ё мазҳари Худованд ва Эзиду фаришта дониста шудааст.

Оби поки шаффоф, борони зиндагибахш, моҳи зебо, хуршеди тобандаи баракатбахш, ситорагони фурӯғманд, осмон, рӯдҳо, дарёҳо, чашмаҳо, гиёҳони судманд, замин, чорпоён ва ҳайвоноти манфиатбахш, сол, моҳ, рӯз, вақт, шаҳрҳову рустоҳо, хона ва хонавода, бузургону порсоён, фравашӣ ва равони поки гузаштагон, сию се эзидону амшоспандон, қонунҳои нек, кӯҳҳои осоишбахш, адлу дод, илму дониш, баракат, сарват, далерию нотарсӣ, ростию дурустӣ ва бисёр чизҳои дигар сазовори ситоишу муноҷот дониста мешуданд.

«Ясно» ба се бахш тақсим гардида, қисми асосии он ҳотҳои 28 то 53 мебошанд. Ин бахш ҳастаи марказии «Ясно» буда, ба номи *мантра* ёд мешавад ва таронаҳои худи ҳазрати Зардушт мебошад. Ин бахш аз ҳама бостонӣ буда, ба панҷ қисмат тақсим мешавад. «Аҳунавадгот», дорои ҳафт ҳот буда (ҳотҳои 28 то 34), сад банд дорад ва ҳар банди он дорои се сатри 16-ҳиҷоӣ мебошад, «Уштовадгот» дорои чор ҳот (ҳотҳои 43 то 46)

1. Ушидарӣ Ҷ. Донишномаи маздаясно. -Теҳрон, 1381. - С.36.

буда, 66 банд дорад ва ҳар банди он 5 сатри ёздаҳҳиҷоӣ дорад; «Спитамадгот» аз чор ҳот (ҳотҳои 47 то 50) иборат буда, 41 банд дорад ва ҳар банди он чор сатри ёздаҳҳиҷоиро доро мебошад; «Вуҳухшатрагот» як ҳот (ҳоти 51) аст, 22 банд дорад ва ҳар банди он се сатри чордаҳҳиҷоӣ аст; «Ваҳиштуиштугот» як ҳот (ҳоти 53)-ро дар бар гирифта, 9 банд дорад ва ҳар банди он чорсатрӣ буда, дутои онҳо кӯтоҳ (12-ҳиҷоӣ) ва дутои дигар баланд (19-ҳиҷоӣ) аст.[1]

Аз ҷиҳати қадимат ҳотҳои 35 то 41-и «Ясно», ки ба номи «Ҳафтанҳот» ёд шуда, ба амшоспандон - ёварони наздиктарини Аҳуромаздо дар идораи ҷаҳон бахшида шудаанд, мақоми дуюмро ишғол мекунанд. Бо вуҷуди он ки тамоми ҳотҳои «Ясно» гиромӣ дошта мешаванд, дар миёни онҳо бандҳое вуҷуд дорад, ки аз ҷиҳати қидмат бо «Готҳо» ва «Ҳафтҳот» баробаранд. Ба хусус бояд дар бораи он ҳотҳое ёд кард, ки дар онҳо дуоҳои маъруфи дини маздаясно сабт гардидаанд. Масалан, дуоҳои машҳури «Ясо Аҳу Вайирю», «Ашем Вуҳу» ва «Янгҳа Ҳотом» дар ҳоти 27-и «Ясно», тафсири онон бар ҳотҳои 19-20-21, матни суханони пайравони дини маздаясно дар ҳоти 12 аз ҷумлаи онҳо мебошад.[2]

Мазмуни «Ясно» чунин аст: *Аҳуромаздо худованди яккаву ягона аст. Ҳар чизе, ки ба инсон файзу баракат мебахшад, аз ӯ аст. Деву ифритҳо сазовори ситоиш нестанд. Онҳо ба инсон фақат гумроҳӣ ва сиёҳрӯзӣ меоваранд. Ростӣ андешаи нек, садоқат, тавоноӣ, расоӣ, ҷовидонагӣ, ки хосиятҳои амшоспандон мебошад, мазҳари Аҳуромаздост. Худованд ҷаҳони зебо ва аносири мухталифи он ва чунин хусусиятҳоро, ки сарчашмаи файзу баракат ва хушрӯзию хушбахтии инсон аст, барои пайравони дини маздаясно падид овардааст. Мардум бояд ҳамарӯза барои aзнавсозӣ ва ислоҳи зиндагии худ кӯшиш намоянд. Андешаи нек, гуфтори нек ва кирдори нек сарогози даромад ба он сарзамини саодатбор мебошанд. Андешаи бад, гуфтори бад ва кирдори бад одамонро ба сарзамини муқобили он, яъне бадбахтӣ, сияҳрӯзӣ ва фалокат раҳнамоӣ мекунад. Душмани аз ҳама хатарноки инсон дурӯғ ва дурӯғгӯист. Инсони воқеӣ худро ҳамеша аз он дур нигоҳ медорад. Ҷидду ҷаҳд, ҳаракат, кӯшиш, ибтикор ва ғайрат на танҳо инсон, балки ҷаҳони ботинии ӯро низ дигаргун месозад. Ободонии замин, кишту зироат, нигоҳдории чорпоёни судманд, ҷаҳони моддӣ ва маънавии пайрави динро обод мегардонад.*

---

1. Дӯстхоҳ Ҷ. Авесто. Ҷ.1. -Теҳрон, 1375. -С.35.
2. Муминджанов Х.Х. Философские проблемы зороастризма. - С.19.

Маросими асосӣ ва умдаи динӣ бо хондани «Ясно» оғоз мегардад. Аз ин рӯ, дар иҷрои аксари онон расму одоб ва анъанаи муайяне ба ҷо оварда мешавад: маросими динӣ бо сурудани ҳоти якум, ки дар он Аҳуромаздо, амшоспандон, эзидон ва фариштагони муваккили идҳои динӣ, мавсими сол, моҳ ва шабонарӯз барои қабули ситоиш ва назрҳо хонда шудаанд, шурӯъ мегардад. Дар ҳоти дуюм эзидони ҳоти аввал бо назри оби завр (ав. *заусра*) ва барсам (ав. *баресма*) ёд мешаванд. Ҳотҳои 3-8 «Суруш драуна» номида мешаванд. Драуна - нони кӯчаки сафеди гирди бе хамирмоя аст, ки дар ҷараёни қироати ҳот онро ба фариштаи Суруш бахшида, ҳангоми хондани ҳоти охирин хӯрда мешавад. Ҳотҳои 9-11 «Ҳумяшт» ном дошта, дар бораи таъсир ва фазилатҳои гиёҳи ҳум (ав. *ҳаума*) мебошад. Ҳоти 12 матни эътироф ба дини маздаясно аст. Ҳангоми тиловати он нони драуна ва фишурдаи ҳум (*ҳаума*) хӯрда мешавад. Дар ҳотҳои 13-18 пас аз қироати матни эътирофи дин сар фурӯд оварда, ситоиш, ниёиш ва истимдод талаб мекунанд. Ҳотҳои 19-21 «Бағоняшт» ном дошта, дар онҳо дуоҳои маъруфи дини маздаясно - «Ясо Аҳу Вайирю», «Ашем Вуҳу» ва «Янгҳа Ҳотом» тафсир ва маънидод карда шудааст. Таҳия ва фишурдани гиёҳи ҳум аз ҳоти 22 огоз гардида, то ҳоти 27 идома пайдо мекунад. Чун ҳотҳои 28 то 53 мансуб ба худи поягузори дин аст, маросими асосии ситоишу намоз, эҳтироми Аҳуромаздо ва эзидон дар ҳамин бахш сурат мегирад. Ҳоти 54, ки дорои фақат ду банд аст, ба Айиряман - яке аз фариштагони бостонӣ бахшида шуда, дуои маъруфи «Айиряман-ишю» тиловат карда мешавад. Дар ҳоти 55 «Готҳо» - таронаҳои Зардушт ва «Ҳафтҳот» тараннум карда шудааст. Ҳотҳои 56-57 ба ситоиши Суруш ихтисос ёфта, «Сурушяшти Ҳодухт» номида мешавад. Дар ин ҳот дуое хонда мешавад, ки «Сурушяшти сари шаб» мегӯянд ва онро шабона ба забон меронанд. Баъзе бандҳои ҳоти 59 бо бандҳои ҳоти 17 ва 26 мувофиқат мекунад. Ҳоти 60 ҳомили дуои тандурустӣ буда, дар ҷараёни тиловати он ба хонадони покдинон ва порсоён дуруд фиристода мешавад. Дар ҳоти 61 сухан дар бораи таъсири се дуои маъруф («Ясо Аҳу Вайирю», «Ашем Вуҳу» ва «Янгҳа Ҳотом») ва зиддияту муқовимати он муқобили ҳама озордиҳандагон ва бадкорон меравад. Дар ҳоти 62 фариштаи оташ - Озар тараннум карда шудааст. Ҳотҳои 63-69 «Оби завр» номида шуда, дар бораи тақдиси об аст. Дар бахше аз он Аредвисура Анаҳито - фариштаи об ситоиш гардидааст. Ҳотҳои 70-72 ба ситоиши амшоспандон, офариниши неки Аҳуромаздо ва гурӯҳе аз эзидони дигар бахшида шуда,

бо он маросими динӣ ба поён мерасад.[1] Ҳамаи панҷ китоби «Авесто» бо суханони зерин хатм мешаванд: ***Роҳ якест ва он роҳи ростист, ҳамаи дигар роҳҳо бероҳа аст.***

Дар маросими динии пайравони дини маздаясно, сурудҳои «Ясна»-ро ду мубад бо ҳам тиловат мекунанд. Номи онҳо *зот* ва *роспӣ* мебошад. То асрҳои миёна бошад, маросими ситоишу яснохонӣ ва иҷрои расму анъанаҳои онро ҳафт нафар мубад анҷом медоданд.[2]

**«Яштҳо»** яке аз умдатарин, ҷолибтарин ва пурмуҳтавотарин осор ва бозмондаи хаттӣ дар мавриди таҳқиқу мутолиаи на танҳо дини Зардушт, балки динҳои куҳани ориёии пеш аз ӯ мебошанд.

Калимаи «*Яшт*» мисли калимаи «Ясно» аз решаи «*яз*» падид омада, маросими ситоишу парастиш аст. Одатан чунин намозу саҷда бо назру қурбонӣ анҷом мегирад. «Яштҳо» аз 21 наск ё китоб иборат аст. Ҳар яке аз онҳо ба эзидони мухталиф, ки фариштагони муваккили рӯзҳои гуногуни моҳ ҳастанд, бахшида шудаанд. Дар замонҳои қадим, зоҳиран, шумораи чунин фариштагон ва яштҳои онҳо мисли шумораи рӯзҳои моҳ 30-то будааст. Вале дар фарогардҳои таърих бахше аз онҳо гум шуда, он яштҳое ҳам, ки то замони мо расидаанд, пурра намебошанд. Тафовути «Яштҳо» аз «Ясно» иборат аз он аст, ки дар онҳо фақат як эзид ё фаришта сутуда шудаанд. Яштҳое, ки то ба имрӯз расидаанд, ба эзидон ё фариштагони зерин бахшида шудаанд:

| | | |
|---|---|---|
| 1. Ҳурмузд | 8. Тир | 15. Ром |
| 2. Ҳафтмшоспанд | 9. Гӯш (Друвосп) | 16. Дин (Даена) |
| 3. Урдибиҳишт | 10. Меҳр | 17. Ард |
| 4. Хурдод | 11. Суруш | 18. Ашдод |
| 5. Обон | 12. Рашан | 19. Зомёд |
| 6. Хуршед | 13. Фарвардин | 20. Ҳум |
| 7. Моҳ | 14. Баҳром | 21. Вананд[3] |

Дар ҳар яшт ба истисноӣ чанде аз онҳо бузургдошту таранනуми ҳамон эзид ё фариштае ба вуҷуд омадааст, ки яшт ба номи ӯст. Бо вуҷуди он ки ҳоло аксари яштҳо таркиби шеърии худро аз даст додаанд, ҳанӯз каломашон мавзун, ба тарзи шоирона ва бо тахайюлоту отифаи шоирона суруда шудаанд. Вале онҳо дар ибтио, мисли «Готҳо» ва бахшҳои дигари куҳани «Авесто», ба байту қитъаҳо тақсим шуда, шумораи ҳиҷоҳои онон

1. Ушидарӣ Ҷ.Донишномаи маздаясно. -С. 35: Донишномаи Эрони бостон. Ҷ.1. -С.417.
2. Кайбар, Асмуссен, Бойс. Диёнати зардуштӣ. -Теҳрон, 1348. -С.102; Пури Довуд И. Ясно. Ҷ.1. -С.28.
3. Брагинский И.С. Из истории таджикской и персидской литературы. - М., 1972. -С.56.

8, 10 ва 12 будааст.[1] Дар замонҳои баъдӣ, ки бо онҳо кор карда, тағйиру табдил додаанд, таркиби шеърии худро гум кардаанд. Вале баъзе авестошиносон боварӣ доранд, ки назокати шеърии онҳоро аз нав барқарор кардан мумкин аст. Имрӯз «Яштҳо» маҷмӯаи матнҳое ҳастанд, ки дар онҳо тараннуму бузургдошти эзидон ва фариштагон сурат гирифтааст. Дар матнҳои авестоӣ на танҳо Аҳуромаздо ва эзидони ҷудогона, мисли Меҳр, Аредвисура Анаҳито, ки дар ойини зардуштӣ мақоми баланду муҳтарам доранд, бо ситоишу назру ниёз парастида мешуданд, балки ҳар чизе, ки ба хилқати хубу падидаҳои он вобастагӣ дошт ва ҳар падидае, ки ба рушду борварӣ ва инкишофу такмили зиндагӣ мусоидат ва кумак мекардааст, ҳамчунин мавриди ситоиш қарор мегирифтааст. Аз ҷумла, Хуршед, Моҳ, ситораи Тиштрйа, ки борон меоварад, об, ки зиндагӣ мебахшад, хоку набототе, ки омили бороварию ҳаёт ҳастанд, бахусус буттаи ҳаума, ки аз фишурдаи он нӯшобаи ҷовидонӣ гирифта мешавад, оташи муқаддас, ки дар «Яштҳо» писари Аҳуромаздо хонда шудааст, гов, ки сарчашмаи ғизои инсон аст, ҳама мавриди ситоишу парастиш будаанд. Ҳамон тавре ки Аҳуромаздо мавриди тараннуму эҳтиром қарор мегирифт, амшоспандон - ёварони ӯ дар идораи умури ҷаҳон, ҳамчун инъикоси сифатҳои Худованди Бузург ситоиш мешуданд. Аз ҷумла, Баҳман - инъикоси андеша, гуфтор ва кирдори неки Аҳуромаздо, Урдибиҳишт - ҳақиқат ва ростию дурустӣ, Шаҳривар - ҷилвагоҳи шаҳриёрӣ ва нерӯю тавони офаридгор, Суруш - намунаи назму тартиб ва хоксорию тоати худовандӣ ва ғайра мавриди парастишу эҳтиром буданд. Чанд банди аввали Зомёдяшт ба тараннуми кӯҳҳо бахшида шуда, қисмати асосии он ба тараннуму тақдиси Хварна - фарр ё нуру таҷаллои худовандӣ ихтисос ёфтааст. Ҳар фарди ҷаҳон бояд бо андеша, гуфтор ва кирдори писандидаи худ барои дарёфти он ва комёбӣ дар зиндагӣ ҷидду ҷаҳд намояд.[2]

Рӯзҳо, фаслҳо ва давраҳои гуногуни сол мавриди парастиш буданд. Номи 21 эзиде, ки дар яштҳои мутазаккира ситоиш ва тараннум мешаванд, номи рӯзҳои моҳро ташкил медиҳанд. Дар «Авесто» барои Суруш - фариштаи тоату бурдборӣ, ки нахустин сарояндаи «Готҳо»-и Зардушт хонда шудааст, ду суруд мавҷуд буда, яке мухтасар дар яшти 11 ва дигаре муфассалтар дар ҳоти 57-и «Ясно» мундариҷ аст. Яшти 20 ба фариштаи Ҳум бахшида шудааст:

---

1. Пури Довуд. Ясно. Ҷ.1. -С.22-23.
2. Пури Довуд. Ясно. Ҷ.1. -С.22; Мӯминзода Ҳ. Зардушт ва ойини ӯ. -С.72.

Яштҳои бузург бо дуоҳои якранги мазҳабӣ шурӯъ шуда, бо онҳо хотима меёбанд ва ба чанд бахш, ки аксаран «карда» мегӯянд, тақсим мешаванд. Дар оғозу анҷоми ҳар бахш ё карда низ ҳамин дуоҳо такрор меёбанд. Яштҳое, ки ба Меҳр, Ваю, Замин, фравашӣ бахшида шудаанд, аз ҷумлаи қадимтарин «Яштҳо» буда, суруду ниёишҳои онҳо мутааллиқ ба замонҳои қадим аст.[1] Дар ин яштҳо матлабҳои гуногун, дуоҳои қадимӣ, ки вобаста ба назру ниёз ва қурбонию фидя аст, ривояту устураҳои бостонӣ зикр шудаанд. Агар пеш аз Зардушт бисёре аз онҳо худоёни бузургу мустақил буданд, дар дини маздаясно онҳо комилан дар хизмати Аҳуромаздо - худованди воҳид ва бузургу тавоно қарор гирифта, ба сурати эзидоне даромадаанд, ки нигоҳбону муваккили ашё, аносир ва падидаҳои алоҳида мебошанд. Ин эзидон ба он сабаб эътибору нуфузи фаровон доранд, ки худи Аҳуромаздо онҳоро мавриди ситоишу эҳтиром қарор медиҳад, барои онҳо ниёзу қурбонӣ ба вуҷуд меоварад.

Яке аз хусусиятҳои муҳими ориёиён посдории замони гузашта, ба хусус, рӯҳу арвоҳи гузаштагон будааст.[2] Ящти 13 махсуси фурӯҳари[3] муҳофизи парҳезкорон буда, дар он дуоҳое ҷамъоварӣ шудааст, ки дар мавриди вафоти одамон ва маросимҳои баъдӣ хонда мешавад.

Мазмуни яштҳоро ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст: таърифу тавсифи эзидону фариштагон, тасвирҳои зебои табиат, дилписандиҳои гуногун ва шарҳи достонии ҳамосаҳо, диловариҳо, паҳлавониҳо, набардҳо ва ҷангҳо. Тасвири нотакрори табиат аз он мерасонад, ки ориёиҳо табиати ватани худ, бахусус, Айиряна Ваеҷаҳро ниҳоят дӯст ва гиромӣ медоштанд. Тавсифҳо дорои латофати баён, зарофати забон ва тасвири зебоии шоиронест, ки ҳар хонандаро дар зери таъсири амиқ мегузорад. Тасвирҳое, ки дар «Обоняшт» (яшти 5) аз эзиди Аредвисура Анаҳито ба вуҷуд омадааст, бо ниҳояти зарофати табъ ва баёни ширин сурат гирифта, образи эзид - бонуи зеборо дар пеши чашм ҷилвагар месозад, ки пойдоркунандаи ростӣ ва фазояндаи зиндагии инсон мебошад. Дар ҳар яште аксаран шоҳон, бузургон, паҳлавонон ба даргоҳи ин эзидон мурочиат карда, маросими ситоишро бо ниёзу қурбонӣ анҷом медиҳанд ва аз онҳо амалӣ гардидани дархосту орзуҳои худро иброз медоранд. Мазмуну муҳтавои ин дархосту талабот имрӯз ба мо сурату сирати ода-

1. Кайбар, Асмуссен, Бойс. Диёнати зардуштӣ. -С.56.
2. Фрай Р.Наседие Центральной Азии. -С.73; Оштиёнӣ Ҷ. Зардушт. -С.16.
3. Мувофиқи ақидаи зардуштиён, ҳар офаридаи Аҳуромаздо (бо иловаи рӯҳ - ав. *урвана*) дорои фравашӣ мебошад. Дар «Авесто» рӯҳ олами худро надорад, вале фравашӣ дорои олами худ мебошад.

мон ва чигунагии сохти иҷтимоӣ, афкору андешаҳои мардуми он давраро равшан месозад. Аксари дархосту орзуҳои онон таблиги ростию дурустӣ, ғалаба болои душман, фатҳи кишварҳо ва сарзаминҳо, ба даст овардани чорво ва чарогоҳҳо, ром кардани қавму қабилаҳои ошӯбгар, ободии сарзаминҳо, падид овардани оромию осоиш, орзуи доштани фарзандони паҳлавон, лоиқ, ҷанговар, хушзабону хушсухан, баҳраманд гардидан аз тамоми хушиҳои зиндагӣ, аз ҷумла, зебоии тану сирати олии инсонӣ, доштани аспҳои зебои тездав, шавкату ҳашамат, сарват ва ғайра иборат буд. Бино ба мазмуну мундариҷоти «Яштҳо», ниёкони мо озодии худро болотарин неъмат дониста, аз зебоӣ ва донишу ҳунар дар сатҳи баланд қадрдонӣ мекарданд. Дар яшти даҳум ситоиши Меҳр - яке аз худоёни бостонии ориёиҳо ва куҳантарин маросими ситоиши ӯ тасвир шудааст. Дар яшти 13 тарзу усули ситоиши фраваши ва арвоҳи ниёкон омадааст. Дар яшти 14 дар баробари ривоятҳои киноямез ва ҷилваҳои эзиди Баҳром, ишораҳои бисёр ҷолибе дар бораи нуҷуму ситорашиносии қавмҳои куҳани ориёӣ накл шудааст. Дар яштҳои куҳан ду силсилаи подшоҳони пешдодӣ ва каёнӣ муаррифӣ гардида, дар бораи ҳар яке аз намояндагони он маълумоти муайяне пайдо мекунем.

Дар ин ҷо бояд зикр кард, ки баъзе яштҳо ба номи як эзид ё фаришта мансуб гардида, дар матнҳои он эзиди дигар ситоишу тараннум мешавад. Яштҳои Аштод, Зомёд, Ром, Дин аз ҷумлаи чунин яштҳо аст, ки дар саҳифаҳои онҳо на танҳо эзидони дигар мавриди парастиш қарор гирифтаанд, балки онҳо мазмуну мавзӯъҳои гуногунро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Дар яштҳои Хуршед, Моҳ, Аредвисура Анаҳито, Тир, Гуш, Меҳр, Ром ва ғайра шукри неъмат ба ҷой оварда шуда, аз худованд барои фурӯғҳои гуногун, обҳо, растаниҳо ва чорпоён сипосгузорӣ, ҳатто аз тамошои манзараҳои дилкашу зебои табиӣ, ки чашми инсон аз он ҳаловат мебарад, қадрдонӣ шуда ва ба онҳо дуруд фиристода шудааст. Ҳар чизе, ки зебою некӯ буда, барои инсон хушоянд аст, муқаддас шуморида мешавад. Дар бандҳои 21-22 Сурушяшт мояи хушнудии инсон сутуда шуда, аз он ҷумла ба ҳар инсон адл, далерӣ, нотарсӣ, ишқ, зӯр, пирӯзӣ, саховат, шукӯҳ, дин, илм, дониш, дурустӣ, покӣ, тандурустӣ, бурдборӣ, фармонбардорӣ, сухани рост, ки суннати ниёкони мо будааст, таманно гардидааст.

Гуноҳе, ки дар дини маздаясно нобахшиданист, дурӯғ мебошад. Дар Меҳряшт беҳтарин подош барои ростгӯ ва шадидтарин ҷазо барои дурӯғгӯ муайян шудааст. Мувофиқи он эзиди Меҳр дурӯғгӯ ва аҳдшиканро ба

доги фарзандонаш менишонад, хонаашро вайрон мекунад, хайру баракат аз хонумонаш мебардорад, аз хушиҳои зиндагӣ маҳрум менамояд.

Дар яшти Рашну сухан аз адлу инсоф рафтааст. Дар Фарвардиняшт сухан перомуни саховату бахшоиш аст. Фурӯҳарҳои гузаштагон, ки дар охири ҳар сол ҳангоми ҷашни фарвардин (Наврӯз) аз осмонҳо барои дидану раҳнамоии бозмондагони худ ба замин фурӯд меоянд, бахусус умедворанд, ки бозмондагони онон дар роҳи ростӣ ва худованд муттаҳид шаванд, то онон хушнуду хуррам боз ба осмонҳо уруҷ намуда, аз боргоҳи Аҳуромаздо бақою хушӣ ва вусъати ризқу рӯзии бозмондагонро дархост менамоянд. Ба таври умум, «Яштҳо» яке аз қисматҳои зеботарин, дилпазиртарин ва гуворотарини «Авесто»-ст. Дар он сарчашмаҳои зиндагӣ ҷӯш зада, аз неъматҳои он шукргузорӣ мешавад.

**«Вандидод»** дар «Авесто» дар шакли «*Видаевадота*» омада, мафҳуми *маҷмӯаи қонун бар зидди девҳо*ро дорад. Ҳар фасли онро, ки ба таври умум 22-то аст, *фаргард* мегӯянд. А.Кристенсен муътақид аст, ки «Вандидод» ягона наски комилест, ки аз «Авесто»-и даврони сосонӣ то замони мо расидааст. А.Кристенсен ва Андреас боварии комил доранд, ки ин бахши «Авесто» дар давраи подшоҳии Меҳрдоди аввали Ашконӣ (171-138-и то мелод) таълиф шудааст.[1]

«Вандидод» матне намебошад, ки дар маросимҳои мазҳабӣ ва ниёишу ибодатҳо ба кор бурда шавад. Аммо дар давраи пеш аз ислом, ки вақти дақиқи он маълум нест, пайравони дини маздаясно маросиму ҷамъомади азиме бунёд карда, дар он тамоми «Вандидод» бо «Ясно» ва «Виспарад» бо тартиботи хосе хонда мешуд. Дар ин маросим фаргардҳои гуногуни «Вандидод» дар якҷоягӣ бо яке аз таронаҳои «Готҳо» суруда мешуд. Мувофиқи суннати пайравони дин, вақте ки худи «Готҳо» ҳамроҳ бо се дуои муқаддаси мазҳабӣ («Ясо Аҳу Вайирю», «Ашем Вуҳу» ва «Янгҳа Ҳотом») хонда мешаванд, нерӯмандтарин ва маҳкамтарин муҳофизе шумурда мешуд, ки ҳаёту тандурустиро аз таҳдиди қувваҳои аҳриманӣ эмин нигоҳ медорад.

Дар «Вандидод» масъалаҳое мавриди баҳс қарор гирифтаанд, ки аз ҳудуди қонуну дастурҳои мазҳабӣ баромада, тамоми ҷанбаҳои зиндагии иҷтимоиро дар бар мегиранд. Масъалаҳои ҳуқуқии муносибати байни одамон, доду ситад, оила ва ғайра, ки аксаран дар шакли ибтидоӣ матраҳ мешаванд, аз як сӯ, қидмати замонии ин бахши «Авесто»-ро нишон дода,

1. Кристенсен А. Мулоҳизот дар бораи қадимтарин худои ойини зардуштӣ. -Теҳрон, 1336. -С.74.



аз ҷониби дигар, чунин ба назар мерасад, ки он мақоми қонуни умумии иҷтимоиро доштааст.

Мазмуну муҳтавои «Вандидод» бештар ба масъала ва матлабҳои зерин бахшида шудааст: ҷазо додан дар бароба-ри гуноҳҳои мухталиф, ки одам дар бароба-ри табиат, ҷамъият ва мавҷудоти хубу муфид содир мекунад, роҳҳои мубориза бар зидди па-лидиҳо ва касалиҳое, ки рӯҳи палид Аҳриман ва анбӯҳи девони ӯ дар ҷаҳон интишор дода, зиндагии ободкунандаи инсонро дар хатар мегузорад. Ба ишораи ин китоб, заминаи наздикӣ ва таъсири девонро ба инсон аксаран худи инсон ба вуҷуд меоварад. Дар он заминаҳои пайдоиши чунин омилҳо муфассал баён гардида, роҳҳои мубориза бо он нишон дода шудааст. Яке аз сабабҳое, ки даврони таълифи «Вандидод»-ро ба асрҳои охирини пеш аз мелод нисбат медиҳанд, иборат аз он аст, ки дар фаргардҳои «Вандидод» душмании оштинопазири байни ду қудрати хубу бад, яъне «Спэнтамайню» (*хиради неку муқаддас*), ки офаридгори фазилатҳои беҳтарини зиндагӣ шумурда шудааст ва «Анграмайню» (*Аҳриман - хиради зишту палид*), ки фақат дурӯғу бадию фасодро ба вуҷуд овардааст, ба мушоҳида мерасад.

**«Виспарад»** *ҳамаи сарварон, ҳамаи нигоҳбонон* ё *ҳамаи муҳофизони маънавӣ* тарҷума мешавад. Бобҳои ин китоб «карда» гуфта мешаванд. «Виспарад» китоби мустақил набуда, маҷмӯаҳое аз бахшҳои гуногуни «Ясно» мебошад ва аксаран ҳангоми расму суннатҳои мазҳабӣ ҷудо аз «Ясно» хонда намешавад. Бештар дар вақти маросимҳои динии идҳои гоҳанбор, ки миқдорашон шашто буда, дар мавсимҳои гуногуни сол гузаронида мешаванд, хонда мешавад. Шаш гоҳанбор шаш марҳилаи офариниш аст, ки аз ҷониби Аҳуромаздо анҷом дода шуда, он бо мавсимҳои гуногуни сол баробар меояд. «Виспарад» аз ҷиҳати забон, баён, моҳият ва мазмун бо «Ясно» наздик буда, аксаран мафҳумҳо, ибораҳо ва ҷумлаҳои ҳафтоду ду ҳоти «Ясно», ғайр аз таронаҳои 17-гонаи Зардушт, бо андаке

ихтилоф дар «Ясно» дида мешавад. Аксар вақт якҷо бо «Ясно» хонда мешавад. Вале дар маросими ҷашнҳои гоҳанбор ба танҳоӣ низ мехонанд. Донишмандон ва муҳаққиқони гуногун дар бораи бобҳои «Виспарад» маълумоти ҳархела додаанд. Аксарашон аз 22 то 27 карда гуфтаанд.[1]

Дар ойини зардуштӣ, тавре ки зикр гардид, ҳар чизе, ки некӯ, судрасон ва зиндагисоз аст, қобили ситоиш мебошад. Дар ин бахши «Авесто» ҳамаи чиз, ашё ва корҳои хуб ёдоварӣ карда шуда, аз онҳо тамҷид ба амал омадааст. «Виспарад» мисли ойинаест, ки дар баробари як богу гулшани васеъ гузошта шуда бошад. Маздопараст ба он ойина нигоҳ карда, аз самими дилу ботин ҷаҳони зебои моддиро ситоиш мекунад ва ин ситоиш аз номи Аҳуромаздо оғоз мегардад.

Ҳамаи китобҳои «Авесто», аз ҷумла «Виспарад», бо суханони зер хатм мешавад: ***Роҳ якест ва он роҳ роҳи ростист, ҳамаи дигар роҳҳо бероҳа аст.***

**«Хурдаавесто»** (*«Авестои хурд»*) ва дар паҳлавӣ «Хуртак Авесто» мегӯянд, ки ҳамон *Авестои хурд* ё *кӯчак* аст. Ин қисмати китоби муқаддас аз бахшҳои дигари «Авесто», яъне «Ясно», «Виспарад» ва «Вандидод» тартиб дода шудааст. Он аз ҷониби мӯбадон дар маросимҳои мухталифи динӣ мавриди истифода қарор мегирад. «Авестои хурд» маҷмӯаи намоз, дуруд, дуо ва ниёишҳоест барои вақту ҳангомҳои мухталифи шабонарӯз, рӯзҳои муборакӣ моҳ, ҷашнҳои махсуси эзидон ва фариштагон ва ҳангомҳои муҳими дигар мисли садрапӯшӣ ва каштӣ[2] бастани бачагон, арӯсӣ, мотам ва ғайра. Чун «Авестои кӯчак» барои рафъи ҳоҷатҳои гуногуни пайравони дин фароҳам шудааст, дорои матнҳое мебошад, ки мазмуни он тарафҳои мухталифи зиндагии инсон, гоҳе хушу гоҳе нохуш, гоҳе дар вақтҳои хурсандию растагорӣ ва гоҳҳои дигар ба дуою намози махсусе бахшида шуда, муҳтавои рангорангро дар бар мегирад. Аз ин ҷиҳат мазмуну муҳтавои «Авестои хурд» дар нусхаҳои гуногун аз ҳамдигар тафовут дошта, масъалаҳои гуногун ва дуою ситоишҳои мухталифро инъикос мекунад. Дар баъзе аз онҳо матолиб ва дуоҳое мавҷуд аст, ки дар нусхаҳои дигар дида намешавад. Илова ба он, дар баъзе нусхаҳо маълумоте оварда мешавад, ки бисёр бостонӣ буда, ҳатто дар бахшҳои куҳани «Авесто» ба мушоҳида намерасад. Дар асоси суннати зардуштиёни муосир «Авестои хурд» аз ҷониби Озарподмеҳрсипанд - мӯбадони мӯбади

1. Муминджанов Х.Х. Философские проблемы зороастризма. -С.29-46.
2. Дар дини зардуштӣ синни 15-солагӣ синни бузургӣ ва ба камол расидани ҷавон аст. Дар ин рӯз ҷавони 15-сола дар маросими бошукӯҳе либоси мазҳабии пайрави дин - садра ба тан ва каштӣ ба миён баста, дар байни ҷомеаҳои зардуштӣ рамзи пайрави маздаясноро аз ҳоти 12-уми «Ясно» аз бар мехонд.

давронии Шопури II-и сосонӣ (солҳои 310-379) мураттаб карда шудааст. Аз он чунин фаҳмида мешавад, ки Озарподмеҳрсипанд на танҳо матнҳои комили «Авесто», балки сарчашмаҳои дигарро низ мавриди истифода қарор додааст. Масалан, як силсила намозу дуоҳое мисли «Хуршедниёиш», «Меҳрниёиш», «Аредвисурниёиш», «Баҳромниёиш», ки дар «Авестои хурд» мундариҷ аст, аз «Хуршедяшт», «Меҳряшт», «Моҳяшт», «Обоняшт» ва «Баҳромяшт» гирифта шуда, бахшҳои тафсирии он маълумоти ҷадиде дар ихтиёри пажӯҳандагон мегузорад.

Аз ин рӯ, «Авестои хурд» фарогири чакидаҳо ва сурудҳоест, ки ҷаҳонбинӣ, бовар, андеша ва ойинҳои мардуми ориёиро дар рӯзгорони бисёр қадим равшан мекунад. Дар он бо овардани номҳои бисёр таърихи куҳани ориёиёнро дар пеши назар ҷилвагар месозад. «Авестои хурд» ойину андешаҳо, ақидаҳо ва тарзу усули зиндагии гузаштагони моро инъикос мекунад. Дар он низ мисли қисматҳои дигари «Авесто» мардум ба ростӣ, покӣ, дурустӣ, ҷидду ҷаҳд, кору кӯшиш, ҷашну шодмонӣ, ба андешаи нек, гуфтори нек ва кирдори нек, ба ҳамкорию ҳамёрӣ, меҳру дӯстӣ, оштию созандагӣ даъват карда шудаанд.

Мисли бахшҳои дигари «Авесто» дар охири «Авестои хурд» низ чунин суханон оварда шудааст: ***«Роҳ якест ва он роҳи ростист, ҳамаи дигар роҳҳо бероҳа аст».***

### *Таълимоти Зардушт дар бораи ҷаҳон, инсон ва ахлоқ*

Дини зардуштӣ нахустин динест, ки таҳкурсии мустаҳками ахлоқии динҳои муосири ҷаҳонро гузошта, дорои тамоми рукнҳо, сохтор, аҳком ва назму тартиби мушаххаси ормонӣ мебошад. Чун ин дин дар даврони туфулияти башар по ба арсаи вуҷуд гузошта, аз саргаҳи ирфони инсонӣ баҳраманд гардидааст, бунҳои он низ мусаффою нуронӣ буда, тамоми пайкараш бо торҳои дурахшони зиндагӣ ва зарраҳои асилу равшани офариниш танида шудааст.

Гузаштагони дури мо Офтоб ва Меҳрро ситоиш карда, равшаниро сарчашмаи зиндагӣ медонистанд. Торикӣ, ки мардуми мо имрӯз ҳам сиёҳ мегӯянд, ҳоло ҳам мабдаю маншаи аъмоли бад ва накӯҳида ба шумор меравад. Аксари корҳои бад аз тарафи инсон аз ҷониби шаб, дар зери пардаи торикӣ, пӯшида аз нури равшанӣ сурат мегиранд.

Аз ин рӯ, ойини маздаясно тамоми падидаҳои табиӣ ва маънавиро ба нуру зулмат, рӯшанию торикӣ, яъне чизе, ки аз он инсон афзоишу растагорӣ меёбад ва коре, ки аз он барои тамоми одамон накӯҳишу зиштӣ ҳосил мегардад, тақсим кардааст.

Ориёиёни бостон чунин ҳисоб мекарданд: дар табиат қонунҳое вуҷуд дорад, ки хуршед ва тамоми аҷсоми самовӣ мутобиқи он ҳаракат намуда, табодули фасли сол низ аз он сурат мегирад ва бунёди назму тартиби ҷаҳонро ташкил медиҳад.[1] Ҳиндуориёиҳо ин қонунро ба истилоҳи «*рта*» ифода карда, дар «Авесто» ба шакли «*ашо*» омадааст. Меҳвари фазоишу растагории коинот, аҷсоми самовӣ ва ба таври умум ҳастӣ марбут ба «*ашо*» аст. Иброҳими Пури Довуд ин калимаро чунин маънидод кардааст: «Ашо аз ҷумлаи луғотест, ки маънии он бисёр доманадор аст. Ростӣ, дурустӣ, тақво, тақаддус, қонун, ойини эзидӣ ва покӣ аз ҷумлаи маонии он аст. Ташхиси маонии он душвор аст, басо дар як қитъа ё ҷумла, гаҳе ба яке аз маонӣ мазкур аст ва гаҳе аз он фариштае ироа шудааст. Дар санскрит «*рта*» ва дар лотинӣ «*ратус*» гӯянд.[2]

Ин калима дар «Авесто» ниҳоят зиёд истеъмол ғардида, фақат дар «Готҳо», ки 896 қитъа шеър аст, 180 бор такрор шудааст. Агар кӯтоҳ карда гӯем, *ашо* - шарти бунёди ҳастии коинот ва саросари ҷаҳони моддию маънавист. Тибқи тасаввуроти ориёиёни бостон ҳамоҳангии табиат ва аносири он аз ашо сарчашма гирифта, фаъолияти дурусти одам онро тақвият мебахшад ва унсурҳои онро ҳамоҳанг мекунад. Аз ин ҷиҳат ниёишу ситоиш ва қурбониҳо ва ба хусус муносибати неку хайрхоҳона ба табиат ва унсурҳои он бунёди зиндагиро мустаҳкам намуда, ҳусни таваҷҷуҳи эзидону фариштагонро нисбат ба инсон бештар мекунад. Инсон бахше аз табиат аст ва ҳаёту мамоти ӯ марбут ба он аст.

Ашо дорои муҳтавои васеи ахлоқӣ низ мебошад. Ниёкони мо чунин ақида доштанд, ки ашо ба рафтору кирдори одамон низ раҳнамоӣ карда, ононро ба роҳи дуруст ҳидоят менамояд. Ҳақиқатҷӯӣ, адолатхоҳӣ, содиқат, вафо, поймардӣ, далерию фарзонагӣ, ростию дурустӣ ва хислатҳои дигари писандида ба инсоне хос аст, ки ободкунандаю фазояндаи ҷаҳони моддӣ мебошад. Ба ибораи дигар, некию накӯкорӣ моҳияти ботинии на танҳо инсон, балки ҳар ашё буда, он ҷаҳонро афзоиш медиҳад ва зиштию палидӣ онро ҷариҳадор ва сипас нобуд месозад. Мазҳари харобии ҷаҳони моддӣ ва инҳирофи инсон аз роҳи дуруст дар «Авесто» бо номи *друғ* (дурӯғи кунунӣ) ёд щудааст. Дурӯғ (яке аз ёварони наздики Аҳриман) деви бузургест, ки ҳамеша ба ҷаҳони моддӣ ва инсон таҳдид мекунад. Ниёгони мо дурӯғгӯиро хислати зишттарини инсон медонистанд. Аз ин

1. Бойс М. Зороастрийцы. Верования и обычаи. -С.15.
2. Пури Довуд. Яштҳо. Ҷ. 1. -С.91.

рӯ, Ҳеродот таъкид кардааст, ки ориёиёни бостон ба фарзандони худ аз овони кӯдакӣ се чиз меомӯхтанд: аспсаворӣ, тирандозӣ ва ростгӯӣ.

Бино ба гуфтаҳои боло, гузаштагони мо одамонро сарфи назар аз тамоми мансубиятҳои онон ба ду гурӯҳ - *ашаван*, яъне пайравони некӣ ва *друван* - пайравони бадӣ тақсим мекарданд. Тамоми хислатҳои неку писандидаи инсониро ба ашо вобаста карда, ҳамаи хусусиятҳои зиштро ба дурӯғ нисбат медоданд. Ба ифодаи Мэри Бойс, аз ин маълум мешавад, ки дар он даврони гузаштаи ниҳоят дури ниёгони мо ба муносибатҳои иҷтимоӣ аҳамияти махсус медодаанд.[1]

Аҳуромаздо - худованди яктои маздаяснон, офаридгори тамоми мавҷудоти ҷаҳон, раҳнамои одамонест, ки ахлоқи ашоро сармашқи зиндагии худ кардаанд. Парвардигори қодиру тавоно тамоми аносиру падидаҳои ҷаҳони моддӣ ва маънавиро барои инсон, рифоҳу осоиши ӯ ва ободонии зиндагии ӯ ба вуҷуд овард. Вале Аҳримани палид ба ҷаҳони равшаноӣ ҳамлавар гардида, падидаю мавҷудоти аҳуроиро олудаю пургазанд намуд. Дар ҷаҳон, ки то он замон на шаб буду на маргу мир, на фиребу ҳилаю тазвир, на нагунбахтию фисқу фуҷур, ҳамаи ин чизҳо зоҳир гардиданд.

Дар чунин ҳолат, Аҳуромаздо ба инсон ақли солим тақдим намуд, ки ростро аз дурӯғ, хубро аз бад, рӯшноиро аз торикӣ ва аъмоли некро аз накӯҳида тафовут гузорад. Шахсе, ки ақли солимро ҳамчун раҳнамои зиндагии худ баргузида, мутобиқи андешаи нек амал мекунад, пайрави ойини маздояснoст.

Дар ҳоти 30-и «Ясно», банди сеюм чунин омада: «*Он ду гавҳари ҳамзоде, ки дар огоз дар олами тасаввур зуҳур намуданд, яке аз он некист, дар андешаю гуфтору кирдор ва дигаре аз он бадист, дар андешаю гуфтору кирдор, аз миёни ин ду марди доно бояд некро баргузинад, на зиштро*». Аз бархӯрди ду қутби мусбату манфӣ барқ пайдо мешавад ва партав афшонда мегардад, дар вуҷуди одамӣ низ аз бархӯрди ду андешаи меҳрҷӯёна ва кинаогин ҳолатҳои гуногуни рӯҳӣ падид меояд. Мувофиқи андешаи вахшури ориёӣ дар батни ҳар инсон аз аввал ду нерӯ гузошта шудааст. Он ҳамеша, дар иҷрои ҳар кору амали рӯзмарра худро зоҳир мекунад. Яке садоқат, самимият, меҳр, ҷидду ҷаҳд, кӯшиш, ростӣ, инсоният, мубориза ва дигаре хислатҳои муқобили он. Яке ободгар буда, дигаре вайронкунанда аст. Дар идомаи ҳоти 30-и «Ясно», банди сеюм чунин омадааст: «*Ҳангоме ки ин ду гавҳар ба ҳам расиданд, зиндагию марг падид оварданд.*

1. Бойс М. Зороастрийцы. Верования и обычаи. -С.15.

*Аз ин ҷиҳат аст, ки дар саранҷом дурӯғпарастон аз зиштарин макон ва пайравони ростӣ аз накӯтарин манзил бархурдор хоҳанд шуд».*

Дар «Авесто» панҷ қувваи ҷаҳони ботинии инсон ташхис шудааст. Нерӯи нахустин «*аҳу*» аст, ки онро бояд қувваи табиӣ ва меросии ҳаёту зиндагонӣ ва нерӯю ҳарорати ғаризавии инсон донист. Он бояд баданро муҳофизат намуда, ҳаракати онро ҳамоҳанг ва ба назми табиӣ дароварад. Ин қувва бо ҳастии бадан пайдо шуда, бо нестии он аз байн меравад. Нерӯи дуюмро, ки «*даена*» мегӯянд ва аксаран ба маънии виҷдону ҳисси рӯҳонӣ омада, отифаи худовандӣ дар ботини инсон пиндоштаанд. Дар асоси маълумоти «Готҳо» (31,11) ва «Фарвардиняшт» ин нерӯи худовандӣ фанонопазир аст. Ин қувваро офаридгор дар ботини инсон ба ин манзур ҷо кардааст, ки ҳамеша ӯро аз некию бадии аъмолаш огоҳ созад. Агар инсон дар ҳар кору амали хеш сухани виҷдон - ин нерӯи ростини худовандиро бишнавад ва мутобиқи фармудаи он амал кунад, аз подоши ҳар ду ҷаҳон бениёз нахоҳад буд. Пеш аз он ки ба даена ё виҷдон баргардем, бояд гуфт, ки нерӯи сеюмӣ дар «Авесто» «*бауда*» омада ва он қувваи диросату фаросату фаҳми инсонист. Ин қувва мувazзаф аст ҳофиза, ҳуш ва нерӯи мумайизаро идора кунад.

Мутобиқи «Авесто» ин нерӯ низ пас аз марги инсон нопадид нагардида, якҷоя бо равон зикр шудааст. Нерӯи чорум «*урвана*» аст, ки имрӯз равон, ҷон ё рӯҳ мегӯем. Ин қувваи эҳсоси масъулияти инсонист, зеро тасмими интихоби хубу бад бо ӯст. Мувофиқи «Авесто», эҳсосот ва тамоми ҷисми инсон дар ҷамъоварии мавoди мухталиф дар ҳар масъалаи зиндагии ӯ ширкат мекунанд. Вале равон ҳамеша мувazзаф аст, ки таҳти таъсири маҷмӯи хислатҳои ботинӣ ва шахсии соҳиби худ бад ё хубро интихоб карда, қарори охирин қабул намояд. Аз ин рӯ, рӯҳ ё равон дар қабули ҳар қарор масъулияти комил дорад. Пас аз марг бошад, мувофиқи интихоби хеш дар зиндагӣ дар равзаи биҳишт ё ҷаҳаннам подош дарёфт мекунад. Нерӯи панҷум «*фравашӣ*» ё «*фурӯҳар*» («фраваҳар») аст.[1]

Тавре зикр гардид, мувофиқи фасли якуми «Бундаҳишн» (банди 8), Аҳуромаздо қабл аз офариниши ҷаҳони моддӣ, ҳамин ҷаҳонро аввал дар шакли минавию рӯҳонӣ (сурат), яъне дар шакли оламӣ фравашиҳо ба вуҷуд овард. Пас аз 3 ҳазор сол ба он шакли кунунӣ, яъне моддӣ бахшид. Мувофиқи он ҳар чизи офаридаи Аҳуромаздо, ба шумули худи парвардигор ва амшоспандону эзидони ӯ дорои фурӯҳар мебошанд. Дар олами фравашиҳо фраваши тамоми гузаштагон ва ояндагон ба сар

1. Пури Довуд. Яштҳо. Ҷ. 1. -С.587-589.

мебаранд. Лаҳзаи пайдоиши ҳар чиз, аз ҷумла инсон, фравашии вай аз ҷаҳони фравашиҳо ҷудо шуда, дар батни модар ба ӯ мепайвандад ва тамоми умр ӯро ҳамроҳӣ карда, лаҳзаи вафоташ аз ӯ ҷудо мешавад ва боз ба олами фурӯҳарҳо бармегардад. Дар асоси маълумоти «Бундаҳишн» фурӯҳар фариштаест, ки вазифааш гуворонидан ё ҳалли манфиатбахши гизо дар бадани инсон аст.

Ҳамчунон ки хотирнишон сохтем, даена ба маънии эҳсоси маънавӣ ва виҷдон буда, яке аз аркони умдаи ойини маздаясност.

Ин ташхиси маънавӣ дар ҳар як фарди башар мавҷуд буда, дар миёни қувваҳои ботинӣ, ки ба он ишора кардем, муҳимтарину шарифтарин ба шумор меравад. Мувофиқи «Авесто» инсон комилан озод ба дунё омада, дар ҷараёни ҳаёти худ дар интихоби хубу бад дар зиндагии рӯзмарра низ аз чунин озодӣ бархурдор аст ва бо майлу хоҳиши хеш рафтор мекунад. Дар ҳоти 46-и «Ясно» чунин омада: «*Ай Аҳура, аз ҳамон ҳангоме ки ту даенаи азалиро биёфаридӣ, касе, ки дӯстдори дурӯғ аст, ба дурӯғ пайваст шавад ва касе, ки хостори ростӣ аст, ба ростӣ рӯи иродат оварад*» (Банди 6).[1]

Чун дар тӯли зиндагӣ интихоби рост ё дурӯғ вобаста ба виҷдон ва гирифтани тасмим вобаста ба равон (рӯҳ) аст, ногузир дар рӯзи охират низ, чунон ки дар ҳоти 31-и «Ясно», банди 20 ва ҳоти 49-и «Ясно», банди 20 ва ҳоти 49-и «Ясно», банди 9 ишора шудааст, даена ё виҷдон ба ҳамроҳии равон амал карда, дар таъини биҳишту дӯзах ва дар бахшидани подоши неку сазои зишт муносибати бевосита хоҳад дошт.

Мутобиқи ойини маздаясно вақте ки шахсро дафн карданд, равони ӯ се шабу се рӯз дар сари ҷасад қарор мегирад. Тавре ки дар «Ҳодухтнаск» омада, агар равон аз они фарди поку порсо бошад, ҳар се шаби пас аз марг ба андозаи тамоми зиндагонӣ хушӣ дармеёбад. Агар равони шахси гунаҳкор бошад, дар ҳар шаби он шиканҷаҳои шадидтарини зиндагиро таҳаммул мекунад. Дар «Вандидод», фаргарди 19 аз муҷассам шудани аъмол дар рӯзи охират чунин сухан рафтааст:

«Чун дар субҳи рӯзи чаҳорум пас аз вафот равони некӯкор ё гунаҳкор аз бадан ҷудо гашта, ба пули Чинват (Сирот) расад, дар он ҷо деви Визариша равони марди дурӯгпарасти девясноро ба занҷир бандад, он гоҳ ба равони марди заҳматкашу порсо духтаре нозанину зебо ва озоднажоду хушандом рӯй кунад. Равони марди гунаҳкорро (дев) ба мағоки тира

1. Аз тарҷумаҳои Пури Довуд ва Ҷалили Дӯстхоҳ истифода шудааст.

кашонад ва равони некӯкорро аз пули Чинват ва аз бари кӯҳи Ҳаро[1] гузаронида, ба соҳаи эзидони минавӣ ором диҳад»[2] (Бандҳои 27-30).

Устод Пури Довуд дар «Яштҳо» ду фаргарди «Ҳодухтнаск»-ро, ки то замони мо пурра нарасида ва ба ин масъала равшанӣ меандозанд, овардааст. Дар ин ҷо ба овардани фақат бахше аз он, ки ба сарнавишти равони марди заҳматкашу порсо бахшида шудааст, иктифо мекунем.[3]

«Ҳодухтнаск», фаргарди 2, банди 7: Пас аз сипарӣ шудани шаби сеюм, дар сапедадам, равони марди покдинро чунин намояд, ки дар миёни гиёҳҳо бошад ва бӯйҳои хуш дарёбад ва ӯро чунин намояд, ки насими муаттаре аз навоҳии ҷануб ба сӯи вай мевазад, насиме хушбӯй аз ҳама насимҳои дигар. Ва марди покдинро чунин менамояд, ки ин насимро ба машоми худ дарёфта бошад. (Чунин гӯяд): аз куҷо мевазад ин насим, ин хушбӯтарин насим, ки ҳаргиз ба машоми худ дарк накарда будам? Дар вазиши ин насим дини вай (виҷдони вай) дар пайкари духтаре ба ӯ намудор шавад, (духтаре) зебо, дурахшон, бо бозувони сафед, нерӯманд, рости боло, бо синаҳои баромада, некӯтан, озода, шарифнажод, ба назар понздаҳсола, колбадаш (*баданаш*) ба андозаи ҷамеи зеботарини махлуқот зебо. Он гоҳ равони марди покдин ба ӯ хитоб намуда, бипурсад: «Ай духтари ҷавон, ту кистӣ, ту ай хушандомтарин духтарҳое, ки ман дидаам». Пас аз он дини худи ӯ (виҷдони ӯ) посух диҳад: «Ту, ай ҷавонмарди некпиндори некгуфтори неккирдори некдин, ман дини худи ту ҳастам». (Ҷавонмард пурсад) «Пас куҷост, касе ки туро дӯст дошт аз барои бузургӣ, некӣ, зебоӣ, хушбӯӣ ва нерӯи пирӯзманду қудрати ба душман ғалабакунанда (-и ту), он чунон ки ту ба назарам меоӣ?»

(Духтар посух диҳад) «Ай ҷавонмарди некпиндори некгуфтори неккирдори некдин, он кас ту ҳастӣ, ки маро дӯст доштӣ, аз барои ин бузургию некӣ, зебоию хушбӯӣ ва нерӯи пирӯзманду қудрати ба душман ғалабакунанда (-и ман), он чунон ки ман ба назари ту меоям. Вақте ки ту медидӣ, дигаре (пайкар) мевазонид ва ба бутпарастӣ мепардохт, ситам меварзид ва дарахтҳоро мебурид, он гоҳ ту нишаста «Готҳо» месурудӣ ва обҳои неку Озари Аҳуромаздоро месудутӣ ва марди некро, ки аз наздику дур мерасид, хушнуд месохтӣ.

Маҳбуб будам, ту маро маҳбубтар сохтӣ, зебо (будам), ту маро зеботар сохтӣ, матлуб (будам), ту маро матлубтар сохтӣ, баландпоя (будам), ту маро баландпоятар сохтӣ».

---

1. Ҳеро (*ав.* Ҳеро Березайти) - кӯҳи афсонавӣ, ки миёни ҷаҳони моддӣ ва маънавӣ қарор дорад.
2. Муин М.Маздаясно ва таъсири он дар адабиёти порсӣ. -С.372.
3. Пури Довуд. Яштҳо. Ҷ.1. -С. 162-168.

Равони марди покдин нахустин гом бардошта ба табақаи аввали биҳишт (*пиндори нек*) дарояд, равони марди покдин дуюмин гом бардошта ба табақаи дуюми биҳишт (*гуфтори нек*) дарояд, равони марди покдин сеюмин гом бардошта ба табақаи сеюми биҳишт (*кирдори нек*) дарояд, марди покдин чорумин гом фаро бардошта ба анирон (*фурӯғи бепоён*) дарояд».[1]

Фаргарди сеюми «Ҳодухтнаск», ки дорои 18 банд аст ва дар он ҳолати равони шахси гунаҳкор дар се шаби аввали баъди дафн ва мулоқоти ӯ бо дини худ ва ҳамчунин ворид гардидани ӯ ба дӯзах ифода ёфтааст, баръакси шахси порсою накӯкор тасвир шудааст.

Дар ин муколама, ки фарҳанги баланди ботинии ориёиёни бостонро инъикос карда, масъалаҳои гуногуни ҳамоҳангии ҷаҳони маънавӣ ва моддии инсонро дар миён мегузорад, масъалаи рӯҳ ва вобастагии он бо виҷдон ва бахусус, проблемаи виҷдон ҳамчун унсури муайянкунандаи муносибати инсон бо ҷаҳони атроф ҷалби таваҷҷуҳ мекунад. Гап дар сари ин аст, ки мувофиқи таҳқиқоти мутахассисони соҳа, юнониҳо ҳатто дар асри V-и то мелод дар забони худ истилоҳи «виҷдон»-ро надоштанд.[2] Ҳол он ки виҷдон ҳамчун категорияи ахлоқӣ дар ташаккули ахлоқи инсонӣ мақоми баланд дорад.

Паёмбари ориёӣ мегӯяд: «*Ай Маздо, инак дастҳоро дар намоз баланд бардошта, пеш аз ҳар чиз, хурсандии минуии афзояндаро хосторам ва мехоҳам ҳамаи корҳои худро аз рӯи ростӣ ва покӣ анҷом диҳам ва хиради худро ба андешаи неки ту ҳамсоз намоям, то равони ҷаҳонро хушнуду хурсанд гардонам.*» (Ҳоти 28, банди 1).

Тавре ки зикр гардид, аз ҳоти 28 то 53-и «Ясно» «Готҳо» номида шуда, бахши марказии «Авесто» ва таронаҳое мебошанд, ки ба худи ҳазрати Зардушт мансуб аст. Банде, ки дар боло оварда шуд, банди аввалини ҳот ё суханҳои аввалинест, ки паёмбари ориёӣ таълимоти худро бо он огоз мекунад. Сатри нахустини «Готҳо» инъикоскунандаи на танҳо муносибати ӯ ба ҷаҳони моддӣ, мақому манзалати ниҳоят баланди ростию покӣ, балки пеш аз ҳама, имконияти беҳадду ҳудуди моддӣ ва маънавии инсон дар ҳудуди истеъдоду маҳорати ӯ дар ҷаҳони офаридаи Аҳуромаздост. Зардушт инсонро бисёр дӯст медорад, ба ақлу заковат ва андешаи дурахшони ӯ боварию эътиқоди беканор дорад.

---

1. Мутобиқи навиштаи «Менӯи хирад» (фасли 57, фақараи 13) биҳишт се табақа - анирон - маҳалли иқомати парвардигор ё фурӯғи бепоён аст.
2. Касседи Ф. Сократ. -М., 1976, -С.105-106; Ярхо В. Было ли у древних греков совесть? -М., 1972. -С. 256-257.

Паёмбари ориёӣ бисёр хушбин аст. Вай дар «Готҳо» ба худованди худ муроҷиат карда, барои ҳамнавъони худ, барои тамоми навъи башар чунин тақозо мекунад: «*Ай Маздо, ҳамаи некиҳои зиндагиро, ки азони туст, онҳоро, ки буд, ҳаст ва хоҳад буд, бо меҳрубонии хеш ба мо ҳадя намо. Қудрату тавоноии моддӣ ва маънавии худованд беҳадду канор аст»*. Ҳар чизи аз андешаи неки Аҳуромаздо дар ҷаҳони моддӣ падидомада диҳанда, бахшанда ва фазоянда аст. Паёмбари ориёӣ беш аз се ҳазор сол пеш ҳудуди қудрати ободкунандаи инсонро арзёбӣ намуда, орзу кардааст, ки хиради ӯро бо андешаи неки Худованд ҳамсозу ҳамоҳанг намояд. Чун Аҳуромаздо ва ҳар чизи офаридаи ӯ дар ҷаҳон дар ҳоли тағйиру дигаргунӣ ва хислати фазояндагию бахшандагӣ дорад, инсонро хурсанд месозад: «*Сарчашмаи хушию саодат бошад, кору заҳмати фаъолона, ибтикор, ташаббус ва ободкунии ҷаҳон аст»*. (Ҳоти 33, банди 10); «*Ай Маздо Аҳура! Бегумон ин* (ҳадяи ормонӣ)*-ро ба тану ҷони касоне ҳадя мекунӣ, ки бо «андешаи нек» кор мекунанд ва дар партави «ашо» омӯзиши хиради неки туро ба дурустӣ пеш мебаранд ва хости ӯро бароварда месозанд ва барои пешрафти ҷаҳон мекӯшанд.»* (Ҳоти 34, банди 14).

Зардушт чунин мешуморад, ки фикру андешаи хуб инсонро водор ба ҷидду ҷаҳд ва ғайрату ободонӣ мекунад. Аммо, зоҳиран, дар замони ӯ ҳам гурӯҳи одамоне буданд, ки аз ин хислати асосии одамӣ маҳрум буданд. Вай дар «Готҳо» ба чунин одамон ишора карда, ба суханони худ чунин идома медиҳад: *Ҳеҷ кадом аз ин гунаҳкорон дарнамеёбанд, ки комёбӣ, ҳамон гуна, ки зиндагӣ ба мо омӯхтааст, бо кору кӯшиш (вобаста аст).* (Ҳоти 32, банди 7).

Зардушт дар ҳамон даврони қадим барои инсон барномаи амал таҳия карда, дар пеши ӯ саволҳое мегузорад, ки бисёре аз онҳо то ба имрӯз роҳи ҳалли худро пайдо накардаанд: «*Чӣ гуна дӯстдоре, ки аз огоз дар ҷустуҷӯи беҳтарин зиндагонист, ба он хоҳад расид? Чӣ касе барои хуршед ва ситорагон роҳро устувор кард? Аз кист, ки моҳ гоҳе меафзояд ва гоҳе мекоҳад? Чӣ касе замину осмонро нигоҳ медорад? Кӣ обро офарида ва кӣ дарахтонро? Кӣ ба боду абрҳо тезравӣ омӯхт? Кӣ равшаниро офарид, кӣ торикиро? Кӣ хобро ба вуҷуд овард ва кӣ бедориро? Бомдодон аз кист, нимрӯз аз кист ва шаб аз кист? Ин ҷаҳони борвар ва хуррамибахшро барои кӣ офаридӣ? Чӣ касе меҳри падар дар дили писар андохт? Он дурӯггӯе, ки дар баробари диҳишҳои ту ситеза мекунад, бадкор нест? Чӣ гуна дурӯггӯйро аз худ дур кунам? Дар партави ростӣ чӣ гуна подош ба даст хоҳам овард?»* («Ясно», ҳоти 44). Ва дар банди сеюми ҳоти 44 мегӯяд: «*Ай Маздо, ҳамаи инҳо ва бисёр чизҳои дигарро мехоҳам бидонам»*.

Зардушт бо ҷидду ҷаҳд, ҳаракат, кӯшиш ва бахусус дини худ ният дорад, ки дар ҷомеаи худ табаддулоти амиқ ба амал оварад. Ислоҳоте, ки ҷаҳони моддӣ ва маънавии ҳамзамононашро ба куллӣ дигаргун сохта, ононро бо роҳи ҷадиди азнавсозӣ ва ободкорӣ ҳидоят намояд. Вай дар «Готҳо» мефармояд: «*Он касе, ки дар партави аша беҳтарин хости Зардушт - сохтани ҷаҳони навро ба ростӣ бароварад, подоши зиндагонии ҷовидона сазовори ӯст ва дар ин ҷаҳони физояндаи борвар ҳар чизи дилхоҳи худро ба даст хоҳад овард».* (Ҳоти 46, банди 19).

Дини Зардушт дини назарӣ набуда, дин ва низоми амал аст. Дар он бояд инсон ҳамеша фаъол ва аъзои бадани ӯ ва бахусус, андешаи ӯ кор кунад. Фикр накардан, наандешидан, мулоҳиза нанамудан яке аз бузургтарин гуноҳ дониста шудааст. Фаъолияти рӯзмарраи пайрави дин пеш аз субҳи содиқ оғоз мегардад. Дар ин бора «Вандидод» чунин менависад: «*Саҳаргоҳон хурӯс бонг зада мегӯяд: –Ай мардум, бархезед ва дар намози худ беҳтарин ростиро ситоиш кунед, дуои Ашем Вуҳуро*[1] *бихонед, деви танбалиро аз худ дур намоед, он деве, ки мехоҳад шуморо дар хоб нигоҳ дорад.»* (Фаргарди 18, бандҳои 15-16).

Пайрави дини маздаясно мавқеии зиндагии худро ба қатъият интихоб карда, чунин мегӯяд: «*Ман ҳамеша бо деви танбалӣ ситеза хоҳам кард, зеро бекорию коҳилӣ маро мариз ва ранҷур месозад. Зардушт ба пайравони худ тавсия мекунад, ки ҷаҳонро барои дигарон обод кунад ва худ низ аз он баҳра барад.»* (Фаргарди 11, бандҳои 9).

«Виспарад» мавзӯъро чунин тақвият мебахшад: «*Ай маздаяснои зардуштӣ, дасту по ва ҳушу хиради худро барои ба ҷо овардани вазифаҳое нисбат ба дигарон дар мавқеи зарурӣ муҳайё кун, аз ҳар коре, ки зидди он аст, худдорӣ намо ва дар анҷоми кори нек ва дар дастгирӣ аз бечорагону беназвоён устувор бош.»* (Фаргарди 15, банди 1).

Дар «Авесто» заҳмат, кор чандон қадр ва муҳтарам дониста шудааст, ки дар «Вандидод» дар муколамае, ки Зардушт бо худованди худ анҷом медиҳад, Аҳуромаздо шахси заҳматкаш, бахусус кишоварзро ба касе шабоҳат медиҳад, ки тухми ростӣ кошта, дини маздаясноро дар ҷаҳон интишор медиҳад. Аз ин рӯ, кору заҳмат дар «Авесто» яке аз рукнҳои умдаи дин буда, муайянкунандаи муносибати шахс ба дини маздаясно муқаррар шудааст. Касе, ки заҳмат мекашад, бо касе муқоиса шудааст,

1. Ашем Вуху - яке аз дуоҳои муҳими пайравони дини маздаясно аст. Номи дуо аз калимаҳои аввалини он гирифта шуда, аз 12 калима иборат аст, тарҷумаи он чунин аст; Ростӣ - беҳтарин некист, (сарчашмаи) саодат аст, саодати касест, ки рост (бошад) ва хостори беҳтарин ростӣ бошад (Донишномаи Эрони бостон. Ҷ.1. -С.318).

ки сад бор дуоюю ибодат карда, ҳазор бор маросими мазҳабӣ анҷом дода, сад ҳазор бор қурбонӣ карда бошад[1] (Банди 34, банди 31 ва 28-29).

«Минӯи хирад» чунин менигорад: «*Кӯшиш кун ва миёнарав бош ва ноне бихӯр, ки аз роҳи нек ба даст оварда, бо кору кӯшиши худ ёфта бошӣ ва порае аз он нонро барои худо ва некӯкорон канор бигзор, ин кори ту беҳтарин кирдори нек хоҳад буд. Ҳар касе чизе хӯрад, ки аз кору кӯшиши худ ба даст наомада бошад, мисли он аст, ки сари дигареро ба даст гирифта, мағзи онро мехӯрад.*» (Боби 2, бандҳои 42-49).

Дар дини Зардушт ҳар амали беаҳамияти рӯзмарраи инсон арзиши мазҳабӣ дорад. Бинобар ин мутобиқи он, касе, ки кор мекунад, заҳмат мекашад, ибтикору ташаббус нишон медиҳад, чизеро кашф ва ҷоеро обод месозад, дар натиҷаи меҳнати худ на танҳо сатҳи зиндагии моддии худ ва аҳли хонаводаи худро дар ин ҷаҳон беҳтар менамояд, балки аз азизону мутабаррикони ҷаҳони дигар шуда, дар сафи мушовирон ва эзидони Аҳуромаздо қарор мегирад.

Вобаста ба ин касе, ки кору кӯшиш мекунад, худ сарнавишту тақдири худро дигаргун месозад. Аҳуромаздо ҳамаро комилан озод ва баробар офарида, тақдиру сарнавишти касеро муқаррар накардааст. Худованд ҷаҳони пурфайзу зеборо ба вуҷуд оварда, дар ихтиёри инсон гузоштааст ва онро майдони азнавсозӣ ва ободонӣ муқаррар карда, сарнавишти ҳар якеро дар ихтиёри худаш вогузор кардааст. Агар ба «Готҳо» ба сурати амиқ ошно шавем, мебинем, ки саросари он аз асолати мақоми инсон ва иродаи қотеъонаи вай дар таъини сарнавишт сухан рафтааст. Ин иродаю ихтиёри мутлақ дар тарҳрезӣ ва сохтани сарнавишт, пешгирӣ аз таъсири тақдир, бо ишора ба зарурати кору кӯшиш, ҷидду ҷаҳд баён карда шудааст. Ҳар кас бештар бикӯшад, бештар фаъолият кунад, ташаббус нишон диҳад, ризқу рӯзияш фарохтар гардида, касе, ки танбалӣ ва коҳилӣ кунад, ғуруснаю фақир хоҳад монд. Сарнавишт дар пешонии ҳеҷ касе рақам назадааст ва бою камбағалро муайян накардааст. Сарват, боигарӣ, фарохии маишату осоиши ҳар кас вобаста ба кору кӯшиши вай аст. Омили асосии нодорӣ ва камбағалии касе танбалӣ, коҳилӣ ва бекорагардии ӯ буда, хосту иродаи худованд намебошад. Зардушт дар ин бобат мегӯяд: «Ӯ (Аҳуромаздо)*-ро ба андешаи нек хушнуд мекунам, ӯро, ки бо хости хеш, беҳрӯзӣ ва тирарӯзӣ - ҳар дуро барои мо офаридааст. (Бишавад, ки) Маздо Аҳура бо шаҳриёрии минавии хеш моро (нерӯи) кор кардан бахшад,*

1. Разӣ А. Ганҷинаи таърихи Эрон. -С.636.

*то дар партави андешаи нек ва ашо ва бо некогоҳӣ ба пешрафти мардумон кӯшиш намоем.»* («Ясно», ҳоти 45).

Тавре зикр гардид, инсон дар зиндагӣ аз озодии комил бархурдор буда, дар интихоби роҳи зиндагӣ низ соҳибихтиёр аст. Ин фикр аз ҷониби Зардушт дар «Готҳо» чунин баён шудааст: *«Ай Маздо, он гоҳ ки ту дар огоз тану дини моро офаридӣ ва аз андешаи хеш (моро) хирад бахшидӣ, он гоҳ ки ҷони моро тан падид овардӣ, он гоҳ ки моро нерӯи кор кардан ва гуфтори роҳнамо арзонӣ доштӣ, (аз мо хостӣ, ки) ҳар кас боварии хешро бо озодӣ ва озодкомӣ бипазирад.»* («Ясно», ҳоти 31, банди 11).

*«Пас ҳар кас, ки хоҳ дурӯггуфтор, хоҳ ростгуфтор, хоҳ нодон ва хоҳ доно бошад, аз дилу андешаи хеш садо мебароварад».* («Ясно», ҳоти 31, банди 12); *«Ай Маздо, он кас, ки нек меандешад ё бад, бегумон дин, гуфтор ва кирдори худро низ (чунон хоҳад кард) ва хоҳиши ӯ пайрави интихоби озодонаи вай хоҳад буд.»* («Ясно», ҳоти 48, банди 4).

Ба иборати дигар, дар «Готҳо» ва бахшҳои дигари «Авесто» Зардушт пайравони худро ба азнавсозии ҷаҳон даъват мекунад. Ба ақидаи ӯ, барои расидан ба ин мақсад сараввал бояд ҷаҳони маънавии инсон дигаргун гардад. Андеша сарчашмаи дониш буда, дар сурате ба дониши муътамад мубаддал мегардад, ки бо сухан ифода шавад ва дар амал татбиқ гардад.

Яке аз тафовутҳои куллии дини зардуштия аз динҳои ҷаҳони муосир иборат аз он аст, ки дар он инсон дар муқоиса бо тамоми унсурҳои дигари ҷаҳони моддӣ, аз тарафи худованд офарида намешавад. Худованд инсони нахустин, яъне Каюмарсро офарид. Вале мушоҳида намуд, ки он мақсаду мароме, ки аз офариниши ҷаҳон дорад, Каюмарс амалӣ карда наметавонад. Камбуду норасоии инсони офаридашуда, ки ба чашм мехӯрд, камҳаракатӣ, камфаъолиятӣ, беташаббусӣ ва маҳрум будани Каюмарс аз ҳаракат, ҷидду ҷаҳд ва кӯшиши азнавсозии олам буд. Аз ин рӯ, мутобиқи навиштаи «Бундаҳишн», вақте ки Аҳриман ба ҷаҳон ҳамла кард, Каюмарс ва Гови нахустин аввалин туъмаи ӯ гардиданд.

Чун фалсафаи зардуштия фалсафаи азнавсозии ҷаҳон аст, назарияи пайдоиши инсон низ ба он мувофиқ гардонида шудааст. Дар асоси «Ясно»-и 41, банди 3, «Ясно»-и 9, банди 1, фаргарди 2, банди 41-и «Вандидод», «Тиштаряшт», банди 2, «Меҳряшт», банди 71, «Фарвардиняшт», банди 86-87, банди 9 ва сарчашмаҳои паҳлавӣ аз тухмае, ки аз Каюмарс ба замин афтод, мутобиқи муҳити мавҷуд ва дар муқобилат бо девҳои Аҳриман, ниҳоли душохае ба номи *ривос* (ревоҷ) рӯида, мувофиқу муносиби шароити замин бузург шуд ва дертар ба марду зане мубаддал гардид, ки волидайни одамони имрӯза דониста шудаанд. Онҳо аз нутфа

дар замин рӯида, ба шароити сахту тоқатфарсои он рушд карда, обутоб ёфта буданд. Аз ин рӯ, онҳо аз рӯзи аввалини мустақилияти худ ба мубориза барои рӯзӣ пардохтанд. Дар «Бундаҳишн» ва сарчашмаҳои дигари паҳлавӣ нишон дода шудааст, ки мубориза барои зиндагӣ ононро то чӣ андоза ҳушёр, доно, ҳассос, нерӯманд ва ба якдигар пайваст намуд ва баъдан наслҳои онҳо дар ҷаҳон пароканда шуданд.

Китоби муқаддаси гузаштагони мо инсонро ҳамчун мавҷуде муаррифӣ мекунад, ки ҳамеша дар мубориза ва имтиҳони оламу одам аст. Вай шахсони камҳаракат, беташаббус, канорагир, гӯшанишинро дӯст намедорад. Инсон бояд ҳамеша дар теғаи озмоишу имтиҳонот қарор дошта бошад: хоҳ хуб, хоҳ бад, роҳи сеюм вуҷуд надорад. Мувофиқи ин таълимот, инсон бояд дар ҳамкорӣ бо табиат таҷриба ва дониш андӯхта, ҷаҳонро барои худ аз нав созад ва ба зебоии он зебоии наве илова намояд.

Мувофиқи таълимоти зардуштия, Аҳуромаздо - худованди бузург, аввал ҷаҳонро дар шакли маънавӣ, яъне ҷаҳони фурӯҳарҳо ба вуҷуд овард. Тавре ки дар «Фарвардиняшт» ва бахшҳои дигар ишора шудааст, ҳар чизе ки дар ҷаҳон буд, ҳаст ва хоҳад буд, дорои фурӯҳар мебошад. Вале фазоянда ва инкишофдиҳандаи ҷаҳони моддӣ фурӯҳари фақат он шахсонест, ки дар ҷараёни зиндагии худ дар замин таҷрибаю дониши фаровон андӯхта, барои ободӣ ва азнавсозии он мубориза бурданд ва аз худ осоре боқӣ гузоштанд. Мувофиқи бисёр сатрҳои «Авесто» ва бахусус «Фарвардиняшт», Аҳуромаздо - худованди бузург ҷаҳонро бо кумак, раҳнамоӣ ва машварати онҳо идора мекунад.

Мақоми баланди олами фурӯҳарҳо, ки яке аз рукнҳои умдаи дини маздаясност, аз аввали офариниши ҷаҳон поягузорӣ шудааст. Дар «Бундаҳишн»-и ҳиндӣ Аҳуромаздо пас аз офариниши олами фурӯҳарҳо ва пеш аз ба шакли моддӣ даровардани ҷаҳон, ба фравашии одамон мурочиат карда, чунин мегӯяд: «*Кадоме шуморо ба назар судмандтар ояд, (ин) ки шуморо ба гетӣ диҳам, (то) ба сурати моддӣ бо дурӯғ биҷангед ва дурӯғро нобуд кунед ва шуморо ба фарҷом дурусту бемарг созам ва боз ба гетӣ диҳам ҳамеша бемарг, безармон (бе пирӣ, ҷовидон) бе патёра (зарар) шавед, ё шуморо ҳамеша аз Аҳриман ҳимоят бояд кардан. Фурӯҳари мардум ба мубориза бо Аҳриман ва ба рафтан ба гетӣ ҳамдостон шуданд.*»[1]

Аҳуромаздо пеш аз он, ки ба одамон тани моддӣ бахшад, бо фурӯҳари (арвоҳи) онҳо машварат карда, чунин мегӯяд: –Ман, ки ба шумо шакли моддӣ медиҳам ва ба ҷаҳони моддӣ равон мекунам, шумо ҳатман мав-

1. Бундаҳишни ҳиндӣ. -Теҳрон, 1368. -С.78.

риди ҳамлаи Аҳриман ва девони ӯ қарор хоҳед гирифт. Худованд барои ҳалли мушкилоти бавуҷудомада ду роҳ пешниҳод мекунад: кадоме аз онҳо мавриди писанди шумо аст, аввал ман, Аҳуромаздо, шуморо бояд таҳти ҳимояти доимии худ гирифта, ҳамеша аз девони Аҳриман муҳофизат кунам ва дуюм, шумо ҳамроҳи ман бо Аҳриман ҷангида, дурӯғро нобуд мекунед ва ман ба шумо зиндагии босаодати абадӣ мебахшам. Фурӯҳари инсонҳо роҳи мубориза бо дурӯғро пазируфтанд.

Аз ин ривоят чунин бармеояд, ки (а) олат ва силоҳи асосии Аҳуромаздо дар азнавсози ҷаҳон инсон аст, (б) инсон бо пуштибонии Аҳуромаздо ва такя ба ҳушу хиради худ бо тамоми мушкилоти мавҷуд (Аҳриман) мубориза бурда, ҷаҳонро навсозӣ мекунад. Дар ин ҷо низ ҳолате ба мушоҳида мерасад, ки дар боло дар мисоли Каюмарс дида шуд.

Мақому мартабаи баланди инсон дар аввалин ваҳйи худовандӣ, ки ҳанӯз Каюмарс дарёфт карда буд, муайян шудааст. Чун дар давраи ӯ пайраве набуд, дертар ин ваҳйро Зардушт дарёфт намуд. Мувофиқи он, беҳтарин коре, ки фарзандони инсон метавонанд бикунанд, анҷоми касбӣ ва тахассусии корҳоест, ки ба онҳо муқаррар шудааст.

Фаҳмишу дарки ин масъала яке аз вазифаҳои муҳимтарини динӣ аст. Ба иборати дигар, *ҳар кореро бояд шахсе анҷом диҳад, ки аз он огоҳии пурра ва ҳамаҷониба дошта бошад. Вазифаи динии ҳар инсон иборат аз он аст, ки ба беҳтарин ваҷҳи мумкин кореро, ки аз ҷониби иҷтимоъ ба дӯши ӯ гузошта шудааст, анҷом диҳад.* Ҳар амали рӯзмарраи одам арзиши динии махсусе дорад ва ва бахше аз ойини маздаясноро ташкил медиҳад. Аз рӯи виҷдону самимият анҷом додани ин корҳо ба азнавсозии ҷаҳон ва таҷдиди ҳаёт кӯмак мекунад. Ҳар касе дар таҷдиди ҳаёт ва азнавасозии ҷаҳон дар сурате ҳиссагузор аст, ки агар корҳои ҳаррӯзаи худ дар хона ва вазифаи вогузоштаи иҷтимоиро хушсифат ва беайбу нуқс иҷро намояд. Агар шахс вазифаи имрӯзаи худро нисбат ба дирӯз ва вазифаи фардоро нисбат ба имрӯз беҳтару хубтар анҷом медиҳад, фарри ӯ бештар шуда меравад. Мувофиқи мундариҷоти «Авесто», ҳар давра ниёз, мушкилот ва проблемаҳои ба худ хосе эҷод мекунад, ки бояд бо онҳо мубориза шавад. Ҳар инсон дар ботинаш дурӯғи хоси худро дорад, ки ҳамеша бояд бо он мубориза намояд.[1]

Дар бораи се лавҳае, ки дар боло оварда шуд, қайд кардан лозим аст, ки *аввалан* зардуштия ҷаҳони моддӣ ва ҷаҳони маънавиро аз ҳам ҷудо накарда, якеро такмилдиҳандаи дигаре медонад ва ҷаҳони маънавии

1. Моле М. Эрони бостон. -Теҳрон, 1337. -С.102-103.

инсонро дар мақоми аввал қарор дода, онро сарчашмаи инкишофу пешрафт муаррифӣ мекунад. *Дуюм*, Аҳуромаздо ба инсон ихтиёру истиқлол бахшида, вайро идомадиҳандаи худ дар ободӣ ва азнавсозии ҷаҳон интихоб кардааст. *Сеюм*, инсон мавҷуди комилан мустақиле мебошад, ки ба раҳнамоӣ ва нишондоди касе муҳтоҷ нест. Ҳар амали ӯ мутобиқи шароити мавҷуд, нисбат ба зарурат сурат гирифта, ҳамин зарурат сарчашмаи дониши нав ва маърифати ҷаҳон мегардад.

Каюмарс инсоне буд, ки маҳорату истеъдоди ҷаҳонкушоӣ надошт. Ба Аҳуромаздо - Худованди бузург, инсоне лозим буд, ки фақат ба худ такя кунад, эътимод ба дониши худ, ба маҳорату истеъдоди худ дошта бошад. Инсоне лозим буд, ки дар мушкилтарин фурсат, замоне ки бо бунбаст рӯ ба рӯ мегардад, дар асоси такя ба хирад, дониш ва огоҳии худ, аз он варта худашро раҳоӣ диҳад. Ба ӯ инсоне лозим буд, ки ҷонфидо ва муборизи ободӣ ва азнавсозии ҷаҳон бошад. Машия ва Машёна маҳз дар шароити ҳамлаи шадиди Аҳриман, дар муҳите рӯида, ба камол расиданд, ки замин пур аз ҳашароти музир ва ҳайвоноти даранда буд.

*Чорум*, кору амал, таҷриба ва дониши дар ҷараёни зиндагӣ андӯхтаи инсони азнавсозанда ва ободкунанда бо марги ӯ аз миён намеравад. Ободию бунёдкории ӯ ҳамчун зинаи минбаъдаи инкишофи насли дигар хизмат карда, фурӯҳари ӯ дар азнавсозии ҷаҳон ба Аҳуромаздо кӯмак ва ҳамкорӣ хоҳад кард. Илми синергетика дар аввали асри гузашта ба вуҷуд омад. Он таъкид мекунад, ки на танҳо муҳит, табиат ва замин мувофиқи қонунҳои худ худро ташаккул медиҳад, мувофиқ мегардонад, ислоҳ мекунад, балки раванди худташкилкунӣ дар саросари ҷаҳон идома дорад. Зоҳиран, раванди ташкили худ ба худӣ, ислоҳи худ ба худӣ, ки дар асари синтези ҷаҳони моддӣ ва маънавӣ ба амал меояд, хосияти умумӣ пайдо карда, тамоми унсурҳои табиатро дар бар мегирад ва ба инсон низ дахл мекунад.

*Панҷум*, ободӣ ва азнавсозии ҷаҳони нав ба василаи дониш ва таҷрибае, ки тавъам бо садоқат, самимият ва виҷдон бошад, сурат гирифта метавонад. Инсоне, ки фориг аз дониш аст, дрегван аст. Вай дар ҷаҳон тағйири мусбат ворид карда наметавонад. Косиб, мутахассис, коргар, коршинос агар кӯшо, вазифашинос, навовар ва ихтироъкор бошанд, вазифаи иҷтимоии худро бо садоқат ва муҳаббати фаровон анҷом диҳанд, вазифаи мазҳабии худро анҷом дода, пайрави комилҳуқуқи дин ҳисоб мешаванд. Фидокорӣ, садоқат, самимияти касбӣ фарри инсонро афзун мегардонад. Ба иборати дигар, ҳар коре, ки бо садоқату самимият анҷом

мегирад, ҷаҳонро обод мегардонад. Ҳар кореро бояд шахсе анҷом диҳад, ки онро нисбат ба дигарон беҳтар медонад.

Аз гуфтаҳои боло чунин хулоса кардан мумкин аст, ки дар барҳам додани ҷаҳонбинии асотирӣ ва дар радифи аввал қарор додани проблемаи инсон ва ҷаҳони ӯ фалсафаи Юнони Қадим муқаддам набуда, ин масъалаҳо бори нахуст ва ба таври ҳамаҷониба аз ҷониби дини яктопарастии Зардушт ва китоби муқаддаси он «Авесто» гузошта шуд. Бузургии фалсафаи Юнони Қадим аз он иборат аст, ки нукоти умдаи таълимоти «Авесто»-ро аз худ карда, ба онҳо ҷанбаи амалӣ дод ва онро дар ихтиёри фалсафаи ҷаҳон гузошт.

Саросари «Авесто», ки китоби муқаддаси ниёгони пешазисломии мо мебошад, тараннуми зиндагии шарофатмандона, таблиғи ростию дурустӣ, тарвиҷи кору заҳмат аст. Зардушт дар бисёр бандҳои «Готҳо» хислатҳои Аҳуромаздо - Худованди бузургу тавоноро барои пайравӣ ҳамчун намуна тавсия медиҳад. Хислат ё мазҳарҳои Аҳуромаздо - амшоспандон ва эзидони ӯ мебошанд.

Аҳуромаздо ҷаҳонро ба василаи амшоспандон ва эзидони худ идора мекунад. Амшоспандон ҳамкорону ёварони наздиктарини худованд буда, шаш нафаранд ва ҳар яке дар ҳудуди салоҳият ва соҳаи фаъолияти худ дар идора ва офариниши ҷаҳони моддию маънавӣ ба Аҳуромаздо ҳамкорӣ мекунанд. Плутарх аз шаш амшоспанди ойини маздаясно ном бурда, вуҷуди ононро аз ду ҷиҳат мавриди тафсир қарор медиҳад: дар олами рӯҳонӣ ҳар яке аз онон мазҳару намудори яке аз сифатҳои Аҳуромаздо мебошад, дар ҷаҳони моддӣ бошад, ниғоҳдорӣ, нигоҳбонӣ ва парвариши яке аз унсурҳо ва падидаҳо ба онҳо супурда шудааст.[1]

Аввалини онҳо Баҳман - намудори андешаи неку муқаддас ва хираду доноии Аҳуромаздо буда, дар ҷаҳони моддӣ сарпарастии тамоми ҷонваррони судманду чорпоён ба ӯ вогузор шудааст. Урдибиҳишт - намояндаи ростию дурустии Ҳурмузд аст ва дар олами ҷисмонӣ нигаҳбони оташ аст. Шаҳривар - ҷилвагоҳи подшоҳӣ ва тавоноии офаридгор аст ва дар ҷаҳони фонӣ парастории филизот бо ӯст. Исфандормаз - намоёнгоҳи фурӯтанӣ, садоқат ва меҳру муҳаббати Маздост ва дар ин ҷаҳон борварӣ ва парвариши замин ба ӯ муҳаввил шудааст.

Хурдоду Амрдод амшоспандоне ҳастанд, ки намояндагони ҷовидонӣ ва камолу расоии Аҳуромаздо буда, дар олами моддӣ нигаҳбонии об ва парвариши гиёҳон ба онон вогузор шудааст. Ба илова дар «Авесто» аз

1. Алавӣ А. Таърихи комили адён. -С.119.

теъдоди фаровони эзидон ном бурда шудааст, ки аз лиҳози дараҷа нисбат ба амшоспандон дар мартабаи поёнтаре қарор доранд. Дар «Ясно»-и 16, «Ҳаптаняшт»-и бузургу кӯчак аз амшоспандон сухан рафта, дар «Хуршедяшт» аз садҳо ва ҳазорон эзидони минавӣ суҳбат мешавад: ҳангоме ки Хуршед битобад, садҳо ва ҳазорон эзидони минавӣ бархоста, фарро баргирифта, дар рӯи замини Аҳуроофарида пахш мекунанд, то бо он ҷаҳони ростӣ ва ҳастии ростиро парвариш диҳанд. Фаровони эзидон то ба он дараҷа буда, ки тааҷҷубу шигифтии нависандагони юнониро ба вуҷуд овардааст. Диогени Лаэрти навиштааст, ки бино бар ақидаи форсиён фазои осмон пур аз фариштагон аст.[1]

Дар ойини маздаясно воқеан чунин эзидон дар майдони корзор барои ҳифозати замин, покии табиат ва беҳбудии зиндагии инсон фаъолият карда, ҳар яке нигоҳбони аносири табиӣ, аз ҷумлаи Моҳ, Хуршед, ситорагон, осмон, об, оташ, ҳаво, замин ё муҷаррадоти маънавӣ, аз ҷумлаи нерӯмандӣ, ростӣ, дурустӣ, пирӯзӣ, доноӣ, саховат ва ғайра мебошанд. Аз чанде аз ин фариштагон ном мебарем, ки дар ойини маздаясно аз салоҳияту эътибори барозандае бархурдоранд.

Эзиди Озар дар ойини зардуштӣ мақоми хоссае дошта, дар «Авесто» аз ӯ чун писари Аҳуромаздо ном бурда шудааст. Барои эзиди Озар дар маркази маъбадҳои зардуштӣ хонаи махсусе ба номи «озарон» месозанд ва оташгоҳ дар ин утоқ воқеъ шуда, пайравон ҳамарӯза се маротиба ба он ситоишу ниёиш мебаранд. Ҳангоми дуою намоз пайравони дин аввал аз номи Аҳуромаздо - Худованди якто, офарандаи ҷаҳони моддию маънавӣ оғоз карда, сипас номи Озарро ба забон меронанд. Вақте ки дини маздаясно оташро ситоиш мекунад, танҳо оташи маъмулиро дар назар надошта, тамоми шаклҳои энергияро, ки ҷаҳонро дар ҳолати мувозинату ҳамоҳангӣ нигоҳ медорад, дар назар дорад. Ба ақидаи Ҳераклит, ҳар чизе дар ҷаҳон аз ҳисоби оташ дар ҳоли тағйир, дигаргунӣ, ташаккул, пайдо шудан ва аз байн рафтан аст. Ҳар чизе аз оташ падид омада, боз ба оташ мубаддал мешавад.[2] Нерӯи оташ аст, ки ҷаҳон ва аносири онро борвар сохта, заминаи пешрафту инкишоф мегардад ва ризқу рӯзии ҷаҳониёнро падид меоварад. Дар «Авесто» аз панҷ хел оташ ёд мешавад, ки марбут ба эзиди Озар аст. *Оташи Берези савангҳ*, ки номи умумии оташ аст; *Вуҳуфриёна* - оташе, ки дар ҷисми инсон аст; *Урвозишта* - оташе, ки дар растанию дарахтон аст; *Возишта* - оташи раъду барқ, ки аз гурзи эзиди

1. Бенвенист Э. Дини эронӣ. -С.72.
2. Краткий очерк истории философии. -М., 1967. -С.45.

Тиштар меҷаҳад; *Спэништа* - оташе, ки дар арш дар пеши Аҳуромаздо ҷовидон фурӯзон аст ва инкишофи моддию маънавии ҷаҳонро фароҳам месозад.

Эзиди дигаре, ки дар ойини маздаясно шавкату ҷалоли дурахшон дорад, эзиди Зам, Зами ё Замин аст, ки фариштаи муваккили хок мебошад. Низомӣ чунин мегӯяд:

*Асосе, ки дар осмону замист,*
*Ба андозаи қудрати одамист.*

Замин монанди Осмон дар маздаясно муқаддас аст ва аксаран дар «Авесто» ҳар ду омадаанд. Аз ин рӯ, *Замин* - фариштаи муваккили хок ва *Осмон* - фариштаи муваккили сипеҳр мебошанд. *Обон* - фариштаи муваккили обҳои бузург аст. Чун обу оташ дар замони бостон аносири муқаддас шумурда мешуд, дар ин ҷо овардани порчаи кӯтоҳи муаррихи юнонӣ перомуни як ғуломи эронӣ аз фоида холӣ нест. Дар Юнони бостон ғуломи эронӣ ба соҳиби худ бо чунин хоҳиш муроҷиат мекунад: «*Агар ман мурдам, маро масӯзон, эй Филонимос, оташро ба тани ман маёлон, ман порсиям, ниёгонам низ порсӣ буданд ва гуноҳи олудани оташ ба назди мо гаронтар аз марг аст. Маро ба хок биспор, оқоям, вале бар танам оби татҳир маяфшон, чун ман обҳоро низ гиромӣ медорам.*»[1]

Яке аз эзидони пурнуфузе, ки ба ӯ ҳатто Аҳуромаздо ниёиш мебарад, Аредвисур Анаҳито - зан - эзиди обҳои маънавист. Яште, ки ба Аредвисур Анаҳито бахшида шудааст, яке аз тӯлонитарин ва зеботарин яштҳои «Авесто»-ст. Дар он ҷо омадааст, ки Анаҳито дар миёни сипеҳри рӯшану ситорагон қарор дошта, саршор аз тавону озодагии далерона дар фойтуни чораспааш пеш метозад, девону ҷабборон ва ҳамаи мавҷудоти пургазандро нобуд мекунад, то онон роҳу равиши зиндагии инсонро халалдор накунанд. Аҳуромаздо посдорию нигоҳбонии ҳамаи ҷаҳони офариниишро ба ӯ вогузор кардааст. Ӯ фаррухӣ ва борварии ҷаҳону ҷонварро тазмин карда, галаҳо ва киштзоронро дар паноҳи худ нигоҳ медорад. Аредвисур Анаҳито яке аз эзидони муҳтарамест, ки ӯро худи Аҳуромаздо ситоиш карда, ба ӯ намоз мебарад. Дар «Обоняшт», ки дар он Аредвисур Анаҳито сутуда мешавад, Аҳуромаздо дар бораи ӯ ба Зардушт мегӯяд: «*Ман, Аҳуромаздо, ӯро аз нерӯи хеш ба вуҷуд овардам, то хона, деҳ, русто ва мамлакатро парвариш диҳам, то (ониҳоро) ҳимоят кунам ва ҳифз намоям, посбонӣ кунам, паноҳ диҳам ва нигаҳбон бошам. Ӯ муқаддасест, ки ҷонафзост, муқаддасест, ки фазояндаи галаю рама аст, муқаддасест, ки*

1. Бенвенист Э. Дини эронӣ. -С.29.

*фазояндаи гетист, муқаддасест, ки фазояндаи сарват аст, муқаддасест, ки фазояндаи мамлакат аст.»* («Яштҳо», бандҳои 1, 6).

Эзиди пурҷоҳу ҷалоле, ки дар «Авесто» борҳо бо эҳтиром ёд шудааст, Меҳр мебошад. Меҳр яке аз эзидони ниҳоят бостонии мардуми ориёӣ буда, замоне доманаи парастишу ниёиши ӯ ба бахши аъзами Осиё ва Аврупо густариш ёфта буд.[1] Номи ӯ на танҳо дар «Ригведа» дида мешавад, балки дар ҳуҷҷатҳои сулолаи Митонӣ - яке аз нахустин қавмҳои ориёӣ дар қарни XIV-и қабл аз мелод воқеъ дар Байнаннаҳрайн мундариҷ аст. Дар «Авесто» Меҳр эзиди Хуршед нест, балки фариштаи анвори минавист. Ӯ пеш аз Хуршед бархоста, чун эзиди ростӣ нигоҳбони аҳду паймон аст, сониян чун эзиди рӯшноӣ ёридиҳандаи рӯиши гиёҳон ва болиши ҷонварон аст.

Аз ин муаррифии амшоспандон - ҳамкорони наздики Аҳуромаздо ва чанд тан аз эзидони ӯ бармеояд, ки зиндагии шарофатмандонаи инсон ва ҳаёти мураффаҳи тамоми ҷонварони муфид ҳадафи асосии дини маздаясно мебошад. Муъмини зардуштӣ дар он сурат файзу баракати худовандиро ба даст меоварад, ки ба гуфтаи Пури Довуд, мисли Баҳман андешаи некро сармашқи кори худ кунад, мисли Урдубиҳишт росту дуруст ва ҳақиқатҷӯ бошад, мисли Шаҳривар дар анҷоми кори нек муътақид буда, тавоноии худро эҳсос намояд, мисли Исфандормаз нисбат ба ҳамдинон меҳру муҳаббати фаровон дошта, барои ибрози некӣ нерӯи худро дареғ нанамояд. Мутобиқи «Авесто» кору кӯшиш сарчашмаи файзу баракат, ростию дурустӣ саодати ҷаҳони моддӣ ва маънавист. Касе шоистаи фармондеҳию бартарӣ хоҳад шуд, ки худ сари итоат ба даргоҳи Худованди Бузург фурӯд оварад, аз Суруш - эзиди бурдборию итоат панд бигирад, хонаи касе ободаст, ки дили Арт - эзиди сарватро нарм карда, мутаваҷҷеҳи худ созад, хонаи касе гарму меҳрогин аст, ки Озарро муҳтарам шумурда, ба ӯ ниёишу назр бибарад, касе аз галаю рама бархурдор шавад, ки эзиди Гӯш (Гушурван) - мувакқили чорпоёни судманд аз таваҷҷуҳи вай ба ҷонварони аҳлӣ хушнуд бошад, Тиштрйа - фариштаи борон киштзори касеро серобу пурҳосил кунад, ки аз дастгирии мустамандону бечорагон дар роҳи Худованд дареғ наварзад, касе ҳамеша пирӯзу сарфароз бошад, ки ҳамеша ба аҳди худ вафо карда, Меҳр - посбони аҳду паймонро наозурда бошад, касе аз бедоду ситами ҷафокорон дар амон хоҳад буд, ки худ аз роҳи адлу инсоф нагашта, бо Рашну - фариштаи мувакқили адлу инсоф муттаҳид бошад. Равону фурӯҳарҳои ниёгон барои хонадони касоне аз даргоҳи парвардигор бахшоишу файзу баракат дархост мекунанд, ки

1. Куман Ф.Ойини пуррамзу рози митроӣ. Разӣ Ҳ. Ойини меҳр. Иборат аз 2 ҷилд. -Теҳрон, 1381.

аъзои он хона покиза ва бо доду диҳиш бошанд, ҳумои илму дониш - Чисто ба сари касе соя афканад, ки парҳезкору порсою худотарс бошад.[1]

Китоби муқаддаси бостонии ниёгони мо таълим медиҳад, ки зиндагӣ неку шариф буда, неъмати худовандист. Ҷаҳон ва он чӣ дар рӯи он қарор дорад, муқаддас буда, шодию сурур муҳаббати эзидист. Дар «Фарвардин-яшт», банди 9 перомуни табиату мавҷудоти зебои он бо ибороти зебою шоирона чунин омадааст: «*Замини фарохи Аҳуроофаридаи баланду паҳн, ҳомили чизҳои зебою саросар ҷаҳони моддист, чи ҷондору чи беҷон ва кӯҳҳои баланду чарогоҳҳои бисёр ва оби фаровон бар он аст*».

Устод Иброҳим Пури Довуд дар «Яштҳо» чунин оварда: «Он чи муаррихони қадими Юнон мисли Ҳеродот, Ксенофонт ва ғайра роҷеъ ба ҷалоли Эронзамин навиштаанд, дар «Авесто» ҳам ба хубӣ пайдост, басо дар онҳо дар борои қасрҳои садсутуни дурахшон, бистарҳои муаттар, чарххои дурахшон, гардунаҳои (*фойтунҳои*) хурӯшанда, аспҳои маст, тозиёнаҳои танинбарандоз, теғу тиру гурзҳо, найзаҳо ва хӯду ҷавшанҳои симину зарин, либосҳои фохиру зарбофт, тоҷу тавқу гӯшвораю дастбандҳои гавҳарнишон сухан рафтааст».[2]

Дар дини маздаясно зиндагонӣ муқаддас шумурда шуда, хушии оянддаро шарти бадбахтии кунунӣ надонистаанд. Дар он инсон бояд тамоми лаззатҳои дунявиро истиқбол намуда, ҳар он чиро, ки аз он фоидаю суде мерасад, дӯстдору хостгор бошад: «*Ба ҳамаи чизҳои хубу нек дуруд мефиристем*» («Ясно», ҳоти 42, банди 3); «*Пайкарҳои куллияи офариниши муқаддасро мо меситоем.*» («Яштҳо», банди 22).

Ба иборати дигар, ниёгони мо чунин ҳисоб мекарданд, ки ҳар чизи Аҳуроофарида хубу нек аст ва аз лиҳози сохтмон комилу нотакрор мебошад. Яке аз тавофутҳои куллии мардуми ориёӣ иборат аз он аст, ки онҳо зебоиро ба хубӣ ташхис медоданд, онро тараннум мекарданд, ситоишу ниёиш мебурданд. Зебоӣ чизест, ки ба нумӯю инкишофи инсон мусоидат карда, василаи хушӣ ва рифоҳу осоиши вайро фароҳам меоварад. Ҳар ашёи табиат мазҳари зебоӣ ва камолоти худованд аст. Эҳтирому бузургдошти ҳар яке аз онҳо ситоишу бузургдошти офаридгор мебошад. Тавре ки зикр гардид, дар «Вандидод» ба чунин сатрҳо бармехӯрем: «*Зардушт аз Аҳуромаздо пурсид: -Ай офаридгори поки ҷаҳони моддӣ, чӣ гуна ситоиши ту ба ҷой оварам? Он гоҳ Аҳуромаздо дар посух гуфт: -Ай Спитамони Зардушт, ту бояд наздики гиёҳи аз замин рӯйида равӣ ва чунин гӯӣ: -Дуруд,*

1. Пури Довуд. Яштҳо. Ҷ.11. -С.11-24.
2. Пури Довуд. Яштҳо. Ҷ.1. -С.113.

*ба ту, ай гиёҳи зебои тавонои хубрӯйида, ту ай неки Маздоофарида, ай гиёҳи муқаддас.*» (Бандҳои 17-18).

Мутолиаи тамоми бахшҳои «Авесто» моро ба ин хулоса меоварад, ки таълимоти Зардушт ҳосили андешаҳое мебошад, ки дар кору фаъолият имтиҳон гардидааст. Дар ойинҳои дигар дар баробари даъватҳое, ки барои кору ғайрату кӯшиш ба амал омадааст, мавридҳои дигаре низ пайдо мешаванд, ки гӯшанишинӣ ва қаландарию дарвешӣ сутуда шудааст. Хушию хуррамӣ, шодию сурур падидаҳое ҳастанд, ки инсон бояд аз онҳо истифода кунад. Ин падидаҳо офаридаи Аҳуромаздо ҳастанд ва аз онҳо набояд худро маҳрум сохт.

Душманӣ, бадбинӣ, хусумат, хашм, дурӯғ, танбалӣ, беғайратӣ девони офаридаи Аҳриман ҳастанд. Ҳар касе, ки дар роҳи ростӣ, ҳақиқат, шарофат аз худаш диловарӣ, тавоноӣ, кӯшиш, гайрат ва ҷидду ҷаҳд нишон медиҳад, дар ҷаҳони моддию ухравӣ подоши Аҳуромаздоро дарёфт хоҳад кард. Дар фаргарди сеюми «Вандидод» паёмбари маздаясно ва худованди ӯ чунин саволу ҷавоб мекунанд: *«–Эй офаридгори ҷаҳони поки моддӣ, тағзияи* (гизои) *ойини маздаясно аз чист? Он гоҳ гуфт Аҳуромаздо: –Ай Спитамони Зардушт, ойини маздаясно вақте тағзия ёбад, ки мардум бо ғайрату кӯшиш гандум биноранд, касе ки гандум мекорад, ба ин мемонад, ки ростӣ меафшонад ва дини маздаясноро пеш мебарад.»* (Бандҳои 30-31).[1]

Тавре ки дида мешавад, паёмбари ориёӣ ойини маздаясно ва заҳмату кору кӯшишро дар ду паллаи як тарозу гузошта, на танҳо мавҷудияти дин, балки ба таври умум зиндагиро марбут ба он медонад. Мутобиқи гуфтаи Плутарх, нахустин миллате, ки кори зироатро як амри муқаддас шумурд, ориёиҳо буданд.[2]

Яке аз хусусиятҳои беҳтарини ниёгони мо муҳтарам доштани замин аст, ки маҳди ҳаёт буда, тамоми хушиҳои зиндагӣ ва нозу ниёзи мо аз он сарчашма мегирад. Мутобиқи навиштаи «Сад дар наср», ободонӣ, кишту варз савоби бузург шумурда шуда, заҳмату кор то ба дараҷаи тақдис расонида шуда буд. Чанд банди фаргарди сеюми «Вандидод», ки дар зер оварда шуда, саволу ҷавоби Зардушт ва Аҳуромаздост, инро ба субут мерасонад: *«-Ай офаридгори ҷаҳони поки моддӣ, дар куҷо замин, нахуст, беш аз ҳама ҷо шод аст?*

*Он гоҳ гуфт Аҳуромаздо: -Ба ростӣ, ай Спитамони Зардушт, дар он ҷое, ки мардумон худопараст бошанд ва ба ситоишу ниёиш пардозанд*

1. Пури Довуд. Яштҳо. Ҷ.II. -С.138.
2. Меҳрин М. Тамаддуни Эрони бостон. -С. 138.

(Банди 1); *Дуюм, дар куҷо замин беш аз ҳама ҷо шод аст? Дар он ҷое, ки марди порсою покдомане хона барпо кунад ва он хонаро аз зан, фарзандон, гала бархурдор созад ва дар он ҳар чизе, ки бо он зиндагӣ хуш аст, фаровон бошад* (Банди 2, 3); *Сеюм, дар куҷо замин беш аз ҳама ҷо шод аст? Дар он ҷое, ки бештар аз ҳама гандум, гиёҳ ва дарахтҳои мева биколанд, дар он ҷое, ки замин хушк асту об расонанд ва дар он ҷое, ки замини ботлоқро хушк намоянд.»* (Банди 4).

*«–Ай офаридгори ҷаҳони поки моддӣ, дар куҷо замин ношод аст?*

*Он гоҳ гуфт Аҳуромаздо: -Ай Спитамони Зардушт, замин ношод аст, агар замоне шухм нашуда, боир бимонад, монанди зани зебоандоме, ки муддатҳо аз фарзанд бебаҳра монда, орзуманди мардест»* (Банди 24); *Ай Спитамони Зардушт, касе, ки дар рӯи замин бо дасти чапу рост ва бо дасти росту чап киштукор кунад ва онро борвар созад, гӯё чунон аст, ки марди азизе ба бистари зани азизе дарояд, ин яке аз фарзанд борвар гардад ва он дигаре аз хирман* (Банди 25); *Ай, Спитамони Зардушт, касе, ки дар рӯи замин бо дасти рост ва бо дасти росту чап киштукор кунад, замин ба ӯ чунин гӯяд: –Ай марде, ки дар рӯи ман бо дасти чапу рост ва бо дасти росту чап кор кардӣ, ҳамеша ман дар оянда борвар хоҳам буд, ҳамеша баҳрабахш хоҳам монд, ғайр аз хирмани хуб, дар рӯи ман ҳар неъмату хушӣ дарёфт хоҳӣ кард.»* (Бандҳои 26-27).[1]

Аз маъхазҳо маълум мешавад, ки Дорои I сатрапи Осиёи Сағир ба ном Кадатесро аз ин ҷиҳат ба ҷоизаю подош муносиб донист, ки тавониста буд дарахтони мевадори он сӯи дарёи Фуротро дар заминҳои дурдасти Осиёи Хурд парвариш диҳад. Касе, ки заминҳои хушкро обёрӣ мекард, аз маҳалли дурдаст оби наҳр ҷорӣ месохт, то панҷ насл аз молиёту боҷ озод мегардид.[2]

Ойини маздаясно бекорон, танбалон, беғайратон ва муфтхӯронро танбеҳу мазаммат карда, онҳоро ба сафи муъминони худ шомил намесозад. Дар фарғарди сеюми «Вандидод», Аҳуромаздо ба паёмбари худ чунин меғӯяд: *«Агар касе дар рӯи замин бо дасти чапу рост ва дасти росту чап киштукор накунад, замин ба ӯ чунин гӯяд: -Ту ай касе, ки бо дасти чапу рост ва дасти росту чап дар рӯи ман кор накардӣ, ту бояд дар оянда пушти дари дигарон такя зада, ба по истӣ ва рӯзии худро аз онон гадоӣ кунӣ, хӯроки пасмонда ва нонрезаҳо, ки аз даҳони дигарон афтодааст, насиби*

1. Пури Довуд. Яштҳо. Ҷ. II. -С.433-434.
2. Дандамаев М. Политическая история Ахеменидской державы. -С.22.

*ту хоҳад шуд ва аз дастурхони касоне, ки дар фаровонию осоишу хушӣ зиндагӣ мекунанд, чунин чизе ба ту хоҳад расид.»* (Банди 28-29).

Ойини маздаясно болои се ситораи тобноки ахлоқи инсонӣ - ***пиндори нек, гуфтори нек*** ва ***кирдори нек*** устувор аст. Ин се сухани бузург, ки дирафши ниёгони мо буда, имрӯз мо ба боди фаромӯшӣ супурдаем, тақрибан дар ҳар саҳифаи «Авесто» такрор шудааст. Ин се ибора тамоми аъмоли некеро, ки аз тарафи пайравони дин дар ҳар ҷо анҷом пазирад, ба доираи муқаддаси худ шомил месозанд. Мувофиқи дастури динӣ, ҳар касе ки дар ҷараёни фаъолияти хеш ин се унсурро роҳнамои зиндагии худ карда бошад, ба ганҷинаи натиҷаҳо ва ба файзу баракати худовандӣ даст хоҳад ёфт. Паёмбари маздаясно чунин мегӯяд: *«Марди доно ба гуфтори нек қаноат намекунад, балки кору кирдоре, ки аз андешаи нек ва Ваҳуман бархостааст, анҷом медиҳад.»* («Ясно», ҳоти 34, банди 10).

Паёмбари бузурги ниёконамон гузаштагони тоисломии моро ба пояи ин се ҳақиқати ҷовидона ба сӯи қуллаҳои баландтарини инсонӣ раҳнамоӣ мекард. Дар «Готҳо» Зардушт аз умматони худ тақозо мекунад, ки дар пиндор, гуфтор ва кирдори худ мисли худи Аҳуромаздо поку беолоиш бошанд. Ӯ дар ин бора гуфта: *«Аз ту мепурсам, ай Аҳуро, ба ростӣ маро аз он огоҳ фармо. Ҳамчунон, ки ман аз ойини ту пайравӣ мекунам, орзу дорам, ки дар ҳар чиз ба ту шабоҳат дошта бошам ва дӯстони худро низ таълим диҳам, ки дар андешаю гуфтор аз ту пайравӣ намоянд ва порсоиро пешаи худ созанд.»* («Ясно», ҳоти 44, банди 1).

Ҳадафи Зардушт дар ойини маздаясно дар сатҳи баланди наҷобату тақаддус қарор дошта, ният дорад, тамоми башар ва ҳар фарди онро ба сатҳи баландтарини камолот ва тааққулу тамаддун, яъне то ба остони парвардигор бирасонад. Дар таърихи башар орзуи бузургтарин ва хирадмандтарин намояндагони ҷамъияти инсонӣ чунин будааст. Ба яқин, ниёи мо - Зардушт аз нахустини онон буд. *«Таманно дорам, ай Маздо, касе, ки роҳҳои поку покизаи некӯкориро таълим диҳад, дар ду ҷаҳони ҷисмонию минавӣ ба саодату некбахтӣ ноил гардад. Марди порсо ва саховатманд некию некӯкориро ба хубӣ мешиносад ва ба ту, ай Маздо, шабоҳат дорад ва ба ту мемонад.»* («Ясно», ҳоти 43, банди 3).

Инсон мутобиқи ойини маздаясно ду роҳ дорад: *яке* роҳи ростию дурустӣ, ки мушкилу тоқатфарсост ва *дигаре* муқобили он аст. Ақл ба инсон барои он дода шудааст, ки роҳи дурусту оқилонаро пеш гирад. *«Касоне, ки хиради хабису зишт дар онон нуҳуфта, хашму хушунат дар худ мепарваронанд ва дар баробари кирдори неки дигарон амали баду накӯҳида анҷом медиҳанд ва аз чунин амал шоду хурсанд мегарданд, ин ашхос ба*

*деву ифрит яксон мебошанд ва аз дину ойини хиради баду хабис пайравӣ менамоянд.»* («Ясно», ҳоти 49, банди 4).

Ҳазорсолаҳо пештар паёмбари баргузида вазъи кунунии ҷомеаи моро пешбинӣ карда, дар мисоли пешвоёни мазоҳиби дигар ва хонадонҳои сарватманди даврони худ ба наслҳои кунунии қавми худ ҳушдор додааст: *«Нафрини ту, ай Маздо, ба касоне, ки мардумро ба табоҳӣ раҳнамоӣ мекунанд ва ин амалро хубу нек мешуморанд. Аз онҳо ҳастанд Карапанҳо, ки молро нисбат ба ҳаққу ҳақиқат бартарӣ медиҳанд ва дар ҷустуҷӯи тавоноию зӯрмандӣ ҳастанд, то ба иртикоби бадию зиштӣ даст бизананд.»* («Ясно», ҳоти 32, банди 12).

Дар дигар бандҳои «Ясно» омадааст: *«Касоне ҳастанд, ки тавоноию қудратро дар роҳи касби шуҳрат ба кор мебаранд. Онон ҳастанд, ки ҷаҳонро ба табоҳӣ мекашанд. Ҷуз нолаю фиғони одамиён ба чизе ниёз надоранд. Ин табаҳкорон аз кайфари* (ҷазои) *сахте, ки ба василаи таълимоти нораво ба сӯи худ ҷалб мекунанд, огоҳӣ надоранд. Ту ҳастӣ, ай Маздо, ки аз гуноҳони онон огоҳӣ.»* («Ясно», ҳоти 32, бандҳои 7, 13); *«Мардони кару нобино, ки на мешунаванду на мебинанд, даст ба дасти якдигар додаанд, то ба кирдори зишту палиди худашон ҷаҳонро ба вайронӣ расонанд. Ин мардум ҳангоме ки пас аз марг ба пули Чинват* (Сирот) *расанд, барои ҳамеша роҳи ҷаҳони дӯзах дар пеш мегиранд ва ба нолаю фиғон мепардозанд.»* («Ясно», ҳоти 46, банди 11).

Яке аз масоили муҳиме, ки «Авесто» мукаррар таъкид мекунад ва ба хусус дар таронаҳои паёмбари бузург дар «Готҳо» инъикоси худро ёфтааст, масъалаи адолату додгустарист.

Касе, ки ба рукнҳои умдаи мазҳабӣ таваҷҷуҳ намекунад ва ё бар зидди ҳаёти шарофатмандонаи ҳамқавмони худ дастдарозӣ мекунад, аз баракоти худованд мустафид нахоҳад шуд. Ин ба хусус ба пешвоён ва қозиёну додгустарон тааллуқ дорад, ки перомуни ҳар амали нағз ё бад қазоват карда, ба мардум дарси адолат медиҳанд: *«Додраси додгар* (Рату) *бояд бо дурӯггӯю бадкирдор ва ё бо ростгӯю накӯкор бар тибқи ойин ва қонуне, ки дар огози ҷаҳон вазъ шудааст, рафтор намояд.»* («Ясно», ҳоти 33, банди 1).

Беадолатии маҳкама ва набудани ҳаққонияти қазовату қозӣ бунёди ҷомеаро тахриб карда, боиси густариши фасоду зиштӣ мегардад: *«Қозии фосиду хиёнатпеша рӯҳу равони одамиро ба беморӣ гирифтор мекунад. Адлу додро чунин қозӣ ҷареҳадор* (ҷароҳатнок) *месозад ва ба андешаи неки*

*Ваҳуман[1] ба машварат намепардозад ва Спантамайнюро[2] ранҷ медиҳад.»* («Ясно», ҳоти 49, банди 2).

Ва Зардушт ба худованд рӯ оварда, орзую омоли худро дар ин бобат чунин иброз медорад: *«Таманно дорам, ай Маздо, баракоти худро шомили ҳоли қозии одил ва додраси некӯкор бисоз ва қозии хиёнатпешаро ба дасти деви Друҷ[3] биспор. Ба ҷуз Ваҳуман - амшоспанд омӯзгори дигарро намепазирам ва ҳар гуна робитаю дӯстӣ бо дурӯғпарастро аз худ қатъ мекунам.»* («Ясно», ҳоти 49 банди 3).

Чун инсон ҳамеша дар фарозу нишеби зиндагӣ саргардон аст, бояд чароғи ростиро дар аъмоқи дили худ ҳамеша равшану покиза нигоҳ дорад. Тавре ки пештар зикр гардид, дар ойини маздаясно дурӯғ шадидтарин, бузургтарин ва нобахшиданитарин ғуноҳи инсон аст.

Аз забони чунин подшоҳи бузурге мисли Дорои ҳахоманишӣ (522-486-и то мелод) шунидани суханони зер, ки дар сангнабиштаҳои Беҳсутун мастур аст, ниҳоят ибратбахш мебошад: *«Ту, ай касе, ки баъдҳо шоҳ ҳоҳӣ шуд, махсусан аз дурӯғ бипарҳез, агар туро низ орзуи он аст, ки мамлакати ман пойдор бимонад. Ҳар кӣ дурӯғ гуфт, ӯро ба сазои сахт бирасон… Ба ёрии Аҳуромаздо басо корҳои дигар низ ба тавассути ман сурат гирифт, ки ҳамаи онҳо дар ин катиба навишта нашуд, ба ин мулоҳиза, ки баъдҳо ҳар кӣ инро бихонад, аъмоли ман дар назараш газоф* (муболиға) *наёяд ва ҳама онро бовар кунад ва дурӯғ тасаввур нанамояд. Инак, он чӣ ба тавассути ман анҷом гирифт, бовар кун. Аҳуромаздо ва соири бағон* (эзидон) *маро ёрӣ намуданд, зеро ки на ман ва на хонадони ман ситамгару дурӯғгӯ нестем. Эй касе, ки баъд шоҳ ҳоҳӣ шуд, ба он касе ки дурӯғгӯ ва ситамкор аст, дӯстӣ маварз, ӯро ба ҷазои сахт бирасон».*

Ҷолиб аст, ки чунин подшоҳи тавоно, ки империяи ҷаҳониро зери тасаллути худ дорад, перомуни яке аз хусусиятҳои зишти инсонӣ - дурӯғ чунин ибрози нигаронӣ карда, душмании ошкорои худро нисбат ба он эълом медорад.

Мутобиқи «Авесто», касе, ки дурӯғ ба забон меоварад, на танҳо ин ва он ҷаҳони худро барбод медиҳад, балки сухани дурӯғи базабоновардаи вай ба атрофиён низ сояи наҳс афканда, боиси фалокати онон мегардад. Ҷамшед то замоне пирӯзманду комгор буд, ки дурӯғ ба забон наовард ва аз сиёсати дурӯғин пайравӣ накард. Вақте ки чунин кард, на танҳо

---

1. *Вуҳуман, Ваҳиштем Манангҳу* - Андешаи беҳтарин.
2. Спэнтамайню - Хиради муқаддас.
3. *Друҷ* (дурӯғ) - деви мухиб, яке аз ёварони наздики Аҳриман буда, баъзан худи ӯ бо ҳамон ном хитоб мешавад.

худи ӯ аз зиндагӣ маҳрум гардид, балки суханон ва амали дурӯғини вай ба сари мардуми Эроншаҳр сояи наҳсу палидӣ афканда, онҳоро дар тӯли ҳазор сол бандаи Заҳҳоки ситамгар кард. Дурӯғ дар дини ислом низ сахт мазаммат ғардида, мусулмонон вуҷуди онро сиёҳӣ, торикӣ ва сустии имон донистаанд.

Масъалаи муҳими дигаре, ки дар «Авесто» дар миёни одоби писандида ва ахлоқи ҳамида ҷалби таваҷҷуҳ мекунад, далерию родмардист. Саросари «Авесто» ва бахусус «Яштҳо» пур аз паҳлавонӣ, мардонагӣ, размандагӣ, шуҷоату далерӣ, аспдавонӣ ва тирандозию бебокии амшоспандон ва фариштағон, паҳлавонон ва далерон аст, ки сар то по ғарқи аслиҳаи симину заринанд. Вале теғи бурރони муборизаи ҳамаи онон бар зидди дурӯғ, палидӣ, беадолатӣ, зиёновари ва нерӯҳои дигари аҳриманӣ равона шудааст. Паёмбари дин чунин иброз медорад: *«Вазифаи инсон мубориза ва аз зиндагӣ зудудани зиштию палидист».*

Робиндранат Такур дар бораи чунин хусусияти мардуми ориёӣ ин тавр ибрози назар мекунад: «Онҳо мехостанд бо қувваи маниши пок ва эътимод ба нафс истиқомати ҷаҳонро обод ва аз неъмати Хурдод[1] баҳраманд шаванд, то дар ҷаҳони дигар низ ба бахшоиши Амрдод[2] комраво гарданд».[3]

Дар ойине, ки дунё майдони корзори некӣ бо бадӣ хонда шуда, аз инсон тақозо гардидааст, ки бар зидди бадию зиштиҳои аҳриманӣ ҷавонмардона мубориза барад, нотарсӣ, рашодат, далерию бебокӣ қадру манзалати барозандае доштааст.

Мувофиқи муҳтавои «Авесто», як нафар маздаяснони хуб касе нест, ки танҳо аз бадӣ парҳезад, фақат ба таловату ибодат пардозад, балки касест, ки ба муҳтоҷону мустамандон кӯмак кунад, ононро ба роҳи ростӣ ва дурустию заҳмат ҳидоят намояд. Ҳар инсони комил, бахусус, пайрави дини маздаясно мувазаф аст, ки падари маънавии диғарон бошад, роҳи дурусти зиндагиро омӯзад, раҳнамоӣ кунад. Зардушт дар «Готҳо» мегӯяд: *«Ай Маздо Аҳура! Ҳар гоҳ ашавани[4] некогоҳи тавоное, ки худ ба дурустӣ зиндагӣ мекунад, друванди[5] хостори ёрӣ, хоҳ ба фармони эзидӣ, хоҳ аз хешкории* (масъулияти) *динӣ ба гармӣ пазирад, метавонад бо хирадмандии хеш ӯро биогоҳонад ва аз газанду табоҳӣ бираҳонад.»* (Ҳоти 46, банди

1. *Хурдод* - фариштаи сарсабзӣ, расоӣ ва камолот.
2. *Амрдод* - фариштаи ҷовидонагӣ, бемаргӣ.
3. Меҳрин М. Тамаддуни Эрони бостон. -С.145.
4. Ашаван пайрави дини маздаясно ва инсони ҳақиқатҷӯю росткирдор.
5. *Друванд* - нодону дурӯғгӯ ва рақиби ашаван.

5); *«Аммо агар он марди тавоно ӯро напазирад, худ ошкоро ба друвандон хоҳад пайваст.»* (Ҳоти 46, банди 6).

Яке аз дуоҳои муҳимтарини маздаяснон, ки тибқи «Авесто», пеш аз офариниши ҷаҳон ва пас аз офариниши амшоспандон ба вуҷуд омадааст, «Ята Аҳу Вайирю» ном дошта, номи он аз се калимаи аввали дуо гирифта шудааст. Матни тоҷикӣ - форсии ин дуо дар тарҷумаи Дармстетер чунин садо медиҳад: *«Иродаю хости худованд дастури хайру некист. Хайроти Баҳмани амшоспанд ба хотири аъмоли некест, ки дар ҷаҳон ва дар роҳи Маздо анҷом мешавад. Касе, ки мустаманду бенаворо ёрӣ намояд, шаҳриёрию фирӯзии Аҳурора дар ҷаҳон афзун медорад».*[1]

Миллер - яке аз авестошиносони маъруф, ки солиёни умри худро ба омӯзиши ин ойини муқаддас бахшидааст, дар ин бора чунин нигоштааст: «Ҳама огаҳанд, ки агар аз он пайравӣ шавад (*аз пиндор, гуфтор ва кирдори нек*), ҷаҳон аз марги зиштию гуноҳ раста ва ба зиндагии ростию дурустӣ роҳ меёбад. Ойини маздаясно ойини амалию соддаест, ки ба кор бастанаш сабаби ободонии замин, шодмонии мардумон ва густариши доду меҳру озодагист».[2]

Ойини маздаясно бар хилофи ойинҳои дигар тақдири инсонро ба дунболи худ намекашад, балки инсон пешопеши сарнавишти худ ҳаракат мекунад. Беш аз пеш ӯ мустақил аст, то роҳу равиши худро дар ҷаҳони моддию маънавӣ мушаххас намуда, барои файзу баракати худ ва ободонии ин ҷаҳон бикӯшад ва инояти худовандиро дар ҷаҳон сазовор гардад.

Он халқ хушбахту ҷовид аст, ки бо ниёгони худ пайванди ногусастанӣ дорад. Он халқ боз бештар сарбаланду сарфароз аст, ки дар ҳар мавриди сахту осон барои машварат ва ниёгони худ рӯ оварда ва ҳамеша дар пайи он бошад, ки ба хазинаи пурбаҳои андӯхтаи гузаштагонаш аз худ чизе илова намояд.

Хушбахтона, ба шарофати дигаргуниҳои маънавию маданӣ таваҷҷуҳи мардум ва бахусус ҷавонони равшандил нисбат ба даврони бостон, нисбат ба ононе, ки дар сарчашмаи зиндагии насли кунунии халқи тоҷик қарор доштанд, нисбат ба ононе, ки «Готҳо» ва ба таври умум «Авесто»-ро ба вуҷуд оварданд, бештар гардид. Ва дар даврони соҳибистиқлолии давлатӣ мероси қадимаи аз ниёгон баёдгормондаи мо дар фарҳанги худогоҳии миллии мо мақоми сазовори худро касб намуд.

1. Дармстетер Ҷ. Тафсири «Авесто» ва тарҷумаи «Готҳо». -С. 320-322.
2. Меҳрин М. Тамаддуни Эрони бостон. -С.30-31.

# МОНӢ

## БОЗТОБИ НУР ДАР ЗУЛМОТ



Монавия таълимоти динию фалсафиест, ки дар асри III-и мелодӣ дар Шарқи Наздик ба вуҷуд омада, дар асрҳои III-II то Африқо ва ҳудуди Хитой инкишоф пайдо карда буд. Дар Рими қадим ва Византия таҳти таъқиби шадиди табақаи ҳоким ва дини расмии масеҳӣ қарор дошт. Дар давраи Хилофати аббосӣ низ ҳамчун фирқаи оппозитсионӣ мамнӯъ эълон шуда буд. Дар Шарқи Наздик ва Осиёи Миёна ба муҳиту шароити мусоид рӯ ба рӯ гардида, на танҳо муддате инкишоф ёфт, балки дар асрҳои VIII-IX ба дини давлатии уйғурҳо мубаддал гардид.

То истилои арабҳо қувват гирифтани фирқаҳои илҳодӣ, бахусус, парастиши Зурвон дар Эрони бостон ба амиқ гардидани ҷанбаҳои дугонапарастӣ дар дини маздаясно ва заиф шудани ақидаҳои ваҳдонияти он оварда расонд. Агар фирқаи зурвония Аҳуромаздо ва Аҳриманро ҳамчун фарзандони Зурвон муаррифӣ карда, ба мавҷудияти ду нерӯи асили мутақобил ҷанбаи расмӣ дода бошад, Монӣ ба он жарфтар ва амиқтар нигариста, аз дугонапарастии он мазҳаби нерӯманде ба вуҷуд овард. Дар муқоиса бо динҳои меҳрпарастӣ ва зурвония, ки шартан шуъбаҳо ё фирқаҳои дини маздаясно номидан мумкин аст, зоҳиран мазҳаби монавияро фирқа ё шуъба номидан нашояд. Бо вуҷуди он ки таъсири зардуштия дар он бечуну чарост ва рукнҳои умдаи он аз ин дин гирифта шуда, омили пайдоишаш ҳам ба он марбут аст, дини монавия иловатан дорои маншаъҳои дигар ва назарҳои тоза мебошад.

Мазмуни асосии мазҳаби монавия таълимоти дорои хусусияти рӯҳафтодагӣ аз осебпазирии рӯшноӣ ва нерӯмандии торикӣ ва ё ба тариқи дигар мавҷудияти ҳастии абадӣ ва комилан маҳвнопазирии нерӯҳои бадӣ дар зиндагии инсон мебошад. Бар хилофи тавҳиди комили бахшҳои куҳани «Авесто» монавия чунин мешуморад, ки ҷаҳон дорои ду асл буда, бадӣ, зиштӣ мисли хубӣ, некӣ ва рӯшноӣ дорои ҳастии абадӣ ва мустақил аст.

Дини Монӣ бадиро бо модда ва ҷаҳони маҳсус вобаста карда, некиро бо рӯшноӣ ҳамчун рӯҳ пайваст менамояд. Монӣ мегуфт, ки худои некӣ ҳеҷ гуна яроқу аслиҳае барои ҷанг бо бадиҳо дар ихтиёр надорад. Ба ин далел ӯ наметавонад бо истифодаи зӯрӣ вазъи хуби гузаштаро бозгардонад, яъне рӯшноиро аз торикӣ ҷудо созад. Дар натиҷа, омезиши торикию рӯшноӣ падидаи бебозгашт аст. Вале Монӣ модда ё торикиро, мисли ҳамзамони юнонии худ Плотин натиҷаи хомӯш шуда истодани рӯшноӣ намедонист.[1]

Дар ин мазҳаб ҷаҳони торикӣ дар муқобили ҷаҳони рӯшноӣ қарор дода мешавад. Ба ақидаи Монӣ, таърихи ҷаҳон - таърихи муборизаи рӯшноӣ бо торикӣ, некӣ бо бадӣ ва худованд бо қувваҳои аҳриманӣ аст. Ба гуфтаи Монӣ, инсон офаридаи ҷаҳонии зулмат ва воситае дар дасти нерӯҳои зулмот барои мубориза бар зидди эзидони нуру рӯшноӣ аст.

Монӣ 14-уми апрели соли 216 дар маҳалле бо номи Мардину ё Абрумия, воқеъ дар ноҳияи ботлоқии вилояти Мисен дар шимолу шарқи Ироқи муосир таваллуд шудааст. Баъзе муҳаққиқон маҳалли таваллуди ӯро ҷойҳои дигар низ таъин кардаанд. Ибн Надим дар «Ал-феҳраст» номи модари ӯро Ромиш ё Марям зикр карда, номи падарашро Потак ё Фотак овардааст.[2] Мувофиқи маъхазҳои масеҳӣ-лотинӣ номи аслии Монӣ Корбикос будааст. Тавре ки аксари сарчашмаҳо иттилоъ медиҳанд, волидайни ӯ аз шоҳзодагони ашконӣ будаанд.[3] Ҷараёни мазҳабии мугтасила,[4] ки падараш ва сипас худи ӯ пайрави он буданд, яке аз сарчашмаҳои илҳоми ояндаи ӯ гардид. Вай дар ин давра бо динҳои дигари замони худ мисли дини зардуштӣ, насронӣ ва ҷараёнҳои гностикии Байнаннаҳрайн, хусусан фирқаҳои Ибни Дайсон ва маркионӣ (маркиюн) огоҳ гардида, дини муғтасиларо инкор кард. Гӯё дар 12-солагӣ (соли 228-уми мелодӣ) ва 24-солагӣ (соли 240-41) ду маротиба мавриди ваҳйи раббонӣ қарор гирифт. Манбаи ин илҳомро фариштае бо номи Тоум ё Параклит донистаанд, ки ҳазрати Исои Масеҳ аз ӯ ҳамчун Рӯҳи Муқаддас ёд карда, омадани ӯро пешгӯӣ ва башорат дода буд. Дар натиҷаи чунин илҳом Рӯҳи муқаддас ва илми комили Тоум ё Параклит (Равони пок) ба Монӣ таносух карда, нубуввати ӯро ошкор сохтааст.[5]

Ба манзури таблиг Монӣ ба саёҳат ва сафарҳо оғоз карда, дар боздиду мулоқотҳо худро расулу фиристодаи рӯшноӣ муаррифӣ мекард. Тавре

1. Философская энциклопедия. Т.IV. -М., 1964. -С.291.
2. Ризоӣ А. Аслу насаби динҳои эрониёни бостон. -Теҳрон, 1381. -С.303.
3. Ашқободи кунунӣ, ки пойтахти Туркманистон аст, зодгоҳи ашкониён буда, маросими тоҷгузории Ашки I - поягузори силсилаи портҳо дар ҳамин шаҳр сурат гирифтааст.
4. *Мугтасила* ё *сафедпӯшон* яке аз ҷараёнҳои мазҳабӣ буд, ки ғусли таъмид ё покии ҷисмониро яке аз шартҳои асосии расидан ба Худованд медонистанд.
5. Алавӣ А. Таърихи комили адён. -Теҳрон, 1342. -С.413.

ки ӯ дар китоби худ «Кефолиё» навиштааст, вай дар давраи салтанати Ардашери I (224-241) - поягузори силсилаи сосонӣ ба Ҳинд сафар карда, мардумро ба дини худ мехонд. Вай дар ин ҷо марги Ардашери I ва ба тахт нишастани писари ӯ Шопурро шунида, ба Эрон бозгашт. Вай бо воситаи Фирӯз - бародари Шопур, ки дини вайро қабул карда буд, ба Шопур муаррифӣ гардид ва яке аз китобҳои худро, ки «Шопуракон» номида буд, ба подшоҳи ҷадиди Эрон тақдим намуд. Тоҷгузории расмии Шопур дар соли 242 сурат гирифт. Бино бар ривояти Ибни Надим, аввалин хутбаи Монӣ дар рӯзи ҷулуси Шопур, яъне якшанбеи аввали ниссон, ки офтоб дар бурҷи ҳамал қарор дошт, эрод гардид. Агар инро қабул дошта бошем, таърихи ҳар ду воқеа мутобиқ бо 20-уми марти соли 242 мешавад.[1]

Шопур ё таҳти таъсири ақидаю таълимоти Монӣ қарор гирифт ва ё сабаби дигаре буд, ки бо вай муносибати хуб кард ва ӯро дар таблиғу густариши мазҳабаш озод гузашт. Дар китоби «Кефолиё», ки дар он Монӣ шарҳи ҳоли худро навиштааст, пас аз зикри мусофирати худ ба Ҳиндустон ва пазироии Шопур чунин навиштааст: «Ба ҳузури Шопуршоҳ рафтам ва ӯ маро бо эҳтироми бисёр пазируфт ва иҷозати мусофират (дар кишвари худро) марҳамат кард, то дар он калимаи ҳаётро таблиғ кунам. Ман чандин сол сарф кардам ва солиёни дароз дар Эрон, дар кишвари Порт то Адиб ва мамолике, ки бо давлати Рум муҷовир аст, мусофират намудам».[2]

Чун ду бародари шоҳаншоҳ - Меҳршоҳ - ҳокими Мишон ва Фирӯз ба дини Монӣ гаравида буданд, таваҷҷуҳи Шопур низ ба таълимоти Монӣ бештар гардида, замоне бар он шуд, ки ойини Мониро ба ҷои дини зардуштӣ мазҳаби расмии Эрон эълом намояд.[3] Даъвати Монӣ аввал пешрафти азиме дошт. Махсусан дар Бобул ва маркази мамлакат тарафдорони зиёде пайдо кард. Бино ба ривояти монавия, ки сарчашмаҳои арабӣ низ онро таъйид мекунанд, дере нагузашта ба сабаби зиддияти рӯҳониёни зардуштӣ муносибати Шопур бо Монӣ дигаргун гардид. Бино ба қавли Яъқубӣ, Шопур фақат даҳ сол пайрави кеши Монӣ буд, сипас вайро аз сарзамини Эрон хориҷ кард. Вай қариб даҳ сол дар бахшҳои шарқии Осиёи Миёна сайру сафар кард ва ба Ҳинду Чин низ мусофират намуд. Ҷолиб аст, ки тамоми ин муддат вай бо рӯҳониён ва шайхони дини худ дар Бобул ва сарзаминҳои дигар робитаи доимӣ ва мукотиба дошт.

Пас аз марги Шопур Ҳурмузд ба тахти Эрон расид. Тайи муддати кӯтоҳи салтанаташ вай бо Монӣ муносибати некӯ дошт. Вале Баҳроми I

1. Кристенсен А. Эрон дар замони Сосониён. -С.209.
2. Ҳамон ҷо. -С.222-223.
3. Алавӣ А. Таърихи комили адён. -Теҳрон, 1342. -С.413.

- подшоҳи чоруми сосонӣ, ки марди заифу беирода буд, зери таъсири рӯҳониёну мӯбадони зардуштӣ қарор гирифт. Монӣ дар ин ҳангом дар сарзаминҳои шимолу ғарбии Эрон ва Бобул ба таблиги дини худ машгул буд. Вайро бо дастури шоҳ дастгир карда, дар шаҳри Гунди Шопур ба зиндон афкананд. Ин ҳодиса рӯзи чоршанбеи 31-уми январи соли 277 рух дод. Дар бораи кушта шудани Монӣ муаррихон ва муҳаққиқон фикру андешаҳои гуногун баён доштаанд. Вале ӯ пас аз 27 рӯзи зиндон ба қатл расонда шуд. Бо амри шоҳаншоҳ ва сарвари мӯбади мӯбадон Картир ӯро пӯст канданд ва пӯсташро пур аз коҳ намуда, дар дарвозаи шаҳр овехтанд, то ба густохони монавӣ ва муътақидони дигар динҳо ибрат гардад.

Пайравонаш ба тақлид аз насрониён вайро маслубшуда унвон карданд ва эълон намуданд, ки рӯҳи ӯ ба осмон ва биҳишти рӯшноӣ интиқол пайдо кард. Андеша ва афкори монавӣ, чараёни кушта шудани Монӣ дар дин таъсири амиқе гузошта, ба суннате мубаддал гардид. Монавиён дар ин рӯз дар саҳна ба аломати эҳтироми пешвои ғоиби худ минбаре мегузоштанд. Чун дар юнонӣ минбар «*бемо*» гуфта мешавад, анъанаи мазкур бо номи «*Ҷашни Бемо*» маъруф гардид. Одатан «Ҷашни Бемо» мисли иди фитри дини ислом пас аз сӣ рӯзи рӯза ҷашн гирифта мешуд.

Минбар панҷ зина дошта, рӯи он тасвири паёмбар гузошта мешуд. Пайравон шабро дар атрофи минбар сипарӣ карда, ҳар яке ба гуноҳони худ эътироф менамуд ва муътақид буданд, ки Монӣ пас аз нимаи шаб аз осмон нузул карда, рӯи минбар қарор мегирад ва гуноҳони онҳоро мебахшад. Дар Забури Монӣ ҷашни Бемо - рӯзи суруру шодӣ, ки табиат либоси зебои сарсабзи арӯсӣ ба бар карда, хушбӯю шукуфо аст, маҳсуб мешавад. Уммати ин паёмбар рӯзи Беморо чун рӯзи халос шудани рӯҳу равони Монӣ аз фишору маҳбаси ҷисм ҷашн мегирифтанд.

Дар таълимоти Монӣ ғайр аз фирқаҳои гностикии зикршуда, таъсири умдаи дини насронӣ, буддоӣ ва бахусус маздаясно эҳсос мешавад. Мувофиқи он Монӣ худро ҷонишини гурӯҳи калоне аз расулони осмонӣ медонист, ки аз замони ҳазрати Одам, ҳазрати Зардушт, ҳазрати Мӯсо, ҳазрати Иброҳим, ҳазрати Буддо ва ҳазрати Исо яке пас аз дигаре барои ҳидояти навъи башар омадаанд. Вай худро хотами анбиё ва бартарини паёмбарон мешумурд, зеро ӯ чунин ҳисоб мекард, ки ҳалқаи охирин ва болотарини занҷир аст, ки ба сурати расулон аз ибтидои хилқат ба замин нозил шудаанд. Вай дар «Шопургон» чунин мегӯяд: «Дар ҳар замоне анбиё ҳикмату ҳақиқатро аз ҷониби Худо ба мардум оварданд, гоҳе дар Ҳиндустон ба воситаи пайғамбаре ба номи Буддо ва гоҳе дар Эрон ба воситаи Зардушт ва замоне дар Мағрибзамин ба василаи Исо, оқибат

ман, ки Монӣ - пайгамбари худои ҳақ ҳастам, маъмури нашри ҳақиқат дар сарзамин Бобул гаштам».[1]

Монӣ иддао дошт, ки дини ӯ комил аст ва барои ислоҳу такмили тамоми динҳои қаблӣ омада, саросари ҷаҳонро тасхир хоҳад кард. Вай дар суруде, ки бо забони паҳлавии ашконӣ суруда шудааст, мегӯяд: «Ман аз Бобулзамин омадаам, то нидои даъватро дар саросари ҷаҳон пароканда созам». Вай чунин ҳисоб мекард, ки ҳоло олам ба дувозаҳумин ҳазораи мавҷудияти худ ворид гардидааст[2] ва мардум ғайр аз қабули мазҳаби ҷадид роҳи дигаре надоранд. Монӣ худро бартарини расулон дониста, даъво мекард, ки вай ҳамон рӯҳи муқаддас мебошад ва нузули ӯро Исои Масеҳ пешбинӣ карда буд.

Вай чунин ақида дошт, ки таълимоти пайғамбарони пеш аз ӯ ҳама торику ноқис буда, ба илова, бо дасти муридону шогирдон аз роҳи аслиашон хориҷ шудаанд ва касоне, ки дар ин кор мудохила карда буданд, аз худашон ба матнҳо чизе изофа намудаанд. Баръакси онҳо, он пайғоми илоҳӣ, ки бо дасти ӯ барои мардуми замин оварда шудааст, ҳақиқат, равшан, мустақим ва илми мутлақ аст. Аз ин рӯ, мазҳаби Монӣ - мазҳаби ҷаҳонист, ки қабл аз ба охир расидани зиндагии олам ҷонишини тамоми дину ойинҳо мегардад ва ба сабаби комилу дуруст буданаш лоиқи он аст, ки тамоми ҷаҳонро тасхир намояд. Мазҳабҳои Зардушт дар Эрон, Буддо дар Ҳиндустон ва Исо дар Магриб чун тамоми ҳақиқатро равшан намекарданд, бинобар ин фақат дар кишварҳои ҷудогонае реша давонданд, дар ҳолате ки мазҳаби Монӣ ҳақиқати мутлақи комил аст, ҳудуде напазируфта, ҷаҳонро фатҳ хоҳад кард. Монӣ мегӯяд: «Умеди ман дар Машриқу Мағриб пароканда хоҳад шуд ва пайгоми илоҳиро ба тамоми забонҳо шунида, дар тамоми шаҳрҳо эълон хоҳанд намуд. Мазҳаби ман аз мазҳабҳои дигар ин бартариро дорад, ки мазҳабҳои дигар дар кишварҳо ва сарзаминҳои ҷудогонае эҷод шудаанд, вале мазҳаби ман дар тамоми шаҳрҳо ва тамоми кишварҳо пазируфта хоҳад шуд».[3] Дар дини Монӣ мақоми ҳазрати Исо, худованд - писари дини насронӣ бисёр баланд буда, вай раҳоибахши инсони нахустин хонда шудааст.

Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи дини монавӣ мисли зардуштия ва дини насронӣ аз он иборат аст, ки вай равияи ташвиқу тарғибро роҳи интишори дин дониста, мусофиратҳои зиёде мекард ва дар миёни мардум

---

1. Берунӣ А. Осор-ул-бокия. -С.190.
2. Мувофиқи таълимоти дини маздаясно, олам 12 ҳазор сол умр мебинад ва пас аз он растохез шурӯъ мешавад.
3. Мӯминҷонов Ҳ. Монӣ ва таълимоти ӯ. -С.93.

мегашт. Худи шахси Монӣ аз нобиғагони таърих буда, на танҳо маҳорату истеъдоди фавқулодати шахсӣ дошт, балки зоҳиран, аз нотиқони замона низ буд. Аз ин рӯ, вай аз кишварҳои гуногун дидан карда, аз наздикону пайравони худ низ тақозо меакард, ки зиёдтар миёни мардум раванд ва каломи ҳақро ба гӯши онҳо бирасонанд.

Яке аз истеъдодҳои фавқулодати ӯ, ки дар таърихи мардуми ориёӣ осоре боқӣ гузоштааст, санъати наққошӣ буд. «Баён-ул-адён» дар бораи ин ҳунари Монӣ чунин менигорад: «Ин марде буд устод дар саноати суратгирӣ ва ба рӯзгори Шопур ибни Ардашер берун омад. Дар миёни муғон пайғамбарӣ даъво кард ва бурҳони ӯ саноати қалам ва суратгарӣ буд. Гӯянд бар порае ҳарири сафед хатте фурӯ кашид, чунон ки он як тори ҳарир берун кашиданд, он хат нопадид гашт ва китобе кард бо анвои тасовир, ки онро «Аржанги Монӣ» хонданд ва дар хазоини Ғазнин ҳаст».[1]

Ҳаким Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» чунин овардааст:

*Биёмад яке мард гӯё зи Чин,*
*Ки чун ӯ мусаввар набинад замин.*
*Бад-он чарбдастӣ расида ба ком*
*Яке пурманиш мард Монӣ ба ном.*
*Ба суратгарӣ гуфт: -Пайғамбарам,*
*Зи диноварони ҷаҳон бартарам.*

Муҳаққиқи англис Ҷон Рассел Ҳиннелз дар бораи дини Монӣ менависад: «Ойини Монӣ таркибе аз ҳамбастагиҳои масеҳият, эътиқодоти ориёӣ муттако бар эътиқодоти куҳани Байнаннаҳрайн, мутаассир аз назарияи маърифатгароён ё гнусиён (гностикҳо), ирфони шарқӣ ва ойини Буддо дар давраи сосонӣ пуртарафдортарин ақидаи ойинӣ, аммо ҳаргиз натавонист ба иллати нуфузи мӯбадон ба дини расмии Эрон табдил шавад. Дар ривоятҳои мухталиф аз 6 китоб ва 76 рисолаи Монӣ ёд шуда ва аз ин 5 китоби ӯ ба забони оромии шарқӣ навишта шуда буд. Монӣ дар таблиғи ойини худ аз суратгарӣ ва мусиқӣ баҳра меҷуст.[2] Донишманди эронӣ Абулқосими Исмоилпур зикр кардааст, ки Монӣ ҳафт китоб навиштааст, ки шаштои он ба забони сириёнӣ - забони модарии Монӣ буда, фақат «Шопургон» ба забони форсии миёна аст.

Вай номгӯи осори Мониро чунин овардааст: «Инҷили зинда», «Ганҷи зиндагон», «Рисолаҳо», «Розҳо», китоби «Ғулон», «Макотиб», «Мазо-

1. Шерозӣ А.А. Мутуни арабӣ ва форсӣ дар бораи Монӣ. -Теҳрон, 1330. -С.419.
2. Ҳиннелз Ҷ. Шинохти асотири Эрон. -С.258.

мир» ва «Ниёишҳо».[1] Таълимоти Монӣ, бахусус дар Сугд ва Туркистон густариши васеъ ёфта, ҷанбаҳои навини ахлоқию фалсафӣ пайдо кард.

Тавре ки муҳаққиқон зикр кардаанд, осори Монӣ дар сатҳи илму дониши ӯ навишта шуда, фаҳми он ба тафсирҳо зарурат дорад. Вай кӯшиш кардааст донишҳои асотирӣ, илмӣ, таърихӣ ва фалсафии замонааш (космогония, география, алхимия, астрономия, риёзӣ, ботаника, тиб ва ғайра)-ро мавриди истифода қарор диҳад ва ба маънии пурраи калима онҳоро бо фалсафаи табиии нур рӯшноӣ бахшад ва ахлоқи хайрандешию некӣ ва инсондӯстиро ба тӯдаҳои мардум наздик кунад. Чунин суханони ӯ, ки ба забони суғдӣ навишта шудаанд, то давраи мо расидаанд: «*Ҷое ки меҳру муҳаббат вуҷуд надорад, ҳамаи амалҳо ноқис ҳастанд*».[2]

Абӯшукур Салимӣ - нависандаи садаи XI-и ҳиҷрӣ навиштааст, ки монавиёни Осиёи Миёна ҳар чиро, ки зебою ҷамил буд, ниёиш мекарданд ва дар назари онон ва аз дидгоҳи ирфонӣ зебоӣ вобаста ба ҷаҳони моддӣ набуда, вобаста ба ҷаҳони рӯҳонӣ мебошад.[3]

Ваъзу дуоҳои Монӣ амиқан лирикӣ ва рангоранг буда, бо гӯишҳои халқӣ ҳамроҳ мебошанд. Аксаран онҳо аз ҳодиса ва падидаҳои табиӣ, тулӯи офтоб, раъду барқ, осмоне, ки бо абр пӯшонда шудааст, зинда шудани муғчаҳо дар дарахтон, майсаҳои борони баҳорӣ оғоз мешаванд.

Нисбат ба ин, ки мазҳаби Монӣ иддаои оламгирӣ дошт, тавре ки зикр шуд, унсурҳои ҷудогонаеро аз ойинҳои Зардушт, Исои Масеҳ ва Буддо ба орият гирифтааст. Вале тавре ки бисёр муҳаққиқон ба он ишора кардаанд, мазҳаби Монӣ фақат таркиби содда ва тақлиди сатҳӣ набуда, ҳунару заковати Монӣ дар он будааст, ки усули худро тавре назму тартиб додааст, ки дар ҳар муҳиту ҷомеа таъсирбахш мебошад.

Монӣ бидуни огоҳӣ ва тайёрии нопухта ба таркибу таснифи унсурҳои ҳиндӣ, насронӣ ва эронӣ даст набурда, онро бо мутолиаю мулоҳизаи амиқ ва комилу санҷида анҷом додааст. Аз ҳамин ҷиҳат ҳам таълимоти ӯ аз ҷанбаҳои маҳалгароӣ, қавмпарастӣ, таассуб, миллатгароӣ ва мавзӯъҳои дигаре, ки андешаҳои тафриқаандозӣ дошта бошанд, дур мебошад. Воқеан ҳам, мазҳаби Монӣ аз садаи III то XV ҳамеша дар пешрафту густариш буда, аз нимкураи шимолии уқёнуси Атлантик то уқёнуси Оромро дар бар гирифта буд.

Асотири монавӣ ба диққати фаровон мураттаб гардида, мураккаб ва печида мебошанд, вале онҳо инъикоскунандаи мазмун ва ғояҳои асосии

1. Исмоилпур А. Устураи офариниш дар ойини Монӣ. - Теҳрон, 1381. -С.77.
2. Брагинский И.С. Из истории таджикской и персидкой литерауты. -М., 1972. -С.150.
3. Ҳиннелз Ҷ. Шинохти асотири Эрон. -С.262.

дини Монӣ ҳастанд. Артур Кристенсен дар асари маъруфи худ «Эрон дар замони Сосониён» мухтасари ривоятҳои суриёнӣ, арабӣ ва сугдиро оварда, ки тибқи он Монӣ дар боби мабдаи офариниш чунин мегуфт: «Дар огоз ду асл ё ҷавҳар вуҷуд доштааст: яке *нек ва дигаре бад, худо ва ҳаюло* (*модда*), *рӯшноӣ ва торикӣ*». Нахустин падари бузург Зурвон будааст. Ӯ дар арзи нур қарор дошта, сарвари нур аст. Вай соҳиби панҷ мақом ё панҷ мазҳар аст, ки иборатанд аз *идрок, ақл, фикр, тааммул (дурбинӣ) ва ирода*. Худои зулмат ҳам панҷ унсури манфӣ дорад, ки бино ба як ақидаи бостонии Байнаннаҳрайн, болои ҳам қарор дошта ва панҷ олами зулмотро ташкил медоданд, ки иборатанд аз *дуд, оташи сӯзонанда, боди ҳалокатовар, оби гилолуд ва зулмот.* Монӣ мегӯяд: «Қаламрави ин ду холиқ аз як ҷой ба ҳам пайваста ва аз се тарафи дигар бекарона аст. Подшоҳи зулмот чун нурро мушоҳида кард, бо тамоми қувваaш ба он ҳамлавар гардид. Падари бузург барои дифои кишвари худ нахустин махлукро офарид, ки *Модари Зиндагӣ* номида мешавад. Вай дар навбати худ инсони нахустинро, ки *Ҳурмузд* низ мехонанд, аз худ ба вуҷуд овард».

Чун ададӣ се мисли ҳафт рақами муқаддас аст, *Падари бузург*, *Модари зиндагӣ* ва *инсони нахустин* таслис ё сегонаи аввалӣ мебошанд. Инсони нахустин бошад, панҷ фарзанд офарид, ки панҷ унсури рӯшноӣ ё нуронӣ дар муқобили панҷ унсури зулмот ҳастанд. Онҳо чунинанд: *покӣ* (беолоишӣ), *насим, рӯшноӣ, об* ва *оташи поккунанда*, ки онҳоро панҷ амшоспанд[1] ном кардаанд. Он гоҳ инсони нахустин он панҷ унсурро чун зиреҳ ба тан баста, ба ҷанг бар зидди подшоҳи зулмот, ки ӯ низ худро бо панҷ унсури зулмонӣ мусаллаҳ карда буд, раҳсипор гардид. Чун инсони нахустин душманро бисёр зӯрманду мусаллаҳ дид, фарзандони хеш - унсурҳои нурониро ба ӯ таслим кард, то фурӯ барад.

Мувофиқи таълимоти Монӣ, то замони аз ҷониби подшоҳи зулмат фурӯ бурда шудани унсурҳои нуронӣ, ки ҷаҳони рӯшноӣ ва зулмот аз ҳам комилан ҷудо буданд, мансуб ба замони гузашта мебошад. Аз лаҳзаи аз ҷониби подшоҳи зулмот фурӯ бурда шудани унсурҳои нуронӣ ва омехта гардидани онҳо бо унсурҳои зулмонӣ замони ҳозира огоз мешавад. Ҳадафу мароми марҳалаи дуюм ҷудо кардани нур аз зулмот ва ба ҳолати ибтидоӣ баргардонидани ҷаҳон мебошад, ки марҳалаи сеюм аст.

Давоми мабдаи офариниши Монӣ чунин аст: инсони нахустин, ки асиру афтода ва хастаю ранҷур шуда буд, ҳафт бор Падари Бузургро ба

1. Дар дини Зардушт амшоспандон - аввалин ёварони Аҳуромаздо ҳамчун офаридаҳои муқаддаси ӯ дар идораи ҷаҳон аст.

ёрӣ даъват кард. Падар барои наҷоти ӯ ба офариниши дигар огоз кард. Дӯсти рӯшноӣ Нарисаф[1] зоҳир шуда, ӯ дар навбати худ Бони Аъзам (*бунёдкори бузург*)-ро падид овард. Вай низ Рӯҳи Зинда ё Рӯҳ-ул-Ҳаётро офарид.[2] Рӯҳи Зинда панҷ фарзанд овард: Зинатшукӯҳ, подшоҳи Шарофат, Одами нуронӣ, Подшоҳи Ифтихор ва Ҳомил. Вай ҳамроҳи панҷ фарзанди худ ба табақаҳои торикӣ равон гардид ва фарёде чун шамшери бурранда баровард ва дере нагузашта инсони нахустинро наҷот дод. Рӯҳи Зинда ба фарзандон фармон дод, ки тамоми бошандагони ҷаҳони торикиро нобуд кунанд ва пӯсташонро барканaнд. Модари ҳаёт аз пӯсти онон осмонҳо сохта, ҷасади ононро ба замини торик партофт. Аз гӯшти онҳо хок ва аз устухонҳояшон кӯҳҳо сохта шуд. Оламе, ки аз ҷасадҳои палиди девон сохта шуд, иборат аз даҳ фалак ва ҳашт замин мебошад. Зинатшукӯҳ афлокро дар боло нигоҳ медорад ва Ҳомил[3] заминро бар дӯши худ бардоштааст.

Бо вуҷуди он, ки инсони нахустин (*Ҳурмузд*) аз асорати девон озод гардида, девон шикаст хӯрданд, бахше аз рӯшноии фарзандони нуронии ӯ, ки аз ҷониби девон фурӯ бурда шуда буданд, дар ҷисми девони зинда боқӣ монд. Онҳо намехостанд он нуреро, ки хӯрда буданд, пас бидиҳанд.

Идомаи устураи офариниши Монӣ: Рӯҳи Зинда ҳайати фиребандаи худро ба фарзандони зулмат нишон дода, дар онҳо ҳавасҳои шаҳвонӣ бармеангезад. Ба ин васила бахше аз рӯшноӣ, ки девон фурӯ бурда буданд, раҳо мешавад. Вай аз ин зарраҳо Офтоб, Моҳ, ситорагонро меофаринад. Сипас аз ҳаво, об ва оташ се чарх сохта, дар боло қарор медиҳад, то заҳри бошандагони зулмат ба мавҷудоти илоҳӣ фурӯ нарезад. Падари Бузург барои муҳофизати комил паёмбареро, ки гоҳе – «Худои олами Нур», гоҳе «Нариса» ва ба лаҳҷаи забони суғдӣ «эзиди Меҳр» («Митра») номида мешавад, офарид. Бо халқ шудани ӯ силсилаи худоёни ҳафтгона такмил мегардад, ки ба ҳафт амшоспанди дини маздаясно шабоҳат дорад. Аз паёмбар дувоздаҳ духтар ба вуҷуд меоянд: Салтанат, Ҳукумат, Нусрат, Эътиқод, Таҳорат, Ҳақиқат, Имон, Сабр, Сидқ, Эҳсон, Адл ва Нур. Паёмбар дар Офтоб қарор дошта, сафинаҳои рӯшноиро ба ҳаракат меоварад. Зарраҳои нур, ки дар ҷараёни зиндагӣ аз модда раҳоӣ меёбанд, ба воситаи Сутуни Шукӯҳ ба сафинаҳо интиқол меёбанд. Ситораҳо, Хуршед, Моҳ ва бурҷҳо дастгоҳе ҳастанд, ки амали онҳо берун овардани зарраҳои нуру рӯшноӣ аз миёни торикию зулмат ва интиқоли онҳо ба

1. Дар лаҳҷаи суғдӣ *Наришанк* омада, дар «Авесто» *Нарисангҳ* мебошад.
2. Рӯҳи зиндаро монавиён мағрибзамин гӯянд ва бо ақл яке донанд.
3. Ҳомил ба Худои Атласи асотири юнонӣ шабоҳат дорад.

фалаки рӯшноӣ аст. Бони Аъзам зиндоне барои девон месозад. Ҳамин тавр ҳаракати доимӣ ва мунтазами ҷаҳон оғоз мегардад. Сипас паёмбар таҷрибаеро, ки пештар Рӯҳи Зинда карда буд, такрор мекунад. Яъне ҳайати зебои худро ба девон ва бошандагони зулмат, ки дар болои осмон ба занҷир баста шудаанд, нишон медиҳад. Тавре ки ба девони нар худро ба сурати зани зебо нишон медиҳад ва ба девони мода дар шакли ҷавони зариф ҷилвагар месозад.

Девон дар айни ҷӯши шаҳвонӣ зарраҳои рӯшноиро, ки фурӯ бурда буданд, ба зер андохта, дар ҳамон ҳол «гуноҳ» ҳам ба замин мерезад. Қисме аз ин модда ба ҷои нам афтода, аз он ифрите пайдо мешавад ва Одами нуронӣ ӯро мағлуб месозад. Ними дигари он мавод ба хушкӣ афтода, аз он панҷ дарахт ба вуҷуд меояд, ки сарчашмаи ҳамаи рустаниҳои олам аст. Девҳои мода, ки обистан буданд, чун ҷамоли паёмбарро мебинанд, сақути ҷанин мекунанд ва аз онҳо ҷонварони хокӣ, дарёӣ ва ҳавоӣ пайдо мешаванд. Аз рӯи таълимоти монавия ҳайвоноту наботот аз девони палид ба вуҷуд омадааст. Сипас ду ифрити нару мода ба хотири ба даст овардани зарраҳои рӯшноӣ девони дигарро фурӯ мебаранд. Аз онҳо аввал писаре ба номи Геҳмурд[1] ва духтаре бо номи Мурдиёнак ба вуҷуд меоянд, ки падару модари инсоният ҳисоб мешаванд. Аз рӯи таълимоти монавия, инсон аз нажоди ифрит аст. Махсусан дар Геҳмурд зарраҳои бештари нур, ки девон нигоҳ дошта буданд, ҷамъ мегардад. Он гоҳ Инсони Нуронӣ ё Олами Ақл тасмим мегирад, ки Одам (Геҳмурд)-ро аз хоб бедор карда, ӯро аз аҳволи ҷаҳон, сиришти ӯ ва сарнавиште, ки дорад, бохабар созад. Вай барои иҷрои ин кор ҳазрати Исоро маъмур мекунад. Дар ин ҷо бояд гуфт, ки Исо офаридаи Падари Бузург набуда, офаридаи ёварони ӯ мебошад.[2]

Тавре ки ишора шуд, аз космогонияи монавия чунин бармеояд, ки инсон зодаи деву ифрит буда, ҷисми ӯ торику пургуноҳ аст. Ягона унсури поки худовандӣ пораи рӯшноиест, ки рӯҳи ӯ мебошад. Монӣ шароити кунунии зиндагии инсонро, ки олами пур аз азоб, зулм, дурӯғ, бадӣ, бандагию ғуломӣ, дардноку ғайриқобили таҳаммул аст, тасвир карда, роҳи наҷоти ӯро нишон медиҳад. Мувофиқи гуфтаи ӯ, дар натиҷаи омехта шудани фарзандони Ҳурмузд бо девон ва аносири рӯшану муқаддас бо олами зулмату торикӣ, дар атрофи насли одам ғубору тирагие падид омадааст. Равони инсон, яъне асли ӯ аз худованд буда, он пок ва беғубору беолоиш аст. Фақат омезиш бо олами зулмат вайро ба чунин ҳолат овардааст.

1. Дар «Авесто» Геҳмурд дар шакли *Гайомаретана* (ҷисми мурданӣ) омадааст.
2. Кристенсен А. Эрон дар замони Сосониён. -С.309-314.

Ҳамин ки ин ғубору ҷаҳл пароканда шавад, инсон ба ҳоли пештараи худ бозгашта, рӯшноӣ аз торикӣ ҷудо мегардад ва марҳалаи сеюм ва охирин оғоз мешавад.

Рӯҳ асли одамӣ буда, ҳамон рӯшноиест, ки ҳангоми омезиши нуру зулмат падид омада, дар бадани инсон маҳбус гардидааст. Тани одамӣ сарчашмаи бадиҳо буда, инсонро водор ба майлу хоҳишҳо мекунад. Чун маншаъ ва асли одамӣ, рӯҳ азони Худост, вақте вай роҳи зиндагии худро ба поён мерасонад, ин асл бояд ба худованд бозгардад.

Барои бозгашт вай бояд дар ҷаҳон тавре зиндагӣ кунад, ки шоистаи пайвастан ба асли худ, яъне Худо бошад. Мувофиқи маълумоти Монӣ, инсон ба орзуи худ фақат бо ду роҳ расида метавонад: бо покии нафс ва маърифат. Дар ҳар ҷисму ашёи ҷаҳон заррае аз рӯшноӣ мавҷуд аст. Дар инсон он рӯҳ буда, рӯҳ дар ҷисм аст. Ҷисм бошад, ҳамеша асири ҳавою ҳавасҳост. Чун рӯҳ пораи рӯшноии худовандист, дар ҳабси ҷисми олудаю гунаҳкор буда, ҳамеша дар азобу шиканҷа аст. Рӯҳ бошад, дар он сурат озод шуда метавонад, ки аз қайди майлу хоҳиши нафс барояд. Аз ин ҷиҳат зуҳд, тақво, дур шудан аз талаботи дунё ва нигаҳдории худ аз тамоюлоти дунявӣ, хомӯш кардани талаботи нафс инсонро ба худогоҳию худшиносӣ наздик карда, роҳро барои расидан ба асли худ поку мусаффо мегардонад. Ин ақидаи Монӣ ранги яъсу навмедӣ дорад. Ӯ ҷаҳонро водии ашку хун ва одамро мурғи ошёнгумкардае медонист, ки бо асорату саргардонӣ ва бехонумонӣ маҳкум аст. Ин таълимот комилан мухолифи таълимоти дини маздаясно мебошад.

Тавре ки дар боло зикр гардид, Монӣ фирқаи муғтасиларо бо он сабаб тарк кард, ки ғусл дар об ва покии ҷисмониро покии асил намедонист. Вай муътақид буд, ки татҳир фақат аз роҳи маънавӣ ва маърифат имконпазир аст. Ба иборати дигар, татҳири рӯҳро аз татҳири бадан болотар гузошт.

Вай навишта буд: «Ва аммо татҳире, ки Исо аз он сухан гуфта буд, татҳир аз роҳи маърифат аст ва шомили ҷудоии нур аз зулмат, ҷудоии зиндагӣ аз марг ва ҷудоии оби зинда аз оби барҷомонда (мурдоб) аст».[1] Мақсади Монӣ аз истилоҳи «*оби зинда*», ки дар навиштаҳояш борҳо ба кор бурдааст, ҳамон оби минуӣ ё оби рӯҳонист, ки боиси покии рӯҳу ҷони одамӣ мешавад. Истифодаи истилоҳи «*оби зинда*» дар таълимоти Монӣ тобиши истиорӣ дошта, истиораи гностикӣ барои поксозии рӯҳу нури дарзиндонбуда аст.

Истилоҳи «*зинда*» дар таълимоти Монӣ мақоми махсус дошта, вай кеши худро «*дини зинда*» ва инҷили худро «*Инҷили зинда*» номидааст.

1. Кайт К. Ҳунари монавӣ. -Теҳрон, 1373. -С.35.

Монавиён бошанд, паёмбари худро «*зиндагар*» лақаб дода, чунин тасаввур мекарданд, ки ба воситаи каломи зиндаи ӯ онҳо худро шинохта, ориф мешаванд.

Аз он чунин хулоса кардан мумкин аст, ки ирфони монавӣ барои худогоҳӣ ва худшиносии инсон дар ибтидо як андоза ирфони мутараққӣ ва равшангар буд. Ирфоне, ки инсонро аз ҳақиқат ва аз шахсияти хеш огоҳ мекард ва таъкид месохт, ин инсонҳо дар ин ҷаҳони омехтаи савобу гуноҳ асир мебошанд ва бояд худро аз чанги зулмат бираҳонанд. Дар дини Монӣ ишораҳое ба таносух ё интиқоли рӯҳи инсони гунаҳкор ба инсонҳои дигар ва ҳайвоноту паранда ба мушоҳида мерасад, ки аз дини буддоӣ гирифта шудааст.

Дар ирфони монавӣ нахустин шарти худшиносии инсон маърифат аст. Ба ақидаи ӯ, агар мо кӯшиш кунем, мисли имрӯз рӯҳамонро аз нопокии ҷисм ва қайди тамоюлоти моддӣ нигоҳ дорем, монанди он аст, ки худамонро маҳкум ба зиндагии дубора карда бошем, аз нав ба дунё биёем ва дар ҷисмҳои мухталиф мураттабан тағйири қолиб диҳем. Чун унсурҳо, ашё, наботот, ҳайвонот ва башар асири тамоюлоти дунявӣ ва рӯҳ дар зери фишори шадиди ин нопокиҳо қарор гирифтааст, ҷаҳон ба салибе шабоҳат пайдо кардаст, ки рӯи он нур ё «рӯҳи зинда» азоби тоқатфарсоро таҳаммул менамояд. Монӣ ҳамаи корҳое, ки боиси ранҷи нур мешавад, ба се тақсим карда, онҳоро дастур ё мамнӯъоти сегона номидааст. Ин мамнӯъот иборатанд аз: а) *Худдорӣ кардан аз гуноҳ ба воситаи забон;* б) *Худдорӣ кардан аз гуноҳ ба воситаи даст;* в) *Худдорӣ кардан аз гуноҳ ба воситаи қалб.*[1]

Яке аз роҳҳои расидани рӯҳ ба асли худ *равшан кардани асрори вуҷуди инсон* аст. Ин масъала нуқтаи марказии маърифат ва худшиносии инсон мебошад. Асрори вуҷуди инсон дар табиат аст. Ба ҳар андоза, ки ӯ барои дарки муҳити моҳавл кӯшиш намояд, дар кашфи асрори он талош кунад, беш аз пеш аз асрори вуҷуди худ огоҳ хоҳад шуд. Ин ҷиҳати таълимоти Монӣ шаклҳои иртиҷоии маърифати динӣ ва хурофотро инкор намуда, маърифати ҳиссӣ ва ақлиро маърифати ягонаи дурусти ҷаҳонӣ ҳисоб мекунад.

Роҳи дуюме, ки Монӣ барои расидан ба ин ҳадаф, яъне ҷудоии нуру зулмат нишон медиҳад, *покӣ ва порсоии ҳар фард* аст. Нисбат ба ин ки аслу маншаи худовандӣ нур аст ва фақат тан бо зулмат омехтааст, ҳар фард бояд аз гуноҳ канорагирӣ карда, ҷисми худро аз олудагӣ нигоҳ дорад. Монӣ роҳҳои пок кардан ва пок нигоҳ доштани ҷисмро аз олудагӣ

1. Ширва П.О. Аносири эронӣ дар кеши монавӣ. -Теҳрон, 1382. -С.74.

дар ҳукмҳои даҳгонаи худ нишон додааст. Ин ҳукмҳо чунинанд: *манъи бутпарастӣ, парҳез аз дурӯғгӯӣ, ҳамеша хушбин будан ба зиндагӣ, парҳез аз ҳар гуна куштор, ҳаром будани корҳои ҷинсӣ, манъи дуздӣ, парҳез аз фикру ақидаҳои бад, ҳаром будани соҳирӣ ва ҷодугарӣ, зарари шакку шубҳа ва парҳез аз бекорӣ.*

Абӯрайҳони Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» ҳикояте овардааст, ки ба баъзе хусусиятҳои дигари мазҳаби Монӣ равшанӣ меандозад. «Ва *забҳи ҳайвонот ва озори оташ, об ва набототҳо ҳаром намуда,* қавоиду навомисе вазъ карда, ки сиддиқон (*баргузидагон*), ки аброҳу зуҳҳоди монавиянд, бар худ фарзу воҷиб медонанд ва ин навомис аз ин қарор аст: *эҳтироми дарвешон, аз миён бурдани ҳирсу шаҳват, канорагирӣ аз дунё, иттисоли рӯза ба рӯзаи дигар».*[1]

Абӯмансур Саолибии Нишопурӣ, ки дар давраи Сомониён зиндагӣ кардааст, перомуни Монӣ ва таълимоти ӯ ҳикояти ҷолибе овардааст, ки намунаи кудурату бадбинии рӯҳониёни зардуштӣ ва муаррихони исломӣ нисбат ба дини ҷадид мебошад. Тавре қаблан қайд шуд, дар давраи подшоҳии Баҳроми I мӯбадони мӯбад Картир будааст. Вай дар замони ҳукмронии се подшоҳи сосонӣ ин вазифаро ишғол карда, дар таҳияи дини расмии сосониён - дини маздаясно кӯшишҳо ва ҷидду ҷаҳди фаровоне анҷом додааст. Муколамае, ки Саолибӣ овардааст, зоҳиран, қабл аз кушта шудани Монӣ сурат гирифта, ҷараёни мубоҳисаи сарварони ду динро нишон медиҳад. Саолибӣ чунин овардааст: «Мӯбадони мӯбад рӯ ба Монӣ карда гуфт: -Ту маро ба чӣ чиз даъват мекунӣ? Монӣ гуфт: -Ба тарки дунё ва вайрон сохтани он, парҳез аз омезиш бо занон, то насли одамӣ қатъ шавад ва ин дунёи ҷасадӣ нобуд гардад ва мардум аз ҷаҳони некбахтӣ ба ҷаҳони бадбахтӣ наоянд. Зеро равон(*рӯҳ*)-ҳои поки худоӣ бо баданҳои нопоки аҳриманӣ омехта гардида, ки худованд аз ин омехтагӣ дар шиканҷаю ранҷ аст ва осоиши ӯ дар ҷудоии пайкару ҷон аз якдигар аст, то ин ки мардуми тозае биёварад ва ҷаҳони нав, чунон ки хоҳад, барпо созад. Зеро марг одамиро ба зиндагии ҷовидонӣ расонад ва то замоне, ки ҷон дар пайкар (*тан*) аст, монанди мурғи дар қафаси зиндон аст.

Пас мӯбад ба ӯ муроҷиат кард: -Оё вайронӣ хуб аст ё ободӣ? Монӣ посух дод: -Вайронии баданҳо ободии ҷон аст.

Мӯбад пурсид: -Ба мо бозгӯй, аз кушта шудани худ, оё ин харобист ё ободӣ? Монӣ гуфт: -Вайронии бадан аст.

---

1. Берунӣ А. Осор-ул-боқия. -Лейпсиг, 1923. -С.229-230.

Мӯбадони мӯбад гуфт: -Пас шоиста он аст, ки бадани туро хароб кунем, то ҷонат ободон гардад».[1]

Тавре ки дар ин ҷо мушоҳида мешавад, Саолибӣ мисли соири муаррихони асри миёна як паҳлӯи манфии таълимоти Мониро муболиға карда, аз ҷиҳатҳои дигари мусбати он сарфи назар намудааст. Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ низ, ки донандаи хуби таърихи бостони ниёгон будааст, ҳамин саҳнаро тасвир карда, мисли Саолибӣ мусоҳибаи мӯбадони мӯбадро бо Монӣ чунин овардааст:

*Бад ӯ гуфт: К-эй марди суратпараст,*
*Ба Яздон чаро сохтӣ хира даст?*
*Касе, к-Ӯ баланд осмон офарид,*
*Бад-ӯ дар макону замон офарид.*
*Куҷо нуру зулмат бад-Ӯ андар аст.*
*Зи ҳар гавҳаре гавҳараш бартар аст.*
*Агар Аҳриман ҷуфти Яздон будӣ*
*Шаби тира чун рӯзи рахшон будӣ.*
*Нагунҷад Ҷаҳонофарин дар ҷаҳон,*
*Ки Ӯ бартар аст аз макону замон.*
*Фурӯ монд Монӣ зи гуфтори ӯй,*
*Бипажмурд шодоб бозори ӯй…*

Аз матни боло чунин хулоса кардан мумкин аст, ки дини расмии зардуштӣ дар замони Сосониён нисбат ба таълимоти Монӣ дар миёни ҷамъият адовату бадбинӣ падид оварда, он дар давраи ислом бештар ва шадидтар гардидааст. Вале ба таври умум, Монӣ тарафдори он будааст, ки зиндагии ҷамъияти инсонӣ дар заминаи маърифат ва донишу биниш бунёд карда шуда, ҳудуди дарки падидаҳои табиат, олам ва коинот торафт вусъат пайдо кунад. Дар ин ҷо бояд зикр кард, ки маърифати маънавӣ дорои тобиши ишроқӣ мебошад. Вале дар ҳар сурат маърифат дониш аст ва ба ҳар андоза, ки мо перомуни муҳити моқабл дониши бештар касб кунем, ба ҳамон андоза мо ҷаҳонро бештар дарк намуда, худамонро бештар мешиносем.

Мувофиқи ақидаи монавиҳо, дар марҳала ё давраи сеюми сикли кайҳонӣ, ки поёни ҷаҳон ба шумор мерасад, *байни қувваҳои рӯшноӣ ва торикӣ набарди азиме оғоз мегардад.* Аз як сӯ, шаҳриёри олами зулмату торикӣ, ки миқдори девони ӯ зиёд шуда, дар атрофу акнофи ҷаҳон парокапда шудаанд, талош мекунад то барои захира кардани пораҳои нур

1. Берунӣ А. Осор-ул-боқия. -Лейпсиг, 1923. -С.229-230.

зиндонҳои ҷисмонии бештаре ба вуҷуд оварад. Аз ҷониби дигар, Падари Бузург ё Зурвон барои густариши хайр мекӯшад. Рӯҳ аз тариқи маърифату огоҳӣ озод мешавад. Он гоҳ Исо аз нав зуҳур карда, курсии адлу додро барпо хоҳад дошт ва некӯкоронро аз бадкорон ҷудо хоҳад сохт. Дар ҳамин ҳангом эзидоне, ки гардиши заминҳо ва осмонҳоро танзим мекунанд, кори худашонро раҳо хоҳанд кард. Осмонҳо ва заминҳо бо ҳам омехта гардида, сӯхтори бузурге забона хоҳад кашид, ки 1469 сол давом хоҳад кард. Дар охир, пораҳои нури озодшуда ба биҳишт хоҳанд рафт. Он гоҳ модда (Аҳриман) бо тамоми шаклу мазоҳири худ дар як кӯе, даруни мағоки амиқе зиндонӣ хоҳад шуд, ки ба сари он санги азиме мепӯшонанд. Аҳриман дар он ҷо дар ҳабси абадӣ қарор хоҳад гирифт.[1] Ҳамин тариқ, ду бун, ду ҷавҳар барои ҳамеша аз ҳам ҷудо хоҳанд шуд. Биҳишти нав ба биҳишти рӯшноӣ хоҳад пайваст ва мавҷудоти он, яъне эзидону наҷотёфтагон ба дидори Падари Бузург ё Зурвон ноил хоҳанд гардид ва зиндагие, ки пеш аз омезиш вуҷуд дошт, аз сар гирифта хоҳад шуд.[2]

Ҷамъияти монавӣ аз панҷ табақа, ки бо панҷ таҷаллии Падари Бузург баробар аст, иборат мебошад. Ин табақаҳо ба шарҳи зер ташкил мегардид: табақаи аввал, мисли дини насронӣ, шомили дувоздаҳ расул аст, ки онҳоро ба забони паҳлавӣ «*фиристагон*» номидаанд ва онон пас аз Монӣ ва ҷонишини ӯ болотарин дараҷаи маънавии монавиро ташкил медоданд ва ҳукми халиф ва имомони ӯро доштанд. Табақаи дуюм 72 нафар усқуф ё эпископ буданд, ки ба паҳлавӣ *«исписакон»* номида мешуданд. Табақаи сеюм 360 нафар шайхон ё кашишони монавӣ буданд. Табақаи чорумро баргузидагон (ба паҳлавӣ «*визидагон»*) мегуфтанд, ки маъмури вазъу таблиғ дар миёни мардум буданд.

Теъдоди онҳо ниҳоят бисёр буд. Табақаи панҷум шунавандагон (дар паҳлавӣ «*ниюшакон»*) номида мешуд. Ин табақа оммаи васеи мардум буданд, ки шумораи онҳо беҳисоб буд. Баргузидагон набояд пешае ихтиёр мекарданд, ки боиси зиёни унсурҳои табиат шавад ё ба коре машғул гарданд, ки сабаби сарватмандӣ ва осоиши моддӣ гардад.

Хӯрдани гӯшти ҳайвонот, озор расондан ба зарраҳои нур, ки дар наботот пинҳон аст, ба василаи чидани гиёҳ мамнӯъ буд. Шаробро ҳаром медонистанд. Онҳо мебоист беш аз ғизои якрӯза ва либоси яксола аз моли дунё надошта бошанд. Онҳо бе зан зиндагӣ карда, вақти бештари

1. Васильев Л.С. История религий Востока. -М., 2004. -С.246.
2. Исмоилпур А. Устураи офариниш дар ойини Монӣ. -С.76,77.

худро дар сафар, ба хотири интишори покию зиндагии беолоиш мегузаронданд. Табақаи охирин аз ин дастуру қоидаҳо озод буда, бо шуғлу пешаҳои оддии худ машгул буданд. Онҳо метавонистанд гӯшт хӯранд, зан бигиранд, вале набояд ба дунё дилбастагии зиёд дошта бошанд. Воҷиботи табақаи поёнӣ иборат аз он буд, ки хӯрду хӯроки баргузидагонро фароҳам оваранд.

Чун баргузидагон гиёҳу сабзавот мехӯрданд, шунавандагон бояд ин заҳматро ба дӯш гирифта, барои онҳо мева, растанӣ ва сабзавот мечиданд. Додани закот, гирифтани рӯза, хондани намоз ба тамоми табақаҳо дахл дошта, ҳар моҳ ҳафт рӯз рӯза мегирифтанд. Дар як шабонарӯз чор маротиба ба сӯи офтоб ё моҳ нигариста, намоз мехонданд. Шунавандагон рӯзи якшанбе ва баргузидагон рӯзи душанберо муқаддас ҳисоб мекарданд.[1]

Ба худи Монӣ маълум буд, ки иҷрои ҳамаи шартҳои мазҳабии ӯ кори ниҳоят мушкил ва тақрибан берун аз имкон аст. Аз ин рӯ, чун табақаҳои аввал теъдоди маҳдудеро ташкил мекарданд ва бояд пас аз маргашон мустақиман ба асли хеш мепайвастанд, анҷоми комилу пурраи дастур ва қонунҳои мазҳабиро ба дӯши онон вогузор карда буд.[2] Табақаи охирин дастурҳои мазҳабиро мувофиқи тавоноии худ анҷом медоданд.

Мазҳаби Монӣ ҳамчун дин шаклу сохтори муназзаму комил дошта, ҳамаи навъҳои ибодат, саҷда, дуо, аврод, ниёиш ва намозро дарбар мегирифт. Тарҷумаи яке аз дуоҳои муҳими монавиён, ки бо ибодат сурат мегирифт, дар ин ҷо оварда мешавад: «Ман худро баробари Ту шикаста ва ба саҷда бо қалбе саршор аз покӣ ва ба забоне гаронбор аз ростӣ, Туро ай Худои Бузург, ай Падари Нур ва ҷавҳари ҳамаи нурҳо ситоиш мекунам. Ай Худованд, Ту мавриди ситоиши мо ва таборак ҳастӣ. Касе, ки Туро меситояд, касест, ки фариштагони Ту, баргузидагони Ту, каломи Ту, ҷалоли азамати Ту ва он чиро, ки ба назари Ту хубу зебост, меситояд, чун ту Худое ҳастӣ, ки ҳамаи ростӣ, зиндагӣ ва нуру қудсият аз ту сарчашма мегирад».[3]

Ба назар чунин мерасад, ки ба таври умум асоси дини Мониро санавият (*дугонапарастӣ*)-и дини маздаясно, ки аксаран дар бахшҳои навини «Авесто» дар соҳаи фалсафаю ахлоқ ба чашм мехӯрад, ташкил медиҳад. Номи аксари эзидон ва фариштагони он низ мутааллиқ ба дини маздаясно мебошад. Сохтори низоми дохилӣ, баъзе аломатҳои зоҳирӣ, маросимҳои ҷудогона, чанде аз дуоҳо аз ойини насронӣ гирифта шудааст. Бахшҳое, ки

1. Кадёнӣ А. Таърихи адён ва мазоҳиб дар Эрон. -С.179.
2. Алавӣ А. Таърихи комили адён. -С.421.
3. Ҳамон ҷо. -С.422.

Монӣ дар он пайравони худро ба тарки дунё, зуҳд, тақво ва гӯшанишинӣ даъват мекунад, аз дини буддоӣ ба орият гирифта шудааст. Дар дини монавӣ маросимҳои мураккаб вуҷуд надоранд. Дар он ба баъзе аломатҳои зоҳирӣ, ҳаракатҳои мазҳабӣ тавaҷҷуҳ карда мешавад, ки паём ба дасти рост, бӯсаи сулҳҷӯӣ, саломи бародарона ва даст додан аз ҷумлаи онҳо мебошад. Дар он ҳамчунин ба баъзе расмҳои динӣ, дуою ниёиш, сурудҳо ва рӯза аҳамияти махсус дода шудааст.

Тавре ки дар боло ёдоварӣ шуд, Монӣ аз нобигагони замони худ буда, дар фанни наққошӣ ҳамто надошт ва саҳифаҳои китобҳои худро бо тасвирҳои зебо, ки муборизаи қувваҳои нуру зулматро таҷассум мекард, музайян менамуд.

Ҳамчунин муаррихон ихтирои як навъи хатро, ки асли алифбои оромӣ дошта, омехтаи суриёнӣ ва паҳлавӣ будааст, ба Монӣ нисбат додаанд. Ин алифбо дар навоҳии Осиёи Марказӣ ва сугдизабонон пазируфта шуда, аксари бозёфтҳои Турфон бо он сабт гардидаанд. Монӣ дар шеър ва мусиқӣ низ устоди замони худ буда, дар инкишофи онҳо саҳми муносиб гузоштааст.

Мутобиқи нигоштаи муҳаққиқон, ойини Монӣ ба зудӣ дар Осиё ва Аврупо интишору густариш ёфт. Дар Ғарбу Шарқ нодорон, мустамандон, камбағалон, бебизоатон, ки аз молу сарвати дунё маҳрум буданд ва зиндагии мушкилу тоқатфарсо доштанд, пайрави ойини Монӣ мегардиданд. Муаррихон зикр кардаанд, ки замоне кеши Монӣ дар Руму Юнон чунон нуфузу густариш пайдо кард, ки ҳатто ба мавҷудияти дини масеҳӣ таҳдид намуд. Соли 445-и мелодӣ тибқи пешниҳоди Папаи Рим тамоми тарафдорон ва пайравони дини Монӣ аз Рим ва Италия хориҷ карда шуданд. Дар соли 527 қайсари Рум Константин қонуне баровард, ки мувофиқи он тарафдорони дини Монӣ маҳкум ба марг гардиданд.

Содир шудани чунин қонунҳо дар мамлакатҳои Аврупо пеши роҳи инкишофи дини монавиро гирифт. Дини Монӣ бар хилофи он, ки аз ҷониби ҳукумат ва рӯҳониёни исломӣ манъ гардида, пайравони он шадидан маҳкум мешуданд, дар Хилофати араб низ густариш пайдо карда буд. Мувофиқи маълумотномаи мукаммале, ки Ибни Надим дар «Алфеҳраст» овардааст, вазирон, донишмандон ва бисёр шахсони маъруфи Хилофат ба ин гуноҳ айбдор карда шудаанд.

Маркази дини Монӣ то садаи XIII «Калисои нур» номида шуда, дар Тайсафун (Мадоин) қарор дошт. Баъдан чун дини ислом он майдонро танг кард, Калисои нур ба Самарқанд интиқол дода шуд. Мазҳаби монавӣ дар ин минтақа нуфузи бештар пайдо карда, сарзаминҳои васеъро тас-

хир намуд. Мутобиқи фармони императори Чин аз соли 732-и мелодӣ мазҳаби мормонӣ ё момонӣ озод эълон карда шуд. Дар асоси фармонҳои солҳои 768 ва 771 ба ин мазҳаб иҷоза дода шуд, ки маъбадҳои худро озодона бунёд намоянд. Аз соли 763 то 840 мазҳаби монавӣ дини расмии давлати уйғурҳо эълон шуда, ин давлат дар миёни рӯдҳои Или ва Зард қарор дошт.[1]

Ибни Надим дар «Ал-феҳраст» ҳикояти аҷибе овардааст, ки ҳудуди инкишофи ин динро дар Осиёи Марказӣ нишон медиҳад: «Дар Самарқанд ҳудуди 500 нафар мард аз монавиён гирд омада буданд ва амрашон шуҳрат ёфт ва соҳиб (*амир*)-и Хуросон тасмим гирифт онҳоро бикушад. Малики Чин, фикр мекунам, соҳиби Тағузғуз ба назди ӯ кас фиристод ва гуфт, ки дар мамлакати ман аз мусулмонон беш аз ҳамкешони ман дар мамлакати ту аст ва савганд ёд кард, ки агар (*соҳиби Хуросон*) яке аз онҳоро бикушад, дар ивaз ҳамаи онҳоро хоҳад кушт, масоҷидро хароб хоҳад кард ва бар мусулмонони дигар кишварҳо маъмурият хоҳад гумошт, то онҳоро бикушанд. Пас соҳиби Хуросон онҳоро ба ҳоли худ гузошт ва аз онҳо ҷизя гирифт».[2]

Ахлоқи мазҳабӣ, ақидаҳои фалсафӣ ва ҷамъиятии Монӣ ба фалсафа, динҳои муосири ҷаҳонӣ таъсири амиқ доштааст. Бо вуҷуди он, ки фалсафаи адрия, ки мадори баҳсаш дар бораи маншаи олам ва сабабҳои пайдоиши шар(р) буда, таърихи бештару тӯлонитар дорад, бе ҳеҷ шубҳа дар зери таъсири ҷанбаҳои гуногуни ақидаҳои гностикии Монӣ қарор гирифтааст. Дар дини ислом бисёр фирқаҳоро номбар кардан мумкин аст, ки дар зери таъсири ойини Монӣ қарор гирифтаанд. Гузашта аз ин, баъзе ҷараёнҳои маънавӣ, ки ақидаҳои Мониро мустақиман пазируфта буданд, ба дугароӣ, занодиқа ва маҷус айбдор карда мешуданд.

Нуқтаи дигаре, ки қобили ёдоварист, ин аст, ки ақидаҳои мазҳабии Монӣ дар дини насронӣ ва шохаҳои мухталифи он русух карда, дар Аврупо ва Амрико дар шакли гурӯҳу фирқаҳои гуногуне фаъолият доранд ва дар аксарашон рукнҳои умдаи мазҳаби бостонӣ ҳифз гардида, бо даврони муосир ҳамоҳанг карда шудаанд. Дар миёни онҳо аз фирқаҳои павликанӣ, богимилӣ, летарӣ, албиягӣ метавон ном бурд. Яке аз бахшҳои машҳури имрӯзаи он мазҳаби мормонӣ мебошад, ки дар ИМА, Канада, Мексика, ҷазираҳои Океания ва баъзе мамлакатҳои Аврупо фаъолият мекунад. Имрӯз шумораи пайравони он фақат дар ИМА чанд миллион аст.

1. Ризоӣ А. Аслу насаби эрониёни бостон. -Теҳрон. -С.309-310.
2. Монӣ ба ривояти Ибни Надим. -С.36.

# МАЗДАК
# ПЕШВОИ МАРДУМДӮСТИ ЭРОНИ БОСТОН



Маздак дар таърихи мардуми форсизабон яке аз чеҳраҳои дурахшоне мебошад, ки номи худро дар саҳифаҳои ҳаракати озодфикрии ҷаҳон ба таври абадӣ сабт кардааст. Бо вуҷуди он ки ин мазҳаб дар охири давраи сулолаи сосонӣ падид омада, номи Хусрави Анӯшервонро дар Шарқ маъруфу машҳур гардонид, нерӯи таълимоти ӯ роҳи муборизаи озодихоҳонаи мардуми моро бар зидди истилогарони аҷнабӣ равшан намуда, сипас яке аз омилҳои пайдоиши давлатҳои форсизабон - Саффориён, Тоҳириҳо ва Сомониён шуд. Дар асари таъсири фавқулодати таълимоти Маздак дар асрҳои миёна дар дини ислом даҳҳо ҷараёну фирқаҳо зуҳур карда, фаъолияти бисёр гурӯҳҳои динӣ ва фирқаҳои ифротӣ аз қабили исмоилия, ҳашишия, афридия, абӯмуслимия, хуррамия, бобакия, бобия аз он сарчашма гирифтаанд.[1]

Дар асоси маълумоти муаррихони аҳди бостон дар давраи подшоҳии Диоклетан (284-305) - подшоҳи Рум (Византия) дар ин мамлакат шахсе ба номи Бундос зуҳур кардааст, ки бо вуҷуди пайрави ойини Монӣ будан ақидаҳои наве баён намуда, бо дини монавӣ роҳи хилоф пеш гирифтааст. Мувофиқи гуфтаҳои Бундос, худои хайр бо худои шарр набард карда, ӯро мағлуб сохт ва мутобиқи суннату одати одамиён парастиши ғолиб воҷиб аст. Вай аз Рум ба Эрон рафта, ба таблиғи дини худ шурӯъ кард.[2] Стилит - муаррихи дигари садаи VI-и мелодӣ шахси дигареро низ муқаддам бар Маздак ном мебарад, ки бо номи Зардушт ёдовар шуда, ақидаҳои мушобеҳе бо Маздак баён доштааст.[3] Пайравони ин динро дар забони паҳлавӣ «*дурустдинон*» номиданд ва дини Маздак дунболаи даъватҳои Бундос ва Зардушт мебошад. Маздак дар таблиғу тарвиҷи ин ақидаҳо, ки

1. Клима О. Таърихчаи мактаби Маздак - Теҳрон, 1372. -С.164.
2. Сомӣ А. Тамаддуни сосонӣ. -С.270; Ушидарӣ Ҷ. Донишнамои маздаясно. -С.432.
3. Машкур М. Эрон дар аҳди бостон. - Теҳрон, 1343. -С.183.

яке аз шохаҳои дини Монӣ ҳисоб мешуданд, иқдом намуд ва дар натиҷа номи муассисони аслии ақидаҳо фаромӯш шуда, номи ӯ машҳур гардид.

Маздак дар соли 460-и мелодӣ ба дунё омадааст. Табарӣ ватани ӯро Нисо (*ҷануби Ашқободи кунунӣ*) гуфтааст.[1] Ин аз он ҷиҳат ҳам дуруст аст, ки бисёр муаррихон падари ӯ Бомдодро аз мӯбадони бузурги Нишопур донистаанд. Муаррихони дигар ватани ӯро Истахр, Табрез, Мадария воқеъ дар соҳили шарқии Даҷла ва ғайра ба қалам додаанд. Низомулмулк номи зани ӯро Хуррама[2] овардааст.[3] Дар асоси гуфтаи Ибн-ал-Асир, худи Маздак низ дар ибтидо мӯбади парҳезкоре будааст. Бино ба маълумоти муаррихон, Маздак китобе ба номи «Диснод» ва ё «Занд» навиштааст, ки онро Ибни Муқаффаъ ба арабӣ тарҷума кардааст.[4] Шаҳобуддин Аҳмади Хаффоҷӣ дар бораи ин китоб чунин навиштааст: «Занд касеро мегуфтанд, ки пайрави китоби Маздак буда ва арабишудааш «зиндиқ»-ро барои пайравони Монӣ ва Маздак ба кор мебурданд».[5]

Ҳаракати маздакия, ки дар охири садаи V ва аввали VI империяи бузурги Сосониро ба ларза дароварда, подшоҳони гирду атроф, аз ҷумла, Руму Юнонро ба воҳима андохта буд, аввалин ҳаракати васли иҷтимоию динӣ ва ҳатто мардумӣ мебошад, ки проблемаи нобаробарии иҷтимоӣ ва роҳи ҳалли онро дар миён гузошт ва барои ҳалли он амалан талош намуд.

Аз омӯзиши масъала маълум мешавад, ки олимони аврупоӣ ба ҳаракати маздакия мароқи калон зоҳир карда, баҳри мутолиа ва таҳқиқи он кӯшишҳои фаровон ба харҷ додаанд. Аввалин асари мукаммале, ки Маздак ва ҳаракати вайро мавриди баррасӣ қарор медиҳад, китоби Томас Хайд «Таърихи эътиқодоти форсиён» мебошад, ки соли 1700 дар Оксфорд ба чоп расидааст. Дар асри XVIII шахсияти Маздак, дин ва ҳаракати ӯ дар маркази таваҷҷуҳ ва таҳқиқи бисёр олимону донишмандони ин сарзамин буд. Чунин муҳаққиқоне мисли донишманди фаронсавӣ А. де Бюссабр, англис Е.Гиббон, Ч.Малколм, Ч.Роулинсон, немис Нёлдеке, Юсти, Николсон аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Ҷои тааҷҷуб нест, ки аксари онон аз рӯи ақида таҳти таъсири осори паҳлавӣ ва маълумоти муаррихони араб нисбат ба Маздак ва ҳаракати ӯ аз худ аксуламали кушоду равшани душманона ва муносибати манфӣ нишон додаанд. Масалан,

1. Балъамӣ А. Таърихи Табарӣ. -Душанбе, 1992. -С.518.
2. Пас аз марги Маздак Хуррама муборизаи ӯро идома дода, мувофиқи ривояти муаррихони исломӣ хуррамдинон аз ӯ ҳастанд.
3. Низомулмулк. Сиёсатнома. -Душанбе, 1989 -С.146.
4. Кристенсен А. Эрон дар замони Сосониён. -С.197.
5. Ризоӣ А. Таърихи тамаддун ва фарҳанги Эрон. -С.825.

Е.Гиббон дар асари худ таҳти унвони «Инқироз ва дар ҳам пошидани империяи Рум», ки дар соли 1776 ба чоп расидааст, ба суханони мӯбадони даврони сосонӣ бовар карда, чунин менависад: «Мардуми Эроншаҳр аз таассуби ин сотсиалист, ки иштирокӣ будани занон ва мусовоти афроди башариро мавриди таъкид қарор медод, маъюс ва хашмгин буданд, зеро вай ҳосилхезтарин заминҳо ва зеботарин занонро барои истифодаи пайравони фирқаи худаш ихтисос дода буд».[1] Асаре, ки донишманди англис Ҷ.Моди ба ин масъала бахшида буд, чунин ном дошт: «Маздак - сотсиалисти эронӣ». Мақолаи калони Т.Нёлдеке, ки соли 1879 дар маҷаллаи «Дойче Рундшау» таҳти унвони «Самтгирии сотсиалистӣ» ба чоп расид, дар қатори ҳаракатҳои дигар, аз ҷумла, ҳаракати мардумии маздакияро мавриди таҷзияю таҳлил қарор дод. Муаллиф дар он бештар ба масъалаи пардохти қарз, нобаробарии иҷтимоӣ ва тақсими одилонаи замин таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Ба ақидаи ӯ, сотсиализми шарқӣ падидаест, ки бар асоси дин устувор аст. Вай суханони худро чунин идома медиҳад: «Сотсиализми шарқӣ комилан мазҳабӣ аст ва бо сотсиализми ҷадиди фаронсавӣ ва олмонӣ тазоди ошкоро дорад: дар Машриқзамин корро ё қаҳру газаб пеш мебарад ва ё дар асари такя ба нерӯи мазҳаб мешавад ба муваффақиятҳои бузург ноил гардид».[2] Нёлдеке дар ин ҷо шояд сатҳи маънавии одамони он давра ва фосилаи 1200-солаи инқилоби Маздак ва инқилоби фаронсавиро аз хотир фаромӯш кардааст.

Ҳадаф аз овардани баъзе пажӯҳишҳо перомуни маздакия дар Аврупои асрҳои XVII-XIX таъкиди ин нукта аст, ки бунёдгузорони коммунизми илмӣ аз ҳаракатҳои мардумӣ дар сарзамини мо, аз ҷумла, дар бораи Маздак, сарфи назар аз ибрози фикру мулоҳизаҳои мухталиф, иттилои комил дошта, онҳоро дар тадвину тартиби таълимоти худ истифода бурдаанд.

Таҳкурсии ҷомеаи эронии даврони Сосониро ду рукни асосӣ ташкил медод: *моликият* ва *хун*. Бино ба «Номаи Тансар», дар аҳди поягузори давлати Сосонӣ Ардашери Бобакон миёни ашроф ва авом фосилаи зиёде вуҷуд дошт. Онҳо аз ҷиҳати «*либос, маркаб, сарою бӯстон ва зану хизматгор*» имтиёз доштанд. Табақаҳо аз ҳайси мартабаи иҷтимоӣ дорои дараҷаҳо буданд. Дар ҷомеаи сосонӣ мақому манзалат дар шахс собиту мустаҳкам буд. Саъдуддини Варовинӣ дар «Марзбоннома» дар ин бора ҳикояте нақл мекунад, ки ҷолиби таваҷҷуҳ аст: «Хусраве (*подшоҳе*) аз Порс фармуд, дар саҳро маҷмае ҷамъ оварданд, аз гирду атрофи мамла-

1. Клима О. Таърихчаи мактаби Маздак. -Теҳрон, 1372. -С.159.
2. Мубаллиғӣ А. Таърихи адёну мазоҳиби ҷаҳон. -Теҳрон, 1368. -С.500-501.

кат хосу ом, шаҳрию лашкарӣ, деҳқону наҷибзода ва ҳар якеро дар саф ҷой муқаррар кард ва мақому мартабаашонро муайян намуд. Вақте ҳама нишастанд, эълом намуд, ки ҳар кас ба мартабаи поини худ нигоҳ кунад, на ба боло ва аз мавқеъю ҷои хеш розӣ бошад».[1] Ба иборати дигар, дар Эроншаҳри бостон мавқеи табақа ва дараҷаҳои иҷтимоъ аз бисёр ҷиҳат ба кастаҳои ҳиндуён шабоҳат дошт. Табақаҳои поён, бахусус деҳқонон ва косибон, аз ҳуқуқҳои оддӣ маҳрум буда, мавриди истисмори шадиди чандҷониба қарор мегирифтанд. Табақаи баландтарини ашроф, ки наздикону атрофиёни подшоҳ, марзбонон ва шоҳзодагони сосонӣ буданд, барои худ расму анъанаҳои махсуси ашрофӣ тадвин намуда, дар ҷалолу шукӯҳу хосса (баъдан ин расму анъанаҳои ашрофӣ ба дарбори подшоҳони асримиёнагии Аврупо интиқол ёфт) зиндагӣ мекарданд.

Қонунҳои мамлакат покии хуни хонадонҳо, бахусус, хонадонҳои ашроф ва моли ғайриманқули ононро муҳофизат мекард. Дар бораи ҳифзи хуни хонадони салтанатӣ «Форснома»-и Ибни Балхӣ чунин менависад: «Одати мулуки Форс ва акосира он будӣ, ки аз ҳама мулуки атроф чун Син, Рум, Турк ва Ҳинд духтарон ситодандӣ ва пайванд сохтандӣ ва ҳаргиз духтаре ба эшон надодандӣ. Духтаронро ҷуз ба касоне, ки аз аҳли байти эшон будандӣ, мувосилат накардандӣ».[2]

Дар миёнаи табақаҳои мардум тафовути зиёд вуҷуд дошт. Масалан, дар табақаи косибон ҷою мақоми ҳар фард дақиқан муайян шуда буд. Ҳирфаю касб меросӣ буд. Ба касе, ки маҳорату лаёқати лозим надошта бошад, ҷиддан манъ шуда буд, ки бо он касаба машғул шавад. Дар «Минӯи хирад» ин масъала чунин зикр шудааст: *«Пешаварон дар корҳое, ки намедонанд, ворид нашаванд. Он чӣ марбут ба пешаи онҳост, ба хубӣ анҷом диҳанд ва музди онҳоро ба нархи одилона бигиранд, чӣ ҳар кас бо коре машғул шавад, ки аз он огаҳ нест, он корро зоеъ ва бефоида кардааст».*[3] Ҳар табақа сардори кишварии худро дошт.

Аз табақа ба табақаи дигар гузаштани одамон бисёр кам сурат гирифта, он фақат ба воситаи қарори Шӯрои салтанатӣ ва имзои шахси подшоҳ сурат гирифта метавонист.

Табақаи ҳоким, бахусус, ашрофи сосонӣ аз тамоми табақаҳои дигар духтар мегирифтанд, вале ба ягон табақаи поёнӣ духтар намедоданд. Қонуни мамлакат фурӯши амволи ашрофро ба табақаи поён манъ мекард.

1. Сомӣ А. Тамаддуни сосонӣ. -Теҳрон, 1342. -С.78.
2. Ибни Балхӣ. Форснома. -Душанбе, 1989. -С.374.
3. Кристенсен А. Эрон дар замони Сосониён. -С.342.

Агар касе тасодуфан чизе аз моли табақаи ашрофро харидорӣ кунад, мол пас гирифта шуда, шахси харида ба маҳкама кашида мешуд.[1]

Беҳуқуқӣ ва истисмори шадиди табақаҳои васеи мардуми заҳматкаш дар дасти ашроф пулу сарвати фаровон гирд оварда буд. Бино ба навишаи муаррихон, «рӯзе Хусрави Анӯшервон ба фармонравони Озарбойҷон хашм гирифт ва аз наздикони вай пурсид, ки ин волӣ чӣ қадар сарвати нақдӣ дорад? Гуфтанд: -Ду бор ҳазор ҳазор динор. Пурсид: -Аз молу оройи чӣ андоза? Гуфтанд: -Сесад ҳазор ҳазор динор. Пурсид: -Гавҳарҳои гаронбаҳо чӣ дорад? Гуфтанд: -Панҷсад ҳазор ҳазор динор. Пурсид: -Мулку замину боғ дорад? Гуфтанд: -Дар Хуросон, Ироқ, Озарбойҷон ҳеҷ канора ва шаҳре нест, ки ӯ дар он ҷо даҳ порча мулк, даҳ осиёб, корвонсаро, гармоба ва ғайра надошта бошад. Пурсид: -Аз чорпо чӣ дорад? Гуфтанд: -Сӣ ҳазор асп, гов, гӯсфанд. Пурсид: -Бандаю гулом чӣ қадар дорад? Гуфтанд: -Ҳазор гуломи румию ҳабашӣ ва чорсад канизак...».[2] Табақаи ашроф аз тамоми неъматҳои зиндагӣ бархурдор буда, ҳаёти пуртаҷаммулу ашрофона доштанд. Ҳосилхезтарин заминҳо, оби рӯду корезҳо ба онҳо тааллуқ дошт. Теъдоди занон вобаста ба пулу дороии сардори хонавода буд. Бо вуҷуди он ки шариати дини маздаясно ҳуқуқи марду занро баробар эътироф кардааст, ба занҳо мисли амволи шахсӣ муносибат карда мешуд. Ашрофи бузурги сосонӣ дар ҳарами худ ҳазорҳо зану канизак нигоҳ медоштанд. Дар ҳарами Хусрави Парвиз (591-628) - подшоҳи сосонӣ қариб 12 ҳазор зан зиндагӣ мекарданд. Табиист, ки вақте шахсони ҷудогонаи ҷамъият аз чунин имтиёз бархурдор буданд, садҳо ҳазор намояндагони табақаи поёнӣ на танҳо аз неъматҳои моддӣ, балки аз зиндагии хонаводагӣ низ маҳрум буданд.

Бо вуҷуди он ки талаботу меъёрҳои умумии ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқӣ нисбат ба шахси подшоҳ дақиқан муайян шуда буд, қонуни мушаххаси воросат ва таъини валиаҳд ба тахти подшоҳӣ вуҷуд надошт. Таъини валиаҳд, агар аз як сӯ, ҳаёти шахси подшоҳро аз ҷониби валиаҳд ва бахусус, душманони вай дар зери хатар қарор диҳад, зиндагии валиаҳд низ дар зери таҳдиди доимии рақибон қарор мегирифт. Аз ин рӯ, аксаран валиаҳд интихоб намекарданд.

Мутобиқи «Номаи Тансар», Ардашери Бобакон - поягузори давлати Сосонӣ дастур дода буд, ки ҳар подшоҳ дар вақти лозима валиаҳди худро интихоб намуда, дар номаи мӯҳрдоре сабт кунад ва он номаро дар их-

1. Кристенсен А. Эрон дар замони Сосониён. -С.331.
2. Ризоӣ А. Таърихи тамаддун ва фарҳанги Эрон. -С.816.

тиёри мӯбади мӯбадон гузорад.[1] Бо даргузашти подшоҳ мӯбади мӯбадон ҳирбади ҳирбадон (*сарвари оташкадаҳо*) ва эрондабирбаз (*сардори умури идории шоҳ*)-ро даъват намуда, мӯҳрномаро боз мекард ва мазмуни онро баён медошт. Баъзан мувофиқ наомадани фикру иродаи подшоҳи даргузашта бо мулоҳизаи шӯрои сегона, носозгорӣ ба манфиати яке аз онҳо ва сабабҳои дигар боис мегардид, ки онҳо номзадии дигареро ба тахти шоҳӣ пешбарӣ мекарданд.[2]

Дар нимаи дуюми садаи V империяи бузурги Сосонӣ пас аз салтанати Яздигурди II (439-457) бо як силсила сабабҳои дохилию хориҷӣ шукӯҳу ҷалол ва суботу истеҳкоми худро аз даст дода буд. Аз ҷониби ғарб душмани дерина - Рим (Византия) ба Эроншаҳр таҳдид карда, дар тарафи Осиёи Миёна эфталитҳо сол то сол пурзӯр мешуданд ва сарҳадоти шимоли шарқиро горат мекарданд. Мамлакат аз ҷиҳати мазҳаб низ дар зери фишор қарор гирифта буд. Мавқеи дини зардуштиро дар Ғарб дини насронӣ ва дар Шарқ дини буддоӣ танг мекарданд.

Чун хонаводаи сосонӣ аз шохаҳои зиёд иборат буд ва дар ҳар яке даҳҳо шоҳзодагон тарбия мешуданд, дар замони ҳарҷу марҷ ва бахусус, дар вақти интихоби шоҳ, аксари онҳо довталаби тоҷу тахт мегардиданд. Пас аз марги Яздигурди II, ки дар соли 457 сурат гирифт, то соли 488, ки соли ҷулуси Қубод аст, нооромиҳо ва заъфу сустии ҳукумати марказӣ буд, чор подшоҳ ҳукмронӣ карданд. Ҷангҳои тӯлонии Фирӯз (459-484) ва шикастҳои пай дар пайи вай аз эфталитҳо, задухӯрдҳо дар сарҳадоти Рум вазъияти хориҷии мамлакатро низ беш аз пеш бадтар карда буд.

Яке аз омилҳои муҳиме, ки тӯдаҳои мардумро такони шадид дода, ононро ба мубориза даъват намуд ва вазъияти воқеан инқилобӣ падид овард, дар охири солҳои 80-ум ва аввали солҳои 90-уми садаи V ба сари Эрон фурӯд омадани хушкиҳои чандинсолаи пай дар пай мебошад. Мувофиқи нигоштаи муаллифи «Таърихи адён ва мазоҳиби ҷаҳон», соли 491, ки соли зуҳури Маздак қаламдод шудааст, соли ҳафтуми хушксолӣ будааст. Хушксолиҳои даврони Қубод дар «Шоҳнома» низ ёд шудааст:

*Зи хушкӣ хӯриш танг шуд дар ҷаҳон,*
*Миёни кеҳону миёни меҳон.*
*Зи рӯи ҳаво абр шуд нопадид,*
*Ба Эрон касе барфу борон надид.*

1. Ниг. Сомӣ А. Тамаддуни сосонӣ. -С.272.
2. Ниг. Нафисӣ. С. Таърихи тамаддуни Эрони сосонӣ. - Теҳрон, 1331. -С.9-10.

*Меҳони ҷаҳон бар дари Кайқубод.*
*Ҳаме ҳар касе обу нон кард ёд.*

Ин ҳодиса, аз як сӯ, вазъияти фалокатбори тӯдаҳои васеи заҳматкашонро боз ҳам вазнинтар карда бошад, аз ҷониби дигар, худхоҳӣ, худкомагӣ ва лаҷомгусехтагии дороён ва бахусус, ашрофи сосониро афзунтар намуд. Буҳрони амиқи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ зоҳиран сепаратизми ашрофиро густариш дода, дар миёни шохаҳои дури хонаводаи сосонӣ ва хонаводаҳои бузурги ҳафтгона довталабони нави тоҷу тахтро падид овард. Чун ҳукумати марказӣ заифу нотавон шуда буд, ашроф дар мамлакат ҳар чӣ мехост, анҷом медод.

Дар ойини маздаясно инсон дар маркази доираи кайҳонӣ қарор дода шуда, дар шахси ӯ инсонияти комил, шарофати баланд, худшиносии олӣ тақдир шудааст. Тамоми бахшҳои «Авесто» ба тараннуми далерӣ, доноӣ, мардонагӣ, зебоӣ, некандешӣ, нексуханӣ, некамалӣ, ҷасорат ва садҳо хислатҳои мусбати дигар, ки шахсият ва мақоми инсонро дар зиндагӣ мустаҳкам мекунанд, бахшида шуда, садҳо хислатҳои баду манфури одамӣ, ки иззати нафс ва шарофати инсонро поймол месозанд, накӯҳиш карда шудааст. Мо дар «Готҳо» ба бисёр сатрҳо бармехӯрем, ки Зардушт - паёмбари дини маздаясно ҷонибдорони худро ба мубориза бар зидди зулм, истисмор, тааддӣ, поймол карда шудани шарофати инсонӣ даъват намудааст.

Аз ин рӯ, маздакия, ки бунёди таълимоташ ойини маздаясност, дар ҷои холӣ ва тасодуфан падид наомадааст. Монавия ва маздакия дар домони дини зардуштӣ ба вуҷуд омада, дар пайдоиш ва ташаккули ислом ва динҳои дигари ҷаҳонӣ нақши умда ва қобили мулоҳизае доранд. Дин ва инқилоби иҷтимоии Маздак аввалин ҳаракати мардумие мебошад, ки баробарӣ ва мусовоти тамоми одамонро ҳадафу мароми худ қарор дода, муддате онро дар ҳаёти иҷтимоӣ татбиқ кард, бинобар ин дар таърихи муборизаи сиёсии инсоният мақоми хоссе дорад. Хусрави I (531-579), ки дар таърихи мардуми мо ҳамчун *Анӯшервони Одил* маъруф аст ва дар бораи адлу инсофаш ҳикояту афсонаҳои зиёде иншо шудаанд, шахсест, ки Маздак ва ҳазорон идеологҳои маздакиро дар як шаб сар бурида, дар тӯли муддати кӯтоҳе даҳҳо ҳазор тарафдорони ин ҷунбишро нобуд кард.

Мубориза ба муқобили маздакия чунон шадид, ошкоро ва бераҳмона буд, ки гурӯҳе аз ҷонибдорони он аз кишвар фирор ва бахши дигар ба кӯҳу биёбонҳо пароканда шуданд. Дар солҳо ва асрҳои баъдӣ на танҳо барои сулолаи сосонӣ, балки дар пеши ҳамаи табақаи ашроф ба забон

овардани номи Маздак хавфи бузурге дошт. Хусрави Анӯшервон дар зарфи подшоҳии беш аз 40-солаи худ кӯшиш ба харҷ дод, ки дар Эрон ягон чизе ёдовари номи Маздак ва тарафдорони ӯ набошад. Ин бадбинӣ чунон шадид буд, ки осори маздакия ва ислоҳоти иҷтимоии вай комилан аз миён бурда шуд. Бар илова, дар он сарчашмаҳое, ки аз ӯ ном бурда шудааст, вай ба таҳқир ва аксаран бо туҳмат ёдоварӣ гардидааст. Ин анъанаи ашрофи сосонӣ аз тарафи уламою муаррихони араб бекаму кост пазируфта шуда, онҳо душмании ошкорои худро нисбат ба Маздак ва таълимоти ӯ пинҳон накардаанд.

Муҳаммад ибни Абдулкарими Шаҳристонӣ дар «Милал в-ан-ниҳал», Абӯмансур Абдулқоҳири Бағдодӣ дар «Ал-фарқ байн-ал-фирақ», Ибни Надим дар «Ал-феҳраст», Ибни Хурдодбеҳ дар «Ал-масолик-ва-л-мамолик», Абӯҳанифаи Динаварӣ дар «Ахбор-ул-тавол», Табарӣ, Ашъарӣ, Истахрӣ, Яъқубӣ, Саолабӣ ва дигарон дар осори худ перомуни ин ҷунбиш ва моҳияти он маълумоти ночизе дода, бештар ба хислатҳои манфии он атфи таваҷҷуҳ кардаанд. Чун Рум душмани доимии Эрон буд, муаррихони румӣ низ нисбат ба ин ҳодиса муносибати ошкоро хасмона нишон додаанд. Аммо сарфи назар аз ин, аз муаррихони номбаршуда бахусус навиштаҳои пешвоёни дини насронӣ, ки теъдодашон дар Эрон зиёд буд, маълумоте метавон касб намуд. Дар ин замина чанд нафар аз авестошиносони маъруфи аврупоӣ перомуни Маздак ва таълимоти ӯ таҳқиқоти муфиде анҷом доданд.

Стилит – ҳамзамони Маздак аз фирқаи илҳодӣ дар дохили дини маздаясно ёдоварӣ карда, онро бо исми «*зардуштакон*» ном мебарад. Вай ҳодисаҳои солҳои аввали навадуми садаи V-и мелодиро тасвир карда, дар фаслҳои 23-25 менависад: «Қубоди зиндиқаи палид муғони зардуштакониро, ки шиораш муштарак будани занон буд ва ба ҳар марде иҷозат медод то бо ҳар зане, ки мавриди назараш аст, робитаи ҷинсӣ барқарор кунад, эҳё кард. Дере нагузашт, ки тамоми машоихи эронӣ аз Қубод мутанаффир шуданд, зеро ба ин тартиб подшоҳ ба занони онон иҷозати зино дода буд».[1] Аз ин суханони Стилит ба чанд хулоса расидан мумкин аст. Аввалан, Қубоди сосонӣ, ки дар зери фишори мушкилоти фаровони иқтисодию иҷтимоии мамлакат, бахусус, таҳти фишори табақаи ашроф қарор дошт, пайрави фирқаи зардуштакон будааст. Сониян, фирқаи зардуштакон мисли зурвония ва монавия яке аз аз фирқаҳои илҳодии дини маздаясно буд ва иштирокӣ будани занонро таълим медод. Солисан,

1. Таърихчаи мактаби Маздак. -С.22.

Қубод на танҳо пайрави фирқаи зардуштакон гардидааст, балки таълимоти онро дар амал татбиқ карда, боиси бадбинию танаффури табақаи ашрофи сосонӣ шудааст.

Тавре ки аз таърихи силсилаи сосонӣ маълум аст, дар соли 496 ё 497 ба ашроф муяссар ғардид, ки Қубодро аз тахт барканор карда, дар маҳбаси ашрофии Анӯшбурд зиндонӣ кунанд. Чӣ ҳаводисе аз авоили солҳои 90-уми садаи V боиси ин воқеаҳо шуданд? Бино бар навиштаи чанд сарчашмаи румӣ ва арабӣ, ки муносибати хасмонаи худро ба ин ҳаракат пинҳон намедоранд, Маздак замоне падидор шуд, ки вазъияти дохилию хориҷии Эрон дар ҳолати вазнин буд. Аҳволи тӯдаҳои мардумро, ки дар зери истисмори шадиди ҷандҷониба қарор доштанд, хушксолиҳои пай дар пай боз ҳам бадтар карда буд.

Мардум дар ҷустуҷӯи нон аксаран ба сӯи Тайсафун (Мадоин) - пойтахти давлати сосонӣ раҳсипор мегардиданд. Табақаи ашроф, ки анбору захираҳои фаровон доштанд, бесуботӣ ва нооромиро аз Қубод ва сустиродағиаш дониста, бар зидди вай тавтеа мечиданд. Дар чунин шароит Маздак назди Қубод рафт ва ба ҳар василае, ки бошад, вайро ҷонибдори дину таълимоти худ сохт ва Қубодро бар он дошт, то эълон кунад, ки ҳар кӣ нонро аз мардуми гурусна дареғ дорад, сазояш марг аст.

Мардум ба ғорату тақсими анборҳои дороён пардохтанд. Бо вуҷуди он ки перомуни ба Маздак гаравидани Қубод ақидаҳо мухталиф аст, Агасиас ва Малалас - муаррихони румӣ, ки душмани Қубод буданд, ба он ишора кардаанд, ки подшоҳи Эрон ба маздакия бо самимияту хулуси ният эътиқод кард.

Донишманди эронӣ Аббосӣ Қадёнӣ, ки дар ин мавзӯъ пажӯҳиш анҷом додааст, дар бораи аз ҷониби Қубод пазируфта шудани мазҳаби Маздак ақидаи дигаре дорад, ки ба ҳақиқат наздиктар аст. Вай менависад: «Қубод толиби ислоҳоте дар умури иҷтимоии Эрон буд ва аз биму тарси мӯбадон ва ашрофи кишвар ҷуръати иқдом ба ин корро намекард. Дар ин замон худхоҳии динии муғон ба ҳадди худсарии динӣ расида буд. Чунин вазъият ба ҳеҷ ваҷҳ ба асолати ойини Зардушт тааллуқ надошт. Қубод вуҷуди марди суханвареро мисли Маздак, ки ҳавохоҳони бисёре аз мардуми мустаманд дошт, ғанимат шумурда, бар он шуд, ки ба дасти вай ислоҳоте дар сарвати умумӣ ба амал оварад ва ба ислоҳоти иҷтимоӣ бипардозад. Аммо ин иқдомот барои ҷомеаи он рӯз бисёр зуд буд».[1]

1. Қадёнӣ А. Таърихи адён ва мазоҳиб дар Эрон. -С.184.

Фирқаи зардуштакон, ки Стилит эҳёи онро ба Қубод нисбат додааст,[1] яке аз ҷараёнҳои илҳодии дини маздаясно ба шумор мерафтааст. Муаррихони румӣ ва араб фақат як хусусияти идеологии ин ҷараёнро хотирнишон кардаанд: ҳадафи он иштирокӣ будани хоста ва зан аст. *Хоста*, дар «Фарҳанги Амид» чунин тафсир шудааст: «*Зару мол, сарват ва дар истилоҳоти додгустарӣ моли мавриди даъво*». Пас маълум мешавад, ки ҷараёни илҳодии зардуштакон қабл аз ҳама баробарии иҷтимоиро хостор будааст. Тавре ки дар боло зикр гардид, ин фирқаро дар садаи III Зардушт ибни Хуркон асос гузошта буд. Ин шахс мувофиқи навиштаи китобҳои арабӣ, фақат пешвои назарӣ буд. Аммо муҳаққиқон ва муаррихон сифатҳои боризи мактаби Маздакро «набарди фаъолона» ба хотири беҳбуди тӯдаҳои васеи иҷтимоӣ тавсиф кардаанд. Ба иборати дигар, Маздаки Бомдодон, ки аксари муҳаққиқони аврупоӣ таълимоти вайро «коммунизми ибтидоӣ» номидаанд, татбиққунандаи амалии назарияи Зардушт ибни Хуркон будааст. Вале нисбат ба муносибати душманонаи табақаи ашроф дар бораи мухтавои ин таълимот дар сарчашмаҳо маълумоти ночизе боқӣ мондааст.

Ба ақидаи Маздак, чун сабаби асосии кина ва носозгорӣ нобаробарии мардум аст, пас ноилоҷ ин нобаробарӣ бояд аз миён бардошта шавад. Нобаробарии иҷтимоӣ боис мешавад, ки инсонҳо ба якдигар эҳсосоти шадиди манфӣ нишон диҳанд, якдигарро бад бинанд, душманӣ варзанд ва боиси падид омадани ҳодисаҳои ногувор шаванд.

Маздак мегуфт: «Тавре ки Аҳуромаздо – худованди бузург, чор унсури муқаддас - об, хок ҳаво ва оташро падид оварда, онро моли ҳамагон шумурд ва онҳоро байни одамон тақсим накард, он нишонаи мусовоти одамон дар баробари худо ва табиат аст». Ба ифодаи Ибни Балхӣ дар «Форснома», «дар аҳди Қубод Маздаки зиндиқ падид омад ва қабоҳат падид овард ва онро «мазҳаби адл» ном ниҳод ва ибодати Эзиди азза ва зикра ва мардум бардошт ва гуфт: «Банӣ-одам ҳама аз як падар ва як модаранд ва моли ҷаҳон миёнаи эшон мерос аст, аммо ба фазлу қуввату зулм қавме бармедоранд ва дигаронро маҳрум мегузоранд ва ман омадам, то ба воҷиб орам». Тавре ки аз навиштаҳои «Форснома» бармеояд, фазлу қувват ба гурӯҳе имкон фароҳам меорад, ки бар гурӯҳи дигар зулм раво дошта, моли ҷаҳонро соҳибӣ кунанд. Ба ақидаи Маздак, нобаробарии иҷтимоӣ боиси падид омадани панҷ эҳсоси бадтарини инсон гардида, мусовот ва баробарию бародариро дарҳам мешиканад ва миёни одамон

1. Ниг. Мубаллиғӣ А. Таърихи адён ва мазоҳиби ҷаҳон. -С. 520.

фосилаҳо барқарор мекунад. Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ панҷ эҳсоси бадтарини инсонро аз забони Маздаки Бомдодон чунин мегӯяд:

*Бипечонад аз ростӣ панҷ чиз,*
*Ки доно бар ин панҷ н-афзуд низ.*
*Куҷо рашку кин асту хашму ниёз*
*Ба панҷум, ки гардад бар ӯ чира оз.*
*Ту чун чира бошӣ бар-ин панҷ дев*
*Падид оядат роҳи геҳон хадев.*

Ба ақидаи Маздак, агар баробарии иҷтимоӣ риоят шавад, ин панҷ дев[1] аз миён рафта, баробарию мусовотро ҷорӣ менамояд. Дар «Шоҳнома» Маздак ҳадафу мароми худро чунин баён мекунад:

*Аз ин панҷ моро зану хоста-ст,*
*Ки дини беҳӣ дар ҷаҳон коста-ст.*
*Зану хоста бошад андар миён,*
*Чу дини беҳиро нахоҳӣ зиён.*
*К-аз ин ду бувад рашку озу ниёз,*
*Ки бо хашму кин андарояд ба роз.*
*Ҳаме дев печад сари бихрадон*
*Бибояд ниҳод ин ду андар миён.*

Дар ҷои дигар дар бораи таълимоти Маздаки Бомдодон ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ мегӯяд:

*Ҳаме гуфт: –Ҳар к-ӯ тавонгар бувад,*
*Тиҳидаст бо ӯ баробар бувад.*
*Набояд, ки бошад касе бар фузуд*
*Тавонгар бувад тору дарвеш пуд.*
*Ҷаҳон рост бояд, ки бошад ба чиз,*
*Фузунӣ тавонгар чаро ҷуст низ.*
*Зану хонаю чиз бахшиданист,*
*Тиҳидаст кас бо тавонгар якест.*
*Ман инро кунам рост бо дини пок,*
*Шавад вежа пайдо баланд аз магок.*
*Ҳар он кас, ки ӯ ҷуз бар ин дин бувад,*
*Зи Яздон в-аз ман-ш нафрин бувад.*

---

1. Дар дини маздаясно номи ин девҳо чунинанд: Араск, Акамана, Аишм, Таромати, Ози.

Ба иборати дигар, худованд тамоми васоили маишатро дар рӯи замин дар дастраси мардумон қарор додааст, то афроди башар аз он дар мусовоту баробарӣ истифода намоянд, тавре ки касе беш аз дигар ҳамнавъони худ чизе надошта бошад. Пас бояд аз тавонгарон гирифт ва ба тиҳидастон дод ва миёни эшон баробариро барқарор кард. Аз рӯи навиштаи Шаҳристонӣ, ба ақидаи Маздак, «ин амал хайр буда, уҷру подоши азим дорад ва гузашта аз тамоми инҳо, дастгирии мардумон аз якдигар амалест, ки хушнудии худовандро фароҳам медорад».[1]

Шариати Маздак на танҳо қатл, балки озори мардумонро мамнуъ қарор медод. Меҳмонро аз ҳар тоифа ё миллате, ки бошад, эҳтиром мекард ва чунин мешуморид, ки набояд аз ӯ чизеро дареғ дошт. Ба ақидаи онҳо, ҳатто нисбат ба душманон ҳам бояд бо меҳрубонию утуфат рафтор кард. Маздакиён покию наҷобатро дар мақоми аввал гузошта, мисли монавиҳо куштани ҳайвонотро ҳаром медонистанд. Аз ин ҷиҳат маздакиён аз хӯрдани гӯшт худдорӣ мекарданд.[2]

Ҳадафу мароми таълимоти Маздак иборат аз ду қисмат буд: *қисмати аввал* беҳбудӣ бахшидан ба ҳолу аҳволи табақаҳои васеи заҳматкашон ва эҳёи ҳуқуқи моддию маънавии онҳо дар ҷомеаи сосонӣ ва *қисмати дуюм* интишори таълими ахлоқии маздакия, ки асоси он бар рӯи санавият, дугонапарастӣ ва зуҳду тақвои монавӣ устувор буд. Асли сухани Маздак ва ҷавҳари инқилоби ӯ дар иштироки моликият мебошад, ки аз фикри ҳукумати иштирокӣ ва ширкати ҳамагон дар ҳокимияти миллӣ сарчашма гирифтааст. Шояд ҳамин ҷанбаи таълимоти башардӯстонаи Маздак аст, ки Муҳаммад Иқбол - шоир ва файласуфи маъруфи покистонӣ ӯро паёмбари мардумдӯсти Эрони бостон номидааст.[3]

Ин таълимот ҳам мисли ойини Монӣ масъалаи робитаи моддаи аслии қадимӣ, яъне нуру зулматро мавриди баҳс қарор медиҳад. Тафовути байни ақидаи Монӣ ва Маздак иборат аз он буд, ки Маздак мегуфт: «Ҳаракати аслии зулмат ё торикӣ аз рӯи ирода ва нақшаи қаблӣ набуда, дар асари тасодуфу иттифоқ ва бар хилофи он, ҳаракати аслии нур мутобиқи ирода ва нақшаи пешакӣ сурат мегирад». Омезишу ихтилоти тирагию рӯшноӣ, ки аз он олами маҳсуси моддӣ пайдо шудааст, бар хилофи таълимоти Монӣ, натиҷаи нақшаю тарҳи пешакӣ набуда, аз рӯи тасодуф ба вуҷуд омадааст. Дар ойини Маздак нисбат ба Монӣ, ҳаракати нур дорои ҳадафу мақсади муайян буда, бартарии ақлонӣ дорад. Ин суханон бо гуфтаҳои Малалас,

1. Кристенсен А. Эрон дар замони Сосониён. -С.367.
2. Нафисӣ С. Таърихи тамаддуни Эрони сосонӣ. -С.74.
3. Қадёнӣ А. Таърихи адён ва мазоҳиб дар Эрон. -С.188.

ки дар он бора ақидаи Бундос - поягузори назариявии маздакияро овардааст, мувофиқат мекунад. Вай мегӯяд: «Эътиқоди Бундос дар ин асос ёфта буд, ки худои хайр (*нур*) бар худои шарр (*зулмат*) галаба кардааст, аз ин рӯ ғолибро бояд ситоиш кард. Аммо ин ҳанӯз галабаи комил нест, зеро олами моддӣ, ки ҳанӯз омехта аз ду асли қадим аст, боқӣ мондааст. Мақсади охирини такомули олами моддӣ наҷоти зарраҳои нур аст, ки ҳанӯз бо зарраҳои торикӣ омехта аст».[1] Бахши охирини ақидаи маздакиён бо суханони Монӣ мувофиқат мекунад. Маздак дар муқобили Монӣ, ки нурро аз панҷ қисмат медонист, онро аз се бахш медонад; *об, оташ, хок*. Ба ақидаи маздакиён, худои нур ҳам аз ин се унсур ба вуҷуд омадааст.

Ҳоло ҷаҳон дар даврони омезиши нуру зулмат қарор дорад. Ба қавли Шаҳристонӣ, маздакиён чунин мешумориданд: чун омезиши нуру зулмат аз рӯи иттифоқ ва тасодуфӣ ба амал омадааст, ҷудоию имтизоҷи нур аз зулмат низ бидуни қасду ихтиёр тасодуфан сурат хоҳад гирифт. Дар ин ҷо маздакия роҳу равиши пешқадами худро дигаргун сохта, боз ба огӯши монавия меояд ва роҳи наҷоти инсонро мисли монавия дар он мебинад, ки инсон алоқаи худро аз моддиёт ва зиндагии моддӣ кам кунад. Ба ақидаи онҳо, канорагирӣ аз ҳар чизе, ки пояи моддии зиндагиро мустаҳкам мекунад, инсонро ба ҳадаф наздиктар месозад.[2]

Зардушт - паёмбари дини маздаясно ва Маздак, ҳар ду дар таълимоти худ инсонро дар маркази кайҳон қарор дода, таъкид кардаанд, ки вай аз рӯи табиати худ унсури фаъол буда, зиндагӣ ва сарнавишти худро худаш муайян мекунад. Чунин аст, ки пайравони ойини Маздак на танҳо қатл, балки зарар ба шахси дигарро муҷоз намешуморанд.

Ҳамин тариқ, муаллифони ҳамасри Қубод ва муаррихони баъдина ҳамдостон ҳастанд, ки Қубод бо сабабҳое дини Маздакро қабул кард. Баъзеҳо навиштаанд, ки вай дини навро аз рӯи эътиқод қабул кард ва ба ин васила барои беҳбуди зиндагии тӯдаҳои васеи мардум даст ба ислоҳоти ҷасурона зад.[3] Дигарон боварӣ доранд, ки Қубод таълимоти навро дар зери фишори тӯдаҳои мардум пазируфт. Аммо Нёлдеке - яке аз авестошиносони маъруфи немис ақидаи дигаре дорад. Ба фикри ӯ, Қубод, ки ду маротиба тахти аздастрафтаи худро бо ҷасорату диловарӣ ба даст оварда, лашкариёни Рум (*Византия*)-ро борҳо шикаст додааст, яке аз подшоҳони нерӯманди сосонӣ мебошад. Ба фикри вай, Қубод таълимоти Маздакро аз он ҷиҳат қабул кард, ки мехост аз зӯру фишори табақаи олияи дарбори

1. Кристенсен А. Эрон дар замони Сосониён. -С.365.
2. Ниг. Клима О. Таърихчаи мактаби Маздак. -С.152.
3. Ниг. Алавӣ А. Таърихи комили адён. -С.412.

сосонӣ, лаҷомгусехтагии онҳо, аз уламои зардуштӣ, аз дастдарозии эшон ба тахти подшоҳӣ шона холӣ кунад.[1] Назари Нёлдекеро тақвият дода, ба гуфтаҳои ӯ илова кардан мумкин аст, ки Қубод ҳамчун сиёсатмадори ҳассос бо фаро расидани хушксолиҳои пай дар пай ва қаҳтӣ аз вазъи фалокатбори мардум огаҳӣ ёфта, хостааст бо ин роҳ аҳволи мардумро беҳтар кунад. Дурустии хулосаи моро ин нуқта тасдиқ мекунад, ки Қубод дар охир ба хотири беҳбуди аҳволи тӯдаҳои васеи мардум ба як силсила ислоҳот даст зад, вале дар зиндагии худ онро амалӣ карда натавонист. Татбиқи амалии онро писараш Хусрави Анӯшервон ба поён расонд.

Дар ҳар сурат муаллифону муаррихон, бо вуҷуди он ки ягон далелу ҳуҷҷате нест, бо як овоз тасдиқ мекунанд, ки Қубод қонунҳое дар бобати умумӣ кардани занон баровард ва аз ин рӯ, перомуни онҳо чизе гуфтан мушкил аст. Муносибати қонунҳои ҷадид (агар мавҷуд бошад) бо никоҳ чӣ гуна будааст, ҳамчунин маълум нест. Вале дақиқан маълум аст, ки подшоҳ никоҳро бекор накарда буд. Ба ақидаи Артур Кристенсен, «шояд ӯ (*Қубод*) бо вазъи қавонини ҷадид як навъ издивоҷи озодтаре барқарор карда бошад».[2]

Дар ҳеҷ як аз манбаъҳои асри Қубод дар бораи ислоҳот дар умури моликият ё қонунҳое дар боби умумӣ ва муштарак будани амвол сухан ба миён наомадааст. Фақат дар «Худойномак» ба он ишораи номушаххасе шудааст. Ин нишон медиҳад, ки агар ислоҳоте ҳам дар ин замина сурат гирифта бошад, чандон амиқ набудааст ва он дар зиндагии иҷтимоӣ таъсири муҳим надоштааст. Муҳаққиқи олмонӣ О.Клима чунин мепиндорад, ки агар дар ин бора қонунҳое ҳам баровардa шуда бошад, иборат аз андоз ва молиётҳои фавқулодат бар сарватмандон ва тавонгарон барои беҳбуди вазъи фуқарою тиҳидастон будааст.[3]

Ҳодисаҳое, ки дар боло зикр шуданд, дар тӯли солҳои 90-уми асри V рух додаанд. Ашрофи бузурги сосонӣ ва уламои зардуштӣ аз иттиҳоди Қубоду Зардушт, бахусус, аз тағйироти куллӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат, ба ташвиш афтода, соли 496 ё 497 Қубодро аз тахти шоҳии Эрон барканор карданд. Ба тахти подшоҳӣ бародари вай Ҷомосп ҷулус кард. Қубод аз зиндон ба кӯмаки хоҳар ва зани худ фирор карда, ба назди подшоҳи эфталитҳо дар Осиёи Миёна паноҳ бурд. Дар соли 498 ё 499 вай бо кӯмаки сипоҳи эфталитҳо ба Тайсафун бозгашта, тахти шоҳиро дубора ба даст овард. Агар аксари муаррихон то барканор шудан аз тахти

1. Кристенсен А. Эрон дар замони Сосониён. -С.368.
2. Кристенсен А. Эрон дар замони Сосониён. -С.369.
3. Ниг. Клима. Таърихчаи мактаби Маздак. -С.172.

подшоҳӣ ҷидду ҷаҳд, сарсупурдагӣ ва садоқати Қубодро ба таълимоти Маздак зикр карда бошанд, пас аз бозгашти дубора камаҳамиятӣ ва бетаваҷҷуҳии ӯро ба ин ҳаракат хотирнишон сохтаанд. Чун худи подшоҳ пайрави таълимоти Маздак шуда буд, миқдори фаровони ашроф низ аз ӯ пайравӣ карда буданд.[1] Бо вуҷуди он ки Қубод пас аз бозгашт нисбат ба ин ҳаракат бетафовут гардид, идеологияи маздакӣ тамоми зинаҳои ҳаёти иҷтимоиро фаро гирифта, тарафдорони он дар саросари мамлакат ислоҳот мегузаронданд.

Таълимоти маздакӣ дар оғоз ҷанбаи динӣ дошта, бунёдгузори онро дар ҳақиқат метавон шахсе номид, ки тарафдори содиқу сарсупурдаи ислоҳоти амиқи иҷтимоию иқтисодӣ дар зиндагии тӯдаҳои васеи мардум буд. Таълимоти Маздак дар марҳалаи аввал самимӣ ва холӣ аз ғараз, инчунин толиби беҳбудии аҳволи зиндагии табақаи заҳматкаш будааст. Ба ифодаи А.Кристенсен, «афкори коммунистии ин фирқа дар омма рафта-рафта русухе пайдо кард ва дар оғоз ба оҳистагӣ ва пас аз чанде бо суръат интишор пайдо кард. Сипас мубаллигин ва сардастаҳое қиём карданд, ки на имон доштанд ва на худотарс буданд ва на мисли Маздак беғаразу ислоҳотталаб ҳисоб мешуданд…».[2] Чун Маздак зоҳиран барномаи мушаххаси ислоҳот надошт ва ҷонибдоронаш таълимоти вайро мутобиқи фаҳмиш ва манфиати худ дарк мекарданд, ислоҳоти иҷтимоӣ ва адолату баробарӣ аз рӯи фаҳмишу дониш ва бо майлу хоҳиши онҳо гузаронида мешуд. Муаррихони араб доманаи харобии кишварро, ки баъдан Хусрави Анӯшервон ба ислоҳи он даст зад, хеле васе тавсиф кардаанд. Қубод дар соли 519 Хусрав - писари сеюми худро валиаҳди тахти шоҳӣ эълон карда, оҳиста-оҳиста роҳи қаробат бо уламои дини зардуштиро пеш гирифт. Дар охири соли 528 ё аввали 529 Хусрав тамоми сардорону фаъолони ҷунбиши васеи иҷтимоии маздакияро аз саросари мамлакат ҷамъ оварда, ҳамаашонро сар бурид.

Ба ибораи дигар, таълимоти Маздак ва татбиқи амалии он замони тӯлоние (аз миёнаҳои солҳои 90-уми асри V то соли 529) идома пайдо карда, дар таърих ва зиндагии мардуми империяи сосонӣ ва мардуми ҷаҳон осор ва хотираҳои фаровон боқӣ гузошт. Нуфузи ин ҳаракат бо ҳамлаи арабҳо бештар гардида, заминаи муборизаҳои озодихоҳонаи мардуми ориёӣ ва сарчашмаи дар дини ислом падидор гардидани даҳҳо фирқаҳои оппозитсионӣ шуд.

1. Ниг. Мафией С. Таърихи тамаддуни Эрони сосонӣ. -С.19.
2. Кристенсен А. Эрон дар замони Сосониён. -С.382.

# МУҲАММАД (С)
# БУЗУРГТАРИН МАРДИ ҶАҲОН ВА ПАЁМБАРИ ДИНИ БАРҲАҚ



Хусрави II Парвиз баъди фатҳи Искандарияву Миср ва канораҳои баҳри Сурх ба Тайсафун бозгашта, бо шукӯҳу ҷалол дар тахти шоҳаншоҳӣ меосуд, ки ба ҳузури ӯ омадани сафиреро аз шаҳри Ясриб (Мадина)-и мулки Араб хабар доданд. Хусрав ҳарчанд аз кадом мулки Араб ва аз ҷониби кӣ омадани сафирро дуруст пай набурда бошад ҳам, аз рӯи одати дарбор рӯзи дигар ба пазируфтани ӯ ризоият дод.

Сафири расида дар соати қабул берун аз қасри шоҳаншоҳ уштурашро басту бо пероҳани нимдошти пашмина, риши анбӯҳу мӯйи сари расида ва пойи нимурён ба толори пазироии шоҳаншоҳ ворид гашт. Сурати зоҳирӣ ва сару либоси фақиронаи ӯ ба ягон сафири то ин дам омада шабоҳат надошт ва бехабар будани ӯро аз расмияти сафорату пазироӣ аён мекард. Сафир гӯё аз фаршҳои густурдаи мунаққашу рангоранги дастибофт ҳазар мекарда бошад, аз гӯшаи толор ба рӯи замин нишасту номаеро аз багал берун кард. Шоҳаншоҳ бо ҳисси шубҳа, вале сабру таҳаммул саропои ин сафирро аз назар гузаронду ба дабирпат амр дод, ки номаро бигирад ва аз куҷо расидани сафирро бипурсад. Марди ҷулҳундипӯш бо камоли ғуруру худписандӣ хабар дод, ки ӯро Расули Худо (с) вакил карда ба назди Хусрави Парвиз фиристодааст, то подшоҳи Аҷам аз дини собиқаи зардуштӣ даст кашида, ба дини ислом бигаравад. Хусрави Парвиз хашму ғазабашро фурӯ бурда, номи Расули Худо(с)-ро пурсид. Посух омад, ки Расули Худо Муҳаммад (с) ном дошта, дини исломро дар Арабистон ҷорӣ кардааст.

Ба қавли Табарӣ, ин нома баъди муҳорибаи лашкари начандон афзуни Арабу Аҷам дар сари чоҳи Зи-Қор ва аз ғояти ташнагӣ рӯ ба фирор овардани сипоҳи Сосониён фиристода шуда буд. Нома ба забони арабӣ сабт шуда, мазмуни зайл дошт:

*«Ба номи Худои бахшояндаи меҳрубон. Аз номи Муҳаммад - пайғамбари Худо ба Парвиз писари Ҳурмуз. Аммо баъд. Ба дурустӣ, ки ман ба ту Худоро сипосу ситоиш мекунам. Нест маъбуде ба ҷуз Ӯ - зиндаву поянда. Он, ки маро ба ростӣ ба сӯи қавме, ки бар онҳо сақо аст ва хирадашон рабудашуда аст, муждадиҳанда ва бимкунанда фиристодааст. Ва ҳар касро, ки Худо раҳ намояд, ҳеҷ гумроҳкунандае барои ӯ нест ва ҳар касро, ки Худо гумроҳ кунад, пас ҳеҷ раҳнамое барои ӯ нест. Ба дурустӣ, ки Худо ба бандагон биност. Монанди Ӯ чизе нест ва Ӯ шунавои биност. Ислом овар, солим бимонӣ ё ба ҷанге аз ҷониби Худо ва пайғамбари Ӯ омода бош, онро касе оҷиз накунад».*

Кисро чун ин нома бидид, хашм омадаш, гуфт: «Ин кист, ки номи хеш пеш аз номи ман набиштааст? Ва бифармуд, то он номаро бидариданд ва расулро хор доштанд. Пайғомбар салавоту-л-лоҳи алайҳи, чун ин хабар бишунид гуфт: «Мулки хештан дарид»[1].

Табарӣ менигорад, ки баъди ин қазия кори Паёмбари ислом (с) дар сарзамини араб рӯ ба беҳӣ оварда, пайравонаш рӯз то рӯз меафзуданд. Вале аз қазо Хусрави Парвиз аз ҷониби қайсари Рум дучори шикасту бебарориҳо гашта, дар поёни умраш ба яъсу навмедӣ гирифтор мегардад. Чун овоза ва пирӯзиҳои Паёмбари ислом (с) ба шаҳри Тайсафун мерасид, баъди чанде Хусрави Парвиз ду нафарро аз меҳтарони Аҷам ба назди Муҳаммад (с) фиристод, то нахуст ба Мадина рафта, ӯро ба ҳузури шоҳаншоҳ хонанд. Ба сафирон дастур дод, ки «агар биёяд, бо ӯ бозгардед ва агар наёяд, аз ӯ бигзаред ва ба Яман шавед ва ин нома ба Бозон (малики Яман - *Э.Р.*) диҳед, то кас фиристад ва ӯро бубанданд ва ба назди ман оваранд. Ин ҳадис дар поёни умри Кисро буд»[2].

Вақте ки сафирон ба назди Муҳаммад (с) омаданд ва пайғоми Хусрави Парвизро расонданд, эшонро бо хушӣ пазируфта, посухи ризоият ё рад надод. Онҳоро дар хонаи Салмони Порсӣ фурӯд овард ва ризқи ҳаррӯзаи эшонро аз пиставу хурмо таҳия кард. Ҳар гоҳе сафирон ба ҳузури Паёмбар (с) мерафтанд, онҳоро ваъдае некӯ медод ва сабр кардан мефармуд. Чун шаш моҳ аз миён гузашт, сафирон сабру қарор бохта, ҳамроҳи Салмони Порсӣ ба назди Паёмбар (с) омаданд ва гуфтанд: «Моро сабр намонд ё бо мо биёӣ, ё моро дастуре деҳ, то биравем»[3]. Салмони Порсӣ посухи Паёмбар(с)-ро ба онҳо тарҷума кард: «Худои ман худойгони шуморо

1. Абӯалӣ Муҳаммад Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. Ҷилди 1. -С.638.
2. Ҳамон ҷо.
3. Ҳамон ҷо. -С.639.

бикушт ва Шерӯя - писарашро бар вай мусаллат кард, то бикушташ дӯш ба шаб»[1].

Сафирон аз ин посух ҳайрон шуда, аз Мадина ба сӯи Яман омаданд, то номаи Хусравро ба малики он расонанд. Аз қазо ҳангоми ба Яман омадани онҳо номаи Шерӯя низ расида буд, ки аз қазияи «Парвиз бимурд ва ман ба мулк бинишастам»[2] хабар медод.

То кадом андоза воқеият доштани ин қиссаро ба таърихнигорон вогузошта, дар атрофи як ҷузъиёти аҷиби он - Салмони Порсӣ мейстем, ки дар ҳузури Паёмбари ислом (с) мартабаи муносиб дошта, сухани касони аз қаламрави Эрон омадаро ба забони арабӣ тарҷума мекард. Сарнавишти Салмони Порсӣ яке аз ҳангомаҳои шигифтангези таърихи аҳди Сосониён ва зуҳури ислом буда, назар ба бисёр далелҳои хурду бузург аз фарорасии буҳрони амиқи иҷтимоиву сиёсӣ ва омилҳои фурӯпошии империяи пахновари Хусрави Парвиз ва ворисони ӯ шаҳодат медиҳад. Ислом ба қаламрави Ироқи Сосониён, ки дар зери нуфузи ойинҳои зардуштӣ, масеҳӣ ва яҳудӣ қарор дошт, аслан дар ибтидо бидуни ҷангу хунрезиҳо чун ақидаи тозаи маънавӣ ва таълимоти яктопарастии ҳамагониву башардӯстона роҳ кушода буд.

Таълимоти ислом саршори ғояҳои баробарӣ, бародарӣ, адолати иҷтимоӣ буда, аз миён бурдани тафриқаи нажодӣ, имтиёзҳои табақавӣ, мансубияти миллию маҳаллӣ ва ҳама гуна нобаробариҳои ҷомеаро пеш мегузошт ва табиист, ки дар атрофи Паёмбар (с) Салмони Порсӣ барин солимфикрону хирадмандони адолатпарварро гирд меовард. Салмони Порсӣ аз табори ашрофони эронӣ буда, номи аслии ӯро Рӯзбеҳ пури Марзбон мешуморанд. Ӯ аз хурдӣ ба омӯзиши илм рағбат пайдо карда, бо ҳидояти рӯҳониёну аҳли хирад ҷумлаи нозукиҳои ойини зардуштиро аз бар менамояд. Таназзули низоми давлатдории Сосониён хоҳу ноxоҳ боиси таназзули гояҳои маънавӣ ва коҳиши нуфузи дини зардуштӣ гардида, Рӯзбеҳ барин ҷавонони озодфикру ҷӯяндаро қаноатманд карда наметавонист. Ӯ шояд аз таълимоти ойини зардуштӣ ва ҷавҳари гоявию иҷтимоии он қаноатманд нагашта, рӯ ба дини насронӣ меорад ва дар Ироқ бо уламову коҳинони ойини масеҳӣ воҳӯрда, чандин соли умрашро дар ҷустуҷӯи ҳақиқату адолат сарф мекунад. Вале он ҳадафҳои наҷибонаву иддаое, ки дошт, дар дини насронӣ низ пайдо накард ва овозаи дини тозаи ислом ва рисолати Паёмбари он (с) Рӯзбеҳро сӯи худ кашид. Бо

1. Абӯалӣ Муҳаммад Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. Ҷилди 1. -С. 639.
2. Ҳамон ҷо.

тақозои сарнавишт ӯ чун ғуломе ба Ясриб (Мадина) омад ва бо мадади ҳазрати Муҳаммад (с) аз қайди ғуломӣ раҳо ёфт. Ба қавли Табарӣ, ӯ «ба дасти ҷуҳуде ғулом буда», вазифаи котибиро адо мекард. Паёмбар (с) баҳои ӯро дод ва аз гуломӣ озод кард[1]. Рӯзбеҳ ба дасти Расули акрам (с) мусалмон шуд ва аз ғояти хираду фазилат «ба ҷумлаи даҳ тан аз беҳтарин саҳобагони Муҳаммад (с) шомил гашт»[2] ва бо номи Салмони Порсӣ шуҳрат ёфт.

Ва ҷои таааҷҷубу нигаронӣ ҳам нест, ки Паёмбар (с) сафирони фиристодаи Хусрави II Парвизро дар хонаи яке аз саҳобаҳои худ - Салмони Порсӣ ҷой дода, мехост онҳоро ба дасти як нафар эронии ҳамқавму ҳамзабонашон ба дини ислом ташвиқ намояд. Ва ин марди фидоии роҳи ҳақиқату адолат, ки аз ғуломии яҳудиёни Мадина раҳида, рӯ ба ислом оварда буд, «дар замони хилофати Умар (р) пас аз фатҳи шаҳри Тайсафун, волии ин шаҳр шуд. Вале чӣ тафовути азиме дар байни дастгоҳи фақирона ва дарвешонаи ӯ ва дарбори бо карру фарри Яздигурди Сосонӣ вуҷуд дошт. Салмон «ато» ё ҳуқуқи ба ӯ бахшидашударо ба сабаби фурӯтание, ки дошт, напазируфт. Ӯ сабадбофӣ мекард, сабадҳоро мефурӯхт ва бо баҳои он мезист, яъне ба ақидаи баробарӣ ва баъд бародарии худ устувор монд».[3]

Аз қазои тақдир зимоми садорати пойтахти Хусрави Парвиз, ки ба қавли Табарӣ, дар қасраш дувоздаҳ ҳазор канизаку ромишгар, панҷоҳ ҳазор аспу астари хосса, дувоздаҳ ҳазор уштури сапед ва ганҷу зару сарвати беҳисоб дошт,[4] ба дасти марди порсову риёзаткаше аз саҳобаҳои Паёмбари ислом (с) афтод, ки шоҳаншоҳи сосонӣ ҳатто ба сафиру номаи фиристодаи ӯ бо чашми эътимод нанигариста буд. Ва ҳангомаи шигифтовари таърих боз дар он аст, ки маҳз Салмони Порсӣ расулони фиристодаи Хусрави Парвизро пазируфта, ба хонааш ҷой дод, суханони онҳоро ба ҳазрати Муҳаммад (с) аз порсӣ тарҷума кард, онҳоро аз дер кашидани посухи Паёмбар (с) то шаш моҳ дар манзилаш нигоҳ дошт. Салмони Порсӣ бо ҳама зиракию заковат шояд он соатҳо ба гӯшаи хаёлаш ҳам намеовард, ки рӯзе маснади волии шаҳри Тайсафун барояш насиб мегардаду ӯ дар сафи лашкари кишваркушои арабҳо қаламрави паҳновари Сосониён - Ироқу Эронро фатҳ мекунад.

1. Абӯалӣ Муҳаммад Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. Ҷилди 1. -С.906.
2. Юсупов З. Тоҷикон дар фарҳанги ориёӣ//Баҳори Аҷам, 1999, №9.
3. Ҳамон ҷо.
4. Абӯалӣ Муҳаммад Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. Ҷилди 1. -С.623-624.

Салмони Порсӣ инро мехост ё на, ба арсаи таърих чун яке аз нафароне ворид шуд, ки бо ҳидояту раҳнамоии хеш салтанати беш аз чаҳорсадсолаи давлати Сосониёнро халалдор намуда, ба ҷои ойини собиқаи зардуштиву тамаддуни куҳани ориёӣ ба қаламрави кишвараш дини ислом ва фарҳанги нави исломиро интиқол дод. Салмони Порсӣ дар шумори олимону хирадмандоне амсоли Каъбаи Яҳудӣ, Заҳиби Масеҳӣ, Зайд ибни Собит аст, ки нахустин ояҳои осмонии Қуръони Маҷид ва таълимоти исломро аз рисолати шифоҳӣ ба риштаи хатту китоб овардаанд. Зайд ибни Собит, ки дар Ясриб ойини насронӣ дошт, дар синни 11-солагӣ ба ислом имон оварда, бо ҳидояти Паёмбар (с) забон ва сарфу наҳви арабиро омӯхт ва дертар ҳамчун муншии Ӯ (с) иншои номаҳо ва коргузории расмии девонро пеш гирифт. Дертар вай дар замони хилофати Абӯбакр пораҳои Қуръонро ҷамъоварӣ карда, китобат намуд, то ихтилофи дар атрофи ояҳо бархостаро аз байн бибаранд[1]. Ин абармардон ҳар кадом ҳарчанд дар ибтидо аз ойинҳои мухталифи зардуштӣ, яҳудӣ ва масеҳӣ пайравӣ мекарданд, дар охир ба ислом имон оварда, дар атрофи Паёмбари мусулмонон (с) муттаҳид шуданд ва барои густариши ислом мусоидат намуданд.

Нахустин осори хаттии арабӣ китоби муқаддаси Қуръон буд, ки дар он ояҳои осмонии Худованд, ривоятҳои динӣ, ҳикмату суханҳои пандомез, аҳкому низоми ҷомеа ва таълимоти дини ислом гирд омада, дертар бо иродати Зайд ибни Собит ва Салмони Порсӣ барин босаводону аҳли хатту ҳирфа китобат мешуданд. *Ҳатто бархе аз арабшиносон бар он андешаанд, ки хатти форсӣ, ки ҳоло бештар бо номи хатти арабӣ шуҳрат дорад, аз ҷониби эрониён ихтироъ шудааст ва Салмони Порсӣ дар таҳияву такмили сарфу наҳви забони арабӣ саҳми арзанда гузоштааст. Ба қавли муаррихи тавоно Ибни Халдун, «Ҷумлаи улуми шаръия ва ақлия ва асҳоби фунун ва бадоеъ ҳамагӣ аз эрониҳо буданд ва бо собиқаи қадимӣ, ки онҳо дар тадвину таълифи улум ва китобҳо доштаанд, ихтирои ин хат (хатти арабӣ) аз тарафи онҳо шудааст. Дар замонҳои аввали ислом муаллифон гарчи забонашон арабист, вале ҳасабу насабашон эронист ва тарбияташон низ эронист. Арабҳо ба иллати ин ки мардумоне сода ва бадавӣ буданд, бад-ин ҷиҳат аз фунун ва саноеъ бебаҳра будаанд»*[2].

Арабҳо дар даврони тоисломӣ аз хатту савод маҳрум буда, бештар анъанаи шифоҳии суханварӣ, шеъргӯӣ ва достонсароӣ дар байни онҳо роиҷ буд. Дар миёни арабҳои даврони тоисломӣ ё худ аҳди ҷоҳилият

1. Муҳаммад Ҳусайни Ҳайкал. Зиндагонии Муҳаммад. Ҷилди 1. -С. 309.
2. Иқтибос аз китоби Афсаҳов А., Қаҳҳоров Ҳ. Хат ва пайдоиши он. -Душанбе, 1994. -С. 20-21.

асосан ойини бисёрхудоӣ ва бутпарастӣ маъмул буда, аксари қабилаҳо буту санам ва худои ҷудогонаи хешро доштанд. Дини ислом дар ҷараёни ташаккулу таҳаввулаш маҳз бо ҳидояти Паёмбар (с) ва фидоиёни бозаковату дурандеши аҳли ҳирфаву футувват аз кеши қабилаҳои бодиянишини араб ба дини ҷаҳонӣ ва тамаддуни арзишманди умумибашарӣ табдил ёфт. Бояд гуфт, ки дар даврони зуҳури ислом динҳои густурдаи ҷаҳоние амсоли кеши зардуштӣ, масеҳӣ, яҳудӣ ва буддоӣ дар чаҳор самти олам муътақидону пайравони бешумори худро доштанд ва таълимоти паёмбарони онҳо дар китобҳои муқаддаси ***Авасто, Таврот, Инҷил*** ва ***Талмуд*** тарғиб мешуданд.

Паёмбари банӣ-Исроил Мӯсо *дини яҳуди*ро бунёд гузошта, дар Мисру Фаластин ва дигар кишварҳои Араб пайравони худро дошт. *Ойини масеҳи*и паёмбар Исо бошад, дар Мисру Шом ва Юнону Рим нуфуз пайдо карда, аз ҷониби империяи Византия пуштибонӣ медид. *Кеши зардуштӣ* чор аср боз дар Эрони Сосонӣ ва Осиёи Миёна интишор ёфта, мақоми давлатӣ дошт.

Чуноне ки дар боло дидем, аксари ҷангу зиддиятҳои миёни империяи Рум ва давлати Сосониён дар заминаи ихтилофҳои мазҳабӣ сар мезад. Ва дар миёни ду нерӯи тавонои мазҳабӣ - дини масеҳӣ ва кеши зардуштӣ падид омадани дини ислом ва дар муқобили ин ду империяи абарқудрат истодагарӣ кардани он худ як муъҷизаро мемонд. Зеро ба арсаи динҳои ҷаҳонӣ омадани *дини ислом* ва китоби яздонии *Қуръон* кори саҳлу осон набуд. Вале Муҳаммад (с) бо сиёсати саҳеҳ, лаёқати комил, истеъдоди фитрӣ, иродаи қавӣ ва ҳусни тадбиру зиракӣ тавонист, ки сарогоз дини исломро дар миёни қабоили саркашу бадавии араб густариш диҳад.

Пӯшида нест, ки то зуҳури ислом дар қисмати шимолу ғарбии Арабистон қабилаҳои бадавие иқомат доштанд, ки ойинашон ғолибан масеҳӣ буд. Яке аз чунин қабилаҳо қабилаи Хайра ба шумор мерафт, ки дар ҳудудҳои Наҷд ва канораҳои Фурот буду бош дошта, аз таъсири афкори дини масеҳии румиён илҳом мегирифтанд. Гузашта аз ин, дар шаҳрҳои Мадина, Хайбар, Яман, Ҳиҷоз ва ғайра дини яҳудӣ бештар нуфуз дошта, Тавротро китоби муқаддаси худ меҳисобиданд. Мувофиқи андешаи муҳаққиқони аҳди хилофат, дар шаҳри Мадина панҷ қабилаи бонуфуз сокин буд, ки аз онҳо қабилаҳои *авс* ва *ҳазраҷ* бутпараст буданд ва се қабилаи дигар кешҳои яҳудиву масеҳиро пайравӣ мекарданд.

Дар шаҳри Макка бештар ойини бутпарастӣ роиҷ буда, дар бинои чаҳоргӯшаи Каъба буту санамҳои худро мегузоштанд. Бути асосии қабилаи қурайш *Ҳубал* ном дошта, дар атрофи он бутҳои дигар - Маноф, Саъд

(худои бахт), Зулхаласа (худои ҷанг) қомат афрохта буданд. Адои русуму қурбонӣ ва парастишу ниёиши бутҳоро пешвоёни қабилаи қурайш анҷом медоданд, ки бобои Паёмбар (с) Абдулмутталиб сарвари хонадони яке аз нигоҳбонони Каъба ва чоҳи Зам-зам буд.[1] Чун шаҳри Макка дар масири роҳи корвонгузар қарор дошт, тоҷирон аз кишварҳои дуру наздик ба зиёрати хонаи Каъба ва чоҳи Зам-зам омада, баъди шикастани ташнагӣ ба парастишу ниёиши буту санамҳо рӯ меоварданд.

Чуноне ки дар боло зикр кардем, аз нимҷазираи Арабистон роҳи бузурги корвонгарде тавассути Макка ба Яману Сурия, Фаластину Ироқ мерафт ва ҳатто қабилаҳои биёбонгарди бадавӣ бори корвонҳои тоҷирони ҳинду ҳабаширо бо қофилаи уштурони хеш то канораҳои баҳри Миёназамин мерасонданд. Роҳи дарози тиҷоратии Ҳиҷоз аз канораҳои шарқии баҳри Сурх тӯл кашида, чандин шаҳрҳои асосии он замон - Макка, Ясриб (Мадина) ва Тоифро убур намуда, дар зиндагии мардуми нодори бадавӣ дигаргуниҳои иҷтимоиро ворид месохт.

Арабҳои бадавӣ, ки аслан зиндагии кӯчманчигӣ доштанд, бо уштурони яккӯҳонаи пуртоқаташон роҳҳои биёбонро бо осонӣ мепаймуданд. Уштурони онҳо дар гармиҳои тоқатфарсо 4-5 шабонарӯз беобу гиёҳ тоб оварда, беш аз 250 кг борро бемалол мекашониданд[2]. Гузашта аз ин, пашми уштур барои бадавиён либос, пӯсташ хаймаву бистар, ширу гӯшташ ғизои ҳамешагӣ буд ва аз саргинаш дар сардиҳои қаҳратун гулхан меафрӯхтанд. Рӯзгори сахт ва муҳтоҷии ҳамешагӣ арабҳои бадавиро домангир буд ва онҳоро водор мекард, ки ба тохтутозу ягмогариҳо рӯ оваранд. Аз асноди таърихӣ бармеояд, ки бадавиҳо дар солҳои қаҳтию хушксолӣ тифлҳои хеш, бахусус духтаронро мекуштанд, то ки аз як хӯрандаи барзиёд раҳоӣ ёбанд. Сарони қабила - сайидҳо ба иттиҳоди қабилавӣ ва авлодӣ, ки асосан дар заминаи қаробати хешовандӣ гирд омада буданд, сарварӣ мекарданд.

Ду роҳи бузурги корвонгарде, ки аз қаламрави шарқию гарбии Арабистон мегузашт, дертар ба зиндагии суннатии бадавиёни араб дигаргуниҳо ворид сохта, онҳоро нахуст ба роҳбаладию кашондани бори тоҷирону тавонгарони аҷнабӣ балад намуд. Қофилаи корвони савдогарон, ки баъзан шумораашон аз ҳазор ҳам зиёд буд, ин мардуми саҳрогарду биёбоннавардро тадриҷан ба ҳунари тиҷоратӣ, доду ситади бозор, русуми шаҳрҳои дуру наздик ошно месохт. Чорводорони бадавии дирӯза аз ду

1. Абӯалӣ Муҳаммад Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. Ҷилди 1. -С.672; Большаков О.Г. История Халифата. Том 1. -С.52-55.
2. Большаков О.Г. Ҳамон асар. - С. 32-33.

роҳи асосии тиҷоратӣ - яке аз канораҳои баҳри Сурх, ки метавон онро *роҳи корвонгарди ғарбӣ* номид ва дигаре аз наздикии халиҷи Форс, саҳрои Шому Фаластин, яъне *роҳи корвонгарди шарқӣ* бору колои савдогаронро бо қофилаи уштурони хеш кашонида, тадриҷан ба олами тамаддун роҳ мееёфтанд.

Шаҳри Макка, ки дар сари роҳи корвонгарди самти ғарбӣ дар ҷодаи тӯлонии баҳри Сурх воқеъ буд, аз асри VI-и мелодӣ сар карда, ба маркази тиҷоратӣ ва мадании Арабистон табдил мееёбад. Яке аз қабилаҳои бонуфузи аҳли Макка қурайшиён ба шумор мерафтанд, ки дар ибтидо барои боркашонӣ ва интиқоли колои савдогарон мусоидат намуда, дертар худашон тавонгару тиҷоратпеша гардиданд. Акнун савдогарони қурайшӣ, ки қофилаи корвонашон то сесад уштур мерасид, қабилаҳои дигари бадавиро чун роҳбаладу ҳомии корвонҳо истифода мекарданд. Маҳз бо ҳидояту дастури ҳамин тавонгарони қурайшӣ дар атрофи ибодатгоҳи муқаддаси Каъба манзилҳои истиқоматӣ, корвонсарою бозорҳо ва дигар иморатҳои гуногун сохта шуда, шаҳри Макка вусъат мееёфт ва ободтар мегашт. Акнун тоҷирону савдогарони худию аҷнабӣ аз бозорҳои машҳури Укоз ва Маҷанна ба зиёрати Каъба омада, аз оби Зам-зам баҳра мебурданд ва маросими ниёишу ибодатро ба хотири бузургдошти Ҳубал ва дигар буту санамҳо ба ҷо меоварданд.

Ахли Макка асли баромад ва насаби худро аз Иброҳими Халилуллоҳ донист, ӯро нахустин бунёдкунандаи хонаи муқаддаси Каъба мешумурданд. Воқеан, дар сураи Оли Имрон дар ин боб чунин омадааст: *«Нахустин хонае, ки барои мардум бино шуда, ҳамон аст, ки дар Макка аст. Хонае, ки ҷаҳониёнро сабаби баракат ва ҳидоят аст»* (Сураи Оли Имрон, ояи 96).

Ва ояи 97 аз мақоми Иброҳим ва воҷиботи Каъба хабар медиҳад: *«Дар он ҷост оёти равшан ва мақоми Иброҳим. Ва ҳар кӣ бад-он дохил шавад, эмин аст. Барои Худо ҳаҷҷи он хона бар касоне, ки қудрати рафтан ба онро дошта бошанд, воҷиб аст»*[1].

Меҳтарии шаҳри Макка, нигоҳубини хонаи Каъба ва чоҳи Зам-зам, ба андешаи муаррихону арабшиносон, аввал мансуби қабилаи *ҷурҳум*, сипас қабилаи *хузоа* ва ниҳоят қабилаи *қурайш* будааст[2]. Хонадони банӣ-Ҳошим дар миёни қабилаи қурайш яке аз авлодони бонуфузу сарватманд ва нигаҳбони Каъба буда, адои расму ойинҳои диниро назорат мекарданд.

1. Қуръон. Сураи Оли Имрон. 3. Ояи 96 ва 97. -Теҳрон, 1997. -С. 63.
2. Муҳаммад Ҳусайни Ҳайкал. Зиндагонии Муҳаммад. Ҷилди 1. -С.108-110.

Ниҳоят бобои Паёмбар (с) Абдулмутталиб, ки аз хонадони банӣ-Ҳошим ва як марди ботаҷрибаю рӯзгордида буд, ба сифати пешвои қабилаи қурайш пазируфта шуд. Мувофиқи маълумоти Табарӣ, Абдулмутталиб чун ба меҳтарии қабилаи қурайш расид, азм намуд, ки чоҳи Зам-замро биканад ва оби нуҳуфтаи онро берун орад. Ва ӯ аз куҳансолони қабила шунида буд, ки андаруни чоҳ дафинае маҳфуз аст. Ба хотири ёфтани оби саргумзадаи чоҳи Зам-зам ва дафинаи эҳтимолӣ ӯ ба худояш (Ҳубал) ваъда дод, ки аз писарони доштааш якеро курбон мекунад. Аз қазо ҳам дафинаро пайдо карду ҳам оби чоҳ берун омад. «Ва ӯро дувоздаҳ писар буд ва кеҳтар аз ҳама Абдуллоҳ буд - падари Пайғомбар салла-л-лоҳу алайҳи... Пас Абдулмутталиб ба миёни ҳама фарзандон қуръа зад се бор ва ҳар се бор бар Абдуллоҳ - падари Муҳаммади Мустафо салавоту-л-лоҳи алайҳи омад. Пас Абдулмутталиб оҳанги куштани ӯ кард».[1]

Абдуллоҳ аз миёни фарзандон хурдтарину маҳбубтарин фарзанди падар буд ва дар ҷабини ӯ нуреро эҳсос мекард. Вале ӯ чун Иброҳими Халилуллоҳи бузургабояш аз қурбонӣ кардан ва вафо намудан ба аҳд чорае надошт. Бузургони қабила ва мардуми курайш ба ҳузури ӯ омада гуфтанд, ки Абдуллоҳро қурбонӣ накунад «ва барои худдорӣ аз ин кор дар пешгоҳи Ҳубал узре биёварад»[2]. Оқибат бо машварати коҳини солхӯрдае барои ризои Худо даҳ уштур назри хунбаҳо муқаррар карданд. Ва дар баробари Ҳубал ҳар боре, ки қуръа мезаданд, қуръа боз ба номи Абдуллоҳ меафтод. Шумораи уштуронро даҳ-даҳ афзуда, аз нав қуръа мепартофтанд. Ҳангоме ки саршумори уштурон ба сад расид, қуръа ба номи уштурон афтод ва дар роҳи ризои Худованд ва аз назр раҳидани Абдуллоҳ ҳамаи уштуронро қурбон карданд[3].

Абдуллоҳ - падари Паёмбар (с) мувофиқи маълумоти муаллифи асари «Зиндагиномаи Муҳаммад» ҷавони зебову хушқиёфа буда, духтарони Макка аз қазияи бар ивази сад шутур аз қурбонӣ раҳиданаш мехостанд ба ӯ бирасанд. Вале падараш Омина бинти Ваҳбро барояш муносиб донист ва аз асари издивоҷу хонадории онҳо, яке аз бузургтарин мардони таърих - Паёмбари ислом - Муҳаммад (с) ба дунё омад.

Аз қазои тақдир зиндагии ширини навхонадории Абдуллоҳ чандон дер накашид. Омина думоҳа обистан буд, ки шавҳараш дар қатори корвони савдогарон азми тиҷорат намуда, ба сӯи Шом (Сурия) рафт. Ҳангоми

1. Абуалӣ Муҳаммад Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. Ҷилди 1. - С.672.
2. Муҳаммад Ҳусайни Ҳайкал. Зиндагонии Муҳаммад. -С.113.
3. Абӯалӣ Муҳаммад Балъамӣ. Ҳамон асар. - С.672-673; Муҳаммад Ҳусайни Ҳайкал. Ҳамон асар. -С.113-114.

бозгашт ранҷур шуда, оҳанги Мадина кард, то дар назди хешовандон аз хастагии сафар биосояду сипас роҳи Маккаро пеш гирад. Вале рӯзе чанд дарду ранҷ кашиду дар Мадина умраш ба сар омад. Фосилаи обистании ҳамсараш низ поён ёфт ва тақрибан 20-уми августи соли 570-и мелодӣ[1] аз Омина писаре ба дунё омад. Чун тифлро ба ҳузури бобояш Абдулмутталиб бурданд, ӯ ҳамон нури ошноро дар ҷабини набераащ дид ва меҳри ӯро ба ҷон пазируфт.

Муҳаммад (с)-ро аз рӯи одати маъмули арабҳо ба Ҳалима ном дояе аз қабилаи банӣ-Саъд супурданд. Ӯ соле чанд дар саҳро таҳти парастории дояаш Ҳалима монд. Ва ривоятест, ки чун Муҳаммад (с) ба синни сесолагӣ расид, ҳамроҳи писари Ҳалима - бародари ҳамшираш ба пушти хона рафт ва ӯро ду марди сафедпӯш ба замин хобонда, шикамашро чок карданду зеру рӯ намуданд[2]. Ҳалима ва шавҳараш аз ин қазия ҳаросида, тифлро ба модараш бозгардонданд. Ва бархе аз муаррихон бар онанд, ки Муҳаммад (с)-ро дар панҷсолагӣ ба модараш - Омина супурданд. Дар ҳар сурат ҳангоми шашсолагӣ модараш Омина Муҳаммад (с)-ро сӯи Ясриб (Мадина) ба назди ҳамнасабонаш аз қабилаи ҳазраҷ бурд, то ки хешовандон ва қабри шавҳари ҷавонмаргаш Абдуллоҳро зиёрат намояд. Онҳо як моҳ дар Ясриб монданд ва ҳангоми бозгашт ба Макка дар асноми роҳи Абво Омина бемор шуда, ногаҳон вафот кард.[3] Ва аз миён ду сол нагузашта, ҳангоме ки Муҳаммад (с) ҳанӯз ҳашт сол надошт, бобояш Абдулмутталиб соли 579 дар синни ҳаштодсолагӣ вафот кард ва сарпарастию пуштибонии набераи ятимашро ба ӯҳдаи писараш Абӯтолиб вогузошт.

Абӯтолиб бародарзодааш Муҳаммад (с)-ро бо камоли меҳр тарбия мекард ва аз фарзандони худ азизтар медошт. Ҳангоме ки ӯ ба синни дувоздаҳ расид, бо майлу хоҳиши худ ҳамроҳи амакаш Абӯтолиб азми сафари тиҷоратӣ намуд. Сафари тиҷоратии Шом, ки аз масири роҳи корвонгарди шарқӣ мегузашт, барои Муҳаммад (с) мактаби нахустини роҳнавардӣ, тиҷорат ва зиндагӣ гашта, барояш бисёр сабақҳои хотирмон дод.

Муҳаммад (с) баъди ин тиҷорат, ки барои Абӯтолиб чандон судбахш нааниҷомид, бо он басирати фитрӣ, зиракӣ ва оқилии табиие, ки дошт, бештар ба шунидану донистану мушоҳида кардан машғул мешуд, неку

1. Муҳаммад Ҳусайни Ҳайкал ба истиснод аз Касин де-Персевал ин таърихро пешниҳод кардааст. Ниг.: Зиндагонии Муҳаммад. Ҷилди 1. - С.120.
2. Муҳаммад Ҳусайни Ҳайкал. Ҳамон асар. -С.122.
3. Ҳамон асар. -С.124.

бад ва асрори зиндагиро пайваста меомӯхт. Ӯ рӯзгоре ба чӯпонӣ низ машғул буд ва дар фазои паҳновари биёбон ба тафаккуру андеша, пиндори худшиносию ҷаҳоншиносӣ ва заҳмати ҳалолу дили саршори ормонҳои наҷиб овони наврасиро паси сар мекард.

Рӯзгори чӯпонӣ барои Муҳаммад (с) барин як ҷавони ботафаккуру оқил чандон муносиб набуд ва аз он суди зиёде ҳосил намегашт. Амакаш Абӯтолиб дертар ӯро ба сифати тоҷири кироя ба чаҳор уштур бори Хадича ном бевазани сарватманде вобаста карда, ҳамроҳи корвони тоҷирон ба сӯи Шом (Сурия) фиристод. Муаллифи «Зиндагонии Муҳаммад» менигорад, ки Хадичаи духтари Ҳувайлид бевазани чиҳилсолаи тиҷоратпешаву сарватманде буда, яке аз сармоядорони бонуфузтарини шаҳри Макка ба шумор мерафт ва молу колои афзунашро бо мадади падар, дигар шахсони мавриди эътимод ва тоҷирони кироя идора мекард. Ӯ ду бор шавҳар кардаву аз онҳо сармояе насибаш гашта буд, борҳо хостгории бузургони қурайшро рад мекард ва мепиндошт эшон ба молу сарваташ дил бастаанд.

Корвони тоҷироне, ки Муҳаммад (с) ҳамроҳи онҳо буд, аз ҷодае сӯи Шом мерафт, ки Паёмбар (с) дар овони дувоздаҳсолагӣ онро паймуда буд. Дар ин сафари тиҷоратӣ Муҳаммад (с) аз ғояти зиракию кордонӣ суди муносибе дида, ситоиши боамонату росткирдор буданаш ба Хадича расид. Ва дере нагузашта бо миёнравии Нафиса ном зани хайрхоҳе Муҳаммад (с) бо Хадича дар синни 25-солагӣ издивоҷ намуд.

Муҳаммад (с) баъди издивоҷ бо Хадича ба доираи тавонгарону соҳибсарватони Макка мансуб гашта, эҳтироми Ӯ дар миёни хосу ом меафзуд. Паёмбар (с) инсоне комил ва нексиришт буда, суботи азму нерӯи ирода ва рӯҳи тавоно дошт. Бо мурури рафтани умр тафаккуру таҳаммул ба андешаҳои бардавом ёраш мегашт ва аз қазо хобҳои ростин медид. Ӯ бештар ба риёзату ибодат машгул шуда, аз ниёиши Худованд рӯҳаш меосуду вуҷудаш роҳат мекард. Дурӣ ҷустан аз ғавғои зиндагӣ, рӯ овардан ба сабру қаноат ва гӯшанишинию узлатписандӣ ба хулқаш роҳ меёфт. Аз ин рӯ, Ӯ ҳар сол аз рӯи ойини мардуми қурайш ба гори кӯҳи Ҳиро (ду фарсах дур аз Макка) рафта, ба ибодату риёзат менишаст.[1]

Ӯ андар ин ғори хилват рӯҳашро парвоз мебахшид, асрори ҳақиқатро меҷусту аз кирдори азал ҳайрон мемонд ва ихтиёр ба андешаву тафаккур дода, рафтани рӯзу шабро эҳсос намекард. Чун ба домони чиҳилсолагӣ расид, дар шаби қадри моҳи рамазони соли 610, ҳангоме ки дар гори

1. Абӯалӣ Муҳаммад Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. Ҷилди 1. -С.720.

Ҳиро хобида буд, Ҷабраил бо амри Худо худро ба Вай (с) намуд ва пеш омада гуфт:

«Дуруд бар ту, эй Муҳаммад, эй Пайғамбари Худой!» Муҳаммад (с) битарсид ва бар пой бархост ва пиндошт, ки девона шуд... Ҷабраил ӯро гуфт: «Матарс, ки ту Пайғамбари Худои ҷалла ҷалолуҳу ва ман Ҷабраилам - фариштаи Худой»[1]. Ва Ҷабраил ӯро ба хондани ваҳйе амр намуд, ки бо номи сураи «Алақ» (Хунлахта) дар гори Ҳирои Макка нозил шудааст: *«Бихон ба номи Парвардигори худ, ки офарид! Одамиро аз хуни баста биёфарид. Бихон! Ва Парвардигори ту бузургвор аст! Он, ки ба қалам илм омӯхт: одамиро он чӣ намедонист, омӯхт».*[2]

Нозил шудани ваҳй ва зуҳури Ҷабраилро ба Паёмбар (с) исломшиноси маъруфи олмонӣ Август Мюллер дар китоби пурмуҳтавояш «Таърихи ислом» қариб дар ҳамоҳангӣ бо «Таърихи Табарӣ» нигошта, меафзояд, ки баъди бозгаштан аз гори Ҳиро ӯро тарсу ҳарос ва бими азим фаро гирифт ва аз гояти изтиробу ҳолате чун табларза аз Хадича хоҳиш намуд, ки болояшро пӯшонад. Пас аз фурсате бо ҷома печида хобидан эҳсос намуд, ки ҳамон бонги ошно ба гӯшаш мерасад. Ва лаҳзае нагузашта сураи «Мудассир» (74, оятҳои 1-4) барояш нозил гашт ва Паёмбар (с) ҷомаро аз сар афканда, ба ҳақиқати ислом ва ваҳйи Худованд имон овард[3]. Инак, асли сураи «Мудассир» (Ҷома дар сар кашида) аз китоби муқаддаси Қуръон:

*«Ба номи Худои бахшояндаи меҳрубон! Эй ҷома дар сар кашида, бархезу бим деҳ! Ва Парвардигоратро такбир гӯй! Ва ҷомаатро покиза дор! Ва аз палидӣ дурӣ гузин!».*[4]

Воқеан, китоби «Саҳеҳ»-и имом Исмоили Бухорӣ, ки дар олами ислом баъди Қуръон саҳеҳтарин дастур аст, суоли саҳобагони Паёмбар (с) ва посухи Ҳазратро оид ба чӣ гуна расидани ваҳй чунин меорад:

«Пайгамбари Худо салла-л-лоҳу алайҳи ва саллам гуфт: «Гоҳо ба (гӯши) ман (садое) мисли овози зангӯла меояд ва он сахттарин ваҳй аст ва ҳангоме қатъ мегардад, ки ман он чиро, ки гуфта мешавад, фаҳмида бошам. Гоҳо фаришта ба гунаи марде намудор шуда, бо ман сухан мегӯяд. Ва ман он чиро, ки мегӯяд, мефаҳмам. Ойиша разия-л-лоҳу анҳу гуфт: «Ба

1. Абӯалӣ Муҳаммад Балъамӣ. Ҳамон асар. -С.682.
2. Қуръон. Сураи Алақ (96). Оятҳои 1-5. -Теҳрон, 1997. -С.599.
3. Абӯалӣ Муҳаммад Балъамӣ. Ҳамон асар. - С. 683; Мюллер А. История ислама. Книга первая. -М., 2004. -С. 86-87.
4. Қуръон. Сураи Мусаддир, 74. Оятҳои 1-4. -С. 576.

ростӣ, ман Ӯро дар рӯзи сармои сахт дидам, ки ба Ӯ ваҳй нозил мешуд ва дар мавриди қатъ гардиданаш пешонии Ӯ арақшор буд»[1].

Аввалин касе, ки баъди Муҳаммад (с) ислом овард ва аз паси Паёмбар (с) намоз гузорид, ҳамсараш Хадича буд. Рӯзе онҳо намоз мегузориданд, ки Алӣ ибни Абӯтолиб, ки дар хонаи Паёмбар (с) мезист, ҳангоми адои суҷуд ба ҳузурашон даромад. Аз ин кори онҳо дар ҳайрат монда пурсид: «Ё Муҳаммад, киро саҷда мекунӣ?» Паёмбар (с) посух дод, ки «Ба Худое саҷда меорам, ки маро пайғомбараш хондаву фармуда, ки мардумро ба парастиши Ӯ хонам. Агар ту ҳам ба дини мо бигаравӣ, аз гуноҳи кофирӣ бираҳӣ». Сипас Муҳаммад (с) оёти нозилшудаи Қуръонро барояш хонд. Алӣ мафтуни оёт шуда, рухсат хост, ки бо падараш машварат намояд. Паёмбар (с) ӯро таъкид кард, ки суҷудашонро пинҳон дорад ва ғайри Абӯтолиб ба касе нагӯяд. Ва Алӣ аз остони сарой бозгашту гуфт: «Ё Муҳаммад, Худои азза ва ҷалла, маро бе машварати Абӯтолиб офарид. Маро низ барои пазируфтани дини Худой ва парастиши Ӯ ниёзе ба Абӯтолиб нест.[2]

Сипас, рисолати пайғамбарӣ ва даъвати Муҳаммад (с) ошкор шуд ва Ӯ ба андеша афтод, ки ин розро пеши кӣ кушояд, то нагӯяд: «Ин мард девона шудааст».[3] Оқибат Ӯ аз миёни аҳли қурайш дӯсти содиқаш Абӯбакр ибни Абӯқуҳофаро интихоб намуд, ки марде буд бузургвор, тиҷоратпешаю боамонат, зираку оқил, поктинату писандидаи мардум ва «пиру ҷавон бар ӯ гирд омаданди ва сухани ӯ бишуниданди ва аз вай раъйҳо пурсиданди».[4]

Муҳаммад (с) рози паёмбарии худро ба Абӯбакр кушод ва дин ба ӯ арза кард. Абӯбакр бидуни ташвиқ даъвати Паёмбар(с)-ро пазируфт ва ба ислом имон овард. Ва аз паси Абӯбакр аввал Зайди Ҳариса, сипас Билол ва Ҳамома ягон-ягон мусулмон мешуданд. Абӯбакр низ қиссаи ислом овардани худро ба касони мавриди эътимодаш мекушод ва ба ташвиқи ӯ Усмон ибни Аффон, Абдураҳмон ибни Авф, Талҳа ибни Убайдуллоҳ, Саъд ибни Ваққос ва Зубайд ибни Авом ба ислом гаравиданд ва баъди муддате шумораи онҳо ба сию нӯҳ тан расид, ки дини хеш ниҳон медоштанд ва намозро пинҳон мегузориданд[5].

1. Саҳеҳи ал-Бухорӣ. Ҷилди 1. -Душанбе, 2004. -С.20.
2. Абӯалӣ Муҳаммад Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. Ҷилди 1. -С.684; Муҳаммад Ҳусайни Ҳайкал. Зиндагонии Муҳаммад. Ҷилди 1. -С.147-148; Панова В.Ф., Вахтин Б.Ю. Жизнь Мухаммеда. -М., 1990. -С. 136-137.
3. Абӯалӣ Муҳаммад Балъамӣ. Ҳамон асар. -С.684.
4. Ҳамон асар. -С.685.
5. Ҳамон асар. -С.686-687.

Овозаи дини Муҳаммад (с) ва рисолати паёмбариаш дар миёни мардуми Макка паҳн мешуд ва нуфузи худоёни собиқа Ҳубал, Лот, Уззо, Ноила ва дигар буту санамҳои Каъба мекоҳид. Оқибат мушрикони қурайш ва қабоили дигар бар Паёмбар (с) шӯриданд ва ашрофони Макка бо ҳидояти Абӯсуфён ба назди Абӯтолиб, ки ҳанӯз ислом наоварда буд, шитофтанд ва чунин додхоҳӣ намуданд: «Бародарзодаи ту аз худоёни мо бад мегӯяд, аз дини мо айбҷӯӣ мекунад ва ба аҳли мо механдаду падарони моро гумроҳ мешуморад. Ба ӯ бигӯй, ки аз мо даст бардорад ва ё ӯро ба мо вогузор. Ту низ мисли мо бо ӯ мувофиқ нестӣ ва мо ҳисоби худро бо ӯ яксара хоҳем кард»[1].

Хулласи калом, баъди чандин ҳангомаҳои тезу тунд, таҳқиру озор ва бадрафториҳои мушрикони қурайш ва таҳдид ба ҷони пайравони ислом гурӯҳе аз мусулмонон ба Ҳабашия муҳоҷират карданд. Вале Паёмбар (с) бо пуштибонии хонадони банӣ-Ҳошим ва амакаш Абӯтолиб - меҳтари қабилаи қурайш аз қасди бадхоҳон дар амон буд.

Аз қазои тақдир аз даврони нубуввати Муҳаммад (с) нӯҳ сол гузашта буд, ки амаки ҳаштодсолааш Абӯтолиб дар ибтидои моҳи зулқаъда (нимаи аввали моҳи июли соли 619) аз ҷаҳон гузашт.[2] Аз миён як моҳ паси сар гашта, ҳамсараш Хадича вафот кард ва Паёмбари ислом (с) дар симои онҳо аз ду пуштибону ҳомии бовафояш маҳрум шуд. Ба қавли Август Мюллер ва дигар исломшиносон, Хадича дар синни 65-солагӣ фавтид ва Ӯро аз машваратҳо ва меҳрубониҳои ғамхоронааш бенасиб намуд.

Баъди марги Абӯтолиб бадхоҳони Муҳаммад (с) афзуда, мушрикон ба озори Ӯ даст мезаданд ва ҳоли пайравонашро танг карда, сӯяшон санг меандохтанд. Вале Паёмбар (с) мардуми Маккаро ба парастиши Худои яккаву ягона даъват мекард, ҷиҳатҳои ахлоқиву иҷтимоии таълимоти ислом, баробариву бародарӣ, инсофу адолат ва хайру эҳсонро талқин менамуд ва онҳоро аз ниёиши Ҳубал ва дигар буту санамҳо боздоштан мехост.

Озори қурайшиён торафт авҷ гирифта, Паёмбар(с)-ро водор намуд, ки рӯ ба Тоиф оварда, ашрофонашро ба ислом хонаду аз онҳо мадад ҷӯяд. Тоиф дар фосилаи серӯза роҳ аз Макка воқеъ буд ва аҳли Макка ба ин шаҳр қаробату рафтуо доштанд. Паёмбар (с) 26-уми шаввол (мутобиқ ба 15-уми июни соли 619) ниҳонӣ ба Тоиф омад[3] ва аз меҳтарони он - се бародар Ҳабиб, Масъуд ва Амир - фарзандони Умайр аз қабилаи банӣ-

1. Муҳаммад Ҳусайни Ҳайкал. Зиндагонии Муҳаммад. Ҷилди 1. -С.153.
2. Мюллер А. История Ислама. - С.118-119.
3. Большаков О.Г. История Халифата. Том.1. -С.83.

Сақиф дархост намуд, ки ӯро бипазиранд, аз озори аҳли қурайш паноҳ диҳанд ва ислом оваранд. Се бародар ин тақозоро напазируфтанд, то ба сарзанишу хусумати аҳли қурайш гирифтор нашаванд. Ва ҷавонони ҷоҳилро бар Паёмбар (с) барангехтанд, «ки ин девонаи қурайшро берун кунед, то имшаб андар ҳадди Тоиф намонад... Он ҷавонон бар Ӯ шитоб ҳамекарданд ва бизадандаш ва санг андохтанд ва бар шитоланг бизаданд. Ва хун аз вай равон шуд. Пайғомбар (с) бишитофт ва аз ҳадди Тоиф берун омад пиёда ва рондаву ғамгин ва гуруснаву ташна ва хунолудшуда».[1]

Мушрикони қурайш аз рафтани Паёмбар (с) ба Тоиф огоҳ шуда, бо сарварии Абӯҷаҳл азм намуданд, ки Ӯро ба Макка роҳ надиҳанд. Муҳаммад (с) аз қасди мушрикон оғоҳ шуда, ночор рӯ ба ғори Ҳиро оварда, то пушту паноҳе ёфта, сипас вориди Макка гардад. Оқибат Мутъим ибни Адӣ - сарвари қабилаи банӣ-Навфал Ӯро зинҳор дод ва ба паноҳаш гирифт. Паёмбар (с) бо ҳимояту пуштибонии мардони ин қабила 23-юми зулқаъда (мутобиқ ба 12-уми июли соли 619) ба Каъба омада, намоз гузорид ва аз даъвати хеш даст барнадошт.[2] Ва барои афзудани нуфузи хеш ва иттиҳоди пайравонаш Ойиша - духтари Абӯбакрро хостгорӣ кард. Хабари Паёмбари ислом (с) ба тамоми кишварҳои Арабистон паҳн шуда, дар шаҳри пурфайзу сарсабзи водии Ҳиҷоз - Ясриб, ки 350 км дар арзи шимолии Макка воқеъ буд, сару садое ангехт.

Сокинони Ясриб асосан қабилаҳои авсу ҳазраҷ бошанд ҳам, дар ин шаҳр тоифаҳои арабтабори яҳудӣ ё аниқтараш, арабҳои яҳудимазҳаби банӣ-Қайнуқа, банӣ-Қурайза, банӣ-Назир мезистанд. Дар байни ин қабилаҳо иттиҳоду созиш набуд ва пайравони мазҳаби яҳудӣ мутобиқи китобҳои муқаддасашон аз падид омадани Паёмбари нав ва афзудани нуфузи хеш дар қаламрави Ҳиҷоз ҳадс мезаданд ва дигар қабоили арабро бим медоданд.[3] Гурӯҳе аз қабилаҳои авс ва ҳазраҷ, ки дар асл бутпараст буданд, ҳангоми зиёрати Каъба ба Паёмбари ислом (с) дучор омаданд. «Вақте Муҳаммад (с) бо ин гурӯҳ сухан гуфту ба сӯи Худо даъваташон кард, ба якдигар нигаристанду гуфтанд: -Ба Худо ин пайғомбарест, ки яҳуд мегӯянд. Нагузоред онҳо зудтар аз шумо бад-ӯ бигараванд».[4]

Ҳамин тариқ, баъди як соли ин вохӯрӣ ҳангоми фаро расидани зиёрати Каъба дувоздаҳ нафар намоянда аз ҷониби қабилаҳои авс ва ҳазраҷи шаҳри Ясриб ба Макка омада, бо Паёмбар (с) дар Ақаба мулоқот кар-

---

1. Абӯалӣ Муҳаммад Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. Ҷилди 1. -С.710.
2. Ҳамон ҷо.
3. Большаков О.Г. История Халифата. Том.1. -С.86.
4. Муҳаммад Ҳусайни Ҳайкал. Зиндагонии Муҳаммад. Ҷилди 1. -С.207.

данду паймон бастанд, ки «чизеро бо Худо анбоз насозанд, дуздию зино накунанд ва фарзандони хеш накушанд, бухтону ифтиро назананд ва дар корҳои писандидаву раво фармони Пайғомбар(с)-ро бибаранд. Агар ба паймони худ вафо карданд, сазои онҳо биҳишт бошад, вагарна корашон бо Худост. Агар бихоҳад, азоб кунад, агар хоҳад бибахшад».[1] Баъди ин паймон, ки бо номи *паймони аввал* шуҳрат дорад, пайравони Муҳаммад (с) дар Ясриб афзуда, дини ислом рӯз то рӯз бештар интишор меёфт. Ва соле аз миён гузашта буд, ки беш аз ҳафтод нафар пайравони ислом соли 622 аз Ясриб ба тавофи Каъба омаданд, «ки бо Пайғомбар салавоту-л-лоҳи алайҳи гирд оянд бар Ақаба ва бо Ӯ байъат кунанд ва Ӯро ба Мадина баранд»[2].

Баъди мулоқот бо Паёмбар (с), ки чун пештара дар Ақаба сурат гирифт, дар ҳузури амаки Муҳаммад (с) - Аббос ибни Абдулмутталиб паймон бастанд ва савганд хӯрданд, ки «хуну хостаи хеш аз барои Худои таоло дорем ва аз они Пайғомбараш ва Худои азза ва ҷалларо нахуст ба худ гувоҳ кардем ва пас туро, ки амми пайгамбарӣ»[3].

Паёмбар (с) баъди ин паймон аз онҳо хоҳиш намуд, ки бар гувоҳии худ аз байнашон нақибонро номзад кунанд. Онҳо аз миёни ҳафтод тан дувоздаҳ мардро номзад карданд, ки нӯҳ тан аз тоифаи ҳазраҷ буду се тан аз авс ва ҳама меҳтарони эшон буданд. Ва дигарбора савганд хӯрданд, ки ҳама мардуми шаҳри Ясриб фармони Паёмбар (с) баранд. Паёмбар (с) аз паймони онҳо шод шуд ва аз интихоби дувоздаҳ нақиб фоли нек бардошт: «Адади ин нақибону меҳтарон, ки ин пазируфторӣ карданд, дувоздаҳ тананд. Ва адади ҳавориёни Исо дувоздаҳ тан буданд, ки Худои азза ва ҷалла дини Исоро бад-эшон ошкор кард ва андар ҳама ҷаҳон бипароканд».[4]

Бо ҳамин паймон Паёмбар (с) ба пайравони худ дастур дод, ки сӯи Ясриб муҳоҷират намоянд. Пайравони ислом аз Макка ба Ясриб бо дастаҳои чанднафарӣ раҳсипор мегаштанд, то қабилаи қурайш аз муҳоҷирати онҳо огоҳ нагардад. Оқибат Муҳаммад (с) бо ҳамроҳии Абӯбакри Сиддиқ 12-уми моҳи рабеъулаввал, мутобиқ ба 14-уми сентябри соли 622 ба Қубо расид, ки дар фосилаи ду фарсах аз Ясриб воқеъ аст ва мусулмонони Ясриб Паёмбар(с)-ро чанд рӯз боз интизорӣ мекашиданд. Муҳаммад (с)

1. Муҳаммад Ҳусайни Ҳайкал. Зиндагонии Муҳаммад. Ҷилди 1. -С.208.
2. Абӯалӣ Муҳаммад Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. Ҷилди 1. -С.710.
3. Ҳамон асар. -С. 720.
4. Ҳамон ҷо.

бо Абӯбакр дар Қубо чаҳор рӯз монда, аввалин коре, ки кард, «асоси масҷиди Қубоeffро бирехт».[1]

Чунон ки дар боло гуфтем, модари Паёмбар (с) Омина аз аҳли қабилаи хазраҷ буд, аз ин лиҳоз ӯ дар ибтидо ба нақибони хеш аз тоифаи хазраҷу авс такя карда, ойини исломро дар саросари Ясриб интишор медод. Дертар шаҳри Ясриб ба шарафи омадани Паёмбари ислом (с) номи *Мадинатуннаби*ро гирифт ва соли 622-и мелодӣ, яъне таърихи аз Макка ба Ясриб ҳиҷрат кардани Муҳаммад (с) ибтидои солшумории мусулмонӣ пазируфта шуд. Ба қавли Табарӣ, «Пас андар соли ҳиҷрат Пайғамбар салавоту-л-лоҳи алайҳи бифармуд, то онро соли таърих бинихaнд...».[2]

Ҳамин тариқ, дар зиндагонии Муҳаммад (с) на танҳо таърихгузории нав ба ҳукми расмият даромад, балки даврони нави зиндагӣ, даврони афзудани нуфузи сиёсиву иҷтимоии дини ислом ва чун пешвои воқеии мусулмонон ва сиёсатмадори дурандеш зуҳур кардани Ӯ шурӯъ гардид. Муҳаммад (с) қабл аз ҳама дар Мадинатуннабӣ (Ясриб) миёни *муҳоҷирон*, яъне мусулмонони аз Макка омада ва *ансор*, яъне мусулмонони Ясриб (аниқтараш, гурӯҳе аз мардумони Ясриб, ки дар он ҳангом ба муҳоҷирон кӯмак карданд), тарҳи дӯстию бародархондагиро ба роҳ андохта, кулли мусулмононро аз ҳама қавму қабилаҳои араб бародару баробар эълон кард. Сиёсати баробарӣ ва ҳукми бародархондагии аҳли ислом ҳамовозию истиқболи мардуми Мадинаро аз Паямбари ислом(с) афзуда, боиси ваҳдату иттиҳоди мусулмонон, бахусус, мардуми оддӣ дар атрофи Муҳаммад (с) гардид. Ӯ дар заминаи сиёсати баробарӣ ва бародарии мусулмонон бунёди тамаддун ва давлатдории исломиро ниҳода, дини исломро аввал дар Мадина ва сипас дар дигар шаҳрҳои араб интишор дод ва амалан низоми давлатдории арабҳоро ба арсаи таърих овард.

Муҳаммад (с) ҳангоми огози фаъолияташ дар Мадина ба хотири аз байн бурдани хусумати дохилӣ ва муттаҳид сохтани тамоми аҳли Ясриб ҳатто бо яҳудиён қарордод баста, пайравии онҳоро аз дини собиқашон манъ накарда буд.

Мувофиқи матни ин қарордод «Яҳудиёни банӣ-Авф бо муъминон муттаҳид ва дар ҳукми як умматанд. Яхудиён пайрави дини худ ва мусулмонон пайрави дини хешанд... Яҳудиён (дар ҷанг) ӯҳдадори махориҷи худ ва мусулмонон ӯҳдадори махориҷи хешанду ҳамдигарро бар зидди касе, ки бо пайравони ин қарордод ба ҷанг бархезад, ёрӣ кунанд... Ҳаводису

1. Муҳаммад Ҳусайни Ҳайкал. Зиндагонии Муҳаммад. Ҷилди 1. -С.221.
2. Абӯалӣ Муҳаммад Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. Ҷилди 1. -С.724.

ихтилофоте, ки миёни пайравони ин қарордод рух медиҳад, марҷаи он ба Худову Муҳаммад - расули Ӯст»[1].

Муҳаммад (с) хатари ҳамлаи эҳтимолии душманонашро аз Макка пешбинӣ карда, мехост дар миёни қабилаҳои мухталифмазҳабу гуногуннасаби Ясриб сарфи назар аз хусумату кинаҳои деринаашон иттиҳоду ҳампаймонӣ падид оварад. Ӯ адолату бародархондагӣ ва меҳрубонию дастгирии байниҳамдигарии умматонро талқин карда, мазҳари дин ва аҳкоми тамаддуни исломро ба Алӣ ибни Абӯтолиб чунин шарҳ медиҳад: *«Маърифат сармояи ман аст, ақл асоси дини ман, муҳаббат асоси кори ман, шавқ маркаби ман, ёди Худо аниси ман, эътимод ганҷинаи ман, ғам рафиқи ман, илм ҳарбаи ман, сабр ридои ман, ризоят ғанимати ман, фақр ифтихори ман, зуҳд ҳирфаи ман, яқин қудрати ман, ростӣ шафеи ман, ибодат мояи кифояти ман, кӯшиш фитрати ман аст ва хушнудии ман дар намоз аст».*[2]

Муҳаммад (с) дар Мадина баробари интишори ислом ба сифати ҳакам низ ном бароварда, бисёр масъалаҳои баҳсталаби миёни мусулмононро ҳамчун Паямбари ислом (с) ҳал мекард. Баҳсҳои диние, ки миёни уламои яҳудӣ ва Паёмбари ислом (с) сурат мегирифт, тадриҷан тезу тунд шуда, миёни онҳо тарҳи ҷудоӣ меафканд. Яҳудиён ба ҳукми китоби хеш Муҳаммад(с)-ро талқин мекарданд, ки чун дигар пайғамбарони салаф, ки ҳама ҷониби Байтулмуқаддас рафтаанду он ҷо иқомат ихтиёр намудаанд, «Мадинаро дар роҳи муҳоҷират миёни Маккаву Байтулмуқаддас восита қарор диҳад»[3]. Вале Паёмбари ислом (с) ин иддаои онҳоро қабул накард ва дар асоси сураи «Бақара», ояи 144, ки бароящ нозил шуда буд, қиблаи мусалмононро аз сӯи Байтулмуқаддас боздошта, самти Каъбаро қиблаи онҳо қарор дод. Мувофиқи ақидаи Муҳаммад(с), Худо ба ҳузури яҳудиёну масеҳиёни «аҳли китоб» пайғамбаронашон Мӯсо ва Исоро фиристода буд, ки каломи Илоҳиро ба одамон расонанд. Аммо онҳо ғуфтаҳои пайғамбаронашонро бо мурури замон таҳрифу дигаргун ва фаромӯш карда, ба радифи мунофиқон даромаданд. Аз ин лиҳоз Худо ба ҳузури бандагонаш китоби Қуръон ва пайғамбари охирини хешро фиристод, то бо ҳидояти хотиматуланбиё онҳоро ба роҳи ҳақ ҳидоят намояд. Ин охирин огоҳӣ ва раҳми Аллоҳи ягона аст ба бандагонаш ва баъди ин қиёмат қоим мегардад ва бандагон ба подоши амалашон расида, ба биҳишти адн ё оташи дӯзах меафтанд.

1. Муҳаммад Ҳусайни Ҳайкал. Зиндагонии Муҳаммад. Ҷилди 1. -С.230.
2. Ҳамон асар.-С.236.
3. Ҳамон асар. -С.240.

Муҳаммад (с) ҳамчун сайид (пешвои қабила) ва ақид (пешвои лашкар) ба таъсис додани дастаҳои сипоҳ шурӯъ карда, онҳоро омодаи муҳорибаҳои оянда мекард. Ба қавли Табарӣ, «аз ҳиҷрат ҳафт моҳ шуда буд, Ҳамзаро бифиристод бо сӣ савор аз муҳоҷирин. Ва нахустсипоҳе аз ислом он буд. Ва Пайғомбар (с) ӯро ливое баст ба дасти хеш, ливои сапед»[1]. Азбаски муҳоҷирон бештари сарвату дороии худро аз таъқиби мушрикон дар Макка гузошта, дар Мадина аз ҳисоби ризқу рӯзии додаи ёрони ансори худ мезистанд, дар андешаи он буданд, ки ба корвонҳои тиҷоратии Макка даст ёбанд ва сарвати бохтаи хешро пайдо намоянд.

***Ҷанги Бадр.*** Дар соли дуюми муҳоҷират хабар расид, ки корвони тиҷоратии Абӯсуфён - яке аз рақибони оштинопазири мусулмонон ва доротарин тоҷири Макка бо қофилаи ҳазор уштур ва колои арзишаш панҷоҳ ҳазор динор таҳти ҳимояи 70 савори ҷангӣ ба роҳ баромада, азми Шом (Сурия) дорад. Муҳаммад (с) сарфи назар аз баъзе ихтилофҳои дохилиқабилавӣ тақрибан сесад марди ҷангиро бо 70 уштур ва ду асп, ки дар тӯли роҳ бо навбат савор мешуданд, рӯзи 8-уми моҳи рамазони соли дуюми муҳоҷират (624) ба муқобили Абӯсуфён фиристод. Абӯсуфён аз ҳангомаи лашкаркашии мусулмонон огоҳ шуда, аз мардуми Макка барои ҳифзи корвон кӯмак хост. Ба кӯмаки аҳли корвони Макка бо сарварии Абӯҷаҳл тақрибан ҳазор марди ҷангӣ бо сад асп ва ҳафтсад уштур омаданд, ки мусулмонони густохро ҷазо диҳанд.

Оқибат ҷанги Бадр рӯзи ҷумъаи 19-уми моҳи рамазон (15-уми марти соли 624) рӯй дод, ки лашкари исломро Муҳаммад (с) ба ҷанг таргиб мекард ва аз пирӯзӣ башорат медод. Дар ин ҷанг Ҳамза ибни Абдулмутталиб ва Алӣ ибни Абӯтолиб қаҳрамониҳо нишон дода, дар сафи душман парокандагӣ оварданд. Бо вуҷуди се баробар афзун будан ҷанговарони қурайшӣ шикаст хӯрданд ва сарбозони зиёде асир афтоданд. Ин пирӯзӣ шуҳрати мусулмононро дар Арабистон афзуд ва онҳо ганимати зиёде гирифтанд.

Шикасти Бадр ҳисси интиқому кинахоҳии қабилаи қурайшро афзуда, онҳоро ба ҷанги нав барангехт ва пайравони исломро нерӯи тозаву рӯҳбаландӣ бахшид. Шумораи пайравони Муҳаммад (с) афзуда, аз панҷ як ҳиссаи ғаниматҳои муҳорибаи Бадр барои пайравони бенаво ва таҳкими ислом равона гардид. Асирони ҳарбиро, ки аксараш ашрофони сарватманди Макка буданд, бо гирифтани фидя озод мекарданд, ки ин тадбир иқтидори молиявии иттиҳоди мусулмонони Мадинаро меафзуд.

1. Абӯалӣ Муҳаммад Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. Ҷилди 1. -С.731.

Андозаи фидя барои сарватмандон 100 уқия (нуқра) ё худ 4 ҳазор дирҳам муқаррар шуда буд, ки бо ин маблағ 80 уштур харидан имкон дошт.[1]

***Ҷанги Уҳуд.*** Пас аз мағлубияти Бадр, ки сокинони Макка чандин ашрофону тавонгарони бонуфуз ва хешу ақрабои наздики хешро бохта буданд, ҳисси интиқомҷӯиашон боло мегирифт. Ба қавли Табарӣ, сабаби аслии ҷанги Уҳуд мусибати ғазои Бадр буд, ки бар асари он аҳли қурайш ба ҳама кишварҳои Араб нома кардаву кас фиристода аз эшон ёрӣ мехостанд ва мегуфтанд: «Мо наёромем, то дод аз Муҳаммад наситонем»[2].

Соли сеюми ҳиҷрӣ Абӯсуфён аз қабилаи қурайш ва дигар қабилаҳои араб сипоҳ гирд овард, ки «се ҳазор марди ҳарбӣ буд бо силоҳи тамом, аз Маккаву аз Араб. Ва аз эшон дувист бар асп ва дигар бар шутурон, ҳафтсад мард буданд, ки зиреҳ доштанд. Бирафтанд ва оҳанги Мадина карданд».[3] Лашкари Абӯсуфён бо лавозимоти ҳарбӣ ва таҷҳизоти фаровон ба самти Мадина ҳаракат карда, 21-уми марти соли 625 дар Зул-Хулайфо ном мавзеъе, воқеъ дар самти ҷануби ғарбӣ (10-километрӣ)-и Ясриб мавқеъ гирифтанд. Муҳаммад (с) аз ин қазия огоҳ шуда, то бегоҳ ҳазор марди ҷангӣ гирд овард ва баъди машварат бо сарони лашкар ба самти шимол ҳаракат карда, дар қалъаи Шайхон барои шабгузаронӣ бозистод. Аз миёни сипоҳи ислом Абдуллоҳ ибни Убай бо сесад сарбозаш ҷудо шуда, бо баҳонаи муҳофизати шаҳр роҳи Мадинаро пеш гирифт ва лашкари мусулмонон дар маҷмӯъ тақрибан 700 нафар монд.

Лашкари ислом ба Уҳуд расиданд ва дар майдони муҳориба тарзе ҷой гирифтанд, ки кӯҳе дар паси сарашон воқеъ буд. Муҳаммад (с) аз миёни аҳли лашкар панҷоҳ тан камонвару тирандозро дар даҳонаи шикофи кӯҳ ҷой дода таъкид намуд, ки ҳангоми набард лашкарро аз қафо ҳимоят кунанд, зеро хатари аз дараи пушт ҳамла овардани душман яқин аст. Дар атрофи парчами қурайшиён ҷанги шадид боло гирифта, паси ҳам ҳафт парчамбардори онҳо кушта шуданд. Лашкари ислом таҳти се парчам - аз марказ ва ду қанот ҳамлаи шадид оварда, душманро ба ақибнишинӣ ва ҳазимат водор намуданд. Дар ин ҷанги беамон Ҳамза ибни Абдулмутталиб, ки яке аз размоварону таҳамтанони ислом буд, кушта шуд.

Аз ҳамлаи нахустин лашкари аҳли қурайш рӯ ба фирор оварданд. Сипоҳиёни ислом аз фирори мушрикон рӯҳбаланд гашта, саргарми ғанимат гирифтан дар қароргоҳи Абӯсуфён шуданд ва таъқиби душманро идома набахшиданд. Панҷоҳ тан тирандози даҳанаи кӯҳ рӯ ба

1. Большаков О.Г. История Халифата. Том 1. -С.108.
2. Абӯалӣ Муҳаммад Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. Ҷилди 1. -С.787.
3. Ҳамон асар. -С.788.

ғанимат овардани ҳамсафони хешро дида пиндоштанд, ки сипоҳи ислом ғолиб омад ва даҳанаи дараро тарк намуда, ба қавли Табарӣ, гуфтанд: «Душман ҳазимат шуд ва мусулмонон ҳаме ганимат мегиранд ва мо чиз надорем. Пас мо низ бишавем ба ғанимат баргирифтан... Пас сӣ тан аз паси ганимат бишуданд ва бист тан он ҷо биистоданд».[1]

Дар ин ҳангом Холид ибни Валид бо дастаи савораҳои эҳтиётӣ ва дусад тан сипоҳӣ ба самти дараи кӯҳӣ ҳамла оварда, он бист тирандози даҳанаи кӯҳро нобуд кард ва ба сари лашкари ислом аз ақибгоҳ фурӯ рехт. Абӯсуфён аз ин ҳамла огоҳ шуда, лашкари қурайшро бозгардонд ва мушрикон аз «пешу пас шамшер андар ниҳоданд ба куштани мусулмонон... Ва лашкари мусулмонон ҳазимат мешуданд ва кофирон галаба мегирифтанд»[2].

Дар ин набард Абӯбакру Умар ҷароҳат бардоштанд. Муҳориба дар атрофи Муҳаммад (с) авҷ гирифт ва Утба ибни Абиваққос «санге бар сари Пайгомбар салавоту-л-лоҳи алайҳи андохт ва бар лабаш омад ва дандони пешинаш бишикаст. Ва хун ба маҳосин фурӯ давид. Ва санге дигар бизад ва бар миёни ду абрӯш омад ва бишикаст. Ва хун ба рӯи Ӯ фурӯ давид ва рӯю чашмаш пури хун шуд».[3]

Бар асари ин ҷанги шадид лашкари ислом ба се гурӯҳ тақсим шуда, гурӯҳе ба сӯи Мадина фирор намуданд, гурӯҳе дар майдони набард то маҷрӯҳ шудану шаҳодат ёфтан ҷангиданд ва гурӯҳе ба кӯҳ рӯ оварда, дар он ҷо паноҳ бурданд.[4] Паёмбар (с) дар ҳимояти Алӣ ибни Абӯтолиб ва дигар ёронаш ба кӯҳ боло рафт ва худро ба даҳанаи шикоф расонид.

Лашкари қурайш аз галабаи худ басо хушҳол гашта, ганиматҳоро рабуданду пас аз куштану қатли ом намудани мусулмонон ба самти Макка раҳсипор шуданд. Рӯзи дигар Муҳаммад (с) дар Мадина мусулмононро гирд оварда, дастаи тозаи сипоҳиёнро амр намуд, ки ба таъқиби Абӯсуфён ва мушрикони Макка равона шаванд. Абӯсуфён аз таъқиб огоҳ шуда, пиндошт, ки мусулмонон бо нерӯи тоза қасди интиқом ситондан доранд ва ҷуръати бозгашта ҷангидан накард. Лашкари ислом дар мавзеи Ҳамроуласад - ҳашт мил дуртар аз Мадина мавқеъ гирифта, шабона бо амри Паёмбар (с) 500 гулхан фурӯзон карданд. Чун ҷонибдорони Абӯсуфён аз ҷанги навбатӣ рӯй тофта, сӯи Макка раҳсипор гаштанд,

1. Абӯалӣ Муҳаммад Балъамӣ. Ҳамон асар. -С.793-794.
2. Ҳамон асар. - С.788.
3. Ҳамон асар. -С.795.
4. Ҳамон ҷо.

лашкари мусулмонон низ баъди панҷ рӯз 14-уми шаввол (28-уми марти соли 625) ба Мадина бозгаштанд.[1]

Таҷрибаи талхи ҷанги Уҳуд сабақ дод, ки бидуни таъсиси лашкари муҷаҳҳази савора дар набардҳои минбаъда аз болои душмани тавоно зафар ёфтан ва интишор додани ойини ислом дар қаламрави паҳновари Арабистон кори хеле мушкил аст. Аз ин лиҳоз, дар интиҳои соли чаҳоруми ҳиҷрат, яъне соли 626-уми мелодӣ дастаи лашкари саворан ислом таъсис дода шуд, ки дар ибтидо аз сӣ ҷанговари савора (10 ҷанговари муҳоҷир ва 20 ҷанговари ансор) иборат буд.[2] Лашкари мусулмонон тадриҷан афзудаву нерӯ гирифта, дар чандин ғазоҳои навбатӣ - ғазои банӣ-Назир, газои Зотуррикоъ, ғазои Думотулҷандал, ғазои банӣ-ал-Мусталиқ ва ғайра пирӯз гашта, дар миёни қабилаҳои мухталифи араб дини исломро интишор медоданд. Метавон гуфт, ки бар асари ин газоҳо нерӯи сиёсиву ҳарбӣ ва иқтидори иқтисодии лашкари мусулмонон афзуда, онҳо соҳиби ғаниматҳои афзуне мегаштанд. Масалан, танҳо дар газои назди чоҳи ал-Мурайса алайҳи қабилаи банӣ-Мусталиқ 2 ҳазор уштур, 5 ҳазор гӯсфанд ғанимат ва беш аз дусад зану кӯдакро асир гирифтанд. Дар миёни асирон Барра - духтари зебои пешвои қабила ҳам буд, ки баъди ислом овардан Паёмбар (с) ӯро Ҷувайрия ном ниҳода, ба занӣ гирифт ва ба хотири ин чандин асиронро озод кард.[3]

***Ҷанги Ҳандақ.*** Яке аз ҷангҳои шадиди иттиҳоди мушрикони Макка ва дигар мулкҳои Араб бар зидди пайравони ислом ҷанги Ҳандақ мебошад, ки ба соли панҷуми ҳиҷрат рост меояд. Нерӯи муттаҳидаи душманони ислом бо таҳрику даъвати қабилаи яҳудии банӣ-Назир, ки онҳоро барои аҳдшиканӣ аз Мадина берун ронда буданд, «андар ҳама шаҳрҳову ҳайҳои Араб ҳамерафтанду ёрӣ ҳамехостанд ба ҳарби Пайғомбар (с)»[4] бо лашкари иборат аз 10 ҳазор марди ҷангӣ ба сӯи Мадина раҳсипор гаштанд. Дар ин набард сипоҳиёни банӣ-Қурайш, банӣ-Назир, банӣ-Сулайм, банӣ-Асад, банӣ-Ғатафон ва дигар мушрикону душманони ислом, хуллас дастаҳои сипоҳиёни савораву пиёдаи муҷаҳҳаз баъди омодагии ҷиддӣ ба самти Мадина ҳаракат карданд.

Паёмбар (с) аз ин қазия огоҳ шуда, аз миёни пайравони худ се ҳазор фидоӣ гирд овард ва аз асҳобу муқаррабонаш тадбиру усули ҷанг пурсид

1. Абӯалӣ Муҳаммад Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. Ҷилди 2. -С.804; Большаков О.Г. История Халифата. Том. 1. -С.116.
2. Большаков О.Г. Ҳамон асар. -С.125.
3. Ҳамон асар. -С.125-126.
4. Абӯалӣ Муҳаммад Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. Ҷилди 2. -С.820.

ва машварат хост. Аз миёни саҳобаҳо Салмони Порсӣ, ки зикраш дар боло рафт, ба Паёмбар (с) маслиҳат дод, ки дар самти кушодаи атрофи Мадина ба хотири пешгирии ҳамлаи душманони сершумор ҳандақ биканад. Ба қавли Табарӣ, «Салмони Порсӣ гуфт: «Андар шаҳрҳои мо порсиён чун лашкари бисёр рӯй бад-эшон ниҳодию эшон натавонистандӣ пеш бозшудан, гирди шаҳр андар ҳандақ кардандӣ, то саворонро роҳи андар омадан набудӣ». Пас Пайғомбар (с)-ро ин таъбири Салмон савоб омад ва ҳама ёрон ҳамчунин савоб диданд. Пас гирдогирди Мадина гирд омаданд ва хандақ карданд - бист араш дарозо ва бист араш паҳно ва ҳар чиҳил араше ба даҳ мард доданд».[1]

Аз рӯи машварату нишондоди Салмони Порсӣ ҳандақи нимдоираи дарозиаш 6 км канданд, ки шаҳри Мадинаро аз самти ғарбӣ, шимолӣ ва шимоли шарқӣ иҳота карда буд. Бо ҳидояту сарварии Паёмбар (с) заҳмати гарони хандаққанӣ аз субҳ то шом идома ёфта, ба он кулли мардони қобили кор сафарбар гардид. Оқибат баъди шаш рӯз ин истеҳкоми мудофиавӣ анҷом ёфт ва сипоҳи даҳҳазораи нерӯҳои муштараки душман рӯзи 8-уми зулқаъда (мутобиқи 31-уми марти соли 627) аз ҷониби Ақиқа пеш омада, дар баробари хандақи ғайриоддӣ ҳайрону оҷиз монданд.[2] Шасти лашкари савораи муттаҳидаро, ки мебоист нахустин шуда ба Мадина ҳамла меовард, ин ҳандақи паҳну амиқи барои ҷанги муқаррарии арабҳо бегона гардонида, дар таърих бо номи *ҷанги Ҳандақ* шуҳрат ёфт.

Набарди Ҳандақ аз тирандозии дутарафа огоз ёфта, душман ёрои убур кардани ҳандақро надошт. Рӯзи дигар дастаи сипоҳиёни зиреҳпӯши душман таҳти ҳимояти тирандозон чандин дафъа ҳамла оварда, қасди убур намудани ҳандақ карданд. Аммо ҳимоятгарон бо сарварии Муҳаммад (с) ин ҳамлаҳоро аз тариқи тирандозии беамон боздошта, дастаҳои ҷанговарони душманро ақиб меафканданд. Ҳангоми адои намози шом Холид ибни Валид ногаҳон ҳуҷум намуда, ба канори дигари ҳандақ расид, вале ин ҳамларо Алӣ ибни Абӯтолиб бо ёронаш зада гардонданд. Дар давоми даҳ рӯзи минбаъда иттиҳоди лашкари душман бо дастаҳои ҷудогона пайдарпай шабохун задаву якбора ҳамла оварда, муқовимати муҳофизатгарони исломро шикастан мехост, вале ба натиҷаи назаррасе ноил намегардид.[3]

Муҳаммад (с) тадбирҳои дар миёни қабилаҳои мухолифин тафриқаангезӣ, гуфтугузори пинҳонӣ ва сӯи худ ҷалб намудани намояндаҳои қабилаи банӣ-Ғатафонро пеш гирифт. Дар натиҷаи сиёсати устокорона

1. Абӯалӣ Муҳаммад Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. Ҷилди 2. -С.820.
2. Большаков О.Г. История Халифата. Том. 1. -С.132.
3. Ҳамон ҷо.

ва зираконаи Муҳаммад (с) байни қабилаҳои банӣ-Қурайш, банӣ-Назир, банӣ-Қурайза, банӣ - Ғатафон нобоварию хусумат бархеста, дар миёнашон ҷудоӣ ва парокандагӣ роҳ ёфт ва иқтидори нерӯи муштараки онҳоро коҳонид. Аз қазо рӯзи 13-ум ё 14-уми муҳосира тӯфони сарде бархеста, хаймаҳои аҳли сипоҳи мушриконро барканд ва дар лашкаргоҳи онҳо изтиробу парешонӣ ангехт. Ин ҳодисаи ғайричашмдошт рӯҳияи ҷангӣ ва нерӯву гайрати идома додани набардро дар миёни душман хеле суст карда, дар сафи онҳо дудилагӣ ва азми интиҳо бахшидани ҷангу муҳосираро афзуд. Аҳли қурайш бо сарварии Абӯсуфён «ҳамон шаб ба ҳазимат бирафтанд ва ҳар чизе гарон, ки доштанд, ҳам он ҷо бигузоштанд... Худой он лашкари кофирон ҳама бипароканд. Ва банӣ-Ғатафон бозгаштанд ва араб ҳама бозгаштанд. Ва ин ба сол андар буд - даҳ рӯз монда аз моҳи соли панҷум аз ҳиҷрат».[1]

Баъди пирӯзӣ дар ҷанги Ҳандақ нуфузу эътибори Муҳаммад (с) афзуд, ки Худои яккаву ягона ба имдодаш расида, душманони чандин карат афзунашро шикаст медиҳад. Паёмбари ислом (с) ҳамаи қавмҳои арабро аз парастиши буту санамҳои қабилавӣ боздошта, онҳоро талқин мекард, ки танҳо ба Худои ягона - Аллоҳ эътиқод банданд ва рисолати расули Худо - Муҳаммад(с)-ро эътироф намоянд, панҷ вақт намоз гузоранд, рӯзаи моҳи Рамазонро риоя созанд, аз моли хеш закот диҳанд ва тавофи хонаи Каъба кунанд. Ҳамин тариқ, шариати ислом бо фарзу қонунҳои устувору ҳамагонии худ зарурати таъсис додани давлати ягона ва дини ягонаи умумиарабиро падид меовард. Паёмбар (с) чун сиёсатмадори зирак ва пешвои ботадбиру дурандеш барои интишори ислом ҳам аз усули ғазою набардҳои оштинопазир, ҳам аз роҳи даъвату талқини пайгирона, ҳам аз василаи фиристодани ҳамсафону шогирдони содиқи хеш, ҳам аз тариқи ҳимояту дастгирии қабилаҳои нотавон аз душманони қавиашон, ҳам аз имконияти сафорати расмӣ ва бастани аҳду паймонҳо, ҳам аз додани кафолати ҳифзи ҳаёт ва молу ҷони муъминон, хуллас аз ҳама имкониятҳои мавҷудаи замон истифода намуда, рукнҳои асосии дини ягонаву давлати навзуҳури исломро устувор мекард.

Баъди пирӯзӣ дар ҷанги Ҳандақ ва афзудани қудрату эътибори мусулмонон дар саросари Арабистон, ибтидои соли шашуми ҳиҷрӣ Паёмбари ислом (с) азми ҳаҷҷи умра намуда, 1-уми зулқаъда (мутобиқ ба 13-уми марти соли 628) бо корвони иборат аз 1000 нафар аз Мадина берун омад.[2]

1. Абӯалӣ Муҳаммад Балъамӣ. Ҳамон асар. -С.825.
2. Большаков О.Г. История Халифата. Том 1. -С.143.

Қофилаи зоирон (бо 70 уштури қурбонӣ) барои ҳимояи хеш танҳо шамшер гирифта, ба самти Макка ҳаракат намуданд ва огоҳ шуданд, ки аҳли Қурайш ва Аҳабиш қасам ёд кардаанд, ки онҳоро ба зиёрати Каъба роҳ надиҳанд. Паёмбар (с) дар Ҳудайбия, нӯҳ мил дуртар аз Макка қарор гирифт ва пас аз машварату гуфтугузори зиёд бо сарварони қабилаҳо ва пешвоёни шаҳр ба сулҳу созиш расиданд, ки дар таърих бо номи *сулҳи Ҳудайбия* ёд мешавад. Мувофиқи шартномаи ин сулҳи даҳсола, дар миёни аҳли Макка ва пайравони Муҳаммад (с) адовату душманӣ хотима ёфта, мусулмонон метавонистанд ҳар сол ҳангоми мавсими ҳаҷ се рӯз дар Макка тавофи Каъба намоянд. Сокинони Макка ӯҳдадор шуданд, ки ҳангоми адои маросими ҳаҷ ва қурбонии мусулмонон се рӯз аз шаҳр берун раванд ва ба онҳо кордор набошанд.[1]

Ба андешаи исломшиносон, бастани сулҳи даҳсола яке аз дастовардҳои бузурги Муҳаммад (с) ба шумор меравад, зеро аҳли Макка ва бахусус сарватмандони он ба таври расмӣ нуфузу қудрати Паёмбари ислом(с)-ро эътироф намуда, барояш гузаштҳои мазҳабию сиёсӣ карданд. Ҳатто аз садрнишинони аҳли Макка Холид ибни Валид ва Амр ибни Ос барин шахсони бонуфуз дертар ба ислом гаравиданд. Дар заминаи ин сулҳ пайравони ислом тавонистанд на танҳо дар сарзамини Арабистон, балки ба кишварҳои ҳамсояву ҳамҳудуди хеш - Сурия, Миср ва Эрон сафир фиристода, ба ташвиқу интишори ислом шурӯъ намоянд.

Мувофиқи маълумоти Табарӣ, Паёмбар (с) дар соли ҳаштуми ҳиҷрӣ ба хотири интишори дини ислом «ҳашт расул берун кард ба ҳашт малик ва эшонро ба Худой хонд. Нахустин расул Ҳотиб ибни Балтаа буд ва ӯро сӯйи Қибт (Миср - *Э.Р.*) фиристод ва номи ин мард Муқавқис буд. Ва дигар Шуҷоъ ибни Ваҳбро сӯйи малики Шом фиристод, номи ӯ ал-Ҳорис ибни Абишамр ал-Ғассонӣ буд. Ва се дигар Салит ибни Амр ва ӯро ба малики Ямома фиристод, номаш Ҳуза ибни Алӣ ал-Ҳанафӣ. Ва чаҳорум Амр ибн ал-Ос, ӯро ба малики Уммон, номаш Ҷайфар ибни Ҷаландо. Ва панҷум расул ал-Ало ибн ал-Ҳазрамӣ ба малики Баҳрайн фиристод. Ва шашум расул Амр ибни Умайя аз-Замриро фиристод ба малики Ҳабаша, номаш ал-Асҳам ибни Абҷир. Ва ҳафтум расул Диҳя ибни Халифаро ба Қайсар - малики Рум фиристод, номаш Ҳиракл. Ва ҳаштум расул Абдуллоҳ ибни Ҳузофа ас-Саҳмиро фиристод ба малики Аҷам, номаш Парвез».[2]

1. Большаков О.Г. История Халифата. Том 1. -С.144-145.
2. Абӯалӣ Муҳаммад Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. Ҷилди 2. -С.840.

Ҳарчанд баъзе муаррихону исломшиносон ба санаи таърихгузорӣ, замону макони ирсоли номаҳо ва шахсиятҳои фиристодаи Паёмбар (с) фикри ягонаву ҳамоҳангӣ надоранд,[1] метавон гуфт, ки ин қазия баъди сулҳи Ҳудайбия, яъне соли шашуми ҳиҷрат воқеъ шудааст. Зеро чуноне ки дар боло гуфтем, пайғоми Муҳаммад (с) ба Хусрави II Парвиз расида, шоҳаншоҳи Сосониёнро бо даъвати густохонааш ба хашм меорад ва ӯ номаро пора карда, сафири Паёмбар (с) - Абдуллоҳ ибни Ҳузофаро аз дарбор меронад. Мутобиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ, Хусрави Парвиз 29-уми феврали соли 628, яъне нимаи дуюми соли шашуми ҳиҷрати Паёмбар (с) кушта шудааст. Пас метавон ҳадс зад, ки расулони Паёмбар (с) на дар соли ҳаштуми ҳиҷрат, балки дар соли шашум, баъди бастани сулҳи даҳсола фиристода шудаанд.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки фиристодани расулон ба Миср, Сурия, Баҳрайн, Уммон, Ҳабашистон, Рум ва Эрон оғози сиёсати интишори ислом берун аз ҳудуди нимҷазираи Арабистон буд, ки Муҳаммад (с) баъди устувор намудани мавқеи худ дар Макка ва дигар мулкҳои Араб қадамҳои нахустинро барои густариши дини нави хеш дар кишварҳои ҳамсоя ниҳод.

Мувофиқи ахбори Табарӣ, малики Қибт Муқавқис (Георгий - волии дастнишони Рум дар Миср) ҷавобномаи некӯ бо ҳадяҳо, ҷомаҳои мағрибӣ ва чаҳор канизак фиристод, вале ба дини ислом нагаравид. Паёмбар (с) ба Мария ном яке аз канизакон хонадор шуд, ки аз ӯ соҳиби Иброҳим ном писаре шуд ва баъди ду сол писараш фавтид. Аммо Наҷошӣ - малики Ҳабаша ҳамроҳи писараш ба дини ислом бигаравиду расулонро ҳадя дод. Малики Рум Ҳеракл (Ираклий) мусулмон нашуд ва ҷавобнома навишту расулонро ба хушӣ гусел кард. Шоҳаншоҳи Эрон Хусрави Парвиз номаи Паёмбар(с)-ро дариду ба рӯи расулон зад ва онҳоро аз мулк берун ронд.[2] Ҳарчанд подшоҳони тавонои кишварҳои ҳамсоя ин қадами Муҳаммад(с)-ро чандон ҷиддӣ напазируфтанд, сиёсати пешгирифтаи Ӯ дар аҳди хулафои рошидин такони воқеие барои кишваркушоӣ ва интишори ислом гардид.

***Фатҳи Хайбар.*** Муҳаммад (с) баъди бастани сулҳ бо аҳли Макка диққати худро ба Хайбар равона кард, ки дар он ҷо асосан пайравони ойини яҳудӣ ва қабилаҳои муқтадири яҳудиён, аз ҷумла, банӣ-Назир нуфузи зиёд доштанд. Илова бар ин, шаҳри Хайбар дар сари роҳи Сурия қарор дошта, лашкари исломро ба сарзамини масеҳиёни таҳти васояти

1. Большаков О.Г. История Халифата. Том 1. -С.153-155.
2. Ниг.: Ҳамон асар. -С.153-154.

Рум қарордошта наздиктар мекард. Фатҳи Хайбар асосан барои густариши ислом ва мутеъ намудани яҳудиёни якраву густох бо ширкати 1400 нафар фидоиёни ислом (аз ҷумла, дусад ҷанговари савора) шурӯъ гардид. Мутобиқи маълумоти Табарӣ, Хайбар устувортарин нишемангоҳи яҳудиён буда, «ҳафт ҳисор дошт, яке аз дигаре бузургтар».[1] Дар ин ҷанг Алӣ ибни Абӯтолиб қаҳрамониҳо нишон дода, дари оҳанини ҳисори берунаро аз ҳалқадони дар «бигирифту аз ҷой бичунбонид ва барканд»[2]. Ҳамин тариқ, Алӣ ибни Абӯтолиб бо сипоҳи рӯҳбаландшудаи ислом пайдарпай ҳисорҳои боқимондаро фатҳ намуд ва мардумони он бо шарти нигоҳ доштани ҳаёташон оқибат таслим шуданду ганимати зиёде насиби лашкари мусулмонон гардид. Муҳаммад (с) сокинони таслимшудаи Хайбарро аз марг амон дода, шарт гузошт, ки аз ҳосили ҳарсолаи хурмо нисфашро худ гиранду нисфи дигарашро ба Паёмбар (с) ва ёрони ӯ бидиҳанд. Фатҳи Хайбар охирин умеди душманони исломро барбод дода, иқтидори ҳарбиву сиёсии лашкари исломро афзуд ва рисолати Паёмбар(с)-ро чун пешвои дин ва давлат таҳким бахшид.

***Фатҳи Макка.*** Сабаби асосии фатҳи Макка аз ихтилофу муҳорибаи ду қабила - банӣ-Бакр ва Хузоа сар зад, ки онҳо паймони сулҳро оид ба ҷанг накардану хун нарехтан, ба душманони мусулмонон ёрӣ надодан ва ба умматони ислом ситам накардан шикастанд.[3] Як сол аз паймони сулҳ гузашта буд, ки моҳи декабри соли 629 дар заминаи ситонидани қасоси хунӣ киндорони қабилаи Хузоа се нафар ашрофи бакриро куштанд. Дар ҷавоб пешвои қабилаи банӣ-Бакр бо мадади аҳли қурайш шабона ба қароргоҳи қабилаи хузоа ҳамла оварда, 20 нафарро сар заданд ва гурӯҳи боқимондаашро таъқибкунон аз Макка берун бурданд. Дар ин ҳамлаи шабона чанд нафар қурайшиёни соҳибнуфуз ширкат доштанд. Вакилони қавми хузоа, ки дар миёнашон мусулмоншудагон низ буданд, барои арзу додхоҳӣ ба Мадина, ба ҳузури Муҳаммад (с) шитофтанд. Аз думболи онҳо баъди се рӯз Абӯсуфён омад, вале аз ҷониби Паёмбар (с) хеле сард пазируфта шуд. Сокинони Макка қариб ҳама аз овозаи омадани сипоҳи афзун ва воҳимаи лашкари ислом шаҳрро тарк намуданд.

Воқеан лашкари афзуни ислом тақрибан 8-10-уми январи соли 630 аз чаҳор самти Макка пеш омада, баъди гуфтушунид бо Абӯсуфён қариб бе ҷанг вориди шаҳр гаштанд. Муҳаммад (с) баъди истироҳати кӯтоҳ рӯ ба хонаи Каъба оварда, онро тавоф намуд ва амр дод, ки ҳамаи бутҳоро

1. Абӯалӣ Муҳаммад Балъамӣ. Ҳамон асар. -С.843.
2. Ҳамон асар. -С.845.
3. Ҳамон асар. -С.858-859.

бишкананд ва аз ҷумла, Ҳубалро аз даруни Каъба берун афкананд. Во-изону қосидон дар кӯчаю бозорҳо ва маҳаллаҳои асосӣ аҳкоми ислом ва фарзҳои шариатро ташвиқ намуда, ҳамаро ба мусулмон шудан даъват мекарданд. Ҳамин тариқ, Муҳаммад (с) баъди ҳашт соли ҳиҷрат ба Макка чун фотеҳи дини нав бозгашта, дар миёни аҳли Макка ба сифати Паёмбари ислом (с) шинохта шуд. Пешвоёни қабилаи қурайш ва дигар қабилаҳо, аз ҷумла, Абӯсуфён исломро пазируфта, мавқеи худро дар байни ҷомеа нигоҳ медоштанд. Ҳатто Абӯсуфён ба хотири пойдории сулҳ ва аз байн бурдани хусумати дерина духтари худро ба Муҳаммад (с) ба занӣ дод ва ақди хешутабориро дар миён ниҳод.

Баъди фатҳи Макка мушрикон ба ислом гаравиданд ва ба лашкари даҳҳазораи ислом боз ду ҳазор сипоҳи нав ҳамроҳ гардид. Сипоҳи афзуни ислом рӯ ба Тоиф оварда, лашкари муттаҳидаи мухолифинро 30-юми январи соли 630 дар водии Ҳунайн шикаст дод ва аз Тоифу Автас 6 ҳазор асир, 24 ҳазор уштур, 40 ҳазор гӯсфанд, 4 ҳазор уқия нуқра (160 ҳазор дирҳам) ғанимат гирифтанд.[1] Муҳаммад (с) баъди *фатҳи Макка* ва *Тоиф* амалан ҳокимияти диниву давлатиро дар қаламрави Арабистон сарварӣ намуда, қудрати динӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ ва идории мулкро дар даст дошт.

Соли даҳуми ҳиҷрат баъди фатҳи Макка дар таърихи ислом ҳамчун «*соли сафорат*» эътироф шудааст. Дар тайи ин сол бисёр қабилаҳои бадавии араб вакили мухтори худро ба Мадина фиристода, тобеияти худро ба Муҳаммад (с) изҳор медоштанд ва дини исломро мепазируфтанд. Набарди Ҳунайн ва юриши Тоиф охирин муқовимати якҷояи мушриконро шикаста, оқибат дини исломро дар саросари Арабистон интишор дод. Омадани сафирони қабилаҳои сақафӣ, ҳамчунин тоифаҳои қайла, киндӣ, аздӣ аз Яман, қабилаҳои хавозин, фазара, тай аз Баҳрайн ва дигар қабилаҳои хурду бузурги Арабистони марказиву шимолӣ аз афзудани нуфузу эътибори Паёмбар (с) ва дини ислом дар саросари Арабистон башорат медод.

Муҳаммад (с) 5-уми зулҳиҷҷа, мутобиқ ба 3-уми феврали соли 632 маротибаи охирин барои адои ҳаҷ ва тавофи Каъба ба Макка омада, якчанд рӯз маросимҳои исломӣ, аз ҷумла, қурбонӣ карданро ба ҷо оварду сипас ба Мадина бозгашт. Ин ҳаҷҷи охирин ба соли даҳуми ҳиҷрат рост омада, бо номи *ҳиҷҷату-л-видоъ* машҳур аст.

Ӯ дар Мадина ба гирдоварии лашкар бо сарварии Усом ибни Зайд амр дода, барои харҷу вақфи сипоҳи афзуни ислом омилони хешро ба мулкҳои Араб фиристод. Ниҳоят Паёмбари ислом (с) баъди бемории кӯтоҳ дар синни 63-солагӣ дар моҳи рабеъулаввали соли 11-и ҳиҷрӣ, мутобиқ

1. Большаков О.Г. История Халифата. Том. 1. -С. 161.

ба 8-11-уми июни соли 632-и мелодӣ аз ҷаҳон чашм пӯшид. Мақбараи Паёмбар (с) дар Мадина воқеъ аст, ки баъди Каъба ба дуюмин зиёратгоҳи муқаддаси мусулмонон табдил ёфтааст.

Шахсияти Муҳаммад (с) чун пешвои ислом, инак, ҳазору чорсад сол аст, ки дар байни ҷонибдорону мухолифони Ӯ баҳсу мунозираҳо меангезад. Вале сарфи назар аз ин мунозираҳо Муҳаммад (с) як инсони фурӯтан, ростқавл, хоксор ва покманишу некмазҳар буда, аксаран бо риёзату ниёиш умр ба сар мебурд. Ӯ дар тӯли зиндагиаш аз инсофу адолат, баробарию бародарӣ, дастгирию пуштибонии аҳли ислом пайравӣ мекард ва шукӯҳу ҷалоли зоҳириро намеписандид. Ба қавли Табарӣ, ӯ ба бисту ҳафт газо ва нӯҳ ҳарб - Бадр, Уҳуд, Ҳандақ, Қурайзо, банӣ-Мусталиқ, Макка, Хайбар, Ҳунайн ва Тоиф ширкат варзида, барои интишори ислом тамоми ҳастиашро бахшидааст.

Паёмбари ислом (с) ҳатто дар моҳҳои вопасини умраш ҳам омодагиро ба ҷанги Сурия идома бахшида, сипоҳи муҷаҳҳазу муназзами исломро гирд овард. Вале марг Ӯро амон надод ва ин амри Ӯро яке аз нахустин халифаҳои рошидин - Абӯбакри Сиддиқ анҷом дод.

Таълимоти ислом дар пояи Қуръон - расму ойин, ки аҳкоми дин ва бинои мусалмонӣ, аз ҷумла, *калимаи шаҳодат, рӯза, намоз, закот, ҳаҷ*ро фарз гардонида, барои таъсиси хилофат дастурҳои нахустини *аҳкоми шариат*ро пеш гузошт. Ҳамин тариқ, дар заминаи *Қуръон, суннат (ҳадис)* ва *аҳкоми шариат* рукнҳои низоми давлатдории исломӣ ва тамаддуни ислом арзи ҳастӣ намуд, ки онро баъди сари Муҳаммад (с) халифаҳои Ӯ идома бахшиданд. Яке аз муқаддамтарин вазифаи халифаҳо интишори ислом ва ҷиҳод дар роҳи Худо буд, ки аз ҷонишинҳои Паёмбар (с) қобилияти роҳбарӣ, донистани аҳкоми шаръӣ, зиракии сиёсӣ ва ҷасорату фидокориро тақозо мекард.

Ҳамин тариқ, бо рисолати Паёмбар (с) ва интишори ислом дар баробари чор тамаддуни бузурги ҷаҳонӣ - *тамаддуни ориёӣ, тамаддуни масеҳӣ, тамаддуни яҳудӣ* ва *тамаддуни буддоӣ* дар арсаи таърих *тамаддуни ислом* падид омад, ки дар тайи асрҳои минбаъда ба чаҳор самти олам густариш ёфта, дар андешаву ҷаҳонбинии инсоният таҳрикоти бузурге ворид намуд. Дертар дар аҳди давлатдории хулафои рошидин дини ислом ба қаламрави Эрону Осиёи Хурд паҳн шуда, пайравони зиёде пайдо кард ва дар арсаи олам мақоми арзандаи умумибашарӣ ёфт, ки ниёгони дорои кеши зардуштии мо – тоҷикон низ баъди паси сар кардани *тамаддуни ориёӣ* шомили *тамаддуни ислом* гардиданд.

## *Имоми АЪЗАМ*

# АСОСГУЗОР ВА ПЕШВОИ МАЗҲАБИ ТАҲАММУЛГАРО

### I. ИМОМИ АЪЗАМ ВА ҲУВИЙЯТИ МИЛЛӢ



Дар таърихи тӯлонӣ ва пургановати тамаддуни халқи тоҷик, бахусус давраи исломии он, шахсиятҳо ва нобиғаҳои зиёде ба зуҳур омадаанд, ки дар ташаккулу такомули фарҳанг, ҳувийят ва асолати миллӣ нақши беназире боқӣ гузоштаанд. Аз баракати заҳмат ва корномаи пурвусъату башардӯстонаи онҳо сиришти фитрӣ ва ҳувийяти таърихию фарҳангии миллат ҳифз шуд ва барои инкишофи оянадаи он заминаи муносиб ба вуҷуд омад.

Ҳар қавму халқ ба арзишҳои таърихии худ ҳамеша ниёзмандии зиёд дорад. Ва ин арзишҳо пайваста ва оқилона барои тарбияи ахлоқию маънавии наслҳо истифода мегарданд. Бо роиҷ гаштани ислом барои халқи тоҷик равзана ба ҷаҳони дигаре кушода шуд. Фарҳанги миллӣ бо фарҳанги исломӣ омезиши рангине пайдо кард. Дар навбати худ арзишҳои таърихии халқи тоҷик фарҳанги исломиро боз ҳам ғанӣ гардониданд.

Дар амри хайри эҳёи арзишҳои миллию таърихӣ фарзандони бузурги халқи тоҷик - Имом Исмоили Бухорӣ, Яъқуб ва Амри Лайси Саффорӣ, Оли Сомон ва бахусус намояндаи ин хонадони бонангу номус - Исмоили Сомонӣ нақши барҷаста ва бегазанд доранд. Дар ин силсилаи зарин фарзанди фарзонаи халқи тоҷик Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит низ мақоми хоссаеро соҳиб аст.

Корномаи ин шахсияти бузург ва нобиғаи асил дар дунёи илму маонӣ то ба ҳанӯз асрори зиёди нокушуда дорад, ки пажӯҳиши доманадорро тақозо менамояд. То имрӯз сари мавзӯи ватани аҷдодӣ ва насабу куняи ӯ баҳсу мунозираҳо идома доранд. Аммо таъкиди ин ҳақиқат бамаврид аст, ки аксари муаллифони пешин ва муҳаққиқони муосир эътироф намудаанд, ки Имоми Аъзам бидуни шакку шубҳа аслан тоҷике аз сарза-

мини тамаддунхези Хуросони Бузург, саҳеҳтар гӯем, аз шарқи ин хиттаи бузург будааст, ки дар он ҷо аҷдоди асили тоҷикон зиндагӣ доштанд ва фарҳанги пурбори ҷаҳоншумулро эҷод намуданд.

Муҳимтар аз ҳама асрҳои V-VI марҳалае буд, ки раванди инкишофи тамаддуни халқи тоҷик вусъати тоза гирифта буд. Имоми Аъзам ва аҳли хонадонаш аз ашрофзодагони тоҷик маҳсуб меёфтанд. Тибқи санадҳои таърихӣ ин хонаводаи шарифу бонуфуз дар хиттаи Кобули таърихӣ ё Бомиён ва мутобиқи баъзе маълумотҳо дар Марв ё шимоли Бохтар иқомат доштааст.

Баъд аз он, ки футӯҳоти исломӣ ба самти шарқи Хуросон тавсеа ёфт, дар огози солҳои 60-уми қарни VII Кобул фатҳ гардид. Бар асари ин бобои Абӯҳанифа - Марзбон, сарвари бонуфузи қавм асир гирифта шуд. Вале ӯ баъдан ба шарофати донишу хиради бузургаш сазовори унвони мавлои қабилаи арабии банӣ-Тайм гардид. Қобили зикр аст, ки ин хонадон бо вуҷуди шароити ниҳоят номусоид ва ногувори рӯзгор хиради модарзодӣ ва азалиро дар замири хеш маҳфуз дошт. Чунин бархурдорӣ аз маърифат то ба давроне мондагор шуд, ки фарзанди Марзбон - Собит ба Кӯфа нақли макон кард ва дар ин шаҳри форстаборон зиста, сарватманд гардид. Ҳам сармояи илм бардошту ҳам сармояи моддӣ. Дар ин шаҳр ориётаборони зиёде умр ба сар мебурданд. Ҳамин буд, ки рӯзу рӯзгори ин мардум ба тақвияти асолату ҳувийяти қавмӣ ва таърихии хонадони Собит низ мусоидат намуд.

Бояд таъкид кард, ки солҳои 60-90-уми асри VII барои дини мубини ислом давраи ниҳоят ҳассос буд. Хилофати араб ба давлати бузургтарини давр табдил ёфт, ки он қаламрави васеи музофотӣ ва минтақаҳои пешрафтаи саросари ҷаҳонро фарогир шуда буд. Акнун бинобар таҳаввулоти иҷтимоӣ зарурате пеш омада буд, ки паҳлӯҳои зиёди рӯзгори мардум ба танзим оварда шаванд. Чунин рисолатро танҳо дини мубини ислом бо муқаррароти шаръии худ дар ҳамон давр ба анҷом расонда метавонист. Бинобар ин, он ба озмоишу имтиҳони бузурге мувоҷеҳ гардид. Дар ин марҳала китоби осмонии Қуръони карим ва ҳадисҳои набавӣ дастури бузурги зиндагии мусулмонон гардиданд, вале гузашти рӯзгор масоили зиёд ва нав ба нави иҷтимоиро дар пешорӯи инсонҳо қарор медод. Яъне низоми ҷомеа пайваста ислоҳоту такомулро тақозо дошт. Бесабаб нест, ки мубоQизаи шадиди динӣ-маънавӣ ва сиёсӣ-иҷтимоӣ ҷараён гирифта, калом, фалсафа ва тасаввуф зуҳур намуданд.

Маҳз дар чунин даврони сарнавиштсоз дар рӯзи аввали баҳор - Наврӯзи Аҷам дар хонадони Собит фарзанди ягона ва солеҳе ба дунё омад,

ки ӯро Нуъмон номиданд. Ин тифли маъсум, ки аз ибтидо хушманишу дидадаро буд, ҳушманду озода ба камол мерасид. Қуръони каримро дар айёми наврасӣ ҳифз кард. Улуми дигарро аз устодони маъруф ва фозил фаро гирифт. Баъдан шуғли аҷдодиро пеша намуд. Дар 15-солагӣ ҳамроҳи қиблагоҳи худ ба зиёрати Хонаи Худо мушарраф шуд. Дар фосилаи ин фурсати муносиб бо яке аз саҳобагони Расули Акрам (с) мулоқот намуд ва ин суҳбати муфид ӯро аз зумраи тобеин гардонид. Омӯзиши фарогир дар назди фақеҳи машҳур Ҳаммод ибни Сулаймон ӯро ба мартаба расонд.

Ба зудӣ дар зиндагиаш гардиши қатъӣ рух дод ва худро батамом ба омӯзиши улуми исломӣ бахшид. Майдони аслии омӯзишу талошҳои ӯ калом буд. Ин замоне буд, ки баҳси каломӣ меҳвари талошҳои илмӣ ва ақлонии уламо маҳсуб меёфт. Аҳли илму маърифат дар маҳфилҳои хеш таҳқиқи каломро мавзӯи асосии баҳсу мунозира қарор медоданд. Абӯҳанифа дар онҳо ширкати фаъол ва сухани бикру қотеъи худро дошт. Ҳамин буд, ки дар муддати кӯтоҳ мақоми баландтаринро касб намуд. Бахши умдаи осори ӯ мавзӯоти каломиро дар бар мегирад ва аввалтар аз ҳама нерӯи бузурги тафаккури каломии ӯро ифода мекунад. Устодаш Ҳаммод қабл аз вафоти худ сарварии ҳавзаи илмии Кӯфаро бар ӯҳдаи Абӯҳанифа вогузор месозад. Аз ин пас давраи камолоти эҷодии Имом фаро мерасад. Дар он айём беш аз 700 нафар шогирд дошт.

Имрӯз замоне фаро расидааст, ки андешаҳо ва ақоиди каломии ин мутафаккири бузург мавриди омӯзиш ва баррасии амиқу ҳамаҷониба қарор гиранд. Ин вазифаи шарафмандонаи муҳаққиқони имрӯза ва оянда аст.

Мо мероси гузаштаи маънавӣ ва шахсиятҳои барӯманди илмӣ, динӣ, адабӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии халқи худро бояд хуб шиносем ва бо истифода аз осори ғанӣ ва боарзиши онҳо ҷомеаи имрӯзаро дар рӯҳияи эҳтиром ба гузаштагон тарбия карда, ба ин васила як давлати озод, ободу орӣ аз таассубу ихтилоф эҷод намоем. Ҷаҳони маънавии ҷавонони худро ғанӣ созем, зероояндаи кишвару давлат ба шахсият, дониш, ҷаҳонбинӣ ва худшиносии миллии онҳо сахт вобаста мебошад.

Ба эътирофи ҳамагон майдони аслии корномаи бузург ва таърихии Имоми Аъзам фиқҳ, яъне илми шариат, будааст. Таваҷҷуҳ ва руҷӯъи ӯ ба фиқҳ амри қонунӣ буд: бо фарогирии амиқ ва комили улуми исломӣ ӯ возеҳан дарк намуд, ки фиқҳ тарзи саҳеҳ ва дурусти муайян намудан ва татбиқ сохтани аҳкоми Қуръон ва суннати Расули Акрам (с) дар ҳаёти умматӣ исломӣ мебошад, ки бо анбӯҳи азим ва рӯзафзуни масоил, мушкилот ва печидагиҳои иҷтимоӣ ва ақидатӣ-фикрӣ рӯ ба рӯ буд ва ба дастури саҳеҳ ниёз дошт.

Табиист, ки *манбаи бунёдӣ ва асоситарини низоми фиқҳии ислом* аҳкоми ***Қуръон*** буд, ки шариати исломиро муайян месозад. Вале шинохту дарки саҳеҳи ин аҳком ҷаҳди воқеӣ ва пайвастаро тақозо менамуд. Имом Абӯҳанифа ин амрро беҳтар ва бештар аз дигар муҷтаҳидон дарк намуд ва дар ин ҷода талошу пайкори хастагинопазир дошт. Ӯ дар ин росто аз манобеи зиёд истифода намуд, аз афроди огоҳ омӯхт, борҳо ба марказҳои муҳими улуми динӣ сафар кард ва дастовардҳои онҳоро мавриди баҳрабардорӣ қарор дод. Имом намунаи ибратбахши шахсияти бузурги сидқан мутадайин, худошиносу худотарс гардид. Ӯ бо камоли масъулият ва сидқи комил дар асоси Қуръони маҷид, аҳодиси набавӣ ва суннати Паёмбари ислом(с) рафтор ва иҷтиҳод мекард.

*Ҳазрати Имоми Аъзам хислатҳои ҳамида дошт. Камсухан буд, озода мегашт. Таърифу худнамоиро дӯст намедошт. Насиҳаташ ин буд, ки султони даврро эҳтиром гузоред ва дар пешаш дурӯғ нагӯед. Саховатпеша бошед. Аз сухани ҳақ истиҳола накунед, агарчи дар рӯ ба рӯятон шоҳаншоҳ истода бошад.*

Имом Абӯҳанифа равиши дақиқ ва эҳтиёткоронаро дар мавриди ***суннат*** ба сифати *масдари дувуми фиқҳи исломӣ* ҳамчун қонуни зиндагии мусулмонон интихоб намуд. Ин амр қабл аз ҳама баёнгари сидқи қалбии ӯ ба суннат буд. Ҳамзамон бояд дар назар дошт, ки он айём ҳанӯз илми ҳадис пурра ташаккул наёфта ва ҳадисҳои саҳеҳ тадвин нагардида буданд. Иловатан, дар шароити шиддати рӯзафзуни муборизаи сиёсӣ ва мухолифатҳои динӣ имкони амалии тағйиру таъбири носеҳеҳ ва таҳрифи ҳадисҳо мавҷуд буд.

Тавре маълум аст, ***иҷмоъ*** ҳамчун ҳукмбарории дастаҷамъии муҷтаҳидон *сарчашмаи сеюми фиқҳи исломӣ* дониста мешавад. Аммо раванди эътибори мустақилу шаръӣ касб кардани он хеле печида буд ва ин падида дар шароити бархӯрдҳои шадиди фикрӣ ҷараён дошт. Дар ин росто масъалаҳои зиёд, қабл аз ҳама, меъёри возеҳи ҳаққи иҷтиҳод, сифатҳои муҷтаҳид, ҳадди раъй, таҳия ва тасвиби иҷмоъ мавзӯи баҳсҳои тӯлонӣ буданд. Дар навбати худ иҷмоъ дар шаклгирӣ ва рушди фиқҳи исломӣ ҳамчун низоми фарогир ва муассири ҳуқуқӣ нақши боарзиш ва таърихӣ дошт. Иҷмоъ ба рушди андешаи исломӣ мусоидат намуда, рӯҳияи эҷоду халлоқиятро тақвият бахшид, бунёди илмӣ ва ақлонии низоми фиқҳи исломиро нерӯманд сохт, созандагӣ, пешрафт ва рушдро ба самтҳои муҳими зиндагии иҷтимоии мусулмонон табдил дод. Аз ин ҷиҳат, хидмати Абӯҳанифа дар мавриди он ки ба иҷмоъ аз ҳайси эътибор ҳамчун

сарчашмаи қонунгузории исломӣ мақоми мустақил додааст, хеле бузург мебошад.

Барои мо маълум аст, ки тамаддуни исломӣ дар асрҳои IX-X рушду нумӯъ ёфта, ҷомеаи исломӣ ба ҷомеаи пешрафтаи ҷаҳонӣ табдил гардид. Дар ҳамин равия иҷмоъ мавриди истифодаи васеъ қарор гирифта буд ва дарҳои иҷтиҳод боз буданд. Бахши фаъолу нерӯманди ҷомеа арзишҳои бузурги пешина ва замонаро азбар карда, дар талоши таъмини мақоми пешоҳанги худ буд. Вале ин воқеъиятро наметавон нодида гирифт, ки иҷмоъ бо мушкилоти муайяни айнӣ ва зеҳнӣ рӯ ба рӯ буд.

*Аввалан*, бинобар ҳассосияти масъалаҳои динӣ дастёбӣ ба иҷмоъ амри ниҳоят мушкил буд. Бахусус дар давроне, ки саҳоба ва тобеин фаъолу эътибори динӣ ва иҷтимоии онон возеҳ ва мусаллам буд.

*Дувум*, доираи масоил ва мавзӯоти иҷмоъ нисбатан маҳдуд буд.

*Севум*, татбиқ ва амалкарди иҷмоъ барои уммати исломӣ бинобар густариши қаламрави андеша ва шиддати рӯзафзуни ихтилофу зиддиятҳои ақидатӣ-фикрӣ ва иҷтимоӣ яксон ва умумӣ набуд.

*Чаҳорум*, ташаккули иҷмоъ ба сифати яке аз сарчашмаҳои муҳимтарини фиқҳи исломӣ дар шароити пайдоиш ва шаклгирии равияҳои мафкуравӣ (калом ва фалсафа) ва соҳаҳои муҳими улуми суннатӣ ба шумули таърих, ҷуғрофия, нуҷум, риёзиёт, тиб ва гайра ҷараён мегирифт. Ин амр, албатта, ба мазмун, чаҳорчӯбаи мавзӯот ва хусусиятҳои иҷмоъ таъсири амиқ дошт.

*Панҷум*, иҷмоъ ифодаи возеҳи зарурати таърихӣ ва ҳаётии посух гуфтан ба таҳаввулоту тағйирот ва падидаҳои навини иҷтимоӣ буд, ки онҳо мазмуни печида ва норӯшан доштанд ва ин амр таъбиру тафсири айнии онҳоро мушкил месохт.

Бо дарки омилҳои зикршуда ва тақозои рӯзафзуни ҷомеа Имом Абӯҳанифа беш аз пеш ба истифодаи *сарчашмаи дигари фиқҳи исломӣ* - ***қиёс*** даст зад. Дар ҳамин замина қиёс ба майдони фарохтар ва васеътари истифодаи далоили мантиқӣ ва ақлонӣ табдил ёфт.

Аз ҳамон давра инҷониб аз чор се ҳиссаи донишҳои марбут ба фиқҳ, ки аз Қуръон ва суннат гирифта шудаанд, ба Имоми Аъзам дахл доранд.

Тавре интизор мерафт, қиёс мавриди баҳс ва ҳатто ихтилофу зиддияти гурӯҳҳои дорои назари хос ва шинохти догматикӣ гардид, ки дар ҳаллу фасли масоили фиқҳӣ онҳо аслан ҷонибдори истифодаи тақлиди зоҳирии аҳкоми Қуръон ва ҳадисҳо буданд. Қиёс бо аҳком ва нукот пайванди табиӣ ва мантиқӣ дошт. Масоиле, ки дар ҳаллу фасли онҳо қиёс мавриди истифода қарор мегирифт, зотан дорои хислат ва мазмуни муштарак, мушобеҳ ва гузашта аз ин, ба амалияи иҷтимоӣ ниҳоят наздик буданд.

Бахусус таъкид мебояд намуд, ки сарчашмаи бунёдӣ ва аслии қиёс аҳкоми Қуръон ва ҳадисҳои Расули Акрам(с) аст. Қиёс пайванди зотӣ ва усулии онро ҳифз намуда, ҳамзамон тобишҳо ва мураккаботи сохтори иҷтимоии башарро бештар ва беҳтар мадди назар мегирифт ва дар танзими паҳлӯҳо ва бахшҳои печидаи он нақши муассир касб менамуд.

Амиқрафти рӯзафзуни қиёс дар фиқҳи исломӣ тадриҷан ба он мусоидат кард, ки низоми ташаккулёбандаи фиқҳ хислати нисбатан васеътарро касб намояд. Ба шарофати он тамаддуни исломӣ нерӯи азиме гирифта, осору арзишҳои бузурги башариро аз бар намуд.

Имом Абӯҳанифа бо нубуғ ва заковати фитрии хеш ба дурустӣ дарёфт, ки урфу одат ва анъанаҳои мардумӣ метавонанд сарчашмаи муассири танзими зиндагӣ ва умуман иҷтимоиёти одамон гарданд. Ин арзишҳо ҳосили таҷрибаи тӯлонӣ буда, дар масири таърих бо заковату хиради инсон ва таҳаммулпазирии иҷтимоӣ такмил ёфтаанд. Табиист, ки мазмуни таърихӣ, иҷтимоӣ ва маънавии онҳо мураккаб ва баъзан зиддиятнок аст. Ин асл мазмуни воқеӣ ва возеҳи инсонгароӣ дорад. Онҳо дар мафкураи таърихӣ ва ҷаҳоншиносии иҷтимоии миллату халқиятҳо мақоми боарзишеро соҳиб мебошанд.

Ин воқеият муҳим буд, ки меъёру арзишҳои онҳо аксаран бо усулу арзишҳои динҳои бузурги ҷаҳонӣ, қабл аз ҳама, дини мубини ислом мутобиқ карда мешуданд. Бо дарку шинохти возеҳи ин амр Имоми Аъзам корбурд ва истифодаи васеи ин ниҳодҳои муассири иҷтимоиро салоҳ ва матлуб медонист. Қобили зикри хос аст, ки ин амр омили ниҳоят муҳими ташаккулу густариши мазҳаби ҳанафӣ ва ба як *мазҳаби бузургтарини дини ислом* табдил ёфтани он гардид.

Корбурди васеи усул, шеваҳо ва ниҳодҳои мазҳаби Имоми Аъзам дар чаҳорчӯби мактаби фиқҳии ӯ нақши муассир ва тӯлонӣ дошт. Ташаккули чунин мактаб аз хидматҳои таърихии Имом Аъзам аст. Шогирдону намояндагони маъруфи он, қабл аз ҳама имом Абӯюсуф ва имом Муҳаммади Шайбонӣ, дар гирдоварӣ ва шаклдиҳии низоми ақидатӣ ва фиқҳии ӯ нақши бузург доштанд. Ба шарофати хидмати онҳо ин низом ҳифз шуд, побарҷо монд ва такмил ёфт. Ҳамзамон нақши онҳо дар рушди асосҳои фиқҳӣ ва бахусус татбиқи амалии усулу ниҳодҳои он дар арсаҳои гуногуни зиндагии иҷтимоӣ, таърихӣ ва маънавӣ носутурданист.

Ташаккул ва таҳаввули таърихии мазҳаби ҳанафӣ ба зарурати танзими беҳтар ва васеътари умури иҷтимоӣ вобаста буд. Ин ниёзи таърихӣ тадвини ҳадисҳои саҳеҳро амри воқеӣ намуд, ки натиҷаи матлуби он силсилаи китобҳои ҷомеи ҳадисҳои саҳеҳ буд. Намунаи барҷастаи онҳо

«Ҷомеъ-ас-Саҳеҳ»-и фарзанди бузурги халқи тоҷик Имом Исмоили Бухорӣ мебошад. Ин воқеъиятро набояд фаромӯш сохт, ки *аксари мураттибон ва тадвингарони маҷмӯаҳои муътабар ва эътирофшудаи ҳадисҳои саҳеҳ намояндагони халқи тоҷик буданд.* Тадвини ин маҷмӯаҳо бунёди динӣ-ҳуқуқии фиқҳи исломӣ ва бахусус мазҳаби фиқҳии ҳанафиро ба таври ҷиддӣ тақвият бахшид.

Мазҳабҳои гуногуни таърихӣ гувоҳанд, ки Имом Аъзам ва мазҳаби фиқҳии ӯ дар ҳифз ва тақвияти асолати қавмӣ-миллӣ, ҳувийяти таърихӣ ва арзишҳои фарҳангӣ ва динии халқҳои шомили Хилофати исломӣ нақши бузурги таърихӣ доштанд. Агар имрӯз халқҳои мусулмони дорои асолату ҳувийяти том, забон, фарҳанг, урфу одат ва суннату анъаноти хосу нотакрори таърихӣ фаъолияти босамар ва созанда дошта бошанд, пас дар ин амр хидмати арзандаи ин бузургмард ва мазҳаби ӯ хеле хуб возеҳ мегардад.

Хидмати ӯ махсусан дар ҳифз ва тақвияти асолати таърихӣ ва фарҳангии халқи мо бесобиқа бузург ва шоистаи қадрдонист. Давраи зиндагии Имоми Аъзам ва ташаккули мазҳаби фиқҳии ӯ марҳалаи таърихии ниҳоят ҳассос ва нозук маҳсуб мешуд. Ин давроне буд, ки заминаҳои муносиб барои ташаккул ва инкишофи давлатдории миллӣ мавҷуд набуданд, усул ва арзишҳои миллӣ бо сабаби ривоҷи сиёсати афзалиятхоҳӣ ва моҳиятан империи хилофат амалан рад мешуданд, ҷараён ва созмонҳои ифротӣ ва тундрави динӣ фаъолияти густурда доштанд, доираҳои бузурги аъёну ашрофи маҳаллӣ усулу арзишҳои фарҳанги ҳокимро пазируфта, асолати миллӣ-таърихии худро аз даст медоданд, асолати халқҳои бостонӣ ва соҳибтамаддун босуръат коҳиш меёфт. Фақат чанд омил, пеш аз ҳама, шеваҳои устувори фарҳангӣ-тамаддунӣ ва густаришу тақвияти ҳаракати озодихоҳӣ ба ҳифзи асолати таърихии халқҳои тобеи хилофат мусоидат менамуданд.

Дар чунин даврони ҳассос Имом Абӯҳанифа забони модарии худ - тоҷикиро ҳамчун забони дувуми ибодати динӣ, фаъолияти фарҳангӣ ва иҷтимоӣ ҷоиз дониста, ба хотири ҳифзу нигаҳдошти он асосҳои шаръиро таъмин намуд.

Чунин хидматҳои таърихии Имоми Аъзам исботи возеҳи он аст, ки ислом ба забон ҳамчун зербинои аслии ҳувийят ва ҳастии халқу миллатҳо мухолифат надорад. Халқи мо бо иршоду раҳнамоии чунин нобигаҳо ва бузургони худ забонро ҳамчун гавҳари ноёб дарёфт ва онро бо ҳама васоили имконпазир ҳифз намуд, равнақ бахшид ва шуҳраи офоқ сохт.

Мақоми баланд касб намудани забони тоҷикӣ омили тақвияти худогоҳӣ ва инкишофи фарҳангу тамаддуни халқи тоҷик гардид. Қобили таъкид аст, ки пайравии халқи тоҷик аз мазҳаби ҳанафӣ боиси таҳкими ваҳдат ва муттаҳидии он гардида, ба густариши ҷараёнҳои тундрав ва ифротӣ, созмонҳо ва равияҳои ифротӣ монеъ шуд. Имоми Аъзам мефармояд, ки *ягонагии пиндор, гуфтор ва кирдори аҳли ҷомеа шарти бақо ва ҳастии ҳар як миллат аст*. Зиёда аз он, мазҳаби ҳанафӣ баъзе аркон ва унсурҳои ҳувийяту сирати поки миллӣ, қабл аз ҳама, ҳусни ҳамсоягӣ ва ҳамкорӣ, таҳаммулпазирӣ ва меҳмоннавозӣ, эътидол ва донишандӯзиро тақвият бахшид. Мазҳаби ҳанафӣ бо рӯҳ ва мазмуни ҳастии таърихии халқи мо созгор афтод.

Тавре ки маълум аст, мазҳаби ҳанафӣ маҳз тавассути фарзандони фарзонаю рисолатпешаи сарзамини хуршедии Хуросон дар паҳнои васеи Осиёи Марказӣ, Осиёи Хурд, ғарби Чин ва Ҳинди таърихӣ, баъдан тавассути он дар бахше аз Осиёи Ҷанубу Шарқӣ густариш ёфт ва мазҳаби ҳоким гардид. То кунун дар Мисру Сурия, Ӯрдуну Ироқ ва дигар кишварҳо ҳангоми додани фатво аз аҳкоми мазҳаби ҳанафӣ истифода мебаранд. Мақоми арҷманди ҳанафия сабабгори он шуд, ки анъана, расму ойин, арзишҳои писандидаи миллӣ, меъёрҳо ва аркони сохти иҷтимоии ҷомеаи суннатии тоҷикон (бахусус, таҳаммулпазирӣ, фарҳанги ҳамкорӣ, ҳусни муошират ва равобити ҳасанаи иҷтимоӣ) ва анъанаҳои давлатдории мо дар минтақаҳои таърихан муҳими ҷаҳон тавсеа ёбанд. Ба баракати ин раванд забони тоҷикӣ забони аслии идора, фарҳанг, адаб ва муоширати байни халқҳо ва қавмҳои шимолу маркази Ҳинди таърихӣ гардид ва ин мартабаи волои худро муддати тақрибан 700 сол ҳифз намуд. Адабиёти тоҷикию форсӣ дар ин хиттаи бостонӣ ба авҷи худ расид ва Ҳинд то огози қарни XX маркази маъруфи адабу фарҳанги тоҷикӣ буд. Шоирони барҷастаи тоҷикзабони Ҳинд - Амир Хусрави Деҳлавӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Зебунисо, Мирзо Асадуллоҳи Ғолиб ва Муҳаммад Иқбол ифтихори адабиёти оламшумул ва пурғановати мо мебошанд.

Улуми исломӣ, мактабҳои каломӣ, тариқатҳои тасаввуфӣ ва аркони дигари тамаддуни исломӣ аз Хуросони Бузург дар кишвари Ҳинд низ паҳн гардиданд. Дар ин замина улуми исломӣ, тасаввуф ва адабиёти орифона ба зудӣ васеъ рушд ёфта, натиҷаҳои амалии онҳо баъдан дар Хуросон ва Мовароуннаҳр мавриди истифода қарор гирифтанд. Барои мисол тарҷумаи тоҷикии Қуръон, ки аз ҷониби муфассир ва муҳаққиқи маъруфи Ҳинд шоҳ Валиуллоҳи Деҳлавӣ дар асри XVIII анҷом дода шуд, бинобар саҳеҳ, сода, равон ва хушоҳанг буданаш на фақат дар Ҳинд,

балки дар Осиёи Марказӣ, Эрон ва Осиёи Ғарбӣ низ васеъ паҳн гардид. Ғузашта аз ин, он дар садри тарҷумаҳои зиёди тоҷикии Қуръони карим қарор гирифт. Ва ниҳоят дар даврони истиқлолияти миллии мо таҳия, тарҷума ва чопи Қуръони карим ба забони тоҷикӣ анҷом пазируфт, ки он ҳоло ба китоби рӯидастии шаҳрвандони кишвар табдил ёфтааст.

Таърих гувоҳ аст, ки асрҳои XVI-XIX бинобар омилҳои зиёди айнӣ ва зеҳнӣ, бахусус ҳуҷумҳои пайиҳами қабилаҳои саҳронишин аз шимол, поин рафтани нақши транзитӣ ва тиҷоратии роҳҳои хушкии байниминтақавӣ ва тиҷорат дар Осиёи Марказӣ, боло гирифтани хурофот, таассуб ва ихтилофу зиддият ва ғайра даврони рукуд ва таназзули иҷтимоӣ, илмӣ ва фарҳангӣ буданд.

Дар чунин даврони мураккаб мазҳаби ҳанафӣ боз ба ҳифзи асолат ва наҷоти халқҳои Осиёи Марказӣ мусоидат кард. Маҳз ба шарофати он арзишҳои волои тамаддуни тоҷикон мақоми баланди иҷтимоии худро дар минтақа аз даст надоданд. Бо назардошти чунин мақом ва ҷойгоҳи муносиби мазҳаби ҳанафӣ бузургмардони ин давра - Абулмаонӣ Мирзо Абдулқодири Бедил ва Аллома Аҳмадмахдуми Дониш ҳимоят ва пуштибонӣ аз мазҳаби Имоми Аъзамро дар маҷмӯъ рисолати бошарафи худ ва мусулмонон медонистанд.

Давроне, ки дар Шарқи исломӣ ҷараёни маорифпарварӣ ташаккул ёфта, ҷунбиши ислоҳоту навсозӣ ба зуҳур меомад ва бо мурури замон вусъат меёфт, аён гардид, ки мазҳаби ҳанафӣ бинобар равзанаи кушодаю васеъ, таҳаммулпазирӣ, созгорӣ бо далоили зеҳнию мафкуравӣ, ақлонӣ ва мантиқӣ ба зиндагии ҳаррӯза ва ниёзҳои иҷтимоии инсон пайванди ногусастанӣ дорад ва ба раванди тағйиру таҳаввули босуръати муосир посухгӯ мебошад. Вале бо камоли таассуф бояд зикр намуд, ки дар асри XX ин нерӯи азими маънавӣ дар сатҳи матлуб истифода нагардид.

Дар охири асри XX ва огози асри XXI мо шоҳиди таҳаввулоти азим ва аслан бунёдӣ мебошем, ки мазмуни ниҳоят мураккаб ва зиддиятнок дорад. Ин зуҳурот ба сарнавишти таърихии инсоният таъсири амиқи рӯзафзун ва пайваста хоҳад дошт.

Мо шоҳиди он гашта истодаем, ки селоби пурталотуми ҷаҳонишавӣ дар баробари ҷиҳатҳои мусбати худ ба усулу арзишҳои асолатӣ ва ҳувийятии халқҳо, фарҳангҳо ва тамаддунҳои таърихӣ таъсири манфӣ низ мерасонад.

Мубопизаи шиддатёбандаи кишварҳои қудратталаб ва сохторҳои гуногуни онҳо барои талоши дастёбӣ ба манобеи ҳаётӣ ва стратегии табиӣ ва иқтисодӣ барои ҳама кишварҳо ва халқҳо хатари рӯзафзун дорад. Ин

хавф барои кишварҳои исломӣ бештар ва возеҳтар аст, зеро ин кишварҳо дорои захираҳои азими табиӣ буда, дар нуқтаҳои ҳассоси геополитикӣ ва геостратегии дунё ҷо гирифтаанд.

Ташвишовар ин аст, ки дар раванди ин мубориза шеваҳо ва василаҳои номашрӯъ ва харобиовар, ки берун аз меъёрҳои байналмилалианд, васеъ истифода мешаванд. Баъзе давлатҳо ва доираҳои бонуфуз аз нерӯи гурӯҳҳои тундрав ва ифротӣ ба хотири манофеи геополитикии худ сӯиистифода менамоянд. Зиёда аз он, гурӯҳҳои ифротӣ ва ҳатто террористие бо дасти дигарон сохта шуда, дар зери ниқоби дини мубини ислом ҳамчун василаи тахрибкорӣ зидди давлатҳои мусулмонӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Ва хеле таассуфовар аст, ки мақомоти ин давлатҳо то ҳанӯз ба чунин зуҳурот эътибори ҷиддӣ намедиҳанд.

Табиист, ки сарчашмаи асосии равияҳо ва ҷараёнҳои тундрав ва ифротӣ мушкилоти зиёди иҷтимоӣ ба шумули камбизоатӣ, бекорӣ, шароити душвори зиндагӣ, сатҳи поини маърифат ва гайра мебошанд. Нерӯҳои муайяни сиёсии дохилӣ ба мушкилоти номбурда ҷомаи динӣ пӯшонда, бо ин иқдомашон барои гурӯҳҳои ноогоҳ ва гаразнок майдони аъмоли харобиоварро фарохтар месозанд.

Дар чунин шароит бегуфтугӯ ихтилоф ва бархӯрдҳои динӣ-мазҳабӣ шиддат мегиранд, зеро истифодаи дин ба гаразҳои сирф сиёсӣ, табақавӣ ва хусусӣ амали таърихан озмудашуда мебошад. Вале ба ифтихор метавон таъкид сохт, ки таълимоти Имоми Аъзам ангезаҳоеро, ки дар натиҷаи онҳо мусулмон аз рӯи ғараз ва фитнаи дигарон хуни бародари мусулмонро мерезад, қотеона маҳкум менамояд. Аслан мероси ақидатӣ ва фарҳангии Абӯҳанифа дар таҳкими ҳамзистии осоиштаи тамоми мусулмонон, махсусан таъмини ваҳдати миллии тоҷикон, аҳамияти ҳаётӣ дорад. Воқеан мазҳаби Абӯҳанифа дар тӯли таърих ва ҳам дар рӯзгори имрӯзаи иҷтимоии мардум ба омили муҳими ваҳдати миллӣ ва башарӣ, мусолиҳа ва таҳкими суботу оромии ҷамъият табдил ёфтааст. Мебояд, ки мо аз ин таълимоти созанда дар амали рӯзмарраи худ пурсамар истифода намоем.

Чунонки таъкид кардем, ҳоло ҳам баъзе давлатҳо ва нерӯҳои мухталифи манфиатдор, гурӯҳҳо ва созмонҳои ифротӣ бо шиорҳои динӣ суботу амнияти кишварҳои рушдёбандаи мусулмониро зери хатар қарор медиҳанд. Барои пешгирии чунин падидаҳои номатлуб моро зарур аст, ки аз назария ва таҷрибаи рӯзгори Имоми Аъзам кор бигирем.

Он гурӯҳҳо ва доираҳои динsocial, ки нақши бузурги амалии мазҳабҳои дини исломро инкор менамоянд ва фирефтаи сармоягузории бегонагон мешаванд, дар ниҳоят арзишҳои суннатии исломиро нодида гирифта,

ихтилофу зиддиятҳои динӣ-мазҳабиро бармеангезанду заминаи кинаву адоват ва низоъро дар ҷомеа ба вуҷуд меоранд.

Имрӯз мо шоҳиди шиддатёбии рақобату низоъи фарҳангҳо ва ташвиқи андешаи «бархӯрди тамаддунҳо» ҳастем, ки аз ҷониби доираҳои ғаразнок барангехта мешавад. Ин падида дар зоти худ хатари азим дорад ва пешгирии он вазифаи ҳар фарди солимандеш ва масъулиятшинос аст. Набояд фаромӯш кард, ки низоъҳои дар заминаи динию мазҳабӣ доманзада оқибат ба фоҷиаи миллӣ меоранд.

Дар чунин шароит бартарии нерӯи таҳаммулпарвар ва зиндагисози мазҳаби Имоми Аъзам комилан возеҳ мегардад ва моро ба роҳи ҳақ ҳидоят мекунад. Андешаҳои пурвусъати илмӣ ва инсонии Абӯҳанифа водор месозад, ки дар чунин даврai таҳаввулоти босуръат мо ба нерӯи хирад, донишу маърифат, усулу арзишҳои зиндагисоз, гуфтору кирдори масъулонаи эшон такя намоем ва бо камоли огоҳиву дурандешӣ амал кунем. Вусъати назар, диди айнӣ ва амиқ, қудрати шинохти умдаи равандҳо ва падидаҳои печидаю пурихтилоф, рӯҳи солим ва иродаи матин, умеди магфират аз Худованди азза ва ҷалла калиди аслии тавфиқу комёбиҳои навин ва ояндаи дурахшони мо мебошанд.

Зиндагию корномаи Имоми Аъзам ва таълимоти абадзиндаи ӯ, ки паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти динӣ-фарҳангии кишварро чун ойина равшан сохта, моро барои анҷом додани рисолати созандагӣ роҳнамоӣ мекунанд, аҳамияти бузурги ҳаётӣ доранд. Бо баҳрабардорӣ аз онҳо дар сулҳу салоҳ бо намояндагони дигар дину мазҳабҳо зистан аз рисолатҳои мусулмонии мост. Худованди кариму раҳим ҳам дӯсти солеҳон аст.

## II. ИМОМИ АЪЗАМ ВА АХЛОҚИ УМУМИИНСОНӢ

Ҷомеаи инсонӣ ба ҷуз қонун ва сохторҳои марбутаи идоракунии худ боз дорои маҷмӯи меъёрҳо ва принсипҳои ахлоқие мебошад, ки рафтору муносибати аъзои онро ба низом медаророад. Агар қонунҳо ва меъёрҳои муайянкардаи онҳо ҳуқуқу озодиҳои одамонро дар ҷомеа ба танзим дароранд, меъёрҳои ахлоқӣ рафтору муносибати онҳоро нисбат ба ҳамдигар, оила, ба гурӯҳҳои иҷтимоӣ муайян мекунанд ва ҳатто ба иҷрои қонуну шартномаҳои иҷтимоӣ мусоидат менамоянд.

Иҷрои меъёрҳои ахлоқӣ ба виҷдони ҳар шахс, расму одат, суннатҳои ҳар халқ ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ низ марбутанд. Вобаста ба дараҷаи рушди ахлоқи ҷамъиятӣ дар бораи сатҳи пешрафти ин ё он халқу кишвар ҳукм рондан имкон дорад. Ҳар қадар дараҷаи ахлоқи ҷомеа баланд бошад,

ба ҳамон андоза риояи талаботи қонун дар он хубтар ҷорист. Инчунин сатҳи болоравии ахлоқи ҷомеа ба устуворӣ ва мустаҳкам будани давлат алоқаманд аст. Агар давлат пуриқтидору мустаҳкам ва дорои қонунҳои хубу ҷорӣ бошад, сатҳи ахлоқии ҷомеа низ метавонад баланд бошад ва баръакс сустӣ ва заъфи давлат ба коҳиши ахлоқ дар ҷомеа оварда мерасонад. Таҷрибаи солҳои нооромии Тоҷикистон гувоҳи онанд, ки бо сусттшавии рукнҳои давлат дар ҷомеа сатҳи ҷинояткорӣ баланд ва рафторҳои ношоями зиддиахлоқии аъзои он зиёд мешаванд. Ҳамин гуна давраҳои буҳронӣ ва пастшавии сатҳи некӯаҳволии мардум ҳам ба ахлоқи ҷомеа таъсири манфӣ мерасонанд. Ахлоқ ифодагари сатҳи маънавии ҷомеа аст. Он ифодакунандаи дараҷаи маданият, нишониҳандаи сулҳу суботи ҷомеа, тарзи зиндагӣ ва эътиқоди мардуми ин ва ё он кишвар мебошад. Чи қадар ахлоқ дар ҷомеа зиёд мавқеъ дошта бошад, ба ҳамон андоза оромӣ ва пешрафт таъмин мешавад. Аз ин ҷост, ки ба масъалаҳои ахлоқӣ чи сиёсатмадорон ва чи олимону ҳакимон аз давраҳои қадим то ба имрӯз таваҷҷуҳ зоҳир карда, дар болоравии он саҳми чашмрас гирифтаанд. Имоми Аъзам аз зумраи ин шахсиятҳои барҷаста ба шумор меравад.

Таҳлили масъалаи ахлоқ дар таълимоти Имоми Аъзам нишон медиҳад, ки сарчашмаи таълимоти ахлоқии ин фақеҳи бузург Қуръони карим ва аҳодиси набавӣ мебошанд. Дар Қуръони карим омадааст: *"Ба дурустӣ, ки мо пайғамбарони худро бо нишонаҳои равшан фиристодем ва ҳамроҳи онҳо Китоб ва тарозуро фурӯд овардем, то мардум ба адлу инсоф амал кунанд"* (Сураи «Ҳадид», ояти 25). Ҳамин тавр, инсоф аз муҳимтарин меъёри ахлоқӣ аст, ки муносибати байни одамон, афроди ҷомеаро дар корҳои диниву дунявӣ ба низоми муайян медарорад ва ҳаёти онҳоро бар пояи устувор қарор медиҳад, ҳақиқат ва дурустии муносибатро ҷорӣ мекунад, онро устувор равшан месозад. Қуръон хислатҳои нек ва рафторҳои шоистаи инсонро равшан баён намудааст: *"Ва мо дар ин Қуръон ба ҳар навъ сухан гуфтем, то пандпазир шаванд, вале ононро ҷуз нафрат намеафзояд"* (Сураи «Исро», ояти 41).

Ахлоқу одоби ҳамида дар оёти зиёди Қуръони маҷид васф шудааст ва Худованд муъминонро даъват ба иҷрои воҷиботу мустаҳсаноти ахлоқӣ кардааст: *"Сифати афв намудан ва сахтгирӣ намудан пеша кун ва дигаронро ҳам ба некӯкорӣ бифармой ва аз ҷоҳилон рӯй бигардон"* (Сураи «Аъроф», ояти 199). Чуноне мушоҳида мешавад, оёти Каломи раббонӣ саршор аз панду ҳикмат ва тарғиби ахлоқи ҳамида аст. Хулласи калом, панду насиҳат ҷавҳар ва ҳикмати дини ислом аст. Ин дастури ахлоқии қуръонӣ дар ҳадисҳои Паёмбар (с) низ равшан баён гардидааст. Ҳадисҳо

тамоми мавзӯъҳои ахлоқиро фаро гирифтаанд, ки аз ҳадиси машҳури *"Дин насиҳат аст"* сар мезанад. Паёмбар (с) дар тамоми гуфтаҳои худ ахлоқи ҳамида, адлу инсоф, шафқату меҳрубонӣ, баробарию бародарӣ, таҳаммулпазирӣ, риояи ҳаққи ҳамсояву калонсолон, падару модарро тавсиф кардааст, ки бахше аз онҳоро метавон ба таври зерин ҳамчун даъватҳои Расули акрам (с) намуна овард: *"Эй мардум! Худованд дар партави ислом бартариҳои насабӣ, авлодию қавмӣ, нажодиро аз шумо бардошт. Ҳамагӣ аз Одам ба вуҷуд омадаед ва ӯ низ аз гил офарида шудааст. Беҳтарини мардум касест, ки ба Худованд нофармонӣ намекунад ва худро аз гуноҳҳо дур медорад. Ҳеҷ яке сурх бар сиёҳ бартарӣ надорад, магар ба тақво. Мусулмон бародари мусулмон аст. Хуни ҳар як бо дигарӣ баробар аст. Ман тамоми ифтихороти мавҳуми даврони гузаштаро беасос эълон менамоям".* Шахсияти Паёмбар (с) намунаи ибратомӯзи ахлоқи исломист. Паёмбари ислом (с) бо хушахлоқӣ, ростгӯӣ, сидққавлӣ ва амонатдорӣ ягонаи давру замон аст. Ҷавҳари ахлоқии нек он аст, ки ҳам дар дину шариат ва ҳам дар рӯзгори ҳаррӯза, оила, ҳаёти иҷтимоӣ амонатдорӣ, муҳаббату эҳтиром, масъулиятшиносӣ, накӯкорӣ ва вафодорӣ риоя шавад. Инҳо сифатҳое мебошанд, ки дар дараҷаи аъло Паёмбари ислом (с) дар зиндагии худ намудор сохтааст. Қиссаю ривоятҳои хеле зиёд бар ин гувоҳанд. Ва на танҳо гуфтаҳои Расули Худо (с), балки рафтору кирдори эшон насиҳатномаи бузурги ахлоқи ҳамида мебошад, ки ҳар фарди мусулмон бояд дар пайравӣ аз он кӯшиш намояд. Маҳз ҳамин сарчашмаҳои муқаддас асоси таълимоти ахлоқӣ дар кору фаъолият ва зиндагии Имоми Аъзам гардидаанд.

Барои нишон додани хизмати Имоми Аъзам дар рушди ахлоқ зарур аст, ки нуктаҳои асосии таълимоти ӯ баррасӣ шаванд. Бузургтарин мавзӯъ, ки дар таълимоти ахлоқии Имоми Аъзам мақоми барҷаста дорад, мавзӯи *адлу инсоф* аст. Бояд хотиррасон кард, ки адлу инсоф чун мафҳумҳои асосии илми ахлоқ ҳанӯз дар таълимоти мутафаккирони қадими ҳам Юнону ҳам Аҷам ҷойгоҳи хоси худро дошт. Алалхусус, дар ойини мардуми Аҷам ва суннатҳои он. Вале ин мавзӯъ дар таълимоти Абӯҳанифа дар иртибот ба тадвини фиқҳи исломӣ баррасӣ шудааст. Барои асоснок кардани масъалаҳои фиқҳӣ ва муайян намудани меъёрҳои шаръӣ бо назардошти адлу инсоф, ки аз таълимоти Қуръон ва аҳодиси набавӣ бармеояд, нуктаҳои муҳими риояи онҳо дар фиқҳи Абӯҳанифа ҷой дода шудаанд. Адлу инсоф талаботи ахлоқие мебошад, ки ҳам ахлоқи иҷтимоӣ, ҳам сиёсати давлату ҳукуматдорон, ҳам хислатҳои умдаи инсониро муайян мекунад. Адлу инсоф ҳам талаботи ахлоқӣ ва ҳам меъёри ҳар гуна

муносибати ахлоқӣ мебошад. Албатта, вақте сухан дар бораи адлу инсоф дар давлат ва сиёсати давлатӣ меравад, ин мафҳумҳо татбиқи худро дар меъёри қонунҳо пайдо мекунанд ва ҳукми қонунро ба худ мегиранд. Вале дар ин маврид ҳам иҷрои онҳо ба афроди ҷомеа алоқаманд буда, ба адлу инсофи онҳо то ҳадде вобастагӣ доранд. Бинобар ин, адлу инсофи мансабдоронро Абӯҳанифа шарти муҳими адли иҷтимоӣ медонад ва зимни баёни ҳукми худ ба гуфтаҳои Қуръони карим такя мекунад. Дар Қуръон ду мафҳуми ифодагари адлу инсоф мавҷуд аст: *адл* ва *қист.* Ва бештар аз 20 маротиба "қист", яъне "адл", ба маънои адлу инсоф омадааст, ки он аз муҳимии масъалаи мазкур дарак медиҳад. Дар Қуръони карим маънии онҳо хеле васеъ ва ҳамзамон амри Худованд дар ин маврид хеле мушаххас аст. Масалан, ояти 90-и сураи «Наҳл» фармудааст: *"Ҳамоно Худо ба инсофу накӯкорӣ ва ато кардан ба хешовандон амр мекунад ва аз беҳаёӣ ва кори нописандида ва бедодӣ манъ мекунад: шуморо панд медиҳад, то бувад, ки шумо пандпазир шавед".* Аз тафсирҳо бармеояд, ки Имоми Аъзам ва шогирдони ӯ ин оятро аз ҷомеътарин оёт донистаанд. Адлу инсоф ба ҷуз маънои иҷтимоӣ, инчунин ба рафтори ҳар фард рабт дорад. Аз ҷумла, дар фурӯши коло. Азбаски адолат ба маънии баробарвазнии ду паллаи тарозу ҳам ҳаст, дар сураи «Мутаффифин» ба онҳое, ки аз тарозу ба нафъи худашон кам карда мефурӯшанд, нигаронида шудааст ва ҳушдор медиҳад. Дар оятҳои аввали ин сура таъкид мешавад, ки *"табоҳ аст ҳоли он мардуме, ки аз тарозуву паймона кам мекунанд".* Риояи адлу инсоф ин ҷо нисбат ба фурӯшандагон таъкид шуда бошад ҳам, он ба ҳамаи ашхосе, ки ба ҳаннотӣ ва фиреб даст мезананд, тааллуқ дорад. Онҳое, ки имрӯз дар бозорҳо ба фиребу найранг машғуланд ва гаронфурӯшӣ мекунанд, бояд донанд, ки ислом онҳоро бим кардааст ва аз рафтори ношоистаи худ оқибат пушаймон хоҳанд шуд. Имоми Аъзам бар зидди гаронфурӯшӣ на танҳо аз нигоҳи таълимотӣ зид будааст, дар фатвоҳояш онро маҳкум кардааст, балки бо рафтори шахсиаш нишон додааст, ки он ҳаргиз амали нек ва хоси шахси мусулмон нест. Абӯҳанифа, ки низ тоҷир буд, ҳар колоро мувофиқи арзишаш нархгузорӣ мекард. Боре моводи ба фурӯшгузоштаи ӯ айбе дошт ва ба ходим таъкид кард, ки ҳангоми фурӯш ин айбро ба харидор гӯяд. Аммо ходим ин таъкиди Абӯҳанифаро фаромӯш кард ва бидуни зикри ин айб онро гаронтар фурӯхт. Имоми Аъзам вақте аз ин ҳодиса хабардор шуд, дастур дод, ки харидорро ёфта, бақияи пулашро ба ӯ баргардонанд. Аммо ин вақт харидор аз Кӯфа ба Мадина сафар карда буд. Абӯҳанифа аз Кӯфа ба Мадина рафта, маблағи зиёдатиашро баргардонид. Имоми Аъзам дар таълимоти ахлоқӣ ба ҷуз

адлу инсоф ба се рукни дигари илми ахлоқ, ки минбаъд дар китобҳои илми ахлоқ тафсири худро пайдо карданд, эътибор додааст.

Абӯҳанифа дар фиқҳи худ адл ва шаклҳои он: *адли иҷтимоӣ, адли фардӣ* ва *адл чун меъёри дигар рафторҳо*ро ба таври пурра тавзеҳ додааст. Фиқҳи Абӯҳанифа меъёрҳои ахлоқиро бо меъёрҳои ҳуқуқӣ тавъам сохта, риояи онҳоро шарти камолоти инсонӣ мешуморад. Дар таълимоти Абӯҳанифа пайванди ҳуқуқ ва ахлоқ ба назар мерасад, ки тибқи он ҷомеаи инсонӣ наметавонад дар сатҳи даркорӣ танҳо аз арзишҳои ахлоқӣ ва ё ҳуқуқӣ баҳраманд гардад. Ҳукмҳои шаръӣ ҳатто дар баъзе мавридҳо доираи иҷрои меъёрҳои ахлоқиро васеътар сохтаанд. Адлу инсоф бо ҳақиқат ва ҳақиқатҷӯӣ низ пайваст аст. Ҳақиқат чун меъёри ахлоқӣ дорои низоми муайян аст, ки дурустӣ ё нодурустӣ, адлу инсоф, росткорию ростқавлӣ ва дигар талаботи ахлоқиро нишон медиҳад. Бузургон дар ҳама давру замон ростӣ ва ҳақиқатро сутудаанд ва ҳукми Қуръони карим аст, ки *"Сухани покиза ва амали солеҳ ба сӯи Ӯ боло меравад, онро (Худо) баланд мегардонад"* (сураи «Фотир» (Офаринанда), ояти 15).

Абӯҳанифа дар шариати исломӣ ба ростию ҳақиқат мавқеи бузургро қоил аст. Ҳақиқатро ӯ меъёри амалҳои шаръӣ гардонида, худ низ ҳақиқатро дар рафтору кирдораш мустаҳкам ҷой дода буд. Вақте халифа Мансур аз ӯ фатвои ҷазо додани аҳли Мавсилро тақозо намуд, ӯ бо сароҳат чунин ҳақ надоштани халифаро исбот кард. Ҳақиқатро бо вуҷуди бар ҷони худ хавфи ҷиддӣ доштанаш пинҳон надошт ва рӯирост баён намуд. Абӯҳанифа ахлоқи шаръиро ба вуҷуд оварда, талаботу меъёрҳои ахлоқиро бо аҳкоми меъёрҳои шаръӣ пайвастааст, ки муҳаққиқони баъдӣ аз ӯ илҳом гирифта, осори барҷастаи ахлоқӣ эҷод кардаанд ва таъсири он на танҳо ба пайравони мазҳаби ҳанафӣ аст, балки таъсири онҳо ба дигар мазҳабҳо, аз ҷумла, пайравони мазҳаби имом Шофеӣ, мушоҳида мешавад. Абӯҳанифа аз осори гузаштагон огоҳ буда, онҳоро дар фиқҳи худ истифода бурдааст. Ба ҷуз осори ахлоқии Аҷам, инчунин Абӯҳанифа шояд бо осори ахлоқии Афлотун ва Арасту, ҳарчанд дар ҷое аз ин ду ном набурдааст, ошноӣ дошта бошад, зеро дар хилофат ин осор дар солҳои охири умри Абӯҳанифа хеле паҳн шуда будааст ва Ибни Надим дар "Феҳрист"-и худ беш аз чиҳил асари ахлоқиро ном мебарад. Дар асри XI зери таъсири фиқҳи исломӣ ва тарҷумаи осори ахлоқии давраи бостон мавзӯъҳои ахлоқ тақсимбандӣ шудаанд. Аз ҷумла, дар "Ахлоқи Носирӣ"-и Насириддини Тӯсӣ илми ахлоқ ба се тақсим мешавад. Масъалаи аввал *ахлоқи нек доштан ва тарбияи ахлоқӣ аст.* Масъалаи дувум *одоби оиладорӣ, покии муносибатҳои оилавӣ* (шояд дар партави таълимоти

Абӯҳанифа, ки дар китобҳои ахлоқӣ ба унвони илми *тадбири манзил* ном бурда мешавад). Ниҳоят масъалаи сеюми илми ахлоқ ахлоқу одоби ҳокимон ва мулкдорон, сарварони давлат, яъне *одоби давлатдорӣ ва сарварӣ* мебошад.

Ахлоқ дар зиндагии шахсии инсон, оила ва ҷомеаю давлат мавзӯъҳое ҳастанд, ки таълимоти ахлоқии Абӯҳанифаро ташкил дода, ба нафси инсон ва ихтиёрдории ӯ марбут мебошад. Ӯ дараҷаи баланди хислати инсон - нафси нотиқаро баён доштааст ва ба таъкидҳои Қуръон роҷеъ ба фазилати инсон, бартариҳои ӯ аз дигар мавҷудоти олам такя мекунад. Ахлоқи инсон ҳарчанд ба қазову қадари Илоҳӣ вобаста бошад ҳам, Абӯҳанифа имкони тарбияи ахлоқӣ, камолоти ахлоқии инсонро таъкид сохтааст. Ҳусни одоби инсонӣ ба кӯшишу фаъолияти ӯ пайвастагӣ дорад. Дар осори ахлоқӣ ва фиқҳи ҳанафӣ беҳтарин ҷанбаи одоби давлатдорӣ раъиятпарварӣ аст. Расидан ба саодат мақсади фаъолияти ахлоқӣ мебошад. Дарёфти саодат минбаъд дар осори бузургони илму адаби халқи тоҷик яке аз масъалаҳои муҳими ахлоқӣ гардид ва чандин китобҳо дар ин мавзӯъ навишта шудаанд, аз ҷумла, “Китоб-ут-танбеҳ ало сабили-с-саодат”-и Форобӣ ва “Танбеҳот ва ишорот”-и Ибни Синоро метавон ном бурд. Адабиёти классикии тоҷику форс аз асри IX шурӯъ карда, то имрӯз ба баёни масоили ахлоқӣ пардохтааст. Ҳоҷат ба баён нест, ки чи асарҳои бузурги ахлоқӣ мисли қасидаҳои устод Рӯдакӣ, “Маснавии маънавӣ”-и Ҷалолуддини Балхӣ, “Насиҳатнома”-и Унсурулмаолии Кайковус, “Бӯстон” ва “Гулистон”-и Саъдӣ, “Хирадномаи Искандарӣ”-и Низомии Ганҷавӣ, “Баҳористон”-и Ҷомӣ эҷод шудаанд ва оғози ин равандро Абӯҳанифа дар фиқҳи худ баён доштааст. Абӯҳанифа на танҳо зимни масоили фиқҳӣ афкори ахлоқиашро баён кардааст, балки насиҳатномаҳои махсуси ахлоқӣ низ аз худ ба мерос гузоштааст. Аз ҷумлаи насиҳатномаҳои эшон, ки дар радифи аввал қарор доранд, насиҳатномаҳое ҳастанд, ки ба риояи адлу инсоф, росткорӣ, илмомӯзӣ бахшида шудаанд. Насиҳатномаҳои ӯ на танҳо ба зиндагии шахсӣ ё фардии одамон дахл доранд, балки дигар паҳлӯҳои ҳаёти иҷтимоии ҷамъиятро ба таври куллӣ фаро мегиранд. Онҳо баислоҳи ҳаёти ҷомеа равона шудаанд. Андешаҳои ахлоқии Абӯҳанифа дар ин насиҳатномаҳо чунон баён шудаанд, ки касро зери таъсири амиқи худ қарор медиҳанд ва аз ҳар ҷиҳат омӯзанда ва арзишманданд. Онҳо ба ҳамаи замону давраҳо дахл доранд ва метавонанд дастуруламали зиндагии фарду ҷомеа қарор гиранд. Муҳаққиқон насиҳатномаҳои зеринро аз Абӯҳанифа зикр кардаанд: «Насиҳатномаи Имоми Аъзам ба Абӯюсуф Яъқуб ибни Иброҳим», «Насиҳатномаи Имоми Аъзам ба Юсуф ибни

Холиди Самтӣ», «Насиҳатномаи Имоми Аъзам ба Абӯисмат Нӯҳ ибни Абӯмарям дар бораи қазо», «Насиҳатномаи Имоми Аъзам ба фарзандаш Ҳаммод», «Насиҳатномаи Имоми Аъзам ба ҷамъе аз ёрон ва шогирдон».

Дар насиҳатнома ба Абӯюсуф Яъқуб ибни Иброҳим, ки муддатҳои зиёде қозии хилофат буд, доир ба муносибат бо подшоҳ, мардум, бо ҳамсар ва хонавода, баёни тақво, меъёрҳои ахлоқӣ ва ғайра фикрҳои ҷолибе баён шудаанд. Дар насиҳат ба Юсуф ибни Холиди Самтӣ бештар ба муносибат бо дӯстон, одоби муошират ва баҳс кардан таъкид намудааст. Яке аз нуктаҳои муҳим дар ин маврид муносибат бо пайравони динҳои дигар мебошад. Дар ин робита Абӯҳанифа таъкид сохтааст, ки бо пайравони динҳои дигар рафтори муносиб ва ҳусни муоширатро бояд ба роҳ монд ва дар пайи ҳамзистӣ бо онҳо буд.

Омӯзиши илм дар ҳамаи насиҳатҳои Имоми Аъзам мавқеи асосӣ дорад. Дар айни замон метавон ривоятҳоеро аз рафтори ӯ ёдовар шуд, ки пандомез буда, иҷрои насиҳатҳояш дар амал мебошанд. Масалан, насиҳати Имоми Аъзам дар бораи он ки ҳар кӣ барои бародараш чоҳ биканад, худаш дар он меафтад, дар мулоқот бо халифа Мансур амалӣ мешавад. Робеъ, яке аз дарбориён хост, ки Абӯҳанифаро назди халифа муттаҳам созад, вале худ ба он дармонд. Робеъ бо овардани суханон аз Абдуллоҳ ибни Аббос, яке аз саҳобаи кибор, таъкид бар он дошт, ки агар кас савганд хӯрад ва баъди як-ду рӯз "иншоаллоҳ" гӯяд, гунаҳкор намешавад. Вале Абӯҳанифа бар хилофи Ибни Аббос фатво дода, гуфтааст: «Қасамхӯранда агар якҷоя бо қасам "иншоаллоҳ" нагуфтааст, гунаҳкор мешавад». Мансур пурсид: "Оё Робеъ дуруст мегӯяд?". Имоми Аъзам фармуд: "Эй амирулмуъминин, агар назари Робеъ дуруст бошад, пас байъат (савганди итоат) гирифтани ту аз мардум фоидае надорад, касе назди ту байъат мекунад, вақте ба хонааш бармегардад, "иншоаллоҳ" мегӯяд ва савгандаш беасар мешавад ва дар сурати шикастани савганд гунаҳкор намешавад". Мансур аз шунидани ҷавоби Абӯҳанифа ба Робеъ гуфт: "Ту наметавонӣ ӯро маҳкум кунӣ". Пас аз поёни маҷлис Робеъ ба Абӯҳанифа гуфт: "Имрӯз наздик буд қабзи рӯҳ шавам". Имом фармуд: "Ту айнан ҳамин амрро барои ман дар назар доштӣ. Аммо ман фақат аз худам дифоъ кардам"[1]. Ҳамин гуна ривоятҳо дар бораи ҷавоби Абӯҳанифа бо хавориҷҳо тасдиқи он аст, ки "доно тавоност".

Дар насиҳатҳое, ки ба Абӯюсуф кардааст, сухан аз одобу муносибат ба подшоҳ меравад. Дар ин ҷо чанд нуктаи муҳимро аз рукнҳое, ки

1. Шиблии Нуъмонӣ. Симои Имоми Аъзам (р). -Душанбе, 2009. -С.113-114.

муносибатро бо подшоҳ ифода мекунанд, ном бурдан мумкин аст, аз ҷумла, дурӯғ нагуфтан дар ҳузури подшоҳ, худдорӣ аз рафтуомади зиёд ба назди вай, пургӯӣ накардан, шинохтани қадру қимати худ ва дигарон, надониста қабул накардани вазифа, дурӣ ҷустан аз атрофиёни подшоҳ, то вақте дар хизмати ӯ ҳастӣ. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки Абӯҳанифа ба идоракунии кишвар, камолоти ходимони давлат ва рафтори шоиста эътибори ҷиддӣ медод, зеро намехост диққати роҳбар ба дигар ҷониб ҷалб шавад, вақти подшоҳ беҳуда сарф гардад ва ӯ аз масоили муҳими давлатдорӣ ғофил монад, бо дурӯғе гирифтори роҳи галат бошад. Дурустии кору рафтор, муомилаю кирдори писандида дар байни мардум ва ҷомеа, ғамхорӣ нисбат ба кӯдакону пиронсолон аз муҳимтарин воҷиботи ахлоқӣ дониста шудаанд. Раҳму шафқат ва меҳрубонӣ сифати неки инсонӣ ва исломӣ аст, зеро Паёмбари ислом (с) фармудааст: *"Касе ба калонсолони мо эҳтиром нагузорад ва ба хурдсолони мо раҳму шафқат накунад, аз мо нест"*. Ин ҳадиси шариф дар баёни ахлоқии Абӯҳанифа ва хусусан дар насиҳатномаҳои ӯ зикри худро ёфтааст.

Ончунон, ки дар баёни илми ахлоқ омада буд, насиҳатҳои Имоми Аъзам ҳам ҷомеа, ҳам оила ва ҳам ҳар як фардро фаро гирифтаанд. Агар бихоҳем, ки таълимоти ахлоқии Абӯҳанифаро хубтару возеҳтар бишиносем, бояд сараввал ба осори гаронбаҳои ин нобиғаи дину миллат рӯ биёрем ва сониян, ба осори таърихӣ ва фармудаҳои шогирдону ҳамасронаш муроҷиат кунем. Дар ин маврид шоиста он аст, ки масъалаи хайру шар, некиву бадӣ, саодат, инчунин масоили марбут ба оилаву оиладорӣ, ки ба ахлоқ пайваст аст, ахлоқро хубтар зоҳир мекунанд, аз назар гузаронида шаванд. Маълум аст, ки дар ҷомеаи инсонӣ як гурӯҳи рафторҳо ба некӣ ва гурӯҳи дигар ба бадӣ тавсиф мешаванд. Абӯҳанифа аз нигоҳи шариати исломӣ ҳусну қубҳро ба ҳамин талабот алоқаманд карда, онҳоро аз ҳамин меъёрҳои исломӣ муайян намудааст. Ҳусну қубҳро вобастаи хайру шарр дониста, тавсифи хайрро ривоҷ дода, аз шарр (бадӣ) мардумро нигоҳ доштааст. Вай аз рӯи эътиқоди худ, ки хайру шарр марбут ба қадари Илоҳӣ аст, инсонро бинобар иродаи озоди ӯ масъул донистааст. Ӯ таълим медиҳад, ки хубу бадро бояд қалбан шинохт ва баъд дар пайравӣ аз афъоли нек кӯшиш намуд, то ки инсон нафси худро бо рафтору андешаҳои нек зинат диҳад ва аз корҳои бад бипарҳезад.

Бисёре аз ин таълимот имрӯз ҳам барои пешрафти ахлоқии ҷомеа заруранд. Ҳалли масоили иҷтимоӣ дар партави ин таълимоти ахлоқӣ ба ҳусни ҷомеа ҳусн афзуда, пешрафти онро таъмин месозад ва риояи онҳо ҷомеаи моро аз баъзе мушкилоте, ки имрӯз дорад, озод мегардонад.

Тоҷикистон, ки дар як давраи бозсозии фарҳангӣ қарор дорад ва рӯ ба бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ниҳодааст, таҳкими ахлоқи иҷтимоӣ дар он ба масъалаи муҳими стратегӣ табдил ёфтааст. Ахлоқи иҷтимоии ҷомеаи имрӯз ва рушди он ба сӯи ҷомеаи демократӣ ва шаҳрвандӣ масъалаҳоеро фаро мегиранд, ки ногузир симои маънавии Ҷумҳуриро дар оянда муайян мекунанд. Ин пеш аз ҳама татбиқи озодиҳои шахс, гуногунандешӣ, омезиши унсурҳои ахлоқи муосир ва суннатҳои ахлоқӣ, баландшавии масъулият барои имрӯзу фардои Ҷумҳурӣ, ривоҷи аслҳои мусолиҳа, ҳилму накӯкорӣ, даст кашидан аз ҳар гуна фишору хушунат, ки меъёри ахлоқи фард ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ гардад, татбиқи эҳтирому эҳсоси бародарӣ дар ҷомеа мебошад. Оё имрӯз дар ҷомеаи мо дар ин самт корҳое анҷом гирифтаанд? Бешак, чорабиниҳои муҳиме дар ин росто амалӣ шудаанд. Аз ҷумла, қонуну кодексҳое қабул шудаанд, ки озодию фаъолияти озодонаи шаҳрвандро ба низом медароранд, қонунҳое, ки ба ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ нигаронида шудаанд, барномаҳое, ки дар соҳаҳои маориф, фарҳанг амалӣ мешаванд ва ба болоравии ахлоқи иҷтимоӣ ҳидоят мекунанд ва ваҳдату ҳамбастагии ҷомеаро қувват мебахшанд. Барои мисол ислоҳоти соҳаи маорифро, ки тамоми аҳли ҷомеа аз неъматҳои он бархурдоранд, ном бурдан ҷоиз аст. Он баҳри ҷорӣ намудани роҳу равишҳои нави таълимӣ ва баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи ахлоқӣ мақоми муҳимро ишғол кардааст. Ё ба шарофати рушди фарҳанги муосир дар Тоҷикистон бисёр суннатҳо ва арзишҳои фарҳангӣ эҳё гашта, бо унсурҳои фарҳанги муосир омезиш ёфтаанд ва ғояҳои асосии ин осори фарҳангӣ василаи тарғиби ахлоқи хуҷаста гардидааст. Дар тарбияи ахлоқии ҷомеа се унсури муҳими муосир ҷой гирифтааст: ***ҳукумати қонун*** - мутобиқ будани ҳар амали инсон барои иҷрои талаботи қонун; ***асли қонун барои ҳама***, аз ҷумла ҳукумат, шаҳрванд; ***масъулияти давлат дар ташкили фазои мусоид***. Барои ҷорӣ шудани ин унсурҳо дар ҷомеа корҳои зиёде анҷом гирифтаанд. Имрӯз мо шоҳиди фаъолияти озодонаи 7 ҳизб ва тақрибан 2,5 ҳазор созмони ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурӣ мебошем. Фаъолияти пурсамари онҳо таъмин шуда, масъалаҳои муҳими ҳаёти ҷамъиятӣ дар Шӯрои ҷамъиятӣ аз тарафи ҳизбу ҳаракатҳо баррасӣ мегардад. Ба воситаи ташкили фаъолияти онҳо унсурҳои ахлоқи ҷомеаи демократӣ дар Тоҷикистон таҳким меёбад ва ривоҷ пайдо мекунад. Эътиборе, ки дар ҷомеа ба тарбияи ахлоқӣ, хусусан ҷавонон, дода мешавад, имкон медиҳад, ки дар оянда таъсири аслҳои олии ахлоқӣ дар байни табақаҳои мухталифи иҷтимоӣ вусъат пайдо карда, симои ахлоқии ҷомеаи моро чун ҷомеаи муосири демократӣ бештар намудор созад. Аммо тарғиби ахлоқи муосир ба он



равона гардидааст, ки дар маҷмӯъ бо анъанаҳои ахлоқи миллӣ, фаъолии табақаҳои иҷтимоӣ, самаранокии фаъолияти ҳар шахс ва ҷомеа ба таври куллӣ ҳусни тоза бахшад. Дар паёмади он зикр бояд намуд, ки як навъ коҳиши ахлоқӣ дар ҷомеаи муосир, аз ҷумла, дар Тоҷикистон, ба назар мерасад. Албатта, барои кишварҳое, ки мушкилиҳои зиёди иқтисодӣ доранд, ба душвориҳои мухталиф рӯ ба рӯ шудани шаҳрвандон амри воқеист.

Ин кор дар дигар мавридҳо мушоҳида мешавад, вале мушкилиҳои иқтисодии ҷомеа миқдори онҳоро андаке бештар сохтаанд. Аз ин ҷо вазифаи давлат ва аҳли ҷомеа аз он иборат аст, ки шароити хубтаре барои кору фаъолият, роҳҳои беҳтар ва ахлоқии дарёфти ризқу рӯзиро барои тамоми аҳли ҷомеа муҳайё созад ва тарбияи ахлоқиро дар оила, мактаб ва тамоми ҷомеа баланд бардорад.

Мақоми оила дар тарбияи фарзанд, болоравии сатҳи маълумот ва вобаста ба ин ривоҷи хушахлоқӣ бояд бештар бошад. Бисёр сарварони оилаҳо бо вуҷуди сарватманд будан ба тарбияи фарзандон кам аҳамият медиҳанд, бо мактаб робитаи зич надоранд. Дар натиҷа фарзандон дар чунин оилаҳо солеҳ тарбия намеёбанд.

Абӯҳанифа муносибатҳои софу покро дар хонавода тарғиб намуда, мақоми волои зан, қадру эҳтироми падар, шавҳар ва тарбияи дурусти фарзандонро нишон додааст. Ӯ таъкид менамояд, ки оила бояд дар асоси ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтироми якдигар бунёд шавад. Аз нигоҳи шаръӣ вазифаи зану мард, волидон ва фарзандро асоснок намуда, муносибати оилавиро ба танзим даровардааст. Никоҳу талоқ, ирсу мерос ва ҳуқуқи ҳар узви оила дар фиқҳи ӯ муайян шуда, аз рӯи он талаботи зиндагии оилавӣ дар тӯли асрҳо бунёд шудааст.

Яке аз муҳимтарин масъалаҳое, ки дар таълимоти Имом ба назар мерасад, ин эътирофи ҳуқуқҳои оилавӣ мебошад. Дар муносибатҳои оилавии имрӯзаи мардуми мо таъсири аслҳои мавриди назари Абӯҳанифа ҷой доранд ва ҳатто дар баъзе мавридҳо ба татбиқи Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо иборат аз меъёрҳои ҳуқуқие ҳаст, ки зери таъсири меъёрҳои ҳуқуқии ҷаҳони имрӯза ба вуҷуд омадааст, балки он рӯҳу мазмуну суннати динии мардуми моро низ ба эътибор гирифтааст.

Абӯҳанифа ахлоқ ё низоми ахлоқиро аз ***ахлоқи таҷвизӣ*** (дастурӣ ё усули ахлоқӣ), ***ахлоқи тавсифӣ*** ва ***ахлоқи назарӣ*** иборат медонад. Ахлоқи таҷвизӣ аз донистани рафтори дуруст ва нодуруст иборат мебошад. Ин навъи ахлоқро Абӯҳанифа дар фиқҳаш асоснок кардааст. Ахлоқи тавсифӣ пеш аз ҳама, фикри мардум дар бораи хуб ё бад будани ин ё он амал аст, ки дар тавсифи ахлоқ ба назар гирифта мешавад. Ахлоқи назарӣ бештар ба ҳукму шарҳи мафҳуму меъёрҳои ахлоқӣ машғул аст. Дар осори фиқҳии худ Абӯҳанифа ба ин нуктаҳо баҳо дода, муҳсиноти ахлоқиро аз нигоҳи шариати исломӣ муайян карда, фикри мардумро нисбат ба рафторҳои неку бад ба назар гирифтааст. Аз ин ҷиҳат урф, яъне анъана ва таомули мардумро манбаи аҳкоми шаръӣ қарор дода, ба бисёр рафторҳои инсон аз нигоҳи урф баҳо медиҳад. Воқеан, мардум худ дар бораи кори неку бад қазовати дуруст мекунанд. Сарчашмаи меъёрҳои нек ва бади ахлоқие, ки дар байни мардум қабул гардидаанд, аз фитрати инсонӣ буда, ба шарҳу баён ва далели изофӣ эҳтиёҷ надоранд. Мақсад аз ахлоқ он риштаи усул ва низоме аст, ки амал ба он суботи ҷомеаро ҳамеша барқарор нигоҳ медорад. Масъалаи усули амонатдорӣ асли ахлоқие аст, ки ҳамаи аҳли ҷаҳон ба он иттифоқи назар доранд. Пас, хулқ ва рафтори хуб дар ҳама замону макон хуб аст ва тамоми инсоният яксон ба онҳо доварӣ мекунад ва ҳеҷ навъи тамаддун онро тагйир дода наметавонад, яъне ахлоқ аст, ки инсонро аз мавҷудоти дигар фарқ мекунонад, ҳарчанд афзалиятҳои дигар ҳам барои инсон вуҷуд доранд, мисли тафаккур ва забон, вале дар

ҳар сурат ахлоқ шоистатарин фарқи инсон, афзалияти ӯст. Ҷомеаи мутамаддин, ки мо дар бунёди он ҳастем, бояд дорои чунин ахлоқе бошад, ки зебу зинати ҷомеа гардад. Аз ин рӯ моро мебояд суннатҳои ахлоқии худро такмил дода, баҳрамандшавии тамоми аҳли ҷомеаро аз онҳо таъмин созем ва меъёрҳои ахлоқи умумибашариро пурра ҷорӣ кунем. Ҷомеаи мо ба таври куллӣ дорои сифатҳои хуби ахлоқӣ аст, вале он дар амалу рафтори на ҳамаи аҳли ҷомеа ҷойгузин шудааст. Дар байни ҷавонон шахсоне дучор мешаванд, ки ба амалҳои зишт даст мезананд, бо рафтору кирдори зишташон ба ҷомеа зарар мерасонанд, муҳити атрофиёни худро носолим месозанд. Албатта, ба баъзеи чунин рафторҳо меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки дар қонун муайян шудаанд, баҳо медиҳанд ва пеши роҳи амалҳои зиштро мегиранд, вале дар ҳама маврид дар муносибати одамон бояд ахлоқ мавқеи асосиро ишгол кунад. Меъёрҳо ва рафторҳое ҳастанд, ки ба онҳо аз ҷиҳати инсонгарӣ баҳо дода мешавад, яъне нисбат ба онҳо меъёрҳои ҳуқуқӣ вуҷуд надоранд, онҳоро худи ҷомеа ба воситаи тарғиби ахлоқи нек тарбия ва ислоҳ менамояд. Дар ин маврид омӯзишу тарғиби ахлоқи нек, хусусан ақидаҳои ахлоқӣ ва рафторҳои неки гузаштагонамон, метавонанд мақоми шоистаро ишғол кунанд.

Дар фиқҳи Абӯҳанифа хирад, адл, камоли инсонӣ тавсиф гашта, зулм мояи нақси ахлоқ дониста шудааст, яъне манъи зулму ситам, таҷовуз ба ҳуқуқи дигарон мақоми хос пайдо кардааст. Дар он баён шудааст, ки ҳусни адл ва қубҳи зулм сарчашмаи фитрӣ доранд ва аз масоили виҷдонӣ мебошанд. Ин ақидаи Абӯҳанифа баъдтар дар илми ахлоқ вусъати бештаре пайдо карда, дар инкишофи назарияи ахлоқии умумиҷаҳонӣ самараи худро пайдо кардааст.

Ба ақидаи Имоми Аъзам, Офаридгор пояҳои камол ва саодатро дар хулқу дили инсон ҷой медиҳад, то он омили камоли ахлоқии инсон гардад ва ақл бо таваҷҷуҳ ба ин ҳидоятҳои фитрӣ амали инсонҳоро муайян месозад. Инсон дар ойинаи фитрат фазилатҳо ва ҳамчунин разолатҳоро дида, онҳоро аз ҳам фарқ мекунад ва аз ин ҷиҳат адолат, покдоманӣ, ростӣ, ҷавонмардӣ ва ғайраро нек мешуморад. Дар ин маврид чунин хусусиятҳои омили фитриро, ки Имоми Аъзам баён доштааст, метавон фарқ кард. Амалҳои фитрии ахлоқӣ ба замону макон, миллату нажод вобаста нестанд, хусусияти умумӣ доранд.

Сарчашмаҳои таърихӣ ва ривоятҳо дар бораи фаъолияти Имоми Аъзам нишон медиҳанд, ки рафтору ахлоқи шахсии ӯ дар тӯли асрҳо намунаи пайравӣ гаштааст. Ба ӯ сифатҳои беҳтарини инсониро муҳаққиқон нисбат додаанд. Муҳаммади Ансорӣ мегӯяд: "Дар ҳар як ҳаракати Имом

Абӯҳанифа, ҳатто дар гуфтугӯ, нишасту бархост ва ғайра аломатҳои донишмандӣ ва фаросат намоён буд”.[1] Алӣ ибни Осим менависад: “Агар ақли нисфи мардони дунёро дар як паллаи тарозу ва ақли Имом Абӯҳанифаро дар як паллаи дигар биниҳанд, паллаи Имом Абӯҳанифа вазнин мешавад”.[2] Дар рафтори Имоми Аъзам хусусиятҳои адолатҷӯӣ, инсофу тақводорӣ, тезҳушӣ, фурӯтанӣ, таҳаммулпазирӣ, саховатмандӣ, оромӣ, хайрхоҳӣ дар авҷи аъло ва дар сатҳи баланди камолот мушоҳида шудаанд. Дар ин бора ривоятҳои зиёде ба назар мерасанд, ки намунаи олии хушахлоқии Имоми Аъзамро нишон медиҳанд. Масалан, раҳмдилии ӯ ба андозае будааст, ки аз дидани шахсони мусибатзада бисёр андӯҳгин мешудааст. Як маротиба шахсе ба ҳалқаи дари масҷид омада гуфтааст, ки фалонӣ аз сақф афтодааст. Билофосила, Имоми Аъзам давону побараҳна ба тарафи хонаи он шахс рафта, машғули ғамхориву муолиҷаи ӯ шуд ва то поёни муддати бемориаш ҳар субҳ ба хабаргириаш мерафт. Вале агар худаш дучори ҳодисае мешудааст, бурдбору босабр буд. Аз ғайбат парҳез мекард ва забонашро аз олудағиҳо нигоҳ медошт. Бисёр зоҳид ва обид буд ва бо алоқаи фаровон ибодат мекард. Зоида (*яке аз фақеҳони номии асри Имом*) мегӯяд: “Мехостам як масъалаи заруриро аз Имом Абӯҳанифа бипурсам. Рафтам ва намози хуфтанро пушти сари эшон хондам. Сипас мунтазир мондам, то пас аз адои намози нафл масъаларо бипурсам. Эшон машғули тиловати Қуръон шуданд. Замоне ки ба ояти “Ва-вақоно азоба-с-самуми” (Сураи «Тур», ояти 1) расиданд (маънои оят *“Аз азоби саропо шуълаи оташи дӯзах моро ба дур дошт”*), ин оятро то субҳ такрор карданд”. Аз дигар сифатҳое, ки муҳаққиқон пайваста дар асарҳояшон такрор намудаанд, саховатмандӣ ва росткории Абӯҳанифа аст. Ба қавли шогирдаш Абӯюсуф, ки муддати дарозе қозии хилофат буд, “бисёр саховатманд буд. Ниёзашро пеши касе матраҳ намекард, мансабу мақом ва иззати дунявиро ҳақир мешумурд. Ҳамин тавр, ки аз молаш саховат мекард, дар нашру сарфи илм низ бисёр саховатманд буд”. Боре Имом ба аёдати мариз (*бемор*) мерафт. Дар роҳ бо касе рӯ ба рӯ омад, ки аз Имом қарздор буд. Он кас роҳашро дигар кард, вале Имоми Аъзам ӯро хонд ва пурсид, ки чаро роҳашро дигар кард. Ҷавоб дод: “Ман аз Шумо ҳазор дирҳам қарздорам, бо сабаби он ки то ба ҳол онро адо карда натавонистаам, хиҷолат намудам”. Имом Абӯҳанифа қарзи ӯро бахшид.

1. Шиблии Нуъмонӣ. Симои Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р). -Душанбе, 2009. -С.161.
2. Ҳамон ҷо. -С. 101-102.

Имоми Аъзам масъалаи ҳурмати волидайнро на танҳо дар фиқҳи худ дар партави оёти Қуръон ва ҳадис ҳал кардааст, балки худаш дар ин ҷода намунаи ибрат буд. Пеш аз расидан ба балоғат Абӯҳанифа аз падар маҳрум мешавад ва зери парастории модар мемонад. Абӯҳанифа доимо дар хидматаш камар баста буд. Модараш ба воизон (*онҳое, ки дар масҷидҳо ваъзу суханронӣ мекарданд*) эътимод дошт. Дар Кӯфа воизе бо номи Амр ибни Зар зиндагӣ мекард, ки модари Абӯҳанифа ба ӯ эътиқоди зиёд дошт ва ба писараш дастур медод, ки масъалаҳоро маҳз аз ӯ пурсад. Амри модарро иҷро карда, ҷавоби масъалаҳоро аз ӯ мепурсид ва ба модараш мерасонд. Вале Амр доимо узр мехост ва мегуфт: "Чӣ тавр метавонам дар пеши шумо лабкушоӣ кунам?". Абӯҳанифа мефаҳмонд, ки ин хоҳиши модараш аст. Дар аксари маврид Амр ҷавоби масъаларо намедонист ва аз Абӯҳанифа хоҳиш мекард, ки ҷавоби масъаларо бигӯяд ва ӯ онро такрор мекард. Баъзан худи модари Абӯҳанифа барои пурсидани ҷавоби масъала мерафт. Модар савора ва Абӯҳанифа пиёда. Бисёр иттифоқ меафтод, ки Амр ҷавоби масъаларо намедонист ва аз Абӯҳанифа мепурсиду ба модари Абӯҳанифа ҷавоб мегуфт. Рӯзе модар ҷавоби масъаларо аз Абӯҳанифа пурсид. Ӯ ҷавоб дод, вале модар барои он ки қаноатманд шавад, онро аз Амр пурсиду ҷавоби Абӯҳанифаро ба ӯ гуфт. Амр гуфт: "Ҷавоби Абӯҳанифа дуруст аст". Модар қаноатманд шуд. Аз ин маълум мешавад, ки Абӯҳанифа бо вуҷуди ҷавоби саволҳои модарро худ доданаш амри ӯро бе камукост иҷро намуда, модарашро назди Амр мебурд ё ҷавоби саволҳоро аз Амр мепурсид, ки ин нишонаи баланди эҳтироми модар аст.

Фиқҳи ҳанафӣ дар назди шавҳар ва зан шартҳои муайян гузоштааст, ки ризоияти ҳар ду тараф, эҳтироми якдигар, тарбияи фарзанди солеҳ, муҳаббат, иффату покӣ, муайян кардани вазифаҳои ҳар яке, ҳам мард ва ҳам зан, аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Аз ҷумла, вазифаҳои зан иҷрои корҳои хона, иффат ва покӣ дар муносибат, худдорӣ аз носозгорӣ бо шавҳар, таълими фарзанд, муомилаи хуб бо шавҳар, қаноатпешагӣ мебошанд. Ҳамчунин мард бояд нисбат ба зан ҷиддӣ ва бо таваҷҷуҳ бошад, зану оиларо бе нафақа нагузорад. Мард нисбат ба зан эҳтирому каромат дошта бошад, ӯро беҳуда озор надиҳад, доимо муҳаббат ва шафқат зоҳир намояд. Иҷрои ин талабот оиларо хеле устувор месозад. Дини ислом, ки худ дини эътидол аст, рӯҳбониятро, ки яке аз ҷиҳатҳояш тарки дунё кардан ва хонадор нашудан аст, рад мекунад. Издивоҷро яке аз суннатҳо дониста, мустаҳкамии оиларо ба ҳукми шаръӣ тақвият мебахшад, муносибати ғайриникоҳии зану мардро маҳкум месозад.

Муҳимтарин масъала тарбияи фарзанд аст. Осори Абӯҳанифа ва панду насиҳатҳои ӯ беҳтарин роҳнамо барои фарзанд мебошанд. Абӯҳанифа таълими илмро ба фарзандон аз олитарин вазифаи падару модар медонад. Вақте кас дар партави таълимоти Абӯҳанифа ба тарбияи фарзандон менигарад, бисёр камбудиҳои тарбияи фарзандро дар оилаҳои имрӯзаи ҷомеа дармеёбад. Барои мисол таъкиди Абӯҳанифа барои беҳуда сарф накардани вақт, одат накардан ба либосҳои пурнақшу нигор ва гаронбаҳо, пӯшидани либосҳои тоза, тарбия дар мисоли шахсиятҳои шинохта, пайвастагии тарбияи фарзанд дар оила бо мактаб. Ҷавонони донишҷӯ имрӯз ба пӯшидани либосҳои номуносиб, овехтани зару зевар чунон одат кардаанд, ки Вазорати маориф ва илм маҷбур шуд қарори махсус қабул намояд, то аз бесарусомониҳо дар либоспӯшӣ пешгирӣ шавад. Он чи ки меҳру муҳаббат ва шавқи ҷавононро нисбат ба хондан ва таълим заиф месозад, метавонад ҳар гуна худнамоӣ, карру фар, рафтори беҳударо талқин созад. Имрӯз дар ҷумҳурӣ масъалаи маориф ва таълиму тарбия аз масъалаи афзалиятнок ҳисоб мешавад. Ҳукумат ба рушди маориф аҳамияти ҷиддӣ дода, маблаггузориро ба он мунтазам зиёд мекунад. Диққати масъулонро ба он равона кардааст, ки сифати таълим беҳтар карда шавад, дараҷаи маълумоти хонандагон баланд бардошта шавад ва ҷавонон ба омӯзиши касбҳои нави мутобиқ ба талаботи замон машғул гарданд ва мактаб ҷавобгӯи меъёрҳои имрӯзаи ҷаҳонӣ шавад. Дар ин замина гузаштан ба усулҳои нави таълим, аз ҷумла, маълумоти кредитӣ аҳамияти хос пайдо мекунад. Дар тарбияи насли ҷавон ҳамкории оила ва мактаб шарти асосии муваффақият ва пешравӣ мебошад. Давлат кӯшиш дорад, ки шароити мувофиқи ҳамкориро дар байни онҳо муҳайё созад. Алалхусус, баҳри баланд бардоштани дараҷаи дониш, шавқу завқи хонандагон ба таълим ва бартараф намудани ҳар гуна мамониате, ки ба ин халал мерасонад, аз ҷумла, истифодаи телефонҳои мобилӣ, истифодаи беҷои мошинҳои сабукрав, машғул шудан ба корҳое, ки ба раванди таълим халал мерасонанд, ҷаҳду талош мекунад.

Абӯҳанифа ба алоқамандии дину ахлоқ чун ду ҷузъи бо ҳам пайваст нигариста, парвариши фазоил ва рафторҳои неки инсонро зарур медонист ва кӯшиш мекард, ки аз тариқи панду насиҳат ғубори гафлатро аз чеҳраи фитрат бияфшонад. Дин на танҳо ба парвариши фазлҳои нек мепардозад, балки аз сифатҳои зишту бад пешгирӣ мекунад. Баъзе оятҳо ба монанди дастурҳои ахлоқӣ мебошанд, ки зомини саодати инсон дар зиндагии ӯ ҳастанд ва парҳез аз рафтори зиштро таъкид сохтаанд. Масалан, оятҳои 151-153-и сураи «Анъом», ки сифатҳои некро таъкид карда, аз сифатҳои

зишт дурӣ ҷустанро баён доштаанд, даҳ дастури ахлоқиро пешниҳод менамоянд: *"Бигӯ, биёед он чиро Парвардигоратон бар шумо ҳаром кардааст, бароятон бихонам: 1 - чизеро шарики Худо қарор надиҳед; 2 - ба падар ва модар некӣ кунед; 3 - фарзандонро аз тарс (фақр) макушед, мо шумо ва онҳоро рӯзӣ медиҳем; 4 - наздики корҳои зишт наравед, чи ошкор ва чи пинҳон; 5 - нафсеро, ки Худованд муҳтарам шумурда, ба қатл нарасонед магар ба ҳақ, ин чизест, ки Худованд моро ба он супориш додааст; 6 - ба моли ятим ҷуз ба наҳви аҳсан наздик нашавед, то ба ҳадди балоғат бирасад; 7 - ҳаққи паймона ва ваҷҳро ба адолат адо кунед; 8 - ҳеч касро ҷуз ба андозаи тавоноӣ таклиф накунед; 9 - ҳангоме ки сухан мегӯед, ҳарчанд дар бораи хешовандон, адолатро риоя кунед; 10 - ба аҳди Худо вафо намоед. Ин чизест, ки Худованд шуморо ба он супориш мекунад, то парҳезгор шавед".* Ин даҳ дастури ахлоқии қуръонӣ асоси назария ва амалияи ахлоқии мазҳаби таҳаммулпазири Имоми Аъзам маҳсуб мешаванд, ки худ онҳоро риоя мекард ва ба дигарон талқин менамуд.

Дарёфти молу мулк дар фиқҳи ҳанафӣ амри ғаризӣ бошад ҳам, он ғайримашрӯъ нест, кору касб ва фаъолияти солим подоши бузург дорад ва сарвати ҳалоле, ки инсон пас аз худ боқӣ мемонад, номи хайр дорад. Дар айни замон аз дунёпарастӣ ва сарватандӯзӣ аз роҳҳои нодуруст ва судхӯрӣ пешгирӣ мекунад. Осори фиқҳии Абӯҳанифа масъалаеро равшан месозад, ки инсон ва ҷомеа набояд ба бебандубороии ҳавою ҳавас, сарватпарастӣ машғул шаванд, зеро дар ин сурат ҷомеа дучори фасоди ахлоқӣ мегардад. Майлу хоҳишҳои волои инсонӣ бошад, баръакс, ҷомеаро ба арзишҳои баланди башарӣ ҳидоят мекунад, покию осудагиро ворид месозад ва дар айни замон рушди ҷомеаро таъмин мекунад. Дар ин замина метавон гуфт, ки барои солим гардонидани ахлоқи ҷомеа дин хизмати бузургеро анҷом медиҳад, зеро аз уфуқи боло, ки ҳидоятгари шахси диндор аст, сухан мегӯяд, аз он аҳкоме, ки бар инсони диндор ҳоким аст ва барои дарёфти арзишҳои баланди ахлоқӣ ёрӣ мекунад. Албатта, ба ақлу фитрати инсонӣ дарки бисёр арзишҳои ахлоқии инсон муяссар мегардад, вале он роҳ мушкил ва олудаи гумону нобовариҳо буда, замонати дурустии онро бисёр касон дарк карда наметавонанд. Дар ин маврид маҳз таълимоти баланди хушахлоқӣ дар инсон таконбахши кӯшиши инсон барои дарёфти арзишҳои ахлоқӣ мебошад ва кас агар таълимоти бузурги ахлоқиро, ки дар фиқҳи ҳанафӣ ифодаи худро ёфтааст, бо фитрат ва ақли солими худ бисанҷад, аз бузургии таълимоти ахлоқии Абӯҳанифа дар шигифт мемонад. Ҳар гоҳ мизоне дар шинохти ҳусни амал ё қубҳи он бошад, ба осонӣ аз фиқҳи ҳанафӣ метавон дарёфт кард, аз рафтори неку бад мета-

вон ба хубӣ огоҳ шуд. Таълимоти фиқҳи ҳанафӣ шинохти қубҳ ва ҳусни ахлоқиро амри ақлӣ ва виҷдонӣ муаррифӣ мекунад ва дар ҳукми онҳо виҷдонро шоҳид ва гувоҳ мегирад. Пас виҷдон дар ҳукми худ ва усули муайяни шинохти ахлоқӣ мебошад. Дар ҷомеаи Тоҷикистон аслҳои озодии виҷдон, ки худ намунае аз арзишҳои ахлоқӣ мебошад, ба ҳукми қонун озодиҳои бадастовардаи инсонро ҳимоят мекунад. Озодии виҷдон, ки қабл аз ҳама озодии эътиқоди динӣ ва ҳар гуна дигар шаклҳои эътиқод аст, аз нигоҳи ҳуқуқӣ пурра таъмин шудааст. Қонуни нави қабулшуда дар бораи озодии виҷдон тамоми имконро барои диндорон, рушду камоли онҳо, вусъати ибодат ва таълими динӣ фароҳам сохтааст. Ҳар шаҳрванд дар интихоби эътиқоди динӣ ва иҷрои маросимҳои он комилан озод буда, ҳифзи ҳуқуқҳои ӯро давлат кафолат медиҳад. Қонун “Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ” бо меъёрҳои байналмилалии озодии виҷдон мувофиқ буда, ҳамаи он ӯҳдадориҳоеро, ки бо имзои санадҳои байналмилалӣ Тоҷикистон ба зиммаи худ гирифтааст, инъикос кардааст. Ҷиҳати муҳими ин қонун алоқаманд будани меъёрҳои он бо арзишҳои ахлоқӣ мебошад, ки ахлоқ ва одоби арзишманди мардуми тоҷикро ифода кардаанд.

Ахлоқи ҷомеа масъалаест, ки аз ҳудуди як миллат ва давлат берун рафта, хусусияти умумибашарӣ дорад ва арзишҳои ахлоқӣ бо доираи махсуси одамон маҳдуд намегарданд. Он аз як тараф, рафтору кирдори ҳар фарди ҷомеа, гурӯҳи миллати муайянро дар бар гирад, аз дигар тараф, арзишҳое вуҷуд доранд, ки рафтори тамоми башариятро ифода мекунанд. Вале вазифаҳои ҳар фард ва ҳар қавму миллат ва давлат мушаххас аст. Вазифаи имрӯзаи мардуми ҷумҳурии мо такомули ахлоқии он дар партави чи арзишҳои миллӣ, динии халқи тоҷик ва чи умумибашарӣ мебошад. Аз ин ҷо баҳрамандшавии мардум аз таълимоти бузургони илму фарҳанг, дину мазҳаб, ки на фақат бо арзишҳои ахлоқии ҷомеаи муосир мувофиқат доранд, балки дар аксари маврид ифодагари идеали ахлоқӣ мебошанд, ба пешрафти ахлоқию маънавии ҷомеа ёрӣ мекунад. Дар ин замина муҳимтарин масъала тарбияи ахлоқии ҷавонон аст. Маҳз аз ахлоқи насли наврас бунёди муҳити солими ахлоқӣ, такмили маънавии ҷомеа ва ояндаи миллату кишвар вобаста аст. Ҷашни бузургдошти Имоми Аъзам ва тарғиби таълимоти ахлоқии ин нобиғаи миллат ба дарку омӯзиши арзишҳои ахлоқӣ дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон, беҳтар сохтани муҳити ахлоқӣ ва болоравии сатҳи маънавии мардум аз ҳар ҷиҳат ҳидоят мекунад, дар ҷомеа адлу инсоф, рафтори хубу некро ривоҷ

мебахшад, ба ҳамдигарфаҳмӣ, таҳаммулпазирӣ, сулҳу осоиш ва рифоҳи ҷомеа қувват мебахшад.

## III. ИМОМИ АЪЗАМ ВА ҶАҲОНИ МУОСИР

Ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳазорсолаи нав дар як шароити бисёр пурихтилофу пуртазод ворид гардид. Дар даҳсолаҳои охири асри гузашта ва оғози ҳазорсолаи нав мо шоҳиди дигаргуниву таҳаввулоти бунёдие шудем, ки онҳо ҳама дар маҷмӯъ оғозгари арзи вуҷуд кардани зуҳуроти фарогири ҷаҳонишавӣ гардиданд.

Қобили таъкид аст, ки ин раванд омили воқеан муҳими рушду таҳаввулоти ҷиддӣ дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла илму техника ва технологияи муосир, истеҳсолот ва истеъмолот гардида, ба наздикшавии кишварҳо ва халқҳои сайёра хеле мусоидат кард.

Вале дар баробари ин, раванди ҷаҳонишавӣ сабаби дар минтақаҳои гуногуни олам паҳн шудани таҳдиду хатарҳои нав, аз қабили терроризму экстремизм, радикализму сепаратизм, ҷинояткории муташаккили байналмилалӣ ва дигар равияҳои барои инсоният хатарнок гардид. Ва ниҳоят, ин падидаи фарогир арсаи ба вуҷуд омадани буҳрони шадиди молиявию иқтисодӣ гардид, ки таъсири манфии он ба иқтисоди аксари мамолики ҷаҳон то ба имрӯз идома дорад. Гузашта аз ин, раванди ҷаҳонишавӣ арзишу асолатҳои миллии халқу миллатҳои гуногунро таҳти хатари нобудӣ қарор дода, зуҳуроти бархӯрди фарҳангу тамаддунҳоро ба миён овард. Ва ин зуҳурот дар давоми қариб се даҳсолаи охир аз ҷониби бисёр сиёсатмадорон ва олимону муҳаққиқони Шарқу Ғарб ҳамчун масъалаи меҳварии муносиботи байни кишварҳо арзёбӣ мегардад. Ҳамин аст, ки таҳлилгарону коршиносон аҳли башарро аз оқибатҳои хатарноки бархӯрди тамаддунҳо огоҳ сохта, муколама ва гуфтугӯи тамаддунҳоро яке аз роҳҳои муассири муқовимат бо ин падидаи номатлуби даврони муосир мешуморанд.

Тоҷикон, ки дар тӯли таърихи чандинҳазорсолаи худ бисёр даврахои печидаву мушкилро пушти сар кардаанд, дар ҳама давру замон аз таҳаммулгароӣ ва маслиҳату муколама кор гирифта, борҳо собит сохтаанд, ки бо роҳи зӯрӣ ҳал кардани мушкилоту низоъҳо ва ба ҳам муқобил гузоштани ҷаҳонбиниву ақидаҳои мухталиф метавонад на танҳо сабабгори фасоди ахлоқ ва халалдор гардидани фарҳангу тамаддунҳо, балки шикасти давлатҳо низ гардад. Дар даврони муосир низ мардуми Тоҷикистон бо такя ба афкор ва таҷрибаи таърихии ниёгони худ раванди гуфтугӯи

тамаддунҳоро ҳамеша ҷонибдорӣ менамоянд. Ҳамин аст, ки мо борҳо аз минбари баланди созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла, Созмони Милали Муттаҳид, ба ҷомеаи ҷаҳонӣ доир ба оқибатҳои бетарафию беэътиноӣ нисбат ба ҳувийят, таъриху фарҳанг ва дигар муқаддасоту арзишҳои миллӣ ҳушдор додаем. Фалсафаи хеле қадимаи муросою мадорои халқи тоҷик, ки дар зоти худ асли андешаи таҳаммулгароӣ буда, дар мероси намояндагони маъруфи илму адаби миллати мо, аз ҷумла, дар осори шахсияти барҷастаи дини мубини ислом, бунёдгузори яке аз мазҳабҳои бузурги аҳли суннату ҷамоат Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит, яъне Имоми Аъзам васеъ инъикос ёфтааст, имрӯз низ метавонад ба ҳайси намунаи равшани муколамаи фарҳангу тамаддунҳои гуногун хизмат намояд.

Ҳангоми эълони иқдоми худ доир ба Соли бузургдошти Имоми Аъзам мо, аз як тараф, мақсад доштем, ки дар баробари арҷгузорӣ ба шахсияти ин абардмард мардумро бо зиндагинома ва мероси ҷовидонаи пешвои мазҳаби худ бештару беҳтар ошно гардонем. Аз тарафи дигар, мо хостем, ки ба ин васила нақшу мақоми мероси имониву диниро дар муттаҳид сохтани халқҳо аз роҳи гуфтугӯи тамаддунҳо нишон диҳем. Зеро дар замоне, ки инсоният ба ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамкорӣ ва вусъати равобити байниҳамдигарӣ ниёзи бағоят шадид дорад, мурочиат ба рӯзгор ва осори шахсиятҳои бузурги сатҳи ҷаҳонӣ як амри зарурӣ ва пурманфиат аст. Дар айни замон мехоҳам махсус хотирнишон намоям, ки эълон гардидани *Соли бузургдошти Имоми Аъзам* ҳаргиз маъно ё ҳадафи боло гузоштани ягон мазҳабро надорад. Баръакс, дар баробари арҷгузорӣ ба хизмати таърихии ин фақеҳи шинохта кӯшиши ҷалби таваҷҷуҳи аҳли ҷомеа ба омӯзиши таълимоти пурарзиши ӯ, бахусус ҷанбаҳои таҳаммулу мадорои он ва истифодаи онҳо дар тақвияти якдилӣ ва ҳамдигарфаҳмию ҳамбастагии олами ислом ва умуман аҳли башар дар шароити нобасомони муосир мебошад. Зеро мо аз таҷрибаи гузаштагон хуб медонем, ки халқу миллатҳое, ки дар баробари ҳифзи мероси фарҳангии худ ва қадр кардани арзишҳои динию мазҳабӣ онҳоро тибқи ҳадафҳо ва ниёзҳои ҷомеа оқилона корбаст намудаанд, ба комёбиҳои бузургу нодир дастёб шудаанд.

Воқеан, дини мубини ислом, ки ҷавҳари таълимоти онро тавҳид ташкил медиҳад, аз каломи осмонии парвардигори олам, яъне Қуръони карим сарчашма гирифта, роҳнамои зиндагии ҳар як мусулмон мебошад. Ниёгони мо зиёда аз сездаҳ аср муқаддам онро бо дилу ҷон пазируфтаанд ва дар паҳлӯи Пайғамбари Худо - ҳазрати Муҳаммад (с) қарор гирифтани Салмони Форс гувоҳи равшани ин гуфтаҳост. Ба ибораи дигар, дини мубини ислом дар тӯли асрҳои зиёд бо фарҳанги куҳанбунёди мо оме-

зиш ёфта, ба як рукни таркибии он табдил ёфтааст. Имрӯз дар кишвари мо ба шарофати истиқлолият арзишҳои ахлоқии имониву динӣ мақому манзалати хосса пайдо кардаанд. Мо ин арзишҳоро чун мазҳари ваҳйи Илоҳӣ ва улуми Раббонӣ сарчашмаи мусаффои ахлоқи ҳамида, василаи муассири тарбияи наслҳо ва чароғи раҳнамои худогоҳиву худшиносии мардум мешуморем. Ин аст, ки мо дар баробари ҳифзи манфиатҳои милливу давлатӣ масъулияти худро дар самти нигоҳдории покиву асолати арзишҳои динӣ ва дар айни замон пешгирӣ кардани ҳар гуна зуҳуроти ифротгароии динӣ эҳсос мекунем. Ин роҳро мо аз мактаби гузаштагони некному бузургамон, аз ҷумла, пири мазҳабамон – Имоми Аъзам омӯхтаем.

Абӯҳанифа дар таърихи фарҳанги исломӣ бештар ба унвони як фақеҳи соҳибраъй шинохта шуда, ба ин васила номи ӯ дар қатори дигар имомони мазҳаби суннату ҷамоат, аз ҷумла, Имом Молик, Имом Шофеъӣ ва Имом ибни Ҳанбал ҳамчун яке аз бузургтарин фақеҳони аҳли суннат эътироф гардидааст. Вале илова бар ин, бояд гуфт, ки таълимоти Абӯҳанифа ба ҳайси мактабе шинохта шудааст, ки ҳам аз низоми эътиқодӣ ва ҳам аз назму тартиби фиқҳӣ бархурдор аст.

Яъне мактаби фиқҳи Имоми Аъзам бо такя ба Қуръони маҷид аз суннат, орои саҳоба, иҷмоъ ва қиёсу истеҳсон, инчунин урф иборат буда, ҳаллу фасли қариб тамоми масоили рӯзгори мусулмононро дар бар мегирад. Хизмати бузурги Имоми Аъзам, пеш аз ҳама, дар он аст, ки ӯ дини мубини исломро на ҳамчун воситаи тафриқаву муқобилгузорӣ, балки чун омили муҳимтарини муттаҳидсозии мардум, ки аз моҳияти рисолати ҷаҳонии каломи худовандӣ бармеояд, пуштибонӣ мекард. Ӯ тавонист чунин як мазҳаби аҳли суннату ҷамоатро созмон диҳад, ки дар чаҳорчӯбаи арзишҳои шаръии он роҳҳои муассири рафъи мухолифату низоъҳо ва роҳандозии гуфтугӯи тамаддунҳо вуҷуд доранд. Зиёда аз ин, дар он таҷрибаи таърихӣ, ҷаҳонбинии мазҳабӣ, афкори фалсафӣ ва андешаи миллии чандин халқу миллатҳои мусулмон таҷассум ёфтааст. Ҳамин синтез ё омезиши афкору ақоиди динӣ, фарҳангӣ ва фалсафӣ буд, ки ҳанафия ҳамчун яке аз равияҳои бонуфузи аҳли суннату ҷамоат эътироф гашта, аз замони зуҳури худ то имрӯз аз Кӯфа то Африқо, Осиёи Марказиву Чин, Русияву Аврупо паҳн шудааст. Мазҳаби ҳанафӣ маҳз бо вусъати масоили дарбаргирифтааш ва созгории худ ба эҳтиёҷу ниёзи рӯзмарраи мардуми мусулмон дар олами ислом маҳбубият касб карда, имрӯз дар бисёр кишварҳои исломӣ ҳамчун мазҳаби расмӣ шинохта шудааст. Ва маҳз ба шарофати арзишҳои бунёдии мазҳаби ҳанафӣ ҳувийяти

миллии бисёр қавму халқҳо, аз ҷумла, тоҷикон дар тӯли 1300 соли охир ҳифз гардидааст.

Қобили ёдоварии махсус аст, ки ҷавҳари таълимот ва андешаҳои Абӯҳанифа бо арзишҳои волои умумибашарӣ, яъне инсондӯстӣ, баробарӣ ва дифоъ аз мақому манзалати инсон ҳамоҳанг буда, ба осудагии моддиву рушди маънавии мусулмонон ва ҷомеаи башарӣ мусоидат менамояд. Абӯҳанифа дар ҷараёни фаъолияти иҷтимоии худ ин мавқеъро дастгирӣ намуда, дар ҳама маврид аз муқаррароти шариати исломӣ ҳимоят мекард. Тавре аз зиндагиномааш бармеояд, Имоми Аъзам баъди бозгашт аз Басра ба Кӯфа бештар ба такмили фиқҳ машғул шуда, барои осон гардонидани ҳалли масоили зиндагии мардум низоми фиқҳиеро асос гузошт, ки аллакай дар замони зиндагиаш нисбат ба назариёти фиқҳии дигар имомони мазҳаби суннату ҷамоат мафҳумтар, маҳбубтар ва муассиртар гашта буд. Кору фаъолияти Абӯҳанифа дар бахши сиёсати замонааш ба ҷорӣ кардан ва таҳким бахшидани волоияти муқаррароти шаръи шариф равона шуда буд.

Ҳамчунин дар назар бояд дошт, ки замони зиндагии Имоми Аъзам дар таърихи тамаддуни ислом яке аз давраҳои хеле пурмоҷарову ноором ва пур аз мубориазаҳои тезу тунд ба ҳисоб меравад. Маҳз дар ҳамин давра маслаки миллатгароӣ ва тундравии доираҳои ҳукмрон вусъат пайдо карда, боиси авҷ гирифтани таҳқиру озори мусулмонони қаламравҳои дигар гардид ва ба воқеият доштани масъалаи баробариву бародарии мусулмонон шубҳа ба миён омад. Абӯҳанифа дар ин давраи хеле ҳассоси таърихӣ, ки пайравони ислом ба фирқаву маслакҳои динии бо ҳам мухолиф тақсим шуда буданд, тавонист як неҳзати фарогири шуури исломиро ба вуҷуд орад, ки он бо номи «мазҳаби ҳанафӣ» дар атрофи худ аксари мусулмононро муттаҳид сохта, ғояҳои баробарӣ, бародарӣ, таҳаммулгароӣ, адолати иҷтимоӣ ва аз миён бурдани тафриқаи нажодиро пуштибонӣ ва таблиғ менамуд.

Ба ибораи дигар, мазҳаби ҳанафӣ тавонист ҷаҳони исломро аз гирдоби шадиди мухолифат берун оварда, намояндагони равияҳои ифротиву тундравро бо ҳусни тадбиру таҳаммул, муросову мадоро ва далелҳои қавии ақливу мантиқӣ муттаҳид созад. Чунон ки таъкид гардид, фаъолияти сиёсии Абӯҳанифа бештар ба татбиқи муқаррароти шариат дар зиндагии ҷомеа марбут мебошад. Масалан, ӯ пешниҳод менамояд, ки халифа дар маҷлиси хирадмандон ба тарзи озоду шаффоф аз қабилаи қурайш интихоб гардад ва соҳибилму адолатпеша бошад. Ягон шахси золиму ситамкор

ҳақ надорад, ки мансаберо ишғол намояд ва дар сурати золим будани халифа халқ ҳуқуқ дорад аз итоати ӯ сарпечӣ намояд.

Дар мавриди аҳамияти қазои одил ва мақоми қозӣ Имоми Аъзам бар он ақида буд, ки шахсе метавонад сазовори мансаби қозӣ бошад, ки қудрати таҳмил намудани адолати шаръӣ ё ба ибораи имрӯза, қонунро бар халифа, ҳукуматдорон, сарлашкарон ва дигар ашхоси воломақом дошта бошад. Ин афкори муҷтаҳиди бузург ифодагари баробарии ҳама дар назди шариати ислом, инчунин таъкиди масъалаи мустақил будани низоми додгоҳ мебошад. Замоне ки халифаи аббосӣ Мансур ба Абӯҳанифа мансаби қозиро пешниҳод менамояд, Абӯҳанифа мегӯяд: *«Атрофиёни шумо ба касоне зарурат доранд, ки онҳоро ба хотири шумо мавриди эҳтиром қарор диҳанд. Ман аз ӯҳдаи ин кор намебароям ва ҳаргиз бар хилофи шариат ва адлу инсоф ҳукм нахоҳам кард»*. Аз ин гуфтори ҷасурона бармеояд, ки Абӯҳанифа усули шариату адли Илоҳиро афзал диниста, дастуру супориши халифаро дар мақоми дувум мегузорад. Ӯ тартиби татбиқи қавонини шаръиро барои ҳама афроди мусулмон, аз ҷумла, халифа ягона шуморида, бо ин амалаш баробарии муъминонро тарғиб кардааст. Имом Абӯҳанифа ба ин васила дар нобасомонтарин авзои сиёсии хилофат дар баробари аркони муҳими шаръиёту фарзиёти исломӣ, аз қабили Каломуллоҳи шариф ва аҳодиси набавӣ ҳамчунин усулҳои урфу қиёс ва истеҳсону иҷмоъро ҷавҳари фиқҳи худ қарор дода, дар байни мусулмонон заминаи раванди таҳаммулгароӣ ва эътидолро гузошт.

Имоми Аъзам вобаста ба падидаҳои муҳими сиёсиву иҷтимоии замонааш ақидаҳои равшан, саҳеҳ ва ҳадафрас баён намуда, ислоҳоти ҷомеаро омили муҳими пешрафти иҷтимоӣ медонад. Дар ин росто вусъати афкори ӯ то ба ҳадде буд, ки ҳамчун асос барои бунёди фарҳанги нави сиёсӣ дар марҳалаи аввали густариши дини ислом хизмат менамуд. Андешаҳои ин абармард имрӯз ҳам рӯзмарра буда, мардумро ба тақвову покизагӣ, ободиву рифоҳи мулк, дӯст доштани сарзамини аҷдодӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ ва озодиву истиқлол раҳнамоӣ месозанд.

Ба хотири таъмини мустақилияти мавқеи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва динии афроди мусулмон Абӯҳанифа назариёти озодии иқтисодӣ ва худкифоиро низ тарғибу ташвиқ менамуд. Зеро озодии сиёсиву иҷтимоӣ бевосита бо вазъи иқтисодии ҳар як шахс вобаста мебошад. Имоми Аъзам дар асоси Қуръони шариф ва ҳадисҳои Пайғамбар (с) молро аркони аслии ислоҳи ҳаёт, сабаби пешрафти халқу кишвар ва ниҳоят омили хушбахтии афрод, ҷомеа ва ҳатто силоҳи муъмин меҳисобад.

Бузургон фармудаанд, ки талафи беҳуда ва исрофи мол эҳтиёҷмандиро ба вуҷуд оварда, инсони муҳтоҷро барои даст задан ба ҳар гуна амали ношоиста водор месозад. Камбизоатӣ ва эҳтиёҷмандӣ дар баробари бесаводӣ ва сатҳи пасти маърифат дар ҳар давру замон сарчашмаи хушунату ифротгароӣ ва дигар бадбахтиҳои инсоният маҳсуб мешавад.

Ризқи ҳалол низ яке аз шартҳои асосии таълимоти исломӣ буда, мусулмони комил бояд таъмини зиндагиву рӯзгори худро аз моли ҳалол анҷом диҳад. Имоми Аъзам анҷом додани аъмоли хайру садақотро танҳо аз моли ҳалоли шахсӣ ҷоиз медонад. Дар зери мафҳумҳои *«моли ҳалол»* ва *«ризқи ҳалол»* фалсафаи *заҳмат кашидан, ҳунар омӯхтан ва ҳифзи ойини покиза* нуҳуфтааст, ки ҳадафи ниҳоии он *тоза нигоҳ доштани ҷомеа аз исрофкорӣ, фасоду ришва ва дигар амалҳои номатлуб мебошад.*

Имоми Аъзам, бо вуҷуди он, ки ба қуллаи баланди илм расида буд, то охири умр монанди Расули Акрам (с) аз роҳи тиҷорату бозаргонӣ зиндагӣ ба сар мебурд. Ӯ ҳадисҳои набавиро дар хусуси он, ки *«беҳтарини касбҳо тиҷорат аст»* ва *«беҳтарин сарват он аст, ки бо заҳмату ранҷи ҳалол ба даст меояд»,* дастури амали худ қарор дода, дар баробари пешбурди корҳои тиҷорат ба омӯхтани илм низ ҷиддан машғул мешуд.

Имоми Аъзам ба хотири баровардани ҳоҷати ниёзмандон, сарпарастии хонаводаҳои бесаробон ва расонидани кӯмаки молӣ ба толибилмон намунаи дигарон будааст. Яке аз шогирдонаш Абӯюсуф мегӯяд, ки устодаш то бист сол кафолати молиявии ӯ ва аҳли аёлашро ба ӯҳда доштааст ва тамоми хайру саховати ӯ мутобиқи фармудаҳои Каломуллоҳ ва аз тиҷорати ҳалол сурат мегирифтааст. Ба ҳамин далел Имоми Аъзам замонатдори моли зиёди мардум буда, хонааш бо номи «маҷлису-л-барака» шуҳрат доштааст. Ин мисолҳо аз таълимоти Имоми Аъзам ва тарзу тариқи зиндагии ӯ дар замони муосир, ки ахлоқи инсоният то андозае коҳиш ёфтааст, метавонанд намунаи ибрат ва пайравӣ бошанд.

Ҳамзамон бо ин, бояд гуфт, ки назариёти бунёдии Абӯҳанифа дар хусуси озодиҳои фардӣ, умури мухталифи иҷтимоӣ ва низоми эътиқодӣ метавонанд дар замони мо низ барои ҳамзистии халқҳои гуногун ва равобити фарҳангу тамаддунҳои олам ҳамчун заминаи мусоид истифода шаванд.

Имоми Аъзам таъкид мекард, ки арзишҳои исломӣ ба қавм ё миллати алоҳида тааллуқ надоранд, балки доираи фарогирӣ ё мансубияти онҳо пурвусъат аст.

Мо аз сарчашмаҳои таърихӣ медонем, ки дар давраи аввали густариши дини ислом қавму миллатҳои дорои ойину суннатҳои гуногун дар

доираи хилофат ҷомеаеро таъсис дода буданд, ки дар он дар баробари мутобиқати гоявӣ мухолифати назариёти мазҳабӣ низ мавҷуд буд. Дар чунин шароит Имоми Аъзам ба хотири бартараф кардани низоъҳои гурӯҳӣ, ихтилофоти назарӣ, таҳкими аҳкоми шаръӣ, истифодаи баробари низоми фиқҳӣ, ба таври содаву осон ҳал кардани мушкилоти муъминон ва бахусус, муттаҳид сохтани ҷомеаи исломӣ асосҳои мазҳаберо гузошт, ки ҳам аз назари низоми эътиқодӣ ва ҳам аз дидгоҳи татбиқи аҳкоми шаръӣ дар олами ислом пазируфта шуд.

Тоҷикистони соҳибистиқлол имрӯз дар асоси барномаҳои мушаххасе, ки дар онҳо ҳам арзишҳои миллӣ ва ҳам дастовардҳои илмиву техникӣ ва технологии замонаи нав инъикос ёфтаанд, рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии мамлакатро таъмин карда истодааст. Мо саъю кӯшиш дорем, ки як давлати муосиру мутамаддин бунёд намоем ва хоҳони онем, ки мардуми мо дар тамоми соҳаҳои илму ҳунар ва технология пешрафта ва дар айни замон аз расму ойинҳо ва арзишҳои волои миллию динии худ огоҳ бошанд. Ин дар навбати худ яке аз роҳҳои беҳтарини истодагарии мардуми тоҷик дар муқобили ҳама гуна тундравию ифротгароиҳо мебошад, ки ин бахши муҳиме аз таълимоти Имоми Аъзам аст. Аз ин нуқтаи назар, мо нисбат ба сарнавишти мусулмонони ҷаҳон ва проблемаву мушкилоти онҳо дар асри XXI бетараф буда наметавонем. Вале боиси ташвиш аст, ки дар баъзе кишварҳо мусулмонон воқеияти ҷаҳони имрӯзаро ба таври кофӣ дарк накарда, ҳанӯз ҳам пойбанди хурофот мондаанд. Қисме аз онҳо дар асоси баҳсҳои лафзӣ ва масоили зоҳирӣ дар муқобили якдигар қарор гирифта, ба зуҳури ҳар гуна ҷунбишҳои ифротгароӣ дар олами ислом, ҷангу куштори мусулмонон ва дар натиҷа бадгӯии душманон аз ислом ва арзишҳои он роҳ мекушоянд. Қисми дигар намехоҳанд воқеияти ҷаҳони муосир, пешрафти илму техника ва технологияи муосирро дарк намуда, ҳамқадами замон бошанд ва сатҳу сифати зиндагии хешро баланд бардоранд.

Ба андешаи мо, имрӯз замоне фаро расидааст, ки кишварҳои исломӣ бо такя ба аслҳои неку созандаи муруввату муросо ва таҳкими муносибатҳои ҳасанаву дастҷамъона роҳҳои даст кашидан аз ин маҳдудиятҳо ва рафъи амалҳои ифротгароиро пайдо намоянд, то оромиву суботро дар ҷомеа таъмин намуда, имкониятҳои мусоиди милливу исломӣ ва дастовардҳои илму техникаи муосирро барои зиндагии шоиста ва пешрафти мардуми мусулмон пурсамар истифода баранд. Чунин ба назар мерасад, ки барои ҳаллу фасли ин матолиб, пеш аз ҳама рушду тавсеаи робитаҳои гуногунҷабҳаи иқтисодиву тиҷоратӣ ва фарҳангии байни кишварҳо за-

рур аст. Аз ин рӯ, истифодаи таълимоти Имоми Аъзам барои бо ҳам наздик сохтани Ғарби аз нигоҳи технология пешрафта ва Шарқи дорои манбаъҳои ғании маънавӣ ва табиӣ василаи ниҳоят муассир мебошад.

Равшан аст, ки ҳадафи стратегии ҳар як кишвару давлат таъмини зиндагии шоистаи мардум аст ва табиист, ки татбиқи он мушкиливу монеаҳои зиёд дорад.

Вале мо – мусулмонон барои амалӣ гардонидани ин мақсад имконияту шароити мусоид дорем. Зеро кишварҳои мо дорои захираҳои азими табиӣ - об, замини кишт, маводи сӯхт, маъдан, ҳамчунин нерӯи ақлониву корӣ, арзишҳои суннативу фарҳангӣ ва таҷрибаи таърихии ҳамкорӣ мебошанд. Пас, мо қодирем ба ин ҳадафи бузурги худ дастёб шавем. Албатта, таъмини ин ҳадаф танҳо дар сурате имконпазир мегардад, ки кишварҳои исломӣ бо пайравии амалӣ ва саҳеҳ аз дастури қуръонии «***муъмин бародари муъмин***» ваҳдати воқеӣ ва ҳамкории мутақобилан судмандро ба роҳ монанд. Барои ин ҳамчунин зарур аст, ки пешрафти ҷаҳони ислом, бахусус, рушди иқтисодӣ, техникӣ, технологӣ ва илмии он дар сиёсати давлатии ҳар кишвари мусулмонӣ аҳамияти аввалиндараҷа дошта бошад. Дар ин роҳ вусъат бахшидан ба фаъолияти сармоягузории кишварҳои қудратманди исломӣ дар дигар мамлакатҳои мусулмонии рӯ ба инкишоф низ мақоми хосса дорад. *Агар мо бо изҳори иродаи сиёсӣ ва эҳсоси бародарию баробарӣ аз имкониятҳои якдигар истифода намоем, он гоҳ метавонем дар муддати нисбатан кӯтоҳ рушди устувори иқтисодии кишварҳои худро таъмин ва сатҳи зиндагии халқҳоямонро ба таври назаррас беҳтар намоем, то ин ки бародари муъмин соҳиби зиндагии шоиста гардад ва қудрату эътибори ҷаҳони ислом низ афзун шавад.*

Аз ҷониби олимону муҳаққиқони дини мубини ислом то имрӯз дар самти тафсиру таргиб ва интишори манбаъҳои нақлии дини ислом корҳои зиёде ба сомон расонида шудаанд. Вале таҳлилу арзёбӣ ва ҳаллу фасли муаммову масоили назариявии динӣ, мунокишаҳои мазҳабӣ ва ҳуқуқие, ки бештар хусусияти иҷтимоиву сиёсӣ доранд ва дар паси пардаи онҳо матолиби гуногуни иҷтимоиву сиёсӣ ва ҷунбишу низоъҳо ниҳон аст, ҳанӯз ба таври зарурӣ сурат нагирифтааст.

Аз ин лиҳоз, дар давраи кунунӣ низ бояд уламои дин ва фақеҳону исломшиносон масоили ҳалталаби умури динӣ ва ҷунбишҳои гуногунро, ки осудагӣ ва ҳаёти умматро халалдор месозанд, бо назардошти хусусиятҳои замони муосир мавриди таҳлили амиқ қарор диҳанд. Ҳамон фиқҳе, ки Абӯҳанифа ва пайравонаш ба қавле 60 ҳазор ва ба қавли дигар 83 ҳазор масъалаи онро дар замони хулафои уммавию аббосӣ матраҳ намуда, дар

заминаи он ягонагии ҷомеаи исломиро таъмин карда буданд, уламои динро водор мекунад, ки ба ин кор ҷиддан камари ҳиммат баста, бо истифода аз манбаъҳои асосии дини ислом падидаю зуҳуроти навро дар чаҳорчӯбаи шариат таҳлил ва таҳқиқ намоянд. Ин масъала дар назари аввал ҳарчанд сода менамояд, дар асл бисёр мураккабу ҳассос мебошад, зеро аз ҳалли он зиндагии осудаи беш аз як миллиард мусулмонони ҷаҳон вобастагӣ дорад.

Дар адабиёти динӣ таъкид шудааст, ки баъди Имоми Аъзам фақеҳони мазҳаби ҳанафия танҳо ба шарҳу баён ва таъбиру тафсири гуфтаҳои ӯ пардохтаанд ва фақеҳе набуд, ки ба дараҷаи ӯ расида бошад.

Албатта, ин ақида аз нобигаи бузурги илми фиқҳ будани Абӯҳанифа шаҳодат медиҳад. Аз ин рӯ, ба муҳаққиқони ислом зарур аст, ки дастҷамъона ва бо истифода аз гояҳои созандаи таълимоти динӣ ва маърифати исломӣ ҷанбаҳои назарӣ ва амалии ҳаёти ҷомеаи исломиро мавриди баррасӣ қарор диҳанд.

Ҳар гуна зуҳуроти номатлубу ифротӣ дар умури динӣ аввал бояд аз ҷониби муҳаққиқони дин мавриди накду арзёбӣ қарор гирад. Ин кор, дар марҳалаи аввал, иштироки фаъоли тамоми фақеҳону исломшиносонро дар миқёси минтақавӣ тақозо дорад. Сипас аз ин доира фаротар рафта, марказҳо ва мактабҳои динии олами ислом бояд ба меҳвари ҳалли ин масоил кашида шаванд.

Марказҳои асосии омӯзиши фиқҳи исломиро зарур аст, ки бо ҳам робитаву ҳамкориро қавитар гардонида, беҳтарин нерӯҳои зеҳнии ҷомеаи мусулмониро ба таҳқиқи паҳлӯҳои гуногуни маорифи исломӣ ҷалб намоянд, то ин ки барои пешгирӣ аз зуҳуроти фирқаву ҷараёнҳои номатлуб дар таълимоти аҳли суннат ва ҷамоат, хусусан дар бахшҳои иҷтимоиёт ва сиёсат заминаи воқеӣ ба вуҷуд оварда шавад. Зеро ҳар вақте ки дар фазои умури динӣ холигоҳе эҷод шавад, онро фирқаву ҷараёнҳои ифротгаро ишғол хоҳанд кард.

Хизмати бузурги Имоми Аъзам барои уммати мусулмон ва башарият аз он иборат аст, ки ӯ зимни фаъолияти беш аз нимасраи худ тавонист ҷомеаи исломиро дар асоси манбаъҳои нақливу шаръӣ аз ҷангу ҷидол ва таҷзияи минбаъда ба гурӯҳҳои ба ҳам муқобил эмин дорад, халқу миллатҳои гуногуни мусулмонро зери парчами ислом муттаҳид созад, уммати исломро аз бархӯрдҳои хастакунанда ва фалокатбор наҷот диҳад. Аз ин нуқтаи назар, таълимоти ба хотири суботи ҷомеа бунёдкардаи ӯ аз газанди давру замонҳои номусоид эмин ва побарҷо монда, дар ҳаёти аксари мусулмонони ҷаҳон нақши бузурги худро гузоштааст. Ҳамаи масоиле,

ки Имоми Аъзам дар умури динӣ, фарҳангӣ, фиқҳӣ ва ахлоқӣ баррасӣ кардааст, аз имтиҳони таърих гузашта, имрӯз ба арзишҳои асосии маорифи динӣ ва фарҳангӣ табдил ёфтаанд ва дар таърихи афкори исломӣ ҷойгоҳи босазое доранд. Аз ин рӯ, андешаву таълимоти Абӯҳанифа дар маорифи динӣ метавонад барои инкишофи минбаъдаи усулу ақоиди динӣ дорои аҳамияти зерин бошад: *аввалан,* он ҳамчун маъхази муҳими илмӣ хизмат мекунад; *дуюм,* барои арзёбии шаръию фиқҳии падидаҳои тозаи маърифати исломӣ ва рӯйдоду ҳодисаҳои номатлубу нохушоянд санад ва сарчашмаи муҳим мебошад; *сеюм,* усули таҳқиқ ва таълимоти Имоми Аъзам метавонад ҳамчун намунаи барҷастаи амали муҳаққиқону фақеҳони муосир бошад; *чорум,* дар раванди гуфтугӯи тамаддунҳо омили муҳими расидан ба ризоият ва ваҳдату ягонагӣ бошад; ва *панҷум* хусусияти таҳаммулгароии он метавонад муносибати ҳасанаи дини исломро бо дигар адёни ҷаҳонӣ таъмин намояд.

Ақидаҳои Абӯҳанифа имрӯз ҳам башариятро ба муросову гузашт, дӯстиву ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтироми арзишҳои умумибашарӣ ва худдорӣ кардан аз зӯроварӣ ҳидоят месозанд. Имрӯз мо ҳаёту осори ибратбахши Имоми Аъзамро таҳқиқ ва арзёбӣ намуда, бори дигар ба хулосае мерасем, ки таълимоти ӯ бо гузашти замон арзиши худро гум накарда, балки имрӯз ҳам ҷавобгӯи аксари масъалаҳои зиндагии ҳамарӯзаи мардум мебошад. Зеро дар мазҳабу мактаби динӣ ва фалсафию ирфонии Имоми Аъзам рисолати созандагӣ ва осоишу рушди ҷомеа нуҳуфтааст. Абӯюсуф дар хусуси устоди худ беҳуда нагуфтааст, ки *«Худованди таоло ва таборак Абӯҳанифаро бо фиқҳ, илм, бахшиш ва ахлоқи қуръонӣ зинат додааст».* Гузашта аз ин, бузургии ақлу дониш, иродаи матин, эътиқоди қавӣ ва садоқати фитрии Имоми Аъзам имрӯз барои мо тимсоли барҷастаи симои маънавию мазҳабии халқи тоҷик аст, ки дар мушкилтарин давраи таърихи ислом тавонист бузургӣ ва моҳияти дини исломро дарк намуда, дар пойдорӣ ва пуштибонии фарҳанги миллӣ ва забони модарӣ матонату ҷасорати беназир нишон диҳад. Дар шароити имрӯза, ки баъзе нуқоти олами исломро мавҷи хушунату муноқиша, фузунхоҳиву тундгароӣ фаро гирифтааст, донистану риоя кардани таълимоти Абӯҳанифа барои пайравони ин мазҳаб, бахусус ҷавонон, бештар эҳсос мешавад.

Имоми Аъзамро воқеан метавон поягузори бартарафсозии низои миёни уммати ислом ва аҳли башар номид. Зеро ӯ мазҳаби фиқҳиеро бунёд гузошт, ки рафъи низои тамаддунҳоро дар чаҳорчӯбаи шаръӣ ва ойину суннатҳои неки фарҳанги умумиисломӣ осон гардонид.

Ба даргоҳи Худои мутаол, рӯҳи муҷаллои Муҳаммади мустафо, ҷамеъи анбиёву авлиё, хусусан ба рӯҳи пурфутӯҳи Имоми Аъзам - сӯфии кӯфӣ, олимону соҳибназарон ва ҳамаи гузаштагони ҳамин манзилу макон дуо мегӯем, ки аҳли башарро дар амну осудагӣ нигоҳ доранд ва мардуми шарифи мамлакати мо низ дар қатори онҳо соҳиби рӯзгори обод бошанд ва барои пешрафту ободии ҷаҳон саъю талош намоянд. Ҳамчунин орзумандем, ки Худованди оламиён банӣ-башарро ҳамеша дар паноҳи исмати худ нигоҳ дорад.

## IV. МОҲИЯТИ ТАҲАММУЛПАЗИРИИ МАЗҲАБИ ИМОМИ АЪЗАМ

Баъди ноил шудан ба истиқлолияти давлатӣ равобити халқи тоҷик бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ бо мамолики гуногуни олам маҷрои куллан тоза пайдо карда, андешаи миллии тоҷикон дар заминаи асолати таърихӣ, арзишҳои маънавӣ ва мероси фарҳангӣ рушди фароғир ёфт. Дар ин росто, гуфтугӯи тамаддунҳо ба яке аз масъалаҳои мубрами ҷаҳони имрӯза табдил ёфта, роҳу равиши солими он барои ба ҳам омадани фарҳангу тамаддунҳои гуногун ва худшиносии динии халқҳо, аз ҷумла, халқи тоҷик заминаи мусоид мегардад.

Таърихи фарҳанги тоҷикон, ки яке аз қадимтарин халқҳои Осиёи Марказӣ ва ворисони тамаддуни куҳанбунёд ва ғановатманд мебошанд, аз сарчашмаи ду тамаддуни бузурги ҷаҳонӣ - *тамаддуни ориёӣ* ва *тамаддуни исломӣ* шодоб гардидааст. Сарзамини ниёгони мо ҳанӯз аз оғози тамаддуни давлатдорӣ яке аз марказҳои маънавият, меҳвари воқеии фарҳанги асилу пешрафта ва арзишҳои зиндагисоз буда, дар амри пазируфтани арзишҳои неки тамаддунҳои дигари ҷаҳонӣ, аз ҷумла, тамаддуни исломӣ бо таҳаввулоти рангине рӯ ба рӯ шудааст.

Дини мубини ислом тадриҷан бо тамаддуни ниёгони мо созгор омада, минбаъд низоми маънавӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии аҷдоди моро хеле таҳким бахшид ва густурда сохт. Дар ин раванд аввалин шахсе, ки гуфтугӯи фарҳангҳо ва тамаддунҳоро дар дохили уммати исломӣ матраҳ кардааст, Имоми Аъзам буд.

Ӯ мазҳаби фиқҳиеро поягузорӣ кард, ки рафъи низои тамаддунҳоро дар чаҳорчӯбаи шаръии тамаддуни исломӣ осон гардонид. Маҳз асли таҳаммулпазирии мазҳаби ҳанафӣ дар масъалаи гуногуншаклии фарҳангҳо ва тамаддунҳо халқҳои зиёдро дар меҳвари арзишҳои ислом нигоҳ дошта, дар баробари ин тавонист, ки қаламрави нуфузи онро васеъ гардонад.

Чунон ки аз сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, асосгузори мазҳаби ақлии фиқҳӣ дар ислом Имом Абӯҳанифа барои ақидаҳои дорои хусусиятҳои нав ва таҳаммулпазири худ дар ибтидо ба муқовимати иддае аз уламо ва ҳокимони давр дучор шуда буд. Бо вуҷуди ин, фиқҳи ӯ бо як суръати хеле назаррас ривоҷ ёфта, боиси паҳншавӣ ва нуфуз пайдо кардани ислом дар ҷаҳон гашт.

Мардуми Хуросону Мовароуннаҳр ва кишварҳое чун Ҳиндустону Туркия ба мазҳаби Имоми Аъзам таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекарданд, ки ин худ нишонаи беҳтарини созгории таълимоти ӯ бо ниёзҳои мардуми ин сарзаминҳо мебошад.

Маълум аст, ки доир ба паҳншавии ислом дар ин кишварҳо, хусусан дар сарзамини Мовароуннаҳр, андешаҳо гуногун буда, дар ин масъала омилҳои таҳмиливу иҷборӣ, ҳавасмандгардонӣ, инчунин ихтиёран қабул кардани ислом низ вуҷуд доранд. Лекин мазҳаби ҳанафӣ на бо амру зӯрӣ, балки ихтиёран, бинобар мутобиқати комили хеш ба талаботи маънавӣ ва ойинҳои фарҳангии мардуми Осиёи Марказӣ густариш ёфт.

Мазҳаби ҳанафӣ, ки сулҳу субот, амнияти ҷомеа ва рифоҳу осоиши мардум ҳамчун рукнҳои асосии он донista шудаанд, дар тӯли таърих дар ҳаёти маънавии халқҳои Осиёи Марказӣ, махсусан тоҷикон, нақши беназир дорад. Фатвои шаръии Имоми Аъзам доир ба истифодаи забони тоҷикии дарӣ ҳангоми гузоридани намоз ва ба ҷо овардани дуову фотиҳа, инчунин ба ин забон тарҷума ва тафсир кардани Қуръони карим мақому манзалати забони моро дар қаламрави хилофат хеле таҳким бахшид ва барои забони дуюми тамаддуни исломӣ шудани он роҳи васеъ кушод.

Хизмати Имоми Аъзам дар ҳифзи забони тоҷикӣ, таҳкими мавқеъ ва густариши он бузург аст. Зеро забон яке аз нишонаҳои асосии ташаккули миллат мебошад. Агар ҷаҳду талошҳои ин фарзанди донишманди халқи тоҷик намебуд, дар ибтидои паҳншавии ислом доираи забони тоҷикӣ метавонист хеле маҳдуд гардад. Дигар ин, ки маҳз ба шарофати ин шахсияти бузург заминаи ҳуқуқии рушди забон ва фарҳанги тоҷикӣ ба вуҷуд омад. Чунки тоҷикон ва дигар халқҳои форсигӯй ҳарчанд шариати исломиро ҳамчун ойини зиндагии худ қабул карданд, вале махсусияти фарҳангиву мушаххасоти қавмии худро нигоҳ доштанд. Ин аст, ки забони нобӣ тоҷикӣ забони расмии дарбори нахустин давлати мутамаркази халқи тоҷик - Сомониён ва чандин давлатдориҳои баъдина гардида, дар тӯли таърих мавқеи худро устувор нигоҳ дошт.

Имоми Аъзам аз тамаддуни гузаштагони худ огоҳии комил дошт ва ба арзишҳои он эҳтиром мегузошт. Таваҷҷуҳи ӯ ба эҳё ва тарғиби арзиш-

ҳову суннатҳои давлатдорӣ, озодиҳои сиёсӣ, мавқеъ ва мартаба пайдо кардани тамоми халқҳои мусулмони хилофат нишондиҳандаи пайванди қавии Имоми Аъзам бо тамаддун ва фарҳанги халқи худ буд. Фиқҳи Имом Абӯҳанифа ҳамчунин барои рушди тамаддуни халқи тоҷик, ривоҷи фарҳанг ва илму адабиёти оламшумули он дар асрҳои минбаъда заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ ва динӣ гардид. Яке аз бартариятҳои фиқҳи ҳанафӣ дар он аст, ки он бештар ба усули ақлӣ такя мекунад. Таҳсили Имоми Аъзам бо илми калом огоз гардидааст ва дониши дар ин илм андӯхтааш нерӯи фикрӣ ва андешаи ӯро бисёр тақвият бахшидааст.

Ин аст, ки Имом Абӯҳанифа ҳамеша аз усули ақлӣ васеъ истифода карда, онро тадриҷан хеле такмил додааст. Ӯ дар илми фиқҳ қоидаҳоеро мураттаб сохт, ки дар асоси онҳо фиқҳи исломӣ ба ҳаёти мусулмонон ворид гардид. Қуръон, суннат, иҷмоъ, қиёс, истеҳсон ва урф аслҳои фиқҳи Имоми Аъзам мебошанд.

Иҷмоъ, ки қарори якҷояи уламои динӣ дар масоили фиқҳӣ буда, уламо онро ҳуҷҷат қарор додаанд, пас аз Китоби Худои таоло ва суннати Паёмбари акрам(с) яке аз аслҳои фиқҳи Имоми Аъзам мебошад. Дар асарҳои таърихӣ гуфтаҳои маъруфи зерин аз Абӯҳанифа ривоят шудааст: *«Ман аз рӯи Китоби Худо кор мегирам, чун онро пайдо накардам, суннати Паёмбари Худо(с)-ро ба кор мебарам. Ва чун на китоби Худоро пайдо кардам ва на суннати Паёмбари Худо(с)-ро, қавли ёрони Ӯ(с)-ро ба кор мегирам».* Яъне Имоми Аъзам бо пайравӣ аз саҳобагон қавли онҳоро ба кор мебурд.

Абӯҳанифа урфро яке аз аслҳои фиқҳӣ медонист ва ҳангоме ки аз Китоб, суннат, иҷмоъ, қиёс ва истеҳсон далел ё ҳуҷҷате пайдо намекард, ба урф рӯй оварда, онро истифода мекард. Урфро Абӯҳанифа ва ёронаш ҳуҷҷат медонистанд. Далели шаръии Имоми Аъзам дар эътирофи урф он буд, ки Абдуллоҳ ибни Масъуд ҳадисеро ба мазмуни зайл ривоят кардааст: *«Чизеро, ки мусулмонон нек диданд, он назди Худо ҳам нек аст».* Мусаллам аст, ки Имоми Аъзам дар тавзеҳи фиқҳ аз расму ойинҳои сарзамини аҷдодии худ бештар истифода кардааст, на аз қонунҳои римӣ, чунон ки баъзе шарқшиносон иддао доранд. Зеро тавре ки аз маълумоти манбаъҳои таърихӣ бармеояд, дар он рӯзгор имконияти интишор ва дастрасии асарҳои ҳуқуқшиносони римӣ дар қаламрави хилофат хеле маҳдуд будааст. Аз ин лиҳоз, дар фиқҳи Имоми Аъзам таъсири фарҳанги ҳуқуқии аҷдодии ӯ, ки низоми густурдаи давлатдорӣ ва ҳуқуқии қадима доштанд, баръало таҷассум ёфтааст.

Бахши муомилот қисми таркибии фиқҳи Имоми Аъзам мебошад, ки ба масоили дунявӣ ва амволӣ тааллуқ дорад. То замони ӯ аҳкоми марбут ба муомилот дар сатҳи ибтидоӣ қарор доштанд. Имом Абӯҳанифа дар ислом аввалин фардест, ки қоидаҳои муомилотро гурӯҳбандӣ карда, тарзи дурусти истифодаи онҳоро пешниҳод намудааст.

Ҳатто меъёрҳои ҳуқуқии исломро, ки барои танзими муносибатҳои аҳли ғайримусулмон равона шуда буданд, Имом Абӯҳанифа тарзе ҷоиз медонист, ки таҳаммулпазир бошанд ва сабукӣ оваранд. Чунончи, ӯ аҳли ғайримусулмонро дар тиҷорат монанди мусулмонон озод қарор додааст.

Гуфтаҳои боло шаҳодати равшани онанд, ки мазҳаби ҳанафӣ дорои ғояҳои таҳаммулпазирӣ ва мадоро буда, аз назари амал низ саҳл аст.

Дар Қуръони маҷид омадааст, ки *«Худованд бар бандагонаш осониро мехоҳад, на сахтиро».* Расули акрам (с) низ мегӯяд, ки *«Ман барои шумо як шариати осон ва нарм овардаам».* Чунон ки мебинем, фиқҳи ҳанафӣ бо ин фармудаҳои Худову Расули акрам(с) комилан мутобиқ мебошад. Ин амр мусаллам ва қатъист, ки агар фарде ягонагии Худо ва пайғамбарони Ӯро қабул карда, онро бо қалб ва забони худ эътироф намояд, тибқи ҳукми Қуръони маҷид мусулмон аст. Дар ҳамин асос Имом Абӯҳанифа ҳатто пайравони дигар фирқаҳои тундрави диниро кофир намехонд.

Лекин дар замони зиндагии Имоми Аъзам баъзе зоҳирбинон барои хурдтарин иштибоҳе фатвои куфр содир мекарданд. Ва минбаъд ба сабаби пайдоиши гурӯҳу фирқаҳои мухталиф селобе аз фатвои куфр ҷорӣ шуд. Ҳар фирқаву гурӯҳ ҳарифашро ба куфр ҳукм мекард. Вале Абӯҳанифа дар ҷавоби ин фитнаи ҷаҳони ислом бо садои баланд мегуфт: *«Мо ягон нафаре аз аҳли қибларо кофир намехонем».* Яъне аҳли қибла ҳама муъмин ҳастанд. Мутаассифона, минбаъд низ ин фармудаи бисёр арзишманди Имоми Аъзам чандон ба эътибор гирифта намешуд, вагарна мо шоҳиди аз тарафи баъзе фақеҳон кофир хондани бузургтарин донишмандон, ҳамчун шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино, ҳуҷҷатулҳақ Носири Хусрав, ҳаким Умари Хайём, шайх Муҳйидини Арабӣ, шайх Абдулқодири Гелонӣ, шоирони маъруф Бадриддини Ҳилолӣ, Камолиддини Биноӣ ва дигарон намешудем. Имрӯзҳо низ ин амал идома дорад ва дар мавъизаҳои баъзе муллоҳои зоҳирбини мо садои ба куфр ҳукм кардани мусулмонон ва ҳатто кофир эълон кардани якдигар баланд мешавад, ки чунин рафтор комилан хилофи мазҳаби Имоми Аъзам мебошад.

Назари воқеъбинона ба моҳияти мазҳаби Абӯҳанифа нишон медиҳад, ки он дорои ганҷинаи ғании илмиву фикрӣ буда, ба ҷаҳон ва инсон нигоҳи комил дорад ва метавонад посухгӯи бисёр ниёзҳои асосии имрӯзу фардои

пайравонаш бошад. Зеро арзишҳои аслии он ба ҳуқуқи инсонӣ, адолати иҷтимоӣ, озодии андеша ва даъват ба созишу мадоро, дурӣ аз хушунат, таҳаммулгароӣ ва амсоли ин такя мекунанд.

Ба назари мо, сирри бузургӣ ва ба яке аз мазҳабҳои бонуфузтарини дини мубини ислом табдил ёфтани мазҳаби Имоми Аъзам дар муқаррароти зерини таълимоти ин абармард маҳфуз аст:

*якум,* аз Қуръон ва аҳодис мутобиқ ба давру замон, шароити таърихӣ ва манфиати умум маънибардорӣ кардан;

*дуюм,* эътироф кардани ақл ва хирад ҳамчун асоси ҳалли масъалаҳои нави иҷтимоӣ;

*сеюм,* тавաҷҷуҳ зоҳир намудан ба урфу таомули мардум, дар сурати ба аҳкоми исломӣ мухолиф набудани онҳо ва манбаи фиқҳӣ қарор додани онҳо;

*чорум,* боз мондани дарвозаи мазҳаби хеш барои дастовардҳо ва арзишҳои ояндаи инсонӣ.

Ҳуқуқ ба озодиҳои динӣ аз ҷумлаи арзишҳои бузург ва олии ҷомеаи мутамаддини башарӣ мебошад. Дар робита ба ин, бори дигар мехоҳам таъкид намоям, ки Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои динии инсонро таъмин ва ҳифз намуда, татбиқи сиёсати ягонаи давлатиро дар соҳаи озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ кафолат медиҳад. Имрӯз дар асоси ин муқаррароти конститутсионӣ шаҳрвандони кишвари мо ниёзҳои эътиқодии худро озодона ва ихтиёрӣ амалӣ мегардонанд. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дин ва ташкилотҳои динӣ барои шаҳрвандон тамоми шароит ва имкониятҳоро фароҳам овардааст, то ки онҳо аз ҳуқуқу озодиҳои худ бе ҳеҷ гуна мамониат ва мушкилот истифода баранд. Дар ҷомеаи имрӯзаи мо доир ба масоили динӣ аз лиҳози заминаи ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ ягон мушкили ҷиддӣ вуҷуд надорад. Дар айни замон, дар саросари кишвар як навъ вусъат ёфтани равандҳои худшиносии динӣ, беш аз пеш рӯ ба афзоиш ниҳодани таваҷҷуҳи ҳам ниҳодҳову созмонҳои мухталифи дохиливу хориҷӣ ва ҳам шаҳрвандони алоҳидаи мамлакат, умуман кулли ҷомеа ба масъалаҳои диниву эътиқодоти динӣ бараъло мушоҳида мегардад. Дар ин раванд, кор ба ҷое расидааст, ки густариши шуури динии баъзе гурӯҳҳо барои ҷомеаи мо ҷанбаҳои ғайримақбул пайдо карда, ба ҷараёни таҳкими ваҳдати миллӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Дар чунин шароит зарур аст, ки омӯзиши ҳамаҷонибаи дин, бахусус таълимоти Имоми Аъзам ва фалсафаи он, мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор дода шавад. Олимону мутахассисон бояд паҳлӯҳои мухталифи ин масъаларо мавриди таҳлили амиқ қарор

диҳанд. Дар баробари ин, арзишҳои динӣ бо шаклҳои ба миллати мо хос бояд дар ҳамбастагӣ бо фарҳанги миллӣ ҳамчун як қисми таркибии он арзёбӣ карда шаванд. Зеро яктарафа баҳо додан ба чунин масъалаи нозук метавонад ба оқибатҳои ногувор оварда расонад. Аз ин лиҳоз, ҳангоми омӯзиш ва эҳёи арзишҳои динӣ зарур аст, ки ба ҷавҳари таълимоти мазҳаби Имоми Аъзам диққат дода шавад. Ҷомеаи инсонӣ доимо дар инкишоф буда, зиндагӣ тағйирпазир аст ва ин равандҳо рушду такомули доимӣ ва мутобиқгардонии арзишҳои олиро ба ҳаёти имрӯза талаб менамоянд. Зеро солҳои охир баъзе марказҳои исломшиносии ғарбӣ ҳангоми арзёбии таълимоти тобноки ислом ва арзишҳои он дар баъзе мавридҳо аз воқеият дур мераванд. Онҳо исломро гоҳо ҳамчун як ҷараёни сирф сиёсӣ ва ҳатто харобкор ва гоҳе чун як мактаби маънавии хушку холӣ бо маросимҳои ҳатмии тоқатфарсо муаррифӣ мекунанд.

Дар робита ба ин, ман борҳо аз минбарҳои созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ақидаи худро баён кардаам ва ҳоло бори дигар таъкид месозам, ки дини ислом дар зоти худ ягон айб надорад ва ба сарчашмаи хушунат нисбат додани он куллан бепоя аст. Зеро ислом ҳамчун фарҳанги волои инсонӣ ва манбаи бузурги ахлоқӣ хушунату зӯровариро бо тамоми шаклҳои зуҳуроти онҳо маҳкум мекунад. Бо мақсади ба роҳ мондани омӯзишу таҳқиқи воқеъбинона, таҳлили амиқи илмии таърихи дини мубини ислом ва нақшу мақоми он дар ҷаҳони муосир дар кишварамон Маркази исломшиносии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Мушаххас намудани мавқеъ ва нақши дини ислом дар ҷаҳони муосир, таъсири омили исломӣ ба муносибатҳои байналмилалӣ, робитаи мероси исломӣ бо фарҳанг ва тамаддуни миллӣ, баррасии илмӣ ва объективии равияҳои динӣ, нақши мафкуравии онҳо дар ҷомеаи исломӣ, муколама ва таъсири мутақобили байни динҳо ва тамаддунҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ аз вазифаҳои аввалиндараҷае мебошанд, ки дар назди ин марказ гузошта шудаанд.

Маълум аст, ки нақши дин дар зиндагии инсон ва робитаи он бо ниҳодҳову сохторҳои иҷтимоӣ ва таҳаввулоти фарҳангӣ калон аст. Хусусан, дар ҷомеаи Тоҷикистон, ки дину диндорӣ дорои ҷиҳатҳои хос буда, аз ҷумлаи муҳимтарин соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад.

Агар ба ҳолати дину диндорӣ аз дидгоҳи манфиатҳои миллӣ назар андозем, имрӯз онро метавон дар сатҳи начандон баланд арзёбӣ кард. Чунин ҳолат барои баъзе доираҳои сиёсӣ ва динии дохиливу хориҷӣ айни муддао мебошад.

Зеро ноогоҳии мардум аз арзишҳои умумиинсонии дини мубини ислом, нодида гирифтани осори шахсиятҳои бузурги динии халқи худ, аз ҷумла, Имоми Аъзам метавонад барои ҳар гуна таблиғоти ифротӣ ва экстремизму радикализми динӣ заминаи мусоид фароҳам оваранд.

Масъалаи тарбияи ҷавонон ҷузъи муҳими сиёсати давлат аст. Дар ин самт мо бояд дарк намоем, ки пешравӣ ва ободии ҳар як ҷомеа қабл аз ҳама ба созандагиву эҷодкорӣ ва сатҳи донишу фарҳанги насли наврас ва ҷавонон вобастагии мустақим дорад. Аз ин нуқтаи назар, тарбияи насли донишманду дорои ахлоқи ҳамида, соҳибмаърифату бофарҳанг, созандаву эҷодкор ва ватандӯсту бонангу номус вазифаи муҳим ва аввалиндараҷаи ҳамагон аст. Зеро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ миллат ва давлате мақоми муносиб хоҳад ёфт, ки фарзандони бедордилу огоҳ ва дорои хислатҳои ҳамидаи инсониро тарбия намояд. Ҷавонони бонангу номуси мо бояд бо ҳисси баланди ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ пеш аз ҳама илмҳои муосир, забонҳои хориҷӣ ва технологияҳои замонавиро омӯзанд ва аз пайи обод кардани Ватани азизи худ - Тоҷикистон бошанд. Чунки пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа аз кадрҳои соҳибихтисосу бомаҳорат ва ватандӯсту ватанпараст вобаста аст. Дар робита ба ин, мехоҳам махсус ба падару модарон ва ходимони дин муроҷиат карда, иброз намоям, ки ҷавонони мо дар баробари донистани таърихи дин ва аркони он бояд ҳатман соҳибкасб бошанд. Аз ин рӯ, аз ходимони дин тақозо мегардад, ки ҷавононро ҳарчи бештар ба омӯзиши касбу ҳунар ҳидоят намоянд.

Бо қаноатмандӣ метавон зикр кард, ки то имрӯз дар байни пайравони динҳои мухталифи мамлакат дар заминаи эътиқоди динӣ ҳеҷ гуна низоъ ё зиддияте мушоҳида нашудааст. Ин аст, ки дар фазои динии кишвари мо фармудаҳои Қуръони карим дар хусуси он, ки *«дар дин маҷбурӣ нест»,* пурра татбиқи худро ёфтаанд. Шаҳрвандони кишварамон мувофиқи эътиқоди худ амал карда, бо ҳамдигар муносибати мусолиматомезро пеша кардаанд, ки ин амали онҳоро давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ҷонибдорӣ менамояд. Аз тарафи дигар, ин нишондиҳандаи сиёсати дурусти давлати дунявии Тоҷикистон нисбат ба дин ва эътиқодоти динӣ мебошад. Маҳз бо татбиқи асльҳои озодии эътиқоди динӣ ва талаботи қонунгузорӣ муяссар гардид, ки пеши роҳи ҳар гуна ихтилофот ва низои динӣ гирифта, дар мамлакат фазои таҳаммулпазирии динӣ таъмин карда шавад. Аҳли ҷомеаро низ зарур аст, ки чунин муносибати таҳаммулпазири динҳоро эҳтиёт ва ҳифз намоянд. Дар навбати худ, яке аз вазифаҳои давлат низ муносибати мусолиматомез бо дин ва ҳифзи вазъияти муросову мадоро дар ҷомеа мебошад.

То имрӯз дар самти арҷгузории давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ба тамаддуни пурғановати халқи тоҷик ва дини мубини ислом аз ҷониби Ҳукумати кишвар як силсила иқдомот амалӣ карда шудаанд. Таҳия ва нашри мероси гаронбаҳои бузургони илму фарҳанги миллатамон, тарҷума ва чопи Қуръони карим ба забони тоҷикӣ ва аз ҷониби Президенти кишвар ба мардум ҳадя гардидани ин китоби муқаддас аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Инчунин мо бузургдошти нобигаҳои илму фарҳанги халқамон, аз ҷумла, ҳазораи «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, 2700-солагии “Авесто”, 1000-солагии ҳуҷҷатулҳақ Носири Хусрави Қубодиёнӣ, 1025-солагии шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино, 680 ва 700-солагии орифи машҳур Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, 675-солагии шайх Камоли Хуҷандӣ, 800-солагии Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, 1150-солагии Одамушшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, 950-солагии имоми бузург Муҳаммади Ғазолиро дар сатҳи арзанда таҷлил кардем, ки ҳамаи ин чорабиниҳо дар самти густариши худогоҳиву худшиносӣ, эҳсоси ватандӯстиву ватанпарастии мардуми мо, аз ҷумла, ҷавонон нақши муассир гузоштанд. Ҳамчунин бояд гуфт, ки тавассути таҳқиқоти пурарзиши олимону мутахассисон нақши осор ва хизматҳои ин абармардони илму фарҳанги халқи тоҷикро имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ беҳтар шинохта, ба онҳо баҳои шоиставу сазовор додааст. Таҷлили 1310-солагии Имоми Аъзам дар соли 2009 низ дар самти шинохти симои аслӣ ва омӯзиши осори беназири ӯ ҳамчун манбаи покизаи рӯҳонӣ ва ахлоқӣ қадами муҳиме гардид. Дар шароити пуртазоди ҷаҳони муосир, ки ихтилоф ва бархӯрди тамаддунҳо ҳар рӯз бо тобиши нав зуҳур мекунад, эҳё ва баҳрабардорӣ аз арзишҳои маънавии таълимоти таҳаммулгарои Имоми Аъзам, бешубҳа, ба густаришу тақвияти ҳамаҷонибаи гуфтугӯи тамаддунҳо мусоидат хоҳад кард. Зеро фазилатҳои мазҳаби ҳанафия маҳз дар эҳтироми инсоният, ҳувийяти фарҳангии халқу миллатҳо ва баробарҳуқуқии онҳо ифода ёфта, инсониятро ба роҳи росту дуруст ҳидоят менамоянд.

Ҳадафи асосии мо аз таҷлили ҷашнҳо ва арҷгузорӣ ба шахсиятҳои таърихии миллатамон ва осори гаронбаҳои онҳо таҳкими ҳарчи бештари ҳисси худогоҳиву худшиносии миллии наслҳои имрӯза ва дар хизмати онҳо қарор додани арзишҳои воло ва дастовардҳои неки фарҳангии ниёгонамон, инчунин бо ҳамин роҳ дар шуури наврасону ҷавонон тарбия кардани эҳсоси ифтихор аз гузаштагон мебошад. Ҳоло мардуми мо дар марҳалаи нави таҳкиму такомули давлати соҳибистиқлоли худ қарор доранд ва дар ин раванд ҳар яки нафар бояд арзиши муқаддаси истиқлол ва давлатдории миллиро аз ҳама гуна манфиатҳои сиёсӣ, ҳизбиву гурӯҳӣ

ва ғаразҳои қавмиву динии худ болотар гузошта, дар баробари пойдору устувор нигоҳ доштани ваҳдати миллӣ ва сулҳу субот, инчунин ба татбиқи ҳадафҳои бузурги созандагӣ, бахусус, таъмини истиқлолияти энергетикиву коммуникатсионӣ ва ҳифзи амнияти озуқаворӣи кишварамон мусоидат намоем. Ҳамзамон бо ин, вобаста ба талаботи ҷомеаи имрӯза бояд муайян намоем, ки кадом анъанаҳои милливу диниамонро ба нафъи пешрафти давлати соҳибистиқлол ва миллати тамаддунсозамон ривоҷу густариш диҳем. Зеро мо бисёр арзишҳои неки милливу диние дорем, ки метавонанд дар таъмини ягонагиву ваҳдати миллат ва ташаккули ҷомеаи мутамаддини шаҳрвандӣ нақши созандаву муассир бозанд.

Арҷгузорӣ ба фарҳанги пурғановати миллатамон ҳисси ватандӯстиву ватанпарастии насли ҷавони моро тавсеа бахшида, дар ҷаҳони пуртазоди муосир бедории маънавӣ ва зиракии сиёсии онҳоро таъмин менамояд ва ба роҳи дурусти зиндагӣ ҳидоят месозад. Гузашта аз ин, осори пур аз панду ҳикматҳои созанда ва сабақомӯзи шахсиятҳои бузург дар бисёр ҳолатҳо ҷавонони моро аз содир намудани иштибоҳу зиёдаравӣ эмин медорад.

Мо бояд дар ҷомеаи худ насли худогоҳу бедордил ва созандаеро ба камол расонем, ки барои ободиву шукуфоии Ватани азизамон - Тоҷикистон софдилона ва содиқона хизмат карда тавонад. Мардуми шарифи Тоҷикистон ҳуқуқи комили маънавӣ доранд, ки бо чунин фарзандони фарзонаи миллат, саҳми беназири онҳо дар рушди тамаддуни умумибашарӣ ифтихор намоянд, осори гаронбаҳои онҳоро омӯзанд ва ҳикмати ҷовидонаи абармардони миллии худро қутбнамои рӯзгори хеш қарор диҳанд.

## *Исмоили СОМОНӢ*

# АБАРМАРДИ ХИРАД ВА СИЁСАТ



Дар интиҳои таърихи пурмоҷарои асри XX ва оғози ҳазорсолаи сеюми мелодӣ мо шоҳиди рӯйдодҳои бузурги ҷаҳони мутамаддин гардидем. Медидем, ки давлатҳои абарқудрат ва низомҳои тоталитарӣ, ки ба қимати ҷони миллионҳо қурбониён дар давоми даҳсолаҳо бунёд ва устувор гардида буданд, бар асари инқилобҳои демократӣ ва равандҳои сиёсӣ фурӯпошӣ шуданд. Мушоҳида намудем, ки арзишҳои умумибашарӣ ва демократӣ дар ҷаҳони имрӯза босуръат густариш меёбанд ва ҳамзамон арзишҳои асили миллӣ дар арсаи олам мақоми рӯзафзун пайдо мекунанд. Шоҳиди он гардидем, ки давлатҳои ҷавон дар талоши истиқлолият ва ёфтани мақоми худ дар ҷомеаи муосир ҳастанд ва миллатҳои бостонӣ эҳёи ҳайратангез ва зинаи баланди худшиносиро мепаймоянд.

Гузашта аз ин, дар кураи замин на ин ки марзбандии ҳавзаҳои геополитикӣ ва иқтисодиву стратегӣ оҳанги нав мегирад, балки ҳудуди тамаддунҳои қадиму ҷадид аз нав марзбандӣ мегардад ва миллатҳои хурду бузург доираи фарҳангу тамаддуни хешро аз ҳисоби ба ҳамдигар наздик гардонидани тамаддунҳои ҳамҷавор вусъат мебахшанд.

Равандҳо ва тамоюлоти ҷомеаи башарӣ ба андозае расидааст, ки ҷомеашиносон аз фарорасии давраи комилан нав ва даврони дигаргуниҳои бузург дар таърихи инсоният ибрози ақида мекунанд. Ин дигаргуниҳо аз ҷараёни худшиносии халқҳо, миллатҳо ва дар маҷмӯъ инсоният ғизо мегирад. Раванди мазкур аслан солҳои 70-ум зоҳир гардид ва солҳои 80-ум ва 90-уми асри XX чун падидаи умумии тамоюлоти таърихӣ арзи ҳастӣ намуд.

Эҳёи Тоҷикистон чун давлати соҳибистиқлол ва озод низ натиҷаи ҳамин қонунияти таърихӣ ва дигаргуниҳои мантиқии интиҳои асри XX

мебошад. Дар айни замон мо дар рӯ ба рӯи озмоишҳои бузурги таърихӣ қарор гирифтаем, ки меҳвари онро таъсис ва таҳкими ҳамаҷонибаи давлати мустақили миллӣ ташкил медиҳад.

Пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ боиси он гардид, ки дар қатори дигар ҷумҳуриҳо Тоҷикистон низ аз неъмати бебаҳои истиқлолияти воқеӣ баҳравар шуд. Ин давраро метавон чун оғози марҳалаи нави давлатдорӣ ва истиқлолияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намуд. Истиқлолияти миллӣ дар марҳалаи навин барои мардуми Тоҷикистон чандон осон ба даст наомад ва аз қазо боз ба душвориҳои сангин ва ихтилофҳои шадид рӯ ба рӯ шуд.

Қувваҳои бадхоҳи дохилию хориҷие, ки истиқлолияти Тоҷикистонро чашми дидан надоштанд ё худ мехостанд ин сарзамини пурганҷро таҳти нуфузи хеш гиранд, мардуми тоҷикро бар зидди ҳамдигар ангехта, ҷанги шаҳрвандиро бар дӯши он таҳмил намуданд. Ба назар чунин мерасид, ки бесарусомониҳо ва муноқишаҳои хунин дар сарзамини тоҷикон мисли кишвари Афғонистон дурудароз давом хоҳанд кард. Вале Ҳукумати ҷумҳурӣ тамоми кӯшишро ба он равона сохт, ки ба муқовимату душманӣ хотима гузошта, сокинони мамлакатро ба сулҳу ваҳдат ва меҳнати бунёдкорона ҳидоят намоянд. Халқи тоҷик маҳз ба шарофати хираду заковати аҷдодӣ ва ақли солим сиёсати сулҳҷӯёнаи Ҳукумати кишварро дастгирӣ намуд. Сулҳу салоҳ, ваҳдату созандагӣ ва меҳнати бунёдкорона дар сарзамини тоҷикон аз нав пойдор гардид.

Бо ташаббуси Ҳукумат ва ҳамкории собиқ мухолифин, ҳамчунин дастгирию ҷонибдории ташкилотҳои байналхалқӣ ва чандин кишварҳои хайрхоҳи олам сулҳи саросарӣ дар мамлакат фароҳам оварда шуд. Таъсис ва ташаккули давлатиояндаи миллӣ дар Тоҷикистон амри воқеист. Татбиқи ин рисолати таърихӣ барои мо ҳам осон асту ҳам мушкил. Зеро мо, тоҷикон, аз қадимулайём дар қалби Осиё ва чорроҳаи фарҳангҳо ва тамаддунҳо арзи ҳастӣ намуда, дорои таҷрибаи қадимтарини фарҳанги давлатдорӣ мебошем.

Борҳо ҳангоми суханронӣ дар мулоқоту ҷаласаҳо таъкид кардаам, ки *давлати Сомониёнро дар ҳеҷ сурат огози давлату давлатдории тоҷикон шумурдан раво нест. Чунки халқи тоҷик то давраи Сомониён силсилаи давлату давлатдориҳоро бунёд гузошта, дар Осиёи Миёна чун қадимтарин миллат шинохта шудааст ва саҳифаҳои нахустини фарҳангу тамаддуни аҳди қадимро дар ин сарзамин поягузорӣ кардааст.*

Воқеан, таърихи давлату давлатдории тоҷикон ба ҳазорсолаҳои басо дур рафта мерасад, ки аз сарчашмаҳои асотирӣ ва ривоятӣ оғоз мегирад.

Давраи подшоҳии сулолаи Пешдодиён ва Каёниёнро аз ҷумлаи давраи асотирию нимасотирӣ қаламдод кардаанд, ки ғолибан манзараи оғози тамаддуни ниёгони моро фаро мегирад.

Модоме ки асотири Юнонзамин, банӣ-Исроил, Мисри Қадиму Бобул чун як рукни таърихи ин кишварҳои қадим эътироф шуда бошанд, пас сулолаи Пешдодиёнро чун оғози таърихи давлату давлатдории ниёгони тоҷикон ва дигар мардуми ориёинажод ҳисобидан равост. Давлату давлатдории сулолаи Каёниён зинаи аз асотир ба воқеияти таърихӣ гузаштан буда, ба аҳди подшоҳии Гуштосп ва зуҳури Зардушт рост меояд. Таълимоти Зардушт ва китоби муқаддаси «Авесто»-ро кулли уламои ҷаҳон ва таърихшиносони Шарқу Ғарб эътироф кардаанд. Инчунин шукӯҳу шаҳомати давлати Каёниён ва Балху Бохтари бостониро ситоиш намудаанд ва мо - ворисони воқеии сулолаи Каёниён ҳуқуқи маънавӣ надорем, ки асолати куҳанбунёди ниёгони худро нодида гирем.

Дастовардҳои навини илмӣ олимонро ба хулосае овардааст, ки дар марзу буми Ориёнои таърихӣ дар ҳазорсолаи дувуми то мелод, тахминан байни солҳои ҳазору панҷсад, ҳазору дусади то мелод, сохтори давлатӣ ва суннати устувори давлатдорӣ падид омада буд. Ин суннат, ки онро метавон «суннати каёнӣ» номид, дорои низом ва деринаи давлатдорӣ будааст. Баъзе унсурҳои ин суннат баъдан ба қаламрави Порс ва Мод паҳн шуда, дар ташаккули воҳидҳои нахустини сиёсию идории ин сарзамини паҳновар нақши муҳим гузоштанд.

Ин суннати давлатдорӣ дар замони таъсис ва ташаккули Ҳахоманишиён дар сатҳи як давлати абарқудрати ҷаҳонӣ такомули ҳамаҷониба ёфт. Шоҳони бузурги он - Куруши Кабир ва Доро низоми пешрафтаи сиёсӣ ва идориро бунёдгузорӣ намуданд. Дар замони Ҳахоманишиён аввалин бор дар таърих шакли оқилона ва башардӯстонаи муносибати халқҳо, гурӯҳҳои этникӣ, пайравони ойину мазҳабҳои мухталифи динӣ ва мактабҳои гуногуни илмию фалсафӣ тарҳрезӣ ва корбаст гардид, ки ҳатто имрӯз низ ибратомӯз мебошад.

Вақте Куруши Кабир соли панҷсаду сивунӯҳуми то мелод пойтахти давлати муқтадири Бобулистонро фатҳ кард, бар хилофи шоҳони аҳди бостон эъломияе интишор намуд, ки дар он ҳифзи ҷону мол ва озодии эътиқоди динии шаҳрвандон кафолат дода мешуд. Ин эъломия, ки бо номи «Устувонаи Куруш» машҳур аст, шояд нахустин намунаи Эъломияи ҳуқуқи бештар дар таърихи инсоният бошад.

Бояд таъкид кард, ки ин суннати давлатдории ниёгони мо дар давлатҳои баъдинаи ориёӣ - давлати Ашкониёни Порт, Кушониён, Ҳайтолиён

ва бахусус Сосониён, идомаву такомул ёфт ва то истилои араб побарҷо монд. Зимнан бояд афзуд, ки дар раванди ташаккул ва таҳаввули ин давлатдориҳо мо як хусусияти устувори фарҳанг ва тамаддуни ориёӣ - ворисиятро возеҳ мебинем: яъне ориёиён то истилои араб ба арзишҳои деринаи тамаддун ва давлатдории худ содиқ буданд. Ин суннатҳои давлатдорӣ ҳанӯз дар аҳди қадим аз ҷониби давлатҳо ва кишварҳои дигар, аз ҷумла, давлатҳои Юнону Рими Қадим, Ҳинду Қафқоз ва ғайра мавриди истифода қарор гирифта, ҷузъи таркибии ганҷинаи давлатдории башарӣ гардидаанд.

Истилои араб ва густариши дини ислом бунёди ҷомеаи суннатӣ ва асолати тамаддуни ориёиро дар сарзамини ниёгони тоҷикон комилан шикаста натавонист. Чуноне ки ин ҷараён дар мавриди заволёбии тамаддунҳои пешрафтаи Мисри Қадим ва Бобул сурат гирифт. Вале бо вуҷуди ин ҳокимияти аҷнабиёне, ки дорои сатҳи поинтари тамаддун буданд, барқарор шуд. Забони арабӣ забони расмии давлатӣ эълон гардид ва ойину эътиқоди маҳаллӣ таҳти фишори аҷнабиён қарор гирифт. Дар чунин шароит муборизаи тӯлонии фарзандони огоҳу ватанпарасти Мовароуннаҳру Хуросон оғоз шуд ва авҷ гирифт. Ин мубориза шаклҳои гуногун дошт: пайкори мусаллаҳона, талош бо донишу таҷриба, муросову мадоро, василаҳои дигари сиёсӣ ва дипломатӣ.

Ҳаракати васеи мардумӣ бо сарварии фарзанди бузурги халқ Абӯмуслими Хуросонӣ намунаи барҷастаи ин мубориза ва оғози эҳёи истиқлоли сиёсӣ ва миллии халқи тоҷик ба шумор меравад. Дар ин раванд хонадонҳои фидоии миллӣ, бахусус Бармакиён, нақши муҳим гузоштаанд. Ва албатта, барои раҳоӣ ва тобеияти бегонагон ошӯбҳои халқӣ бар зидди арабҳо, махсусан, шӯриши Муқаннаъ аҳамияти бузург доштанд.

Бар асари ин муборизаҳо мавқеи нерӯҳои миллӣ мустаҳкам гардид, иқтидор ва нуфузи ашрофи маҳаллӣ афзуд. Ғояи истиқлолхоҳӣ дар байни табақаҳои васеи мардум реша давонд. Муҳимтар аз ҳама, дар натиҷаи ин муборизаи тӯлонӣ раванди ташаккули халқи тоҷик суръати тоза пайдо кард ва заминаи эҳёи давлати миллӣ фароҳам омад.

Дар ташаккули халқи тоҷик ҳамчунин омилҳои гуногуни таърихӣ - таҳкими муносибатҳои иҷтимоӣ, рушди кишоварзӣ ва сохторҳои дигари истеҳсолӣ, инкишофи робитаҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва фарҳангии минтақаҳои Мовароуннаҳру Хуросон нақши муҳим гузоштанд. Дар ин амр фаъолияти марказгарои давлатҳои Кӯшониён, Ҳайтолиён ва бахусус Сосониён, аҳамияти хоси таърихӣ доштааст. Яке аз омилҳои асосии ташаккули халқи тоҷик пайдоиши забони тоҷикист, ки бо номҳои «забони

дарӣ» ва «форсӣ» низ маъмул аст. Ташаккули забони тоҷикӣ ҳамчун яке аз қадимтарин забонҳои зиндаи ҷаҳон хеле тӯлонӣ ва мураккаб будааст.

Имрӯз мусаллам аст, ки гаҳвораи забони тоҷикӣ Мовароуннаҳру Хуросон ва эҷодгарони он сокинони ин марзу бум, яъне ниёгони тоҷикон будаанд. Забони тоҷикӣ аз ин сарзамин ба ғарбу шимоли Эрони имрӯза, баъдан ба машриқу мағриб паҳн гардид. Намунаҳои аввалини ёдгориҳои хаттии ин забон ба асри VIII тааллуқ доранд.

Ташаккул ва паҳншавии босуръати забони тоҷикӣ дар асрҳои IX-X на фақат ба инкишофи минбаъдаи халқи тоҷик мусоидат намуд, балки эътибори ин забон гувоҳномаи ҳувийяти миллии тоҷикон гардид. Дар минтақаҳое, ки ин забон ба вуҷуд омад ва ба камол расид, номи тоҷик низ мақом ёфт ва устувор шуд.

Омили дигари ташаккули халқи тоҷик таъсис ва таҳкими ҳамаҷонибаи давлатдории миллӣ мебошад. Оғози эҳёи ваҳдати сиёсии сарзамини тоҷикон - Мовароуннаҳру Хуросон ба давраи давлатдории Тоҳириён ва Саффориён рост меояд. Дар маҷмӯъ Тоҳириён ва Саффориён оғозгари эҳёи давлатдории миллӣ буданд, аммо онҳо натавонистанд тамоми сарзамини тоҷикро дар қаламрави як давлати комилан мустақили нерӯманд муттаҳид созанд ва ташаккули халқи тоҷикро таъмин намоянд. Ин рисолати бузурги таърихиро танҳо Сомониён анҷом дода тавонистанд.

Пайдоиши давлати Сомониён ба даврони талошу муборизаҳои сангин рост омад. Ин давроне буд, ки муборизаи қаҳрамононаи мардум бар зидди аҷнабиён ҳамоно идома дошт ва сиёсати шовинистии истилогарони араб мунтазам амалӣ мегардид. Аҷнабиён ният доштанд, ки ба воситаи густариши забону фарҳанги арабӣ нуфузи забони тоҷикро кам карда, ҳувийяту ифтихори миллӣ, шарафу номуси ватандорӣ, суннатҳову фарҳанги куҳани аҷдоди моро барбод диҳанд.

Миллати фарҳангдӯсти тоҷик дини исломро қабул кард, лекин мисли баъзе халқияту миллатҳо забони арабиро ба ҷои лафзи модарии худ напазируфт. Ин кӯшишу талоши ҷиддӣ, яъне пешгирии нуфузи забони арабӣ чун падидаи беназири ватанпарастӣ дар таърихи миллати мо бо ҳарфҳои зарин сабт гардидааст. Маҳз Сомониён тавонистанд ба эҳёи миллат ва фарҳанг асос гузоранд, забони модариро чун гавҳараки чашм нигоҳ доранд, ҳувийяти миллӣ ва арзишҳои фарҳангиро ҳифз намоянд. Насли имрӯз ва оянда вазифадор аст, ки ин анъанаи неки онҳоро идома диҳад.

Оғози кишвардории воқеии хонадони Сомониён ба таъини фарзандони шоистаи Асад ибни Сомонхудот - Нӯҳ, Аҳмад, Яҳё ва Илёс дар соли 819 ба мақоми аморати Самарқанд, Фаргона, Чоч, Истаравшан ва Ҳирот

рост меояд. Бар асари ҳукуматдории оқилона, ободонию созандагӣ, маърифату ғамхорӣ ва талошу гайрати бародарони Сомонӣ Мовароуннаҳр сарсабзу обод гардид. Мувофиқи маълумоти манбаъҳои таърихӣ дар ин қаламрав беш аз 250 шаҳрҳои хурду бузург мавҷуд буда, марказҳои зиёди илмию маърифатӣ ва фарҳангӣ фаъолият доштанд. Бунёдгузори ҳақиқии давлати Сомониён Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ - абармарди хирад ва сиёсат буд.

Ӯ илму дониши замонашро хуб аз бар намуда, аз даврони ҷавонӣ ҳунари сарварӣ ва кишвардориро амалан фаро гирифт. Сирати наҷиби сиёсӣ ва фазилати инсонии Исмоили Сомонӣ дар солҳои давлатдориаш возеҳан зоҳир гардид.

Ин сиёсатмадори бузург ба корҳои созандагӣ ва ободонӣ, беҳбудии рӯзгору осоиши мардум, ривоҷу равнақи шаҳрдорӣ ва инкишофи илму фарҳанг таваҷҷуҳи доимӣ дошт. Исмоили Сомонӣ ба рукни ниҳоят муҳими давлатдории ориёӣ - масъулияти давлат дар таъмини шароити зарурии пешрафти кишвар садоқати беназире нишон дод. Фаъолияти ӯ дар таъмини амнияти Бухоро ва тамоми қаламрави давлати Сомониён низ басо муассир ва ибратомӯз аст. Ӯ бо фаросати олии сиёсӣ ва инсонӣ дарёфт, ки сиёсати мудофиавӣ ба муқобили тохтутозҳои харобиовари кӯчманчиён ба манфиати давлат ва амнияти халқ созгор нест. Аз ин лиҳоз, Исмоили Сомонӣ бо ҳамкорию пуштибонии мардум ба қабилаҳои яғмопеша зарбаи сахт зад ва ҳуқуқи маънавӣ пайдо кард, ки бо ифтихор иброз дорад: *«То зинда ҳастам, бораи Бухоро ман бошам!»*

Амир Исмоили Сомонӣ бо тамоми вуҷудаш хоҳони муттаҳидии тамоми сарзамини тоҷикон буд. Ӯ бар хилофи таҳрикоти пайдарпайи халифаи Бағдод ба Хуросон, ки таҳти ҳокимияти Саффориён буд, майли лашкаркашӣ накард. Ва ҳатто замоне, ки Амр ибни Лайс бо лашкари 70-ҳазорнафара сӯи Мовароуннаҳр ҳаракат мекард, Исмоили Сомонӣ ноилоҷ барои мудофиаи мулк омода гардид ва дар муҳориба голиб омад. Баъди ин пирӯзӣ Исмоили Сомонӣ тамоми сарзамини тоҷикон - Мовароуннаҳру Хуросонро зери парчами як давлати муқтадир ва мутамаркази Сомониён муттаҳид намуд.

Шояд ҳамин сифатҳои ҳамидаи Исмоили Сомонӣ буд, ки ӯро дар арсаи таърих чун шахсияти фавқулодати сиёсӣ эътироф намуда, баъди Анӯшервон барояш унвони ифтихории шоҳи одилро сазовор донистаанд. Аз ин ҷиҳат рӯзгор ва мубориза и Исмоили Сомонӣ дар муттаҳидсозӣ ва сарҷамъ овардани халқҳои парешони ориёинажоди Мовароуннаҳру Хуросон як падидаи ибратомӯзи таърихист.

Хизмати бузурги таърихии Исмоили Сомонӣ ва ниёгони ӯ дар он буд, ки низоми ниҳоят муназзам, муассир ва фаъоли идораи марказӣ ва маҳаллиро бунёд гузоштанд. Ин низом унсурҳо ва арзишҳои муҳимтарини давлатдории ориёиро эҳё намуда, онҳоро бо арзишҳои тамаддуни гузаштаву мавҷудаи давр омезиш дод. Дар натиҷа, ин низом таҷассумгари арзишҳои беҳтарини давлатдорӣ ва ба эътирофи аксари донишмандон, мутамаддинтарин давлати замони худ гардид. Ин низом, ки бо номи «девони Сомониён» машҳур аст, на фақат давлати соҳибқудрату нерӯмандро эҷод кард ва таҳким бахшид, балки муносибати оқилона ва гуногуншаклро дар байни марказ ва вилоятҳо бунёд гузошт. Исмоили Сомонӣ ва ворисони шоистаи ӯ ба таҳкими бунёди маънавӣ ва ахлоқии давлат аҳамияти бузург дода, шахсиятҳои тавонои илмиву фарҳангиро ба идоракунии кишвар ҷалб менамуданд. Аксари вазирони Сомониён аз хонадонҳои машҳури Ҷайҳонӣ, Балъамӣ ва Утбӣ баромада, аз ҷумлаи донишмандтарин афроди замони худ ба ҳисоб мерафтанд. Зиёда аз ин, худи амирони Сомонӣ дониш ва маърифати баланд дошта, дар маҷлису маҳфилҳои илмӣ фаъолона ширкат меварзиданд. Гуногунандешӣ ҳусни давлатдории Сомониён ба шумор мерафт. Дар қаламрави ин давлат намояндагони халқҳо ва динҳои гуногун аҳлона умр ба сар бурда, ба кору сохтори давлатдорӣ халал намерасонданд. Ин падида низ дар таърих чун ҷиҳати ибратомӯзи давлатдории Сомониён эътироф шудааст.

Давлати Сомониён боз як рисолати бузурги таърихӣ дошт, ки ба он дар илми таърихнигорӣ камтар таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Дар асрҳои IX-X яке аз омилҳои муҳими давлатдорӣ омезиши оқилона ва моҳиронаи арзишҳои ориёӣ бо меъёрҳои маънавии ислом ба ҳисоб мерафт. Сомониён синтези табиӣ ва оқилонаи арзишҳои ориёиро эҳё намуда, ҳамзамон ба ривоҷ ва таблиғи мазҳаби Имоми Аъзам мусоидат карданд. Дар натиҷа, низоми сиёсӣ ва идораи давлат моҳияти дунявӣ касб карда, нақши он дар умури иҷтимоӣ, маънавӣ ва фарҳангӣ ҳамчунон устувор монд. Ин имкон дод, ки эътибори дин бар асари воқеоти фоҷиабори муқовимату бархӯрдҳо ва қудратталабиҳо халалдор нагардад. Ва имрӯз мо бо такя ба таҷрибаи давлатдории Сомониён дилпурем, ки гуногунандешӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол барои бунёди як давлати демократӣ ва дунявӣ кумак мекунад ва дар таҳкими сулҳу осоиш дар сарзамини бостонии мо мусоидат менамояд.

Давлатдорони Сомонӣ ба эҳёи фарҳангу тамаддун мусоидати ҳамаҷониба намуда, дар таъмини мақоми давлатии забони тоҷикӣ кӯшишҳои зиёд кардаанд. Тулӯи оламшумули забони тоҷикӣ ба талошу фаъолияти

ин давлат ва сарварони соҳибхираду маърифатпарвари он иртиботи ногусастанӣ дорад. Маҳз дар ҳамин давра шеъри Рӯдакӣ оламгир шуд ва шоирони бузург Абӯмансури Дақиқӣ, Абӯшакури Балхӣ, Шаҳиди Балхӣ, Кисоии Марвазӣ ва дигарон ашъори гаронмоя эҷод карданд. Абулқосими Фирдавсӣ ба офаридани шоҳасари ҷовидонаи худ - «Шоҳнома» пардохт. Рушди бесобиқаи тиб, таърихнигорӣ, ҷуғрофия, улуми табиӣ, фалсафа ва улуми исломӣ низ аз бисёр ҷиҳат маҳсули фаъолияти ин давлат будааст. Заковати илмӣ ва эҷодии Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино ва аллома Абӯрайҳони Берунӣ маҳз дар даврони Сомониён ташаккул ёфт ва шоҳкориҳои ҷаҳонии илмро ба бор овард. Эҳёи тамаддуни тоҷик, ки рушду нумӯи он ба даврони Сомониён ва шаҳрҳои бостонии Бухорову Самарқанд рост меояд, бо дастовардҳои фарҳангии гаронбаҳо ва нотакрораш ҷаҳониёнро дар ҳайрат гузоштааст. Ин даврон роҳи илму донишро на танҳо барои мардуми ориёинажод, балки барои тамоми башарияти фарҳангдӯст мунаввар сохт.

Ман бори дигар таъкид мекунам, ки фарҳангу тамаддуни аҳди Сомониён имрӯз на танҳо мероси таърихии халқи тоҷик, балки сарвати халқҳои Осиёи Марказӣ ва умумибашарӣ ба шумор меравад.

Мо нияти азхуд кардани тамаддуну мероси фарҳангии ягон халқу миллати марзҳои собиқа ва имрӯзаи Осиёи Марказиро надорем. Танҳо мехоҳем аслу насаби худро бишносем, таърихи сарзамини аҷдоди гузаштаи худро таҳқиқ намоем, бурду бохти онҳоро дар тӯли ҳазорсолаҳои дуру наздик омӯзем, аз шикасту пирӯзиҳои онҳо сабақҳо андӯзем. Зеро таърих ҳаками одил ва роҳбалади корозмуда буда, моро аз гузаштаҳои дур ба сӯи асрҳои оянда ҳидоят менамояд.

Халқи тоҷик ҳақ дорад аз он ифтихор кунад, ки имрӯз инсонияти маърифатдӯст аз осори бузурги илмиву фарҳангии давраи Сомониён баҳраманд мешаванд. Хизмати бузургтарин ва арзандатарини давлати Сомониён дар таъмини ташаккули комили халқи тоҷик будааст. Исмоили Сомонӣ ва ворисони ӯ раванди ташаккули халқи тоҷикро суръат бахшиданд ва маҳз дар ҳамин давра халқи тоҷик мақоми таърихии худро соҳиб шуд. Халқи тоҷик таърихан худро бо номҳои «озодагон», «деҳқон», «ибн-ул-ашроф» ва ғайра муаррифӣ мекард, ки онҳо тақрибан ҳаммаъноӣ калимаи «ориёӣ» мебошанд.

Дар давраи Сомониён ҷойи онҳоро номи ***«тоҷик»*** гирифт. Дар бораи ин этноним - даврони пайдоиш, ташаккул, авҷи камолот ва моҳияти он ақидаҳои гуногун мавҷуданд: бинобар ин замоне фаро расидааст, ки ин масъала бояд ба таври амиқ таҳқиқу баррасӣ шавад. Вале агар ба хислат

ва моҳияти ташаккули халқи тоҷик таваҷҷуҳ намоем, унсурҳои ворисият ва худшиносии ориёӣ аён аст. Яъне халқи мо дар тӯли садсолаҳои таърих баробари суннати давлатдорӣ фарҳанги миллӣ ва хотираи таърихии худро ҳифз кардааст. Таҷрибаи таърихии Сомониён дар пешбурди сиёсати хориҷӣ ва равобити байнидавлатӣ низ дорои унсурҳои ибратомӯз аст. Сомониён истиқлоли воқеии давлатро мисли гавҳараки чашм ҳифз карда, бо Хилофати араб равобити эҳтиёткорона, оқилона ва судбахш доштанд ва бо ин роҳ ба таҳкими пояҳои дохилию хориҷии давлат мусоидат менамуданд. Онҳо бо кишварҳои ҳамсоя ва ҳатто давлатҳои нисбатан дур, ба монанди Чин, Рум, кишварҳои Аврупо ва сарзамини Рус муносибати тиҷоратӣ барқарор намуда, дар эҳёи Шоҳроҳи абрешим нақши ниҳоят муҳим бозидаанд. Давлати Сомониён барҳақ машъале буд, ки роҳи тамаддуну давлатдориҳоро дар давоми садсолаҳо мунаввар сохта, як давраи хеле пурбаракату мусоиди болоравӣ ва нақши ҷовидонаи миллати тоҷикро дар арсаи таърих фароҳам овард ва як ҳавзаи паҳновари муттаҳидсозандаи халқ, эҳёи арзишҳои фарҳангӣ ва дастовардҳои моддию маънавии ниёгони мо гардид. Давлати Сомониён дар ниҳояти кор як ҷавлонгаҳе шуд, ки кишвару миллати фарҳангпарвари тоҷик бори дигар заковати фитраву ҳувийяти миллии хешро ба ҷаҳони мутамаддин нишон дод. Ин давра чун ҷамъбасти роҳи таърихии ташаккули миллати тоҷик ва ба авҷи камолот расидани давлату давлатдории миллии тоҷикон эътироф шудааст.

Давлати Сомониён бо вуҷуди ҳамаи ин комёбиҳо аз раванди умумии таърихи ташаккул, шукуфоӣ ва таназзули низоми давлатдорӣ истисно набуд. Бояд гуфт, ки дар шикасту таназзули ин давлат чанд омил ё сабаби асосӣ нақши ҳалкунанда доштанд:

Аввалан, ягонагии роҳбарияти олии давлат ва худи хонадони Сомониён то охир таъмин нашуд. Дар марҳалаи аввали давлатдорӣ ин ваҳдату ягонагӣ таъмин буд ва омили ниҳоят муҳими пешрафти давлати Сомониён гардид. Ва ҳангоме ки мубориза̄и қудратталабӣ дар байни хонадони Сомониён авҷ гирифт, ин ваҳдат аз байн рафт ва заминаи заволи давлат фароҳам омад.

Дуюм, таъсис ва нуфузи сипоҳи ғайримиллӣ - горди Сомониён, ки асосан аз ҳисоби ғуломони зархариди турк ташкил шуда буд, дар лаҳзаҳои ҳалкунанда василаи боэътимоди ҳифзи кишвар ва ҳатто ҳокимияти Сомониён нагардид.

Сеюм, мубориза̄и ҳокимони бонуфузи баъзе вилоятҳо барои қудрат ва соҳибихтиёрӣ ҳокимияти марказиро тадриҷан заиф намуда, боиси низоъ ва мунокишаҳои дохилию хориҷии мамлакат гардид.

Чорум, фаъолияти зиддимиллӣ ва ихтилофангези баъзе гурӯҳҳои рӯҳониён, ки мардумро аз пуштибонӣ ва дифои истиқлолияти миллӣ бозмедоштанд, дар шикасти давлати мутамаркази Сомониён таъсири ҷиддӣ гузошт.

Панҷум, афзоиши фишори рӯзафзуни нерӯҳои хориҷӣ дар шароити бухрони дохилии сиёсии давлати Сомониён аз омилҳои асосии шикасти давлат гардид. Ва албатта боз чандин сабаби дигар ҷараёни шикасти ин давлати абарқудрати тоҷиконро тезониданд.

Имрӯз мо аз ин сабабу омилҳои таърихӣ бояд сабақҳои зарурӣ андӯзем. Мардуми тоҷик бояд он ҳақиқати талхро донад, ки сабаби асосии шикасти давлати абарқудрати Сомониён тангназарии ҳокимон, мансабталошиву худхоҳии як зумра сиёсатмадорону сипоҳиён, кашмакашиҳои бемаънии дохилӣ, хиёнати аҷнабиён ва қувваҳои зиддихалқии марказгурез буданд.

Таърих баъд аз ҳазор сол моро водор месозад, ки аз таҷрибаи талхи ниёгони худ сабақ гирем, манфиати давлату миллатро аз ҳама боло шуморем, ба қадри давлату давлатдорӣ ва Ватани аҷдодӣ бирасем, кишварро аз парокандагӣ, миллатро аз нобудшавӣ нигоҳ дорем. Танҳо ваҳдати мардуми Тоҷикистон, меҳнати ҳалолу бунёдкорона ва дӯстиву ҳамкориҳои судманд бо мамлакатҳои пешқадами дунё моро ба ояндаи пурсаодат мерасонад.

Шикасти давлати Сомониён расо ҳазор сол қабл аз ин маънои комилан аз байн рафтани суннати давлатдории тоҷиконро надошт. Давлатҳои баъдина - Ғазнавиён, Салҷуқиён, Қарахониён ва Хоразмшоҳиён саъю талош менамуданд, ки низоми сиёсиву давлатӣ ва иҷтимоиву фарҳангии Сомониёнро идома диҳанд. Дар ин даврон боз як давлати дигари тоҷикон - давлати Ғӯриён арзи ҳастӣ намуд. Вале таҷовузи маргбори мугул ва ворисони он ба суннати давлатдорию истиқлолияти миллати тоҷик зарбаи ҷонкоҳе зад. Ба вуҷуди ин ҳама зарбаҳои пайдарпай талошҳои истиқлолхоҳӣ ва ватанпарастии тоҷикон хомӯш нагашт.

Ҷунбиши истиқлолхоҳии Сардаборони Хуросон унсурҳои муҳими суннати давлатдории Сомониёнро ҳифз ва эҳё карданд. Ҳатто давлатҳои минбаъда, аз ҷумла, Аморати Бухоро худро вориси суннатҳои давлатдории Сомониён медонистанд ва унсурҳои муҳими ин давлатдориро ҳифзу нигаҳдорӣ менамуданд.

Пас аз суқути сулолаи Сомониён ҳарчанд халқи тоҷик аз давлатдории худ маҳрум гардид, забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ мақоми поянда дошт. Тамоми корҳои ташкилу танзими давлатдорӣ, низоми мамлакатдорӣ, идораи девону дафтар, коргузорӣ маҳз бо забони тоҷикӣ

сурат мегирифтанд. Пеш бурдани сафорату тиҷорат, танзими дахлу харҷ, таҳкими пояҳои иқтисоди кишвар, сарварии ҳавзаҳои илмию адабӣ ва ғайра суннати соф тоҷикона дошт, аммо мақоми подшоҳӣ ва зимомдории мамлакат ба дасти дигарон буд. Дар ин муддати тӯлонӣ душманони миллати мо кӯшишҳои зиёд намуданд, ки номи тоҷикро аз саҳифаи таърих берун афкананд. Вале миллати сарбаланди тоҷик тавонист, ки дар марҳалаҳои ҳассос ва озмоишҳои бешумори таърих асолати миллиашро ҳифз намояд, ном, забон, фарҳанг, дину ойин ва суннатҳои деринаашро нигоҳ дорад.

Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки ягон миллат бидуни баҳравар шудан аз тамаддуни халқу миллатҳои ҳамҷавор бо сари танҳои худ миллати тавонову бофарҳанг шуда наметавонад. Вале ман бузургии миллатамро дар он мебинам, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо ҷабру ҷафои аҷнабиёнро бо таҳаммули мардонавор паси сар намуда, тамаддуни халқиятҳои бегонаро бо дастовардҳои безаволи фарҳангиаш ҳазм намуд ва беҳтарин бозёфтҳои маънавии онҳоро аз бар кард.

Аҳди Сомониён, алалхусус, замони давлатдороии Исмоили Сомониро метавон яке аз қуллаҳои камолоти худшиносӣ ва асри шукӯҳу ҷалоли истиқлолияти миллати тоҷик номид. Фарзандони оқилу хирадпешаи миллат маҳз дар ҳамин айём бо асарҳои безаволи хеш сарчашмаи маънавие офариданд, ки асрҳо боз оби зулоли он насл ба насли инсониятро шодоб месозад. Аз ҳамин хотир, мо ҷашни бузурги 1100-солагии давлати Сомониёнро истиқбол гирифтем, то марҳалаҳои гузаштаву имрӯзаву ояндаро бо ҳам васл намоем.

Ин ҷашн барои мо на танҳо саҳифаҳои сипаригаштаи таърих, балки сарчашмаи шуҷоату мардонагӣ, таҷассуми симои давлатдории миллӣ, сабақу таҷрибаи ниёгон ва дар айни ҳол чун шуълае аз дуриҳо роҳиояндаи миллатро равшан сохт. Рӯзгори саршор аз ватандӯстию ифтихори миллии Сомониён ба фарзандони огоҳу фарзонаи халқи тоҷик дар ҳифзи асолати миллию фарҳангӣ, пуштибонии миллат ва татбиқи ҳуқуқҳои таърихии тоҷикон, махсусан, таъсиси Ҷумҳурии мустақили Тоҷикистон мисли қутбнамо хизмат намудааст. Муборизаҳои пайвастаи онон, ба хусус, корномаи таърихии устод Садриддин Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров идомаи мантиқии муборизаи ватанпарастонаи фарзандони шоистаи Оли Сомон ба шумор меравад.

Эҳёи истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи навин, бешак, бузургтарин ва муҳимтарин воқеа дар таърихи асри бистуми мо мебошад. Дар як қисмати қаламрави таърихии давлати Сомониён давлати

мустақили тоҷикон қомат рост кард, ки воқеан вориси шоистаи Оли Сомон мебошад.

Мо дар як замони мушкилу сарнавиштсози миллат муҷассамаи шоҳ Исмоили Сомониро дар дили пойтахти тоҷикон - шаҳри Душанбе кушодем. Ин муҷассама, албатта, ба хотири парастиши зоҳирии ниёгон не, балки барои тақвияти ҳофизаи таърихӣ, бузургдошт ва эҳтироми роҳкушои миллати тоҷик – Исмоили Сомонӣ қомат афрохтааст. Зеро халқ то таърихи гузаштаи хешро дақиқ надонад ва аз шикасту рехти давлату давлатдории ниёгон хулосаи дуруст набарорад, дар бунёди давлату давлатдории оянда низ ба комёбиҳо ноил намегардад.

Мо ҳаргиз даъвои миллатгароӣ, шовинизми бузургдавлатӣ надорем, ба арзишҳои миллӣ, мероси таърихӣ ва дастовардҳои фарҳангии бародарони ҳамзабон ва ҳамсояҳои дуру наздики худ аз рӯи тамаъ ё ғарази ноҷо баҳо намедиҳем.

Мо фақат мехоҳем, ки таърихи гузаштаи миллат ва давлату давлатдориамонро хубтар омӯзем, ҳамчун давлати соҳибистиқлоли миллӣ аз чанголи карахтӣ ва бегонапарастиҳо раҳо ёфта, ба қадри тамаддуну арзишҳои фарҳангӣ, забони миллӣ ва шеъру сухани оламгири ниёгон бирасем; дар зери парчами Тоҷикистон гирд омада, истиқлолияту якпорчагии Ватани азиз, иттиҳоду ваҳдати ҳамагониро пеш гирем ва давлати воқеан мутамаддин бунёд намоем.

Таърихи муштараку фарҳанги ҳамҷавор ва ҷуғрофияи сиёсии асрҳои гузашта набояд шарҳу тафсири яктарафа ёфта, ба раванди ҳаёти имрӯза, ташаккули истиқлолият ва давлатдории навин таъсири ногувор расонад.

Раванди нави таърих бар дӯши давлати мо вазифаҳои басо мураккаб, пурмасъулияту вазнин гузошт. Ин вазифаҳои тақдирсоз қабл аз ҳама хотима бахшидан ба ҷанги шаҳрвандӣ, ба Ватан бозгардонидани фирориён, таъмини ваҳдату ягонагии ҳамаи сокинони Тоҷикистон, нигоҳ доштани якпорчагии мамлакат, таҳкими истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва даҳҳо мушкилоти ҳалталаб буданд, ки дар муддати кӯтоҳ ба ҳалли онҳо ноил шудем. Алалхусус сиёсати ваҳдати миллӣ ва сулҳу созиш, ки аз ҷониби халқ ва нерӯҳои солимфикру пешқадами ҷомеа дастгирӣ ёфт, иқдоми ҷиддие дар пешрафти мамлакат гардид.

Бо назардошти тамоюлоти инкишофи ҷомеаи башарӣ, манфиатҳои олии мардум ва Ватани азизи мо, ворисони Сомониён, вазифаи бузурги таърихӣ - бунёди ҷомеаи демократию дунявиро пеш гузоштаем, ки ба раъйдиҳии аксарияти мутлақи сокинони Тоҷикистон ҷонибдорӣ ёфт ва эътибори олии қонунӣ пайдо кард. Албатта, мо ҳанӯз дар оғози ин



шоҳроҳи бузург қарор дорем ва бунёди ҷомеаи навин талошу фаъолияти мунтазами тамоми гурӯҳҳо ва табақаҳои мардумро тақозо дорад. Шарти муҳимтарини иҷрои ин вазифа расидан ба ризоияти миллӣ ва ваҳдати саросарии ҷомеа аст.

Бо дарки возеҳи ин зарурат ва сабақҳои таърихии давлати Сомониён мо бо азми комил дар роҳи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ қадам гузоштем, ки натиҷаи он имзои «Созишномаи умумӣ дар хусуси барқарор намудани ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» аз 27-уми июни соли 1997 ва татбиқи бомуваффақияти он мебошад. Дар ин роҳ ба мо ақлу заковати ниёгони барӯманд ва рӯйдодҳои ибратомӯзи таърих, алалхусус, таҷрибаи давлатдории Исмоили Сомонӣ сабақ дод.

Самтҳои муҳими ин барнома тарғиби ғояи ваҳдати миллӣ ҳамчун ғояи муттаҳидсозандаи давлату кишвар, татбиқи сиёсати ҳамкории иҷтимоии табақаҳо ва гурӯҳҳои ҷомеа, таҳкими ҳамаҷонибаи равобити вилоятҳо ва минтақаҳои ҷумҳурӣ, боло бурдани нақши нерӯҳои зеҳнию фарҳангии кишвар ба шумор меравад. Шарти муҳимтарини ноил шудан ба ҳадафҳои мазкур ташаккули низоми сиёсии демократӣ ва дунявӣ бо

назардошти хусусиятҳои ҷомеаи навин, суннату анъанаҳои давлатдории миллӣ ва арзишҳои ахлоқиву фарҳангии халқи тоҷик ва сокинони дигари Тоҷикистон мебошад. Ин низом ҳуқуқ ва озодиҳои демократии шаҳрвандонро таъмин намуда, фаъолияти иҷтимоӣ ва сиёсии доираҳои васеи мардумро пуштибонӣ мекунад.

Бунёд ва таҳкими давлати соҳибистиқлолу демократии Тоҷикистон бидуни пешрафти иқтисоди тавонои миллӣ амалан номумкин аст. Мо ҷонибдорои низоми иқтисоди бозорӣ мебошем, вале бар онем, ки ин низом бояд моҳияти иҷтимоӣ дошта бошад. Дар марҳалаи душвори ташаккули рукнҳои асосии ин низом нақши танзимкунандаи давлат зарур аст.

Дар ин марҳала вазифаҳои асоситарини мо бозсозии куллии сохтори иқтисод, ислоҳоти амиқи соҳаи кишоварзӣ, рушди ҳамаҷонибаи инфраструктура, алалхусус энергетика, бунёди роҳҳои бузурги дохилию байнидавлатӣ, аз ҷумла Шоҳроҳи абрешим, татбиқи барномаи махсуси тараққии минтақаҳо ва ноҳияҳои ақибмонда, пешбурди равобити иқтисодии хориҷӣ бо назардошти манфиатҳои миллии Тоҷикистон мебошад. Дар айни ҳол такя ба низоми дақиқи идоракунӣ ва технология, густариши ҳамаҷонибаи шабакаи таълиму иттилоот ва бозомӯзии кадрҳои иқтисодӣ аз ҳадафҳои навбатии мо ба шумор меравад.

Самти ниҳоят муҳими сиёсати давлати Тоҷикистон - сиёсати фаъол ва ҳадафманди иҷтимоӣ мебошад. Ҳадафи асосии ин сиёсат таъмини адолати иҷтимоӣ дар чорчӯбаи арзишҳои демократӣ, ҳифзи иҷтимоии мардум, рушди ҳамаҷонибаву дастраси низоми маориф, соҳаи тандурустӣ, таъмини ҳуқуқи занон, ҳифзи оила ва пешбурди сиёсати оқилонаи демографӣ, танзими урфу одат ва расму ойинҳои анъанавӣ, ҳифзи муҳити зист ва табиати нотакрори мамлакат мебошанд.

Ташаккули давлатдории навин ва рушди ҳамаҷонибаи он бо эҳёи ҳувийяти миллӣ ва асолати фарҳангӣ пайванди ногусастанӣ дорад. Аз ин рӯ, мо дар густариши ҳамаҷонибаи забони адабии тоҷик, интишору тарғиби мероси фарҳангӣ, арзишҳои волои ахлоқию маънавӣ, пешбурди сиёсати ҳадафманди илмиву техникӣ, дастгирии ҳамаҷонибаи аҳли илму адаб ва фарҳанг фаъолона талош хоҳем кард. Давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар ҳифзи ҳуқуқҳои маънавӣ, манфиатҳои миллӣ ва асолати фарҳангии тоҷикони бурунмарзӣ масъулияти таърихӣ ва маънавӣ дорад.

Мо бар онем, ки марзҳо набояд садди роҳи робитаҳои фарҳангии халқҳо ва ҳамкориҳои судбахш гарданд.

Тоҷикистон хонаи умеди тамоми тоҷикони ҷаҳон - ворисони таърих ва фарҳанги Сомониёни бузург мебошад.

Мо саъй хоҳем кард, ки ин умедгоҳ нуқтаи ҷазби меҳру муҳаббат ва орзуву ормонҳои тамоми тоҷикони Осиёи Марказӣ ва кулли ҷаҳон гардад. Мо, тоҷикон, ки аз қадимулайём дар қалби Осиё ва чорроҳаи олами мутамаддин мақом дорем, ҳамеша узви фаъол ва созандаи низоми тиҷоратии байналхалқӣ ва равобити байнидавлатӣ будаем.

Дар остонаи асри нав ва ҳазорсолаи сеюм Тоҷикистони озод ва соҳибистиқлол узви доимӣ ва таркибии ҷомеаи ҷаҳонӣ гардид. Кишвари мо узви Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои бонуфуз ва муътабари байналмилалӣ буда, бо 130 давлати дунё равобити сиёсиву иқтисодӣ ва дипломатӣ дорад. Самти муҳимтарини сиёсати хориҷии Тоҷикистон таҳкими равобити стратегӣ ва ҳамаҷонибаи иқтисодию фарҳангӣ бо Федератсияи Русия ва дигар давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аст, ки ҷавобгӯи манфиатҳои халқи тоҷик ва таъмини амнияту суботи сиёсӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад. Тоҷикистон, ки дар роҳи эҷоди ҷомеаи демократӣ қадамҳои таърихӣ мебардорад, ба густариши равобит бо кишварҳои пешрафтаи демократии ҷаҳон, аз ҷумла, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Олмон, Фаронса, Британия, Италия, Япония ва кишварҳои дигари Шарқу Ғарб аҳамияти бузург медиҳад. Густариш ва таҳкими равобити дӯстона ва ҳамкориҳои ҳамаҷониба бо кишварҳои ҳамзабону ҳамфарҳанги Афғонистону Эрон, кишварҳои Араб аз самтҳои муҳими сиёсати хориҷии Тоҷикистон аст.

Дар маҷмӯъ, сиёсати хориҷии Тоҷикистон сиёсати сулҳ, равобити ҳамкорӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ, дӯстии халқҳо ва кишварҳо мебошад, ки ҷавобгӯи манфиатҳои олии Ватан, амнияту суботи минтақа ва тамоми ҷаҳон аст. Тоҷикистони соҳибистиқлол тарафдори сиёсати эътироф ва эҳтироми меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ, мудохила накардан ба истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишварҳои дигар, густариши ҳамкориҳо ва равобити барои тарафайн судманд бо ҳамаи давлатҳои ҷаҳон, сарфи назар аз сохти давлатдорӣ ва роҳи пешгирифтаи онҳо, буда, манфиатҳои миллӣ, арзишҳои фарҳангӣ ва тамаддуни деринаи тоҷиконро дар арсаи ҷаҳонӣ пуштибонӣ менамояд.

Ҳазору сад сол қабл аз ин миллати шарафманди тоҷик таҳти раҳбарии абармарди одил Исмоили Сомонӣ ба шоҳроҳи эҳёи ҳайратовари миллӣ ва фарҳангӣ ворид шуд ва ба дастовардҳои оламшумул ва бебаҳои таърихӣ ноил гардид. Баъди ҳазору сад соли ин гардиши таърихӣ мо, тоҷикон, боз дар рӯ ба рӯи дарёфти мақом ва ҷойгоҳи шоиста дар низоми навини ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифтем.

Аз баракати сулҳу салоҳ ва оштии миллӣ мо имконият ёфтем, ки ба сохтмони силсилаи иншоотҳои барои пешрафти минбаъдаи мамлакат бағоят муҳим - роҳи оҳани Қӯргонтеппа-Кӯлоб, роҳи мошингарди байналхалқии Кӯлоб-Хоруғ-Кулма-Қароқурум, роҳи мошингарди Душанбе-Хуҷанд тавассути туннели Анзоб, истихроҷ ва истифодаи кони гази Хоҷасартез, бунёди нерӯгоҳи барқии Сангтӯда, нерӯгоҳи барқии Помир ва даҳҳо объектҳои тақдирсоз даст зада, аксари онҳоро ба анҷом расонем. Аммо корҳои басомонрасида ҳанӯз як қисми нақшаҳои Ҳукумат дар бобати ободонии мамлакат аст. Дар баробари нерӯгоҳи барқии Сангтӯда бузургтарин нерӯгоҳи барқии олам - ГЭС-и Роғунро ба кор андохтан ва силсилаи нерӯгоҳҳои барқи обии миёна ва хурдро ба анҷом расондан дар madди назар аст. Тоҷикистон аз рӯи захираҳои гидроэнергетикӣ дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои аввалинро ишғол мекунад. Мамлакати мо дар асри XXI ба яке аз бонуфузтарин кишварҳои содиркунандаи нерӯи барқ ва оби нӯшокӣ табдил хоҳад ёфт. Имрӯз дар миқёси ҷумҳурӣ беш аз 400 намуди захираи сарватҳои зеризаминӣ кашф шудааст, ки тамоми системаи даврии Менделеевро фаро гирифта, 70 навъи он ба манбаъҳои нодири табиӣ мансубанд. Баъзе намудҳои сарватҳои табиии кишвари мо, аз ҷумла намак, об, захираҳои энергетикӣ, металлҳои нодир ва ғайра барои садсолаҳо басандаанд. Дару дарвозаи кишвари мо барои кулли кишварҳои хориҷие, ки азму нияти хайри созандагӣ, таҷрибаи муфид, технология ва дастовардҳои нави истеҳсолӣ доранд, кушода аст.

Қонунҳои ҷумҳурии мо барои соҳибкорону сармоягузорони хориҷӣ имтиёзу сабукиҳои зиёдеро пешбинӣ кардаанд. Интиҳои асри XX ва оғози ҳазорсолаи сеюм бар дӯши давлати соҳибистиқлоли мо вазифаҳои наву масъулияти басо бузург гузошт. Зеро асри навин асри фазои беинтиҳои дастовардҳои иттилоотӣ, низоми дақиқтарини идоракунӣ ва технологияи ҷадиди инкишофу таҳлил ва хулосабарориҳои амиқ хоҳад гардид.

Инкишофи тамаддун ва равнақи илму фарҳанги мо дар асри XXI ба нерӯи офарандаву созанда, ақлу заковати ҷӯяндаву нововар, корбасти дастовардҳои навини васоити иттилоотӣ ва кашфиёти тозатарини илм аз ҳарвақта бештар ниёз хоҳад дошт. Чунки ин аср барои мардуми Тоҷикистон асри дастовардҳои бузурги истиқлолу худшиносӣ, асри имтиҳону озмоишҳои мушкили созандагиву бунёдкорӣ, асри ба сафи кишварҳои мутамаддин ва пешрафтаи олам роҳ ёфтани ҷумҳурии демокративу дунявии мо, асри рушду камол ва эҳёи илму фарҳанг ва давлатдории навини тоҷикон хоҳад буд.

Тоҷикистони азизи мо биҳишти воқеии рӯи замин, кишвари ганҷҳои нокушодаву табиати худодод ва макони кӯҳҳои сарбаланду чашмаҳои зулол аст. Дастаи кӯҳнавардони кишварҳои гуногун яке аз баландтарин қуллаҳои ҷаҳонро дар қаторкӯҳҳои Помир фатҳ намуда, симои ҷовидонаи Исмоили Сомониро ба куллаи кӯҳ насб карданд ва қуллаи осмонгири сарзамини тоҷикон номи ин абармарди миллатро гирифт. Боварии комил дорам, ки ҳайкали бошукӯҳ ва қуллаи осмонгири Исмоили Сомонӣ чун рамзҳои давлату давлатдории тоҷикон барои ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ то абад азизу муборак хоҳад монд. Ва асри XXI барои кулли тоҷикони олам асри кору пайкори фикрӣ, асри созандагию бунёдкориҳо ва фатҳи қуллаҳои нав ба нави ҳаёт хоҳад буд.

*Абӯабдуллоҳи* **РӮДАКӢ**

# ҚОФИЛАСОЛОРИ АДАБИЁТИ ТОҶИКУ ФОРС



Барои мо - тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон ифтихори бузург аст, ки бо қарори ЮНЕСКО соли 2008 ҷомеаи фарҳангии ҷаҳон 1150-солагии фарзанди арҷманди халқи тоҷик устод Абӯабдуллоҳи Рӯдаки-ро таҷлил намуданд.

Воқеан, шинохти ҳақиқии асолати таърихӣ моро водор месозад, ки барои рушду пешрафти кишварамон аз осори гаронбаҳои аҷдодамон сабақ гирем ва роҳи минбаъдаи давлатдории навини тоҷиконро муайян созем. Ва танҳо дар шароити соҳибистиқлолӣ ва соҳибихтиёрии Тоҷикистон мо имкон пайдо кардем, ки ба кору пайкори абармардони илму адаб, таъриху фарҳанги оламшумули гузаштаи худ арҷ гузошта, номашонро зинда нигоҳ дорем, ки дар садри онҳо устод Рӯдакӣ қарор дорад. Зеро ***устод Рӯдакӣ на танҳо поягузори адабиёти тоҷику форс, одамушшуаро, султони шоирон, қофиласолори шеър ва соҳибқирони шоирӣ, балки рамзи бедориву худшиносӣ ва истиқлохоҳӣ, инчунин рамзи ҷовидонаи адаб ва фарҳанги миллати куҳанбунёди тоҷик мебошад.***

Фаъолияти эҷодии Рӯдакии ҷавон аз зодгоҳаш Панҷрӯд ибтидо гирифта, баъдан дар муҳити мусоиди илму адабпарвари Сомониён вусъат ва шуҳрат ёфтааст. Тибқи ахбори сарчашмаҳои таърихӣ, ки аз ҷониби садҳо нафар муҳаққиқону муаррихон тасдиқ ва таъкид шудааст, аз асри сеи пеш аз мелод сокинони бумии ин сарзамин суғдиҳо буда, ниёгони мо дар ин паҳно бо номи *Суғд* давлатдории мустақил доштаанд, ки ҳудуди Панҷакенти имрӯза яке аз марказҳои он ба ҳисоб мерафт. Инчунин дар доираи адабии асри ҳафтуми мелодӣ шоири тавоное бо номи Абӯҳафси Суғдӣ зиндагӣ ва эҷод кардааст, ки аз офарандагони нахустини шеъри тоҷикӣ мебошад. Доир ба қаламрави Суғд ва суғдиён ҳанӯз дар матнҳои форсии бостон - катибаҳои шоҳони ҳахоманишӣ ва дар китоби Ҳеродот - таърихшиноси юнонии асри панҷуми пеш аз мелод сухан рафтааст. Дар

катибаҳои форсии қадим, аз ҷумла, катибаи Дориюш ҳудуди Суғд байни сарзаминҳои Хоразм ва Бохтар муайян шудааст.

Водии зебоманзари Зарафшон дар маҷмӯъ яке аз қисматҳои асосии сарзамини Суғд ба шумор мерафт, ки ин гуфтаҳоро таърихи шашҳазорсолаи Саразм ва Панҷакенти қадим собит месозад. *Ва беҳуда нест, ки дар асоси мероси бузурги таърихиву фарҳангӣ ва меъмориву шаҳрсозии суғдиёни қадим як қатор муҳаққиқони сатҳи ҷаҳонӣ Панҷакентро* ***Помпеи Шарқ*** *ва* ***Флоренсияи хурд*** *номидаанд, ки ин бешубҳа, боиси ифтихори мардуми тоҷик аст.* Наслҳои минбаъда ва ворисони мардуме, ки чунин тамаддуни олии моддиву маънавиро офаридааст, дар тӯли ҳазорсолаҳои баъдӣ низ кӯшишу талошҳои пайваста ба харҷ додаанд, то забону фарҳанг ва истиқлолу ҳувийяти миллии мо - тоҷикон пойдору устувор боқӣ монад.

Мо таърихи гузаштаамон, яъне асри тиллоии давлати Сомониёнро, ки як қатор нобиғаҳои сатҳи ҷаҳониро ба майдон овардааст, бо ифтихор ба ёд меорем. Замоне ки Рӯдакӣ қадам ба арсаи ҳастӣ ниҳод, аз давраҳои дурахшони таърихи халқи тоҷик мебошад. Пас аз муборизаҳои зиёди озодихоҳона аҷдоди мо соҳиби давлати мустақил гардида, истиқлолияти сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангӣ ба даст оварданд. Дар авҷи истиқлолхоҳии хонадони Оли Сомон халифаи Бағдод ваколати идораи мустақилонаи қисми зиёди Мовароуннаҳрро ба Наср ибни Аҳмади якум таслим намуд. Давлати Сомониён тавонист дар як муддати кӯтоҳ дар мамлакат оромиву суботро пойдор сохта, баробари ба вуҷуд овардани сохтори муназзами идораи давлатӣ густариши фарҳанги бузурги миллии мардуми ориёинажодро таъмин намояд. Дар ин давра сарзамини Хуросону Мовароуннаҳр, бахусус, шаҳрҳои бузурги он ба марказҳои иқтисодиву фарҳангии минтақа табдил ёфта, соҳаҳои гуногуни илму фан, тиҷорату кишоварзӣ ва иқтисодиёту фарҳанг густариши бесобиқа пайдо карданд. Вазири донишманди амири сомонӣ Абӯабдуллоҳ Муҳаммади Ҷайҳонӣ, ки худ яке аз ҷуғрофишиносони машҳури он замон буд, донишмандону олимони машҳури замонро ҷамъ овард ва барои фаъолияти пурбори онҳо шароити мусоид фароҳам намуд. Дар ин замон Абӯалӣ Сино илми фалсафаи Арастуро зинда кард ва донишномаи нави тиббӣ ҷаҳониро бунёд гузошт. Вазирони бузурги Сомонӣ Абулфазли Балъамӣ ва писари ӯ Муҳаммади Балъамӣ барои мустаҳкам кардани мавқеи забони тоҷикӣ хизматҳои шоистаи таърихӣ карданд. Бо ҳиммат ва ташаббуси Балъамии сонӣ тарҷума ва тафсири аввалини Қуръони маҷид ба забони модарии мо ба вуҷуд омад. Донишмандони тоҷик дар муҳити созгоре, ки муҳайё шуда буд, ба омӯзиши амиқи илму дониши халқҳои гуногуни олам, бахусус,

Юнону Рими бостон, Ҳинду Чини қадим пардохта, муҳимтарин осори онҳоро ба забонҳои арабиву тоҷикӣ тарҷума карданд, ки ин ҳамчунин боиси боқӣ мондани онҳо гаштааст. Хизмати бузурги Сомониён дар он буд, ки онҳо дар баробари таъмин намудани ҳаёти осудаи кишвар ба рушди илму фарҳанг таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекарданд. Бунёди бегазанди адабиёти нави тоҷику форс маҳз дар ҳамон давра - асрҳои IX-X ба дӯши шоире афтод, ки бо ному тахаллуси *Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммади Рӯдакӣ* аз деҳаи дурдасти Панҷрӯди воқеъ дар болооби Зарафшон зуҳур намуд.

Мегӯянд, ки Рӯдакӣ ҳанӯз дар овони наврасӣ Қуръонро азбар намуда, ба омӯзиши дигар илмҳои маъмули замонаш огоз карда буд. Маълум мешавад, ки илму дониш дар он аср на танҳо дар шаҳрҳои бузург, балки дар музофоти кӯҳистони тоҷик низ вуҷуд доштааст. Ашъори шоироне, ки то замони ӯ суруда шуда буданд ва суруду таронаҳои маҳаллии деҳоту шаҳракҳои кӯҳистон завқи шоиронаи Рӯдакии ҷавонро шодоб мегардониданд. Рӯҳи ватанпарастонаи Деваштич, ки дар қалъаҳои дастнораси кӯҳистон паноҳ ёфта, ба муқобили аҷнабиён диловарона мубориза бурда буд, дар сирату тинати Рӯдакӣ озодманишиву озодпарастиро парвариш дода буд. Сипас Рӯдакии наврас, чунон ки дар қитъаи шеъре гуфтааст, савору ҷавону тавонгару некандеш, бо ҳазорон умеду орзу роҳи шаҳрҳои бузургро пеш мегирад ва ба омӯзиши илму адаб мепардозад. Солҳои таҳсилу илмомӯзӣ Рӯдакӣ бо шеъри худ дар байни мардуми шеърдӯсту шеърпарвари диёри худ ба тадриҷ шуҳрату овоза пайдо мекард. Дар нимаи аввали асри X Исмоили Сомонӣ - бузургтарин чеҳраи хонадони Оли Сомон ҳукмрони мустақили қаламрави бузурги Мовароуннаҳр гардид. Аммо дар солҳои аввали ҳукмронии ӯ ва писараш Аҳмад таъмин кардани рушди ҳаматарафаи давлати Оли Сомон ҳанӯз имкон надошт.

Соли 914 тахти аморат ба Наср ибни Аҳмади чаҳордаҳсола расид, аммо ҳукмрони воқеии давлат Абӯабдуллоҳи Ҷайҳонӣ - донишманди бузург ва сиёсатмадори тавоно буд. Ҷайҳонӣ сохтори давлатро ба низому тартиб овард ва донишмандону шоирони номдорро аз саросари кишвар гирд намуд. Муҳаққиқони рӯдакишинос бар онанд, ки Рӯдакӣ низ дар ҳамон давра, яъне солҳои аввали вазорати Ҷайҳонӣ ба дарбор омадааст.

Сӣ соли давраи ҳукмронии амири Сомонӣ Наср ибни Аҳмад замони шукуфоӣ ва камолоти давлати Сомониён буд. Ҳамин сӣ сол давраи пурмаҳсул ва пурбор, давраи камолоти эҷодии Рӯдакӣ низ ба шумор меравад. Зеро замони осоишта ва рушди иқтисодиву сиёсии давлати Сомониён ба Рӯдакӣ илҳому нерӯи эҷодӣ мебахшид. Дар он рӯзгор дар шаҳру деҳоти қаламрави давлати Сомониён пеш аз ҳама таронаву сурудаҳои

шодиёнаву ошиқонаи Рӯдакӣ вирди забонҳо буданд. Ин шеърҳо, ки бо забони соддаву равон ва тасвири эҳсоси поку наҷиби инсонӣ аз қалби шоир берун мешуданд, ба дили мардум ҷой мегирифтанд.

Дар эҷодиёти устод Рӯдакӣ масъалаҳои тарғиби одоби ҳамида, ахлоқи пок, дӯстиву рафоқат ва илму дониш тараннум мешаванд ва баръакс, нуқсҳои табиати инсонӣ ва иллатҳои ҷомеа мазаммат мегарданд.Рӯдакӣ сулҳу накӯкорӣ, дӯстӣ ва рафоқатро барои зиндагии одамон эҳтиёҷи табиӣ мешуморад. Вай дӯстии ҳақиқӣ ва бегаразро мепарастад. Панду андарзҳои Рӯдакӣ, ки аз фалсафаи ҳаёт сарчашма мегиранд, дурдонаҳои тобноки ганҷинаи ҳикмати халқи тоҷикро ташкил мекунанд.Ба ин сабаб онҳо аз имтиҳони таърих гузашта, чун ҳикмати рӯзгорон боқӣ мондаанд ва то имрӯз барои покии ахлоқ ва равшан гардонидани дилҳо хизмат менамоянд.Ба қавли ин шоири ҷаҳоншумул комёбии ҳар инсон ба кӯшишҳои пайваста, сабру тоқат ва донишу ҷаҳонбинии худи ӯ вобаста мебошад. Устод Рӯдакӣ зарурати ягонагии донишҳои инсоният, иштироки халқҳои гуногуни дунёро дар кори ба вуҷуд овардани хазинаи умумии тамаддуни башарият, инчунин ҳамеша дар такомул будани илм ва нури маърифат будани онро таъкид менамояд.

Рӯдакӣ шоири ватанпараст ва миллатдӯст буд. Барои собит сохтани ин фикр далел овардани шеъри машҳури «Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме...» кофист, ки бо шунидани он амири сомонӣ Насри II бетаъхир аз Ҳирот роҳи пойтахтро пеш гирифта буд.

Рӯдакии бузургвор, ки фарогири илму дониши Шарқу Ғарб ва нобиғаи замон буд, бо фаросати эзидӣ дарк менамуд, ки чи рисолати миллатсоз ва масъулиятбори таърихӣ ба дӯши ӯ афтодааст. Аз ин рӯ, истеъдоди худро ҳимматбаландона ба бунёди адабиёти муҳташаме равон сохт, ки дар гирдоби пурпечутоби таърих пойдор ва устувор монда тавонад. Дар ҳамон солҳои баракати илҳому нерӯи эҷодӣ Рӯдакӣ ду маснавиро аз адабиёти қадими Машриқзамин ба назм даровард, ки яке достони «Синдбоднома» ва дигаре маснавии машҳури «Калила ва Димна» буд. «Синдбоднома» ҳамчун маҷмӯи ҳикоятҳои шавқангезу дилчасп дар достони манзуми Рӯдакӣ ба забони тоҷикӣ асари ниҳоят маҳбубу марғубе гардид. Ҳамчунин маснавии «Калила ва Димна», ки Рӯдакӣ онро бо хоҳишу таргиби вазири сомонӣ Балъамии сонӣ ба назм даровард, бо таъсиру аҳамияти ахлоқии худ дар ҷомеаи он замон мақоми бузурги тарбиявӣ дошт. Байти машҳуре, ки асрҳои аср вирди забонҳост:

*Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,*
*Ҳеч н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.*

оҳанги пандомӯзонаи ин достон аст. Зеро ҳаёт ва таҷрибаи зиндагӣ нахустин мактабест, ки инсон аз он дониш меандӯзад. Ин шиори Рӯдакӣ дар достони «Калила ва Димна» ва дар шеърҳои дигари шоир низ ҳамеша чун панди хирадмандона садо медиҳад.

Рӯдакӣ дар воқеъ вассоф ва тараннумгари беҳамтои арзишҳои воло ва абадии маънавӣ - ватанпарастӣ, одамият, адолатхоҳӣ, дӯстиву рафоқат, саховат ва накӯкориву хайрандешӣ буд. Аз ин лиҳоз, агар гӯем, ки Рӯдакӣ шоири ҳамаи давру замонҳо буда, шеъри оламгири ӯ ҷавобгӯи ниёзмандиҳои ҳамаи наслҳои инсоният аст, камоли ҳақиқат хоҳад буд.

Хизмати Рӯдакӣ дар такомули забони тоҷикии форсӣ низ хеле бузург аст. Маҳз ӯ ва муосиронаш ин забонро ба ҳадде сайқал доданд, ки он ба забони меъёри илму адаб табдил ёфта, боиси мондагорӣ ва густариш пайдо кардани он гардид. Ва имрӯз ин забон на танҳо ба мардуми Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон ва дигар форсигӯён хизмат мекунад, балки чун забони байналмилалӣ асрҳои зиёд дар ривоҷи илму адаб ва фарҳанги аҳли Осиёи Марказӣ, Қафқоз, Осиёи Хурд, Ҳинду Покистон ва кишварҳои дигар таъсири калон гузоштааст.

Устод Рӯдакӣ нахустин шоири дар ҳақиқат миллии тоҷик буда, бо эҷоди ашъори олӣ, таблиғи арзишҳои бузурги ахлоқиву фалсафӣ ва корбасти калимаву таркибҳои соддаву равони тоҷикӣ шеъри моро ба маснади шоҳӣ бардошт ва кохи пурҷалолу бегазанди адабиёти тоҷику форсро бунёд гузошт. Ҳанӯз ҳазору сад сол пеш ин шоири мутафаккири халқи тоҷик бо каломи ҳикматбори худ дили мардуми форсигӯро тасхир карда буд, ки ин муҳаббату самимияти гарм дар қалбҳои мардуми мо ва халқҳои гуногуни олам то ҳанӯз зинда аст. Забони шеъри Рӯдакӣ забони меъёр ва забони адабии мост, ки онро бо гузашти қариб дувоздаҳ аср мо имрӯз низ истифода мебарем ва бо шеъри Рӯдакӣ ҳар рӯз сухан мегӯем. Яъне забони Рӯдакӣ забони зиндаи халқи тоҷик аст ва бузургиву ҳашамати шоири мутафаккир низ дар ҳамин нукта баён мегардад, ки гӯё шеъри Рӯдакӣ дар замони мо суруда шуда бошад. Худи шоир дар ин маврид мефармояд:

*Чу дурпош гардад ба маънӣ забонам,*
*Расад марҳабо аз замину замонам.*

Муҳаққиқон ва донишмандон устод Рӯдакиро барҳақ *«офтоби гавҳари Сосон»* ва *«фурӯғи дудаи Сомон»* гуфтаанд. Зеро маҳз ба воситаи осори Рӯдакӣ асри нӯҳ - асри тиллоии адабиёти мо ба ҳисоб рафта, бо мусоидати амирону вазирони хирадманди сомонӣ Рӯдакӣ шуҳраи офоқ гардид. Муҳити фарҳангӣ ва адабии он давра бо ашъору осори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абӯшакури Балхӣ, Шаҳиди Балхӣ, Муродӣ, Робиаи Балхӣ,

Хусравонӣ ва дигарон мустаҳкам гардида, шукӯҳу азамати давлати Сомониёнро таҷассум менамояд.

Ашъори Рӯдакӣ бо сабки ниҳоят соддаву равон офарида шудааст, ки имрӯз, яъне пас аз ёздаҳ аср низ ба ҳар хонандаи форсизабон фаҳмост. Рӯдакӣ на танҳо шаклу мазмуни назми тоҷикро ба такомул расонид, балки бо эҷодиёти ғанӣ, гаронбаҳо ва нотакрори худ ба *сабки хуросонӣ* ибтидо гузошт, ки онро ***сабки Рӯдакӣ*** ҳам мегӯянд. *Ӯ ҳамчунин асоси адабиёти тоҷик ва гузашта аз он, бунёди тамоми адабиёти форсизабонро устувор кард*. Назми классикии ҷаҳон бо мероси гаронбаҳои шоири бузурги тоҷикон ғанӣ гардид. Вале афсӯс, ки ин ганҷинаи бебаҳои сухан ва кохи баланди шеъри Рӯдакӣ бар асари ҳамлаҳои аҷнабиён дар тӯли ҳазорсолаҳо хароб шуд ва талаву тороҷ гардид. Аз тоқу равоқҳои муҳташами ин кохи сухан то замони мо пораву хиштҳои парешон боқӣ мондааст. Ин абёти парешон бо заҳмати устодони зиндаёд Садриддин Айнӣ, Саид Нафисӣ, Абдулғанӣ Мирзоев ва донишмандони имрӯзаи Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон зарра-зарра аз хазинаҳои осори хаттии кишварҳои Шарқ гирдоварӣ шуд, ки шумори онҳо имрӯз зиёда аз ду ҳазор мисраъ мебошад. Ғазалу тарона ва рубоиҳои шоир, қасидаву қитъаҳои мукаммали ӯ ва ниҳоят пораҳои боқимонда аз достонҳои «Калила ва Димна»-ву маснавиҳои гумном имрӯз бо дурахшу рангорангӣ ва муҳтавои ҳаётиву инсонии худ моро мафтун месозад.

Мероси манзуми Рӯдакӣ ганҷинаи бузурги маънавии таърихи гузаштаи мо мебошад. Мо бояд ин мероси пурарҷро якҷоя бо ашъори бозмондаи ҳамасрони Рӯдакӣ таҳқиқ кунем, сирру асрори эъҷози сухани Рӯдакиро барои дигарон бозгӯ намоем. Мо таъсиси маркази илмии «Бунёди Рӯдакӣ»-ро табрик мегӯем ва корҳои аввалини омӯхтан ва ба чоп омода намудани матни илмии девони Рӯдакиро пайгоми неки рӯдакишиносӣ медонем. Рӯдакишиносӣ бояд як қисми муҳими илму адаби мо гардад ва дар марказҳои илмии донишгоҳҳо хуб ба роҳ монда шавад.

Аслан яке аз проблемаҳои ҷиддие, ки дар таърихи адабиёти мо вуҷуд дорад ва бояд бо ниҳояти диққат ва назокат ҳал шавад, ин масъалаи саҳми тоҷикони Мовароуннаҳру Хуросон дар зинда нигоҳ доштан ва парвариши забону адабиёти тоҷику форс аст. Ин ганҷинаи нодир ва саршор, бидуни шакк, сарвати миллии тамоми форсизабонон аст. Гузашта аз ин, шоирони бузурги мо, аз қабили устод Рӯдакиву ҳаким Фирдавсӣ, Умари Хайёму Ҷалолуддини Балхӣ, Саъдиву Ҳофиз ва дигарон ба тамоми инсоният тааллуқ доранд ва дар саросари олами мутамаддин соҳиби барҳақи шуҳрат ва маҳбубиятанд. Имрӯз далелҳои қавӣ вуҷуд доранд, ки дар асоси онҳо донишмандон макони зуҳур ва нашъунамои забон ва адабиёти тоҷикиву форсиро Мовароуннаҳру Хуросон медонанд. Аввалин қиёмҳои сиёсӣ ба

муқобили ҳукумати нерӯманди замон аз ҳамин ҷо бархостаанд ва мардоне чун Муқаннаъ, Абӯмуслим, Яъқуби Лайс ва Исмоили Сомонӣ ба ҳайси сарварони нахустин давлатҳои миллӣ аз қабили Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён дар ҳамин сарзамин ба вуҷуд омадаанд. Ва нахустин шоирон, аз ҷумла, қофиласолори шеъри тоҷикиву форсӣ Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва достонсарои камназири ҷаҳон Абулқосим Фирдавсӣ аз ин диёр бархостаанд ва аввалин осори илмиву тарҷумаҳо низ дар ҳамин ҷо пайдо шудаанд. Мехоҳам таъкид намоям, ки бо вуҷуди он ҳама шикасту рехтҳо дар масири таърихи дурударози халқамон ба касе муяссар нашуд, ки рӯҳи миллӣ ва шуълаи ватандӯстиву истиқлолҷӯёнаро дар ин сарзамин хомӯш созад. Ҳамаи ин саҳифаҳои саршор аз диловариву фидокорӣ дар роҳи Ватану миллат, ин ҳама ҷидду ҷаҳди фарҳангсозиву тамаддунофаринӣ барои мардум имрӯз ҳам дарси ибрат ва намунаи пайравӣ аст. Ин мероси пурбаҳои адабӣ барои кишвари соҳибистиқлоли мо, ки рӯ ба ҷомеаи ҳуқуқбунёди дунявӣ ниҳодааст, хеле муҳим ва зарур мебошад. Зеро бунёди ҷомеаи нав инсони худшиносу худогоҳ ва дорои ахлоқи неку маънавияти баландро тақозо менамояд. Ва хушбахтона, осори адабии ниёгони мо саршори андешаҳои волои ахлоқиву башардӯстӣ буда, дар тарбияи эҳсоси ватандӯстиву ифтихори миллӣ ва ваҳдату ҳамбастагии мардум нақши бузург мебозанд.

Дар ин ҷо хотирнишон сохтан бамаврид аст, ки корномаи эҷодӣ ва инсонии устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар назди миллату Ватани хеш бояд барои насли имрӯзаи зиёиёни тоҷик низ ҳамчун тимсоли барҷастаи фидокорию худфарсоӣ, навҷӯиву навпардозӣ, ҷасорату матонат ва имон овардан ба рӯҳи шикастнопазири инсон бошад. Яъне агар мо воқеан худро ворисону валиахдони мардони бузурги миллат, аз қабили устод Рӯдакӣ ва дигар абармардони халқамон шуморем, андеша, амал ва зиндагии мо бояд арзанда ва мувофиқи номи неки гузаштагонамон бошад.

*Хизмати таърихии устод Рӯдакӣ боз дар он аст, ки қадри суханро ба арши аъло расонида, мустақилияти адабиётро фароҳам овард ва адабиёти моро ба ҷаҳониён муаррифӣ кард. Шеъри Рӯдакӣ бо мазмуну муҳтавои олӣ ва арзишҳои башардӯстонаи худ аҳли башарро ба сулҳу рафоқат, дӯстиву адолат, рӯзгори босаодат, озодандешӣ ва ҳамгироӣ даъват сохта, ҳамчун рамзи ваҳдати фарҳангӣ ба мардуми олам то кунун хизмат мерасонад. Шеъри Рӯдакӣ дар таърихи мардуми куҳанбунёди мо ба монанди гулбуни ҳамешабаҳорест, ки бо накҳати атрбораш зиндагии моро доим муаттару зебо месозад.*

Шеъри Рӯдакӣ пайвандгари наслҳои гузашта, имрӯза ва ояндаи миллати тоҷик буда, бо арзишҳои бузурги ахлоқиву фалсафӣ, илмиву фарҳангӣ ва таърихӣ ойинаи босафои зиндагии ҳар кадоми мову шумо мебошад. Мо ворисони тамаддуни куҳанбунёд ва фарҳанги солори тоҷикон имрӯз

бо ифтихор гуфта метавонем, ки шеъри ҷовидонаи Рӯдакӣ омили ҳастӣ ва бақои забони тоҷикӣ буда, саҳми он дар баланд бардоштани сатҳи худогоҳиву худшиносӣ, ватандориву ватанпарастӣ, таҳкими ваҳдату ягонагии миллӣ ва густариши фарҳангу тамаддуни мо бениҳоят барҷаста аст.

Бояд гуфт, ки шуҳрати Рӯдакӣ дар давоми асрҳо ҳамчун бунёдгузори шеъри нави тоҷикиву форсӣ аз тарафи шоирону тазкиранависон ҳамеша зикр ва тасдиқ гардидааст.

Рӯдакишиносӣ дар илми шарқшиносии Русия ва мамлакатҳои Ғарб низ мавқеи калон дошт ва мо аз хизматҳои донишмандони Олмон, Фаронса, Инглистон ва кишварҳои дигар миннатдорем. Аз солҳои бистуми асри гузашта, яъне аз оғози таъсисёбии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рӯдакӣ ҳамчуни парчами ҳувийяти миллии тоҷикон шинохта шуд. Устод Садриддин Айнӣ ва академик Бобоҷон Ғафуров барои ҳамчун шоири миллии тоҷикон шуҳрат ёфтани Рӯдакӣ хизматҳои бузурге карданд. Соли 1958 ҷашни 1100-солагии Рӯдакӣ ҳамчун ҷашни миллии шеъру адаби мо таҷлил гардид ва таҷлили ҷашни 1150-солагии ӯ идомаи ҳамон анъанаҳои неки миллии мо буд. Адабиёт, назми инсондӯстӣ ва симоҳои бузурги шеър, мисли Рӯдакиву Фирдавсӣ, Саъдиву Ҳофиз, Ҷалолуддини Балхию Камоли Хуҷандӣ ва бисёр дигарон ҳамеша васлгари дилҳо, пайвандгари халқу миллатҳои гуногун буданд ва чунин боқӣ мемонанд. Далели равшани ин суханҳо ҷашни Рӯдакии бузург аст, ки бародарони ҳамзабону ҳамфарҳангамонро аз Эрону Афғонистон ва аз бисёр кишварҳои Шарқу Ғарб дар ватани Рӯдакӣ ҷамъ овард.

Дар осмони баланди назм шеъри тобноки устод Рӯдакӣ ҳамеша фурӯзон хоҳад монд. Халқи тоҷик чун нишони сипосу эҳтиром ноҳия, чандин муассисаҳои илмиву таълимӣ ва фарҳангӣ, хиёбони марказии пойтахти Тоҷикистон ва чорбоғи бузургро ба номи фарзанди бузурги хеш - Рӯдакӣ гузошта, дар зодгоҳи шоир - деҳаи Панҷрӯд мақбарааашро обод сохт ва муҷассамаҳои боҳашамати ӯро дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Панҷакент, Истаравшан, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа ва ноҳияҳои Файзободу Рӯдакӣ бунёд кард.

Мукофоти давлатии Тоҷикистон дар соҳаи адабиёт ва санъат низ номи Рӯдакиро дорад. Бо қарори Маҷлиси Олӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол дар моҳи сентябр ***Рӯзи Рӯдакӣ*** ҷашн гирифта мешавад. Ин ҳама таҷассуми эҳтироми бузург ва муҳаббати бепоёни халқи мо ба соҳибқирони шоирон устод Рӯдакист.

Бигзор, дар ҳар иқдоми хайри мо рӯҳи Рӯдакии бузургвор ёру мададгорорамон бошад! Бигзор, кохи шеъри пайафкандаи Рӯдакӣ то абад бегазанд бошад! Бигзор, шеъри ҷовидонаи Рӯдакӣ ҳамчун сарҳалқаи зарини назми оламгири тоҷику форс раҳнамои зиндагии босаодати мардуми мо гардад!

## *Абулқосим ФИРДАВСӢ*

# СИТОИШГАРИ АДЛУ РОСТӢ ВА НУРУ ХИРАД



Фалсафаи ҳаётбахши Фирдавсӣ моро аз гузаштаамон огоҳ сохта, сабақи омӯзанда ва ибратбахш барои наслҳои имрӯз ва фардо хоҳад шуд. Халқи тоҷик мисли ҳамаи қавмҳои дигари эронӣ аз он ифтихор дорад, ки ҳаким Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и ҷовидонаи худ манзараи басо барҷастаи Ватанамонро аз нахустин падидаҳои зиндагӣ дар ин сарзамин то рӯзгори худ бо қалами сеҳрофарин тасвир намудааст ва мо ҳамроҳи нависандаи ин ҳамосаи ҷовидонӣ шоҳиди ҳам фирӯзиҳо ва ҳам нокомиҳо, ҳам сарбаландиҳо ва ҳам шикастҳо мешавем. Бадахшону Вахшону Хатлон ва Фарғонаву Хоразму Тахористон, Суғду Бохтар ва мулки Шумон дар «Шоҳнома» бо тамоми кӯҳу дашту даманҳояшон ба таври ҳайратангез ба қалам дода шудаанд.

***«Шоҳнома» танҳо китоби базму разм, диловарию қаҳрамонӣ, ривояту афсона нест. Вай пандномаи беназир, ахлоқнома ва дастури омӯзандаи хулқу атвори ҳасана, хислат ва хусусиёти неки инсонист. Аз достонҳои ҷангӣ, ишқӣ ва нақлу ривоёти «Шоҳнома» мо таърихи пурифтихори халқҳои ориёинажод, суннат ва анъанаҳои мардум, одоби зисту зиндагӣ, ойини мамлакатдорӣ, раиятпарварӣ, ватандӯстӣ, таъмини истиқлоли кишвар, озодӣ ва озодагӣ, маънои ҷангу сулҳ ва шинохтани ҳаққу ботил, фирӯзии нур бар зулмот, мардумшиносӣ, ҳаллу фасли мушкилоти байни давлатҳо, бемаъно будани ихтилофоти динию мазҳабӣ, эҳтиром гузоштан ба ҳаққу ҳуқуқи дигарон ва дӯстию рафоқатро меомӯзем.***

Ман бовар дорам, ки дар мунозираҳои илмӣ перомуни бузургтарин китоби таърихи эрониён, балки тамоми ҷаҳони ақлу хирад паҳлӯҳои гуногуни фалсафаи Фирдавсии бузургвор баррасӣ хоҳад шуд ва ин имкон

медиҳад, ки муҳтавои «Шоҳнома»-и беҳтару хубтар дарк намоем ва аз муборизаи некӣ бо бадӣ, нур бо зулмот дақиқтар огоҳ шавем.

"Шоҳнома" дар замоне эҷод гардид, ки аз як сӯ ҳокимияти миллии мо - давлати Сомониён рӯ ба шикаст ниҳод, аз сӯйи дигар ҷойи арзишҳои бостонии Аҷамро арзишҳои сифатан нави исломӣ фаро мегирифт. Ва Фирдавсӣ тавонист ба ранҷу азоби тоқатфарсо нигоҳ накарда, бо сухани ҷаззоби шоирона Аҷамро аз нав зинда карда, мероси бузурги фарҳангӣ ва анъанаҳои ватандӯстии халқашро барои наслҳои оянда ба ёдгор бимонад.

Дар «Шоҳнома» ҳам ҷангҳои дохилии вилоятҳои Эронзамин ҳамчун ҷангҳои зишту бемаъно, ки аз оғоз ғоратгарӣ мебошанд, бисёр тасвир шудаанд.

Яке аз ҷангҳои бемаъно ва бедодгарона ҷанги шоҳи Сосониён бар зидди шоҳи Ҳайтол (Хатлони имрӯза) Хушнавоз аст. Пирӯз, ки худ бо мадади шоҳи Ҳайтол ба салтанат расида буд, паймоншиканона ӯро сарнагун мекунад ва мо мебинем, ки Фирдавсӣ шоҳи Сосониёнро мазаммат намуда, ҳокими Ҳайтолиёнро, ки барои сулҳу осоиш ҷонбозиҳо мекард, самимона ситоиш мекунад. Ба қавли Фирдавсӣ, танҳо ҳамон нерӯҳое, ки дар хидмати адлу адолат мебошанд, қобили ситоишанд. Дар ҷангҳои доманадори Эрону Тӯрон ҳам Фирдавсӣ эрониёнро фақат ҳамон лаҳзаҳое ситоиш мекунанд, ки онҳо барои доду адл мубориза мекунанд, зеро ҷанги беадолатона ғалаба нест.

*Ки ҳар к-ӯ ба бедод ҷӯяд набард,*
*Ҷигархаста бозояду рӯйзард.*

Фирдавсӣ ҳатто ҳуҷуми хеле пурхашми Искандари Мақдуниро ба Эронзамин маҳкум намекунад. Зеро вай бо худ идеяи нав - идеяи шоҳи одилро овард. Рустами дастон - ин паҳлавони ҷаҳон ҳам ба ҳеҷ рӯй моил намешавад, ки дар ҷанги бедод ғалаба кунад ва мегӯяд, агар кори ман ҳақ нест, бигузор бо дасти душман кушта шавам.

Сирру асрори тасвирҳои зебои «Шоҳнома» ҳам дар он аст, ки Фирдавсӣ фақат ҷангҳои одилонаро ситоиш карда, хонандаро ҳамроҳи худ вориди саҳнаи набардҳои одилона месозад.

*Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ ба сифати як инсони покнажоду покгуҳар ва шахсияти нобиғаву достонсарои беҳамто, султони шеъру адаби форсигӯёни ҷаҳон воқеан фалсафаву адаби моро нерӯи тоза бахшида, шеърро ба ҳар дард даво ва ёвару мададгор ва ҷонбахши мардум гардонид. Фалсафаи манзуми ӯ*

*моломоли ғояҳои ватанпарастӣ, башардӯстӣ, покию нафосат, сулҳу сафо, панду андарз ва ахлоқи ҳамида, шеъри набарду мубориза ва ҷонбозиҳо дар роҳи озодии халқу Ватан, дар роҳи адолату ростӣ аст.*

Ҳаким Фирдавсӣ ба сифати як ҳамосасарои нобиға ва бузургтарин донандаи таърих ва зиндагиномаи гузаштагони хеш таърихи чандинҳазорсоларо дар дилу дидаи оламиён аз нав эҳё карда, аз қисмату сарнавишти мардони бузурги таърихи мо ва рӯйдодҳои зиндагӣ натиҷаҳо бардошт ва ҳосили ин бардошт панду андарз ва хулосаҳои саршор аз ҳикмат аст, ки моро ба роҳи ростӣ ҳидоят мекунад.

Ҳакими бузургвори тӯсӣ тавассути шеъри асил анъанаю дастовард, ҳикмату хирад, ҷасорату мардонагӣ, қудрати маънавию ахлоқӣ, нангу номус, ғурури миллӣ ва қаҳрамониҳои бемисли мардуми эронинажодро ба гӯши ҷаҳониён расонид. Бисёр халқҳои олам ба таърихи Эрони бостон, корномаи фарзандони далер ва анъанаю суннатҳои миллии он тавассути «Шоҳнома» ошноӣ пайдо карданд.

«Шоҳнома» асари ҷовидонист ва ҳар сатри он аз заминаи миллӣ, аз саргузашту користони мардуми он, аз зиндагии воқеӣ берун омадааст ва биноан, шеъри Фирдавсӣ шеъри асил ва ростин аст. Ҳазор сол боз мардуми мо аз шеъри Фирдавсӣ ғизои рӯҳу ҷон, панду ҳикмат, ахлоқи ҳамида мебардоранд, ба ҳар дардашон даво, ба тани ранҷурашон шифо меёбанд, тавассути шеъри ӯ мушкилоташонро осон мекунанд.

Фирдавсӣ як марди мусулмон буд, вале ҳаргиз таърихи пурифтихори халқи худро қурбони идеологияи ҷоҳилона насохтааст. Аз фалсафаи Фирдавсӣ бармеояд, ки ягон ҳукумат, ягон роҳбар ва ҳоким, ягон андеша ва дину идеология ҳақ надорад, ки мардумро бо зӯрӣ мутеи худ созад.

Хирад барои мардуми эронинажод нақше ба ҷуз посдорӣ ва нигаҳдорӣ ва парвариши ҷон, яъне зиндагӣ чизи дигар намебошад. Озурдани ҷон ва ҳамроҳ бо он озурдани хираду андеша бадтарин гуноҳ ва шар(р) аст.

Барои Фирдавсӣ рехтани хуни бародарони ҳамхуни ҳамнажоду ҳамзабон гуноҳест азим ва ҷавонмардӣ ин нест, ки хуни бародари хеш бирезӣ ва миёни пайвандон тухми нифоқу қасос бикорӣ:

*Ба пеши бародар бародар ба ҷанг*
*Наёяд, агар бошадаш ному нанг!*

Боз мегӯям, ҳазор афсӯс, ки мардуми тоҷик ба дасисаи аҳриманӣ гирифтор шуд ва дар ҷанги фоҷиабори солҳои аввали соҳибистиқлолӣ панду андарз ва даъватҳои шуълавари шоири бузурги хешро аз ёд бурда,

ба харобкориву хунрезӣ даст заданд. Акнун бояд ба худ оем ва гуноҳи ҳамдигарро бубахшем. Бояд дар ин сарзамини абгору дардхӯрда аз ин пас танҳо сулҳу оштии миллӣ ва ягонагию ваҳдат пойдор бошаду тантана кунад. Фардои дурахшон ва хушбахтию некномии миллати мо танҳо аз ваҳдат, ягонагию якзабонӣ ва мусолиҳаи миллӣ вобаста аст ва агар мо ин корро накунем, рӯҳу арвоҳи бузургонамон, бахусус, рӯҳи Фирдавсӣ, ҷовидон аз мо домангир хоҳад буд.

Агар мо бихоҳем, ки ҷовидон дар ин сарзамин рӯҳи Фирдавсиро зиндаву покиза нигоҳ дорем ва худро ворисн вокеии ӯ бидонем, бояд ҳама андарзҳои ӯро ҳифз намуда, тибқи онҳо амал бикунем, баҳри оромишу осоиш, ваҳдату ягонагӣ ва пойдор гардидани сулҳ ба ҷон бикӯшем ва нагузорем, ки миёни мо тухми нифоқу кина бикоранду бародарро ба қатли ҷони бародар бифиристанд.

Ҳамон тавре ки Фирдавсии бузург фармудааст:

*Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,*
*Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем.*
*Аз ин пас ба хира марезед хун,*
*Ки бахти ҷафопешагон шуд нагун.*

Имрӯз қаламрави забони форсӣ дар марзҳои якчанд кишвари мустақили Ховарзамин ва нуфуси форсигӯён дар бисёр кишварҳои Аврупо ва Амрико паҳну парешон аст. Ва фақат нобиғаҳое чун Рӯдакию Фирдавсӣ тавонистанд, ҳатто ҳазор сол баъд аз сари худ ҳамаи моро гирди ҳам оранд. Ин гирдиҳамоӣ маҳфили ақлу хираду фаросату башардӯстист. Он, ки бо сеҳри сухан мулки Аҷам зинда кард, намирандааст, ҳамон тавре ки худаш ҳам бовар дошт:

*Биноҳои обод гарданд хароб,*
*Зи борону аз тобиши офтоб.*
*Пай афкандам аз назм кохе баланд,*
*Ки аз боду борон наёбад газанд.*
*Намирам аз ин пас, ки ман зиндаам,*
*Ки тухми суханро парокандаам.*

## *Абӯалӣ ибни СИНО*

# МУТАФАККИРИ АБАДЗИНДА



Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино яке аз бузургтарин файласуфон, олимон, табибон ва адибони тоҷику форс буда, дар рушду камоли тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми барҷаста дорад. Воқеан, нақши барҷастае, ки Ибни Сино дар таърихи фарҳанги миллат ва башарият гузоштааст, номи ӯро барои аҳли ҷаҳон азиз ва ҷовидонӣ гардонидааст. Ба шарофати осори абадзиндаи хеш Ибни Сино имрӯз низ ҳамзамон ва ҳамқадами ҷомеаи башарӣ мебошад. Зеро ҳикмате, ки инсонро ба роҳи рост ва худшиносии воқеӣ ҳидоят мекунад, бо гузашти замон моҳият ва арзиши бештар пайдо мекунад. Ба ҳамин сабаб аст, ки инсонияти мутамаддин ҷашни 1000-солагии ин ҳакими барҷаста ва олими энсиклопедистро дар асри гузашта ду маротиба таҷлил кард: дафъаи аввал соли 1952 тибқи солшумории ҳиҷрӣ ва бо қарори Шӯрои Умумиҷаҳонии Сулҳ. Раиси Шӯрои Умумиҷаҳонии Сулҳ, олими маъруф Фредерик Жолио-Кюри доир ба хизмати беназири Ибни Сино чунин гуфтааст: ***«Фаъолияти Ибни Сино, ки бар пояи ҳақиқат ва хирад асос ёфтааст, саҳми бузурге ба тамаддуни ҷаҳонӣ буда, ба хотири ҳамдигарфаҳмии халқҳо хизмат карда, ба инсоният барои сохтмони ояндаи нек кумак мерасонад».***

Бори дувум ҷашни ҳазорсолагии Ибни Сино соли 1980 тибқи қарори ЮНЕСКО таҷлил гардида, саҳми бузурги ӯ дар рушди тиб, фалсафа, мантиқ, табиатшиносӣ, ҷомеашиносӣ ва дигар илмҳо комилан эътироф карда шуд. Чунин арҷгузории олӣ ба хизматҳои илмӣ ва фарҳангии фарзанди фарзонаи халқи тоҷик Абӯалӣ ибни Сино аз он ҷиҳат аст, ки ӯ дар тӯли умри кӯтоҳ ва пурҳаводиси худ бо вуҷуди саргардониҳои зиёд тавонистааст ба инсоният осори гаронбаҳое ба ёдгор гузорад.

Осори боқимондаи ӯ бештар аз 250 асарро фаро мегирад, ки дар байни онҳо «Китоб-уш-шифо», «Китоб-ун-наҷот», «Ҳикмат-ал-Машриқия», «Китоб-ул-инсоф», «Донишнома», «Мабдаъ ва маод», «Мубоҳасот»,

«Ишорот ва танбеҳот» аҳамияти бузурги илмӣ ва фалсафӣ доранд. Ӯ дар осораш низоми мукаммали маърифати ҷаҳоншиносиро ба вуҷуд овард, ки моҳиятан ҷамъбасти ҳамаи соҳаҳои илми он замона - фалсафа, табиийт, риёзиёт, тиб, мантиқ ва илоҳиёт мебошад.

Ибни Сино на танҳо олим ва файласуфи бузурги ҷаҳон, балки ҳамчунин яке аз барҷастатарин чеҳраҳои таърихи табобат дар ҳама давронҳост. Асари муҳимтарини дар ин бахш таълифнамудааш «Қонун»-и ӯст, ки китоби аввали онро дар 30-солагӣ навиштааст. Бояд гуфт, ки пеш аз Ибни Сино дар Шарқ ду китоби арзишманди тиббӣ машҳур буданд, ки аввалӣ ба Закариёи Розӣ ва дуюмӣ ба Алӣ ибни Аббосии Маҷусӣ таллуқ доштанд. Лекин «Қонун»-и Сино бо ҳалли масъалаҳои сода ва мушкили тиббӣ тавонистааст, ки ҳамаи китобҳои пешин ва баъд аз ӯро дар сояи худ нигоҳ дорад. Масалан, Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар «Чаҳор мақола»-аш ба «Ал-Қонун»-и Ибни Сино чунин баҳо додааст: «Агар Буқрот ва Ҷолинус зинда шаванд, раво бувад, ки пеши он китоб саҷда кунанд».

Ибни Сино бо эҷоди «Ал-Қонун» ва як силсила осори дигари тиббии худ зимни муқоиса ва ҷамъбасти дастовардҳои тибби ҳиндӣ, юнонӣ, арабӣ ва ниёгони халқи тоҷик пойдевори табобати назарӣ ва амалиро бунёд гузошт, ки ба эътирофи муҳаққиқони машҳури ҷаҳон ҷовидона аст. Осори адабии ӯ ба забони тоҷикии форсӣ ва арабӣ дар пешрафти адабиёти тоҷику форс ва ташаккули забони миллии мо нақши муҳим дорад.

Бояд гуфт, ки дар қарни даҳуми мелодӣ дар хонадони тоҷик ба дунё омадани нобигае ба мисли Ибни Сино амри тасодуф нест. Зеро замони Ибни Сино яке аз давраҳои тиллоии адабиёту фарҳанги мо буд, ки давлатдории Сомониёнро шуҳрати ҷаҳонӣ додааст. Маҳз дар ҳамин давра ба Сино ва дигар шахсиятҳои илмӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ муяссар гардид, ки ба ситораҳои тобноки илму тамаддуни ҷаҳонӣ табдил ёфта, номи худ ва миллати хешро дар таърихи башар абадӣ сабт намоянд.

Давраи Сомониён собит месозад, ки симоҳои бузурги фарҳангиву илмӣ тасодуфан ба арсаи таърих намеоянд, балки муҳити созгор ва мусоид аз байни садҳо олимону шоирон, хунёгарон ва аҳли зиё беҳтарин ва боистеъдодтарини онҳоро шуҳратманд мегардонад. Ибни Сино низ аз устодони донишманди давраи Сомониён дарс омӯхта, минбаъд бо зеҳни фавқулодат ва заҳматҳои фаровони илмию эҷодиаш осори гаронбаҳотарини тиббию фалсафиро ба ёдгор гузошт.

Яке аз хусусиятҳои муҳими давраи давлатдории Сомониён таваҷҷуҳ ба ривоҷи илму фарҳанг буд. Мо метавонем ин давраро ба як хазинаи нодире монанд кунем, ки беҳтарин ва арзишмандтарин дурру гавҳарҳои

маърифатро ҷамъ оварда, барои такомули ақлу хиради башарият истифода намудааст. Ҷиҳати дигари афзалиятноки давлатдории Сомониён ин пазируфтани дастовардҳои илму фарҳанги ҷаҳонӣ буда, шиори *«Дониш андар дил чароғи равшан аст»* кулли фарзонагон ва аҳли илму фарҳангро раҳнамоӣ мекард. Маҳз чунин фазои озод боис шуд, ки фалсафаи Юнон бо андешаҳои фалсафии мактабҳои Шарқи Миёна ва Наздик дастраси донишмандони қаламрави Сомониён гардад ва дар заминаи озодфикрии шуубия фалсафаи Арастуро ба пояи баланд бардорад. Рӯзгор ва осори Ибни Сино намунаи барҷастаи хизмати бедареғ ва фидокорона ба инсоният аст. Ӯ дар тамоми марҳалаҳои зиндагии худ, хоҳ дар маснади вазорат бошаду хоҳ дар ҷодаи таълиму таълиф ва хоҳ дар ҷараёни табобат ба ҳадафҳои олии инсонӣ ва ҳақиқати илмӣ содиқ монд.

Ибни Сино ба воситаи асарҳои фалсафии худ ҷаҳони андешаи асримиёнагиро фарох ва зиндатар гардонд, роҳи расидан ба ҳақиқат ва кашфи асрори вуҷудро сармашқи таҳқиқи худ қарор дод. Сино дар тӯли умри кӯтоҳи 57-солааш тавонист осори безаволу гаронбаҳое офарад, ки садҳо сол мавриди ниёзи ҳамарӯзаи олимону табибон қарор бигиранд. Ман «Ал-қонун»-ро дар назар дорам, ки дар қатори осори Буқрот, Ҷолинус ва Арасту дар мактабҳои олии Аврупо ҳамчун китоби дарсӣ омӯхта мешуд. Ин асари беназир воқеан ҳам ифтихори тибби ҷаҳонӣ буда, аз замони мавриди истифода қарор гирифтанаш то ба имрӯз шояд ба миқдори бешумори беморон умри дубора ато кардааст ва хоҳад кард.

Асарҳои фалсафии ӯ, махсусан «Донишнома», «Китоб-уш-шифо», «Китоб-ун-наҷот», «Ишорот ва танбеҳот», «Мабдаъ ва маъод» ба рушди фалсафаи халқҳои Шарқи исломӣ ва Ғарб таъсири амиқ расонида, бар хилофи таассуб ва иртиҷоъ ақидаҳои дунявӣ ва озодфикронаи илмро интишор додаанд.

Шахсияти Ибни Сино намунаи барҷастаи иродаи қавӣ, рӯҳи тавоно, ҷасорати камназир дар муқобили ҳама гуна мушкилиҳои зиндагӣ мебошад. Ҳарчанд ӯ дар интиҳои давлатдории подшоҳони Сомонӣ ба дунё омада, ҷавониаш дар айёми таназзули он гузаштааст, вале тавонист мероси бузурги илмию фарҳангии он давраро азбар намуда, оқилонаву эҷодкорона инкишоф диҳад. Рӯзгори номусоиди баъдина, таъқиботи ҳамешагии султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва гумоштагони ӯ Ибни Синоро пайваста ба фирор водор месохт. Вале бо вуҷуди ноороминҳои доимии зиндагӣ, маҳбусию гирифторӣ ва мушкилоту маҳрумиятҳои дигар, ҳатто нобуд шудани дастнависи китобҳои нав таълифкардааш ӯ аз таълифу эҷод даст накашида, мехост барои ояндагон осори гаронбаҳои илмӣ ба

мерос гузорад. Чунонки муҳаққиқони фалсафаи ӯ қайд кардаанд, дар таълимоти Ибни Сино оид ба ҳастӣ дар баробари Воҷибулвуҷуд, яъне Офаридгор абадияти модда низ эътироф мешавад. Бинобар ин, масъалаи муҳими дигар дар фалсафаи Ибни Сино, ки метавон онро меҳвари аслии ҳастишиносӣ ва низоми ҷаҳонии фалсафии вай ба шумор овард, фарқ миёни ҳастӣ ва моҳият аст. Дар ҳар маврид Ибни Сино сабаби ҳодисаҳои олами табиӣ ва инсониро ҷустуҷӯ карда, ба ҳар масъала аз мавқеи мантиқ ва ақли солим бархӯрд менамояд, ҳодисаҳои коинот ва олами заминиро дар вобастагӣ таҳқиқ месозад.

Ибни Сино на танҳо олими тавоно, шоири мутафаккир, табиби ҳозиқ, балки сиёсатмадори барҷаста ва муҳаққиқи бузурги ахлоқ низ будааст. Ҳарчанд ки аз фаъолияти вазирии ӯ маълумоти хеле кам дастрас шудааст, вале як мавзӯъ равшан аст, ки ӯ дар умури давлатдорӣ илму сиёсатро бо ҳам пайваста, барои ҷорӣ кардани низоми адлу инсоф кӯшидааст. Маҳз ба ҳамин сабаб ашхоси манфиатҷӯю золим ба нобуд кардани ӯ азм намуда, ин марди покраву покманишро ду бор гирифтори ҳабс сохтаанд. Рисолаҳое, ки ӯ дар маҳбас таълиф кардааст, гувоҳи муборизаҳои бардавомаш барои тантанаи адолат ва хирад мебошанд. Андешаҳои пурҳикмати Ибни Сино дар бораи сиёсат, ахлоқ ва ташкилу тадбири оила як қисми муҳими осори ӯро ташкил дода, имрӯз низ қобили таваҷҷуҳ ва истифода мебошанд. Шайхурраис дар бораи тарбияи сиёсатмадорони нексиришт ва фозил, ки шаҳрдоронро ба корҳои хайр раҳнамоӣ кунанд, аҳли ҷомеаро саодатманд намоянд, ҳамдигарфаҳмиву муттафиқиро дар байни мардум густариш диҳанд, ақидаҳои солиму омӯзанда баён доштааст. Ӯ барои ноил шудан ба ин мақсад таълиму тарбияро дар оила, ки онро ҳавзаи хурди мулкдорӣ меҳисобад, вазифаи бағоят муҳими падару модар мешуморад.

Ақидаҳои Ибни Сино оид ба таълиму тарбия дар оила ва ҷомеа дар замони истиқлолияти кишвари мо аҳамияти хосса доранд. Зеро дар шароити бунёди давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар баробари меъёрҳои байналмилалии давлатдории муосири мо анъанаҳои арзишманди тарбиявию ахлоқиро низ бояд ҳамчун унсури ғояи миллӣ истифода намоем.

Ибни Сино дар асарҳои худ ба ҷо овардани эҳтироми зан, махсусан модарро аз сифатҳои муҳими тарбияи ахлоқӣ мешуморад. Ба қавли ӯ, дар оила озод нигоҳ доштани зан, меҳрубону ҳалиму хоксор будани мард боиси ҳурмату эҳтироми дуҷониба ва баландии шарофати онҳо мегардад. Ӯ ба занон дар баробари тарбияи фарзанд омӯхтани ҳунар ва ба меҳнати судбахш машғул буданро тавсия медиҳад. Соҳиби касбу ҳунар шудани занон, ба андешаи Сино, онҳоро аз беҳудашинӣ, афсурдаҳоливу дилтангӣ мераҳонад ва ба зиндагии оилавиашон ҳусни тоза мебахшад. Покии

ахлоқи зану шавҳар, эҳтироми самимонаи онҳо ва тарбияи оқилонаи фарзандон дар таълимоти Ибни Сино мақоми арзанда дорад.

Ибни Сино ба нақши илму маърифат дар тарбияи фарзанд баҳои баланд дода, таъкид мекунад, ки ҳар қадар шахсони соҳибмаърифат, чорасозону ҳунармандон зиёд бошанд, корҳои давлатдорӣ, истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва сарватҳои рӯзгор ҳамон қадар беҳтару бештар мегардад. Андешаҳое, ки ӯ ба сифати як барномаи мукаммал дар китобҳои «Шифо», «Ал-Қонун», «Тадбири манзил» ифода кардааст, дар ҳалли мушкилоти мактабу маориф, тарбияи муаллим ва омӯзишу парвариши шогирдон имрӯз низ аҳамияти худро аз даст надодаанд. Аз ин лиҳоз, ҳам барои табибон, ҳам барои мураббиёну муаллимон ва ҳам барои кормандони соҳаи тарбияи ҳуқуқӣ дастурҳои ӯро омӯхтан ва вобаста ба шароити таълиму тарбияи имрӯз истифода кардан ба пешрафти соҳаи маориф ва умуман тарбияи ҷавонон мусоидат хоҳад кард.

Барои инсоният ақидаҳои ахлоқию иҷтимоии Ибни Сино имрӯз ҳам арзиши худро гум накардаанд. Дар ҷаҳони муосир, ки раванди глобализатсия мушкилиҳои нав эҷод кардааст, андешаи Ибни Сино дар бораи зарур будани ваҳдату ҳамраъйии инсонҳо, даъват ба ҳамкорӣ ва кӯмак ба ҳамдигар, пеш гирифтани роҳи адолату инсоф ва муросою мадоро бешак ба талқини ормонҳои осоишу амнияти ҳамагонии башарият ҳамоҳанг аст. Ӯ барҳақ таъкид мекунад: азбаски ҷомеа зодаи ҳамкорӣ ва ҳамраъйӣ аст, ба касе ниёз дорад, ки «қонун ва адолатро муқаррар намояд ва чунин кас бояд имкони тавассути сухан ба мардум мурочиат карданро дошта бошад ва мардумро барои риояи қонун ӯҳдадор созад». Ибни Сино барои аз бенизомӣ ва бесарусомонӣ ҳифз кардани ҷомеа сарвари оқилу огоҳеро лозим медонад, ки мардумро ба роҳи дуруст раҳнамоӣ кунад ва инсофу адолатро пуштибонӣ намояд.

Зимнан бояд гуфт, ки Ибни Сино на танҳо бо андешаҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва сиёсиаш, балки тавассути назариёти тиббиаш низ ҷовидонаю абадзинда аст. Андешаҳои ӯ дар хусуси қоидаҳои нигоҳдошти тандурустӣ, тадбирҳо ва шартҳои пешгирии бемориҳо, дар таҷриба дақиқан санҷидани давоҳо ва таъини он ба беморон, сабабмандии ҳолатҳои физиологӣ ва рӯҳонии инсон, вобастагии инсон ба муҳити зист, иқлим ва обу ҳаво аз ҷумлаи он нуктаҳои муҳими назарияи тиббии Ибни Сино мебошанд, ки дар замони мо ҳам аҳамияти илмӣ ва амалии худро аз даст надодаанд. «Ал-Қонун»-и Ибни Сино асари мукаммали энсиклопедие мебошад, ки дар давоми асрҳо китоби рӯимизии табибон буд ва ҳоло ҳам ин рисолатро иҷро карда метавонад. Худи ҳамин далел аз бузургӣ ва шаҳомати ҷаҳонии Ибни Сино шаҳодат медиҳад, ки баъд аз сад соли вафоти ӯ

«Ал-Қонун» ба забонҳои аврупоӣ тарҷума шуда, соли 1544 аввалин бор аз чоп мебарояд. Ин китоби безавол дар донишгоҳҳои Монполис, Вена, Лувен (Лёвен), Брюссел ва мактабҳои олии Аврупо то асри XX ҳамчун китоби дарсии беҳтарин маъмул буд ва борҳо ба забони лотинӣ бо теъдоди зиёд ба табъ расидааст.

Дар кишварҳои Шарқ, алалхусус дар сарзамини Эрони бостонӣ ба ҳифзу гирдоварӣ ва табъу нашри осори Сино, ташкили анҷумани байналмилалии синошиносӣ ва бузургдошти номи ӯ тадбирҳои мушаххас меандешанд, ки ин боиси таҳнияту сарфарозист. Бояд зикр кард, ки баргузор шудани маҳфили бузурги байналмилалӣ ба муносибати 1025-умин солгарди ӯ дар Ҷумҳурии Исломии Эрон аз иқдомоти муҳими ин кишвар дар бузургдошти ному осори ин алломаи безавол аст.

Бисёр олимону файласуфони аврупоӣ ва ҳакимону донишмандони Шарқ Ибни Синоро устоди хеш дониста, ба асарҳои тиббию фалсафиаш шарҳҳо навиштаанд, ки аз нуфузу эътибори ҷаҳонии ин шахсияти бузург гувоҳӣ медиҳад. Зиндагӣ ва осори Ибни Сино ин мактаби ҷасорат, тантанаи илму хирад, инсондӯстӣ ва худафрӯзӣ барои бахту саодати инсоният аст. Мо дар назди рӯҳи ин бузургвор имрӯз сари таъзим фурӯд оварда, хотираи некашро бо таълиму таҳқиқоти тоза ва инкишофи афкори ӯ дар соҳаҳои мухталифи илм зинда нигоҳ медорем.

Ҳукумати Тоҷикистон ва халқи тоҷик ба нишони сипос ва қадршиносии ин фарзанди фарзона ва пуршарафи худ дар кишварамон ба номаш чандин хиёбонҳо, донишкада ва ноҳияро номгузорӣ карда, ҷоизаи бонуфузи илмиеро ба гиромидошти ӯ таъсис додааст. Муҷассамаи бузургаш яке аз зеботарин хиёбонҳои шаҳри Душанберо оро дода, таҷассуми хирад ва бузургии заковати ӯст. Вале бузургтар аз ҳама эҳтироми ӯ ва маскани ӯ дар дили халқи мост. Ба қавли олими тавонои олмонӣ Бурхард Брентес, *«тоҷикон дар мисоли Ибни Сино фарҳанги баландпояи халқҳои Осиёи Марказиро таҷассум намудаанд. Онҳо имрӯз низ мероси Ибни Синоро, ки дар тӯли ҳазор сол ба хираду ақли Аврупо таъсир дошт, оқилона ҳифз мекунанд»*.

Ибни Сино парчамбардори бедории афкори миллӣ ва бунёдгузори пойдевори илми ҳазорсолаи мост. Аз ин рӯ, ба марказҳои илмии мо зарур аст, ки осори ин алломаи бузургро пурра ба забони тоҷикӣ ба табъ расонанд ва ба забонҳои дигар тарҷума кунанд.

Ҳамду сано ба миллате, ки чунин абармардро ба олами тамаддун эҳдо намудааст!

# Носири ХУСРАВ

## СУХАНВАРИ БУЗУРГ ВА МАРДИ АНДЕША



Истиқлолият барои ҳамаи наслҳои миллати мо, аз ҷумла, ниёгони сарбаландамон ормони воло, номаи тақдир, ҳифзи шарафу номуси ватандорӣ ва дар мушкилтарин лаҳзаҳои таърих бо сабру таҳаммули оқилона ва ҳусни тадбир дар ниҳоди давлатдории аҷнабиён пеш бурдани суннатҳои давлатдории аҷдодӣ будааст. Истиқлолият барои мо як марҳалаи сифатан наву воқеии таърихи талошҳои озодихоҳона ва кору пайкорҳои ошкору ниҳони расидан ба давлату давлатдории миллӣ ва ҳифз намудану пос доштани мероси маънавию фарҳангии миллат мебошад.

Дар саҳифаҳои таърихи қадимаи миллатамон сабт шудааст, ки бар асари лашкаркашиҳо ва тохтутозҳои пайиҳами сулолаву хонаводаҳои аҷнабӣ давлату давлатдории тоҷикон борҳо зери хатари нестӣ монда буд. Вале фарзандони дурандешу фарҳангпарвари миллат ҷабру ҷафои бегонагонро бо муқовимат ва пайкори фарҳангиву маърифатӣ, тадбир, таҳаммул ва бурдбории мардона паси сар намуда, барои ҳифз ва таҳкими ҳувийяти миллӣ талошҳо кардаанд, зиндагӣ ва ҷаҳонбинии қавму халқиятҳои бегонаро бо дастовардҳои тамаддуни худ пурғановат сохтаанд.

***Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ аз ҷумлаи чунин бузургони фарҳангу хиради миллати тоҷик ба шумор меравад, ки умри азизи хешро баҳри худшиносӣ, ситоиши ифтихори миллию ватандорӣ ва раҳоиш аз зулму истибдоди аҷнабиён, хурофот ва дигар падидаҳои манфӣ сарф кардааст.*** Овони кӯдакӣ ба балоғати ӯ дар Шаҳри Тӯс, Тахти Қубод, Тахти Сангин, Қалъаи Мир, Кайқубодшоҳ ном шаҳристонҳои қадимаи Каёниён ва Бохтари бостон, ки воқеъ дар қаламрави Тоҷикистони имрӯзаанд, гузаштааст. Меҳри ин сарзамини аҷдодӣ дар ташаккули ғояҳои ватандӯстӣ ва

истиқлолхоҳии ӯ нақши якумрӣ бозидааст. Ӯ дар айни замон истеъдоди фитрии шоириашро дар мактаби адабии Рӯдакӣ ва дигар сухансароёни аҳди Сомониён сайқал дода, аз асолати забони модарӣ ва фарҳанги волои миллати хеш ба ҳадди аъло бархурдор гаштааст.

Зиндагӣ ва рӯзгори ин ҳакими бузург ба интиҳои давлатдории Сомониён рост омада, фоҷиаи истилои сулолаҳои аҷнабии Ғазнавиёну Салҷуқиёнро бо чашми сар дидааст.

Носири Хусрав, ки таҷрибаи дабирию коргузории дарборро аз падар омӯхта буд, муддате дар Балх ба хидмати ҳокимони ғазнавӣ даромад, лекин бо вуҷуди нуфузу эътиборе, ки дар доираҳои ҳоким пайдо карда буд, бо сабаби беадолатӣ ва носозгории муҳит аз хизмати дарбор канор рафт.

Сиёсати ҷангҷӯёнаи сулолаи тундрави Ғазнавиён, вазъи номусоиди иҷтимоию сиёсии кишвар, алалхусус, риёкории рӯҳониёну бегонапарастии бисёре аз мансабдорон, хорию зории аҳли илму фарҳанг дар ҷаҳони маънавии Носири Хусрав як гардиши куллиро ба вуҷуд оварданд.

Ӯ чун шоири ватандӯсту ватанпарвар ва марди андеша наметавонист дар баробари харобсозиҳои хоки Хуросон бетарафиро ихтиёр намояд. Шоири миллатдӯсту халқпарвар ба хотири тарбият ва роҳнамоии ҳокимони ғосибу ситампешаи салҷуқӣ муддате ранҷу заҳмат мекашад. Аммо ранҷу заҳматҳояш барабас рафта, аз беадолатиҳо ва ҷабру зулми амалдорони салҷуқӣ ба танг меояд ва комилан хидмати дарборро тарк мегӯяд.

Ӯ дар шеърҳояш ба танқиду мазаммати амирони салҷуқӣ шурӯъ карда, онҳоро «*гургони биёбон*» меномад ва аз шукӯҳи гузаштаи Хуросону подшоҳони адолатпешаи сомонӣ бо ҳасрат ва таассуф ёд мекунад.

Табиист, ки чунин танқиду мазаммати ошкорои шоир сафи душманони ӯро афзуд ва соҳибмансабони ғазнавию салҷуқӣ дар андешаи таъқиб ва ҳатто куштани ӯ афтоданд. Саранҷом пас аз азиятҳои рӯҳии зиёд Носири Хусрав роҳи сафари тӯлониро ба сӯи кишварҳои дигар пеш гирифт.

Мусофирати Носири Хусрав қариб ҳафт сол идома ёфт. Ӯ аз роҳи Озарбойҷону Эрон гузашта, сарзамини Осиёи Хурдро паси сар кард ва сипас Сурия, Фаластин, Миср, Тунис ва Судонро саёҳат намуд. Ин ҳакими инсондӯсту адолатпарвар чор бор ба зиёрати Макка расида, тақрибан саросари ҷаҳони исломро омӯхт. Алалхусус, давраи истиқомати Носири Хусрав дар Миср, ки се сол идома ёфт, ба зиндагӣ ва фаъолияти минбаъдаи вай таъсири амиқ гузошт.

Дар замони Носири Хусрав фотимиён дар қаламрави Миср баъзе ислоҳот гузаронида буданд, ки ба ҷунбишҳои миллии мардумӣ, аз ҷумла, ҳаракати истиқлолхоҳии шуубия дар миёни аҷдоди мо таъсири зиёд ра-

сонидаанд. Зимнан бояд таъкид кард, ки ҳаракату ҷунбишҳои халқӣ ва иҷтимоӣ, аз ҷумла, ҷунбиши шуубия, мазмуни нисбатан бой, рангин ва қисман мураккаберо доро буданд. Ин ҷунбишҳо дар даврони ташаккули рӯҳи муқовимат ва истиқлолхоҳӣ доираҳои васеи мардумро фаро гирифта, ҷавҳари худшиносӣ ва худогоҳӣ доштанд. Муҳимтарин ҳадафи онҳо эҳёи асолати таърихиву фарҳангӣ, бозгашт ба шукӯҳу азамати давлатдории аҷдодӣ ва бунёди низоми адолатпеша буд. Ин ҷунбишҳо арзишҳои миллӣ ва диниро омезиш дода, ба нерӯи бонуфузи ғоявӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиву маънавӣ табдил шуданд.

Ҳамин тариқ, талошу пайкори истиқлолхоҳии ниёгони мо бар зидди аҷнабиёни истилогар дар тӯли садсолаҳо идома ёфта, гоҳе ба сурати исёну шӯришҳои ошкорои сиёсӣ ва ҳақталошона, гоҳе ба шакли ҳаракатҳои мазҳабӣ ва гоҳе ба тарзи баҳсҳои фалсафию мунозироти адабӣ падид омадаанд.

Ҳадафи аслии онҳо бедор кардани эҳсоси худшиносӣ, ҳувийяти миллӣ, ифтихори ватандорӣ ва дар ниҳояти кор барафкандани девори сиёсати аҷнабиён ва ба ҷойи он зинда кардану пойдор доштани суннатҳои давлатдории Сомониёни адолатпеша буд. Алалхусус, дар доираҳои фарҳангӣ ҳаракатҳои озодихоҳӣ ва истиқлолпарастӣ дар либоси адабию ҷунбишҳои мазҳабӣ зоҳир гашта, чун тадбири сиёсии пуштибонӣ аз Ватану забон, ғояҳои истиқлолхоҳию асолати давлатдорӣ, ифтихороти миллию аҷдодӣ ба кор мерафтанд.

Ва ҷойи баҳс нест, ки Носири Хусрав низ ақидаҳои истиқлолхоҳӣ, озодандешӣ ва ватанпарастии худро аз пойгоҳи шеъру сухан, фаъолияти густурдаи адабӣ, маърифатпарварӣ, таблиғотӣ ва мунозироти фалсафӣ пеш бурдааст.

Воқеан, ӯ чун як фарди миллатдӯст, озодманиш ва инсонпарвар баландтарин арҷро ба инсони бедордилу ватанхоҳ мегузорад ва то вопасин нафаси умр дар роҳи истиқлолхоҳию ватанпарастӣ талош меварзад. Ин шоир ва мутафаккири бузург аз худ осори гаронбаҳои илмиву адабӣ боқӣ гузоштааст, ки «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн», «Кушоиш ва раҳоиш», «Сафарнома» ва «Девони ашъор» аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Яке аз муҳимтарин асарҳои Носири Хусрав «Сафарнома» аст, ки муаллиф дидаю шунидаҳои хешро дақиқ, воқеъбинона ва бемуболиға ёддошт карда, баъди бозгашт ба Балх онҳоро ба сурати китоб даровара, ба ворисон ба ёдгор гузоштааст. Ба ақидаи бисёр донишмандон, китоберо наметавон пайдо кард, ки аз нигоҳи арзиши илмиаш бо «Сафарнома» қобили қиёс бошад. Зеро ин асар ҳам сафарнома, ҳам тазкира, ҳам маводи

пурарзиши таърихию ҷуғрофӣ ва ҳам сарчашмаи нодири мардумшиносию фарҳангшиносист.

Носири Хусрав чун Фирдавсӣ ситоишгари хирад ва хирадмандист. Хирадмандӣ дар осори ин мутафаккири бузург бо имону диёнат, покизакориву покдоманӣ баробар аст. Ӯ инсонро ҳадафи аслии офариниши олам дониста, хираду донишро василаи асосии худшиносии инсон мешуморад. Инсоне, ки роҳи худшиносиву такомули шахсиятро пеш гирифтааст, бояд аз хашму ситез, ҳирсу ҳасад, макру тазвир, кибру ғурур ва амсоли инҳо дур шуда, ба пояи инсони комил бирасад.

Муҳимтарин хислати инсони комил аз нигоҳи шоир некиву накӯкорист. Ба андешаи шоир, накӯкорӣ пеш аз ҳама роҳатрасонӣ ба мардум, ёриву мадад ба ятимону муҳтоҷон, дилсӯзиву ғамхорӣ ба бечорагон, меҳрубониву пуштибонӣ аз бенавоёну барҷомондагон аст.

Инсони комиле, ки Носири Хусрав дар осори рангини худ офаридааст, ҷӯяндаи ҳақиқат ва дорои хислатҳои ҳамида буда, барои инсофу адолат, покиву накӯкорӣ ва аз байн бурдани зулму ситам, дурӯғу риё, ҳирсу тамаъ ва фитнаву ҷанг мубориза мебарад. Ӯ ҳамеша ақлу хиради инсонро ситоиш намуда, илму амалро меъёри арзёбии фаъолияти шахс мешуморад ва дар осори безаволи ахлоқиву фалсафияш ғояҳои баланди инсондӯстӣ, андешаи миллӣ, худогоҳиву худшиносӣ ва ватанпарварӣ мавқеи хосса доштанд.

Бузургони мо ҳанӯз аз аҳди Сомониён ақидаҳои умумибашарӣ ва ғояҳои инсондӯстиро тарғиб менамуданд. Ба ибораи дигар, онҳо ҳамеша дар доираи арзишҳои умумибашарӣ ва ғояҳое, ки ба такомули ахлоқии инсон ва таҳкими робитаҳои байни фарзандони инсон ва халқу миллатҳои башар равона шудаанд, андеша меронданд.

Қобили зикр аст, ки яке аз ҳамзамонони Носири Хусрав - Низомулмулк, ки вазири дарбори Салҷуқиён буд, асари машҳури худ «Сиёсатнома»-ро навишта, мисли ин шоири ватандӯст сиёсати давлатдорӣ, низоми идоракунӣ ва адолату раиятпарварии Сомониёнро ситоиш ва талқин намудааст. Ин бузургон ва даҳҳо чеҳраҳои намоёни адабу фарҳанги он давра бо осори ҷовидонаи худ дар боло рафтани бедорию ҳушёрии миллати мо, ҳамчунин дар роҳи озодандешию истиқлолхоҳӣ, адолатҷӯию халқпарастӣ ва ташаккули афкори худшиносии миллӣ, такомули маънавӣ, ахлоқӣ ва таҳкими робитаҳои байни инсонҳо хидмати бебаҳо кардаанд.

Зиндагӣ ва ҷоннисориҳои фарзандони фарзонаи миллат дар ҳама давру замон чун тимсоли мубориза ба хотири пирӯзии ғояҳои волои инсонӣ ва арзишҳои умумии тамаддуни башарӣ боқӣ мемонанд.

Шоҳкориҳои безаволи бузургони миллатамон на танҳо боиси ифтихори мо - тоҷикон ҳастанд, балки як ҷузъи муҳими фарҳангу таърихи башарӣ маҳсуб меёбанд ва аз ин рӯ, мояи ифтихори тамоми инсониятанд. Зеро онҳо ба маҷрои зиндагӣ аз дидгоҳи баланд менигаристанд, назари фарох ва афкори умумиҷаҳонӣ доштанд, инсондӯстиро тарғиб менамуданд ва чунон ки хотирнишон гардид, мардумони ҷаҳонро ба ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ даъват мекарданд.

Мафҳуми фалсафии «гуманизм», яъне «инсонгароӣ» ё «одамият» маҳз дар давраи Эҳё ё Ренессанси халқҳои ориёӣ шакл гирифта, минбаъд дар саросари ҷаҳон паҳн шудааст. Аз ин рӯ, осори илмиву адабии аҷдоди бузурги мо ҳаргиз кӯҳнашавӣ надоранд ва наслҳои минбаъда низ аз ин ганҷинаи ҷовидона барои худ ҳамеша маъниҳои тоза ва панди рӯзгор хоҳанд гирифт.

Ин анъанаи некро дар асри бист чеҳраҳои тобноки илм ва фарҳанги тоҷик Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода ва дигарон идома доданд. Мо бо ифтихор ва боварӣ гуфта метавонем, ки имрӯз ҳам дар кишварамон олимону шоирон ва ҳунармандони номдор кам нестанд ва ҷавонони боистеъдод ба роҳи мураккаби пурпечутоби илму ҳунар бо ҷасорати хос ворид мегарданд. Тоҷикистон аз онҳо дар пешрафти илм, фарҳанг ва ҳунар бозёфтҳои тозаро умедвор аст, зеро ҷавонони тоҷик ворисони илму адаб ва фарҳанги бузурганд, ки назираш дар ҷаҳон кам мебошад. Мо бояд ифтихор дошта бошем, ки миллатамонро бо фарҳанги асил ва хосаш ҳамчун миллати фарҳангӣ мешиносанд ва эҳтиром мекунанд.

Вақтҳои охир дар воситаҳои ахбори умум, инчунин ба василаи китобу рисолаҳо дар байни баъзе олимону адибон баҳсҳои шадиде бармехезанд, ки дар асл хурӯши баҳрро дар пиёла мемонанд. Ин баҳсхо аксаран моҳият ва арзиши илмӣ надоранд. Аз онҳо бештар бӯйи хусумати шахсиву ғараз меояд ва дар онҳо аломатҳои гурӯҳбозӣ ба назар мерасанд.

Маълум аст, ки илм бе баҳс пойдор намемонад, чунон ки мулк бе сиёсату мол бе тиҷорат. Вале агар баҳс баҳси ақидаҳо ва ба хотири дарёфти ҳақиқати илмӣ набошад ва фақат воситаи баёни даъвои шахсӣ ва таҳқири дигарон гардад, пас он оқибати нек надорад. Муколамаи аҳли илм метавонад тезутунд бошад, вале бояд бе ситеза ва айбҷӯиҳои беасос, ҳатман дар доираи одоби илмӣ сурат гирад. Вагарна чунин баҳс наҳс меорад, ки инро мо аввали солҳои фоҷиабори навадуми қарни XX дида будем.

Ба назари мо беҳтар мебуд, агар аҳли зиё сари масъалаҳои зерин андеша мекарданд: дар даврони истиқлолият илм ва фарҳанги мо ба чӣ дастовардҳо ноил гаштааст? Дар замонаи кашфиётҳои нав ба кадом ихтироот ва навовариҳо муваффақ шудаем ва имрӯз бо кадом бозёфтҳои шоёни олимон, ихтироъкорон, ҳунармандон ва аҳли қалам дар пеши назари ҷаҳониён ифтихор карда метавонем?

Нерӯи зеҳнии миллати мо ба ҳама маълум аст, бинобар ин халқ ва давлат аз аҳли илм ва зиёиёни эҷодкор дар тараққиёти илму техника ва технология, гузашта аз ин, дар рушди маънавияти ҷомеа саҳми бештарро интизоранд.

Дуруст аст, ки ривоҷи соҳаҳои мазкур ба маблағгузориҳои калон вобаста аст ва Ҳукумати кишвар ин масъаларо ҳамеша дар мадди назар дорад. Вале аз тарафи дигар, ба ёд овардан кофист, ки масалан, Ибни Сино ва Носири Хусрав барин алломаҳои миллати мо дар чӣ гуна шароит умр ба сар бурда буданд ва гузашта аз ин, бисёр шоҳасарҳои оламшумули худро дар ҷараёни оворагардӣ ва гурезогурез аз дасти рақибон ва ҳатто дар маҳбасҳо эҷод кардаанд.

Онҳо ба масъалаҳои умда ва бунёдии илм машғул мешуданд, бо ҳарифони ғоявии худ баҳсҳои домандори илмӣ мекарданд ва аз арзишҳои умумибашарӣ пуштибонӣ менамуданд. Вале имрӯз аксари зиёиёни мо ҳатто вақте ин дар ягон кишвари дигар таърихи миллату Ватани тоҷиконро бадқасдона таҳриф мекунанд ва ба мероси фарҳангии мо дастдарозӣ менамоянд, хомӯширо афзал медонанд ё умуман мавқеи бетарафиро ишгол менамоянд.

Ҳол он ки ҳифзи дастовардҳои маънавии миллат ва мероси фарҳангии ниёгон пеш аз ҳама қарзи муқаддаси фарзандони бедордилу равшанфикри Ватан, яъне зиёиён буд ва ҳамеша хоҳад монд. Агар зиёиён ин рисолати худро дар замони хеш анҷом надиҳанд, оянда ба онҳо баҳои муносиб хоҳад дод.

Дар ҷомеаи мо боз як раванди номатлубе мушоҳида мегардад, ки маро ҳамчун Роҳбари давлат наметавонад ба ташвиш наорад. Ман муносибати баъзе ходимони фарҳанг ва кормандони воситаҳои ахбори умумро ба забони адабиамон дар назар дорам. Гоҳо дар барномаҳои радио ва телевизион, саҳнаи театрҳо, навиштаҷоти аҳли қалам гуфтору навишти омиёна ва ё лаҳҷаҳо забони адабиро тақрибан танг карда мебароранд. Мо бояд ҳатман пеши роҳи ин тамоюли хатарнокро гирем.

Дуруст аст, ки устод Айнӣ лаҳҷаю шеваҳои гуногунро як манбаи ғанӣ гардидани забони адабӣ шумо◌ридааст. Ва мо бояд аз лаҳҷаҳо дурдонаҳо

пайдо кунем ва дастраси умум гардонем. Вале ин ҳаргиз маънои поймол кардани меъёрҳои забони адабиро, ки дар давоми садсолаҳо ташаккул ёфта, сайқал хӯрдаанд ва бори адабиёти ҳазорсолаи классикии моро кашидаанд, надорад.

Забони тоҷикӣ ҷавҳари миллати моро ташкил медиҳад ва тамоми мардуми форсизабони дунёро ба ҳам мепайвандад. Аз ин рӯ, мо забони адабиамонро бояд дӯст дорем, ҳифз кунем ва дар саросари кишвар густариш диҳем.

Мо бояд ифтихор аз он дошта бошем, ки соҳиби чунин забони ширину гӯшнавози қадимӣ ва пурғановат, забони илм ва шеъру адаби оламгир ҳастем. Бояд ба қадри он расем, меҳрашро бо шири модар ба қалби фарзандонамон ҷо кунем ва ин анъанаро аз насл ба насл идома диҳем, то забони ноби тоҷикӣ умри ҷовидона ёбад.

Тамаддуни чандинҳазорсолаи нажоди ориё маҳз ба воситаи забони шево ва пурғунҷоиши тоҷикию форсӣ ва қаринаҳои бостониву аҳди миёнаи он то замонаи мо расида, дастраси оламиён гардидааст, ки ин ҳам боиси ифтихор ва ҳам масъулияти бузурги ворисони ин тамаддуни қадима аст.

Солҳои охир дар расонаҳои хабарии олам ва матбуоти ҷаҳонӣ амалҳои даҳшатбори террористию экстремистиро бо дини муқаддаси ислом пайванд медиҳанд. Ин сиёсати дур аз ҳақиқат дини сулҳпарвари исломро дар чашми мардуми ҷаҳон чун омили паҳнкунандаи терроризму экстемизм ҷилва дода, ҳисси бадбинию адоватро нисбат ба мусулмонон меангезад.

Агар мо ба таърих назар афканем, пас мебинем, ки дар ҳама давру замон ашхосе буданд, ки аз дин чун воситаи расидан ба ҳадафҳои сиёсии худ истифода менамуданд ва дар зери пардаи дин аз ҳарифони ғоявии худ ниқор мегирифтанд. Дини мубини ислом низ аз ин раванди номатлуб дар канор намондааст. Мо мисолҳои зиёде оварда метавонем, ки чӣ гуна ифротгароён дастурҳои диниро таҳриф сохта, ба рақибони худ фишор меоварданд ва ҳатто ба амалҳои террористӣ даст мезаданд.

Замони пурмоҷаро ва зиндагии пуршебу фароз ва сарсонию саргардониҳои Носири Хусрав ҳам ба ин гуфтаҳо далел шуда метавонад. Мутаассифона, кӯшишҳои ба дини мубини ислом пайванд додани амалиёти террористон ва бо ин роҳ бадном сохтани яке аз динҳои бузурги ҷаҳонӣ идома доранд.

Аъмоли нангини террористиву экстремистие, ки дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон ба иҷро мерасанд, кори дасти ашхоси ҷоҳилу кӯтоҳандеш

ва гирифтори васвасаҳои зӯроварӣ буда, бо дини муқаддаси ислом ягон умумият надоранд.

Имрӯз равияҳои ифротгароӣ на танҳо дар ислом, балки дар дигар дину ойинҳои ҷаҳонӣ ва ҳизбу ҳаракатҳои мухталиф ба чашм мерасанд, ки мисоли равшани онҳо густариши фаъолияти гурӯҳҳои неофашистӣ, ҳаракатҳои шовинистӣ ва ҷунбишҳои миллатгароӣ шуда метавонанд. Маҳз ҳамин ғояҳои ифротгароӣ, ки дар заминаи тезутунд шудани муносибати давлатҳои абарқудрат барои тақсимоти бозорҳои ҷаҳонӣ падид омада буданд, инсониятро ба коми оташи ду ҷанги бузурги ҷаҳонӣ афканданд. Аз ин лиҳоз, хатари ислом ва исломгароиро ба ҳадди даҳшат расонида, вале зуҳуроти тозаи ифротгароиро, ки бештар дар миёни ҷавонони баъзе кишварҳои ғарбӣ дар шаклу ҳаракатҳои неофашистию шовинистӣ ва дигар равияҳои хатарноки исёнҷӯёна қувват мегиранд, нодида гирифтан, ба манфиати ҷомеаи башарӣ нест.

Тамаддуни ислом дар таърихи деринаи миллати мо бо асолати фарҳангӣ, анъанаҳои башардӯстона ва моҳияти инсонпарварона ғаниву рангин шуда, чун як дини маърифату ахлоқ ва покию покманишӣ ташаккул ва густариш ёфтааст.

Аз миёни миллати тоҷик бузургтарин муфассирони дини ислом бархоста, бо тафсиру тадбирҳои инсондӯстона ва асолати фарҳангпарвариашон равияҳои гуманистии ин динро тақвият бахшидаанд.

Маҳз мазҳаби илҳомбахшу башардӯстонаи Имоми Аъзам Абӯҳанифаи тоҷик, ҳадисҳои саҳеҳи Имом Бухорӣ, тафсирҳои мукаммали Табарӣ, тадбирҳои худоҷӯёна ва ҳикмату фалсафаи Имом Ғазолӣ ва даҳҳо шахсиятҳои тавонои миллати мо ба дини ислом рӯҳи фарҳанги Аҷамро дамида, асолати башардӯстонаи тамаддуни моро нигоҳ доштаанд. Бинобар ин, ислом ва мардуми мусулмонро аз тамаддуни башардӯстонаи ҷаҳонӣ ҷудо карда, ба падидаҳои ифротгароёнаи террористию экстремистӣ ҳамранг донистани он на фақат аз рӯйи инсофу адолат нест, балки таҳрифи рӯйирост ва иштибоҳи бузург аст.

Дар ин робита бояд зикр кард, ки сиёсат ва идеологияи расмии ҳокими собиқ шӯравӣ, ки моҳиятан зиддидинӣ буданд, норизоӣ ва эътирози табиии эътиқодмандони дину мазҳабҳои гуногунро афзоиш медоданд.

Дар ин замина тадриҷан ҷунбишҳои мазҳабӣ, аз ҷумла, ҷунбишҳои исломӣ шакл гирифтанд. Дар ташаккули онҳо омилҳои хориҷӣ низ таъсири муайян доштанд. Мутаассифона, баъзе доираҳо ва шахсиятҳои рӯҳонӣ ба ҷойи ифтихороти миллию фарҳангии ислом, ки аз сарчашмаҳои

тамаддуни ниёгони мо об мехӯрад, ба равияҳои сирф мазҳабӣ афзалият додаанд.

Мо падидаи ифротгароиро аз сар гузаронида, фарқ кардани дини мубини исломро аз ҳама гуна зуҳуроти бегона хуб омӯхтем ва талошҳо кардем, ки дар заминаи суннатҳо ва фарҳанги исломии беш аз ҳазорсолаи ниёгон кишвари худро аз ҳама гуна омилҳои ифротгароӣ наҷот диҳем.

Ҷанги шаҳрвандӣ дастовардҳои нахустини истиқлолиятро аз мо рабуда, ба талошҳои худогоҳиву худшиносии халқи мо зарбаи гарон зад. Вале бар хилофи чашмдошти коргардонҳои ин ҷанги пурфоҷиаи таҳмилӣ миллати тоҷик ҳадафҳои гаразноки душманонашро фаҳмида, ба мухолифати мусаллаҳона хотима бахшид.

Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ба таърихи деринаи халқи мо ҳамчун пирӯзии ақлу заковати миллати тамаддунсозу бофарҳанги тоҷик ворид шуда, сиёсати сулҳҷӯёнаи давлат ва Ҳукумат аз ҷониби халқ дастгирӣ ёфт.

Воқеан, миллати тоҷик бо фарҳангдӯстиву заковати баланд ва иродаи сулҳпарварию ҷавҳари ободгариаш бори дигар нишон дод, ки ҳама гуна мухолифати сиёсӣ, ақидаҳои гуногуни иҷтимоӣ ва роҳу равишҳои мухолифи якдигарро бо фароҳам овардани фазои ҳусни тафоҳум, пеш гирифтани сиёсати таҳаммулу муросо чун гузаштагони хирадманду фарҳангпарасти худ ба маҷрои солим равона карда метавонад.

Сулҳи тоҷикон, ки барои ҳифз ва таъмини сулҳи минтақа ва ҳатто ҷаҳон аҳамияти бузург дорад, дар таърихи беш аз панҷоҳсолаи Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун таҷриба ё модели нодир эътироф гардид. Ва сад шукр, ки имрӯз сулҳу амният дар мамлакат пойдор аст, фазои боварию эътимоди кулли шаҳрвандони Тоҷикистон таҳким меёбад.

Имрӯз ҳамаи нерӯҳои мавҷудаи ҷомеа, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо ҳисси худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ ва ватанпарастӣ дар гирди меҳвари гояи ваҳдати миллӣ муттаҳид шуда, баҳри пойдории истиқлол ва ободии Ватани азизамон заҳмати созанда мекашанд. Зеро роҳи мушкил, пурхатар ва душвори расидан ба сулҳу ризоияти миллӣ барои ҳамаи мо сабақ дод, ки ягон неъмати дигари олам аз истиқлолияту озодӣ, давлати соҳибихтиёри миллӣ ва Ватани муқаддаси аҷдодӣ болотар нест.

Ҳазорсолаи сеюм дар пешорӯи давлати соҳибистиқлол ва миллати куҳанбунёди мо вазифаҳои нав ва масъулиятҳои басо бузург мегузорад. Мо бояд дар ҷаҳони имрӯза ва оянда симои миллӣ ва арзишҳои маънавии худро аз даст надода, дар радифи давлатҳои пешрафтаю мутамаддини

дунё ҷой гирем ва истиқлолияти сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангии худро таҳким бахшем.

Ба хотири пойдории истиқлолият ва пешомадҳои неки кишвар мардуми солору қавирӯҳи тоҷик бунёди як силсила иншоотҳои муҳим ва сохтмонҳои бузурги дорои аҳамияти умумидавлатӣ ва байналхалқиро зина ба зина пеш бурда, пойдевори ояндаро мегузоранд.

Парчами ваҳдати миллӣ ва сулҳу осоиши пойдор фазои боварию эътимодро ба оянда афзуда, ҳисси худшиносӣ, асолати ватандӯстӣ ва ифтихори миллии мардумро боло мебарад. Мо ба шарофати истиқлолият тақдири Ватану давлати аҷдодии худро ба даст гирифта, бо симои хос ва азму иродаи созандагӣ сӯи ояндаи ободу ва ҷомеаи мутамаддини шаҳрвандӣ меравем. Дар ин роҳ моро нерӯи халқи заҳматдӯст, ободгар ва соҳибтамаддунамон илҳом бахшида, эътимоду бовариамонро ба фардои нек меафзояд.

Озодиву истиқлолият орзуву армони ҳазорсолаи фарзандони донишманду соҳибхирад ва бонангу номуси миллати тоҷик буд ва беҳуда нест, ки мо ҳамзамон бо ҷашни истиқлол зодрӯзи як тан аз ҳазорон мардони миллатхоҳу ватандӯст, яъне Носири Хусрав таҷлил намудем.

Ба хотири абадӣ гардонидани номи нек ва талошу муборизаҳои Носири Хусрав дар ҳифзи ҳувийят ва ифтихори миллӣ ва тавсеаи минбаъдаи худшиносиву худогоҳии наслҳои ояндаи миллат пешниҳод мекунам, ки ноҳияи Бешкенти вилояти Хатлон ба номи Носири Хусрав гузошта шавад.

Бигузор аз баракати истиқлолият меҳри Ватан ва меҳри сарзамини аҷдодӣ дар дили мо пайваста афзояд ва ҳар фарди огоҳу бедордил ва бонангу номус чун ворисн ҳақиқии давлати соҳибистиқлол ва узви хонадони миллати солору сарбаланди тоҷик ифтихор намояд.

Бигузор аз файзу баракати истиқлол парчами ваҳдати миллӣ роҳнамо ва ойини миллати сулҳпарвари тоҷик ҳидоятгари мо сӯи фардои пурсаодат бошад!

Бигузор армону талошҳои истиқлолхоҳона ва ватанпарастонаи фарзандони фарзонаи миллат, ба монанди Носири Хусрав, равшангари роҳи Тоҷикистони озоду соҳибихтиёр ба сӯи ояндаи ором ва ободу осуда бошанд!

## *Шамси ТАБРЕЗӢ*

# ШАХСИЯТИ БУЗУРГ ВА КАМНАЗИРИ ОЛАМИ ИРФОН



Деҳаи зебою хушманзари Вешаби ноҳияи Айнӣ, мисли аксари шаҳру деҳоти Тоҷикистони маҳбуби мо таърихи қадими беш аз ҳазорсола дорад. Номи ин деҳа дар катибаҳои маъруфи суғдӣ, ки солҳои сиюми асри гузашта, ҳангоми ковишҳои бостоншиносӣ аз қалъаи Муг ба даст омадаанд, дар ду шакл - «*Вешаб*» ва «*Вешак*» ба мушоҳида расида, ба фаровонии обу гиёҳ дар ин мавзеи файзбори кӯҳистон далолат мекунад. Вале ба андешаи ман, чизе, ки тӯли садсолаҳо ба ин деҳаи дурдасти кӯҳистон шуҳрату эътибор бахшидааст, қадамгоҳи бузургон ва азизу авлиё будани он аст. Мардуми деҳоти водии Зарафшон мазори бузургвори ин деҳаро ба номи *Шамси Табрезӣ* нисбат медиҳанд ва асрҳост, ки дармондагону ниёзмандон ин остони муқаддасро кӯйи арзи ниёз ва макони ибодату зиёрат қарор додаанд. Дар воқеъ, шинохти аҳволу осори фарзандони фарзонаи сарзамини фарҳангхезамон моро водор месозад, ки собиқаи таърихии худро хубтару беҳтар омӯзем ва ба кору пайкори абармардони илму адаб, таъриху фарҳанги оламшумули гузаштаи худ арҷ гузорем.

Яке аз он шахсиятҳои бузургу камназири олами ирфон ***Мавлоно Шамсиддин Муҳаммад ибни Алӣ ибни Маликдоди Табрезӣ*** мебошад, ки ҳанӯз шахсияташ ба таври комил шинохта нашудааст ва оқибати кору фарҷоми тақдири асрорангезаш ҳам чандон равшан нест. Вале мусаллам аст, ки маҳз нафаси гарм ва сухани нарми ӯ Мавлоно Ҷалолуддини Балхиро аз тангнои хонақоҳу мадраса ба паҳнои шеъру адаби ҷаҳонгири тоҷикии форсӣ кашида, дар арсаи ҳунари шеъру шоирӣ машҳури оламиён ва маҳбуби ҳамаи давру замонҳо кард. Ин ҳақиқат ба қалами худи Мавлоно чунин тасвир ёфтааст:

*Ҳеч кас аз пеши худ чизе нашуд,*
*Ҳеч оҳан ханҷари тезе нашуд.*
*Ҳеч Мавлоно нашуд Мавлои Рум,*
*То муриди Шамси Табрезӣ нашуд.*

Ин орифи фарзона дар олами ирфону адаб бо номҳои ***Шамсиддин, Шамсулҳақ, Шамси Табрезӣ, Шамси Паранда*** ва ***Шамси Сабзпӯш*** машҳур мебошад. Баъзе таърихнигорону тазкиранависон, аз ҷумла, Давлатшоҳи Самарқандӣ, гузаштагони ӯро аз Хуросон донистаанд, ки бо мақсади тиҷорат ба Табрез омада, дар ин ҷо ба таври доимӣ сукунат ихтиёр кардаанд. Шамси Табрезӣ баъд аз сайру саёҳати зиёд дар яке аз рӯзҳои соли 1244 дар шаҳри Қуния бо Ҷалолуддин мулоқот кард ва ҳамин мулоқот дар вуҷуди Мавлоно Ҷалолуддин инқилоби рӯҳоние падид овард, ки баъзе муҳаққиқон онро таваллуди дигари Ҷалолуддини Балхӣ маънидод кардаанд.

Мулоқот бо ин инсони покравишу покманиш ва орифи бузург Мавлоноро чунон шефтаву шайдои худ кард, ки ӯ худро аз хешону наздикон ва иродатмандон тамоман канор гирифта, курсии таълим ва маснади фатворо ба рақсу самоъ табдил дод. Пайдо шудану ворид гаштани Шамс ба зиндагии Мавлоно Ҷалолуддини соҳибшуҳрату воломартаба таҳаввулоти амиқеро дар афкору андешаи ӯ падид оварда, ӯро аз дарсгӯиву ваъзхонӣ канор бурд ва дари дунёи шеъру тарона ва рақсу самоъро ба рӯяш кушод. Мавлоно аз ин пас ба сурудани шеър шурӯъ кард ва ашъори ӯ тобеи табъи латифи Шамси Табрезӣ ва ҳамнавои қалби ошиқони ишқи абадият гардид.

Бори дувум Мавлоно бо Шамси Табрезӣ муддати шаш моҳ дар ҳуҷраи мадрасае, ки дар он ҷо пеш аз мулоқот бо ин орифи комил мударрисӣ мекард, бо ҳам суҳбат доштанд. Аҳли Қуния аз чунин сурат гирифтани ҳодиса ба шӯр омаданд ва дар ҳаққи Шамси Табрезӣ бадгӯиҳо карда, ӯро соҳиру афсунгар эълон намуданд, ки Мавлоноро сеҳру ҷоду кардааст. Мегӯянд, ки Шамси Табрезӣ баъд аз ин моҷаро ба Султон Валад - фарзанди калони Мавлоно изҳор намуд, ки чунон ғайб хоҳад зад, то ҳеҷ кас асари ӯро наёбад ва ногаҳон ғайб зад. Мавлоно баъд аз ин воқеа бо маслиҳати дӯстон ба суроги Шамси Табрезӣ ба Димишқ рафт, вале асаре аз ӯ пайдо накарда, ба Қуния баргашт. Мавлоно ду сол Шамси Табрезиро ҷустуҷӯ кард ва ҳар куҷо суроги ӯро гирифт, нишоне ва асаре пайдо накард. Вале бояд гуфт, ки то ба имрӯз оромгоҳи Шамси Табрезӣ, ки мегӯянд ногаҳон аз Қуния ғайб зад, дақиқан муайян нашудааст. Дар

кишварҳои Туркияву Эрон барои ин орифи бузург гӯрхона таъин кардаанд, ки мардум барои зиёрат ба ин шаҳрҳо мераванд. Мардуми ин водии кӯҳистони Тоҷикистон бошанд, гӯрхонаи Шамси Табрезиро ба ҳамин деҳаи Вешаб эҳтимол медиҳанд.

Шоистаи зикр аст, ки шахсиятҳои зиёди таърихӣ, аз ҷумла, бунёдгузори давлати Темуриёни Ҳинд - Мирзо Бобур, шоҳи Афғонистон - Абдураҳмонхон ва дигар шахсиятҳои маъруф дар давраҳои мухталиф мазори ба истилоҳ, Шамси Табрезии ин деҳаро зиёрат карда, аз файзи раҳмати ин остони муқаддас баҳраманд шудаанд. Амирони Бухоро низ ба ин мазор таваҷҷуҳ доштаанд, аз ҷумла, бо фармони амир Насруллоҳ дар болои гӯрхонаи ин бузургвор хонақоҳ сохтаанд, ки Абдураҳмони Мустаҷир бунёди онро дар соли 1842 эҳтимол додааст.

Бисёр рамзист, ки мувофиқи нақлу ривоятҳои мардумӣ дар ҳамин хонақоҳ то айёми Инқилоби Октябр «Куллиёти Шамси Табрезӣ», маъруф ба «Девони Кабир»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ нигаҳдорӣ мешуд, ки бар асари китобсӯзиҳои даврони инқилоб эҳтимол аз байн рафтааст.

Миллатҳои соҳибтамаддуни бостоние, ки дар тӯли садсолаҳо ранҷи истибдоди бегонагонро таҳаммул кардаанд, чун ба истиқлол мерасанд, пеш аз ҳама бо шӯру шавқ саҳифаҳои дурахшони таъриху фарҳанги худро варақгардон намуда, кӯшиш мекунанд, ки суннату анъанаҳои миллиашонро дубора зинда созанд ва саҳми гузоштаи худро дар пешрафти тамаддуни башарӣ ба ҷаҳониён нишон диҳанд. Миллати тамаддунофару шарафманди мо низ дар пешрафти тамаддуни башарӣ, бахусус, тамаддуни исломӣ саҳми сазовору ҷовидона дорад, ки дар ин амри хайр бешубҳа, бузургону донишмандони миллат нақши меҳварӣ доранд. Аз ин рӯ, мо аз огози даврони истиқлолият, бахусус, пас аз анҷоми ҷанги таҳмилии дохилӣ ва имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ арҷ гузоштан ба гузаштаи пурифтихор, гиромӣ доштани таъриху фарҳанги ғании аҷдодӣ, таҷлили солгарду зодрӯзи шахсиятҳои таърихию бузургони илму ирфону адаб ва дар ҳамин замина бедор намудани рӯҳи худшиносию худогоҳӣ ва эҳсоси баланди шаҳрвандии сокинони кишварро ҷузъи муҳими барномаи сиёсати фарҳангии давлату Ҳукумати кишвар қарор додаем. Дар шароити таҳдиди ошкорои буҳрони маънавӣ ва афзоиши фишори фарҳангӣ мо беш аз пеш ба панду насиҳати бузургони адаби худ ниёз дорем. Бештари андешаҳои пурҳикмати Шамси Табрезӣ низ дар рӯзгори мо қобили омӯзишу пайравӣ мебошанд. Шамси Табрезӣ инсониятро тоҷи офариниш шинохта, бузургдошти ӯро таъкид менамояд, ки ин ҳақиқат аз суханони зерини ӯ бараъло ба мушоҳида мерасад: *«Каъба дар миёни олам аст, аҳли*



*олам ҷумла рӯ ба ӯ кунанд, чу ин Каъбаро бардорӣ, саҷдаи эшон ба сӯи ҳамдигар бошад».*

Имрӯз афроди тундраве ҳастанд, ки огоҳона ё бар асари дуруст нашинохтани асолати миллӣ ва динии мо мехоҳанд мардуми мусулмонро дар хоби ғафлат ва тахти таъсири афкори хурофотӣ нигоҳ дошта, бо сӯйиистифода аз сатҳи начандон баланди маърифати диниву маънавии як қисми мусулмонон майдони фаъолияти худро густариш диҳанд ва дар зери ниқоби дин гаразҳои сиёсӣ ва ҳадафҳои нопоки худро амалӣ намоянд. Агар равшантар ифода намоем, ин нерӯҳо мехоҳанд, ки динро чун саҳнаи бозиҳои сиёсӣ истифода намуда, пойдории сулҳу субот, бақои ваҳдати миллӣ, ҳаёти осоиштаи мардум, амнияти ҷомеа ва ҳифзи тартиботро халалдор созанд. Аз ин лиҳоз, олимон ва мусулмонони кишварро зарур аст, ки неъмати бебаҳои истиқлолиятро беш аз ҳарвақта ҳифзу пуштибонӣ намуда, бо кору пайкори созандагӣ, рисолати некиояндасозӣ, аъмоли солеҳу ахлоқи ҳамида ҳақро аз ботил шиносанд, ситезаҷӯиву тундгароиро маҳкум намоянд, зиракии сиёсӣ ва ҳушёрии маънавиро ҳеҷ гоҳ аз даст надиҳанд ва ватандӯстиву ватанпарастиро воҷиботи имониву қарзи инсонии худ қарор диҳанд. Гузашта аз ин, олимони моро зарур аст, ки дар муаррифӣ ва нашри осори гаронқадри ин бузургони миллат камари ҳиммат баста, осори пандомӯзу ибратбахши онҳоро дастраси мардум намоянд.

Албатта, бе таҳқиқи ҷиддии илмӣ дар бораи зодгоҳу оромгоҳи бузургону орифони пешин ҳукми қотеъона баровардан душвор аст, вале эътиқоду иродат ва муҳаббату самимияти мардум, бегумон, бодбони

киштии умеду ормонҳост, ки дар баҳри тӯфонхези рӯзгор онро ба соҳили мурод ва дарки ҳақиқат мерасонад.

Мехоҳам як масъалаи муҳимро, ки борҳо таъкид карда будам, хотиррасон намоям. Мо пайравони яке аз мазҳабҳои бонуфузтарини дини ислом - ҳанафия ҳастем, ки бунёдгузори он фарзанди бузурги миллати тоҷик - Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит мебошад. Мазҳаби мо бо фарҳанги муросову мадоро ва таҳаммулгароии худ маъруф аст. Яъне мо дар ин масъала ду ифтихор дорем: **якум**, ин ки ***асосгузори мазҳабамон парвардаи миллати худамон аст*** ва **дуюм**, ин ки ***ин фалсафа ва ҷаҳонбинии сулҳу таҳаммул қобили қабули тамоми инсонияти солимфикру хайрхоҳ мебошад***. Аз ин лиҳоз, ба мо ҳам қарзу ҳам фарз аст, ки аз таълимоти ҷовидонаи бузургони гузаштаамон, аз ҷумла, Имоми Аъзам барои таҳкими сулҳу суботи кишварамон, муҳаббату ҳамдигарфаҳмии мардуми шарифамон ва тинҷиву ободии Ватани азизамон ба ҳадди аъзам истифода намоем.

Ба расми маъруфи мардум ба ризоияти Худои мутаол, ба рӯҳи поки Муҳаммади Мустафо, ҷамеъи анбиёву авлиё, ба рӯҳи пурфутӯҳи Имоми Аъзам, хусусан ба рӯҳонияти зоти поки бобаракот - Мавлоно Шамси Сабзпӯши Табрезии ҳоҷатбарор ва шогирди эшон Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, ба рӯҳонияти ҳамаи гузаштагонамон дасти дуо бардошта, аз даргоҳи Худои меҳрубон аз дилу ҷон ободиву шукуфоии ҳарчи бештари Тоҷикистони азизамонро талаб дорем.

## *Ҷалолуддини БАЛХӢ*

# ПАЙВАНДГАРИ ДИЛҲО ВА ТАМАДДУНҲО



Даврони начандон тӯлонии истиқлолияти миллии Тоҷикистон имконият фароҳам овард, ки мо ба таърихи илму фарҳанги хеш, ки собиқаи чандинҳазорсола дорад, аз мавқеи тоза назар андозем ва аз ин ганҷинаи пурбори сухану маънӣ боз ҳам сермаҳсултар истифода намоем. Дар ин муддат мардуми тоҷик дар сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ чандин ҷашнвораҳои бузургро, ки ба посдории ниёгон бахшида шуда буданд, гузаронид ва ҷаҳонро бо дастовардҳои дирӯзи дуру наздики худ шинос кард. Қобили қайд аст, ки дар вақти тарҳрезии ҳар гуна ҷашнвораҳо қабл аз ҳама мақсад гузошта мешавад, ки мардум боз як бори дигар ба мероси гузаштаи худ рӯй оваранд ва барои имрӯзу фардои хеш ва умуман ҳалли масъалаҳое, ки ҷомеаи имрӯза дар пеши аҳли башар мегузорад, ҷавоб пайдо кунанд.

Аз ҷониби ЮНЕСКО ***Соли бузургдошти Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ (Румӣ)*** (1207-1273) эълон шудани соли 2007, чорабиниҳое, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилотҳои гуногун барои таҷлили 800-умин солгард аз мавлуди ин фарзанди барӯманди тоҷик ба нақша гирифта, ба иҷро расониданд, дар қатори он ҷашнвораҳои дигар боз аз нав имкон доданд, ки ҳамаи мо ба гузаштаи худ дар мисоли ҳаёт ва осори ин мутафаккир бо диди нав назар андозем ва барои маънидоди воқеияти ҷаҳони муосир дар андешаҳои ӯ барои худ пояҳои нав ба нав ҷустуҷӯ намоем.

***Орифи бузург Мавлонои Балхӣ дар тамоми ақсои Шарқу Ғарб бо назми оламгири худ маъруф гаштааст ва шеъру андешаҳои фалсафии ӯро дар тамоми олам бо завқу шавқи беандоза чи пиру чи ҷавон, чи марду чи зан, новобаста аз дину мазҳаб ва ҷаҳонбинии худ қироат мекунанд.*** Як сабаби асосии ба эҷодиёти мутафаккир рӯ овардани мардуми зиёде дар кишварҳои гуногуни олам ба он алоқаманд аст, ки ӯ аксарияти масъалаҳои

ҳаётан муҳимро воқеъбинона тафсир кардааст. Ин воқеъбинӣ дар қолаби ирфонӣ инъикос ёфта бошад ҳам, на танҳо бо ҷаҳонбинии аҳли тасаввуф ва тафаккури шахсии ин марди донишманд, балки бо тарзи ҳаёт ва шароити таърихию иҷтимоие, ки мутафаккир дар он тарбия ёфтааст, сахт алоқамандӣ дорад. Ин аст, ки андешаҳои зиёди ирфонии Мавлоно то кунун ҳам аҳамияти худро гум накардаанд ва аксарияти он дархури ниёзмандӣ ва эҳтиёҷоти фикрию ахлоқии ҷаҳони муосир аст.

Аз тарафи дигар, таълимоти Ҷалолуддини Балхӣ гуногунҷабҳа буда, тамоми паҳлӯҳои зиндагии инсон, андеша, тафаккур ва талаботи рӯзмарраи аҳли башарро фаро мегирад. Ба ҳамин маънӣ такя карда ва нерӯи фарогирандаи осори Мавлоноро ба назар гирифта, таълимоти ӯро аксари муҳаққиқон «*баҳр дар кӯза*» номгузорӣ кардаанд, ки ба ҳақиқати ҳол комилан мувофиқ аст. Аз ин рӯ, ақидаву афкори ин мутафаккирро бо як ирфон, ки одатан дур аз воқеият шуморида мешавад, маҳдуд кардан нашояд. Барои таълимоти ӯ нақши ҳиссу ақл дар масъалаҳои маърифати олам, манзалати муҳит ва тарбия дар ташаккули ахлоқии инсон ва мақоми дигар омилҳои иҷтимоӣ дар ҳаёти мардум низ хеле муҳим аст.

Омезиши ирфону ақлоният ва ахлоқу иҷтимоиётро дар андешаҳои Мавлонои Балхӣ мушоҳида намуда, месазад, ки ба таърихи афкори ниёгони худ ва мавҷудияти мактабу равияҳои гуногуни фикрӣ дар он муроҷиат намоем. Ба ақидаи муҳаққиқони зиёд, дар таърихи афкори иҷтимоӣ ва фалсафии халқи тоҷик, ки даврони дурударозеро дар бар мегирад, асосан се навъи равия ва мактаби фикрӣ ба назар мерасад: *динӣ, фалсафӣ* ва *ирфонӣ*. Равияҳои динӣ ё рӯҳонии мактабҳои фикрии тоҷикони имрӯз ва ниёгони дури мо аз ориёиёни қадим, Зардушт, Монӣ ва Маздаку дигар мутафаккирони пешазисломӣ, баъд аз интишори ислом бошад, аз аркони ин дини мубин реша мегиранд ва боварию эътиқод ва маънидоди тамоми масъалаҳои фалсафию иҷтимоӣ аз нигоҳи дин асоси ин навъ ҷаҳонбиниро ташкил медиҳад. Дар равияҳои фалсафӣ ё ақлонӣ бошад, агарчи маънидоди динӣ ё рӯҳонии масъалаҳо низ ҷой дорад, бо такя ба мантиқу ақл ҷавоб ҷустан ба саволҳое, ки ҳаёти илмиву иҷтимоии инсон онҳоро ба миён меоварад, ҷавҳари ин навъи ҷаҳонбинӣ ҳисоб меёбад. Ба ибораи дигар, ин амр - ақлгароӣ дар таърихи афкори ниёгони мо на танҳо бо такя бар ақидаву афкори худӣ, балки бо истифода аз мантиқу фалсафаи юнониёни қадим ва дигар дастовардҳои аҳди атиқаву асрҳои миёнаи мардуми гуногуни олам сурат гирифтааст.

Ва ниҳоят, равияи сеюм дар таърихи илму фалсафаи мардуми мо ин роҳи ирфонии тафсири воқеияти иҷтимоии инсон аст, ки дар худ ба тарзи

махсусе ду роҳи қаблан зикршуда - рӯҳонӣ ва ақлониро фаро мегирад. Ба ибораи дигар, ирфон ё тасаввуф мактабе буд, ки ақидаҳои динҳои гуногун, аз қабили буддоия, зардуштия, ислом, масеҳият ва ғайраро бо ақлгароӣ аз як тараф ва роҳҳои фавқулақлонии маърифатро аз дигар тараф омезиш дод.

Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ маҳз ҳамин роҳи сеюмро намояндагӣ мекунад ва ба ҳамин сабаб таълимоти ӯро, чуноне ки қаблан зикр гардид, бо як ирфон маҳдуд кардан ва дур аз воқеияту ақлоният шумурдан, ё худ сирф динӣ маънидод кардан чандон дуруст нест. Қобили қайд аст, ки чунин фаҳмишҳои гуногуни таълимоти Мавлоно ҳанӯз аз замони худи мутафаккир вуҷуд доштанд ва ин боис шудааст, ки шоҳасари ӯ - «Маснавии маънавӣ»-ро аз як тараф *«Қуръон дар забони паҳлавӣ»* хондаанд ва аз тарафи дигар *«каломи суфиёни шум»* ном гузоштаанд. Имрӯз бошад, ба муҳаққиқон ва умуман, ба ҳамаи онҳое, ки ба таълимоти Мавлонои Балхӣ мурочиат менамоянд, зарур аст, ки дар баҳодиҳии он аз яктарафагӣ даст кашида, тамоми ҷанбаҳои таълимоти ӯро бубинанд ва бештар ба он мавзӯъҳое, ки ба муносибати дину мазҳабҳои гуногун, мушкилоти иҷтимоиву ахлоқӣ ва масъалаҳои зиёди дигари дархури воқеъияти муосир нигаронида шудаанд, таваҷҷуҳ намоянд.

Албатта, ҷанбаи ирфонии таълимоти Ҷалолуддини Балхӣ дар осораш беш аз тарафҳои дигари ҷаҳонбинии ӯ зуҳур мекунад ва инро наметавон нодида гирифт. Пӯшида нест, ки масъалаҳои дарёфти ҳақиқат, ишқи Илоҳӣ ва амсоли он дар эҷодиёти мутафаккир, хусусан, дар саҳифаҳои «Маснавӣ», мақоми беандоза бузурге доранд. Вале дар ин самт як нукта қобили қайд аст, ки вақте Мавлоно дар бораи дарёфти ҳақиқат сухан мегӯяд, ӯ инсонро ба таҳқиқи олами ботинии худ водор месозад. Чуноне ки маълум аст, барои Румӣ ва мутафаккирони дигари ҳаммашраби ӯ ҳиссу ақл ҳамчун воситаҳои маърифат бо олами моддӣ маҳдуданд. Олами маънӣ ва зуҳуроти маънавӣ бошад, аз нигоҳи онҳо, маҳз тавассути таҳқиқи олами ботинии инсон ё ба истилоҳи илми имрӯза, тавассути баррасиҳои равоншиносӣ, фаҳмида мешаванд. Ба ибораи дигар, дарёфти маънавият аз диди Мавлоно ин шинохти инсон ё худ худшиносист. Беҳуда нест, ки худи мутафаккир инсоншиносиро болотар аз ҳама илмҳо гузошта, иброз доштааст:

*Ҷони ҷумла илмҳо ин аст, ин,*
*Ки бидонӣ, ман киям дар явми дин.*

Ин маъниҳо имкон медиҳанд таъкид созем, ки ирфони Мавлоно дар баландтарин нуқтаҳояш ҳам боз бо инсону ниёзмандиҳои ӯ алоқаманд аст

ва аз воқеияти рӯзгори башар гусастагие надорад. Худшиносӣ, расидан ба дарёфти ҳувийяти хеш ва умуман, ба ҳувийяти инсон масъалаҳоеанд, ки то ҳол ҳам аҳамияти амалии худро аз даст надодаанд. Беҳуда набуд, ки минбаъд дар таълимоти мутафаккирони Ғарб ҳам ибтидо аз файласуфи олмонӣ Иммануил Кант (1724-1804) саволи «*Инсон чист?*» ба масъалаи муҳимтарини илмҳои иҷтимоӣ мубаддал гашт.

Дар иртибот ба масъалаи инсон ва олами маънавии ӯ қайд кардан зарур аст, ки ин мавзӯъ дар таърихи фарҳанги мо, аз ҷумла, дар осори Румӣ, асосан аз диди илмҳои иҷтимоӣ баррасӣ шудааст. Вале аз нигоҳи илми имрӯза дар ин самт бе таҳқиқоти табиатшиносӣ пеш рафтан хеле душвор аст. Иҷрои ин вазифаи муҳим ва умуман инкишофи минбаъдаи ҷомеа бошад, қабл аз ҳама, рушди худи илмҳои табииро талаб мекунад ва ҳамин гуна омилҳоро ба назар гирифта, Ҳукумати ҷумҳурӣ дар солҳои охир барномаҳои мушаххасеро оид ба инкишофи илмҳои дақиқ қабул намуд. Имрӯз мо ниёз ба он дорем, ки дар шароити инкишофи босуръати техника ва технология дар сар то сари ҷаҳон чунин барномаҳоро пурмаҳсултар дар амал татбиқ намоем. Танҳо ҳамин гуна муносибат ба мо имкони бештаре фароҳам меорад, ки на танҳо рушди иқтисодии кишвари худро таъмин намоем, балки дар ҳалли муаммоҳои зиёди илмие, ки оиди инсон ва маънавияти ӯ мутафаккироне чун Мавлонои Балхӣ садсолаҳо муқаддам аз пайи ҳалли онҳо кӯшида буданд, таҳқиқоти мукаммалтареро аз нигоҳи ҳам илмҳои иҷтимоӣ ва ҳам табиатшиносӣ анҷом бидиҳем.

Осори Мавлоно гувоҳи равшани он аст, ки ӯ оид ба масъалаҳои гуногун ибрози ақида карда, ҳатман сари мавзӯи инсон меояд. Беҳуда нест, ки баъзе муҳаққиқон ҳатто илоҳиёти мутафаккирро инсоншиносӣ ҳисобидаанд. Ҳамаи ин аз башархоҳӣ, инсондӯстӣ ва гуманизме дарак медиҳад, ки хоси тамоми қисматҳои таълимоти Мавлоно буда, то кунун қимати беандоза бузург дорад. Дар шароити кунунӣ, ки дар тамоми давлатҳои мутамаддин, аз ҷумла, дар Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо, инсон ва ниёзмандиҳои он дар ҷавҳари сиёсати дохиливу хориҷии Ҳукумат қарор гирифтааст, истифода аз ақидаҳои гуманистии Мавлонои Балхӣ ва ҳазорҳо мутафаккирони дигар, ки дар таърихи фарҳанги ниёгонамон дар радифи ӯ қарор доранд, метавонад чунин сиёсати пешгирифтаро аз ҷиҳати муҳтаво боз ҳам ғанитар гардонад.

Тавре ки қаблан зикр гардид, таълимоти Мавлонои Балхӣ бо шароити таърихӣ ва иҷтимоии давронаш пайванди ногусастанӣ дорад. Дар Вахшонзамин таваллуд ёфта ва минбаъд дар Руму Шом таҳсили илм карда, ӯ дар тӯли ҳаёти пурмаҳсули маънавию иҷтимоияш бо намоянда-

гони қавму миллат ва дину мазҳабҳои гуногун дар муносибати наздике буд. Тоҷикони муҳоҷир аз Вахшонзамину Самарқанд ва Балху Бухоро, туркони салҷуқии Осиёи Сағир, юнониён ва дигар қавмҳои масеҳии Рум, мугулҳо, курдҳо, арабҳо, яҳудиён - чунин аст рӯйхати начандон пурраи он намояндагони халқҳо, ки Мавлоно дар байни онҳо зиставу фаъолият бурдааст ё ки дар маъхазҳо ва осори худи мутафаккир зикр гардидаанд. Маҳз ҳамин пайвастагӣ бо қавмҳои гуногун Мавлоно Балхии хурosонимашрабро водор намуд, ки як таълимоти дархури ниёзҳои мардуми мухталиф ва умуман барои тамоми аҳли башар муносибро бунёд гузорад. Байти зерини мутафаккир, ки аз тарафи муҳаққиқони осори ӯ хеле зиёд иқтибос мешавад, гувоҳи ҳамин маънист:

*Аз Хуросонам кашидӣ то бари юнониён,*
*То даромезам бад-эшон, то кунам хуш мазҳабе.*

Чуноне ки аён мегардад, Мавлоно бо намояндагони қавмҳои гуногун, ки бо забонҳои мухталиф ҳарф мезаданд, дар муносибати ҳамарӯза будааст. Худ, чуноне ки аз тарҷумаи ҳолаш бармеояд, бо забонҳои тоҷикӣ, арабӣ, туркӣ ва юнонӣ сухан мегуфт. Вале мавзӯи ҳамзабониро ӯ ҳеч гоҳ маҳдуд нафаҳмида, ба масъалаи марказии таълимоташ мубаддал накардааст. Барои Мавлоно Балхии инсонпарвар масъалаи ҳамдилӣ аз ҳама болотар меистод:

*Ҳамзабонӣ хешиву пайвандӣ аст,*
*Мард бо номаҳрамон чун бандӣ аст.*
*Ай басо ҳиндуву турки ҳамзабон,*
*Ай басо ду турк чун бегонагон.*
*Пас забони маҳрамӣ худ дигар аст,*
*Ҳамдилӣ аз ҳамзабонӣ беҳтар аст.*

Таърихи ҷаҳони муосир, ки дар он фарҳангу динҳои мухталиф амал мекунанд ва сарнавишти мардуми олам, ки бо зиёда аз шаш ҳазор забони гуногунреша ҳарф мезананд, имрӯз боисрор таъкид месозанд, ки барои пешрафти минбаъдаи башарият барқарор сохтани ҳамдилӣ байни фарҳангу динҳо ва мардуми гуногунзабон чун обу ҳаво зарур аст. Барои ин бошад, гуфтугӯи фарҳангҳо аз мақоми баробар бояд дар мадди аввали ҳар гуна сиёсате, ки кишварҳои муосир онро пеша кардаанд, қарор бигирад.

Қобили қайд аст, ки Тоҷикистон дар даврони истиқлолияти миллии худ як қатор чораҳоро андешид, то барои муколамаи фарҳангҳо дар ин

сарзамин заминаҳои муайян ба вуҷуд оянд ва мардуми кишвар дар таҷоҳум (изолятсия)-и фарҳангӣ қарор нагирад. Ба ин мақсад равобити дӯстонаи иқтисодиву фарҳангӣ бо аксарияти давлатҳои Шарқу Ғарб барқарор шуданд ва ҷумҳурӣ узви ташкилотҳои зиёди бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ гардид. Барномаҳои давлатӣ оид ба омӯзиши забонҳо ва чорабиниҳои зиёди дигари фарҳангӣ низ дар мадди аввал бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои мардуми тоҷик, хусусан, насли наврас, нигаронида шудаанд, то онҳо барои дарки тамаддуни халқҳои дигар, муколамаи фарҳангҳо ва, чуноне ки Мавлоно фармудааст, барои барқарор кардани ҳамдилӣ байни қавмҳои мухталиф, омода бошанд.

Вобаста ба ҳамдилӣ Мавлонои Балхӣ дар таълимоти худ масъалаи баробарии дину мазҳабҳои гуногун ва дар ин поя мавзӯи таҳаммулпазирии динӣ, мазҳабӣ ва қавмиро ба миён гузоштааст. Пӯшида нест, ки мутафаккир худ намояндаи дини ислом аст ва масъалаҳои зиёди фалсафию иҷтимоиро аз нигоҳи ҳамин дин ҳал мекунад. Вале дар баробари ин андешаҳои ӯ дар бораи динҳои дигар, хусусан масеҳият ва муносибат бо ҳомилони чунин динҳо дар таърихи асрҳои миёнаи на танҳо Шарқ, балки Ғарб ҳам хеле навоварона буда, аз фарҳанги воло ва ахлоқи ҳамидаи соҳиби чунин таълимот дарак медиҳанд. Ҳақиқат барои ин мутафаккир *«на ғарбию на шарқӣ»* аст. Дар ин поя, агар ҳаёт ва фаъолияти Мавлоно Румиро як навъ огози муколамаи Шарқу Ғарб дар таърихи афкори иҷтимоию сиёсӣ қаламдод намоем ҳам, иштибоҳе наxоҳад шуд.

*Ки аз он сӯ ҷумлаи миллат якест,*
*Сад ҳазорон солу як соат якест.*

Ё худ:

*З-он ки худ мамдӯҳ ҷуз як беш нест,*
*Кешҳо з-ин рӯй ҷуз як кеш нест.*

- чунинанд он ақидаҳои ҷавҳарии таълимоти Мавлоно, ки боиси ибрози афкори ӯ оид ба баробарии дину миллатҳои мухталиф гашта, мавқеъи мутафаккирро дар таҳаммулпазирии динӣ, мазҳабӣ ва қавмӣ муайян сохтаанд. Ин гуна ақида ва мисолҳои зиёде аз ҳаёти шахсии мутафаккир гувоҳи онанд, ки ӯ тавонистааст дар шароити боло будани як дин (дақиқтараш, ислом) аз болои динҳои дигар дар минтақаи онзамонии Рум чунин ҳавзаеро эҷод созад, ки барои он эътирофи баробарии мардуми гуногунмазҳаб нишонаи асосӣ будааст. Ин гуна андеша ва муносибатро ӯ на танҳо эҷод кард, балки ба шогирдони худ низ омӯхт ва сабабгори садсолаҳо идома ёфтани ин амр дар минтақаи фароҳи фарҳангӣ гардид.

Беҳуда нест, ки пайравони Мавлонои Балхӣ дар ибтидои асри бистум низ иброз доштаанд, ки расонидани хадамоти илмӣ ва инсонӣ ба кулли инсоният бидуни таваҷҷуҳ ба ихтилофи ҷинсу мазҳаб, асоси мактаби фикрии Мавлоно, яъне тариқати мавлавия, дар тамоми давраи фаъолияти он будааст.

Ҷалолуддини Балхӣ дар давроне зистааст, ки пур аз воқеа ва моҷароҳои сиёсиву иҷтимоӣ буд. Ҳаёт ва фаъолияти ӯ бо таърихи давлати Хоразмшоҳиён ва Ғӯриён дар Осиёи Марказӣ, Салҷуқиёни Рум, ҳуҷуми урдӯи муғул ба Осиёи Марказӣ ва Осиёи Сағир иртиботи қавие дорад. Дар ин даврон, дар ибтидои асри XIII даставвал Муҳаммади Хоразмшоҳ Ҳирот, Самарқанд, Балх ва Вахшонзаминро, ки тобеи хонадони Ғӯриён буд, бо ҷангҳои хунин ба тасарруфи худ даровард. Аз соли 1218 то 1221 бошад, Осиёи Миёна ва Афғонистонро муғулҳо ваҳшиёна забт карданд. Тақдири ҳукмронии Салҷуқиёни Рум - Султонати Қуния низ, ки Мавлоно бо пайравонаш дар пойтахти он фаъолият мебурд, бо ҳуҷумҳои хунини ҳамин урдӯ ҳал гардид.

Ҳамаи ин ғувоҳи равшани он аст, ки Ҷалолуддини Балхӣ ҳанӯз аз даврони кӯдакияш шоҳиди ҷангу ҷидолҳои мухталиф будааст ва табиист, ки ин наметавонист ба эҷодиёти ӯ бетаъсир бимонад. Аз ин рӯ, рӯҳияи зиддиҷангӣ ва муқобилият бар зӯроварӣ ба тамоми ҷанбаҳои таълимоти мутафаккир хос аст:

*То гилоф андар бувад, боқимат аст,*
*Чун бурун шуд, сӯхтанро олат аст.*

Мавлоно ҷангу хунрезиро дар ашъори худ як роҳи *«ҷумла бемаъниву бемагз»*-и ҳалли масъалаҳо ҳисобидааст ва ба ин сабаб дар чунин андеша аст, ки мардуми ба фарҳангу маънавият машғулбуда ҳангоми зӯроварию хунрезиҳо маҷбуран тарки ватан мекунанд:

*По тиҳӣ гаштан беҳ аст аз кафши танг,*
*Дарди ғурбат беҳ, ки андар хона ҷанг.*

Ин гуфтаҳои Мавлонои Балхиро оид ба оқибатҳои сангини ҷанг ва даст кашидан аз зӯроварӣ дар ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ таърихи начандон дури тоҷикон ба куллӣ исбот кард. Дар охирҳои қарни гузашта бо кӯшиши гурӯҳҳои муайяне дар ин сарзамини куҳанбунёд зӯрию зӯроварӣ боло гирифт ва бар асари ҷанги бародаркушӣ ҳазорон намояндагони миллат, аз ҷумла зиёиён ва аҳли илму фарҳанг, ҷилои Ватан карданд. Вале халқи тоҷик, халқе, ки анъанаҳои қадимии сулҳу сулҳхоҳӣ

ва мубориза алайҳи ҷангу зӯроварии худро дар таълимоти Мавлоно ва садҳо мутафаккирони дигар таҷассум сохтааст, бо такя ба ин таҷрибаи бойи ниёгон ва талоши пайвастаи ҳамзамонон тавонист, ки аз роҳи ҷанг баргардад ва дар кишвари худ сулҳу осоиш ва ваҳдатро барқарор созад. Қобили қайд аст, ки агар мардуми тоҷик чунин анъанаҳои сулҳхоҳӣ намедоштанд ва ба он такя намекарданд, шояд маҷрои таърихи муосири он ранги дигар мегирифт. Истифода аз ин анъанаҳо бошад, як махсусияти таҷрибаи сулҳи тоҷикон буд, ки метавонад барои кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла, барои Афғонистони имрӯза низ, ибратомӯз бошад, зеро гузаштагони ин мардум ҳам бо мо муштараканд ва дар мисоли Мавлонои Балхӣ ва мутафаккирони дигар, сулҳу мадороро афзалтар аз ҷангу зӯроварии *«бемаъниву бемагз»* эътироф кардаанд. Як ҷиҳати дигари таълимоти Мавлоно, ки барои ҷаҳони муосири мо ва инсони асри кайҳон ҳам то ҳанӯз муҳим аст, ин афкори ахлоқии ӯст. Мутафаккир ба бузургтарин анъанаҳои ахлоқии ниёгони мо ва таълимоти мухталифи шарқиву ғарбӣ такя карда, дар осори худ чун маддоҳи некиву некӯкорӣ ва адолати иҷтимоӣ баромад кардааст. Некӣ, ки аз рӯи таълимоти ӯ дар ниҳоди инсон фитрии модарзод аст, бояд дар ҳар сурате бар бадӣ, ки дар рафти ҳаёти иҷтимоии инсон ба вуҷуд меояд, ғалаба кунад. Барои тарбияи инсон дар рӯҳи некиву накӯкорӣ ва дур сохтани ӯ аз роҳи бад бошад, мутафаккир нақши оила ва муҳитро муҳим шумурдааст. Ҳамчунин ҳанӯз дар шароити асрҳои миёна ин донишманди нобиға ба дарки нақши ногузири мактаб дар ташаккули ахлоқии инсон расида буд ва аз ин рӯ, худ соҳиби мактаб, усули таълими хосса ва омӯзгору муаллифи воситаҳои таълим буд. Аксари осори ӯ ҳам маҳз барои таълими шогирдон таълиф шуда буданд. Ҷалолуддини Балхӣ тарғибгари ахлоқи ҳамидае чун вафодорӣ, шафқат бар заифон, эҳтироми худ ва дигарон, ростӣ, эҳсон, хоксорӣ, саховату каромат ва ғайра буд. Ӯ ахлоқи бад - молу ҷоҳпарастӣ, ҳасад, ҳирсу тамаъ, ришвакорӣ ва амсоли онро мазаммат мекунад. Баъзе афкори мутафаккир, ки дар саҳифаҳои пур аз маъонии бикр - «Маснавӣ», «Девони кабир» ва осори дигари ӯ омадаанд, то ҳанӯз ҳам барои муосирони мо метавонанд дастури муфиди ахлоқӣ бошанд. Ҳар як фард, чи хидматчии давлатию динӣ, чи омӯзгору чи шогирд имрӯз метавонад аксари чунин ақидаҳои мутафаккирро сармашқи кори худ қарор диҳад. Кофист, ки ҳамчун мисол як байти машҳури ӯ дар бораи бо роҳи маслиҳату машварат ҳал намудани масъалаҳо хотиррасон гардад:

*Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад,*
*Ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад.*

Ҷолиби қайд аст, ки дар таълимоти ахлоқии Мавлоно ва умуман осори тамоми гузаштагони мо масъалаи тарбия мақоми асосиро ишғол мекунад. Вале, мутаассифона, ин мероси бузург на ҳама вақт аз тарафи муосирони мо самаранок мавриди истифода қарор мегирад. Масалан, чаро мо наметавонем дар асоси ин таълимоти ахлоқии аҳамияти умумибашаридошта нақшаҳои мушаххас таҳия сохта, барои пурмаҳсултар амалӣ сохтани Консепсияи миллии тарбия, ки аз тарафи Ҳукумати ҷумҳурӣ қабул шудааст, саҳмгузор бошем? Ва ё мисоли дигар: дар Тоҷикистон ҳоло аз як тараф стратегияи паст бурдани сатҳи камбизоатӣ амалӣ шуда истода бошад, аз тарафи дигар барномаҳои гуногуни дастгирии ятимону бепарасторон ва эҳтиёҷмандон ба иҷро мерасанд. Вале чаро ҳамаи ин кор танҳо ба дӯши давлат гузошта мешавад? Дар кишвари мо корхонаву муассисаҳои ғайридавлатӣ ва шахсони алоҳидаи зиёд ҳастанд, ки метавонанд дар ин кори хайр саҳм бигиранд. Аммо, мутаассифона, онҳо аксари вақт аз чунин амали нек канораҷӯӣ мекунанд. Фаромӯш набояд кард, ки саховат ва каромат, дастгирии заифону дармондагон ва амсоли он ҷузви ҷудонашавандаи анъанаҳои ахлоқии миллати мост. Пос доштани анъанаҳои неки ниёгон бошад, вазифаи муқаддаси ҳар як намояндаи ин миллат аст. Гузаштагони шуҳратманди мо аз қабили Мавлонои Балхӣ дар осорашон моро маҳз ба иҷрои чунин қарзи инсонии худ даъват кардаанд.

Ҷалолуддини Балхӣ як шахсияте буд, ки бо ҳокимони замонааш, давлату давлатдорон ва рӯҳониён алоқаҳои мустаҳкаме дошт. Маҳз ба ҳамин сабаб ӯ шоҳиди бевоситаи ҷараёни ҳодисаҳои сиёсӣ ва динии даврон буд. Дар баробари ин ӯ беадолатии зиёди иҷтимоиро низ мушоҳида мекард. Дар ин асос мутафаккир адл ва адолатро бо ҳақиқат ҳаммаъниву ҳампоя дониста, дар таълимоти худ на танҳо масъалаи роҳҳои расидан ба ҳақиқат, балки расидан ба адолатро низ гузоштааст. Мавлоно аз ҷумла гуфтааст:

*Эй, ки ту аз зулм чоҳе леканӣ,*
*Аз барои хеш доме метанӣ.*
*Бар заифон гар ту зулме мекунӣ,*
*Дон, ки андар қаъри чоҳи бебунӣ.*

Дар ҷои дигаре дар «Маснавӣ» фармудааст:

*Адл чӣ б-вад? Об деҳ ашҷорро.*
*Зулм чӣ б-вад? Об додан хорро.*

Ба ибораи дигар, мутафаккир ба он эътиқод дорад, ки номувозинатии адлу зулм ва омехта кардани онҳо аз ҷониби як инсон боиси он мегар-

дад, ки инсони дигаре аз мақому манзалати аслии худ маҳрум шавад. Ин бошад, решаи асосии ҳар гуна нобаробарӣ, номувозинатӣ ва сабаби беадолатӣ дар ҳар навъ ҷомеа аст. Мавлонои Балхӣ шоҳиди беадолатӣ дар илму фарҳанг ҳам буд. Дар ин самт ақидаи ӯ дар бораи парҳез кардан аз тақлидкорӣ ва аз диди шахсии худ тафсир намудани масъалаҳо муҳим аст. Чи тавре ки маълум аст, дар байни донишмандони соҳаи дин дар он даврон зиёд буданд нафароне, ки беадолатона ба сӯи тақлид ба пешиниён, дақиқтараш, кӯр-кӯрона фаҳмидани масъалаҳои муҳими дин ҳидоят карда, инсони қаториро аз фаҳмиши шахсии хештан ва соҳиб будан ба ақидаи худ маҳрум мекарданд. Мавлонои Балхӣ акси онҳо рафтор намуда, инсонро ба сӯи мустақилона маънидод намудани ҳар гуна масъалаҳо ҳидоят мекунад. Дарки моҳияти чунин мавзӯъҳо барои ҷаҳони муосири мо низ, хусусан, аз тарафи насли ҷавон, аз фоида холӣ нест:

*Чашм дорӣ, ту ба чашми худ нигар,*
*Мангар аз чашми сафеҳе бехабар.*

Мавлоно Ҷалолуддин худ аз аҳли Хуросон бошад ҳам, ҳамчун шоиру мутафаккир дар муҳити дигаре, ки аз шароити ин минтақа тафовут дошт, ба воя расид. Дар замони ӯ мардуми зиёде аз хавфи хунрезиҳои урдӯи Чингизхон аз қаламрави эроннажодон ба Рум ва дигар минтақаҳои дуру наздики он муҳоҷират карда буданд. Падари Ҷалолуддини Балхӣ - Баҳоуддини Валад (1149/50-1232), ки худ низ аз донишмандони шинохта аст, Бурҳонуддини Муҳаққиқ (соли вафоташ 1240), Шамси Табрезӣ (1187/88 - 1245) ва садҳо дигар олимону шоирон дар асри XIII ва минбаъд бошад, авлодони ин муҳоҷирони нахустин, аз қабили писари Мавлоно - Султон Валад (1226-1312), наберааш - Орифи Чалабӣ (1272-1320) ва даҳҳо намояндагони дигари мавлавия дар ин ҷо як ҳавзаи бузурги илмӣ ва фарҳангии тоҷику форсзабононро асос гузоштанд. Ба шарофати онҳо илму адабиёти хаттии мардуми туркӣ ҳам маҳз дар ҳамин даврон ташаккул ёфт. Ба ибораи дигар, Мавлоно ва атрофиёни ӯ на танҳо дар нигаҳдошти илму фарҳанги ниёгони худ, балки дар инкишофи тамаддуни мардуми ба худ ҳамсоя низ хидмати бузурги таърихиро ба анҷом расониданд. Ин таҷрибаи бузурги онҳо, ки ба мардуму қавмҳои дигар сухан ва фарҳанг бурдаанд, на шамшеру ҷанг, боз ҳам барои ҷаҳони муосири мо хеле ибратомӯз аст. Чуноне ки маълум аст, имрӯзҳо шаҳрвандони зиёди Тоҷикистон ба хориҷи кишвар сафарҳои хидматӣ мекунанд ё ба саёҳат мераванд. Қисмате аз ҳамватанони мо дар кишварҳои гуногун ҳамчун муҳоҷирони меҳнатӣ муваққатан иқомат доранд. Ва табиист, ки ҳамаи

ин фурсати муносибе барои чунин шахсон аст, то ба мисли Мавлонои Балхӣ, шогирдон ва ҳамақидаҳои ӯ таблиғкунандаи беҳтарин анъанаҳои фарҳангии мардуми тоҷик дар замони муосир бошанд.

Чанд сухане, ки дар боло омад, ба куллӣ равшан месозад, ки таълимоти Мавлонои Балхӣ гуногунҷабҳа буда, масъалаҳои зиёди ҷовидонаро фаро мегирад. Ӯ на танҳо ақидаи гузаштагони худро ҷамъбасту хулоса кард, балки чунин масъалаҳоеро гузошт, ки дар таърихи афкори иҷтимоии аҳли башар нав буданд. Беҳуда нест, ки минбаъд дар илми ҷаҳонӣ чунин мавзӯъҳо, ҳам дар зери таъсири таълимоти Мавлоно, ҳам мустақилона, аз нав гузошта шуда, ҳалли худро ёфтанд. Муҳаққиқони имрӯз чунин масъалаҳои муҳимро, аз ҷумла, дар таълимоти Г.Гегел (1770-1831), Ч.Дарвин (1809-1882), М.Иқбол (1877-1938) ва мутафаккирони дигари шарқию ғарбӣ дидаанд. Ҳамаи ин бараъло аҳамияти оламшумули таълимоти Ҷалолуддини Балхиро нишон медиҳад.

Дар ҳақиқат имрӯз на танҳо дар Шарқ, балки дар Ғарб низ осори чопшудаи Ҷалолуддини Балхӣ харидорони зиёде дорад ва маълумоти зиёде дар бораи ҳаёт, фаъолият ва шеъри оламгири ӯ пайваста нашр мешавад ё тавассути ҳазорон саҳифаҳои интернетӣ паҳн мегардад. Аз замони худи мутафаккир дар байни мардум балхихонӣ (румихонӣ, шамситабрезихонӣ) ҳамчун ҳофизхонӣ шуҳрат пайдо карда буд ва имрӯзҳо ҳам ин кор идома дорад. Ғазалҳои ширадори ӯро, ки бо забони ноби тоҷикӣ садо медиҳанд, чи овозхонони мардумӣ ва чи оҳангсозони касбӣ дар Тоҷикистон, Афғонистон, Эрон, Туркия, Ҳиндустон ва кишварҳои зиёди Аврупову Амрико месароянд ва мардум аз онҳо ҳаловат мебаранд. Шахсият ва мероси мутафаккир боиси эҷоди садҳо мусаввараҳо аз тарафи рассомони давраҳои гуногун гаштааст. Ҳамаи ин гувоҳи эътирофи Мавлоно Балхӣ ба ҳайси як мутафаккир ва шоири барҷаста дар миқёси умумиҷаҳонӣ аст.

Сазовори таъкид аст, ки Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ фарзанди замонааш буд ва дар таълимоти ӯ воқеияти ҳамин даврон, дақиқтараш, муҳит ва шароити хоси асрҳои миёна таъсири бузурге дорад. Вале ҳамчун донишманди нобиға ӯ ба мисли мутафаккирони дигари ҳамрадифи худ масъалаҳоеро низ баррасӣ ва ҳаллу фасл намудааст, ки онҳо дар ҳар давру замон ҷой дошта, инсониятро ҳамчун мавзӯъҳои абадӣ ором намегузоранд. Имрӯз мо бояд маҳз ҳамин ҷанбаҳои ҳаёт ва фаъолияти чунин абармардонро биёмӯзем ва дар амалияи ҳаррӯзаи иҷтимоию фарҳангии худ мавриди истифода қарор бидиҳем.

## Мир Сайид Алии ҲАМАДОНӢ

# ТАБЛИҒГАРИ ФАРҲАНГИ СУЛҲ ВА ХОСТОРИ ВАҲДАТУ СУБОТ

### 1. СИРРИ САФОИ ОРИФ ЗЕБО БУВАД ҲАМЕША



Ситораи пурҷилову тобноке қариб 700 сол инҷониб аз қаъри асрҳо бо нури маърифату хирад андешаи моро равшанӣ мебахшад. Ин ахтари дурахшони дунёи маънавӣ бешубҳа, ҳакими ориф, адиби нозукхаёл, мутафаккири нуктасанҷ ***Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ,*** мулаққаб ба ***Амири Кабир, Алии Сонӣ***, маъруф ба ***Шоҳи Ҳамадон*** ва ***ҳазрати Амирҷон*** мебошад.

Мир Сайид Алии Ҳамадониро сарнавишти аҷибу пурифтихоре насиб гардидааст. Вай зодаву парвардаи Ҳамадони Эрон буда, азизи Тоҷикистон, ифтихори Ҳинду Покистон ва писандидаи Афғонистон мебошад. Қисмати хеле муҳими ҷараёни зиндагии Мир Сайид Алии Ҳамадониро сайру сафарҳои зиёда аз бистсолаи ӯ ташкил медиҳад. Вай бо амри устодаш Маҳмуди Маздақонӣ Балху Бадахшон, Хатлону Маздақон, Язду Сурия, Бағдоду Рум, Ҳинду Чин ва Мовароуннаҳру Сарандебро сайру саёҳат намуда, бо олимону адибон ва ҳакимону орифон суҳбатҳои илмиву адабӣ оростааст.

Дар ин дунё ҳар кас бо ҳар роҳ машҳур гардида, нақше аз худ барои фардоиён ба ёдгор мегузорад. Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо нури маърифат дар Ҳинду Чину Арабу Аҷам, ба қавли аллома Иқбол, бо ҳунарҳои ғарибу дилпазири худ аз илму санъату тазҳибу дин як Эрони Сағирро бунёд мениҳад.

Барои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ барин мутафаккирони равшанзамир омили маҳал вуҷуд надошт. Вай дар зодгоҳаш Ҳамадони Эрон ба камол расида, фаъолияти илмию адабӣ ва таълимиашро дар Хатлону

Бадахшон, Ҳиндустону Покистон ва Бухоро идома додааст. Ӯ дар ин маҳалҳо на ҳамчун сайёҳи оддӣ, балки чун сафири илму адаб ва фарҳангу ҳикмат фаъолият менамуд.

Воқеан, шахсони бузурге чун ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ танҳо ба миллату маҳал ва мазҳаби алоҳидае маҳдуд набуданд. Бузургии онҳо аз ин доираҳо берун омада, баҳри хидмати аҳли башар вусъати ҷаҳонӣ пайдо мекунад, ки нишонаи возеҳи он эътирофу эҳтироми миллату халқҳои гуногун аст. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, бешубҳа, аз ҷумлаи чунин симоҳои намоён аст, ки шуҳрату нуфузи ӯ дар Тоҷикистону Покистон, Ҳиндустону Эрон, Афғонистону Ӯзбекистон ва мамлакатҳои араб ба хубӣ эҳсос мешавад. Маҳз аз ин хотир намунаи осори хаттӣ ва нашрии ӯ дар китобхонаҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Шветсия, Англия, Фаронса, Ҳолландия, Покистон, Ҳиндустон, Афғонистон, Эрон, Хитой, Туркия ва ғайра маҳфузанд. Рисолаҳои илмию фалсафӣ ва назми орифонаи ӯ ба забонҳои урду, туркӣ, лотинӣ, фаронсавӣ ва ӯзбекӣ тарҷума ва нашр гардидаанд.

Аз эътирофи Алии Ҳамадонӣ ва ихлосу эҳтироми мардуми кишварҳои гуногун ба ӯ ин амр низ дарак медиҳад, ки ба ифтихори вай ёдгориҳои арзандаи меъморӣ, аз қабили гунбад, хонақоҳ ва мақбара бунёд кардаанд. Гунбади алавиёни Ҳамадон, масҷиди Муаллои шаҳри Сринагари Кашмир, мазори Похлии Покистон, хонақоҳи махсуси Бухоро ва мақбараи машҳури Хатлон шоҳиди равшани он аст.

Файзи осори пурбаракату баландғояи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба адибону мутафаккирони ҳамрӯзгораш ва хусусан баъдина хеле зиёд аст. Рисолаҳои ӯро Мавлоно Ҷаъфари Бадахшӣ, Муҳаммади Нурбахш, Розен Мюллер, Чарл Солвет, Низомуддин Торумӣ, Муҳаммад Риёз ба забонҳои гуногун тарҷума кардаанд. Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ, Сулаймони Балхӣ, Аҳмади Дониш ба осори ӯ шарҳу тафсирҳо навиштаанд. Асарҳои пурарзиши Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ки шашсад сол ин тараф мардумро ба росткорӣ, ростқавлӣ, адлу адолат, дӯстиву рафоқат, некӣ ва накӯкорӣ ҳидоят кардаанд, арзишҳои маънавии умумибашарӣ гардидаанд.

Равшан аст, ки бузургтарин хидмати орифон эҳтиром ва муҳаббат ба башарият аст. Алии Ҳамадонӣ низ, бегумон, аз ин қабил ҳакимони ориф мебошад, ки ҷавҳари таълимоти ӯро гуманизму инсондӯстии оқилона ва наҷибона ташкил медиҳад. Мағз андар мағзи осори Мир Сайид Алии Ҳамадониро васфи инсон, баланд бардоштани манзалату мартабаи ӯ, ҳимояи манфиати ҳаётии вай, таъкиди мақоми иҷтимоӣ ва сиёсии ҳар фард, эҳтироми зан-модар, такмилу тақвияти суннатҳои фалсафию ир-

фонии худшиносию худогоҳӣ, роҳу тариқаҳои тарбияи ахлоқӣ ташкил медиҳанд.

Ин марди фозил аз худ асарҳоеро ба ёдгор гузоштааст, ки онҳо аз имтиҳони таърих гузашта, дар ҳама асру замонҳо хидмат карда метавонанд. Бисёр ҳикматҳои пурарзиши он ҳазрат ба аҳдофи режимҳои дунявӣ созгор ва барои ҳар сохти иҷтимоии адолатпарвар судманданд. Илми идораи давлат, риояи адлу адолат ва ахлоқи ҳамида асосу пояи давлату давлатдории имрӯз ҳам буда метавонад.

Он бузургвор нахустзинаи давлатдорӣ ва муҳимтарин пояи пайванди ҷомеаро дар осоиш ва аҳду рафоқати оила ва оиладорӣ мебинад. Муносибати поку боэҳтиромона дар оила, ба падару модар, зану фарзанд ва хешу ақрабо, дастгирии бечорагону корафтодагон, ба ақидаи он ҳазрат, ҳамон пайвандест, ки метавонад як оиларо бо оилаи дигар ва ҳамин тавр як ҷамоаро бо ҷамоаи дигар ва дар ниҳоят тамоми раияти давлатро муттаҳид созад. Мо дар ин марҳалаи душвори давлатсозии худ маҳз ба ҳамин гуна муттаҳидии ҷомеа эҳтиёҷ дорем.

Боз як чизи дигар қобили зикр аст, ки дар фалсафаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ агар ҳоким нисбат ба шаҳрвандон даҳ имтиёз дошта бошад, шаҳрвандон дар нисбати ҳокимон ду баробар бештар, яъне дорои бист имтиёз мебошанд.

Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бар хилофи ақидаи расмии замони худ ҳамаи ҳокимону халифаҳоро сояи Худо дар рӯйи замин намешуморад. Ба ақидаи ӯ, он ҳокимоне, ки аз тариқати адлу эҳсон берун мераванд ва ба бандагони Ҳақ шафқат намекунанд ва тобеи нафсу ҳавои худ ҳастанд, душмани Худо ва Расули Ӯ (с) мебошанд.

Риштаи бисёр устувори давлатдорӣ, ба ақидаи ҳазрати Амирҷон, хиёнат накардани ҳокимон ва ягонагии қавлу амали онҳост. Роҳбар, ба қавли он ҳазрат, бояд ба сони мурғони ҳаво зирак, мисли пирони хирадманд дурандандеш ва чун соҳибхонаи оқила сарфакор бошад. Ин ҳикмат имрӯз ҳам ба роҳбарони ҳамаи зинаҳои идораи давлатии мо хеле омӯзанда мебошад.

Дар ин давру замон, ки бар асари пош хӯрдани низомҳои гуногуни иҷтимоию сиёсӣ, падидаҳои носавоб, бархӯрдҳои ҳасадовар ҷомеаи башарӣ ба мушкилоти мухталиф дучор омадааст, андешаҳои ҳакимонаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дастурамали пурарзише буда метавонанд.

Дар даҳ шарте, ки Алии Ҳамадонӣ барои ҳокимияти одилонаву оқилона бар подшоҳону ҳокимон воҷиб мешуморад, асосан, на ҳимояи манфиатҳои шахсони алоҳида ё гурӯҳи муайян, балки ҳифзи мароми мақсад

ва манфиати мардуми заҳматкаш, халқи оддӣ баён гардидаанд. Мутафаккир ҳатто баровардани ҳоҷати эҳтиёҷмандонро аз тоату ибодат авлотар мешуморад. Аз нигоҳи ӯ, омили инсонӣ аз омили мазҳабӣ болотар аст.

Мақсаду мароми асосии фалсафаи ин марди хирадманд ба дараҷаи инсони комил расонидани ҳар фарди ҷомеа аст, ки тавонад дунёи моддӣ ва олами ҷисмониашро аз айбу нуқс, унсурҳои зишт пок намуда, ба туфайли қаноат, сабру таҳаммул, идроку маърифат, ғайрату риёзат, садоқату рафоқат ҷисмонияту маънавияташро ба ҳадди камол расонад.

Ҳусну таровати таълимоти ахлоқии Мир Сайид Алии Ҳамадониро тавсифу таъкиди унсурҳои ахлоқи неку писандидаи башарӣ амсоли фурӯтанӣ, хоксорӣ, вафодорӣ, тавозӯъ, камозорӣ ташкил медиҳад, ки намунаи дилписанди он рубоии зерин мебошад:

*Айб аст баланд баркашидан худро,*
*В-аз ҷумлаи халқ баргузидан худро.*
*Аз мардумаки дида бибояд омӯхт,*
*Дидан ҳама касрову надидан худро.*

Ҳикмати ирфонии Алии Ҳамадонӣ инсонро ба фаъолиятмандӣ, эҷодкорӣ ҳидоят мекунад. Вай на фалсафаи таслиму афтодаруҳӣ, балки ҳикмати бузургии шаъну мартабаи инсон аст.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мардумро ба кор баҳри дарёфти ризқу рӯзии ҳалол ва меҳнати софдилона раҳнамоӣ менамояд. Вай инсонҳоро ба ростгӯӣ ва покию садоқат ҳидоят намуда, аз кибру ҳасад, ҳарисӣ, молу ҷоҳпарастӣ парҳез намуданро таъкид мекард. Ба ин маънӣ дар шоҳасараш «Захират-ул-мулук» фармудааст, ки ҳар кӣ такаббуру бухлу ҳасадро пеша кунаду зердастонро ба ноҳақ биёзорад, он кас асари раҳмат набинад. Амири Кабир бовар дошт, ки сифатҳои зишти ахлоқӣ сарчашмаи адовату душманӣ ва бадбахтию касодӣ мебошанд. Ин андешаҳои мутафаккир, бешубҳа, баёнгари ҷиҳатҳои гуногуни таълимоти башардӯстонаи ӯ мебошанд.

Метавон гуфт, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо фаъолияти доманадору серсоҳа ва пурфайзаш барои халқҳою кишварҳои гуногуни Машриқзамин хидмати босазое кардааст. Вай ба ин васила ҳамчун сафиру вакили илму фарҳанг, ҳунар ва адабу ирфон дунёи маънавии мардуми Ховарзаминро бо ҳам наздик гардонд, дар тақвияти робитаҳои дӯстии онҳо саҳми шоиста дошт. Ном ва осори гаронбаҳои ин ситораи тобноки илму маърифат дар осмони тамаддуни башарият ҷовидона нурпошӣ хоҳад кард.

Мехоҳам як нуктаи муҳимро таъкид намоям. Пос доштани хотираи бузургоне мисли Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва дигар шахсиятҳои нотакрори илму адабамон набояд фақат ба хотири ифтихору болидан бошад. Мо фақат дар ҳамон сурат эҳтироми бузургонамонро комилан ба ҷо меорем, ки осори онҳоро омӯзем, фарзандонамонро дар рӯҳияи таълимоти онҳо тарбия кунем, фармудаи онҳоро дастури амал қарор диҳем, то ки дар оянда ҳам аз байни халқи мо Рӯдакиҳо, Фирдавсиҳо, Бӯалиҳо, Хайёмҳо, Мир Сайидҳо ба воя расанду мо дар рушди тамаддуни башар саҳмгузор бошем. Дар маҷлиси орифон иштирок намудан ва аз нури маърифати онҳо файзёб шудан ҳадяи бузургест.

Ин гузориши кӯтоҳро бо байти дилангези ҳазрати Амирҷон ҷамъбаст менамоям:

*Зеби ҷамоли маънӣ чун нури маърифат шуд,*
*Сирру сафои ориф зебо бувад ҳамеша.*

## 2. ҲАСТ ДОИМ САЛТАНАТ ДАР МАЪРИФАТ

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо осори гаронбаҳои худ, ки асоси онҳоро дарки дурусти масъалаҳои фалсафию ҳикмат ва ахлоқу адаб ташкил медиҳанд, дар тамаддуни Шарқ мақоми барҷаста дорад. Вай пеш аз ҳама мақому манзалати инсонро ҳамаҷониба таҳқиқ карда, нақши ӯро дар ташаккул ва густариши амалҳои солеҳу созанда басо пурарзиш донистааст.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо кӯшиши зиёди падари бузургвораш, ки яке аз шахсони бонуфуз ва соҳибмаърифати замон ба ҳисоб мерафт, аз овони хурдӣ ба омӯхтани Қуръон, илмҳои сарфу наҳв, шариат, калом, ҳикмат, ҳисоб, риёзӣ ва қироат машғул шуда, аз бузургтарин уламо ва донишмандони давр сабақ гирифт ва соҳиби донишу фазилат ва ҷаҳонбинии васеъ гардид. Ҳамин дониши васеъ ба ӯ имкон дод, ки дар давоми умри бобаракати худ аз рӯи баъзе сарчашмаҳо 70 ва тибқи ахбори дигар 146 рисолаи хурду бузурги фалсафию адабӣ таълиф намояд, ки ба масъалаҳои муҳими фалсафӣ, тасаввуф, ҷараёнҳои он ва дигар масъалаҳои арзишманди ахлоқиву маънавӣ бахшида шудаанд.

Донишу маърифати пурвусъати Амири Ҳамадонӣ номашро дар як давраи кӯтоҳ шуҳратёр намуд ва ақидаҳои вай дар тамоми қаламрави Эрон, як қисми Ҳиндустон, Покистон ва Арабистон паҳн гардида, дар ин кишварҳо мактабҳои бузурги пайравони ӯ таъсис ёфтанд. Шогирдону тарафдорони ин орифи покзамир биниши назарӣ ва ақидаҳои ирфонии ӯро такмил дода, мақом ва номи ӯро боз ҳам машҳуртар гардониданд.

Шуҳрату мақоми бузурги Ҳамадонӣ Хуросону Мовароуннаҳрро низ фаро гирифта, баъди мусофираташ ба Машҳаду Ҳирот, Балх ва Хатлону Бадахшон дар ин ҷойҳо дилбохтагону муридон ва ҳамсафони зиёде пайдо менамояд.

Амири Ҳамадонӣ баъди сафар ба диёри мардуми меҳмоннавоз ва фарҳангпарвари Хатлон, вохӯриву суҳбатҳо бо табақаҳои мухталиф ва шиносоиаш бо сокинони шаҳри бостонии Кӯлоб дар ин макон маҳбубияти боз ҳам бештар пайдо карда, ин ҷойро ҳамчун маркази таблиғи ақидаҳои ирфонии худ интихоб менамояд ва чанд муддат дар ин макон ба корҳои таълимиву маърифатӣ машғул мегардад.

Сипас боз ба мусофират баромада, дар шаҳру вилоёти мухталиф бо орифону донишмандони зиёде вохӯрда, бо онҳо баҳсҳо мероояд ва оқибат дар музофоти Кунари Афғонистон вафот мекунад. Шогирдону муридони содиқи вай тибқи васияташ ҷасади ӯро ба Кӯлоб меоранд ва дар ин шаҳр ба хок месупоранд. Аз соли 1386, яъне аз охири асри XIV то ба имрӯз шаҳри Кӯлоб ва мардуми тоҷик манзили охирати ин бузургмарди Машриқзаминро гиромӣ дошта, ба шахсият ва осораш эҳтирому эътиқоди хосса мегузоранд. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо фазилатҳои неки инсонӣ ва дониши васеъи худ дар сарзамини тоҷикон тарафдорон ва шогирдони зиёде пайдо намуда, дар тарбияи онҳо нақши сазовор гузошт ва ба ин васила номи худро дар хотираи таърихии халқи тоҷик ҷовидон гардонид.

Пеш аз истиқлолияти давлатӣ бо шахсият ва осори Алии Ҳамадонӣ танҳо як гурӯҳи хурди олимон ва донишмандон шиносоӣ доштанд. Аммо баъди соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон ва бо ташаббуси Ҳукумати кишвар доир гардидани ҷашни 680-солагӣ ва 700-солагии ин шахсияти бузург номи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ вирди забони хурду бузург шуда, мақому мартабааш шуҳрати арзандаву сазовор пайдо кард.

Имрӯзҳо осори ӯ ба забонҳои мухталифи дунё чоп шуда, ақидаҳои инсондӯстонааш писанди дӯстдорони ҳикмату адаб ва ирфону тасаввуф гардидаанд. Амири Ҳамадонӣ дар шинохти назарияи маърифат ва тариқат ислоҳоти куллӣ ворид намуда, дар ин ҷода дараҷаи ҳакими беназирро соҳиб шуд. Ӯ дар заминаи ин биниши фалсафӣ ба моҳият ва ҳақиқати умри инсонӣ баҳои сазовор дода, роҳҳои расидан ба саодати дунявиро равшан намудааст. Махсусан, дар рисолаҳои “Кашф-ул-ҳақоиқ”, ”Қуддусия”, “Шарҳи фусус-ул-ҳикам”, ”Рисолаи ақлия”, ”Рисолаи вуҷудия”, “Рисолаи маърифати нафси инсонӣ” ва осори дигараш ақидаҳои фалсафии худро

гунҷонида, сифатҳои поку ҳамидаи инсонро ҳамчун меҳвари коинот тавзеҳ додааст.

Ба қавли Алии Ҳамадонӣ, инсон ягона махлуқест, ки аз фазилати нутқ, ақл ва илм бархурдор мебошад. Дуруст ташаккул додани ин фазилатҳо, ба пиндошти ӯ, шахсро ба мартабаи хирадмандиву бузургӣ расонида, неру ва қобилияти рӯҳиву равонии инсонро ташаккул медиҳад.

Маърифат барои Ҳамадонӣ воситаи ба даст овардани илму дониш, малакаву маҳорат, завқу истеъдод ва шуҷоату қаноат, инчунин пояи сабру эҳсон ва зуҳду тавба дар роҳи тариқат мебошад. Ӯ бе сайри водии маърифат ба мақоми тариқат расиданро номумкин дониста, ғояти камолоти инсонро дар ин манзил мебинад ва аз ин роҳ ақидаҳои тасаввуфии худро тавзеҳ дода, ғояи фалсафии ваҳдати вуҷудро мукаммал мегардонад.

Амири Ҳамадонӣ андешаҳои ирфонии худро бо таъкиду ишораҳои бузургони ин роҳи тариқат дар рисолаи "Минҳоҷ-ул-орифин" ҷамъ овардааст. Дар ин рисола андарзҳои ҳакимона дар боби мағрур нашудан, касро айб накардан, ғайбатро дӯст надоштан, тамаъро аз дил дур кардан, ростӣ варзидан, озори кас нахостан, қаноату фурӯтанӣ пеша кардан, ба ҳама нармӣ намудан, худписанд набудан ва монанди инҳоро дар шакли панднома таълиф намуда, хислатҳои неку ҳамидаро, ки дар миёни халқ ва адабу фарҳанги деринаи мо арҷи зиёд доранд, тарғиб менамояд.

Дар баробари ин, Амири Кабир оид ба моҳияти футуввату ҷавонмардӣ ва нақши ин хислатҳои нек дар ташаккули шахсияти инсон изҳори назар карда, дар "Рисолаи футувват" ба мақому манзалати ин ойини беҳтарини инсонӣ баҳои баланд медиҳад ва аҳли ҷомеаро ба ҷавонмардӣ, дӯстиву бародарӣ ва саховату ҳимматбаландӣ даъват месозад. Мутафаккир се мартабаи футувватро шарҳ дода, бародарии одамонро мартабаи асосӣ донистааст ва караму саховат, иффату амонат ва шафқату меҳрубониро аз ҷумлаи беҳтарин хислатҳои ҷавонмардӣ маънидод кардааст. Ба ақидаи вай, пайравони аҳли футувват бояд *"бо пирон бо ҳурмат, бо ҷавонон бо насиҳат, бо тифлон бо шафқат, бо заифон бо ҳиммат, бо дарвешон бо базлу саховат, бо халқ бо эҳсону мурувват, бо нафс ба ҷанг, бо халқ ба сулҳ, дар муқобили адӯ ҳалим, бар илми наҷот ҳарис ва бо андаки дунё қонеъ бошанд"*. Ин андарзҳои ҳакимонаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ то имрӯз аҳамияти худро гум накардаанд ва ба мардум ҳамчун сабақи зиндагӣ хизмат мекунанд.

Мутафаккири бузург инчунин ҷараёни риндиро ҳамчун як шохаи тариқати суфия шарҳ дода, уламои зоҳирпараст, фақеҳони ҷоҳил ва му-



таассибони гумроҳро накӯҳиш мекард ва расидан ба ҳақиқатро беҳтарин роҳ дар шинохти зоти Ҳақ медонист.

Дар таърихи тамаддуни башарӣ Амири Ҳамадонӣ ба мисли Саъдии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ ҳамчун муаллими ахлоқ маҳбубу маъруф мебошад. Дар аксари офаридаҳои ӯ масъалаҳои маънавӣ ва иҷтимоӣ ҷойи муҳим дошта, беҳтарин хислатҳои одамӣ ва расидан ба мақому мартабаи инсони комил шарҳу тавзеҳ ёфтаанд. Боиси таъкид аст, ки донишманд илмро асоси пешрафти зеҳнияти инсон дониста, онро пояи ташаккули сифатҳои дигари хулқи инсонӣ медонад.

Амири Ҳамадонӣ доир ба қадру манзалати волидайн низ панду таъкидҳои зиёди ҳакимона дорад, ки дар миёни халқи тоҷик моҳияти худро то ба ҳол гум накардаанд. Зеро мардуми мо ба қадри падару модар расиданро беҳтарин шарафи инсонӣ медонанд, ҷойгоҳи онҳоро муқаддас ва мақомашонро азиз медоранд ва ба волидайн хизмат карданро қарзи фарзандӣ ва ойини ҷавонмардӣ мешуморанд.

Амири Кабир мақоми оиларо низ муқаддас мешуморад. Вай дар миёни зану мард шартҳои воқеӣ гузошта, риоя ва иҷрои онҳоро вазифаи ҳар ду тараф медонад. Донишманд барои марду зан муошırати хуб, сиёсати дуруст, ғайрати дучанд, таъмини дурусти нафақа ва таълими солеҳро шарти зарурӣ дониста, бетафовут набудан ба қисмати ҳамдиғарро махсус таъкид месозад.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ тарбияи маънавии инсонро ҳамчун рукни боэътимоди ташаккули шахсият муҳим шуморида, дар бештари рисолаҳояш масъалаҳои ахлоқиро тавзеҳ медиҳад. Вай тарбияро рукни

камолоти инсон шуморида, онро асоси пойдориву устувории хонавода маънидод менамояд: «*Чун тифлро аз аввал бад-ин тартиб тарбият кунанд, вақте ба ҳадди балоғат расад, баракати он ба зоҳиру ботини ӯ зуҳур кунад. Агар ҳамчунин кардӣ, наҷот ёфтӣ ва ҳам халқро наҷот додӣ...*”.

Дар баробари ин ҳаққу ҳуқуқи фарзандро муайян намуда, ӯро амонати Ҳақ мешуморад ва тарбияву таълимашро вазифаи муқаддаси падару модар медонад ва дар ин мавзӯъ ривоятҳои зиёд оварда, аз ҷумла таъкид менамояд, ки *“аз ҳама бештар модару падар ва устоду омӯзгор дар савоби фарзандон шарик мебошанд”*.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ тарбияро ҷавҳари маънавияти инсон шуморида, одамонро ба раиятпарвариву қадршиносӣ, саховатмандиву хайрхоҳӣ ва даҳҳо амали солеҳи дигар даъват менамояд ва дар замири хонандааш ҳусни садоқат ба бузургон, пирон ва волидайн, хешу таборро бештар мегардонад. Вай дар асарҳои худ инчунин доир ба адлу эҳсон, усули давлатдорӣ, фазилатҳои роҳбарӣ ва муносибат бо раъият муфассал андеша ронда, доир ба ин масъалаҳо ҳамчун як ҷомеашинос ва файласуфу сиёсатшиноси одилу оқил изҳори назар менамояд.

Алии Ҳамадонӣ баъди азият ва мушкилоти зиёде, ки дар зиндагиаш рӯ ба рӯ шуд, ба хулосае омад, ки барои ҷомеа ва инсоният сулҳ ва оромиш нақши арзанда дорад. Аз ин рӯ, вай фарҳанги сулҳро таблиғ карда, хостори ваҳдату субот ва ҳамраъйию муттаҳидӣ мебошад. Бо ин мақсад ӯ дар асарҳояш ҳикмати мадороро ташвиқ карда, таҳаммулгароиро воситаи муҳими ҳалли ҳар гуна низоъ медонад.

Барои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ тафриқаи мазҳабӣ, нажодӣ ва милливу фарҳангӣ бегона мебошад ва дар тафаккури иҷтимоии ӯ баробарии равияву ҷараёнҳои мазҳабӣ дар эътиқоду эҳтироми Ҳақ муҳим арзёбӣ мегардад. Дар назди ӯ намояндагони дину мазҳаб, қавму миллат, ҳиндуву мусалмон, шиаву суннӣ баробар буда, касонеро, ки миёни онҳо фарқ мегузошт, сахт мазаммат мекунад ва ихтилофи “мову ман”-ро дур шудан аз ҷамоли Ҳақ медонад. Ин таъкиди Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ имрӯз ҳам моҳияти худро гум накардааст. Зеро “мову ман”, “куфру имон” ва “бидъату суннат” гуфтанҳои бархе аз мусалмонон дар баъзе кишварҳои олам, мисли Сурия, Ироқ, Яман, Лубнон, Миср ва Афғонистон оқибатҳои нангинеро пеш овардааст, ки имрӯз тамоми дунё аз он нигаронӣ менамояд. Аз ин рӯ, мо бояд таъкидҳои ҳакимонаи Амири Ҳамадониро сабақи зиндагӣ ва кору фаъолияти худ қарор диҳем ва ҳаргиз нагузорем, ки дар сайёра ихтилофу низоъҳои нав сар зада, боиси халалдор гардидани сулҳу субот шаванд.

Дар шароите, ки равияҳои тундгаро ва низоъҳои диниву мазҳабӣ дар баъзе манотиқи дунё торафт вусъат меёбанд, ақидаҳои мутафаккирони гузашта, амсоли Амири Ҳамадонӣ арзиши бештар пайдо мекунанд. Аз ин рӯ зиёиён ва олимону донишмандон, уламои динӣ ва аҳли ҷомеаро зарур аст, ки дар асоси андешаҳои ҳакимонаи ин қабил донишварон ба муқобили ҳама гуна зуҳуроти хурофотпарастӣ, экстремизму терроризм ва дигар падидаҳои нангин садо баланд кунанд ва барои дар зеҳни мардум, хусусан наврасону ҷавонон ташаккул додану решадор сохтани ғояҳои инсондӯстӣ, таҳаммулгароӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ мунтазам кор кунанд.

Рисолат ва вазифаи муқаддаси аҳли зиё дар чунин марҳалаҳои муҳиму ҳассос маҳз аз он иборат аст, ки аҳли ҷомеаро ба роҳи росту дуруст, ба шинохти ҳақ аз ботил ва ба сӯйи ободиву пешрафт ҳидоят намоянд ва дар ин роҳ дар навбати аввал худашон пешраву намуна бошанд. Барои ҳамин онҳоро аҳли зиё, яъне аҳли рӯшноӣ ва равшанкунандаи роҳи дигарон мегӯянд.

Хизмати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар рушди адабиёти классикии тоҷику форс низ бузург буда, офаридаҳои ӯ намунаи беҳтарини осори лирикии ирфонӣ ва ахлоқӣ ба шумор мераванд. Ӯ дар ин ҷода анъанаи донишмандони барҷастаи Шарқ Шайхурраис Абӯалии Сино, Умари Хайём, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Ҳаким Саноӣ, Шайх Аттор, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ва дигаронро идома додааст. Дар ашъори Амири Ҳамадонӣ инъикоси масъалаҳои ахлоқу тасаввуф, маърифату маънавият, мақому манзалати инсон ва таранннуми ишқи илоҳиву инсонӣ ҷойи сазовор дорад.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ шеърро воситаи муносибу мувофиқи баёни андешаҳои ирфонӣ ва ахлоқиву иҷтимоии худ қарор дода, ҳамчунин дар рушду густариши забон ва адабиёти тоҷику форс хизмати шоистаеро ба анҷом расонидааст. Дар ашъори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ оҳанги ирфонӣ бо андешаҳои таълимӣ хуб омезиш ёфта, ифодаҳои рамзӣ, андарзҳои ҳаётӣ ва таранннуми кирдору амалҳои шоиста хеле зиёд ба назар мерасанд ва онҳо бо мақсади дуруст таълим додани инсон ва боиффату қаноатпеша ба воя расидани вай таълиф шуда, ҳамчун дурри маънавӣ барои ташаккули ҷаҳонбинии инсон хизмат менамоянд.

Фархунда бод рӯҳи бузургони миллат, офарандагони осори бегазанди маънавӣ ва ситоишгарони ахлоқу адаб! Бигзор, ҳамеша илм собитқадам, маърифат пешқадам, маънавият бобарор ва фарҳанги миллӣ пойдору устувор бошад!

## *Камоли ХУҶАНДӢ*

# БУНЁДГУЗОРИ КОХИ АЗИМИ СУХАН



Халқи тоҷик аз сарсахттарин халқҳои дунёи муосир мебошад. Ба сари ин халқ дар тӯли таърихи чандинасра ғаму кулфату азобҳои пурдаҳшат бисёр омадааст. Ин халқ беш аз ҳазор сол аз ҳаққи давлатдории худ маҳрум буд ва ба сари он дигарон ҳокимият мекарданд. Ҷараёни худдифоии ин халқ бисёр вақт бо рехтани дарёи хуни фарзандони сарсупурдаи он ҳамроҳ будааст. Аммо халқи мо ба ҳуҷумҳои мусаллаҳонаи душманонаш бо фарҳанг ва шеъру сухани волои худ ҷавоб гардонидааст ва тамаддуни халқи мағлуб халқи ғолибро тобеи худ сохтааст.

Дар ҳамин ҳазор соле, ки мо дар Ватани худ аз ҳаққи ҳукумат кардан маҳрум будем, ғолибон ҷиҳати пешбурди низоми ҷомеа забони моро ночор ба сифати забони расмии давлати худ ва фарҳанги моро ҳамчун сармояи фарҳангии худ ба кор мебурданд. Забону фарҳанги мо нигаҳбони тавонои миллатамон будааст. Империяҳои бузургу пурҳашамат яке баъди дигаре фурӯ рехтанд, вале шеъру илму донишу фарҳанги беназири мо бештар қувват гирифта, бо гузашти айём тавонотар ва шикастнопазиртар мешуд. Ба худ тасаввур кунед, мувофиқи хабари таърихнависон ба забони модарии мо беш аз 6 ҳазор шоири соҳибдевон, се ҳазор олими соҳиби рисолаҳои илмӣ асар эҷод кардаанд. Бисёре аз ин асарҳо дар умдатарин китобхонаҳои Шарқу Ғарб ва Ҷанубу Шимоли дунё маҳфузанд.

Халқи мо беш аз се ҳазор сол пеш аз ин соҳиби алифбо буд. Маълум аст, ки тамаддунҳои қадимӣ маҳз мансуб ба халқҳое мебошанд, ки соҳиби хатту савод буданд. Мо – тоҷикҳо, ки як ҳиссае аз халқҳои ориёнажодем, мисли дигар эрониён бунёдгузори тамаддуни банӣ-башар шинохта шудаем.

Аммо тамаддун танҳо шеъру ғазалу адабиёту ҳунар нест. Вай таҷрибаи азими илмӣ, фаннӣ ва иқтисодист. Халқи мо метавонад аз он ифтихор

дошта бошад, ки дар дарозои таърих бисёр намудҳои наботот, дарахтон ва зироатҳоро ба мисли гандум, биринҷ, кунҷид, ангур, хурмо, чормағз ва ҳоказо дар замони подшоҳии Куруши Кабир ва Дориюши Бузург маҳз аз Ватани мо ба нуқоти гуногуни дунё интиқол дода буданд. Тамаддуни зироаткории мо сатҳи зиндагии ҷаҳониёнро ба куллӣ дигаргун сохт. Тақдирро бинед, ки зироати қадимии мо ***аспарс***, ки ғизои асосии аспони ҷангӣ будааст, баъди қариб се ҳазор сол дубора ба Ватани худ бо талаффузи фаронсавии ***эспарсет*** баргашт.

Ойинҳои қадимии мо - ойини меҳрпарастӣ ё митроӣ ва баъди он ойинномаи асосии зардуштӣ хамирмояи илму фалсафаи Юнони Қадим ва Руми бостонӣ будааст. Бисёре аз ихтироот ва фунуни ориёиёни қадим аз қабили саддбандӣ ё бастани рӯду дарёҳо, каналсозӣ, бунёди корезу чоҳҳои азим, обанборҳо, эҷоди роҳҳои сангфарш ё шоссеи саросарӣ, сохтани кохҳои бошукӯҳе мисли Тахти Ҷамшед, нақшҳои барҷастаи Бесутун ва Нақши Рустам, ки тасвире аз бохтариҳо, сакоиҳо ва сугдиёни Ватани моро низ дар бар доранд, ё кӯшку қалъаҳои бостонии Тахти Кайқубод, Кофирқалъа ва Қаҳқаҳа дар Тоҷикистони имрӯза, инҳо ҳама таърихе мебошанд, ки мояи ифтихори моанд.

Ватани аввалин аробаҳои ҷангӣ низ кишвари ориёист. Бо фармони Дориюши Бузург дуҳазору панҷсад сол пеш аз ин нахустин бор дар ҷаҳон почта бо номи "*чопор*" бо назму фосилаҳои ҳисобшуда эҷод гашт, ки шиораш чунин буд: *"на гармо, на сармо, на боду на борон чопорро аз рафтан бознамедорад"*.

Вақти содир шудани "фармон барои бунёди бинои Шӯш" тиллоро аз Зарафшон, лоҷувардро аз Бадахшон, ақиқро аз Суғд ва фирӯзаро аз нуқоти дигари Хуросонзамини мо, ки дар истеҳсоли онҳо мардуми таҳҷоӣ таҷрибаи бебаҳо доштанд, интиқол медоданд.

Таҳқиқи китобҳои Ҳиппокрит ё Букрот нишон медиҳад, ки аксари андешаҳои таълимоти тиббии ӯ аз асарҳои донишмандони сарзаминҳои мо тарҷума шуданд. Дастовардҳои тиббии мо беш аз ҳазор сол то замони Ҳиппокрит маълум буданд.

Тоҷикистони мо ба таври умумӣ ва ноҳияҳои қадимии он чун Хуҷанд, Фархор, Вахон, Истаравшан, Вахш, Ҳисор, Ҳулбук, Панҷакент, Балҷувон, Исфара, Фалғар, Шуғнон, Конибодом, Рахш ва ғайра таърихе доранд, ки саҳифаҳои рангини онҳо ҳанӯз ба пуррагӣ варақгардон нашудааст. Ҳатто пойтахти мо - шаҳри Душанбе, ки ба мақсадҳои идеологӣ онро як деҳаяки навбунёд қаламдод карданӣ мешуданд, мувофиқи таҳқиқоти

бостоншиносон таърихи беш аз duҳазорсола дорад. Дар ин ҷо бозёфтҳои нодири замони Кушониён ва пеш аз он дарёфт шудааст.

Нигоҳи сатҳӣ ба таърихи гузаштаи Ватанамон ва қавмҳои дигари эронинажодро барои он зарур медонам, ки диққати насли ҷавони ҳамватанони худро ба решаҳои таърихии миллат ҷалб намоям. Албатта, сатҳи фикру донишомӯзӣ аз ҳадд ва мурури қадимӣ по фаротар ниҳодааст ва бисёр чизҳо бар пояи донишҳои замони нав устувор гаштаанд. Вале мо наметавонем аз гузаштаи худ, ки дастовардҳои фарҳангии он нигаҳбони халқи мо будааст, сарфи назар карда, аз паси чархи серҳаракати замони нав лучу урён ва бо дасти холӣ бидавем.

Таҷрибаи талхи баъзе мамлакатҳои тараққикарда, ки аз сабаби соддалавҳона ба гӯшаи фаромӯшӣ андохтани дастовардҳои пешиниён дар тарбияи ҷавонон мушкилоти азими равонӣ ва ахлоқӣ эҷод шудааст, ба мо бояд сабақи омӯзанда гардад. Аз тарафи дигар, пойбанди гузаштагон шуда, ба оянда бо коҳилӣ пеш рафтан ҳам ба нафъи ҷомеа буда наметавонад. Меҳру муҳаббат ба гузаштаи пурифтихори мо бояд як василаи созандагӣ гардад.

Воқеан калимаи ***меҳр*** аз дерзамон дар зеҳни мардуми мо ба маънои ***фурӯғи дӯстӣ*** ва ***муҳаббату некӣ*** шинохта шуда, бо шунидани он гунаи шодӣ дар эҳсоси мо барангехта мешавад.

Азбаски шеъри орифи бузург Хоҷа Камол саршор аз меҳру муҳаббат ва ишқу созандагист, Хуҷанди қадимӣ, ки бо номи ***Тирози ҷаҳон*** ё ***арӯси дунё*** машҳур аст, либоси идона ба бар кардааст. Нафаси поку созандаи Камол имрӯз аз қуллаҳои қаторкӯҳи Мевагул, аз рӯди азими Сайҳун, аз масҷиди Шайх Муслиҳиддин, аз мазори Ҳазрати Бобо, аз Наврӯзгоҳ (собиқ Чумчуқарал), ки размгоҳи ҷаҳонпаҳлавон Темурмалики ватандӯст ва ватанпарвар буд, аз шаҳри бостонии *Курушкада*, ки дувумин ҳазор сол пеш аз ин ба ифтихори шоҳи шоҳон Куруши Кабир номгузорӣ шуда буд ва боз дар бисёр ҷойҳо эҳсос мешавад.

Ман ин фикрҳоро барои он махсус зикр кардам, ки шайх Камол барин нобиғаҳои шеъри зебои форсӣ ва он 6 ҳазор шоирони соҳибдевони дигар дар ҷойи холӣ ба вуҷуд наомадаанд. Пеш аз шайх Камол шахсиятҳое будаанд, ки ифтихори Хуҷанд ва тоҷикон маҳсуб мегаштанд. “Хонадони хуҷандиён” ва “Оли Хуҷанд”, ки аз шахсиятҳои бузурге чун Шайхурраиси Хуҷандӣ, Фахриддини Хуҷандӣ, Собити Хуҷандӣ, шоирон ва уламое чун Шиҳобиддини Ғизолӣ, Аҳмад Маҳмуди Хуҷандӣ, Маҳастии Хуҷандӣ, Қойиди Хуҷандӣ ва дигарон иборат аст, обрӯи Ватани моро дар ҷаҳони ориёинажодҳо боло бардоштанд.

Хуҷанд Камол ва Камол Хуҷанди худро машҳури ҷаҳон сохтанд. Ҳанӯз дар солҳои аввали даргузашти ҳамватани бузурги мо хуҷандиён мазори рамзие бунёд карда буданд, ки "Қадамҷои Хоҷа Камол" ном дошт.

Шоирону олимон ва ҳунармандони машҳури ин шаҳр ба мисли Шайдои Хуҷандӣ, Шӯхии Хуҷандӣ, Лисони Хуҷандӣ, Нозили Хуҷандӣ, Фахрии Рӯмонӣ, Тошхоҷа Асирӣ, Содирхони Ҳофиз, Ҳоҷӣ Ҳусейни Розӣ, Сиддиқи Саҳҳоф анъанаи фарҳангии Хоҷа Камолро идома медоданд. Ин пайванди мустаҳкам ва побарҷо имрӯз ҳам васл аст ва қуввае вуҷуд надорад, ки сарриштаи онро бибурад.

Ақлу заковат, покизагӣ ва меҳру муҳаббати шайх Камол дар дилу дидаи сокинони ин шаҳр ва ба таври умум дар сар то сари Тоҷикистон таҷаллӣ ёфтааст. Дарахти андешаҳои башардӯстонаи шайх Камол мисли дарахти зиндагӣ асрҳои аср сарсабзу устувор боқӣ хоҳад монд.

Ватани мо сарзамини шоирони ҷаҳоншумул, олимони машҳур ва қаҳрамонони воқеии муборизаҳо барои обрӯ ва сарбаландии халқамон мебошад. Ба хотир овардани симои шахсиятҳои бузург, қадр кардани хидмати бебаҳои онҳо барои афзудани обрӯ ва эътибори халқи мо вазифаи ҳамаи фарзандони ин марзу бум аст.

Кохи азиме, ки Хоҷа Камол барин бузургон аз сухан бунёд кардаанд, аз боду борон газанд намеёбад, ному кори ин мардони бузург зиндаву ҷовид хоҳад монд. Азизу гиромӣ доштани осори ин бузургон, омӯхтан ва дар зиндагии худ истифода бурдани панду ҳикмати эшон беҳтарин хотираест, ки мо ба ифтихори онҳо бино месозем.

## *Абдураҳмони ҶОМӢ*

# ПЕШВОИ ҲАВЗАИ ИЛМИВУ АДАБИИ МОВАРОУННАҲРУ ХУРОСОН



Истиқлолияти давлатии тоҷикон, ки ба мардуми мо дар даҳсолаи охири садаи бистум муяссар гардид, дар таърихи давлатдорӣ ва сарнавишти халқамон гардиши куллӣ ба вуҷуд овард ва ба марҳалаи сифатан нави рушди кишварамон оғоз бахшид.

Яке аз афзалиятҳои барҷастаи замони истиқлолият ин аст, ки имрӯз мо имкони бештару беҳтари қадршиносӣ кардан ва ҳамзамон бо ин, муаррифӣ намудани фарзандони фарзонаи миллати соҳибтамаддунамонро ба ҷаҳониён дар ихтиёр дорем. Маҳз ба ҳамин хотир истиқлолияти давлатиро дар роҳи худшиносии таърихиву миллӣ, эҳёи суннатҳо ва рушди илму адаби тоҷикон метавон марҳалаи дурахшону пурифтихори фарҳангу тамаддуни миллӣ, даврони ташаккули ақлу заковати созанда ва эҷодкорӣ арзёбӣ намуд. Истиқлолият ба аҳли фарҳанги кишвар имкон дод, ки дар раванди талошҳои густурда ба сарнавишт ва мақоми ниёгони хеш дар масири таърих бо диди амиқтар назар андохта, тавассути офаридаҳои тозаву арзишманд нақш ва нуфузи миллати тоҷикро дар таърихи ҷомеаи башарӣ ва ташаккули муҳимтарин равандҳои таърихиву фарҳангии ҷаҳони мутамаддин бо тобишҳои нав ҷилвагар созанд.

Аз файзу баракати истиқлолият, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ самтҳои афзалиятноки сиёсати фарҳангии Тоҷикистон тарҳрезӣ ва зина ба зина татбиқ шуда, ҷиҳати рушди устувори фарҳанги миллӣ фазои мусоиду озод фароҳам омад, ки ин дар шароити муосир хеле муҳим аст. Зеро тавре олимони ҷомеашинос хулоса мекунанд, дар асри пуртазоди мо минбаъд унсури калидии ҳувийят ва истиқлол на идеологияҳои сохта ва равандҳои маҳдуди мафкуравӣ, балки тамаддун ва гуфтугӯи тамаддунҳо хоҳад буд.

Бешак, умумияти фарҳангӣ аз ҳар навъ иттиҳоди идеологӣ бартар аст ва маҳз тамаддун ва посдории арзишҳои волои инсонӣ метавонад башариятро аз буҳрон ва касодии маънавӣ раҳоӣ бахшад.Ба ин хотир, баргузории солгарди бузургони илму адаб ва сиёсату фарҳанги миллӣ, қадрдонӣ ва ҳифзи мероси адабиву фарҳангӣ аз рукнҳои асосии сиёсати давлат ва Ҳукумати Тоҷикистони соҳибихтиёр ба шумор меравад. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ мо тавонистем, ки як силсила маъракаҳои муҳими илмиву адабӣ ва фарҳангиро бо иштироки донишмандон ва коршиносони маъруфи ватаниву хориҷӣ дар сатҳи баланди байналмилалӣ баргузор намоем. Таҷлили ҷашни бошукӯҳи 1100-солагии Давлати Сомониён, 2700 - солагии китоби муқаддаси «Авасто», ҳазораи «Шоҳнома», 1310-солагии Имоми Аъзам, бузургдошти Борбади Марвазӣ, устод Рӯдакӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав, Камоли Хуҷандӣ, Камолиддини Беҳзод, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, устод Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров аз ҳамин қабиланд. Чунин чорабиниҳо на танҳо мавриди бисёр муносиб барои шинохти амиқ ва таҳқиқу баррасии осори илмиву адабӣ мебошанд, балки воситаи муассири дар заминаи арзишҳои миллии гузашта ва муосир тарбия намудани насли ҷавон ва баланд бардоштани сатҳи худшиносии миллӣ маҳсуб меёбанд.

Боиси ифтихори ҳамаи мост, ки созмони бонуфузи фарҳангии ЮНЕСКО пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи баргузор намудани ҷашни 600-солагии Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар соли 2014 пазируфт ва қарори дахлдор қабул кард.

Моро зарур аст, ки ба омӯхтан ва тарғибу ташвиқи ҳаёт ва эҷодиёти бузургтарин адиб, олим ва ориф дар таърихи тамаддунамон дар асри понздаҳум Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ амиқтар машғул шавем ва аз ӯ шинохти фарогиртаре дошта бошем. Зеро эҷодиёти Мавлоно Ҷомӣ басо пурвусъат ва пурғунҷоиш буда, сабақи доимӣ бардоштан ва таҳқиқу таҳлили пайвастаро тақозо мекунад. Муҳимтар аз ҳама, худи мардум ба шахсият ва осору афкори Мавлоно иродат ва меҳри махсус доранд. То имрӯз таҷлил гардидани ҷашнҳои 550-солагӣ ва 575-солагии ин олим ва орифи бузург дар пойтахти Тоҷикистон – шаҳри Душанбе ва ба ифтихори ӯ номгузорӣ шудани хиёбону мактабҳо, кохи ҳунар ва ноҳия дар кишварамон далели равшани ҳамин гуфтаҳоянд.

Ҳар вақте ки солгарди шахсиятҳои саршиноси миллатро ҷашн гирифтанӣ мешавем, аз худ савол мекунам, ки бузургӣ ва маҳбубияти онҳо дар чист? Имрӯз дар симои Мавлоно Ҷомӣ ба ин савол ба осонӣ метавон посух гуфт. Яъне бузургии олимону орифони маъруфу маҳбубе чун Мавлоно Ҷомӣ, пеш аз ҳама, дар ҷовидонӣ будани офаридаҳои онҳост,

зеро ҳар чӣ онҳо гуфтаанд, дар замири наслҳо маскан гирифтааст ва бегазанду ҷовидона боқӣ мондааст. Бахусус, Абдураҳмони Ҷомӣ, ки ба эътирофи ҳамзамононаш, аз шахсиятҳои фавқулодати адабӣ, илмӣ ва фарҳангӣ маҳсуб меёфт ва берун аз хоки Хуросону Мовароуннаҳр - аз Форс то Осиёи Сагир ва Ироқу Ҳиндустон шуҳратёр буд. Шоиру нависандагони маъруф ва алоқамандони шеъру шоирӣ таълифоташонро ба Абдураҳмони Ҷомӣ барои доварӣ мефиристоданд ва аз санҷиши ӯ мегузарониданд, ба суҳбаташ мешитофтанд ва аз ӯ сабақ мегирифтанд. Завқи бадеӣ, донишу таҷриба ва ҳунару маҳорати Мавлоно дар арзёбии осори адабӣ ва масъалаҳои илму ирфони гузаштаву муосир маҳаки боэътимоду раднопазир ба шумор мерафт. Аз ин ҷост, ки ӯро беҳтарин ҳаками замонаш медонистанд.

Далели дигари маъруфияти Абдураҳмони Ҷомӣ дар ин буд, ки ӯ на танҳо дар байни аҳли илму адаб ва алоқамандони осораш, балки дар миёни ҳокимони давр шуҳрат ва обрӯву эътибори зиёд дошт. Аз ҷумла, Султон Ҳусайни Бойқаро, ки соҳиби табъи шоирӣ ҳам буд, ба Ҷомӣ иродати махсус дошт ва аз ӯ дар ҳалли масъалаҳои гуногун маслиҳату машварат мегирифт. Мисоли дигар, ки аз обрӯву эътибори фавқулодати Абдураҳмони Ҷомӣ дар кишварҳои хориҷӣ шаҳодат медиҳад, ин аст, ки амир Музаффариддин Ҷаҳоншоҳ - подшоҳи онвақтаи Ироқайн, Ҳамадон ва Озарбойҷон ба ӯ ҳамчун дӯсти қадрдон мактуб менавишт ва ашъорашро барои арзёбӣ мефиристод. Дар байни аҳли илму адаб, ҳамчунин дар назди ҳокимони сарзамини худ ва қаламравҳои дигар чунин шуҳрати беандоза пайдо кардан дар таърихи ҷомеаи башарӣ ба кам касон муяссар гардидааст. Аз ин ҷиҳат, таҳқиқи хусусиятҳои ин падидаи нодир ва омилҳои зуҳури он на танҳо барои шинохти дурусти шахсиятҳои нотакроре мисли Мавлоно Ҷомӣ ва осору андешаи онҳо, балки барои равшан кардани самтҳои асосии рушди илму адабу фарҳанги муосир ва сабақи даркорӣ бардоштан аз онҳо дар рӯзгори мо низ амри воҷиб мебошад.

Мавлоно Ҷомӣ дар муҳити адабӣ, ҳунарӣ, фарҳангӣ ва илмиву иҷтимоии Ҳирот - яке аз марказҳои қадимӣ ва номдори мардуми ориёитабор зиндагӣ ва эҷод кардааст. Дар он даврон дар мадрасаҳои ин шаҳри бостонӣ, мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ, то 11 ҳазор нафар толибилмон машғули таҳсил буда, олимону мударрисони номдор ба онҳо сабақи илму ирфон медодаанд. Табиист, ки чунин муҳити созгори адабиву илмӣ ва фарҳангиву ҳунарӣ барои зуҳур ва рушду камоли шахсияти

фавқулодате чун шоир, олим ва орифи барҷаста Абдураҳмони Ҷомӣ мусоидат намудааст.

Яке аз омилҳои дигари зуҳури олим ва шоири нодире мисли Абдураҳмони Ҷомӣ, бешубҳа, вобаста ба шахсияти фавқулодати ӯ мебошад. Нахустин рисолаи илмии Мавлоно шарҳе ба китоби донишманди маъруфи замонааш Қозизодаи Румӣ дар илми ҳайат ё нуҷум буд, ки он вақт муаллиф андаке бештар аз бист сол дошт. Робитаи илмӣ ва мукотиботи дӯстонае, ки миёни олими забардасту соҳибкаломе чун Қозизодаи Румӣ - ҳамкору ҳамсафи Улугбек дар Самарқанд ва як ҷавони тоҷики ҳиротӣ Абдураҳмони Ҷомӣ барқарор гардида буд, худ гувоҳи он аст, ки ӯ дар воқеъ, соҳиби истеъдод ва дониши ғайриодӣ будааст. Қозизодаи Румӣ бардошташро аз шахсияти Абдураҳмони Ҷомӣ чунин ба қалам додааст: *"то бинои Самарқанд аст, ҳаргиз ба ҷавдати табъ ва қуввати тасарруфи ин ҷавон кас аз оби Омӯя бад-ин ҷониб убур накарда"*. Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳам дар асари маъруфи худ "Бадоеъ-ул-вақоеъ" Мавлоно Ҷомиро яке аз панҷ нафар шахсиятҳои ҳайратовари замонаш номидааст.

Омили дигари маъруфияти Мавлоно Ҷомӣ ба фаъолияти илмиву адабии бағоят густурдаи ӯ дар соҳаҳои мухталифи илм, аз ҷумла забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, мусиқӣ, ирфон, шарҳнависӣ ва навъҳои гуногуни адабӣ - назму наср, қасидаву маснавӣ, ғазалу рубоӣ ва монанди инҳо алоқаманд мебошад.

Миқдори асарҳои илмиву адабӣ ва ирфонии ӯро ҷомишиносон имрӯз аз 46 номгӯй иборат донистаанд, ки миёни онҳо асарҳои машҳуре чун "Баҳористон" дар наср, маснавиҳои "Ҳафт авранг", се девони шеър, тазкираи "Нафаҳот-ул-унс", "Рисолаи мусиқӣ", "Рисолаи арӯз", "Рисолаи қофия", "Шарҳи Ҷомӣ" дар бораи сарфи забони арабӣ ва "Чил ҳадис" мақому манзалати хосса доранд. Ҳамзамон бо ин, китобу рисолаҳои машҳури Абдураҳмони Ҷомӣ, аз қабили "Нафаҳот-ул-унс", "Чиҳил ҳадис", "Шарҳи рубоиёт", "Рисолаи суханони Хоҷа Порсо", "Шарҳи ду байти "Маснавӣ" ва ғайра аз манбаъҳои муҳим буда, дар таҳқиқи таърихи тасаввуф ва масъалаҳои назарии он дорои аҳамияти махсус мебошанд.

Омили сеюми шуҳрати беандозаи Абдураҳмони Ҷомӣ дар миёни хосу оми давр, аҳли илму адаб ва ирфони Хуросону Мовароуннаҳр аз он иборат аст, ки ӯ дар 40-солагиаш ба тариқати маъруфи нақшбандия рӯ оварда, бо яке аз пешвоёни номдори он Хоҷа Аҳрори Валӣ қаробат пайдо мекунад ва орифи номӣ Саъдиддини Кошғариро муршиди худ интихоб менамояд. Ба тариқати нақшбандия, ки як шохаи ороми тасаввуф буда, бо исломи расмӣ, махсусан мазҳаби ҳанафии он, мувофиқати зиёд

дорад, гаравидани шахсияти фавқулодати адабӣ, илмӣ ва ирфоние мисли Абдураҳмони Ҷомӣ ҳеҷ гоҳ тасодуфӣ набуд. Ба олами эҳсосу андешаҳои ӯ шиорҳои асосии пайравони ин тариқат, аз ҷумла *“ба зоҳир ба халқ ва ба ботин бо Ҳақ”, “дил ба Ёру даст ба кор”* бисёр наздик буд. Суханҳои машҳури Мавлоно дар бораи бемаънӣ будани низоъи шиъаву суннӣ аз ҳамин ҷо маншаъ мегиранд. Ва ин як вокуниши оқилонаву ошкоро ба муқобили гурӯҳе аз мутаассибон буд, ки зери пардаи дини мубини ислом аз рӯи таассуб ва ҷаҳл дар байни намояндагони равияҳои гуногуни динӣ оташи низоъро доман мезаданд. Абдураҳмони Ҷомӣ ҳамчун шоир, донишманд ва орифи номӣ ғайримантиқӣ ва беасосу далел будани назари чунин шайхону фақеҳони мутаассиби даврро бо далелҳои мантиқӣ ва шаръӣ исбот намуда, ба ҳама чиз аз рӯи ақлу дониш ва риояти ҳадди эътидол менигарист ва аз ҳамин дидгоҳ баҳо медод.

Бузургии шахсияти Мавлоно Ҷомӣ ва истеъдоди камназири ӯ, пеш аз ҳама ва беш аз ҳама, дар асарҳои адабии ӯ зуҳур намудааст.

“Баҳористон”, “Ҳафт авранг” ва девони шоир аз ҷумлаи шоҳкориҳои адабиёти классикии тоҷикии форсӣ мебошанд ва Абдураҳмони Ҷомӣ бо истеъдоди фавқулодати хеш дар пояи суннатҳои олӣ ва ҷаҳоншумули адабиёти классикии тоҷику форс мактаби илмиву адабии хешро ба вуҷуд овард. Дар ин мактаби бонуфузу фарогир муҳимтарин анъанаҳо ва жанрҳои адабиёти гузашта дар заминаи гояҳои ҳаётбахш ва ҳунари беназири Мавлоно Ҷомӣ эҳё гардиданд. Аз ин сабаб ҷомишиносони тоҷик асри понздаҳро ***“асри эҳёи шеъри тоҷикии форсӣ”*** ва Ҷомиро ***бузургтарин адиби эҳёгар пешвою сарпарасти ҳавзаи илмиву адабии Мовароуннаҳру Хуросон*** номидаанд.

Дар ин ҳавзаи илмиву адабӣ даҳҳо шоирону олимони забардаст, ба шумули Давлатшоҳи Самарқандӣ, Ҷалолиддини Давонӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Абдуллоҳи Ҳотифӣ, Осафии Ҳиравӣ, Низомиддин Аҳмади Суҳайлӣ, Алии Сафӣ, Абдулғафури Лорӣ, Ҳофизи Абрӯ, Мирхонд, Камолиддини Биноӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ва сардафтари адабиёти классикии ӯзбек Мир Алишери Навоӣ ба камол расидаанд. Доир ба ин масъала қобили зикри махсус аст, ки дар миёни ду шахсияти маъруфи адабиву сиёсии он давр - Ҷомӣ ва Навоӣ робитаи самимонаи устодиву шогирдӣ, дӯстиву ҳамкорӣ ва дастгириву пуштибонии ҳамдигар барқарор будааст. Муносибати Ҷомӣ ва Навоӣ намунаи барҷастаи дӯстӣ ва самимияти пиру мурид, устоду шогирд, бародар бо бародар буд, ки ҳеҷ ғаразе дар худ надошт. Ҷомӣ дӯстиву

рафоқати шогирди худ Навоиро дар достони “Лайлӣ ва Маҷнун”-аш ба ин маънӣ ба қалам додааст:

*Хосса, ки ба боғи ошноӣ*
*Бар шохи вафо бувад Навоӣ.*

Бино ба гуфтаи Бобоҷон Ғафуров, ки дар шоҳасари ӯ “Тоҷикон” омадааст, “соли 1492, яъне вақте ки Мавлоно Ҷомӣ вафот намуд, Навоӣ ва дӯстони ӯ як соли тамом азодорӣ карданд.” Алишери Навоӣ дар марги устоди бузургвор ва бародари ҷониаш Абдураҳмони Ҷомӣ марсияи ҷонсӯзе месарояд, ки ҳангоми қироати он аз забони Мавлоно Ҳусайн Воизи Кошифӣ ҳама мегирянд. Марсияи мазкур, бешубҳа, яке аз беҳтарин намунаҳои шеър дар адабиёти тоҷикии форсӣ мебошад. Навоӣ, аз ҷумла, дар хитоб ба рӯҳи поки устод ва дӯсти бузургвори худ навишта буд:

*Ту бирафтиву дили халқи ҷаҳон зор бимонд,*
*То қиёмат ба фироқи ту гирифтор бимонд.*

Дӯстӣ ва садоқати Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ, ки дар ин ду мисраъ бараъло эҳсос мешавад, намунаи барҷаста ва ибратомӯзи дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек ба шумор меравад. Ҳамчунин Навоӣ ба хотири дӯсту устоди бузургвори худ ба номи “Хамсат-ул-мутаҳаййирин” асаре навишт ва яке аз таълифоти Ҷомиро ба забони ӯзбекии қадим тарҷума кард.

Моҳияти эҳёгарона ва навоварона доштани эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомиро беҳтар аз ҳама адиби бузурги олмонӣ Гёте муайян намудааст ва гуфтааст: “Азбаски ӯ тамоми ҳусну қубҳи осори пешгузаштагонашро мисли як дарза ба ҳам пайваста, онро пайравӣ намуд, нав кард ва инкишоф дод ва ба таври равшан он ҳамаро дар худ таҷассум намуд, ба наслҳои аз паси ӯ оянда роҳи дигаре намонд, ба ҷуз он ки худро пайрави ӯ созанд, ба шарти он ки сатҳи бадастовардаи ӯро паст накунанд”. Муҳимтарин падидаи ин марҳалаи эҳёи адабиёти тоҷикии форсӣ аз ривоҷи тазмину ҷавобия ба асарҳои гузаштагон иборат мебошад. Бинобар ин, ҳаргиз тасодуфӣ нест, ки Абдураҳмони Ҷомӣ ҳамчун сару сарвари суханварони асри хеш ба ғазалҳои Саъдӣ, Ҳофиз, Хусрави Деҳлавӣ, Ҳасани Деҳлавӣ ва Камоли Хуҷандӣ, қасидаҳои Анварӣ, Хоқонӣ ва Хусрави Деҳлавӣ, маснавиҳои Ҷалолуддини Балхӣ, “Хамса”-и Низомӣ ва “Гулистон”-и Саъдӣ навоварона ҷавоб гуфтааст. Хусусан сатҳе, ки Мавлоно Ҷомӣ,

бахусус дар газалсароӣ ҳанӯз дар замони худ фатҳ намуда буд, то имрӯз нодир ва нотакрор маҳсуб меёбад.

Ҷомӣ моҳияти иҷтимоиву адабии адабиёт ва ҳунар, мақом ва нақши онҳоро дар зиндагии ҷомеа ба хубӣ ҳис мекард ва дар ашъораш аз ҳақиқати воқеӣ мегуфт. Ба гуфти худаш, ӯ танҳо аз баҳри мардум эҷод мекард ва асарҳои илмӣ менавишт, на барои худ ва ба манфиати хеш:

*Қасди шуҳрат набуд Ҷомиро,*
*К-ин ҳама назми обдор навишт.*
*Баҳри аҳбоб бар саҳифаи дил*
*Нуктае чанд ёдгор навишт.*

Мавлоно Ҷомӣ моҳиятан шахсияти маърифатпарвар буда, мақсади ягона ва аслии ӯ аз эҷоди асарҳои адабӣ ва илмии сершумораш мардумро бо нури маърифат аз ҷаҳлу ҷаҳолат раҳонидан ва ба сӯи зиндагии орому осуда ва рӯзгори хуш роҳнамоӣ кардан аст. Қаҳрамони асарҳои Ҷомӣ шахси бомаърифату соҳибхирад, ҳунарманду ҳимматбаланд ва адолатпарвару озодандеш буда, китобро дар ҷаҳон беҳтарин ёру мунису ғамхори худ медонад:

*Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст,*
*Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст.*

Мавлоно Ҷомӣ дар роҳи ошноӣ бо китоб, омӯхтани илму дониш ва такмили ақлу хирад нақши устод - омӯзгорро барҷаста медонад ва бовар дорад, ки агар омӯзгор набошад, ҷаҳон аз вуҷуди бехирадон ва ашхоси ҷоҳилу мутаассиб тираву дилгиркунанда мегардад:

*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

Яке аз муҳимтарин масъалаҳое, ки Мавлоно Ҷомӣ дар асарҳои худ гузоштааст, шинохтан ва донистани қадри инсони ҳунарманду заҳматкаш мебошад. Зеро, ба андешаи ӯ, муайянкунандаи қадри инсон на симу зар, балки илму дониш ва касбу ҳунар мебошад:

*Қимати мард на аз симу зар аст,*
*Қимати мард ба қадри ҳунар аст.*

Касбу ҳунар на фақат рӯзирасони инсон аст, балки муайянкунандаи мақоми шахс дар ҷомеа ва асоси обрӯву қадри одам мебошад.

Мавлоно шоири халқ ва бо халқ буд. Маҳз ба ҳамин ният ба тасаввуф рӯй оварда, барои роҳати дигарон ранҷ кашиданро аз аслҳои асосии ғоявӣ ва бадеии худ интихоб намудааст. Ҷомӣ аз ҷумлаи касони нодире буд, ки дар зиндагии рӯзмарра ва фаъолияти эҷодии худ шиори асосиашон аз ҳама бештар ба халқ нафъ расонидан буд. Ин аслро беҳтар аз худи шоир каси дигаре натавонистааст адо намояд:

*Эй, ки пурсӣ, ки беҳтарин кас кист?*
*Гӯям аз қавли беҳтарини касон:*

*Беҳтарин кас касе бувад, ки зи халқ*
*Беш бошад ба халқ нафърасон.*

Қаҳрамони асарҳои Ҷомӣ илова ба нафърасони халқ будан шахси бомаърифат, бохирад, ҳунарманд, ҳимматбаланд, адолатпарвар, озодандеш ва ормонпарвар буда, китобро дар ҷаҳон беҳтарин ёру мӯнису ғамхор ва устоди бе музду миннати худ медонад ва бовар дорад, ки агар омӯзгор набошад, ҷаҳон аз беҳирадон тира хоҳад гашт. Воқеан, бузургии Мавлоно Ҷомист, ки пас аз гузаштани шашсад сол офаридаҳои ӯ моҳияти худро на танҳо гум накардаанд, балки чун марҳам то имрӯз дардҳои маънавии халқҳову миллатҳои дунёро дармон мебахшанд.

Маҳз ба ҳамин хотир мо бояд пеш аз ҳама аз бузургоне чун Ҷомӣ дарси ибрат гирем, сабақ омӯзем ва шабу рӯз кӯшиш намоем, то ҳамеша бо халқ ва дар хизмати халқ бошем. Мавлоно Ҷомӣ низ бо таъкид обрӯю эътибори одамонро дар зиндагӣ дар илму дониш ва ҳунармандию бомаърифатӣ медонад, на дар соҳиби симу зар будани онҳо. Ба таъбири Мавлоно, шахсе, ки соҳиби илму ҳунар аст, ҳеҷ гоҳ пеши ҷоҳилону золимон сар хам нахоҳад кард. Вай ба дандон рахна дар пӯлод кардан ва ба пилки дида оташпора чиданро аз кашидани бори миннати пастфитратон авлотар медонад.

Маъние, ки аз эҷодиёти Мавлоно бардоштем, бори дигар мо – ворисони ӯро водор месозад, ки чун шамъ сӯхтаву барои Ватан ва миллати худ созем, то роҳи наслҳои ояндаи ин миллати соҳибтамаддун ҳамеша нурафшон бошад. Насиҳати Мавлоно дар ин маврид бисёр омӯзанда аст, ки мегӯяд:

*Шамъ шав, шамъ, ки худро сӯзӣ,*
*То бад-он базми касон афрӯзӣ.*

Омили асосии беандоза шуҳратёр будани Абдураҳмони Ҷомӣ, бузургии ӯ ва мондагории асарҳои адабиву илмиаш дар тӯли шашсад соли охир на танҳо дар қаламрави забон, адабиёт ва фарҳанги тоҷикии форсӣ, балки берун аз он дар муҳтавои олии инсондӯстиаш зоҳир мегардад, ки ин намунаи ибрат, шоистаи пайравӣ ва ифтихори ҳар як фарди тоҷик аст.

Бисёр андешаҳои инсондӯстонае, ки Мавлоно Ҷомӣ дар мавзӯи нигоҳ доштани ифтихору шарафи инсонӣ ва аҳамияти озодиву соҳибихтиёрӣ дар ҳаёти инсонҳо баён кардааст, ҳамоҳанги сиёсати имрӯзаи давлати соҳибистиқлоламон мебошанд. Масалан, дар қитъаи машҳури «Ду боз» шоир озодиву истиқлолро аз ҳамаи арзишҳо ва неъматҳои дунё боло мегузорад. Ин бори дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки барои бузургони миллати мо дар ҳама давру замонҳо истиқлолият ва озодии миллату Ватан ормони муқаддас будааст. Вале ин бахти баланд ва ин неъмати бебаҳо танҳо дар замони мо, дар фарҷоми асри бист насиби насли имрӯзаи халқи тоҷик гардид.

Оромгоҳи Мавлоно Ҷомӣ дар мавзеи «Тахти мазор»-и шаҳри Ҳироти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон воқеъ буда, то имрӯз қадамҷои аҳли сухан ва иродатмандони каломи ӯ мебошад. Дар бисёр сарчашмаҳо омадааст, ки рӯзи дафни Мавлоно Ҷомӣ мардуми зиёди шаҳри Ҳирот либоси мотам пӯшида буданд ва ҷанозаи ӯ шабеҳи хайрбоди шӯрангези мардум дар рӯзи фавти фарзанди дигари фарзонаву барҷастаи миллати тоҷик Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ буд.

Асрҳо ва наслҳо якдигарро иваз мекунанд, вале эҳтироми Мавлоно Ҷомӣ дар давоми ин шаш асри баъдӣ коста нашуда, балки баръакс торафт меафзояд. Муҳимтарин асарҳои адабӣ ва илмии ӯ ба бисёр забонҳои дунё, аз ҷумла, англисиву фаронсавӣ, олмониву лотинӣ, русиву арабӣ, туркиву ҳиндӣ, урдуву арманӣ, озариву ӯзбекӣ ва забонҳои дигар тарҷума ва нашр шудаанд. Ба шеъру достонҳои Абдураҳмони Ҷомӣ шоирони бузурге монанди Урфии Шерозӣ, Соиби Табрезӣ, Калими Кошонӣ, Нозими Ҳиротӣ, Шавкати Бухороӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ ва дигарон ҷавоб гуфтаанд.

Дар охир мехоҳам аз саҳми намоёни донишмандони тоҷик дар таҳқиқ ва нашри мероси гаронбаҳои адабӣ ва илмии ин шахсияти бузург, шоир, олим ва орифи намоён ёдовар шавам. Ман ифтихор дорам, ки маҳз ба шарофати заҳмату кӯшишҳои аҳли зиёи мамлакат ҷомишиносӣ

ҳамчун як шохаи мустақил дар илми муосир шакл гирифт ва эътироф гардид. Маҳз ба туфайли донишмандони маъруфи тоҷик, ба монанди устод Садриддин Айнӣ, академик Абдулғанӣ Мирзоев ва Аловаддин Баҳоваддинов, Мӯсо Раҷабов, Аълохон Афсаҳзод, Амон Нуров ва амсоли инҳо муҳимтарин асарҳои адабиву илмии Абдураҳмони Ҷомӣ ҳамчун сарчашмаҳои боэътимод вориди илми муосир гардидаанд. Аз ҷумла таҳқиқоти илмие, ки ҷомишиноси тоҷик шодравон Аълохон Афсаҳзод анҷом додааст, имрӯз миёни аҳли илму адаби кишварҳои ҳамзабону ҳамфарҳанги Эрону Афғонистон эътибори хосса дорад. Ин ҳамкории илмии судманд намунаи равшани он аст, ки донишмандони Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон метавонанд дар заминаи мероси муштаракамон корҳои бузурги илмӣ ва адабиро анҷом диҳанд. Умед аст, ки раёсатҳои муҳтарами ниҳодҳои илмии ин се кишвари ҳамзабон дар ин бора андеша мекунанд ва як барномаи ҳамкориҳои илмиву фарҳангиро муштаракан таҳия менамоянд. Дар робита ба ин, роҳбарияти Академияи илмҳо ва муассисаҳои дигари илмиву таълимии кишвар бояд дар ин самт тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Мо набояд фаромӯш кунем, ки имрӯз дар марҳалаи ҷаҳонишавии равандҳои сиёсиву иқтисодӣ ва илмиву фарҳангӣ қарор дорем. Агар кишварҳо, бахусус, кишварҳои ҳамзабон ва ҳамфарҳанг, дар фаъолияти худ ҳамоҳангӣ надошта бошанд, ҳифзи арзишҳои миллӣ барояшон душвор хоҳад шуд. Мо имони комил дорем, ки фарҳанги ғании гузаштаамон ва осору афкори олии инсондӯстонаи бузургоне монанди Абдураҳмони Ҷомӣ бароямон дар ин равандҳои ҳассосу пуртазод пуштибон ва мададгор мегарданд.

## *Мирзо Абдулқодири БЕДИЛ*

# НОБИҒАИ ШЕЪР ВА ПАЙВАНДГАРИ ДУ КИШВАР



Ҷаҳони Абулмаонӣ Мирзо Абдулқодири Бедил бузургҷаҳони ниҳоят рангин ва фарох аст, ки бозкушоии он хеле мушкил аст. Талоши шинохти ростин тақозои фитрии сирати инсон аст ва шинохти мураббиёни маънавияту хиради инсонӣ амрест воҷиб ва муқаддас.

Бедил шахсиятест, ки шабеҳи укёнуси асрор ва маънӣ, бо розу ҷаззобият ва сеҳри маъруфияти бесобиқа. Сарманшаи ӯ аз минтақаи фарҳангии Хуросони бузург буд ва дар қалби Ҳинди гуҳарбор парвариш ёфт. Ӯ зиндагии печида ва пуршӯр, вале шоиста ва неки инсонӣ, фаъолияти созандаи иҷтимоӣ, эҳсосоту аъмоли писандида ва пирӯзӣ бар ҳирси молу сарват ва қудрат дошт. Ӯ аз афроди камназире буд, ки дар амал аз усулу меъёрҳои волои ахлоқӣ ва маънавӣ пайравӣ намудааст. Ва худ намунаи нек ва ибратомӯз барои имрӯзу фардост.

Даврони зиндагии Бедил замоне буд, ки дар тасаввури аксарият аҳди зарини адаб ва фарҳанги форсӣ паси сар гардида буд ва гӯё заминаи амалии зоҳир шудани нобиғаи шеър мисли Мирзо Бедил вуҷуд надошт. Вале хилофи он падидаи беназире зуҳур намуд, ки на фақат рӯҳи бузурги ин адиби дурахшонро комилан ҷилвагар сохт, балки сабки навинеро рушд дод ва ба авҷи худ бардошт, ки муддати тақрибан сесад сол дар Ҳинд, Хуросон ва Мовароуннаҳр ҳамчун дастоварди бузурги адабӣ пазируфта шуд ва интишори ниҳоят васеъ ёфт. Таъсири он ба шоирон ва адибони бузурги баъдӣ - Мирзо Ғолиб, Аҳмад Маҳдуми Дониш, Муҳаммад Иқбол, Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, Нақибхони Туғрал ва дигарон возеҳ аст.

Бедил ва сабки баланди ҳиндии ӯ на фақат доираҳои адабиро тасхир намуданд ва ба ҳунари мусиқӣ (бахусус, “Шашмақом”-и безавол) ҳамроз гардиданд, балки ба ҳар ноҳия ва минтақа, ба ҳар маҳалла ва гузар ва

муҳимтар аз он, ба ҳар хонадон роҳ ёфтанд. Ба шаҳодати таърих дар Хуросону Мовароуннаҳр чи дар шаҳрҳо ва водиҳо ва чи дар дараҳои кӯҳистон Бедил аз зумраи шоирони машҳуртарин ва маҳбубтарин буд: маҳфилҳои *бедилхонӣ* ва *бедилфаҳмӣ* фаъолияти густурдаи маърифатӣ доштанд.

Девони Бедил дар паҳлӯи Қуръони карим ва девони Хоҷа Ҳофиз ганҷи аслии ҳар хонадон буд ва аз насл ба насл ҳамчун мероси арзишманд ва бебаҳо интиқол меёфт. Девони Бедилро зери сари тифли навзод дар гаҳвора мегузоштанд, то ин мавҷуди нав соҳиби маърифат ва хиради бедилӣ гардад. Ин суннат ҳатто дар даврони шӯравии сарнавишти таърихии мо нисбатан побарҷо монд. Ҳар гоҳ авроқи навҷавониро варақгардон менамоям, маҳфилҳои бедилхонӣ, ки дар асл мактаби кашфи рози маънӣ буданд, пеши назар ҷилвагар мешаванд. Ба баракати он меҳри адаб, сухани воло ва кашфи асрори ҳастӣ дар замири ман реша девонд. Ва Бедили бузургро дар қатори Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Мавлонои Балхӣ, Ҳофиз, Иқбол аз пирони маънавии хеш медонам.

Ҳар фард, ки ашъори Бедилро мутолиа менамояд, нахустин андешае, ки падид меояд, печидагии сабки баён ва нигориши ӯст. Ба қавли устод Садриддин Айнӣ, забони осори Бедил *"душвортарин забони адабии тоҷик"* мебошад.

Бедил суннати бостонӣ ва арзишманди шинохти инсон ва ҷаҳони маънавии ӯро (ки таҷаллии барҷастаи он ашъору осори волои Мавлавӣ Ҷалолуддини Балхӣ мебошад) шоиста идома дод. Ва қадаме нав ва ҷиддӣ гузошт: ӯ талош намуд симо ва сирати пурғановату мураккаби инсонро дар паҳнои ҷаҳону кайҳони бекарон ва дорои асрори нокушуда бо диди ҷомеъ, бо омезиши нерӯи қалб ва хирад баррасӣ ва арзёбӣ намояд. Ва сабки баландпарвози пурасрору печидаи ӯ тақозои ин амри бузург ва албатта, баёнгари нубуғи нотакрори шоирии ӯст.

Имрӯз, ки ҷомеаи башарӣ даргири таҳаввулоти мураккаб, печидагиҳо, тазодҳо, мухолифату бархӯрдҳои гуногун мебошад, Бедил бо сабки пурмағзи худ ҳамдаму ҳамқадами мост. Беҷиҳат нест, ки тақрибан тамоми осори ӯ дар Тоҷикистон ва Афғонистон нашр шуда, таҳқиқоти доманадори он идома дорад. Имрӯз дар Эрон низ нашри осори Бедил оғоз ёфтааст ва таҳқиқоти муҳим анҷом мегиранд.

Дарси бузурги Бедил - таъкиди арзиши инсон, ҷавҳари сирати инсон аст. Ӯ бо забони малакутии шеър суруд:

*Як қадам роҳ аст Бедил аз ту то домони хок,*
*Бар сари мижгон чу ашк истодаӣ, ҳушёр бош.*

Бедил дар оғози асри XXI пайвандгари таърихӣ ва маънавии ду кишвари дӯст - Тоҷикистон ва Ҳиндустон аст. Панди бузурги ӯ дӯстӣ ва ҳамкории ҳамаҷонибаи мо ба манзури таъмини амнияту субот, пешрафт ва шукуфоии кишварҳо ва мардумони мост. Ман мутмаинам, рӯҳи Бедили бузург дар тақвияти ҳамдилии халқҳои мо мададгор хоҳад буд.

Зиндаву ҷовид бод корномаи бузурги фарҳангӣ ва инсонии Абулмаонӣ Мирзо Абдулқодири Бедил!

Раҳмати Худованд ба равони пок ва тобноки ин нобигаи маънӣ бод!

## *Нақибхон Туғрали АҲРОРӢ*

# СУХАНВАРИ НОМВАРИ АДАБИЁТИ ТОҶИК



Водии Зарафшон ҳамчун як гӯшаи муҳиму ободи Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо сарзамини дорои таърихи қадима ва имкониятҳои бойи табиӣ буда, саҳми сокинони заҳматкаши шаҳру ноҳияҳои он дар ободу пешрафта гардидани кишварамон хеле назаррас мебошад. Маҳз дар ҳамин диёр ёдгориҳои багоят нодиру қадимаи миллати мо - осори фарҳанги суғдӣ маҳфуз мондаву аз тамаддуни чандинҳазорсолаи миллатамон дарак медиҳанд.

Осори хаттии соли 1932 аз қалъаи Муғи деҳаи Хайрободи ноҳияи Айнӣ пайдошуда ба унвони намунае аз катибаҳои суғдӣ имрӯз барои ҷаҳониён фарҳангу тамаддуни деринаи тоҷиконро муаррифӣ мекунад. Мавҷудияти осори беназири замони қадим, табиати зебову дилфиреб ва мероси бузурги маънавиву фарҳангӣ боис гардидааст, ки оламиён аз замонҳои қадим ба ин минтақа сафарҳо карда, дар кашфи табиати нотакрори он иқдом намоянд.

Мутобиқи ахбори таърихӣ ва ривоёти то замони мо расида, гӯё Искандар ба хотири гузоштани нақше дар ин макони зебо барои ба яке аз қадимтарин ёдгориҳои табиии ин диёр – Искандаркӯл додани номи худ иқдом намудааст.

Ҳанӯз дар нахустин асари ҷугрофии замони Сомониён - «Ҳудуд-ул-олам» ин мавзеъ бо номи Бутамон ёд шуда, дар баъзе сарчашмаҳои дигар ин макони сарсабзу обод бо ишорат ба таваҷҷуҳи олимон ва донишварону сухандонон чун «водии дарвешон» низ унвон карда мешавад. Тавсифи “водии дарвешон”-и муаллифи номаълум, пеш аз ҳама, ба хо-

тири шумораи зиёди суханварону адибон, маорифпарварону орифон ва донишмандони ин водӣ будааст.

Ҳамин табиату макони хушобуҳаво, меҳмондӯстиву меҳмоннавозӣ ва ҳимматбаландии мардум боис шудааст, ки аҳли илму маориф аз гӯшаву канори олам, хоса кишварҳои қаламрави забони тоҷикии форсӣ ба ин мавзеъҳо сафар намуда, ин диёрро макони сукунати ҳамешагии хеш қарор додаанд.

Бесабаб нест, ки дар ҳудуди ин водӣ - аз Панҷакент то саргаҳи Зарафшон - Кӯҳистони Масчоҳ даҳҳо нафар орифону донишмандон ва аҳли илму маърифат ба хок рафтаанд.

Бар асоси мусофиратҳое, ки сайёҳону кишваршиносон ба ин минтақа аз замонҳои қадим анҷом додаанд, сафарномаҳои зиёде иншо шудаанд, ки маъруфтарини онҳо "Рӯзномаи сафари Искандаркӯл"-и Абдураҳмони Мустаҷир аст. Ҳатто дар замони Шӯравӣ низ водии Зарафшон, хоса канори кӯлҳои камназири Искандаркӯл, Ҳафткӯл ва монанди инҳо макони истироҳат ва боздиди сайёҳону олимон ва ҷаҳонгардон ба ҳисоб мерафт, ки чандин китоби сафарномаи дар ин давра нашршуда ба ин матлаб ишора мекунад.

Корномаҳои Деваштичи диловар то ба ҳол достони шуҷоату матонат ва ҷасорату ватандӯстӣ барои наслҳои бисёр давраҳои таърихӣ, аз ҷумла насли имрӯз ба шумор меравад. Гузашта аз ин, далели дар ҳамин водӣ ба дунё омадану ба камол расидани қофиласолори шеъри тоҷику форс устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ мояи ифтихори ҳар сокини шарафманду соҳибмаърифати кишвар мебошад.

Агар устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ шеъри классикии моро оғоз ниҳода бошад, бо итминон метавон гуфт, ки Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ чун меросбари асили устоди шоирон бо идомаи беҳтарин суннатҳои назми оламгири мо ин давраи таърихии адабиётро як навъ ҷамъбаст намудааст. Нақибхон Туғрал воқеан аз суханварони номвари адабиёти тоҷик буда, бо ашъори баландмазмуну равони худ қалби ҳазорон нафар дилбохтагони шеъру суханро тасхир кардааст.

Туғрал ҳамчун ворисӣ арзандаи яке аз пешвоёни бузурги тариқати нақшбандия - Хоҷа Аҳрори Валӣ тавассути ашъору афкори пурмуҳтавои худ дар тарбияи маънавӣ ва ахлоқии мардум саҳми арзишманд гузошт. Ҷойгоҳ ва мақоми шоир аз он низ маълум мегардад, ки ягона нусхаи чопи сангии девони шоир, ки соли 1916, дар айёми зиндагии ӯ ба чоп расида буд, то ба имрӯз дар хонаву манзили аксари сокинони шаҳрҳои бузурги

Мовароуннаҳр нигаҳдорӣ шуда, бисёр газалу абёти шоирро мардуми ин шаҳрҳо аз ёд медонанд.

Равонии каломи Туғрал ҳанӯз аз замони зиндагиаш сабаб шудааст, ки бештари ғазалҳои ӯро аҳли ҳунар ба оҳанг даровarда, дар базму маҳфилҳо месароиданду мехонданд. Шояд мисли Нақибхон Туғрал кам шоиреро метавон пайдо кард, ки ашъораш ба ин микдор ба суруд табдил ёфтааст. Дар баробари ин, Туғрал дар мактаби шоири барҷастаи тоҷику форс Мирзо Абдулқодири Бедил дар ҳадде муваффақ гардида буд, ки ҳамзамононаш ӯро ҳамчун “Бедили сонӣ” ном бурдаанд.

Аз мундариҷа ва муҳтавои ашъори Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ пайдост, ки ӯ масоили муҳимтарини ҳаёти инсонҳо - тарғибу ташвиқи дӯстиву рафоқат, садоқат ба ойинҳои неки инсонӣ, ваҳдату ҳамдилӣ ва монанди инҳоро содиқона ва моҳирона таргиб намудааст. Ва худи ӯ намунаи садоқати баланди инсонӣ, дӯсти ҷонӣ ва инсони саршор аз сидқу муҳаббат будааст.

Дар саросари ашъораш Нақибхон Туғрал аз Шамсиддини Шоҳин ҳамчун устод ва дӯсти беҳтарини худ ёдовар мешавад ва рафоқати ин ду шоир рамзи дӯстии инсонҳо ва намунаи ҳамкории ду шахсияти маъруф буда, бояд барои насли имрӯз намунаи ибрат бошад. Онҳо дар натиҷаи мутолиаву мубоҳисаи зиёд барои такмили ашъори ҳамдигар кӯшида, бо ихлосу итминони тамом дар ҷодаи пешрафти адабиёти халқамон баробар қадам ниҳодаанд.

Нақибхон Туғрал ҳамчун инсони якрӯ, якқавл, ба аҳди худ вафодор ба душманиву бадбинӣ, фитнаву дасиса ва диғар хислатҳои номатлуби инсонӣ ҳамеша ҳисси оштинопазир нишон додааст. Шояд натиҷаи ҳамин хислатҳои ҷавонмардона, аз ҷумла ба қавли худ устувор будан ва нафрат ба нотавонбиниву ғараз буд, ки бо фитнаи шахсони тамаллуккору дилсиёҳ шоири маҳбуб оқибат қурбони туҳмати ноҳақ гардида, ба таври фоҷиавӣ кушта шуд. Аммо бо гузашти рӯзгор ва фосилаи начандон тӯлонӣ бо кӯшиши зиёиёни тоҷик, хоса устодони бузурги адабиёти мо Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода ва Носирҷон Маъсумӣ чеҳраи аслии шоир дубора аз паси абри тираи ҳасодату адовати нотавонбинон мисли хуршед берун омада, осори безаволаш дастраси мардум гардид.

Махсусан, мехоҳам аз хизматҳои бузурги Қаҳрамони Тоҷикистон устод Садриддин Айнӣ ёдовар шавам. Ҳанӯз дар айёме, ки шахсияти Нақибхон Туграл дар арсаи сиёсати замон ба истилоҳ “сиёҳшуда” ҳисоб мешуд, устод Садриддин Айнӣ дар китоби “Намунаи адабиёти тоҷик” бо ҷасорат ва мардонагии бузург аз истеъдоди нодири Туғрал ёдовар шуда,

мақоми ҳунарии ӯро махсус таъкид сохт. Ин дар ҳолест, ки дар он айём баёни чунин суханони матлуб нисбат ба шахсияти ба қатл маҳкумшуда ғайриимкон буд.

Хизмати устод Айнӣ барои зинда гардондани номи садҳо нафар суханварони гузаштаи мо бузургу беназир аст. Мо ҳамагон аз кӯшишу нақши устод барои муайян ва муқаррар намудани мадфани султони шоирон Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ хуб огаҳӣ дорем. Аз ин рӯ, умедворам, ки мардуми бонангу номус ва соҳибмаърифату сарбаланд ба номи ин абармарди миллат арҷи хоса мегузоранд ва барои идома бахшидани хизматҳои беназири ӯ бо роҳи анҷом додани корҳои шоиста, махсусан дар самти рушду ободӣ ва пешбурди икдомҳои хайри адабиву фарҳангӣ ҳамеша талош мекунанд.

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар бар асоси сиёсати фарҳангии давлат ба мероси шахсиятҳои илму адаби халқамон, аз ҷумла осори Нақибхон Туграл, таваҷҷуҳи ҷиддӣ сурат гирифта, нашру муаррифии мероси шоир ба таври шоиста ба роҳ монда шуд. Ба хотири ошноии бештари насли имрӯз бо каломи шакарини шоир ва андешаҳои баланди инсонгароёнаи ӯ намунаҳои ашъори суханвар бо тарҷумаи ҳоли мухтасараш ба китобҳои дарсӣ барои макотиби таҳсилоти умумӣ ворид карда шуд.

Дар остонаи таҷлили ҷашни 150-солагии шоир бо ташаббуси мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд нашри нав ва нисбатан мукаммали девони ӯ ҳамчун туҳфаи арзандае ба муносибати ҷашн анҷом ёфт. Ҳамчунин қомат афрохтани муҷассама ва бунёди мақбараи шоир дар зодгоҳаш чун ҳадяи Ҳукумати мамлакат ба ифтихори ҷашн гӯё аз зиндагии дубораи шоири шаҳир ба тамоми мардуми кишвар паём мерасонад. Қомати барафрохтаи шоир, ки рамзи сари баланду рӯи сурхи вай дар пешорӯи таърих мебошад, гӯё ба забони ҳол ба мову шумо ва наслҳои оянда мегӯяд:

*Дерест бо фикри расо сайди маонӣ мекунӣ,*
*Эй Туграли авҷи сухан, аз ошёни кистӣ?!*

Маҷмааи ёдгории шоир, ки аз мақбара, муҷассама, осорхона, айвонҳои кандакорӣ, боғу гулгаштҳои ороста бо дарахтону гулҳои рангоранг иборат буда, бо тарҳи замонавӣ ва бо истифодаи санъати баланди меъмории миллӣ сохта шудааст, ба маблағи панҷ миллион сомонӣ ба анҷом расидааст.Дар ёд дорам, ки тақрибан бист сол пеш аз хонаи шоир дидан карда будам. Он вақт хонаи шоир, ки дар айёми зиндагии ӯ бо ҳузури

худаш бунёд гардидааст, намуди тамоман дигар дошт ва сахт таъмирталаб буд. Имрӯз дар хона ва осорхонаи шоир муҳимтарин намунаҳои фарҳанги хонадории миллии тоҷикон, хоса мардуми водии Зарафшон, ашё ва дигар лавозимоти дорои аҳамияти таърихӣ, нусхаҳои хаттӣ ва чопии осори шоир ва монанди инҳо ҷамъоварӣ шудаанд. Акнун меросбарони шоири бузургро зарур аст, ки ин ёдгории нодирро эҳтиёт карда, барои ҷамъоварии дигар ёдгориҳои нодир ва намунаҳои таърихиву фарҳангии минтақа кӯшиш намоянд. Хонаи шоир метавонад дар оянда ба як осорхонаи муҳими таъриху фарҳанги миллатамон табдил ёфта, дар он ёдгориҳои хаттӣ, китобҳои нодир, унсурҳои фарҳанги хонадории куҳани тоҷикон, маҳсули навъҳои гуногуни ҳунармандӣ чун сарвати бебаҳои халқамон гирдоварӣ ва нигоҳдорӣ карда шаванд.

Ҳадафи Ҳукумати мамлакат аз эҳёи чунин ёдгориҳои таърихӣ, пеш аз ҳама, баланд бардоштани худшиносии миллии ҷомеа, тарбияи насли наврас дар рӯҳияи эҳтиром ба гузашта, ҳамчунин мусоидат ба рушди сайёҳӣ ва муаррифии шоистаи тоҷикон ба аҳли ҷаҳон мебошад. Бовар дорам, ки Маҷмааи ёдгории шоир зиёратгоҳи аҳли дил мегардад ва меҳмонони зиёде аз дуру наздики кишвар ва берун аз он ба дидани ин макони пурфайз меоянд. Умедворем, ки ин маҷмааи зебо, ки дар канори шоҳроҳи бузурги Душанбе-Чанок қарор дорад, воқеан як маҷмааи бузург ва макони баргузории чорабиниҳои муҳими фарҳангӣ мегардад.

## Садриддин АЙНӢ

# ЗИНДАГОНӢ ВА ҚАҲРАМОНӢ



Пас аз ташкили Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сусиёлистии Тоҷикистон фаъолияти душманони халқи тоҷик боз аз нав авҷ гирифт. Онҳо ба муқобили ташкили Ҷумҳурии Тоҷикистон садо баланд карда, мавҷудияти халқи тоҷик ва забону адабиёти онро бешармона инкор мекарданд. Дар ҳамин шароити душвор исботи мавҷудияти халқи тоҷик аҳамияти басо муҳими таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ пайдо намуд. Зеро фош сохтани моҳияти ақоиди иртиҷоии миллатгароён яке аз шартҳои ташаккули фарҳанги сусиёлистии тоҷик ба шумор мерафт. Маҳз ба ин ният солҳои 1924-1926 дар саҳифаи матбуот доир ба таъриху тамаддун ва забону адабиёти тоҷик мақолаҳои зиёд нашр гардиданд, ки ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёти таърихии халқи тоҷик ва ҷоннисориҳои равшанфикрони онро баҳри ҳифзи манофеи миллӣ инъикос мекарданд.

Дар ин вазъияти таърихӣ ба майдони мубориза устод Айнӣ ба ҳайси як қаҳрамони миллӣ ворид гардид. Ӯ тавассути таълифи “Намунаи адабиёти тоҷик”, мақолаҳои илмӣ ва асарҳои барҷастаи мустанад алайҳи идеологияи бадхоҳон дар роҳи бедориву худшиносии миллати тоҷик хидматҳои барҷаста кард. Устод дар офаридаҳои хеш бисёр масъалаҳои ҳаёти таърихӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва адабии халқи тоҷикро ба миён мегузорад ва бо мӯшикофиҳои хирадмандона таъриху тамаддуни қадима доштани тоҷиконро исбот месозад. Ӯ таъкид менамояд: *“Дар Осиёи Миёна, хусусан дар хоки Бухоро ва Туркистон ба будани як қавми бузурге бо номи тоҷик бояд касе инкор надошта бошад. Соҳиби маданияти куҳан ва адабиёти куҳансол будани ин қавм низ ҷойи инкор нест”.*

❁ ❁ ❁

Адабиёт, каломи бадеӣ эҳсоси ватандӯстӣ, нангу номуси ватандории мардумро ба ҷӯш меовард, онҳоро ба муборизаи зидди фашизми гитлерӣ,

меҳнати фидокорона баҳри ғалаба рӯҳбаланду сафарбар менамуд. Устод Айнӣ бо мақолаҳои тезутунди публисистии худ моҳияти фашизмро ошкор сохта, дар мисоли гузаштаи қаҳрамононаи халқи тоҷик эҳсоси ватандӯстӣ ва озодихоҳии мардумро бедор мекард.

❂ ❂ ❂

Устод С.Айнӣ фармудаанд, ки калимаи *"тоҷик"* ба сифати номи як халқи форсизабон, сараввал нисбат ба мардуми форсизабони Осиёи Марказӣ ва Хуросон кор фармуда шуда, баъд аз он ба ҳама форсизабонони рӯйи дунё ба кор бурда шудааст.

Маъмулан калимаи *"тоҷик"* ҳамрадиф ва ҳаммаънои *ориёрӣ*, яъне *наҷибзодагон* будааст. Ба забони имрӯзаи тоҷикӣ маънои калимаи "*тоҷик*" *мардуми тоҷдор, олимартаба, озодманиш* аст. Ва номи имрӯзаи *тоҷик* ба ҷойи номи этникии *эрониёни кунунӣ* ба ивази *ориёӣ* омадааст.

❂ ❂ ❂

Талошу муборизаҳои гузаштагонамон, ки дар таърих бо номи пешвоён ва саркардагонашон - Спитамен, Муқаннаъ, Шерак, Исмоили Сомонӣ, Темурмалик, Восеъ ва ғайра ёд мешаванд, ҳама мубориза баҳри худшиносӣ, дифоъ аз номус ва қадру эътибори инсонӣ ва миллӣ будааст. Ҳатто дар асри XX-ум, дар тӯли 70 соли мавҷудияти Давлати Шӯравӣ низ ин ҷаҳду кӯшишҳо қатъ нагардидаанд. Магар талошу муборизаҳои Садриддин Айнӣ, Саидризо Ализода, Шириншо Шотемур, Чинор Имомов, Абдуқодир Муҳиддинов, Нусратулло Махсум, Бобоҷон Ғафуров ва даҳҳо зиёиёну сиёсатмадорони мо баҳри дифоъ аз манфиатҳои халқу миллат моҳияти истиқлолҷӯӣ надоштанд?!

❂ ❂ ❂

Ҳазорон мардони фидоӣ ҷойи гарму хонаҳои ободи худро дар шаҳрҳои азим тарк намуда, роҳи Душанберо пеш мегирифтанд. Дар қатори ин мардони фидокор Садриддин Айнӣ, Абдулвоҳиди Мунзим, Аббос Алиев, Саидризо Ализода, Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Ҳомид Маҳмудов, Миркарим Саидов, Муҳаммадҷон Қосимов, София Тӯйбоева ва садҳову ҳазорҳо бунёдгузорони илму фарҳанг ва тамаддуни даврони нави тоҷикро метавон ном бурд.

❂ ❂ ❂

Номи миллатро аслан фарзандони бонангу номусаш зинда медоранд. Ва ҳар боре, ки ба роҳи паймудаи миллати хеш бо чашми хирад назар

афканем, мебинем, ки бузургони ҳар давру замон чун ҳалқаҳои як занҷир бори миллатро бар дӯши хеш кашидаанд. Ин занҷир аз овони “Авасто»-ву Зардушт сарчашма гирифта, бо нағмаҳои Борбад, бо накшаҳои Монӣ, бо сурудҳои оташкадаҳои Балху Суғд, бо шеъри Рӯдакию теғи ҷонофарини Сино, бо каломи мавзуни Ҷомию мусавварахои нотакрори Беҳзод, бо саъю талошҳои тақдирсози Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров ва Мирзо Турсунзодаву Турсун Ӯлҷабоев то ба имрӯз расидааст.

❂ ❂ ❂

Маҳз гурури миллӣ, кӯшиш барои бақои Ватан ва нигоҳ доштани фарҳанг ба Садриддин Айнӣ имкон дод, ки очерки пурмуҳтавои “Темурмалик”-ро нависад. Ба азобу шиканҷа ва калтаккӯбиҳо нигоҳ накарда, устод Айнӣ таърихи адабиёти моро эҷод кард. Вай собит намуд, ки халқи тоҷик на танҳо вуҷуд дорад, балки дорои тамаддуни бостонӣ ҳам мебошад.

❂ ❂ ❂

Барои фароҳам омадани муҳити солими маънавӣ зарур аст, ки насли наврас суннатҳои ахлоқӣ, таърих, адабиёт ва фалсафаи қадимии халқи худро хуб донад. Китоби “Тоҷикон”-и устод Бобоҷон Ғафуровро бояд тамоми ҷавонони мо бодиққат хонанд, гузашта ва имрӯзаи халқи худро донанд, то ки ояндаро ба худ дуруст тасаввур намоянд. Онҳо бояд хабар дошта бошанд, ки Садриддин Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров барин фарзандони сарсупурдаи миллатамон барои зинда кардани таъриху фарҳанги халқи худ бо чи азобҳо, туҳматҳо ва мушкилоти дигар рӯ ба рӯ шуда буданд. Вале онҳо аз ҳеҷ чиз наҳаросиданд, зеро нангу номуси ватандориашон аз манфиатҳои шахсӣ ва маҳаллӣ хеле боло буд.

❂ ❂ ❂

Даҳҳо ва садҳо фарзандони баору номуси халқро ном бурдаи мумкин аст, ки барои озодӣ, ободӣ ва обрӯи миллату истиқлолияти Ватани азиз фидокориву ҷоннисориҳо кардаанд. Аз байни ин фарзандони сарсупурда ман ду нафарро махсус ном бурдан мехоҳам, ки барои ташаккули миллат, болоравии ҳисси худшиносию ватандорӣ ва истиқлолияти тоҷикон хизмати бузург кардаанд. Ин ду фарзанди барӯманди халқ устод Садриддин Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров мебошанд.

Садриддин Айнӣ мавҷудияти халқи тоҷикро ҳамчун миллати қадимаи Осиёи Марказӣ исбот намуда, ҳаққу ҳуқуқҳои қонунии ин миллатро ба-

рои ташкил додани давлатдории миллии худ ба миён гузошт. Бобоҷон Ғафуров иқдоми ватандӯстонаи Садриддин Айниро идома дода, баробари фаъолияти хирадмандонаи давлатдорӣ таърихи қадимаи миллаташро ба шакли як асари ҷомеъ аз замонҳои қадимтарин то рӯзҳои мо навишта, пойдевори истиқлолият ва худшиносии тоҷиконро ҷовидона сохт.

Мо бо камоли эҳтиром ва сипосгузорӣ ба ин ду фарзанди фарзонаи миллат аввалин унвони "Қаҳрамони Тоҷикистон"-ро муносиб донистем.

❁ ❁ ❁

Боиси ифтихор аст, ки осори панду ахлоқӣ ва фалсафии адабиёти ҳазорсолаи мо дар саросари ҷаҳон эътироф гардида, барои тарбияи маънавии инсонҳо хидмати беандоза кардааст. Башарияти тараққипарвар дар сафи бузургони ҷаҳон ҳамеша аз устод Рӯдакӣ, ҳаким Фирдавсӣ, Шайх Саъдӣ, Ибни Сино, Ҷалолуддини Балхӣ, Хоҷа Ҳофиз, Абдураҳмони Ҷомӣ ва Мирзо Бедил ёдовар мешавад.

Мо аз он низ сарбаланд ҳастем ва ифтихор дорем, ки шоири шаҳири Олмон Гёте аз байни адибон ва шоирон ҳафт тан ҳамзабонони моро *ситораи дурахшони назм* номид ва дар назди истеъоди онҳо сари таъзим фурӯд овард.

Анъанаи гузаштагони барӯмандамонро дар даврони нав устод Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Сотим Улугзода, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Боқӣ Раҳимзода идома дода, ин адабиётро бо ҷустуҷӯ ва эҷодҳои нав ба нав ғанитар сохтанд.

❁ ❁ ❁

Танҳо ба воситаи ҳунару истеъдоди воло, ибрози ҳақиқат, ифодаи маъниҳои баланд, ки ба дарду ниёзи мардум ҳамсадо бошанд, дар адабиёт ҷовидон мемонанд, азизи ҳар фард ва ҳар хонадон мешаванд. Инро зиндагиномаи даҳҳо бузургони адабиётамон, хусусан эҷодиёт ва талошҳои устод Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав, Шайх Саъдӣ то Садриддин Айнӣ собит мекунанд. Яъне адиб сарнавиштнигори даврон ва миллати худ аст. Адиб раҳнамо ва пандомӯзи инсонҳост.

❁ ❁ ❁

Магар зиндагӣ ва кору эҷод дар солҳои пурошӯб барои устод Айнӣ, Лоҳутӣ, баъдтар барои Мирзо Турсунзода, Сотим Улугзода, Мирсаид Миршакар ва Ҷалол Икромиву дигарон осон буд? Магар Бобоҷон Ғафуров бе мамониат таҳқиқҳои худро ба анҷом расонду хидмати бузургу шоистае ба миллат кард?

Сухан аз заҳмати мушкили роҳи эҷодӣ ва ҳадафу масъулияти эҷодкор меравад. Устод Садриддин Айнӣ роҳи осони зиндагӣ ва эҷодро интихоб накард. Вай бо вуҷуди барҷомондагӣ, азобу шиканҷаи сахти ҷисмонии мухолифон барои ҳифзи фарҳанг, исботи ҳастии миллат тамоми хирад ва ақлу заковати худро дарег надошт. Устод Айнӣ ҳар лаҳза дар арсаи мубориза бо қалам қаҳрамонӣ нишон дод ва барои сарбаландии имрӯзиён роҳ кушод.

Ин хидмати арзандаи онҳо як навъ адои қарзи фарзандӣ буд ва дар китоби зиндагиномаи миллат то ҷовидон сабт гаштааст. Ва, ниҳоят, заҳмату истеъдоди ин ду ҷигарбанди вафодори халқ баҳои сазовор гирифт. Устод Айнӣ ва академик Бобоҷон Ғафуров барҳақ қаҳрамони нахустини Тоҷикистон эътироф гардиданд.

❁ ❁ ❁

Яке аз вазифаҳои муҳими Иттифоқи нависандагон, пирони адабиёт тарбияи насли ҷавони адибон мебошад. Ғумон мекунам солҳои охир дар ин бахш кори пурсамар ва назаррасе карда нашуд. Биеёд, як бор худ ба худ биандешем. Фардо ба ҷойи шумо кӣ ба майдони адабиёт меояд ва шуҳрату анъанаҳои беш аз ҳазорсоларо нигоҳ медорад?

Ин кори саҳл нест. Метавон садҳо мутахассисони дигар соҳаҳоро бо ҳар роҳ тарбия кард, вале ҷустан ва кашф кардан, тарбия намудани истеъдодҳои арзандаи ҷавон вазифаи Иттифоқи нависандагон ва пирони адабиёт аст. Яъне дар мактабу донишгоҳҳо кори маҳфилҳои адабиро пурзӯр бояд кард. Аз соҳибистеъдодҳо адибони хушсалиқа, ҷасуру ватанпараст тарбия кунем. Ин анъанаи неки устод Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Фазлиддин Муҳаммадиев, Ашӯр Сафар ва дигарон буд. Мактаби онҳоро бояд идома дод.

❁ ❁ ❁

Наврӯз дар таърихи миллати мо чун ойинаест, ки гирудори аҷнабиёни соҳибқудрат ва сарнавишти халқи ҷафокашидаи тоҷикро таҷассум менамояд. Фарзандони бузурги миллати мо, сарфи назар аз ҳангомаҳои мазҳабӣ ва гирумони меҳробу минбар, дар ҳама давру замон қадру қимати забони шевои модарӣ, суннату ойинҳои наҷиби аҷдодӣ, илму фарҳанги оламгир ва шеъру ҳикмати ибратомӯзро пос дошта, аз насл ба насл расонидаанд.

Ҳатто дар даврони начандон дур, ки як фазои муштараки омезишу баҳамоии миллатҳо боло мегирифт ва расму ойинҳои аҷдодӣ ошкору ниҳон зери таъқиб қарор доштанд, Наврӯз аз ҳама фишору зӯровариҳо гузашта, ҳамчун иди миллӣ зинда монд. Таърих хизматҳои бузурги Сад-

риддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Муҳаммад Осимӣ ва даҳҳо фарзандони бузурги миллатро, ки дар рӯзҳои сахт суннати Наврӯз ва расму ойинҳои неки аҷдодиро пуштибонӣ кардаанд, бо ҳарфҳои зарин сабт кардааст.

❁ ❁ ❁

Тамоми осори гузаштагони бузурги мо, аз «Авесто» то Рӯдакию Фирдавсӣ, Хайёму Носири Хусрав, Саъдию Ҳофиз, Ҷомию Соиб, Сайидову Шоҳин, Аҳмади Донишу Айнӣ ва даҳҳо нафари дигарро метавон маҷмӯи меъёрҳои ахлоқи созандагони ҷомеаи адолатпарвар ва инсондӯст номид. Фақат омӯзишу фарогирии ин осор ва арзишҳои маънавиро ба таври ҷиддӣ, бонизом ва муҳимтар аз ҳама, бо дарки масъулияти миллӣ ба роҳ мондан лозим аст.

❁ ❁ ❁

Маҳз ҷавонони дорои маърифати олӣ ва тафаккури созандаву ахлоқи ҳамида метавонанд пайванди ногусастании наслҳо ва рӯҳи абадзиндаи аҷдодони бофарҳанги хешро, ки ҳанӯз дар аҳди Сомониён соҳиби марказҳои бузурги тамаддун ва доираҳои тавонои илмию адабӣ буданд, зинда доранд ва асри тиллоии миллати худро эҳё намоянд.

Маҳз ҳамин гуна ҷавонон метавонанд, ки бо кашфиёти нави илмию техникӣ, бо асарҳои рангорангу пурмазмуни замонавӣ, бо санъату ҳунари баланди худ миллати асрҳо бо фарҳангу тамаддуни хеш шуҳратёфтаашонро боз ҳам бештар шуҳратманд гардонанд ва дар назари оламиён исбот созанд, ки онҳо ворисони асили Исмоили Сомонӣ, Балъамӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Носири Хусрав, Ҳофизу Саъдӣ, Камоли Хуҷандию Абдураҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Донишу Садриддин Айнӣ мебошанд.

❁ ❁ ❁

Мардонагии фарзандони бузурги халқ Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров ва дигар ходимоин барҷаста дар саҳифаҳои таърих ҳамеша боқӣ хоҳад монд. Агар Садриддин Айнӣ барои амалӣ гардидани ҳуқуқи тоҷикон ба доштани ҷумҳурии хеш дар Осиёи Марказӣ мусоидат карда бошад, Бобоҷон Ғафуров мустақилият ва ҳувийяти хоси рушди таърихии тоҷиконро аз замонҳои қадим дар минтақа собит намуд. Ба ин васила ба кӯшиши ҳал кардани тамаддуни тоҷикон дар таркиби таърихи дигар халқҳои Осиёи Марказӣ ва Шарқи Миёна қотеъона хотима бахшида шуд.

Ҳамин тариқ, заминаи истиқлолияи миллии тоҷикон, ки дар охири асри XX мукаммал гардид, гузошта шуд.

❁ ❁ ❁

Пос доштани хотираи гузаштагон ва гиромидошти мероси онҳо қарзу вазифаи муқаддаси фарзандии мост. Вале муҳимтар аз ҳама ин аст, ки мо дар бобати ватандорию давлатдорӣ, худшиносиву миллатдӯстӣ аз бурду бохти гузаштагон ва аз таърих сабақи зарурӣ гирифта тавонем. Бинобар ин омӯзиши таърихи давраи Сомониён бо таҷлили ин сана набояд ба охир расад, балки ин ҷашн бояд идомаи таҳқиқу таҳлили мунтазаму муназзами ин давраи муҳими таърихи миллати мо гардад. Зеро тавре ки Қаҳрамони Тоҷикистон устод Садриддин Айнӣ 60 сол муқаддам хотирнишон карда буд, *“тамоми халқи тоҷику форс, дар хусуси он ки баъд аз истилои араб мисли як миллат бо забон, адабиёт ва маданияти худ дар ҷаҳон боқӣ мондаанд, аз Сомониён миннатдоранд”*.

❁ ❁ ❁

Миллатҳои мутамаддин мероси гаронмояи аҷдодони худро на танҳо пос медоранд, балки онро бо арзишҳои нав ганӣ мегардонанд. Наслҳои гузаштаи адибону олимони мо, хушбахтона, ҳамин тавр ҳам кардаанд. Вале чунин навовариҳо на ҳамеша самараи дилхоҳ медиҳанд. Масалан, дар солҳои сиюми асри XX нияти неки устод Айнӣ ва ҳаммаслаконаш ҷиҳати содда ва ба фаҳми халқ наздик кардани забони адабӣ бояд танҳо ба осон гардонидани саводомӯзӣ ва ба ҳаёти сиёсиву иҷтимоиву фарҳангӣ ҷалб шудани омма мусоидат мекард.

❁ ❁ ❁

Вақте ки дар бораи фарҳанги навини тоҷикон суҳбат мекунем, аз рӯйи инсоф мешавад агар аз дастовардҳое сухан ба миён орем, ки халқи мо дар замони шомил буданаш ба ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ ба онҳо ноил гардидааст.

Дар он шароити таърихӣ, ки барои миллати мо марҳалаи воқеан сарнавиштсоз маҳсуб мегашту масъалаи ҳастиву нестии миллат ва забону фарҳанги моро ба таври сунъӣ ба харитаи сиёсии тақдирнамо гузошта буданд, боз ҳам аҳли маърифат, зиёиёни шарафманд парчами муборизаро барои ҳастии таърихӣ ва имрӯзу ояндаи миллат, забон, адабиёт ва фарҳанги ӯ ба дасти худ гирифта, дар набарди шадиди зидди душманони миллати тоҷик зафар ёфтанд. “Марши ҳуррият”-и устод Айнӣ тафаккури

халқи ҷафокашида ва аз равандҳои муҳими ҳаёти сиёсӣ дарканормондаи моро бедор карда, дар замони инқилоб ба ташаккули худшиносии миллӣ асос гузошт.

Мақолаҳои оташбори публитсистии ӯ, ки солҳои 1919-1921 дар маҷаллаи “Шуълаи инқилоб” чоп шуда, ҳуқуқи халқи тоҷикро ба забон, мероси фарҳангӣ, мактабу маорифи миллӣ, матбуоти тоҷикӣ, давлату давлатдорӣ ҳимоя карда, халқро ба омӯзиш ва маърифати сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ ташвиқ менамуданд, имрӯз низ ба аҳамияти бузурги таърихӣ моликанд.

Корномаи таърихии устод Айнӣ “Намунаи адабиёти тоҷик” дар замони худ воқеан нақши шиносномаи ҳақиқии халқи тоҷикро бозид, беасосии даъвоҳои бадхоҳони миллати тоҷикро фош намуда, ҳуқуқи таърихии халқи моро ба адабиёти ғаниву оламшумул исбот кард.

Дар солҳои бистуму сиюми асри гузашта, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо душворӣ қомат рост мекард, набзи фарҳангу адабиёт бо набзи пуршиддати ҳаёт баробар ва ҳамоҳанг метапид. Кормандони соҳаи матбуот, адибон ва аҳли фарҳанг бо бунёдкорони ҳаёти нав паҳлӯ ба паҳлӯ истода, аз синаи кӯҳ канал мекофтанд, ба биёбонҳои лабташна об мебурданд, ҷӯлистонро ба гулистон табдил медоданд. Асарҳои бадеиву публитсистии он замон ба бунёдгарони корхонаҳои саноатӣ, роҳу каналҳо, нерӯгоҳҳои барқӣ, фотеҳони даштҳои ташналаб рӯҳу мадор бахшида, онҳоро ба шуҷоату корнамоиҳо ҳидоят менамуданд. Сухан қудрати бузурги созандагӣ касб карда буд. Асарҳои пурарзиши Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Мирзо Турсунзода, Ҳабиб Юсуфӣ, Мирсаид Миршакар, Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Абдусалом Деҳотӣ дар мавзӯъҳои гуногуни сохтмони ҳаёти нав танин андохта, аз садои дил ва маҳсули меҳнати бунёдкоронаи халқи тоҷик ба ҷаҳониён мужда мерасониданд.

❁ ❁ ❁

Ба ҳамагон комилан равшан аст, ки ҳеҷ кишвар ва миллат бе зиёиёни худогоҳ ва ватанпараст ояндаи худро обод карда наметавонад. Таҷрибаи худи мо дар асри бистум собит кард, ки бо вуҷуди мушкилиҳо ва ҳатто фоҷеаҳо, зиёиёни Тоҷикистон фидокориҳо нишон дода, дар кишвар илму маориф, фарҳангу тибби пешрафтаро бунёд карданд. Устодони номӣ, олимони шуҳратманд, шоирону нависандагони машҳур, табибони ҳозиқ, арбобони бузурги театр ва кино, ҳофизони мумтоз ва рӯзноманигорон барои тараққиёти босуръати иқтисод, илм, фарҳанг нақши бузург бозиданд. Имрӯз ва дар оянда низ халқи мо бо номҳои ҷовидонаи устод Садриддин

Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода, Султон Умаров, Абдулғанӣ Мирзоев, Аловаддин Баҳоваддинов, Муҳаммад Осимӣ, Муҳаммадқул Нарзиқулов, Ибодулло Нарзиқулов, Зариф Раҷабов, Зиёдулло Шаҳидӣ, Муҳаммадҷон Қосимов, Аслӣ Бурҳонов, Тухфа Фозилова, Бобоқул Файзуллоев, Фазлиддин Шаҳобов, Шоҳназар Соҳибов, Одина Ҳошимов, Акашариф Ҷӯраев, Борис Кимёгаров, Минҳоҷ Ғуломов, Комил Тоҷиев, Маҳмудҷон Воҳидов, Лоиқ Шералӣ ва дигар фарзандони миллатамон, ки ному шуҳраташон аз Тоҷикистон берун рафта, дар тамоми ҷаҳон мавқеъ ва мақоми намоён доштанд, ифтихор мекунад. Сирри маҳбуби тамоми халқ гардидани ин фарзонагони миллат дар он нуҳуфтааст, ки онҳо халқу Ватани худро беҳад дӯст медоштанд, худ аз пайи шуҳрат нагаштанд, балки меҳнати ҳалол ва бедареғ онҳоро ба боргоҳи иззат ва эътибори умумихалқӣ бардошт.

Ман боварии комил дорам, ки зиёиёни имрӯзаи халқи мо низ дорои чунин нангу номуси олии ватандорӣ мебошанд.

❁ ❁ ❁

Исмоили Сомонӣ гуфта буд: *"То зиндаам, девори Бухоро манам"*. Фикр мекунам, ки ҳар як фарди бедордили Тоҷикистон низ бояд ҳамеша омода бошад, то дар мавриди зарурӣ девор ва ҳимоятгари Ватани соҳибистиқлоли худ гардад.

Ҷашни 1100-солагии давлати Сомониён, ки ба иди бузурги умумихалқӣ табдил ёфт, ба раванди худшиносии миллӣ ва ваҳдати тоҷикон мазмуну мундариҷаи олӣ ва нерӯи тоза ворид сохт. Ҳамчунин тайи чанд соли охир барпо гардидани ҷашнвораҳо ва бо унвони олитарини Ватан қадрдонӣ шудани шоирон, олимон ва мутафаккирони бузурги тоҷик Камоли Хуҷандӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода ва дигарон нишонаи болоравии худшиносии миллӣ, рӯ овардан ба таърихи қадимаи халқи тоҷик ва эҳё гардидани суннатҳои волои аҷдодӣ мебошад.

❁ ❁ ❁

Рисолати азалии зиёиёни тоҷик ҳамин аст ва ман бовар дорам, ки зиёиёни имрӯза низ нерӯи ақлонии мамлакатамонро афзун мекунанд, ба кашфиёти нодири илмӣ муваффақ мегарданд, асарҳои шоистаи даврон меофаранд, санъатро ривоҷ медиҳанд. Бояд ҳар иқдоми зиёиён бо номи миллату Ватан ва ба хотири шукуфоии Тоҷикистони соҳибистиқлол шурӯъ гардад. Тимсоли чунин хизмати олӣ ба миллату Ватани хеш осори мил-

латсозу талошҳои фидокоронаи устод Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров ва Мирзо Турсунзода мебошад, ки бо унвони ифтихории "Қаҳрамони Тоҷикистон" мушарраф гардидаанд.

❂ ❂ ❂

Зиёӣ будан маънои нисбат ба худ серталаб буданро низ дорад. Зиёии ҳақиқӣ дар ҷодаи соҳибмаърифат кардани ҷомеа, баланд бурдани сатҳи шуур ва покизагии ахлоқи мардум бедареғ заҳмат мекашад.

Боз як сабақи таърихиро азхуд кардани зиёиён, ба назарам, хеле муҳим аст. Ин устуворӣ дар мавқеи сиёсӣ, зиракӣ дар шинохти манфиатҳои миллӣ, парвариш ва талқини ҳисси ватанпарастӣ, оштинопазир будан бо ҷаҳолат ва хурофоту таассуб мебошад. Устод Айниро мисол мегирем. Мударриси забардаст буд, динро ба дараҷаи аъло медонист. Китоберо низ бо номи "Заруриёти диния" таълиф карда буд. Вале дар тамоми асарҳояш бо таассубу ҷаҳолат мубориза мебурд. Барои ба давлатҳои бедору пешрафта баробар кардани Ватанаш, то сатҳи миллатҳои мутараққӣ баланд бардоштани сатҳи зиндагии халқаш фидокорона ҷаҳду талош меварзид.

Воқеаҳои Афғонистон нишон доданд, ки чунин шахсиятҳои бузурги фарҳангӣ ба мисли устод Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода барои ҳар халқ зарур мебошанд. Таҷрибаи чунин шахсиятҳои бузург барои ба маҷрои дурусти зиндагӣ ва самти солими рушди фарҳангӣ ҳидоят намудани ҷомеа хеле муҳим аст.

❂ ❂ ❂

Боиси ифтихор аст, ки миллати мо дар гузаштаи дур ҳам бузургтарин донишкадаҳо дошт, ки дар оғӯши худ садҳо адибону донишмандони фарзона, аз ҷумла, Рӯдакиву Сино, Хайёму Берунӣ, Саъдиву Ҳофиз, Камолу Ҷомӣ, Донишу Айниро ба камол расонида, дар рушди илму адаб ва фарҳангу тамаддуни башарӣ мақоми хосса пайдо кардаанд.

❂ ❂ ❂

Пандҳои бузургони мо - Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Мавлавӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Бедил, Аҳмади Дониш, Айнӣ, Турсунзода ва дигарон дар саросари олам ба нафъи сулҳ, адолат ва ғояҳои гуманистӣ хизмат менамоянд.

❂ ❂ ❂

Мактаби бузурги шоирие, ки устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳанӯз беш аз ҳазор сол пеш ба мерос гузошта буд, ҳоло ҳам побарҷост ва тӯли сад-

солаҳо шоирони тавоное чун Абулқосим Фирдавсӣ, Умари Хайём, Носири Хусрав, Камоли Хуҷандӣ, Саъдии Шерозиву Хоҷа Ҳофиз, Абдулқодири Бедилу Муҳаммад Иқбол, Садриддин Айнию Муъмин Қаноат ва амсоли инҳо аз он мактаб сабақҳо бардоштаанду хоҳанд бардошт.

❁ ❁ ❁

Мехоҳам, ки як чизро гаштаю баргашта таъкид намоям: *ҳар миллат ва ҳар халқ, хоҳ бузург бошаду хоҳ хурд, то худро нашиносад, эҳтиром накунад, таърих, фарҳанг ва суннатҳои худро надонаду қадр накунад, ҳеҷ гоҳ дар миёни миллатҳои дигар мақому манзалати шоён пайдо карда наметавонад.*

Фарзандони фарзонаи миллат инро амиқ дарк менамуданд ва ҳамеша кӯшиш ба харҷ медоданд, ки шуълаи худшиносии миллиро дар дили ҳаммиллатони худ бедор кунанд. Ба ёд орем сухани миллатсози устод Айниро дар огози арси XX, ки барқасди ҳама бадхоҳони миллати тоҷик баланд садо дод ва он то ба имрӯз барҳақ хизмати бузург дар назди миллати хеш мебошад.

❁ ❁ ❁

Агар дар аҳди Сомониён дар сари гаҳвораи фарҳангу адабиёти оламшумули мо сардафтари адабиёти тоҷику форс устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ шабзиндадорӣ карда бошад, дар садсолаи бистум, ки масъалаи будан ё набудани миллати тоҷик борҳо дар дастури рӯз қарор дошт, устод Садриддин Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров ба пуштибониву посдории таърих, фарҳанг, забон ва мероси адабӣ, парчаму ойини давлатдорӣ ва ҳаққу ҳуқуқи маънавии миллати тоҷик бархоста, бар зидди фарҳангситезони кӯрботин муборизаи оштинопазир бурданд.

Ин ду фарзанди бузурги миллат бо шоҳасарҳои худ "Намунаи адабиёти тоҷик" ва дертар "Тоҷикон" нақшаҳои шуми бадхоҳон ва душманони миллати тоҷикро бо бурҳону далелҳои қотеъ ва санадҳои раднопазири илмӣ барбод дода, таъриху фарҳанг ва забони ноби тоҷикиро наҷот доданд.

❁ ❁ ❁

Таҷрибаи арзишманди таърихии мубориза барои озодӣ ва истиқлол дар асри XX - дар даврони ниҳоят мураккаби сарнавишти миллати тоҷик аҳамияти фавқулодат ва ҳаётӣ дошт. Тавре ки таърих собит месозад, дар охири асри XIX ва огози асри XX миллати тоҷик бинобар омилҳои

зиёд дар марҳалаи ниҳоят ҳассос ва хатарноки таърихи хеш қарор дошт. Асолат ва ҳатто бақои таърихии ӯ таҳти хатари бевосита қарор гирифта буд. Доираҳо ва гурӯҳҳои манфиатдор на фақат асолат ва ҳастии таърихи тоҷиконро аз ҷиҳати идеявӣ ва сиёсӣ бадқасдона инкор мекарданд, балки бо ҳамдастӣ ва мусоидати фаъоли як тоифа фарзандони нохалафи халқи мо мекӯшиданд, ки миллати тоҷик ҳамчун миллати асил ва соҳибватан асири фаромӯшхонаи таърих гардад.

Дар чунин даврони тақдирсоз устод Садриддин Айнӣ вориди саҳнаи пайкори муқаддаси миллӣ шуд. Муборизаи ҷасурона ва фаъолияти хирадмандонаи фарҳангиву маънавӣ, идеявӣ, адабӣ ва сиёсиву иҷтимоии ӯ дар асл корномаи бузурги миллӣ ва саҳми шоиста дар таъмини истиқлоли Ватан дар оянда буд. Бесабаб нест, ки устод Садриддин Айнӣ нахустин "Қаҳрамони Тоҷикистон"-и соҳибистиқлол гардид.

❁ ❁ ❁

Душанбе аз рӯзҳои нахустини пойтахт эълон гардиданаш рисолати пойтахтҳои қадимаи миллати тоҷикро ба дӯши худ гирифта, барои ташаккули давлатдорию инкишофи илму фарҳанг ва муттаҳидсозии нерӯҳои зеҳнию афроди пешбарандаи миллат нақши арзанда бозид. Дар навбати худ ҳамин рисолати таърихии пойтахтро бисёр фарзандони бофазлу дониш ва бонангу номуси миллати тоҷик саривақт дарк карда, аз Самарқанду Бухоро, Фарғонаву Хуҷанд, водиҳои Зарафшону Бадахшон, Рашту Хатлон ва дигар шаҳрҳо ба Душанбе ҷамъ омадаанд. Ба нодорию қашшоқӣ ва дигар сахтиҳои зиндагӣ нигоҳ накарда, ҳама ба мактабу маориф, фарҳангу китоб рӯ оварданд, то ки барои миллати худ хизмат намоянд, давлати хешро эҳё созанд ва пойдевори Душанбеи ҷавонро ниҳода, соҳиби пойтахти нави худ гарданд.

Устод Садриддин Айнӣ бо хиради ҷасорати таърихиаш ба ҳифзи фарҳангу адабиёти куҳанбунёди миллати тоҷик бархоста, дар густариши онҳо дар сафи пеш қарор дошт. Бо ҳидояти ӯ даҳҳо шогирдонаш ба пойтахти навтаъсис кӯч бастанд. Ҳамон солҳо даҳҳо шоирону нависандагон, олимон, овозхонону оҳангсозон ва дар маҷмӯъ зиёиёни зиёде ба пойтахти мамлакат омаданд, то ин ки нерӯи солим ва пешбарандаи зеҳниву ақлонии онро ташкил дода, ҳамчунин дар маҳви бесаводии мардум саҳми сазовор гузоранд. Пойтахти давлати навини тоҷикон ба макони нашъунамои сиёсатмадорони нав, қаҳрамонони меҳнат, олимони забардасти соҳаҳои табиатшиносию ҷомеашиносӣ, шаҳри дӯстию бародарии миллатҳои гуногун табдил ёфт.

Дар натиҷаи кӯшишу талошҳои назарраси бисёр ходимони давлативу сиёсӣ ва илмиву фарҳангии тоҷик, аз ҷумла, Нусратулло Махсум, Шириншо Шотемур, Абдураҳим Ҳоҷибоев, Чинор Имомов, Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Сотим Улугзода ва бисёр дигарон ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ ба маҷрои нави тараққиёт ворид шуд. Душанбе чун пойтахт ба маркази воқеии маъмурӣ, сиёсиву иқтисодӣ ва илму фарҳанги Тоҷикистон табдил ёфт.

❁ ❁ ❁

Қобили зикр аст, ки фарзандони содиқ ва огоҳи кишварҳои исломӣ, қабл аз ҳама Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ, Аҳмад Махдуми Дониш, аллома Муҳаммад Иқбол, Маҳмуди Тарзӣ, Садриддин Айнӣ ва даҳҳо дигарон ба манзури бедорӣ, огоҳӣ ва дурнамои нек талошҳо намудаанд.

❁ ❁ ❁

Ҳар гоҳе дар бораи арзишҳои миллӣ сухан меронем, бузургтарин сарвати бебаҳои халқи худ - забони модариамон - забони тоҷикиро бояд ҳамеша дар ёд дошта бошем. Забони зиндаи тоҷикии форсии дарӣ идомаи таърихии ҳамон забонест, ки бо он “Авасто”-ро навиштаанд, ҳамон забонест, ки “Худойнамак”-у “Таърихи мулуки Аҷам”-ро навиштаанд, ҳамон забонест, ки бо такомулу таҳаввулаш дар даврони ислом “Шоҳнома”-ву “Маснавии маънавӣ”-ро навиштаанд, ҳамон забонест, ки дар ҷомеаи Шӯравӣ ба ҳар навъе аз буҳрони фарҳангӣ худро ба саломат то истиқлолияти фарҳангиву сиёсӣ расонд ва ҳатто тавонист давоми сарнавишти соҳибашро бо қалами Айниву Турсунзода ва аллома Ғафуров бинависад.

❁ ❁ ❁

Бузургтарин рисолати модари тоҷик аз азал тарбияи фарзандони нобиғаву хирадманд, ватандӯсту ватанпараст, бонангу номус, далеру шуҷоъ, озодихоҳу адолатпарвар ва ҳунарманду созанда будааст.

Модари тоҷик фарзандони фарзонаеро мисли Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Умари Хайём, Носири Хусрав, Ҷалолуддини Балхӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Бедилу Сайидо, Аҳмади Дониш, Исмоили Сомонӣ, Балъамӣ, Низомулмулк, Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода ва ҳазорон мардони бошараф ва номбардори миллатро ба дунё овардааст, ки имрӯз ифтихори мо - тоҷикон мебошанд.

❁ ❁ ❁

Мо бояд як далели таърихиро фаромӯш насозем, ки ягон миллати дигари дунё мисли тоҷикон ба таъқибу фишорҳои нажодпарастона ва бузургманишиҳои миллӣ гирифтор нагардида ва аз ҳаводиси миллаткуши таърих ранҷ накашидааст.

Ҳатто дар гузаштаи начандон дур, ҳангоми таъсиси Ҷумҳурии Худмухтори Тоҷикистон доираҳои миллатгаро кӯшишҳои зиёде ба харҷ доданд, ки асолати фарҳангӣ ва ҳастии таърихии миллати тоҷикро инкор намоянд. Дар чунин даврони ҳассос ва тақдирсоз як гурӯҳ зиёиёни ватанпараст бо роҳбарии устод Айнӣ, Лоҳутӣ, Шириншоҳ Шоҳтемур, Нусратулло Махсум ва Абдуқодир Муҳиддинов дар саҳнаи пайкори муқаддаси миллӣ муборизаҳои ҷасурона бурданд.

❁ ❁ ❁

Хидмати ҷоннисорона ва миллатдӯстонае, ки устод Садриддин Айнӣ барои нигоҳ доштан ва ривоҷи забону адабиёт, таърихи фарҳангамон ва умуман тарбияи таърихнигорон, рӯзноманигорон, шоирону нависандагон ва арбобони давлати ҷавони тоҷик кардааст, қобили ҳама гуна қадршиносист. Бинобар ин, пешниҳод мекунам, ки аввалин мактаби олии маорифи кишвар, яъне Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи устод Садриддин Айнӣ номгузорӣ шавад.

❁ ❁ ❁

Дар лаҳзаҳои сарнавиштсози Ватан зиёиён бояд мавқеи сиёсии устуворро ишғол намоянд, аз калавандагию бетарафӣ ҳазар кунанд ва ифодагари ормонҳои миллати хеш бошанд. Дар ин маврид ба ёд овардани сухани миллатсози устод Айнӣ – «Намунаи адабиёти тоҷик» кофист, ки мисоли барҷастаи таъсир расондани адабиёт ба равандҳои сиёсӣ ва иҷтимоии замон мебошад.

❁ ❁ ❁

Фаромӯш набояд кард, ки замони шӯравӣ як давраи томи таърихи халқи мост ва сарфи назар аз ҳама шебу фарозҳо нодида гирифтани он дастовардҳо, ки дар он давра насиби халқи тоҷик шуданд, ғалати маҳз аст. Ҳаминро ёдовар шудан кофист, ки заминаи давлатдории миллии тоҷикон баъд аз ҳазор сол маҳз дар ҳамон давра ташаккул ёфта буд. Агар ба таърих назар афканем, пас хоҳем дид, ки он давра чи сон пурфоҷиа

будааст ва мухолифини ба вуҷуд омадани давлати миллии тоҷикон чи қадар фишорҳо овардаанд.

Маҳз дар ҳамин давра ҷунбиши миллие ба миён омад, ки бо номи Садриддин Айнӣ ва дигар фарзандони миллатдӯсти тоҷик алоқаманд аст, ки онро метавон ҳаракати шуубияи даврони шӯравӣ номид. Минбаъд байрақбардорони ин ҷунбиш Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Сотим Улугзода, Аловаддин Баҳоваддинов, Абдулғанӣ Мирзоев ва дигарон шуданд, ки ба раванди худшиносии миллӣ такони нав бахшиданд. Онҳо чун саромадони бузурги ҳаракати шуубия дар замони худ дар шароити нави таърихӣ барои маҳфуз доштан ва рушди фарҳанг ва суннатҳои миллӣ фидокорона талошҳо карданд.

Мақсади асосии ин ҳаракати бедорӣ ва созандагии миллӣ ҳифзи мавҷудияти миллат ва фарҳанги он баҳри оянда буд, ки ин мароме мақсад дар замони муосири ҷаҳонишавӣ аҳамияти махсус касб менамояд.

❁ ❁ ❁

Устод Айнӣ тимсоли зиёии пешқадаме мебошад, ки тамоми умр ва фаъолияти серҷабҳаашро сарфи хизмат ба миллати хеш кардааст. Баробари таъсис ёфтани Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯ бо тамоми ҳастиаш ба он пайваст ва барои рушди забону адабиёт, илму маориф ва фарҳанги халқи тоҷик хизмати беназир кард. Мирзо Турсунзода аз он айёми тақдирсоз ёдовар шуда, чунин нигоштааст:

*Худи устод машъал шуд, алав шуд,*
*Чароғи мардуми дунёи нав шуд.*

Ман рисолати зиёиёни имрӯзаро маҳз дар ҳамин мебинам: *чароғи мардуми Тоҷикистони соҳибистиқлол будан.* Бо назардошти чунин мақоми баланди зиёиён дар ҷомеа бори дигар метавон таъкид сохт, ки онҳо *воқеан хазинаи тиллоии миллат ва гули сари сабади ҷомеа мебошанд.*

❁ ❁ ❁

Адабиёт дар ҳақиқат ойинаи зиндагӣ аст ва шоирону нависандагони кишвар бояд ба муҳимтарин воқеаҳо ва рӯйдодҳои тақдирсози ҳаёти кишвар, бунёдкориву сохтмонҳои азими аср ва таҳаввулоту дигаргуниҳои зиндагии ҷомеаи мо ҳамовоз гашта, онҳоро дар асарҳои худ ҳақиқатнигорона тасвир намоянд. Ҳар як кишвари олам ҳамеша дар талоши он аст, ки бо қадамҳои устувор пеш равад ва рушд намояд. Имрӯз ҳаёт нишон медиҳад,

ки иҷрои ин мақсади наҷиб аз бисёр ҷиҳат ба рушди илм, мактабу маориф ва технологияи муосир вобаста аст. Зеро рушди илм ва мактабу маориф воситаи муҳимтарин ва тавонои болоравии тафаккур, донишу маърифат, ҷаҳонбинӣ ва бахра гирифтан аз ганҷинаҳои тамаддуни башарӣ ва илми замонавӣ мебошад. Ҳанӯз устод Садриддин Айнӣ бо дарки амиқи ин масъала мардумро ба савод ва дониш андӯхтан даъват мекард ва худ дар сафи аввали маорифпарварони замонаш қарор дошт. Устод бо рағбати зиёд китобҳои дарсӣ менавишт ва солҳои 1919-1920 дар саҳифаҳои матбуот як силсила мақолаҳо мунташир намуда, таваҷҷуҳи мардумро ҳарчи бештар ба мактабу маориф ҷалб месохт. Ӯ мактаб ва маорифро ҳаёту мамоти халқи тоҷик медонист ва бо далелҳо собит менамуд, ки *«қавми беилм имрӯз ё фардо маҳкуми завол»* мебошад. Устод Айнӣ ҳанӯз соли 1920 ба хотири пешрафти мардум, бедории тафаккури ҷомеа ва худшиносиву худогоҳии наслҳо навишта буд: *«Агар мо шараф хоҳем, агар мо номус хоҳем, агар мо иззату обрӯй хоҳем, агар мо ҳуқуқ хоҳем, ба ибораи кӯтоҳ – агар мо ҳаёт хоҳем, моро лозим аст, ки ҳарчи пештар ва бештар ба шоҳроҳи маориф қадам гузорем».*

❁ ❁ ❁

Маҳз давраи Сомониён буд, ки адабу фарҳанги ҷаҳоншумул ва забони ноби тоҷикии форсӣ чун дурри гаронбаҳо то имрӯз бар ҷабини таърих ва тамаддуни башарӣ медурахшад, чеҳраҳо ва ситораҳои дурахшонро тақдими ҷомеаи инсонӣ менамояд. Донишмандони тавоное чун устод Садриддин Айнӣ, Саид Нафисӣ, Бобоҷон Ғафуров ва Евгений Бертелс борҳо изҳор доштаанд, ки агар Сомониёни хирадпарвару фарҳангдӯст ба арсаи сиёсат ва давлат намеомаданд, имрӯз сарзамини тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон қаламрави нажоду забони аҷнабиён ба шумор мерафтанд ва адабу фарҳанги ҷаҳоншумули мо чун ғунча лаб во накарда, пажмурда мегашт ва ба боди хазон мерафт. Аз ин рӯ, метавон бо итминони комил гуфт, ки Сомониён илму фарҳанг, забон ва китобу назми тоҷикиро мақоми хосса бахшиданд ва ин омилҳо боиси ҳастии миллат ва пойдории он гардиданд.

❁ ❁ ❁

Агар мо нақши бузурги китобро дар ҳаёти сиёсӣ ва давлативу иҷтимоӣ равшантар донистан хоҳем, бояд бори дигар асари безаволи устод Садриддин Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро ба хотир оварем. Дар он давраи ҳассос ва қисматсоз (соли 1926) устод Айнӣ дар кӯтоҳтарин муд-

дат китоби «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро ба майдон овард, даъвоҳои ғаразноки нотавонбинонро фош сохт, ҳуқуқи маънавии халқи тоҷикро ба таърихи куҳан, ба забон ва адабиёти оламшумулаш исбот ва таъмин намуд.

❁ ❁ ❁

Ёдовар шудан кофист, ки тамаддуни мардуми ориёинажод, мероси маънавии аҷдоди фарҳангсозу фарҳангпарвари мо яке аз пояҳои тамаддуни ҷаҳонӣ маҳсуб мешавад. Мо бояд аз ин ифтихор кунем ва ҳамеша саъю талош намоем, ки пайравони сазовор ва ворисони арзандаи абармардони миллатамон бошем ва чароғи илму маърифатро ҳамеша фурӯзон нигоҳ дорем. Маҳз бо ҳамин мақсад мо бузургдошти шахсиятҳои муътабари таърихӣ, чеҳраҳои барҷастаи сиёсӣ, илму адаб ва фарҳангу маърифат, аз ҷумла, Исмоили Сомонӣ, Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Имоми Аъзам, Носири Хусрав, Ҷалолуддини Балхӣ, Камоли Хуҷандӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Садриддин Айнӣ, Шириншоҳ Шотемур, Нусратулло Махсум, Бобоҷон Ғафуров ва Мирзо Турсунзодаро, ки дар давраҳои гуногун дар ташаккули тамаддун ва давлатсозии мо саҳми арзишманд гузоштаанд, бо шукӯҳи хосса ва муҳтавои тоза таҷлил намудем.

❁ ❁ ❁

Дар робита ба нақшу мавқеи матбуот яке аз аввалин рӯзноманигорон ва саромадони матбуоти тоҷик устод Садриддин Айнӣ ҳанӯз дар ибтидои асри гузашта чунин гуфта буд: *«Рӯзномаи ҳар қавму миллат забони эшон аст ва ҳар қавму миллате, ки рӯзнома надорад, гӯё забон надорад».* Бо назардошти ин рисолати матбуот аҳли қаламӣ тоҷик 11-уми марти соли 1912 нахустин рӯзномаи тоҷикиро бо номи «Бухорои Шариф» чоп карданд, ки яке аз рӯйдодҳои муҳими фарҳангиву таърихии мардуми мо дар сад соли гузашта маҳсуб мешавад.

❁ ❁ ❁

Барои ба вуҷуд омадани нахустин рӯзномаи тоҷикӣ фарзандони равшанзамиру маърифатпарвари миллат, ки бо фаъолияти муассири ҷамъиятиву сиёсӣ ва фарҳангии худ дар он замон эътибори баланд доштанд, саҳм гирифтанд. Вақте ки ба таърихи матбуотамон назар меафканем, қабл аз ҳама хизматҳои бузурги Қаҳрамони Тоҷикистон устод Садриддин Айниро ба ёд меорем, ки ба хотири гузоштани асосҳои давлати мустақили

мо анҷом додааст. Маҳз устод Айнӣ бо мақолаҳои ватандӯстонаву маорифпарварона ва сухани миллатсози худ ба бедории мардуми тоҷикистони ҷиддӣ бахшидааст. Дар як мақолааш устод Айнӣ таъкид намудааст: *«Ҳар одаме, ки дуруст фикр мекунад, медонад, ки Ватан модари ӯст, Ватан хеш ва табори ӯст, Ватан шараф ва номуси ӯст, Ватан ҳама чизи ӯ ва ҳаёти ӯст! Ба ин сабаб ҳар фарзанди одам, ки сифати инсонии худро гум накардааст, Ватани худро мисли модари худ, ҳатто аз вай ҳам зиёдтар дӯст медорад, ӯро ҳимоят ва мудофиа мекунад».* Ин суханони воқеан пурарзиш ва ин панди устод барои ҳамаи мо ва хусусан барои аҳли қалам ва рӯзноманигорон сабақи бузург ва чароги роҳнамо дар фаъолияти ҳаррӯзаамон бояд бошанд.

❁ ❁ ❁

Имрӯз зарурате ба миён омадааст, ки барои ҳавасмандгардонӣ ва қадр кардани заҳмати дарвоқеъ душвори рӯзноманигорон як силсила тадбирҳои судманд амалӣ карда шаванд. Масалан, таъсис додани Ҷоизаи давлатии ба номи Садриддин Айнӣ барои хизматҳои арзандаву шоён дар соҳаи воситаҳои ахбори оммаи чопӣ ва электронӣ метавонад аз қабили ҳамин гуна тадбирҳо бошад. Ин ҷоиза бояд ба рӯзноманигороне супорида шавад, ки фаъолияти онҳо ба таҳкими давлатдорӣ, ваҳдати миллӣ, рушди иқтисодии давлат ва пешрафти маънавии ҷомеа, густариши арзишҳои миллӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ ва фарҳангии шаҳрвандон мусоидат менамояд.

Фикр мекунам, ки ин тадбир минбаъд обрӯи воситаҳои ахбори омма, эътибори сухан ва суханвар, масъулияти ӯро дар назди халқу Ватани азизи мо боз ҳам баланд мебардорад.

❁ ❁ ❁

Дар фарҷом мехоҳам боз аз як мақолаи устод Садриддин Айнӣ ёдовар шавам. Ин мақола чунин ном дорад: *«Кори Тоҷикистон гул кардानист!».* Дар пайравии устод ман гуфтанӣ ҳастам: *-Бале, кори Тоҷикистон гул карданист,ояндаи Тоҷикистони соҳибистиқлол дурахшон аст!* Мо ҳатман ба ҳадафҳои милливу стратегии худ баҳри рушду тараққиёти тамоми соҳаҳои кишвар ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардумамон ноил хоҳем шуд.

## *Нусратулло МАХСУМ*

# ҶОНФИДОИ МИЛЛАТ



Бояд хотирнишон кард, ки водии Рашт мисли дигар гӯшаву канори Тоҷикистон дорои таърихи дуру дароз мебошад. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ҳанӯз дар охири ҳазораи якуми пеш аз мелод як шохаи Роҳи бузурги абрешим аз водиҳои Олой ва Рашт гузашта, тавассути Ҳисору Хатлон, Балху Эрону Ироқ ба соҳилҳои Баҳри Миёназамин мерасид ва ин шоҳроҳ Шарқу Ғарбро ба ҳам мепайваст. Муаррихон ҳамчунин собит намудаанд, ки дар асри ҳафтуми мелодӣ дар қаламрави минтақаҳои Рашту Хатлон ва Ҳисору Бадахшон алифбову хат ва адабиёту фарҳанг васеъ ривоҷ доштааст. Ва ба шарофати кӯшишҳои гузаштагонамон, ки дар тӯли садсолаҳо ба харҷ додаанд, забону фарҳанг ва ҳувийяти миллии мо - тоҷикон то имрӯз пойдору устувор монд. Бо вуҷуди мушкилоти рӯзгор, ҳуҷуму харобкориҳо ва таъсиру фишори аҷнабиён гузаштагонамон ин арзишҳои волои миллиро аз умқи ҳазорсолаҳо ба ояндагони худ ҳамчун ганҷи бебаҳо ба мерос гузоштаанд.

Дар густариши забон, адабиёт ва фарҳанги тоҷикӣ фарзандони фарзонаи водии пурсаховати Рашт низ саҳми шоиста доранд. Мероси гаронбаҳои намояндагони доираи адабии Рашт - Мавлавӣ Қасимӣ, Мавлавӣ Шоҳидии Раштӣ, Мавлоно Ҷомии Сонӣ, Абдураҳими Ғармӣ, Хазонӣ, Ҳаҷрӣ, Насимӣ, Валеӣ, Гулханӣ, Шайх Абдулҳай ва дигарон аз талқини ғояҳои башардӯстӣ, омӯзиши илму дониш ва ташвиқи хислатҳои ҳамидаи инсонӣ иборатанд. Ду нафар шоири тавонои асрҳои XV-XVI Мавлавӣ Қасимӣ ва Шоҳидии Раштӣ ҳатто ба «Маснавӣ»-и бузургтарин чеҳраи адабиву ирфонии адабиёти тоҷику форс, ситоишгари ваҳдати миёни халқҳову мазҳабҳо, фарзанди халқи тоҷик Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ҷавоб навиштаанд, ки дар таърихи ҳавзаҳои адабии он давра камназиранд.

Таҷрибаи арзишманди таърихии мубориза барои озодӣ ва истиқлол дар асри XX - дар даврони ниҳоят мураккаби сарнавишти миллати тоҷик

аҳамияти фавқулодат ва ҳаётӣ дошт. Тавре ки таърих собит месозад, дар охири асри XIX ва оғози асри XX миллати тоҷик бинобар омилҳои зиёд дар марҳалаи ниҳоят ҳассос ва хатарноки таърихи хеш қарор дошт. Асолат ва ҳатто бақои таърихии ӯ тахти хатари бевосита қарор гирифта буд. Доираҳо ва гурӯҳҳои манфиатдор на фақат асолат ва ҳастии таърихи тоҷиконро аз ҷиҳати идеявӣ ва сиёсӣ бадқасдона инкор мекарданд, балки бо ҳамдастӣ ва мусоидати фаъоли як тоифа фарзандони нохалафи халқи мо мекӯшиданд, ки миллати тоҷик ҳамчун миллати асил ва соҳибватан асири фаромӯшхонаи таърих гардад.

Дар чунин даврони тақдирсоз устод Садриддин Айнӣ вориди саҳнаи пайкори муқаддаси миллӣ шуд. Мубориза ҷасурона ва фаъолияти хирадмандонаи фарҳангиву маънавӣ, идеявӣ, адабӣ ва сиёсиву иҷтимоии ӯ дар асл корномаи бузурги миллӣ ва саҳми шоиста дар таъмини истиқлоли Ватан дар оянда буд. Бесабаб нест, ки устод Садриддин Айнӣ нахустин "Қаҳрамони Тоҷикистон"-и соҳибистиқлол гардид.

Дар кори муқаддаси таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои таърихии тоҷикон ҳамчунин Абулқосим Лоҳутӣ ва боз як гурӯҳ зиёиёни ватанпараст саҳми арзандае доранд. Бояд махсус зикр кард, ки бо вуҷуди мушкилот ва монеаҳои зиёд гурӯҳи нисбатан хурди шахсиятҳои сиёсӣ ташаккул ёфт, ки ба хотири таъмини манфиатҳои тоҷикону Тоҷикистон талоши фаъолона дошт: намояндагони маъруфи ин гурӯҳ Шириншо Шотемур ва Нусратулло Махсум буданд. Талоши пайгиронаву ватандӯстонаи ҳамаи онҳо ба таъсиси Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон мусоидати фаъол намуд, ки дар сарнавишти таърихии кишвари мо воқеаи хеле муҳим мебошад.

Дар натиҷаи кӯшишу талошҳои назарраси бисёр ходимони давлативу сиёсӣ ва илмиву фарҳангии тоҷик, аз ҷумла Нусратулло Махсум, Шириншо Шотемур, Абдуқодир Муҳиддинов, Абдураҳим Ҳоҷибоев, Чинор Имомов, Яҳё Афзалӣ, Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода ва бисёр дигарон ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ ба маҷрои нави тараққиёт ворид шуд. Душанбе чун пойтахт ба маркази воқеии маъмурӣ, сиёсиву иқтисодӣ ва илму фарҳанги Тоҷикистон табдил ёфт.

Мо - наслҳои имрӯза кӯшишу талошҳои фарзандони бонангу номуси миллати тоҷик, аз ҷумла, яке аз симоҳои барҷастаи сиёсиву давлатии ибтидои асри гузашта Нусратулло Махсумро, ки зодаи Рашти бостонӣ буда, дар қатори нахустин роҳбарони мамлакатамон барои ҳамчун ҷумҳурӣ ташаккул ёфтани Тоҷикистон хизматҳои арзанда кардааст, ба таври шоис-

та қадршиносӣ мекунем. Зеро барои бақову ҳастии миллат, эҳёи давлат, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, озодиву адолат ва ҳақиқати таърихии халқи тоҷик хизмати Нусратулло Махсум низ басо назаррас аст.

Дар вазъияти ниҳоят ҳассосу мушкил дар сафи аввалин фарзандони сарсупурдаи халқи тоҷик ба мубориза бархостани Нусратулло Махсум нишонаи ватандӯсту ватанпарасти асил будани ӯ мебошад. Кӯшишу талошҳои ӯ пеш аз ҳама дар ташаккули Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян гардидани марзу буми имрӯзаи он ва шинохти миллати тоҷик беназир аст. Зеро дар он солҳои ҳассосу тақдирсоз бадхоҳони миллати тоҷик намехостанд, ки халқи мо соҳиби ҷумҳурии худ гардад. Аз ин рӯ, Нусратулло Махсум ба ҳайси яке аз роҳбарони ҷумҳурӣ бо ҷасорати фавқулодат ва шуҷоати сиёсӣ барои тақсимоти одилонаи ҳудудӣ, муайян намудани шахсияти миллии мардуми тоҷик мубориза бурда, кӯшиш намуда буд, ки тоҷикон ҳамчун яке аз қадимтарин халқҳои Осиёи Марказӣ ва дорои таъриху фарҳанги чандинҳазорсола эътироф ва шинохта шаванд. Хидмат ва кӯшишу ҷонбозиҳои ҳамин гуна фарзандони бонангу номус ва ватандӯсту ватанпарасти миллати тоҷик буд, ки имрӯз давлати мо соҳибистиқлол гаштааст. Дар таърихи худшиносии миллати тоҷик номи чунин фарзандони барӯманд бо ҳарфҳои зарин навишта шуда, дар хотири мардум абадӣ хоҳад монд.

Дар солҳои дар вазифаи Раиси Кумитаи Иҷроияи Марказии ҷумҳурӣ фаъолият намудани Нусратулло Махсум дар Тоҷикистон он қадар корҳои бунёдкориву созандагӣ вусъат ёфта буданд, ки халқи мо садсолаҳои пешин чунин дигаргунсозиҳоро надида буд. Пеш аз ҳама таъсиси сохторҳои нави идоракунӣ, рушди тамоми соҳаҳо, бунёди роҳҳо, баланд бардоштани сатҳи маърифати мардум, созмон додани мактабҳову курсҳои гуногуни касбомӯзӣ, ҷалби занон ба корҳои давлатӣ ва дигар тадбирҳои муассир амалӣ гаштанд. Бо номи ин фарзанди содиқи миллат як давраи томи таърихи халқи тоҷик, як марҳалаи ҳассосу сарнавиштсоз ва бунёдкориҳои азими кишварамон иртиботи қавӣ дорад.

Нусратулло Махсум ба маънои томаш ҷонфидои миллати тоҷик буд. Ба подоши хизматҳои шоиста ва талошҳои худ баҳри эҳёи давлатдории тоҷикон қурбони беадолатиҳои шовинистиву бадхоҳони халқи тоҷик гардид. Мутаассифона, бадхоҳони халқи тоҷик бо дасисаву туҳмат Нусратулло Махсумро ҷисман аз байн бурданд ва ин фоҷиа баъди даҳсолаҳо бори дигар такрор гардид: дар солҳои муқовимати мусаллаҳона муҷассамаи ӯ дар зодгоҳаш нобуд карда шуд.

Ман имони комил дорам, ки агар Нусратулло Махсум, Мунаввар Шогадоев, Маҳмадулло Холов барин фарзандони бунёдкор ва фидоии

миллат барҳаёт мебуданд, фоҷиаи ҷанги шаҳрвандӣ ба сари халқи мо намеомад.

Бо мақсади барқарор намудани ҳақиқати таърихӣ мо имрӯз хизматҳо ва ҷоннисориҳои ин фарзанди вафодор ва мубориз ватанпарасти халқи тоҷикро баланд қадр менамоем. Бо қадршиносии ӯ мо номи ӯро на танҳо абадӣ мегардонем, балки наслҳои имрӯзу ояндаи миллатро ба он ҳидоят месозем, ки онҳо пайрави чунин мардони ватанпарасти асили халқи худ гашта, бо эҳсоси амиқи худшиносии миллӣ барои ободиву шукуфоии Ватани азизамон кӯшиш намоянд.

Мо имрӯз ба хотири абадӣ гардонидани номи неки Нусратулло Махсум муҷассамаи ӯро аз нав барқарор кардем. Бигузор, номи нек ва кору пайкори мардонаи ӯ, ки танҳо ба манфиати миллати тоҷик ва давлати тоҷикон буд, барои наслҳои имрӯзу фардои Ватани азизамон сабақи зиндагӣ ва корномаи ӯ дар рушди давлату миллатамон ва барои дар арсаи байналмилалӣ баланд бардоштани мавқеи Тоҷикистон намунаи ибрат бошад.

Хотираи неки фарзанди содиқи халқи тоҷик Нусратулло Махсум ва дигар арбобони барҷастаи давлатӣ, аз ҷумла Мунаввар Шогадоев, Тоҷиддин Исоев, Боқӣ Раҳимзода, Мирзо Раҳматов, Маҳмадулло Холов, Мунавваршо Назриев на танҳо барои сокинони водии Рашт, балки барои тамоми мардуми тоҷик азиз аст. Зеро онҳо ба хотири пешрафти давлату миллати тоҷик содиқона хизмат кардаанд ва номашон ҳеҷ гоҳ аз ёди халқ нахоҳад рафт.

Дар шароити кунунии кишварамон бояд ҳар як фарди бонангу номус мисли мардони фидокоре, ки номи некашон зикр шуд, манфиати Ватан, давлат ва миллати худро аз ҳама боло гузошта, баҳри рушду ободии Тоҷикистони азиз саъю талош намояд, то наслҳои оянда бо кору номи неки имрӯзиён ифтихор намоянд. Ватан дар баробари модар муқаддасоти воло буда, дар сарнавишти инсон нақши ҳалкунанда дорад. Бе Ватан инсон бесарнавишт ва беқурбу манзалат аст. Бесабаб нест, ки арзишҳои волои ватандорӣ ҳанӯз аз даврони ориёиҳо зуҳур карда, дар китобҳои «Маҳабҳарата» ва «Авесто» тавсифу ситоиш шудаанд. Арзишҳои ватанпарастиву миллӣ дар замони давлатдории Сомониён дурахшу ҷилои тоза пайдо намуда, рушду такомул ёфтаанд.

Агар ҳазор сол пеш давлати бузурги Сомониён бинобар зиддиятҳои дохилӣ ва мансабталошиву тахту тоҷхоҳии бародарони ҳамхун завол ёфта бошад, пас ҳамин иштибоҳи фоҷиабор соли 1992, дар огози роҳи давлати тозаистиқлоли мо - тоҷикон бори дигар такрор шуд. Вале хушбахтона,

маҳз ба шарофати хиради азалии халқ, ҳисси ватандӯстиву ватанпарварӣ ва ифтихори миллии фарзандони бонангу номуси Ватанамон мухолифати мусаллаҳона сари вақт бартараф ва бақои давлату ваҳдати миллат таъмин карда шуд.

Илова бар ин, мо бояд ҳамеша дар ёд дошта бошем, ки Ватан танҳо марзу бум ва ҳудуди муайяни ҷуғрофӣ нест. Ватан пайванди ногусастании наслҳои дирӯзу имрӯзу фардо, муҳофизати истиқлолият ва дастовардҳои он, пос доштани хотираи неки аҷдодон, ҳифз ва гиромидошти мероси таърихиву фарҳангӣ ва саъю талоши доимӣ ба хотири пешрафти давлату миллат ва шукуфоии Ватани аҷдодӣ аст. Тамоми ҳадафҳои мо вобаста ба ободии Ватан танҳо дар сурати ваҳдати воқеӣ ва сулҳу суботи устувор амалӣ мегарданд.

Пайғамбари ислом ҳазрати Муҳаммад (с) низ дар ҳадисҳои худ фармудааст: *«Талаби илм барои ҳар мусулмон ва зани мусулмон фарз аст»*, ё худ *«Ҳар кӣ илм талаб намояд, Худо ризқашро кафолат кунад»*. Расули Худо ҳамчунин гуфтааст, ки *«Аз гаҳвора то гӯр илм биомӯз»*. Аз ин рӯ, мо бояд ҷавононро бештар ба донишандӯзиву ҳунаромӯзӣ ҳидоят намоем. Зеро онҳо танҳо бо роҳи омӯхтани илм, азхуд кардани ихтисос дар ҷомеа мавқеи сазовори худро ёфта, бо ҳисси баланди ватанпарастӣ, дарки масъулияти шаҳрвандӣ давлати соҳибистиқлол ва миллати куҳанбунёди хешро соҳибӣ ва идора карда метавонанд.

Мо ифтихор дорем, ки тоҷикон яке аз миллатҳои қадимтарини дунё буда, анъанаву суннатҳои таърихамон аз тамаддуни бузурги ориёӣ сарчашма мегиранд. Гузаштагони ориёии мо дар ташаккули яке аз аввалин тамаддунҳои башарӣ бевосита саҳм гузошта, ҳамеша ғояҳои инсондӯстиву созандагиро талқин намудаанд. Аҷдодони мо аз қадим таҳти шиори башардӯстонаи *«пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек»* ҳаёт ба сар бурда, дар таърихи тӯлонии худ ҳеҷ гоҳ даъвои бартарият аз дигар халқу миллатҳоро накардаанд. Дар шароити ҷаҳонишавии проблемаҳо, аз ҷумла, таҳдиди хатарҳои терроризм, экстремизм, паҳншавии маводи мухаддир, ҷиноятҳои трансмиллӣ ва хавфи бархӯрди тамаддунҳо мо мероси таърихиву фарҳангии миллатамонро мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор дода, ба мардуми худ беш аз пеш ғояҳои инсондӯстии ниёгонамон ва арзишҳои пурқимати башариро талқин менамоем.

Ҳамзамон бо ин, ба дини ислом чун бузургтарин арзиши фарҳангиву ахлоқии халқи худ арҷгузорӣ намуда, ҳар гуна кӯшишҳои истифодаҷӯӣ ва даъвоҳои беасосро нисбат ба он маҳкум мекунем. Борҳо таъкид кардаем, ки дини мубини ислом дар зоти худ айбе надорад. Баръакс пайравони

худро ҳамеша ба парҳезгорӣ аз амалҳои номатлубу зиддиинсонӣ ҳидоят карда, сулҳпарвариро рисолати бузурги имонии ҳар як мусулмон мешуморад. Аз ин рӯ, онро бо экстремизм ва терроризм айният додан ва ё ин падидаҳои нангинро бо номи поки ислом пайванд додан галати маҳз аст.

Аслан террроризм ва экстремизм пайравӣ ба ақидаву амалиёти ифротгароёнаву оштинопазир аст, ки моҳиятан хусусияти сиёсӣ ва динӣ доранд. Экстремизми сиёсӣ ва динӣ кӯшиши гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ, мазҳабӣ ва шахсиятҳои ҷудогона барои ба даст овардани ҳокимият ва иҷрои барномаҳои сиёсии худ буда, ҳадаф ва оқибати он бар зидди манфиатҳои аҳли ҷомеа аст. Маъмулан ин гуна кӯшишҳои хатарнок муқовимат ва зӯровариро ба миён оварда, суботи ҷомеаро халалдор месозанд. Дар ин замина шаклҳои муборизаи оштинопазир ва интиқомҷӯёнаи экстремизм падид меоянд, ки онҳо дар симои терроризм зоҳир мегарданд. Аз ин рӯ, мо тамоми шаклҳои зуҳури экстремизм ва терроризмро маҳкум намуда, пешгирӣ ва мубориза бар зидди онҳоро яке аз вазифаҳои асосии ҷомеаи худ меҳисобем.

Тараққиёту таҳаввулоти босуръати ҷаҳони муосир аз мо тақозо менамояд, ки Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун як давлати демокративу ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ободу босубот муаррифӣ намоем. Мусолиҳаи миллии мо дар таърихи навини миллати куҳанбунёдамон дастоварди бузург ва беназир аст. Аз ин рӯ, ҳар фарде, ки худро фарзанди Тоҷикистон медонад ва қадру манзалати Тоҷикистонро азиз мешуморад, бояд ба ин дастовард ҳамеша эҳтиром гузорад ва таҳкими ваҳдати миллиро рисолати шаҳрвандиву қарзи фарзандӣ дониста, ба халалдор гардидани он ҳаргиз роҳ надиҳад. Ваҳдати миллӣ на танҳо асоси оромиву осудагии халқ, балки кафолати инкишофи давлат ва рушди ҳамаҷонибаи ҷомеа мебошад.

Барои ин бояд ҳар як шахси ватанпарвару сулҳхоҳ дар замири худ эҳсоси наҷиби ваҳдатро парвариш ва барои таҳкими он ҳамчун арзиши нодир ва азизи миллӣ кӯшишу талош намояд. Бигузор ваҳдати тоҷикон, ки имрӯз таҳкиму тақвият ёфтааст, пойдору устувор ва ҷовидонӣ бошад! Бигузор сарзамини Тоҷикистон, ки воқеан биҳишти рӯйи заминро мемонад, сарзамини сулҳу суботи абадӣ бошад!

Бигузор Тоҷикистон, ки Ватан ва умедгоҳи тамоми тоҷикони дунёст, дар қатори кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон мавқеъ ва мақоми шоиставу арзанда пайдо намояд!

## *Шириншо ШОТЕМУР*

# ТУЛӮИ ОФТОБИ ЗИЁБАХШ



Яке аз муборизони ҷонфидо ва поягузорони давлати миллии тоҷикон, Қаҳрамони Тоҷикистон Шириншо Шотемур аз ҷумлаи сиёсатмадорон ва ходимони барҷастаи давлатие буд, ки дар ибтидои асри XX рисолати таърихии хешро дар назди миллат ва тақдири ояндаи он дарк намуда, тамоми қуввату дониш ва нерӯи маънавиашро барои поягузорӣ ва бунёди давлати миллии тоҷикон равона сохтааст. Ӯ аз рӯзгори пуртазоду пурихтилоф сабақ андӯхта, ҳамчун шахси матиниродаву донишманд, инсони оқилу дурандеш, сиёсатмадори барҷаставу ташкилотчии моҳир ба камол расидааст.

Баррасии аснод ва маъхазҳои мавҷуда нишон медиҳад, ки дар он марҳалаи басо тақдирсози таърихӣ зимомдорони давр ва як зумра шахсони ғаразнок бо ҳамдастии баъзе афроди ноогоҳ ва шахсиятҳои бегонапараст адолати таърихиро поймол намуда, мехостанд дар масоили шинохти миллият ва шумораи аҳолӣ манфиатҳои миллӣ ва иҷтимоиву иқтисодии тоҷиконро пушти по зананд. Ҳадафи ин сиёсати шовинистӣ аслан тахрибу маҳвсозии асолати миллӣ, инкори ҳастии миллати тоҷик ва давлатдории тоҷикон буд. Вале як қатор фарзандони огоҳу бедордили миллат, аз қабили Садриддин Айнӣ, Абулқосими Лоҳутӣ, Саидризо Ализода, Аббос Алиев, инчунин сарварони сиёсии равшанфикру ватандӯст – Нусратулло Махсум, Шириншо Шотемур, Абдураҳим Ҳоҷибоев, Абдуқодир Муҳиддинов, Чинор Имомов, Нисор Муҳаммад ва дигарон дар чунин даврони печидаву сангин ба пуштибонии миллат ва ҳифзи манфиатҳои он бархостанд. Ин шахсони ватандӯсту дурандеш, ки зимоми роҳбариро дар он замон бар дӯш доштанд, бар зидди ҳама

гуна равияҳои зиёновари миллатгароиву ҷудоиандозӣ мардонавор мубориза мебурданд ва силсилаи иқдомоти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиро барои таҳкими арзишҳои милливу суннатии тоҷикон ва бунёди давлату давлатдории мардуми худ амалӣ мекарданд. Дар байни чунин мардони мубориз Шириншо Шотемур низ дар он давроии ниҳоят ҳассосу пурихтилоф ба хотири ташкили зиндагии нави халқи тоҷик фидокорона заҳмат мекашид ва яке аз фаъолони дигаргунсозии ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодиву фарҳангии ҷумҳурии навтаъсиси Тоҷикистон ба шумор мерафт. Барпо намудани сохти нави иҷтимоӣ дар он солҳо дар Осиёи Марказӣ бо душворӣ сурат мегирифт. Зеро аз як тараф муҳорибаҳои шадид дар байни қувваҳои гуногун ба рушди ҳаёти нав монеаи ҷиддӣ эҷод карда, аз сӯи дигар қаҳтиву гуруснагӣ ва ҳисси нобоварӣ нисбат ба сохти нави иҷтимоӣ торафт қувват мегирифт.Таҳти таъсири ҷараёнҳои тундрави замона на танҳо пешбарандагони ғояҳои шовинистӣ, балки баъзе намояндагони зиёиёни бегонапарасти халқи тоҷик низ фаъолият мебурданд ва мехостанд мавҷудияти миллати қадимтарини хешро зери шубҳа гузоранд. Дар чунин даврони душвору пуртазод ва мубориза̄ҳои шадиду хатарноки сиёсӣ Шириншо Шотемур, Нусратулло Махсум, Чинор Имомов, Абдулқодир Муҳиддинов, Абдураҳим Ҳоҷибоев, Нисор Муҳаммад ва ҳамфикрони онҳо ба хотири дифоъ аз манфиатҳои мардуми тоҷик як силсила иқдомоти ҷавонмардонаро амалӣ карданд. Бузургии ин мардони майдони сиёсат аз он иборат буд, ки онҳо бо ҷасорат тавонистанд дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ аз имкониятҳои марҳалаи аввали таҳкими давлати Шӯравӣ ба фоидаи миллати худ истифода баранд. Дар ин росто бояд гуфт, ки муборизаи тоҷикон барои эҳёи давлату давлатдории худ дар он айём моҳиятан набарди адолатхоҳонаи сиёсӣ буд. Ҳамчунин дар хотир бояд дошт, ки дар он замон муқовимат кардан бо роҳбарони манфиатпарасту гурӯҳҳои миллатгаро хеле душвор буд.

Шириншо Шотемур ва ҳамсафони ӯ дар ҷараёни фаъолияти хеле кӯтоҳашон тавонистанд заминаи асосии ташаккули ҳаёти навро гузошта, ҳуқуқи таърихии тоҷиконро барои таъсиси давлати миллӣ ҳимоя намоянд. Дар ин давра як раванди пуршиддати тоҷикбадбинӣ шурӯъ гардида, доираҳои муайян ба ҳар васила мехостанд фаъолияти мактабу таълимгоҳҳоро ба забони тоҷикӣ маҳдуд созанд, нашри рӯзномаву маҷаллаҳо ва китобҳои дарсиро бо ин забон боздоранд.

Дар чунин вазъи душвору ногувори ҳаёти мардуми тоҷик Шириншо Шотемур бо номаи муфассали худ таҳти унвони «Дар бораи аҳволи маданӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии тоҷикон» ба унвони роҳбарияти ҳамонвақтаи Шӯравӣ муроҷиат менамояд. Ҳарчанд ки ин иқдоми ватанхоҳона дар оғоз беҷавоб монд, вале баъдан аз ҷониби Бюрои Осиёимиёнагии ҳизби болшевикон фикру андешаҳои асосноки дар мактуби Шириншо Шотемур баёншуда маъқул дониста шуданд. Дар он замони мураккабу душвор, ки ҷараёнҳои мухталифи сиёсии миллатгаро дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёт қувват гирифта буданд, ба таври ошкоро ва боҷуръатона барои ҳимояи манфиатҳои халқи тоҷик садо баланд кардан аз ҷониби Шириншо Шотемур худ қаҳрамонӣ буд.

Ӯ ҳамчун роҳбари дурандеш асли инкишофи самтҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ ва муносибати байни қавму миллатҳоро дар арҷгузорӣ ва эҳтироми фарҳангу анъана ва урфу одати халқҳои маскуни минтақа, инчунин таҳкими дӯстии байни онҳо меҳисобид. Баъди таъин гардиданаш ба вазифаҳои гуногуни ҳизбиву давлатӣ Шириншо Шотемур гояи дӯстии халқҳо ва ҳамаҷониба мустаҳкам намудани онро асоси фаъолияти роҳбарии худ қарор дод. Ин шахсияти далеру равшанзамир ҳамчун ходими намоёни сиёсӣ ва давлатӣ дар кадом сатҳе, ки фаъолият мебурд, ба кадом вазифае таъин ё интихоб мешуд, бо ҷиддияти том барои ҳалли масоили мавҷудаи ҳаётӣ ва ташкили давлати мустақили тоҷикон ҳамаҷониба кӯшиш менамуд. Маҳорати баланди ташкилотчигии ӯ ҳангоми адои вазифаҳои душвор дар ҷорӣ намудани арзишҳои нави ҳаёти иҷтимоӣ, барҳам додани бесаводии омма, наҷот додани аҳолӣ аз гуруснагӣ, тарбияи кадрҳои ҷавон, рушди заминаҳои фарҳанги миллӣ, таҳкими мақому манзалати зан дар ҷомеа, бунёди сохторҳои маориф, рушди хизматрасонии тиббӣ ва монанди инҳо бараъло зоҳир мегардид. Фаъолияти фидокоронаи Шириншо Шотемур ва ҳамсафонаш бо эълон гардидани Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон вусъати тоза ёфта, барои ба ҷумҳурии иттифоқӣ табдил додани Тоҷикистон равона гардида буд. Дар он солҳои душвор барои дар Душанбе ҷойгир сохтани муассисаҳои давлатӣ корҳои зиёде ба сомон расонида шуданд. Танҳо бо талошу заҳматҳои халқи меҳнатқарини тоҷик ва фарзандони фидокору фарзонаи миллат пойтахти навини Тоҷикистон шаҳри Душанбе марҳала ба марҳала обод гардид.

Шириншо Шотемур ҳамчун арбоби сиёсӣ хуб дарк менамуд, ки бе пуштибониву дастгирии аҳли зиё ва неруҳои маънавию зеҳнӣ, ҳам-

чунин бе интишори рӯзномаву маҷаллаҳо ба забони тоҷикӣ маънӣ ва моҳияти сохти нави иҷтимоиро ба мардуми тоҷик пурра фаҳмонидан аз имкон берун аст. Ӯ дар баробари поягузорони матбуоти тоҷик - устод Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Саидризо Ализода, Аббос Алиев, Нисор Муҳаммад ва дигарон дар масъалаи таъсис ва нашри рӯзномаҳои «Овози тоҷик», «Деҳқони камбағал», «Раҳбари дониш», «Барои адабиёти сотсиалистӣ», «Шуълаи инқилоб», инчунин дар нашри китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» саҳми арзанда гузоштааст.

Фаъолияти пурсамари ӯ дар ин самт баъди таъин гардиданаш ба мансаби Раиси Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҷумҳурии Шӯравии Тоҷикистон дучанд меафзояд. Шириншо Шотемур дар ҳалли мушкилоти умдаи ҳаёти мардуми мамлакат ва баланд бардоштани обрӯю эътибори ҷумҳурӣ кӯшишҳои зиёде ба харҷ медод.

Фарҳанги баланди сиёсӣ, донишу таҷрибаи хуби кордонӣ ва муносибати самимонаи инсонии ӯ барои ҳамкасбону ҳаммаслаконаш намунаи ибрат буд. Ӯ ҳамчун роҳбари покзамиру ватанпарвар ба хубӣ дарк мекард, ки рушди босуботу ҳамаҷонибаи мамлакатро бе тарбияи кадрҳои болаёқату босаводи миллӣ тасаввур кардан амри муҳол аст. Бо сарварии ӯ нақшаҳои муҳими интихоб ва тарбияи кадрҳои миллӣ таҳия шуда, барои амалӣ гардидани онҳо таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир мегардид. Дар солҳои 1931 – 1932 барои тайёр кардани кадрҳои омӯзгорӣ дар шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд донишгоҳҳои муаллимтайёркунӣ ва баъдан Донишгоҳи кишоварзӣ таъсис ёфтанд, ки то имрӯз фаъолият доранд.

Саҳми Шириншо Шотемур дар гиромидошт ва тарғибу ташвиқи ному мероси нобиғаҳои дурахшони фарҳанги мардуми мо – шоирону олимони забардасти миллат низ сазовори ёдоварист. Бо вуҷуди маҳдудияту мушкилоти замон ӯ дар паҳлӯи Садриддин Айнӣ ва Лоҳутӣ истода, соли 1934 ҷашни 1000-солагии бузургдошти шоири оламшумули тоҷику форс Абулқосим Фирдавсиро баргузор менамояд. Ҳадафи асосии ин ҷашн, пеш аз ҳама, тарғиби ғояҳои волои худшиносиву ҳувийяти миллӣ, ватандӯстиву ватанпарварӣ ва қаҳрамониҳои бемислу монанди ниёгони сарбаланди мо дар масири таърихи чандҳазорсолаашон буд, ки дар он рӯзҳо ҳамчун мактаби бузурги қадршиносӣ ва арҷгузорӣ ба миллати фарҳангии тоҷик хизмат намуд.

Шириншо Шотемур ба ҳайси раиси комиссияи таҳия ва қабули Конститутсия ва Нишони давлатӣ дар саргаҳи ташаккули қонун-

гузории ҷумҳурӣ қарор дошта, дар эҷоди Қонуни асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои муҳими дигар фаъолияти пурсамар бурдааст. Ӯ ба хотири риояи талаботи қонун ва ҷорӣ гардидани қонуният дар ҳаёти ҷомеа кӯшишҳо ба харҷ дода, барои решакан кардани ҳама гуна амалҳои номатлуб ва қонуншиканиҳо мубориза мебурд. Маҳз эҳсоси масъулияту ҷуръати беандозааш буд, ки ӯ моҳи марти соли 1937 аз минбарҳои баланд ба муқобили вайронкунии қонуният, поймолкунии ҳуқуқи инсон ошкоро сухан ронда, беасос маҳбас шудани як қатор ходимони ҳизбиву давлатиро сахт маҳкум менамояд. Чунин иқдоми ҷасурона, албатта, беҷавоб намонд ва дере нагузашта, худи Шириншо Шотемур, ки қалби ҷавонаш саршор аз меҳру муҳаббати самимӣ ба халқу Ватанаш буд, қурбони дасисабозиҳои сиёсии замон гардид. Вале ӯ дар тӯли умри кӯтоҳу ибратомӯзаш тавонист, ки дар китоби зиндагиномаи миллат саҳифаҳои дурахшонеро сабт намояд.

Шириншо Шотемур барҳақ фарзанди ҷонфидои миллат ва меҳани худ маҳсуб мешавад. Ин марди муборизу қавиирода аз танқиду фишори бегонапарастон ва душманони дохиливу хориҷии миллати тоҷик наҳаросида, ҷасурона манфиатҳои халқу миллаташро ҳимоя мекард. Ӯ аз тоҷик будани худ ифтихор дошт ва аз рушду нумӯи Ватанаш меболид. Агар тақдир ба ин шахсияти фидоиву нотакрор тараҳҳум мекард ва ӯ дар айни камолоти умр қурбони ғаразу туҳмати даврони сиёсати шахспарстӣ намешуд, боз корҳои зиёдеро ба нафъи халқу Ватанаш анҷом медод. Зиндагии ибратомӯз ва фаъолияти бунёдкоронаи ӯ бо тамғаи туҳматомези «душмани халқ» зери шубҳа монда, солиёни дароз ном ва кору пайкори қаҳрамононааш ба забон гирифта намешуд. Номи муборaки ин марди фидоӣ баъди нуздаҳ соли маргаш сафед карда шуда, кору пайкори ватанхоҳона, симои сиёсӣ, маданияти роҳбарӣ ва тафаккури давлатдории ӯ аз нав зинда гардид. Дуруст гуфтаанд, ки ҳарчанд қаҳрамонони миллат бар асари беадолатиҳои замон муддате ба гӯшаи фаромӯшӣ меравaнд, вале боз чун офтоби зиёбахш тулӯъ хоҳанд кард.

Имрӯз дар замони истиқлолияти Тоҷикистони азизамон орзую омол ва армонҳои наҷиби Шириншо Шотемур ва ҳамсангарону ҳамнабардонаш мақому манзалати хосса пайдо карда, барои наслҳои имрӯзаву оянда чун тимсоли олии фидокорӣ ва мактаби ибратомӯзи ватанпарварию миллатдӯстӣ хизмат менамоянд. Дар даврони истиқлолияти милливу давлатӣ таърихи халқи тоҷик аз назари тоза мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифта, корнамоиҳои фарзандони

барӯманду ҷонфидои миллат, ки дар радифи устод Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров қарор доштанд, бо мукофотҳои олии Ватан сазовор гардиданд. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми августи соли 1999 Шириншо Шотемур барои фаъолияти фидокоронааш дар бунёдгузорӣ, таҳким ва рушди давлатдории тоҷикон бо ордени «Дӯстӣ» шарафёб гардида, баъдан аз 27-уми июни соли 2006 ба фарзандони фидокор ва содиқи Ватан Шириншо Шотемур ва Нусратулло Махсум барои хизматҳои бузургашон дар поягузории истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон унвони олии «Қаҳрамони Тоҷикистон» дода шуд. Мардуми сарбаланди тоҷик дар қатори фарзандони бузурги худ бояд номи Шириншо Шотемурро бо сипос ба забон гиранд ва кору пайкор ва заҳматҳои кашидаи ӯро ба хотири Ватан ва халқ фаромӯш насозанд.

Дар даҳсолаи охири асри XX ба сари халқу Ватани мо ҳодисаҳои мудҳишу фоҷиабор таҳмил гардида, барои саркӯбсозии миллати тоҷик ва мисли ҳангомаҳои даврони Шириншо Шотемур кӯшишҳои баршикастани давлату давлатдории миллии тоҷикон дар либоси дигар ба ҷилва омад. Аммо таҷрибаи талхи таърихӣ ва ақлу заковати фитрии халқи мо имкон доданд, ки дар муддати кӯтоҳ сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ пирӯз гардида, кулли сокинони мамлакат ба эъмори давлати соҳибистиқлоли навин ва ба тақозои замони муосир ҷавобгӯ шурӯъ намоянд.

Имрӯз халқи мо аз он ифтихор дорад, ки соҳиби давлати озоду соҳибистиқлол аст ва барои рушду нумӯи кишвар ва амалӣ шудани ҳадафҳои стратегии давлат дар бобати таъмини истиқлолияти энергетикиву коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворechи мамлакат ва беҳтар гаштани сатҳу сифати зиндагии шаҳрвандон ҳамаҷониба заҳмат мекашад. Дар ин раванд ҳамаи мову шумо бояд сабақҳои ибратомӯзи таърихи дуру наздики миллатро ҳамеша дар хотир дошта бошем, зиракии сиёсӣ ва ҳушёриро аз даст надиҳем, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот, амнияту оромии ҷомеа ва умуман дастовардҳои истиқлолияти давлатамонро, ки онҳоро бо баҳои бисёр гарон ҳосил кардаем, ҳамчун асоси ҳастии миллат ва рушди минбаъдаи давлатдории миллӣ дастгирӣ ва пуштибонӣ намоем. Дар шароити пуртазоду душвори буҳрони иқтисодиву молиявии ҷаҳони муосир маҳз он халқу миллатҳое пеш мераванд, ки мақоми таърихиву ҳадафҳои имрӯзаи созандагии хешро пурра дарк карда, дар татбиқи нақшаҳои

иқтисодиву иҷтимоӣ, истифодаи дастовардҳои навини илму техника ва технологияи замонавӣ мунтазам ва аҳлона заҳмат мекашанд.

Мо дар шахсияти мардони фарзонаи миллатамон ба мисли Шириншо Шотемур ва ҳамсафони ӯ фарзандони фидоӣ, мубориизони ҳақиқии Ватан, озодӣ, истиқлолияти давлатӣ, ваҳдати миллӣ ва рушди ҳамаҷонибаи сарзамини бостониамонро мебинем ва қадршиносӣ мекунем. Имрӯз дар Ватани азизамон орзуву ниятҳои неки Ширинишо Шотемур ва даҳҳо родмардони миллатдӯсту меҳанпараст, аз қабили ормону ҳадафҳои наҷиби давлатдории миллӣ - соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзӣ, арҷгузорӣ ба забони модарӣ ва рамзҳои давлатӣ, бузургдошти фарҳанги миллӣ ва арзишҳои волои тамаддуни ҷаҳонӣ амалӣ шуданд ва шуда истодаанд. Ва итминон дорем, кору пайкор ва меҳри сарсупурдагони миллат ба мисли Ширинишо Шотемур, ки ҳастии хешро барои сарсабзии миллат ва пойдории давлати соҳибистиқлоли тоҷикон бахшидаанд, асрҳои аср дар ёди халқ боқӣ мемонад.

*Бобоҷон ҒАФУРОВ*

# ОЛИМИ ТАВОНО ВА АРБОБИ БАРҶАСТАИ СИЁСИВУ ДАВЛАТӢ

## I. ФАРЗАНДИ ФАРЗОНАИ МИЛЛАТ



Дар таърихи ташаккули ҳар як халқу миллат бузургоне ҳастанд, ки номи онҳо дар ҳеҷ давру замон аз хотираи мардум фаромӯш намешавад. Хушбахтона, чунин шахсиятҳо дар таърихи тамаддуни миллати тоҷик низ кам нестанд, ки онҳо ифтихори на танҳо миллати мо, балки боиси сарфарозии мардуми олам гардидаанд. Ин бузургон бо осори гаронбаҳо ва ғояҳои инсонпарварии худ дар инкишофи тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми сазовор гузоштаанд. Ҳар як марҳилаи таърихи халқи тоҷик чунин шахсиятҳои барҷастаро ба арсаи ҷаҳонӣ овардааст. Ҳар кадоми ин бузургон дар соҳаҳои гуногуни илму маърифат, сиёсат ва таърих, адабиёт ва санъат чеҳраи тобноке дошта, бо осори пурқимати худ машҳури ҷаҳон шудаанд. Асри XX низ дорои чунин бузургони зиёде мебошад.

Фарзанди фарзонаи миллат, ходими номдори давлатию сиёсӣ, Қаҳрамони Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров тамоми ҳаёт ва фаъолияти худро ба гирдоварӣ ва бузургдошти таърихи миллати тоҷик ва манзури ҷаҳониён гардонидани он сарф намудааст. Солҳои тӯлонӣ ӯ ба таҳқиқи таъриху тамаддуни мардуми Машриқзамин машғул буд. Ҳамзамон созмондиҳандаи моҳири соҳаҳои гуногуни илм, аз ҷумла, шарқшиносӣ буда, барҳақ яке аз бунёдгузорони илми муосири тоҷик ба ҳисоб меравад.

Ҳанӯз солҳои 30-юм самтҳои гуногуни фаъолияти роҳбарию илмии ӯ барҷаста ба назар мерасиданд. Дар ин давра нахустин муассисаҳои илмӣ маҳз бо ташаббус ва иштироки бевоситаи ин олими бузург таъсис ёфтанд. Ӯ бо вуҷуди душвориҳои мавҷудаи он давра кӯшиш намудааст,

ки дар ҷумҳурии ҷавони Тоҷикистон ҳарчи бештар муассисаҳои илмиву маърифатӣ созмон дода шаванд. Инкишофи илму фарҳанги ҷумҳурӣ тақозо мекард, ки қувваҳои илмиву эҷодӣ афзун ва муттаҳид карда шаванд. Хизмати таърихии Бобоҷон Ғафуров дар ин соҳа аз он иборат аст, ки бо ташаббус ва роҳбарии бевоситаи ӯ марказҳои бузурги илмиву фарҳангӣ - соли 1948 Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, соли 1951 Академияи илмҳои ҷумҳурӣ ва соли 1956 Донишгоҳи политехникии Тоҷикистон таъсис дода шуданд. Дар баробари ин, ӯ ба масъалаи таъмин намудани марказҳои илмию таълимӣ бо мутахассисони варзида ва соҳибтаҷриба бевосита машғул гашта, тавонист, ки беҳтарин олимони соҳаҳои гуногуни илмро ба ҷумҳурӣ даъват намояд. Бобоҷон Ғафуров бо олимону адибон ва умуман бо аҳли фарҳанг мунтазам мулоқот мекард, ки ин вохӯриҳо барои офаридани асарҳои тоза ба тоза заминаи мусоид фароҳам меоварданд.

Вазъи имрӯзаи илму техникаи ҷаҳонӣ тақозо дорад, ки мо ба ин масъала аз мавқеи соҳибистиқлолӣ назар андозем ва дар ин бобат аз таҷрибаи Бобоҷон Ғафуров ҳарчи пурсамар истифода карда, соҳаҳои наву замонавии илму техникаро дар ҷумҳурӣ инкишоф диҳем. Бо вуҷуди мушкилоти имрӯза Ҳукумати ҷумҳурӣ ба инкишофи соҳаҳои нави илму фарҳанг таваҷҷуҳи хос зоҳир мекунад. Зеро бе равнақи илму фарҳанг рушди минбаъдаи ҷомеаи мо амри муҳол аст. Инкишофи тамаддун ва равнақи илму фарҳанги мо дар оғози асри XXI ба нерӯи офарандаву созанда ва ақлу заковати ҷӯяндаву навовар аз ҳарвақта бештар ниёз хоҳад дошт. Чунки асри XXI асри дастовардҳои бузурги истиқлолу худшиносӣ, асри имтиҳону озмоишҳои мушкили созандагиву бунёдкорӣ, асри рушду камол ва эҳёи илму фарҳанги тоҷикон хоҳад буд.

Бо вуҷуди ин ки Бобоҷон Ғафуров вазифаҳои масъули давлатиро бар дӯш дошт ва инкишофи илму фарҳанги ҷумҳуриро шахсан зери назорати доимии худ қарор дода буд, ҳамзамон таҳқиқоти илмии хешро пайваста давом медод. Вусъати дониш, таҷрибаи зиёди таҳқиқоти илмӣ, амиқ дарк карда тавонистани моҳияти назариявию сиёсии масъалаҳо ба ӯ имкон доданд, ки барои амалӣ кардани орзуи деринаи худ - офаридани «Таърихи халқи тоҷик» шурӯъ намояд. Соли 1947 китоби ӯ «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» ба забони тоҷикӣ нашр гардид. Ин асар аввалин таҳқиқоти пурра ва ҷамъбастӣ оид ба таърихи яке аз қадимтарин халқҳои олам - тоҷикон аст. Аҳамияти дигари асар аз он иборат мебошад, ки вай таърихи на танҳо тоҷикони ҷумҳурӣ, балки таърихи тамоми тоҷикони дунёро дар бар гирифтааст. Ин асари ҷамъбастӣ ба таърихнигории бунёдии халқҳои Осиёи Марказӣ ибтидо гузошт. Ҳадафи Бобоҷон Ғафуров бо нашри ин

асар ва асарҳои минбаъда ба оламиён исбот намудани он нукта буд, ки тоҷикон қадимтарин сокинон ва соҳибони ҳақиқии ин марзу бум буданд ва ҳастанд. Дар он даврае, ки ғояҳои интернатсионализми сохта мағзу устухони низоми мавҷудаpo фаро гирифта буд ва ҳама гуна кӯшишҳои худшиносии миллӣ саркӯб мешуданд, аз ҷониби роҳбари мақоми аввали ҷумҳурӣ даст задан ба омӯзиши мавзӯи тақдири таърихии миллати тоҷик худ як қаҳрамонӣ буд. Ин асар шуълае буд, ки ба саҳифаҳои торику фаромӯшгаштаи таърихи миллати тоҷик равшанӣ андохта, падидаҳои худшиносию ифтихори миллиро такмил дод ва ба фарзандони бедордилу фидоӣ рӯҳ бахшид. Нашри ин асар дар ҳамон давра аз ҷасорату матонат ва ватанпарварии олим шаҳодат медод. «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» ба забони русӣ тарҷума ва дар як муддати кӯтоҳ се маротиба дар шаҳри Маскав нашр гардид. Ин асар аз тарафи шарқшиносони ҷаҳон баҳои баланд гирифта, барои таҳқиқоти минбаъда ва ба вуҷуд омадани таърихи бисёрҷилдаи халқи тоҷик замина гузошт.

Дар шахсияти Бобоҷон Ғафуров, айёми сарвари ҷумҳурӣ буданаш, истеъдоди созмондиҳӣ ва усули хуби роҳбарӣ барҷаста таҷассум ёфтааст. Ӯ баҳри ривоҷу равнақи иқтисодиёт, илм ва фарҳанги ҷумҳурӣ талош варзида, саъю кӯшиш мекард, ки дар идораи корҳои давлативу ҷамъиятӣ усулҳои роҳбарии дастҷамъӣ ҷорӣ гарданд. Чун сарвари асилу дурандеш дар замири роҳбарон нисбат ба халқи заҳматкаш ғамхору меҳрубон буданро мепарварид.

Бобоҷон Ғафуров дар фаъолияти роҳбарии худ ба масъалаҳои хурду реза саргарм нашуда, бештар ба ҳалли масъалаҳои муҳимтарини тараққиёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ машғул мешуд. Пешомадҳои стратегии ҷумҳуриро андеша намуда, роҳҳои мушаххаси амалӣ гардониданӣ онҳоро муайян мекард. Масалан, яке аз масъалаҳои душвор, вале ҳаётан муҳими ҷумҳурӣ дар солҳои баъдиҷангӣ ин масъалаи ташкили муҳоҷирати дохилӣ буд. Шароити тараққиёти иқтисодӣ тақозо мекард, ки корҳои обёриву ободониро алалхусус дар водии Вахш ва даштҳои Мирзочӯлу Дилварзин вусъат дода, ба ин минтақаҳо мардуми ноҳияҳои баландкӯҳ ва сераҳолӣ кӯчонида шаванд. Дар он давра ин масъала на фақат аҳамияти бузурги иқтисодиву иҷтимоӣ дошт, балки аз ҷиҳати сиёсӣ низ хеле муҳим буд.

Сиёсати муҳоҷирати дохилӣ ҳанӯз солҳои 20-30-юм оғоз шуда буд. Танҳо дар давоми панҷ соли баъдиҷангӣ аз ноҳияҳои кӯҳистони Қаротегин, Бадахшон, Кӯлоб, Зарафшон 18 ҳазор оилаҳои деҳқонон ба водиҳои Вахшу Хатлон ва Дилварзин кӯчонида шуданд, ки онҳо дар инкишофи

босуръати хоҷагии халқи Тоҷикистон нақши муҳим гузоштанд. Бобоҷон Ғафуров зимни сиёсати муҳоҷиркунии дохилӣ пеш аз ҳама инкишофи минбаъдаи иқтисодиёт ва ҳаёти иҷтимоии ҷумҳурӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии халқ, муттаҳид намудани қувваҳои меҳнативу эҷодӣ ва ягонагии мардуми тоҷикро дар назар дошт.

Дар натиҷаи роҳбарии оқилона ва фаъолияти пурсамари Бобоҷон Ғафуров ҷумҳурии мо оқибатҳои ҷангро бартараф намуда, хоҷагии халқро тараққӣ дод. Дар давоми солҳои сарварии ин марди фозил, хусусан дар соҳаи саноат, натиҷаҳои чашмрас ба даст оварда шуд. Сохта шудани корхонаҳои коркарди пахта дар Уялӣ ва ноҳияи Ҷаббор Расулов, комбинати коркарди маъдани Такоб, заводи зарфҳои шишагии Хуҷанд, фабрикаи кешбофии Душанбе, заводи механикии Конибодом, комбинати маводи сохтмонии Вахш ва ғайра барои баромадан аз вартаи ақибмондагӣ, тараққии минбаъдаи саноат шароити мусоид фароҳам овард. Инчунин сохтмони нерӯгоҳҳои барқӣ, ки дар давоми он солҳо авҷ гирифта буд, барои инкишофи саноати Тоҷикистон такони ҷиддие гардид.

Омӯзиши фаъолияти роҳбарии Бобоҷон Ғафуров дар солҳои 1946-1956 нишон медиҳад, ки ягон соҳаи муҳими тараққиёти хоҷагии халқи ҷумҳурӣ аз мадди назари ӯ дур намондааст. Дар тамоми фаъолияти сиёсӣ, давлатӣ ва илмии ин марди наҷиб рӯҳияи арзишҳои умумибашарӣ афзалият дошт. Ӯ нисбат ба ҳар гуна зуҳуроти миллатгароӣ, ақидаҳои шовинистӣ, ҷудоиандозӣ оштинопазир буд.

Ӯ дар баробари фаъолияти ҳизбиву давлатӣ корҳои илмии худро пеш мебурд, омӯзиш ва таҳқиқоти таърихи халқи тоҷик ва кишварҳои Шаркро пайваста идома медод. Ҳамин фаъолияти илмӣ ва таваҷҷуҳи Бобоҷон Ғафуровро ба назар гирифта, соли 1956 ӯро директори Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ таъин мекунанд. Аз ҳамин давра дар рӯзгори ӯ марҳилаи нав оғоз мегардад. Олим фаъолияти илмиву таҳқиқотӣ ва созмондиҳии худро комилан ба инкишофи илми шарқшиносӣ равона месозад. Дар мақоми сарвари Институти шарқшиносӣ қобилият ва истеъдоди Бобоҷон Ғафуров чун арбоби мумтози илм баръало зоҳир гардид. Дар баробари он ки Институти шарқшиносӣ ба яке аз марказҳои бузурги таҳқиқотии таъриху тамаддуни Машриқзамин табдил ёфт, бо дастгирии ӯ дар бисёр ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла, дар Тоҷикистон, институти шарқшиносӣ таъсис дода шуд.

Хизмати ин олими забардаст инчунин дар интишори силсилаи осори хаттии халқҳои Шарқ басо бузург буда, бо ташаббуси ӯ аз хазинаи осори классикӣ беҳтарин офаридаҳои олимону шоирон ва нависандагони Шарқи

қадим ва асрҳои миёна дастраси ҷаҳониён гаштанд. Таҳлили фаъолияти илмиву созмондиҳандагии академик Бобоҷон Ғафуров нишон медиҳад, ки ӯ дар роҳи ба ҳам наздику ошно намудани тамаддуни халқҳои Шарқу Ғарб саҳми арзанда гузоштааст.

Ӯ солҳои 1957-1966 дар кори таҳия ва амалӣ намудани ҳуҷҷатҳои муҳими ЮНЕСКО ҳамчун раиси Кумитаи шӯравии «Шарқу Ғарб» фаъолона ширкат варзида, дар мавзӯи «Омӯзиши тамаддуни Осиёи Марказӣ» лоиҳаи муҳимеро ба ин ташкилоти бонуфуз пешниҳод кард. Вай минбаъд ҳамчун Президенти Ассотсиатсияи байналмилалӣ оид ба омӯзиши тамаддуни Осиёи Марказӣ дар қабул ва татбиқи ин лоиҳа саҳми бузург гузошт.

Конфронсҳои байналмилалии ЮНЕСКО оид ба таърих, бостоншиносӣ ва фарҳанги Осиёи Марказӣ дар замони Кушониён, доир ба таърихи интишори афкори ҷамъиятӣ дар Осиёи Марказӣ, роҷеъ ба мутобиқсозии таҳқиқоти бостоншиносӣ ва ғайра, ки бо ташаббус ва ширкати фаъолонаи Бобоҷон Ғафуров дар Душанбе, Деҳлӣ ва Кобул баргузор шуда буданд, дар омӯзиш ва тарғиби фарҳанги ғании халқҳои ин сарзамин иқдоми ҷиддӣ ва муассир гардиданд.

Бобоҷон Ғафуров дар роҳи таҳкими равобити илмиву фарҳангӣ бо Эрон, хусусан дар соҳаи таҳқиқи таъриху фарҳанги форсизабонҳо хеле саъю кӯшиши зиёд кардааст. Аз ин ҷост, ки ба ӯ соли 1974 унвони доктори фахрии Донишгоҳи Теҳрон дода шуд.

Устод Бобоҷон Ғафуров дар Алҷазоир, Бирма, Ғвинея, Ҳиндустону Покистон, Сурия, Лубнон, Ироқ, Олмон, Амрико, Фаронса, Австрия, Чехословакия ва албатта, дар Афғонистону Эрони ҳамзабон дӯстони зиёд дошт. Вай узви ифтихории даҳҳо ҷамъиятҳои илмии хориҷӣ буд, ҷоизаҳои зиёди илмии байналмилалӣ гирифтааст.

Ин сиёсатмадори маъруф дар мубориза баҳри пойдории сулҳ дар сайёра низ саҳми бузург дорад. Ӯ ҳамчун ҷонишини раиси Кумитаи шӯравии ҳамбастагӣ бо мамолики Осиё ва Африқо, узви Кумитаи шӯравии муҳофизати сулҳ ва Комиссияи Иттиҳоди Шӯравӣ оид ба корҳои ЮНЕСКО донишу нерӯ ва истеъдоди худро ба таҳкими дӯстии халқҳои сайёра сарф кардааст. Хизматҳои ӯ дар ин ҷода бо медали тиллои Шӯрои умумиҷаҳонии сулҳ ва ҷоизаи байналмилалии ба номи Ҷавоҳирлаъл Неҳру тақдир шудааст.

Бобоҷон Ғафуров ҳарчанд аз соли 1956 дар Маскав кору зиндагӣ мекард, лаҳзае аз ёди Тоҷикистон ғофил набуд. Ба пешрафту тараққиёти ҷумҳурӣ, бахусус, инкишофи илму фарҳанги он мунтазам мароқ зоҳир мекард. Бо дастгирии ӯ дар давоми ин солҳо бисёр ҷавонони тоҷик дар

марказҳои бузурги илмии шӯравӣ рисолаҳои илмӣ дифоъ намуда, иқтидори зеҳнии ҷумҳуриро афзун намуданд.

Саҳми олим дар тарбияи мутахассисони ҷавони ҷумҳуриҳои дигари Осиёи Марказӣ ва Қафқоз низ бузург аст. Ба подоши он некиҳо вай то имрӯз дар ин ҷумҳуриҳо соҳибэҳтиром аст. Бо пешниҳод ва иштироку роҳбарии бевоситаи Бобоҷон Ғафуров аз нимаи дуюми солҳои 50-уми асри XX омодасозӣ ва нашри асари бисёрҷилдаи «Таърихи халқи тоҷик» оғоз шуд, ки он солҳои 1963-1965 дар се ҷилд дар Маскав ба табъ расид. Интишори ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангии халқи тоҷик густариш ёфт.

Воқеан, яке аз дастовардҳои пурарзиши олим, ки ӯро абадан дар радифи алломаҳои бузурги миллат ҷой дод, шоҳасари безаволи ӯ «Тоҷикон» мебошад, ки соли 1972 дар Маскав ба табъ расид. «Тоҷикон» ба забонҳои японӣ ва полякӣ тарҷума ва нашр шуд, ҳамчунин дар Афғонистон ва Эрон ба табъ расид. Ин асар аз тарафи маъруфтарин мутахассисони тамаддуни халқҳои Шарқ, аз ҷумла, Осиёи Марказӣ, эътироф шуд ва ба таври сазовор арзёбӣ гардид. Китоби «Тоҷикон» барои болоравии худшиносӣ ва худогоҳии миллии халқи мо дар ҳақиқат такони ҷиддие гардид. Маҳз аз ҳамин хотир ба Бобоҷон Ғафуров унвони олии Ватан - «Қаҳрамони Тоҷикистон» дода шуд.

***«Тоҷикон» воқеан шиносномаи миллат аст. Ин шоҳасари безавол, ки самараи меҳнати сисолаи олим аст, аз ҷумлаи таҳқиқоти бунёдӣ ва фарогирандаи таърихи халқҳои Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Ин асар, барҳақ, китоби рӯимизии ҳар як фарди соҳибмаърифати тоҷик мебошад ва барои худогоҳии миллӣ ва рушди тафаккури таърихии мардуми мо чун обу ҳаво зарур аст.*** Агар мо аз роҳи тайкардаи пур аз шебу фарози миллати худ огоҳии нисбатан пурра медоштем ва аз хатоҳои содирнамудаи ниёгонамон сабақ мегирифтем, шояд тӯфони офатбори ҷанги шаҳрвандӣ, ки мо ба он дучор омадем, чунин ранги фоҷиавӣ намегирифт.

Бешак, як сарчашмаи худшиносии миллӣ маҳз ошноӣ бо гузаштаи пурифтихор ва мероси таърихӣ аст. Ҷомеа то хотираи қавии таърихиро, ки дар осори фарҳангиву илмии бостон маҳфуз аст, аз худ накунад, аз хираду заковати гузаштагон баҳраманд нашавад, дар тамоми риштаҳои зиндагӣ ба дастовардҳои дилхоҳ ноил шуда наметавонад.

Омӯхтани таърих танҳо барои донистани гузашта нест, балки он барои имрӯз ва шукуфоии фардои ҳар як миллату давлат зарур аст. Яъне миллат бояд аз гузаштаи худ - хоҳ дурахшон бошад, хоҳ тира – сабақ бигирад ва дурнамоиояндаашро муайян созад. Имрӯз мардуми кишвар ба худшиносӣ ва барқарор кардани хотираи таърихии хеш беш аз пеш

ниёз доранд. Мо бо истифода аз сабақҳои таърихи гузаштаи худ ва бо дарки масъулият дар назди наслҳои оянда бояд ба хотири истиқлолият ва ваҳдати комили миллӣ корҳои бузургеро анҷом диҳем.

Таърихи башар шахсиятҳоеро меофарад, ки на танҳо тамоми асрори ин ё он илмро фаро мегиранд, балки марзҳои онро фарох ва хазинаи онро ғанӣ мегардонанд. Бобоҷон Ғафуров аз зумраи ҳамин шахсиятҳо буда, дар радифи намоёнтарин олимони ҷаҳон қарор дорад ва барои рушди илми шарқшиносии ҷаҳонӣ ва таърихи Шарқ хизматҳои сазовор кардааст. Боварӣ дорам, ки ормонҳои воло, ғояҳои наҷиб, саъю кӯшишҳои ватанпарастона ва ҷонбозиҳои миллатдӯстонаи Бобоҷон Ғафуров дар роҳи рушду нумӯи илму маърифат машъали роҳнамои ҳар як фарди бедордили кишвар хоҳад гардид.

Халқи тоҷик давраи душвор, пурмашаққат ва пур аз маҳрумияти ҷанги шаҳрвандиро паси сар намуда, имрӯз ба сулҳу салоҳ ва ваҳдату ҳамдигарбахшӣ расид. Бо вуҷуди ин хатари нобудшавии миллати тоҷик ва давлату давлатдории тоҷикон ҳанӯз аз байн нарафтааст. Бадхоҳони миллати мо дастовардҳои сиёсиву иқтисодӣ ва муҳимтар аз ҳама, таҳкими ваҳдату ҳамдигарфаҳмии мардуми Тоҷикистонро чашми дидан надоранд. Мо бояд ба хатоҳои гузашта роҳ надиҳем, дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз кунем, ойини дӯстию бародархондагии халқҳоро риоя намоем ва расму равиши ҳамсоягиро пос дорем.

Қувваҳое буданд ва ҳастанд, ки ҳамсоягиву робитаи дӯстонаи халқҳои тоҷику ӯзбекро халалдор кардан мехоҳанд, байни онҳо нифоқу кина меангезанд ва мехоҳанд бо ҳамин роҳ ба муроди худ расанд. Вале онҳо сахт иштибоҳ мекунанд. Зеро дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек якрӯзаву дурӯза нест, балки аз имтиҳони садсолаҳо гузашта, ба ҳамхуниву хешутаборӣ табдил ёфтааст. Рӯҳи поки Бобоҷон Ғафуров онҳоеро, ки садди роҳи муносибатҳои неки ин ду халқи ҳамсояву ҳамқисмат мегарданд ва дар ҳаққи Ватану миллат хиёнат мекунанд, ҳаргиз намебахшад.

Мо имрӯз ба марҳилаи нави давлатдории худ - марҳилаи созандагиву бунёдкорӣ қадам гузоштаем. Бе давлати тавонои соҳибистиқлол ва миллати тифоқу пешрафта, бе иқтисодиёту иҷтимоиёти тараққикарда ва эҳёи илму фарҳанг, бе нерӯи тавонои низомию сарҳадӣ ва ҳалли муаммои соҳаҳои илму фарҳанг, бе нерӯи тавонои низомию сарҳадӣ ва ҳалли дигар мушкилоти мавҷудаи ҷомеа мо наметавонем, ки дар ҷаҳони пурмоҷарои имрӯза мавқеи устувор дошта бошем. Ҳар фарди бедордиле, ки нангу номус дорад ва қисмати миллату сарзамини аҷдодӣ барояш азиз аст, бояд

дар марҳилаи созандагию бунёдкорӣ барои пешрафти Ватан, миллат ва ҷумҳурии соҳибистиқлол саҳми муносиб гузорад.

Истиқлолиятро ба даст овардан ҳанӯз кам аст. Онро ҳифз намудан, пуштибонӣ кардан, ҳамчун арзиши волотарини давлату давлатдорӣ пос доштан ва барои афзоиши иқтидору пойдории он пайваста талош варзидан қарзи муқаддаси ҳар як шаҳрванд мебошад. Асри XXI дар пешорӯи ҳар фарди бонангу номуси ҷумҳурӣ вазифаҳои нав ва масъулияти басо бузург мегузорад. Мо бояд дар сафи давлатҳои пешрафтаи олам ҷой гирифта, бо симои миллӣ, арзишҳои фарҳангӣ ва дастовардҳои иқтисодӣ мақоми арзанда пайдо кунем. Имрӯз фурсати он расидааст, ки мо ба қадри истиқлолият, давлату давлатдории миллӣ, ба қадри Ватану ватандорӣ, сулҳу созиш ва ваҳдати миллӣ бирасем. Заҳмати ҳалол ва созандагию ободониро пешаи худ созем, барои таҳкими истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии мамлакат ақлу дониш ва нерӯи худро дареғ надорем. Барномаи стратегии давлатро дар роҳи истиқлолияти озуқавию ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ, таъмини истиқлолияти энергетикӣ, сохтани роҳи оҳану роҳҳои нави мошингард, бунёди фурӯдгоҳҳои байналмилалӣ, истихроҷу коркарди сарватҳои зеризаминӣ ва боло бурдани иқтидори саноатии мамлакат дар ҳаёт татбиқ намоем.

Ифтихор аз Ватан, ифтихор аз миллат ва ҳувийяти миллӣ, ифтихор аз таъриху фарҳанги аҷдодӣ ва ниёгони сарбаланди хеш барои ҳар як фарди ҷомеа бояд меъёри доимии зиндагӣ гардад. Имони комил дорам, ки ақлу заковат, таҷрибаи роҳбарӣ, меҳри беандоза нисбат ба Ватану миллат ва мероси гаронбаҳои илмии Бобоҷон Ғафуров ба ватанпарастони воқеӣ, ба наслҳои имрӯзу фардои миллат, ба созандагони давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявии Тоҷикистони азизамон илҳому нерӯи тоза хоҳад бахшид.

Бигузор дӯстону душманони Тоҷикистон донанд, ки миллати тоҷик аз таърих сабақи омӯзанда гирифтааст ва дар оянда фирефтаи ҳеҷ қувваи бадхоҳе нахоҳад шуд. Дар ин роҳ моро рӯҳи Исмоили Сомонӣ ва даҳҳо бузургмардони миллат - Рӯдакӣ, Ибни Сино, Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров ва амсоли онҳо мададгор хоҳад шуд.

Бигузор рӯҳи Бобоҷон Ғафуров шод бошад ва моро ба ватандӯстиву худшиносии миллӣ ҳидоят намояд.

## II. ОЛИМИ ТАВОНО ВА АРБОБИ БАРҶАСТАИ СИЁСИВУ ДАВЛАТӢ

Фарзанди фарзонаи миллати тоҷик ва ходими барҷастаи сиёсиву давлатӣ академик Бобоҷон Ғафуров барои пешрафти ҷомеаи Тоҷикистон, инкишофи илму фарҳанги тоҷик ва шарқшиносии ҷаҳон саҳми фаромӯшнопазир гузошта, барои хизматҳои бузург ва заҳмату талошҳои содиқонааш дар роҳи шинохти асолати миллии халқи тоҷик ва муаррифии арзандаи тоҷикон дар арсаи ҷаҳон ба унвони олии «Қаҳрамони Тоҷикистон» сазовор гардидааст.

Бобоҷон Ғафуров аз миёни ходимони давлатӣ ва арбобони илми тоҷик дар баробари муайян ва собит намудани мақому манзалати таърихиву дастовардҳои арзишманди давлатдории тоҷикон дар таргиби илму фарҳанги Машриқзамин дар арсаи ҷаҳонӣ ба пояи баланд расид. Ӯ тамоми ҳаёти худро сарфи таҳқиқу омӯзиши таърихи давлатдории миллати куҳанбунёди тоҷик намуда, дар тӯли фаъолияти пурбаракати хеш на фақат таърихи комили тоҷиконро ба вуҷуд овард, балки дар таҳқиқи таърихи бисёр халқҳои Машриқзамин низ саҳми арзанда гузошт. Фаъолияти илмии Бобоҷон Ғафуров, ки аз омӯзиши таъриху фарҳанги миллати тоҷик оғоз шудааст, тадриҷан хеле густурда ва фарох гардида, масоили мухталифи таърихи қавму миллатҳои Машриқзамин, зиндагӣ ва осори мутафаккирони бузурги Шарқ, рушди илми шарқшиносӣ ва амсоли инҳоро фаро мегирад. Бобоҷон Ғафуров ҳамчун ходими дурандеши давлатӣ, сиёсатмадори барҷаста ва олими тавоно ба шарофати донишу хиради фавқулодат, маҳорати баланди ташкилотчигии худ дар ташаккули ҳаёти нав ва пешрафти соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва иҷтимоиёти Тоҷикистон хизмати бесобиқа кардааст. Бобоҷон Ғафуров дар давраи пур аз тазод ва муборизаҳои шадиди сиёсиву илмӣ, яъне дар солҳои мураккабу тақдирсози 30-юми асри гузашта, ки ҳазорон зиёиёну равшанфикрон таъқибу бадарга гардида, ҳазорҳо нафари дигар тарки Ватан карда буданд, бо ҷасорати сиёсиву илмӣ дар паҳлӯи устод Садриддин Айнӣ истода, барои ҳифзи номи неки миллати тоҷик, аз таҳрифи бадқасдона ҳимоя кардани таъриху фарҳанги пурғановати он қарзи фарзандии худро дар назди халқу Ватани азизаш сарбаландона адо намуд. Ӯ дар мақоми роҳбари аввали ҳизбии Тоҷикистон на танҳо барои рушду ободии ҳамаҷонибаи он ҳадафмандона кӯшишу талош намуд, балки «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» ва шоҳасари таърихии «Тоҷикон»-ро таълиф намуда, бо ҳамин иқдоми худ мактаби илмӣ ва суннати таърихнигории муосири тоҷикро бунёд гузошт.

Академик Ғафуров бо овардани садҳо далелу бурҳони қотеъ ва дар асоси ҳазорҳо сарчашмаву манбаъҳои асил собит намуд, ки миллати фарҳангсоз ва тамаддунофари тоҷик ба таҳрифи огоҳонаи таърих ё ба ибораи дигар, таърихсозӣ ва бузургтарошӣ умуман ниёз надорад. Зеро ин миллат соҳиби таърихи тӯлонӣ ва фарҳангу адабиёти пургановат мебошад, ки ҳатто бо шинохту ошноии мухтасар нақши онро дар тамаддуни ҷаҳонӣ эҳсос кардан мумкин аст. Корномаи безавол ва талошу муборизаҳои далеронаи фарзандони бонангу номуси халқи мо Спитамен, Абӯмуслими Хуросонӣ, Муқаннаъ, Сунбоди Муғ, Деваштич, Исмоили Сомонӣ, Тоҳир ибни Ҳусайн, Яъқуби Лайс, Темурмалик, Маҳмуди Торобӣ ва садҳову ҳазорон шахсиятҳои фидокор худ далели бебаҳси рӯҳи мубориз, озодихоҳиву меҳанпарастӣ, салобату ҷавонмардӣ, ҳусни тадбиру зиракӣ ва ормонҳои ҳамеша зиндаи истиқлолхоҳӣ мебошанд, ки дар китоби заринитаърихи тоҷикон ҳамчун дарси ибрат барои наслҳои имрӯзу оянда сабт шудаанд. Ҳатто талошу пайкори беш аз сисолаи Фирдавсӣ дар нигориши «Шоҳнома» намунаи олии ватандӯстӣ ва истиқлолхоҳӣ мебошад, ки бо тасвири таърихи пурифтихори давлату давлатдории ниёгони мо дами шамшери хунрези бегонагонро гирифт ва бо ситоиши тамаддуни чандинҳазорсолаи гузаштагон миллати моро аз хатари парешониву парокандагӣ раҳоӣ бахшид.

Агар Абулқосим Фирдавсӣ гузаштаҳои пурифтихори Ватанашро дар "Шоҳнома"-и безаволи худ пеши назари наслҳои нав ба нави инсонҳо ба ҷилва оварда бошад, айни ҳамин корро устод Бобоҷон Ғафуров дар китоби безаволи худ "Тоҷикон" бо санадҳои илмӣ анҷом додааст.

Илова бар ин, таърих гувоҳ аст, ки тоҷикон борҳо бо истилогароне рӯ ба рӯ шудаанд, ки дар замони худ нерӯмандтарин буданд, вале аҷдоди мо бо ҳифзи забони ширину шоирона ва шевои модарӣ, суннатҳои адабиву фарҳангӣ ва андешаи миллии худ бар онҳо ғолиб омада, асолати миллиашонро нигоҳ доштаанд.

Академик Бобоҷон Ғафуров дар китоби «Тоҷикон» таърихи қадимтарин, қадим ва асримиёнагии халқи тоҷик, дар айни замон таърихи илму адабиёт, санъати меъморӣ ва афкори динии халқи тоҷикро дар маҷрои ягонаи таърихи умумибашарӣ ва аз назари илми академӣ таҳқиқ намуд. «Тоҷикон» аввалин таҳқиқоти мукаммалу пурра оид ба таърихи яке аз қадимтарин халқҳои олам буда, муаллифи он бо нашри маҳсули заҳмати беш аз сисолаи худ саҳми арзандаи ниёгони моро дар таърих ва тамаддуни башарӣ ба ҷаҳониён собит кард. Ин асар шуълае буд, ки ба саҳифаҳои торику фаромӯшгаштаи таърихи миллати тоҷик равшанӣ

андохта, падидаҳои худшиносӣ, ифтихори миллӣ ва ҳофизаи таърихии мардумро бедор намуд ва ба фарзандони бедордилу фидоӣ рӯҳи тоза бахшид. Муаллиф бо як ҷасорати ба худ хос ва далелҳои қотеъ анъанаҳои фарҳангиву таърихии давлату давлатдории тоҷиконро дар давоми чандин ҳазор сол гирдоварӣ ва арзёбӣ карда, дар айни замон ба таҷрибаи таърихии инсоният ва мероси фарҳангии дигар сокинони қаламрави Осиёи Марказӣ баҳои холисона ва одилона додааст.

Вобаста ба ин, мехоҳам хотирнишон созам, ки усули таърихнигории Бобоҷон Ғафуров аз роҳи пешгирифтаи онҳое, ки дар замони собиқ шӯравӣ илми таърихнигориро пойбанди ғояҳо ва маҳдудияту таассуби он давра гардонида, раванди ба халқи ягона табдил додани халқу миллатҳои гуногунро мунтазам таргибу талқин мекарданд, тафовути ҷиддӣ дорад: академик Ғафуров таърихи тоҷикон ва дигар халқҳои Осиёи Марказиро дар қаринаи таърихи умумиаврупоӣ ва умумибашарӣ таҳқиқ карда, худро чун муаррихи авруосиёии замони нав муаррифӣ намуд. Ба қавли яке аз ҳамсафони содиқи Бобоҷон Ғафуров академик Борис Литвинский, «китоби «Тоҷикон» дар миёни баҳри азими консепсия ва назариёти гуногун ҳамчун ҷазираи зебои илм ва таърихнигории ҳақиқӣ арзи ҳастӣ намуд. Бинобар ин, метавон ӯро, бешубҳа, сипаҳсолори арсаи илм номид».

Бобоҷон Ғафуров ҳамчун муҳаққиқи барҷаста ва ташаббускори рушди илм дар пешрафти ховаршиносии ҷаҳонӣ низ нақши арзанда гузоштааст. Баъди сарвари Институти шарқшиносии Академияи илмҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ таъйин шуданаш (соли 1956) ӯ доираи омӯзиши таъриху фарҳанги халқҳои Машриқзаминро хеле васеъ гардонид. Дар он солҳо бузургтарин конгрессу симпозиумҳои байналмилалӣ доир ба масоили тамаддуни мардуми Шарқ маҳз бо ташаббус ва роҳбарии бевоситаи академик Ғафуров баргузор мегаштанд. Яке аз чунин ҳамоишҳои олимони сатҳи ҷаҳонӣ бахшида ба омӯзиши таърих, бостоншиносӣ ва фарҳанги Осиёи Марказӣ дар аҳди Кушониён соли 1968 дар пойтахти Ватани мо - шаҳри Душанбе доир гардид, ки ин чорабинӣ дар ҳаёти илмиву фарҳангии мардуми тоҷик як рӯйдоди бузург ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин дар солҳои сарвари Институти шарқшиносӣ буданаш интишори силсилаи осори хаттии халқҳои Шарқро ташкил кард, ки ба шарофати ин иқдом беҳтарин офаридаҳои олимону муаррихон ва адибони кишварҳои Машриқзамин дастраси ҷаҳониён гардиданд.

Бобоҷон Ғафуров ҳамчун шахси покзамир ва олими дурандеш аз таърихи гузаштаи халқҳо пеш аз ҳама лаҳзаҳоеро меҷуст, ки ба созандагӣ, дӯстӣ ва қаробати миллатҳову тамаддунҳо мусоидат карда тавонанд.

Таҳқиқоти ӯ доир ба омилҳои болоравӣ ва заволи давлати Сомониён, саҳми Абулқосим Фирдавсӣ, Абӯрайҳони Берунӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Муҳаммад Иқбол ва амсоли инҳо дар тамаддуни башарият мисолҳои равшане мебошанд, ки ба густариши равобити илмиву фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақаву ҷаҳон ва дар айни замон таҳкими худшиносии миллии тоҷикон мусоидат намудаанд.

Хизмати академик Ғафуров дар роҳи ба ҳам наздику ошно намудани тамаддуни халқҳои Шарқу Ғарб бисёр назаррас мебошад. Таҳқиқоти пурарзиши олим бо номи «Искандари Мақдунӣ ва Шарқ», ки дар ҳамкорӣ бо муаррихи юнонӣ Сибукидис анҷом додааст ва ба мавзӯи ҳамбастагии тамаддуни Шарқу Ғарб бахшида шудааст, далели равшани ин суханҳост. Ӯ дар доираи ЮНЕСКО низ ҳамчун раиси Кумитаи «Шарқу Ғарб» фаъолона амал карда, масъалаи омӯзиши ҳамаҷонибаи илмии тамаддуни Осиёи Марказиро пешниҳод кард ва ба ҳайси Президенти Ассотсиатсияи байналмилалӣ оид ба омӯзиши ин тамаддун дар татбиқи он саҳми бузурги шахсӣ гузошт. Агар роҳи пуршарафи тайкардаи ин олим ва сиёсатмадори барҷастаро мухтасар ҷамъбаст намоем, метавон гуфт, ки ӯ дар ҳақиқат ходими давлатии дар сатҳи академӣ бомаърифат ва академики дорои тафаккури давлатӣ буд. Ғузашта аз ин, тамоми зиндагии ӯ намунаи хизмати содиқона ва фидокорона ба манфиати илм ва халқу Ватани хеш аст.

Дар поёни асри XX ва оғози ҳазорсолаи сеюм мо шоҳиди дигаргуниҳои бунёдӣ ва рӯйдодҳои бесобиқаи таърихӣ гардида истодаем. Имрӯз кӯшишҳои дастёбӣ ба камолоти воқеии илм ва дастрасӣ ба технологияҳои навин рақобатҳои шадиди сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоиро ба миён овардааст, ки дар ин росто баробари таъмин гардидани сатҳи муайяни рушди инсоният равандҳои бартариҷӯии қудратҳои алоҳида ба мушоҳида мерасанд. Дар баробари ин, ниҳодҳо ва арзишҳои миллӣ бо амвоҷи пурталотуми ҷаҳонишавӣ рӯ ба рӯ гашта, дар натиҷа миллатҳои бостонӣ дар ҷараёни эҳёи суннатҳои миллии хеш таҳти таъсири манфии халқҳо, кишварҳо ва тамаддунҳои дигар қарор гирифта истодаанд, ки ин раванд метавонад халқу миллатҳои хурд ва арзишҳои таърихиву миллии онҳо, аз қабили фарҳанг, мероси таърихӣ, забон ва осори адабӣ, инчунин дигар дастовардҳои нодиру нотакрорашонро гирифтори фаромӯшӣ ва нобудӣ созад. Вале аз сӯи дигар бuҳрони шадиди баамаломадаи молиявии ҷаҳонӣ кишварҳои хурду бузургро, сарфи назар аз сатҳи тараққиёт ва фарқияти низоми сиёсиву иҷтимоии онҳо, ба ҳамкориву ҳамдигарфаҳмӣ, ҷустуҷӯи роҳҳои муштараки ҳалли проблемаҳои умумибашарӣ, таъмини суботу

оромии сайёра ва ҳалли мусолиматомези мушкилоти мавҷудаи инсоният водор месозад.

Гузашта аз ин, густариш пайдо кардани як қатор таҳдиду хатарҳои муосир, аз ҷумла, терроризми байналхалқӣ, экстремизм, истеҳсолу муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва қочоқи силоҳ, ҳамчунин афзудани хатарҳои техногениву экологӣ ҳамаи давлатҳои ҷаҳонро водор месозад, ки аз тариқи вусъат додани ҳамкориҳои муштарак ба хотири ҳифзи амнияту суботи сайёра саъю кӯшиш намоянд. Ва ин амр давлатҳои абарқудратро ҳушдор медиҳад, ки саргарми андешаҳои бузургманишӣ ва бартариҷӯӣ гардида, нисбат ба тақдири кишварҳои рӯ ба инкишоф ва аҳолии камбизоати сайёра низ бетараф набошанд.

Истиқлолияти Тоҷикистон ва соҳиби давлату давлатдории худ гардидани тоҷикон низ, аз як тараф, маҳсули чунин равандҳо ва таҳаввулоти таърихии охири асри бистум ва аз сӯи дигар, натиҷаи талошҳои пайгиронаи фарзандони огоҳи миллат буда, бо асолат ва ҳувийяти милливу таърихӣ, инчунин арзишу суннатҳои фарҳангии халқамон, ки дар таҳқиқоти бунёдии «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров баррасӣ шудаанд, робитаи қавӣ дорад. Тоҷикон дар ҷараёни ташаккули таърихии худ роҳи пуршебу фароз ва мураккабро паси сар намуда, дар заминаи ду тамаддуни бузурги ҷаҳонӣ - *тамаддуни ориёӣ* ва *тамаддуни исломӣ* арзишҳои пурқимату ҷовидонаи маънавию моддиро эҷод кардаанд ва дар ҳама давру замонҳо рисолати тамаддунофарӣ ва фарҳангсозиро иҷро карда, онро то имрӯз идома медиҳанд. Истиқлолияти давлатӣ ва соҳибихтиёрии миллат дар назди мо иҷрои вазифаи бисёр пурифтихор ва дар айни замон басо пурмасъулияти таърихӣ, яъне бунёди давлату давлатдории нави ҷавобгӯй ба манфиатҳои миллат ва ниёзҳои мардуми Тоҷикистонро гузошт. Ва мо дар асоси майлу иродаи кулли халқамон эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоиро пеш гирифтаем. Дар давоми солҳои истиқлолият мо як силсила мушкилоту монеаҳои мавҷудаи ҷомеаи навини кишварамонро бартараф намуда, таҳкурсии давлати соҳибихтиёри Тоҷикистонро гузоштем ва ба корҳои азими бунёдкориву созандагӣ шурӯъ намудем; ислоҳоти амиқи иқтисодиву иҷтимоиро оғоз кардем; таъмини истиқлолияти энергетикӣ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани мамлакат ва ҳифзи амнияти озуқавории онро ба самтҳои стратегии сиёсати давлат табдил додем. Вале махсус бояд таъкид намоям, ки бузургтарин ва муқаддастарин дастоварди даврони соҳибихтиёрии халқи мо таъмини сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ мебошад, ки дар натиҷаи раҳнамоии мардум ба худшиносиву худогоҳии миллӣ, ифтихор аз таъриху фарҳанги деринаи

халқи тоҷик, суннату ойинҳои давлату давлатдории мустақилонаи он, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва арҷ гузоштан ба мероси гузаштагонамон муяссар гардид.

Ҳидояти мардум ба шинохти асолати таърихиву миллӣ, бешак, самти муҳимтарини сиёсати фарҳангии давлати мост, ки он тавассути таҷлили ҷашнҳо ва бузургдошти шахсиятҳои барҷастаи таърихиву адабӣ ва илмиву мазҳабӣ, инчунин баргузории ҷашни шаҳрҳои таърихӣ амалӣ карда мешавад. Ин амр ба ҳеҷ ваҷҳ нишонаи худнамоӣ ё бузургтарошӣ нест, балки тақозои давру замони нав мебошад.

Дар ибтидои асри XXI - даврони шиддат пайдо кардани равандҳои ҷаҳонишавӣ ягон миллат ё давлат аз оқибатҳои манфии хатару таҳдидҳо ва бухронҳои ҷаҳони муосир дар канор буда наметавонад. Аз ин рӯ, бори дигар таъкид менамоям, ки барои миллати тоҷик низ зиракии сиёсӣ, бедории маънавӣ, ҳисси баланди худшиносиву худогоҳӣ, эҳсоси гарми ватандӯстиву ватандорӣ ва дар маҷмӯъ нангу номус, иродаи мустаҳкам ва иттиҳоди қавӣ зарур аст, ки барои ин шинохти решаҳои амиқи таърихи худ ва нақши он дар тамаддуни ҷаҳонӣ бемуболиға аҳамияти бузург ва тақдирсоз дорад. Зеро дар сурате ки ҳар як фарди бонангу номус аз таърих ва фарҳанги куҳанбунёду ғановатманди миллати худ огоҳ асту аз ин мероси гузаштагони худ, инчунин аз давлату давлатдории мустақилонаи халқи хеш ифтихор менамояд, қодир аст, ки бо арҷгузорӣ ба арзишҳои умумибашарӣ Ватанашро сидқан дӯст дорад ва ба хотири ободиву тараққиёти он кӯшишу талош намояд. Албатта, танҳо бо ифтихор аз таъриху фарҳанг ва шаҳру шаҳристонҳои бостонии халқи худ мо ободии имрӯзаи Ватан, зиндагии шоистаи мардум ва таҳкими пояҳои давлатдории худро таъмин карда наметавонем. Баръакс, барои ворисони сазовори ниёгони тамаддунсози худ шудан бояд ҳар як фарди огоҳи Тоҷикистон пайваста ба хотири ҳамқадами замон тараққӣ кардани Ватани худ саъй намояд, то ки давлати соҳибистиқлоли мо ба муқобили таъсири омилҳои номатлуби ҷаҳони муосир ва оқибатҳои ногувори раванди ҷаҳонишавӣ пойдору устувор ва тобовар бошад.

Имрӯз, дар замоне ки Ватани аллома Ғафуров - Тоҷикистон соҳиби истиқлолият мебошад, аҳамияти зиндагӣ, фаъолият ва осори ӯ, инчунин дигар фарзандони фарзонаи миллат ва нақши онҳо дар болоравии эҳсоси ватандӯстӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихори миллии мардуми Тоҷикистон ва пеш аз ҳама ҷавонони бонангу номуси Ватан дахчанд меафзояд. Бинобар ин, дар арафаи ҷашни якасраи олим мо шоҳасари ӯ - «Тоҷикон»-ро аз нав чоп намудем. Аллома Ғафуров ғайр аз «Тоҷикон» як

силсилаи дигар осори машҳури илмӣ низ дорад. Дар маҷмӯъ, ба қалами ин донишманди бузург зиёда аз 400 рисолаву мақолаҳои илмӣ таъаллуқ доранд, ки онҳо ба таҳқиқи таърих ва тамаддуни халқҳои ориёинажод ва мақоми фарҳанги қадими халқҳои Осиёи Марказӣ дар тамаддуни ҷаҳон бахшида шудаанд. Аз ин рӯ, ҳоло зарурати нашри осори мунтахаби Бобоҷон Ғафуров пеш омадааст. Бинобар ин, Академияи илмҳои Тоҷикистон вазифадор карда мешавад, ки ин корро дар давоми солҳои наздик ба анҷом расонад. Вобаста ба ин, мехоҳам як нуктаро таъкид созам, ки олимони таърихнигор ва ҷомеашиноси мо ва умуман аҳли зиёи кишвар бояд дар омӯзиш ва тарғиби зиндагинома ва осори ҷовидонаи ин бузургмарди миллат саҳмгузор бошанд ва дар навбати худ кӯшиш намоянд, ки мисли Бобоҷон Ғафуров сарзамини аҷдодии худро дӯст доранд, барои таҳқиқи таъриху фарҳанги он талош карда, асарҳое офаранд, ки ба монанди «Тоҷикон» на фақат китоби азизу хонданӣ ва рӯимизии ҳар як фарди бонангу номуси халқи тоҷик бошанд, балки дар байни хонандагони мамолики дигар низ маҳбубият пайдо намоянд. Зеро халқ ба хотираи ҳамон фарзандони наҷибаш арҷ мегузорад, ки дар роҳи пешрафти давлат, шукуфоии Ватан ва сарбаландии миллати худ содиқонаву фидокорона заҳмат кашидаанд.

❁ ❁ ❁

Устод Бобоҷон Ғафуров дар радифи бузургтарин фарзандони Ватани мо қарор дорад. Нақши пурнуре, ки ӯ дар Ватани азизаш аз худ боқӣ гузоштааст, имрӯз дар мавҷудияти Академияи илмҳо, аввалин Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ва даҳҳо муассисаҳои илмию фарҳангӣ таҷассуми худро ёфтааст. Водии зархези Вахш, ки ӯ барои ободии он хидмати бебаҳо кардааст, ёдгории пурарзиш ва ҷовидонист.

Дар мақомоти олии давлатии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Шӯравӣ солҳои тӯлонӣ кор карда, 20 сол раиси калонтарин маркази илми шарқшиносии Иттиҳоди Шӯравӣ дар Маскав буд. Ӯ обрӯи ҷаҳонӣ дошт, вале аз тамоми ҷоизаҳо, нишонҳо, унвонҳо ва ифтихороти дигари давлатӣ ва илмӣ барояш мукофоти бузургтарин сарбаландии кишвару Ватан ва тоҷику тоҷикистониён буд.

Бобоҷон Ғафуров пас аз Садриддин Айнӣ ягона шахсе буд, ки қувваҳои эҷодие чун Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Абдулғанӣ Мирзоев, Раҳим Ҷалил, Ҷалол Икромӣ, Мирсаид Миршакар, Муҳаммад Осимӣ, роҳбароне чун Турсун Ӯлҷабоев, Назаршо Додхудоев, Ҷаббор Расулов, Абдулаҳад Қаҳҳоров ва даҳҳо шахсиятҳои сиёсӣ ва фарҳангиро сарвару

роҳнамо шуда, барои бақои давлати мо, забону фарҳанги бостонии мо ва шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардани ин илму фарҳанг хидматҳои бебаҳо кардааст.

Аз касе пӯшида нест, ки дар таърихи сад соли охири мамлакати мо шахсиятҳое ҳам буданд, ки ба хотири рӯйи об баромадан ва соҳиби вазифаю обрӯ шудан ба Ватани худ, ба манфиатҳои миллии кишварашон хиёнат содир намуданд. Устод Бобоҷон Ғафуров ислоҳнопазирии чунин шахсиятҳоро ба шогирдони худ борҳо таъкид мекард.

Устод Бобоҷон Ғафуров ҳатто пас аз даргузашти ҷисмонӣ ҳам дар ҷараёни корҳои неки худ ҳамроҳи ҳамватанони хеш зиндагиро давом медиҳад. Бобоҷон Ғафуров ва тоҷику Тоҷикистон - мафҳумҳои аз ҳам ҷудонашавандаанд.

Ӯ фарзанди маҳбуби Ватан ва халқи худ буд ва бо итминони комил изҳор медорам, ки номи некаш то абад дар хотири наслҳои миллати куҳанбунёд, фарҳангӣ ва тамаддунсози тоҷик зинда хоҳад монд.

## *Мирзо ТУРСУНЗОДА*

# ШОИРИ БУЗУРГ ВА ХОДИМИ МАЪРУФИ ҶАМЪИЯТӢ

## I. МУНОДИИ СУЛҲ ВА ШОИРИ ТАВОНО



Таърих ҳеҷ гоҳ дар фазои холӣ ба вуҷуд намеояд. Ҳар як саҳифаи он бо номи абармардоне вобаста аст, ки бо гузашти вақт нақши онҳо дар ҳаёти ҷомеаи хеш ва асрҳои минбаъда беш аз пеш равшан мегардад.

Дар асри XX устод Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров ва Мирзо Турсунзода барои миллати тоҷик аз ҷумлаи чунин арбобони бузурге буданд, ки қисмати халқи хешро дар марҳилаҳои ҳассоси таърихӣ ба маҷрои худшиносии миллӣ ва таҳкими пояҳои давлатдории тоҷикон равона сохтанд.

Дар марзи ду ҳазорсола, вақте ки халқи тоҷик ба марҳилаи нави тараққиёти худ ворид гардид ва мо роҳи дар асри XX тайкардаи худро ҷамъбаст намудем, бо назардошти хизматҳои бузург ва фидокории онҳо дар поягузории истиқлолияти Тоҷикистон, инкишофи тамаддун ва худшиносии миллӣ бо унвони олии мамлакат - «Қаҳрамони Тоҷикистон» сазовор дониста шудани ин фарзандони бошарафи миллат комилан қонунист.

Зеро ҳар яке аз онҳо дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ ва илмию фарҳангии Тоҷикистон мақоми шоиста доранд ва ҷои устод Мирзо Турсунзода мавриди зикри хосса мебошад.

Мирзо Турсунзода на танҳо ҳамчун шоире шаҳир, балки ба сифати арбоби бузурги давлатӣ ва ҷамъиятию сиёсӣ, ба ҳайси Раиси Кумитаи якдилии мамлакатҳои Осиё ва Африқо дар тамоми олами мутамаддин шуҳрат дошт. Ӯ ба ин ташкилоти ҷамъиятии байналмилалӣ бист сол оқилона сарварӣ карда, дар таҳкими пайванди дӯстӣ ва робитаҳои адабии мардумони ду қитъаи муборизи сайёра - Осиё ва Африқо хизматҳои шоиста ба ҷо овард.

Мирзо Турсунзода бо меҳнати фидокоронаи худ дар роҳи тараққиёти адабиёти бадеӣ, мустаҳкам намудани сулҳ дар байни мамлакатҳо ва қитъаҳои олам обрӯю эътибори бузург дошт. Ӯ дар радифи машҳуртарин нависандагон ва арбобони даврони худ сазовори унвони олии «Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ» гардида буд.

Дар ҷодаи шеъру шоирӣ ва санъати суханварӣ шоири номдори тоҷик бо ситораҳои тобноки адабиёти муосири ҷаҳон дар як поя қарор дошт.

Мирзо Турсунзода ҳамчун як фарди фарҳангии ниҳоят фаъол ва мубориз аз ибтидои солҳои сиюми асри бист то анҷоми умри пурбаракати худ дар навсозии Тоҷикистон, тараққиёти адабиёт, илм ва ҳунари он саҳми арзанда гузошт. Ӯ чун шогирди содиқу вафодор дар паҳлӯи устод Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ ба хотири поягузории адабиёту санъати нави тоҷик хизматҳои шоистаи тақдир кардааст.

Дар давраи ҳозира, ки мо Шоҳроҳи ваҳдат барпо менамоем ва ин роҳи азим сарзамини сабзу хуррами моро бо кишварҳои бузурги олам хоҳад пайваст, бояд аз он ёдовар шуд, ки Мирзо Турсунзода ва ҳамсафони ӯ дар солҳои сиюми асри гузашта дар сохтмони роҳи мошингарди Душанбе-Хоруг ва Душанбе-Хуҷанд фаъолона ширкат варзида, дар бораи меҳнати созандаи халқ асарҳои пурарзиш офаридаанд.

Мирзо Турсунзода ва дигар нависандагону ҳунарварони тоҷик дар сохтмони каналҳои калони Фаргона ва Ҳисор ҳиссаи арзанда гузоштаанд. Сохтмонҳои азим, ки тамоми Тоҷикистонро фаро гирифта буданд, на фақат зуҳуроти худогоҳии миллӣ ва ватанхоҳии халқи тоҷик буданд, балки ҳамчун сарчашмаи илҳом ва инкишофи адабиёту ҳунар, аз ҷумла эҷодиёти Мирзо Турсунзода, ба шумор мерафтанд.

Шеъру достонҳои Мирзо Турсунзода, ки пешрафти Тоҷикистон ва рушду камоли маънавии мардуми кишвари моро бо санъати олии сухан ва маҳорати баланд тасвир менамоянд, далели равшани ягонагии шоир ва халқу Ватан мебошанд.

Ӯ ба сифати муборизи ростини роҳи сулҳ ва дӯстии халқҳо ба бисёр мамлакатҳои ҷаҳон сафар карда, аз минбарҳои баланди байналмилалӣ сухан мегуфт, Тоҷикистон ва халқи тоҷикро чун миллати сулҳпарвар, башардӯст ва фарҳангию хирадманд ба тамоми дунё машҳур сохт.

Тоҷикистонро на танҳо шахсияти нотакрор ва ибратбахши Мирзо Турсунзода чун инсони фурӯтан, донишманд, дӯстпарвар ва арбоби

барҷастаи давлатию ҷамъиятӣ, балки ҳамчунин асарҳои пурмазмуни ӯ машҳури ҷаҳон гардониданд.

Шоир ҳамеша кӯшиш мекард, ки ба миллату Ватани худ хизмати шоиста намояд, бо халқ ҳамнафасу ҳамқадам бошад, суханро ба манфиати давлат ва ҷамъият истифода созад. Ашъори дилпазири шоир муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти мамлакат, дарди миллат ва орзуву ормонҳои ӯро дар бар мегирад.

Дар айни замон онҳо на танҳо арзишҳои олии иҷтимоии халқи тоҷик, балки идеалҳои инсонпарваронаи дигар миллатҳоро низ ифода менамоянд, ба манфиати пешрафти иҷтимоӣ, сулҳ ва ҳамкории халқҳои ҷаҳон хизмат мекунанд.

Бесабаб нест, ки асарҳои шоири шуҳратёри тоҷик ба зиёда аз панҷоҳ забони халқҳои ҷаҳон тарҷума шудаанд. Ин далели обрӯю нуфузи адабиёту фарҳанги тоҷик ва ифтихори миллати тоҷик аст. Мирзо Турсунзода фарзанди содиқи халқ ва ба қавли худаш, *«ба мисли гӯшту нохун ҳамеша бо Ватан буд»*.

Воқеан, Ватан азизтарин муқаддасот барои фарзандони огоҳи миллат аст. Онро касе аз таҳти дил ва мағз андар магзи ҷон дӯст дошта метавонад, ки ифтихори баланди миллӣ дошта бошад. Ифтихор аз озодӣ, ифтихор аз зебоӣ, ифтихор аз Ватан чун модари мушфиқу гамхор.

Мирзо Турсунзода аз нахустин китоби шеъру ҳикоя ва очеркҳои худ “Байрақи зафар”, ки соли 1932 интишор ёфта буд, то охирин маҷмӯаи ашъораш - “Посбони оташ” дар тамоми шеъру достонҳо, асарҳои драмавӣ, филмномаҳо ва мақолаҳояш худро ҳамчун ошиқ ва ситоишгари мумтози Ватани азизи хеш нишон дод.

Эҳсоси ватандӯстии шоири шаҳир чунон самимӣ ва завқи зебоиписандиаш чунон равшан буданд, ки Тоҷикистон дар назари ӯ мамлакати тиллоӣ менамуд. Шоир Ватанро такягоҳи муқтадире медонист, ки ба гуфти худаш, *“халқ аз вай сарбаландиҳо ба даврон мекунад”*.

Шоири бузург халқро дар ҷонсахтию матонат ҳамчун оҳан, Ватанро дар меҳрубонӣ, зебоӣ ва қудрат ба мисли оҳанрабо тасвир мекард. Рангу бӯйи дилкаши Тоҷикистон, ки шоири ҷаҳонгашта онро биҳишти бемисол меномид, боиси ифтихори миллӣ ва сарфарозии ӯ буд. Муҳаббати поки устод Турсунзода ба сарзамини аҷдодӣ, обу хоки Ватан, бешубҳа, барои наслҳои зиёди миллат ҳамчун намунаи олии ибрат хизмат хоҳад кард.

Муқаддас донистани Ватан ва ватандорӣ, шаъну шарафи инсонӣ ва ваҳдати халқҳо, сарфи назар аз нажоду миллату мазҳаби онҳо, дар фаъолияти Мирзо Турсунзода чун арбоби бузурги давлатию ҷамъиятӣ ва кори пурмаҳсули эҷодии ӯ дар давраҳои минбаъда ҳам ба сифати муҳимтарин арзишҳои фалсафию ахлоқӣ идома ва ривоҷ ёфтанд.

Вақте ки силсилаи асарҳои Мирзо Турсунзода "Қиссаи Ҳиндустон" ва "Ман аз Шарқи озод" паси ҳамдигар интишор ёфтанд, онҳо дар адабиёти асри XX-уми ҷаҳон як рӯйдоди муҳим гардиданд. Зеро то ин дам ягон шоир ё нависанда Шарқи хориҷиро аз лиҳози бадеӣ чунин ҳақиқатнигорона кашф накарда буд. Гузашта аз ин, осори доир ба ҳаёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ навиштаи устод Турсунзода дар назми тоҷик давраи наверо огоз карданд. Аз ин рӯ, онҳо зуд ба забони русӣ ва дигар забонҳои ҷаҳон тарҷума шуда, дар олами мутамаддин машҳур гардиданд. Зеро дар ин асарҳо Мирзо Турсунзода бо ҳамдардӣ ва ҳиссиёти бузурги башардӯстӣ тарзи зиндагонии халқҳои Шарқ, қабл аз ҳама Ҳиндустонро бо тасвирҳои пурзӯри романтикӣ баён карда, барои хушбахтию саодати одамони оддӣ мубориза мебарад ва сиёсати мустамликадоронро сахт маҳкум менамояд.

Ғояҳои олии умумиинсонӣ - ҳифзи сулҳ, ҳимояи манфиатҳои аҳли заҳмат, ҳисси масъулият нисбат ба тақдири инсоният, рафоқат ва дӯстии халқҳо дар лирикаи сиёсӣ ва дигар ашъори иҷтимоии Мирзо Турсунзода бо камоли истеъдод ва санъати сухан, бо ҳиссу ҳаяҷони баланди инсондӯстӣ ифода ёфтаанд. Хизмати бебаҳои як нафар фарзанди миллати шоирпеша ва соҳибфарҳанги тоҷик Мирзо Турсунзода ба хазинаи тамаддуни башар низ дар ҳамин аст.

Мирзо Турсунзода ҳар қадар, ки шоири миллӣ бошад, ба ҳамон андоза тарғибгари дӯстии халқҳои дунё аст. Ин фазилат на танҳо дар фаровонии мавзӯъҳои байналмилалӣ дар эҷодиёти ӯ, балки дар фикру андешаҳои умумиинсонӣ ва гояҳои олии умумибашарии шоир зуҳур мекунад.

Мавзӯи озодии инсон дар маркази тамоми эҷодиёти пурбаракат ва арзишноки Мирзо Турсунзода қарор гирифтааст. Тараннуми озодии шахсият ва ҷомеа, истиқлолияти комили давлатии ҳамаи кишварҳо рисолати олии ҷамъиятии шоир буд. Шоир орзу мекард, ки инсони заҳматкаш ба озодии комил муваффақ гардад, чунон ки мо ба шарофати истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ба чунин озодӣ ноил шудем ва дар харитаи сиёсии ҷаҳон пайдо шудани номи Тоҷикистони мустақил башорат аз озодии деринтизори халқи тоҷик гардид.

Мирзо Турсунзода дар шароити нави таърихӣ озодии Тоҷикистон ва халқҳои гуногунмиллати онро васф намудааст. Қаҳрамони достони "Ҳасани аробакаш" ҷавонмардест, ки озодии ҳақиқиро дар иҷрои хизмати халқ ва ободонии мамлакат мебинад. Ин аст, ки ӯ мувофиқи тақозои замони нав ҳунари ронандагӣ меомӯзад ва баробари Тоҷикистон худаш ҳам рушду камол меёбад.

Дар достони "Чароги абадӣ" бошад, шоири қадршинос симои нуронии мураббии забардасти худ устод Садриддин Айниро ба тасвир кашида, мақоми нависанда ва донишманди маъруф, поягузори адабиёти муосири тоҷик, нахустин Президенти Академияи илмҳои Тоҷикистонро дар ҳаёти маънавии ҷомеаи мо нишон медиҳад.

Инсони озоде, ки тамоми фаъолияти бошууронаи худро чун шоир ва арбоби ҷамъиятӣ дар роҳи саодати халқҳои заҳматкаш, дӯстию бародарӣ, ваҳдат ва ягонагии мардум бахшидааст, худи устод Мирзо Турсунзода мебошад, ки мо чеҳраи пурҷозибаи ӯро дар достони "Ҷони ширин" мебинем.

Қаҳрамонони устод Турсунзода одамони озоде ҳастанд, ки ҳастии худро ба хизмати халқу Ватан бахшидаанд. Онҳо ҳар қадар, ки ба Тоҷикистон ва инсонияти мутамаддин хизмати шоиста анҷом диҳанд, ба ҳамон андоза худро озод ва хушбахт эҳсос менамоянд.

Моҳияти ғоявии эҷодиёти шоири забардасти тоҷикро ваҳдати халқҳои олам ва фаъол сохтани нерӯҳои азими моддию маънавии онҳо дар роҳи сулҳ, тараққиёти иқтисодӣ, пешрафти иҷтимоии инсоният ташкил медиҳад. Мирзо Турсунзода нақш ва аҳамияти адабиётро пеш аз ҳама дар ҳамин медид.

Шоир дар асарҳои худ нишон медиҳад, ки муносибатҳои дӯстона ва эҳсоси баланди инсонпарварии тоҷикон ҳамеша ҳусни таваҷҷуҳи ҷаҳониёнро ба халқи тоҷик бедор мекард, мардумони гуногунмазҳабу гуногунзабони олам нисбат ба мо дар дили худ ҳисси эҳтиром ва дӯстӣ мепарвариданд.

Аз шеъри Мирзо Турсунзода бармеояд, ки муҳаббат ва эътиқоди инсонияти пешқадам ба халқу давлати мо, ба анъанаҳои миллии мардуми мо, ба ибораи шоир *"расми хуби тоҷикон"*, яъне дӯстии беғаразона, фарҳанги ғанӣ, дили пок ва ахлоқи ҳамида алоқаманд аст.

Шоир дӯстии халқҳоро аз ҷумлаи арзишҳои бузурги маънавӣ мешуморад ва муқаддас медонад. Барои Мирзо Турсунзода ваҳдати халқи ҷаҳон мафҳуми умумӣ ё шиор нест, балки ҷаҳонбинии равшанест, ки бо гузашти рӯзгор ва тарбияи пайваста дар мактаби ҳаёт ҳосил шудааст.

Ба ақидаи ӯ, гулхани дӯстию рафоқат ва ҳамдастию ҳамдилиро, ки аҷдоди бузурги мо дар роҳи инсоният афрӯхтаанд, чароғи тобандаи зиндагӣ кардан зарур аст.

Шоир ба ҳамватанони худ муроҷиат менамояд, ки дилро аз кинаю адоват, шубҳаю нобоварӣ покиза нигоҳ доштан лозим аст. Дилро пур аз меҳру вафо сохтан ва ошёни зиндагиро низ дар дили инсон гузоштан даркор аст, зеро дар ҷаҳон мақоми баландтаре аз дили инсон вуҷуд надорад.

Инсон бузургтарин ва нодиртарин муъҷизаи табиат аст. Банобар ин, Мирзо Турсунзода ба инсон ва моҳияти ҳастии ӯ аҳамияти калон медиҳад. Дар шеъру достон ва асарҳои драмавию филмномаҳои ӯ инсон бо тамоми паҳлӯҳои фаъолияташ, дунёи ботинӣ ва зоҳирӣ, рисолати иҷтимоӣ, олами рангини рӯҳию ахлоқӣ, меҳнат ва муҳаббаташ ба тасвир омадааст.

Занон, модарон, духтароин покгуҳари тоҷик, ки шоир чеҳраҳои онҳоро бо камоли муҳаббат ва эҳтироми хосса қаламдод намудааст, дар матонат ва зебоӣ камназиранд. Модарномаҳои Мирзо Турсунзода, ки дар тамоми марҳилаҳои фаъолияти эҷодиаш идома ёфтаанд, аз лиҳози иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар назми муосири тоҷик як равияи тозаро ташаккул доданд. Модарон ва заноне, ки Мирзо Турсунзода тасвир мекунад, дорои эҳсоси баланди шаҳрвандӣ ва маънавиёти ғанӣ мебошанд. Онҳо чун занони ватанхоҳ, заҳматкаш, эҷодкор, тарбиятгари авлоди наҷиб, ҷонибдорони сулҳ, ёрони бевафо ва зебою бошараф дар дили мо маскан гирифтаанд.

Мирзо Турсунзода на танҳо пайваста эҷод мекард, балки расо сиву як сол раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон низ буд. Вай кори эҷодию илмиро якҷоя бо фаъолияти ҷамъиятӣ пеш мебурд. Ӯ дар тарбияи наслҳои ҷавони адабиёт таҷрибаи фаровон андӯхт ва мактаби худро ба вуҷуд овард. Мактаби адабии Мирзо Турсунзода мисли мактаби устод Садриддин Айнӣ дар адабиёти муосири тоҷик роҳу равиши тозаи эҷодӣ ва навҷӯйиро бунёд гузошт.

Бо камоли эътимод гуфтан мумкин аст, ки нури назми Мирзо Турсунзода дар даврони мо низ олами адабиёти тоҷикро мунаввар мекунад. Тамоми мардуми Тоҷикистон, бахусус наслҳои ҷавону наврас бояд донанд, ки ҳаёти пурбаракат, фаъолияти доманадори адабию ҷамъиятии Мирзо Турсунзода ҳамчун фарзанди асили халқ бо равандҳои навсозии мамлакат, озодиву истиқлолият ва рушду камоли миллати сарбаланди мо алоқаманд буд.

Эҷодиёти серпаҳлӯи Мирзо Турсунзода дар таърихи адабиёту ҳунар ва ҳаёти маънавии мо як давраи томро ташкил кард. Шеъри тоҷик, махсусан аз нимаи дуюми солҳои чилуми асри гузашта, ба шарофати эҷодиёти Мирзо Турсунзода ба маҷрои тоза ворид шуд ва ба сатҳи баланди гоявию эстетикӣ расид.

Имрӯз баъзе мунаққидон Мирзо Турсунзода ва як зумра шоирони даврони ӯро ба он айбдор карданӣ мешаванд, ки онҳо адабиёт ва ҳунарро ба сиёсат пайваст карда буданд. Вале агар мо замон ва эҷодиёти шоирро дар ҳамбастагӣ амиқ таҳлил намоем, пас маълум мегардад, ки ин даъво комилан хатост.

Воқеан, Мирзо Турсунзода аз ҷумлаи суханваронест, ки барояшон ҳунар ва сиёсат муродифи якдигаранд. Мирзо Турсунзода бо як маҳорати баланд лирикаро бо сиёсати давлат ва ниёзмандиҳои он ҳамоҳанг сохта буд. Арзиши "Қиссаи Ҳиндустон"-и ӯ, ки беш аз ним аср пеш иншо шудааст, маҳз дар ҳамин мебошад. Дар манзумаи мазкур назокати шоирона ва диловарии шаҳрвандӣ, дарди инсон ва орзуҳои нек, шукргузорӣ ва танаффур, муҳаббат ва талоши озодӣ, гармии дасти дӯст ва гиреҳ шудани мушт ба ҳам омехтаанд; бе ин ду боли муҳаббату газаб ва шодиву андӯҳ "Қиссаи Ҳиндустон" наметавонист дар фазои сайёра ин гуна баланд парвоз кунад.

Вобаста ба эҷодиёти Мирзо Турсунзода мехоҳам боз як масъаларо таъкид намоям. Ақидае вуҷуд дорад, ки ашъори сиёсӣ кори косибон аст ва чунин ашъор тезгузар асту аз ёди мардум ба зудӣ фаромӯш мешавад. Шояд дар бисёр мавридҳо чунин ҳам бошад. Вале вақте ки ашъори сиёсӣ ҳаяҷони амиқ, хусусиятҳои назми миллӣ ва тафаккури фалсафии муаллифро дар бар мегирад, чунин асар ҷовидона аст. Ба бисёре аз шеъру манзума ва достонҳои Мирзо Турсунзода маҳз чунин қисмат насиб гардидааст. Чуноне ки бобоён ва падарони мо ин асарҳоро бо ифтихор ва шодмонӣ пазируфта буданд, шеъри Мирзо Турсунзода имрӯз низ вирди забони мардум аст.

Бо мукофотҳои бонуфузтарини байналмилалӣ қадр шудани шоири тоҷик далели эътирофи умум ва шуҳрати каломи муассири ӯ дар байни оламиён мебошад. Мо, ҳамзамонон ва ворисони устод Мирзо Турсунзода ифтихор мекунем, ки ин шоири тавоно дар радифи бузургтарин адибони асри XX дар роҳи бедорӣ, инкишофи тафаккури таърихӣ, худшиносии миллӣ, озодӣ ва истиқлолияти халқҳои ҷаҳон фаъолона ширкат варзидааст.

Мирзо Турсунзода, ки тафаккури фарогири кураи замин ва дили дардошно дошт, зиндагии мардуми тоҷик ва бартариятҳои ҷомеаи моро бо кишварҳои ҳамсоя моҳирона қиёс мекард. Зимни ин ҳамватанони худро даъват менамуд, ки ба қадри дастовардҳои ҳаёти нав бирасанд, онҳоро ҳифз намуда, афзунтар созанд.

Имрӯз, ки халқи мо роҳи пешрафти минбаъдаи худро муайян намудааст ва бо ин роҳ устуворона пеш меравад, ин нуқтаи назар барои насли кунунии миллати куҳанбунёди тоҷик моҳияти ҳаётан муҳим пайдо мекунад. Вобаста ба ин, бори дигар таъкид кардан мехоҳам, ки ғояи ҷомеаи демократию дунявӣ чароғи роҳнамои мост ва бар хилофи монеаҳое, ки душманон дар роҳи миллати тоҷик эҷод мекунанд, мо дар заминаи худшиносии миллӣ ва арзишҳои умумибашарӣ чунин ҷомеаро барпо хоҳем кард ва ба он муваффақ хоҳем шуд, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол дар радифи кишварҳои пешрафтаю мутамаддини ҷаҳон ҷой гирад.

Аслан, орзуи фарзандони бузурги миллат чун Мирзо Турсунзода низ ободӣ ва шукуфоии Ватан, побарҷо будани сулҳу амният дар саросари дунё буд. Мутаассифона, сулҳу амнияти ҷаҳон, ки Мирзо Турсунзода барои он талошҳои зиёд карда буд, ҳоло боз дар зери хатар аст. Қазияи Афғонистон, ки зиёда аз бист сол идома дорад, амнияти на фақат кишварҳои минтақа, балки ҷаҳонро халалдор мекунад.

Баъди фоҷиаи 11-уми сентябри соли 2001, вақте ки дар натиҷаи зарбаи терроризми байналхалқӣ дар Штатҳои Муттаҳидаи Амрико ҳазорон нафар одамон қурбон шуданд, ҷомеаи ҷаҳонӣ равшану возеҳ дарк кард, ки буҳрони Афғонистон на танҳо ба амнияти Тоҷикистон ва минтақа, балки ба тамоми ҷаҳон таҳдид мекунад. Дар ин бора мо мавқеи Тоҷикистонро чандин маротиба аз минбари созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз ҷумла, аз минбари Созмони Милали Муттаҳид оид ба пешгирии ҷинояткорӣ ва ҳамкории байналхалқӣ дар мубориза алайҳи ҷинояткории трансмиллӣ дар шаҳри Вена, дар маросими имзои Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба мубориза бар зидди ҷинояткории муташаккили трансмиллӣ дар шаҳри Палермо ва дигар воҳӯриву чорабиниҳои байналхалқӣ изҳор дошта будем. Гузашта аз ин, мо доир ба ташкили "минтақаи амният" дар атрофи Афғонистон пешниҳоди мушаххас доштем. Мақсади ягонаи мо аз ин ҳама пешниҳодот ин буд, ки таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба масъалаи зарурати муттаҳид намудани имкониятҳо дар бобати ҳалли осоиштаи қазияи Афғонистон, пешгирии қочоқи маводи мухаддир ва андешида-

ни тадбирҳо бар зидди фаъолияти террористӣ дар минтақа ва ҷаҳон ҳал карда шавад. Вале бисёриҳо миқёси хатар ва имконияти воқеии терроризмро нодида гирифтанд. Акнун, ки ҷомеаи ҷаҳон даҳшати амали зишти террористонро дар вуҷуди худ эҳсос кард, бояд тадбирҳое андешида шаванд, ки минбаъд ба таъмини амнияти ҷаҳониён мусоидат намоянд.

Воқеан, рафти зиндагӣ ва доман паҳн намудани терроризми байналхалқӣ имрӯз аксари кулли кишварҳои ҷаҳонро водор намуд, ки маҳз ҳамин роҳу равишро пеш гиранд.

Бояд гуфт, ки дар чунин шароит шеъри сулҳпарвари Мирзо Турсунзода ҳамоҳанги маҷрои ҳаёт аст ва имрӯз ҳам хеле замонавӣ садо медиҳад. Вобаста ба ин мехоҳам бигӯям, ки адибон ва тамоми зиёиён бояд аз зиндагиномаи устод Мирзо Турсунзода сабақ гиранд, дар ҳаёт мавқеи фаъоли шаҳрвандиро ишғол намоянд, бо сухан ва ҳунари муассир ғояҳои олӣ ва ҷовидона - сулҳ, ваҳдат, худшиносии миллию ватанпарастиро дар дилу шуури наслҳои нав ҷой намоянд ва арзишҳои пешқадами умумибашариро дар ҷомеа тарғиб созанд. Вазифаи муқаддаси зиёиён, қарзи шаҳрвандии онҳоро мо пеш аз ҳама дар ҳамин мебинем. Дар давраи ҳозира, ки дар байни халқҳои ҷаҳон ба вуҷуд овардани якдигарфаҳмӣ, қаробати маънавӣ, таҳкими робитаҳои дӯстӣ ва густариши ҳамкорӣ ҳамчун омили асосии сулҳу саодати башарият тақозои ҳаёт ва зарурати зиндагӣ мебошад, мақоми Мирзо Турсунзода ҳамчун сарояндаи сулҳу ваҳдати инсоният боз ҳам баландтар мегардад.

Шеъри Мирзо Турсунзода шеъри миллат ва шеър барои инсоният аст. Тамоми зиндагии ӯ тимсоли хизмати содиқонаи як фарди зиёӣ ба нафъи халқу Ватани хеш мебошад.

Устод Мирзо Турсунзода воқеан «Қаҳрамони Тоҷикистон» аст. Меҳри ӯ дар ошёни баландтарин - дили халқ маъво гирифтааст ва халқ хотираи неки фарзанди маҳбуби хешро то абад ҳифз хоҳад кард.

## II. ШОИРИ БУЗУРГ ВА АРБОБИ БАРҶАСТАИ ҶАМЪИЯТӢ

Мирзо Турсунзода ба насли дуюми адибони садаи бисти тоҷик шомил буда, дар радифи Сотим Улугзода, Ҷалол Икромӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Ҳаким Карим, Мирсаид Миршакар, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Раҳим Ҷалил, Боқӣ Раҳимзода дар як давраи пур аз тазод ва муборизаҳои дохилӣ ба арсаи адабиёт қадам ниҳода буд. Ва ӯ ҳамчун шогирди ду абармарди адабиёти муосир - Садриддин

Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ тавассути адабиёту матбуот ба хизмати халқу Ватан камар мебандад. Мирзо Турсунзода ва ҳамсафонаш бо муҳаббат ва ҷӯшу хурӯши ҷавонӣ бо эҷоди ҳар як асар ва ширкат дар сохтмонҳои азим хиштҳои нахустини созандагии Ҷумҳурии тозабунёди Тоҷикистонро мегузоштанд, ба мардум рӯҳу тавон мебахшиданд.

Аз шахсиятҳои таърихӣ, инсонҳои равшанзамир ва машъалдорони роҳи озодиву истиқлолият, бунёдгузорони Тоҷикистони нав, парчамбардорони матини илму адаб ва фарҳанги миллии тоҷикон бо сипосгузорӣ ёдовар шудан амри воҷиб аст. Зеро ин фарзандони бошарафи халқи тоҷик поягузорони кишвари маҳбуби мо ба шумор меравand. Дар ин ҳалқа фарзанди шарафманди миллати тоҷик Мирзо Турсунзода, ки барои хизматҳои бузург дар инкишофи адабиёт ва тарғиби ғояҳои сулҳу дӯстии халқҳо ва густариши нуфузи байналхалқии Тоҷикистон дар радифи устод Садриддин Айнӣ ва аллома Бобоҷон Ғафуров сазовори унвони олии “Қаҳрамони Тоҷикистон” гардидааст, мақому мавқеи шоиста дорад.

Мирзо Турсунзода ҳамнафасу ҳамқадами Ҷумҳурии Тоҷикистон буд ва имрӯз низ бо осори пурмазмунаш ҳамзамони мост. Ӯ иштирокчии фаъоли ҳаракати адабии солҳои навсозии Тоҷикистон буд ва нахустин маҷмӯаи шеъру ҳикояҳояш таҳти унвони «Байрақи зафар» ҳанӯз дар соли 1932 дар Душанбе интишор ёфт. Минбаъд Мирзо Турсунзода дар баробари Ҷумҳурии тозабунёди Тоҷикистон пайваста рушду камол ёфт ва дар олами илму адаб ва сиёсати байналмилалӣ яке аз тобноктарин ситораҳои мамлакати паҳновар гардид.

Устод Мирзо Турсунзода ҳамчун шоир ва донишманд, арбоби ҷамъиятӣ ва публитсист, вассофи шуълавари дӯстиву бародарии халқҳо, раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, узви Академияи илмҳои Тоҷикистон, Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ ва дигар ҷоизаҳои олии давр, аз ҷумла, Ҷоизаи байналмилалии ба номи Ҷавоҳирлаъл Неҳру, ҳаёти ибратбахшеро аз сар гузаронидааст.

Мирзо Турсунзода, пеш аз ҳама, шоири миллии халқи тоҷик аст. Агар мо ҷараёни зиндагии ӯро аз ибтидо то охир аз назар гузаронем, равшан мебинем, ки он намунаи олии пайванди шоир бо ҳаёти халқ мебошад. Мирзо Турсунзода яке аз аввалин суханвароне буд, ки дар мавзӯи муборизаи озодихоҳонаи ранҷбарон бар зидди зулму ситам ва талаби адолати иҷтимоӣ драмаи «Шӯриши Восеъ»-ро ҳамроҳи Абдусалом Деҳотӣ офарид. Дар асоси ин асар нахустин операи миллӣ дар

таърихи санъати тоҷик эҷод гардид, ки он ҳанӯз ҳафтод сол муқаддам дар аввалин Даҳаи санъати Тоҷикистон дар шаҳри Москва намоиш дода шуд ва муваффақияти бузург ба даст овард.

Шеъру достонҳои Мирзо Турсунзода аз ғояҳои олии ватанпарастӣ ва инсондӯстӣ саршоранд. Шоир дар сурудаҳои худ бо садоқати бепоёни фарзандӣ шаҳомату бузургии Ватанро васфу тараннум менамояд. Вақте вай ба арсаи эҷод ворид гардид, на танҳо адабиёти навини тоҷик ташаккул меёфт, балки худи Тоҷикистони тозабунёд дар роҳи тараққиёт қадамҳои аввалин мениҳод. Осори пурмуҳтавои ӯ аслан таърихи бадеии Тоҷикистон аст. Обшор кардани заминҳои ташналаб, бунёди роҳу пулҳо, сабзу хуррам гардонидани водиҳо, таъсиси нахустин хоҷагиҳои дастаҷамъӣ, арзи вуҷуд намудани корхонаву донишгоҳҳо ва дигар корномаҳои ҳамзамонон дар шеъру достонҳои устод таҷассум ёфтаанд.

Соли 1953, дар рӯзҳое, ки 75-солагии устод Садриддин Айнӣ ҷашн гирифта мешуд, Мирзо Турсунзода гуфта буд: «Хеле кам иттифоқ меафтад, ки тарҷимаи ҳоли як нафар ба тарҷумаи ҳоли халқаш чунин мувофиқ бошад». Ин суханон ба худи Мирзо Турсунзода ҳам пурра тааллуқ доранд. Зиндагинома ва кору пайкори ӯ таърихи зиндаи миллати мо дар асри бист мебошад. Дар бисёр шеърҳои абадзиндаи ӯ, махсусан дар достони баландмазмуни «Ҳасани аробакаш», таҳаввулоти азими сарнавишти миллати тоҷик дар асри гузашта бисёр дақиқ ва моҳирона тасвир шудааст.

Ҳамзамон бо ин, шоири башардӯст дар хонаи дили худ меҳру муҳаббати мардуми заҳматкаши ҷаҳонро низ ҷой дода буд. Аз ин ҷост, ки сухани пурэъҷози шоир ифодагари рӯҳи замон ва таҷассумгари дарду виҷдони аҳли башар буд. Тасодуф нест, ки тақдир ба зиммаи ӯ вазифа ва масъулияти пуршарафро гузошта буд, то мақсаду мароми зиндагиашро ба хизмати дӯстӣ ва бародарии мардуми олам, бахусус халқҳои Осиё ва Африқо, бахшад. Осори суханвари бузург, арбоби барҷастаи ҷамъиятӣ, мунодии сулҳу дӯстӣ, фарзанди арҷманди миллати тоҷик Мирзо Турсунзода саропо аз андешаҳои истиқлолхоҳӣ барои мардуми ҷафодидаи Машриқзамин ва ваҳдати халқи ҷаҳон саршор аст. Ӯ нахустин маротиба бо силсилаи ашъори марғуби «Қиссаи Ҳиндустон» ба адабиёти ҷаҳонӣ пайваст ва ба дили мардуми некиродаи дунё роҳ ёфт. Зеро ин асари ӯ бо баландии гоя ва бадеият на танҳо ифодагари армонҳои мардуми ҳинд, балки мардуми озодихоҳи дунё буд. Аз ин ҷост, ки адиби бузурги ҳинд Мулк Роҷ Онанд баъди мутолиаи ин аса-

ри шоири тоҷик бо сипоси самимӣ иқрор шуда буд: *«Кош дар бораи Ҳиндустон ман мисли шоири тоҷик асаре менавиштам»*.

Шоир барҳақ фармуда буд, ки *«Шодам, аммо мехӯрам ғамҳои халқи дигаре»*. Боз афзуда буд, ки *«Ошён гар мегузорӣ, дар дили инсон гузор»*. Ин ишораҳо барномаи фаъолияти эҷодӣ ва рисолати шаҳрвандии ӯ буданд. Аз ин ҷост, ки Мирзо Турсунзода на танҳо ҳамчун шоири маҳбуби халқи тоҷик, балки чун арбоби матинииродаи роҳи сулҳу ваҳдат дар ақсои олам ном баровард. Ба андешаи ман, дар баробари истеъдоди худодод фарҳанг ва тамаддуни миллӣ, омӯзиши адабиёти ҳазорсола олами маънавии Мирзо Турсунзодаро хеле пурғановат гардонида, ҷаҳонбиниашро фарохтар сохт.

Албатта, ҳеҷ шахсият, алалхусус шахсияти оламшумуле ба мисли устод Турсунзода, дар ҷои холӣ ба воя намерасад. Шоири мубориз суннатҳои миллӣ, адабиёти шифоҳӣ ва классикии тоҷику форс, беҳтарин дастовардҳои адабиёти ҷаҳониро фаро гирифта, таҷрибаи эҷодии суханварони бузургро дар рӯзгор ва фаъолияти адабии худ корбаст кардааст. Донишу таҷриба ва ситораи гарму дили пурмуҳаббат ба ӯ имкон доданд, ки сабақҳои дипломатияи давлатӣ ва мардумиро ба ҳам моҳирона омезиш дода, дар гуфтор ва муомилаву муошırати худ бо табақаҳои мухталифи ҷомеа, сиёсатмадорон ва роҳбарони олирутбаи давлатҳои гуногуни ҷаҳон бо камоли донишмандӣ ва назокат риоя намояд. Ин аст, ки каломи муассиру ҷозибадори шоири шаҳири тоҷик дар ақсои гуногуни олам аз минбарҳои баланд садо дода, маҳбубияти хосса касб кардааст.

Ғояҳои олии умумиинсонӣ – ҳифзи сулҳу амонӣ, ҳимояи манфиатҳои аҳли заҳмат, ҳисси масъулият нисбат ба сарнавишти инсон ва дӯстиву ҳамкории халқҳо дар ашъори Мирзо Турсунзода бо камоли истеъдод ва санъати сухан ифода ёфтаанд. Дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода мавзӯи Ватан бо тамоми бузургӣ ва зебоияш тасвир шуда, мақоми асосӣ дорад. Силсилаи шеърҳои ба табиати диёр, манзараҳои нотакрор ва рӯду обшорон бахшидаи шоир самимияту садоқати ӯро ба сарзамини азизаш ифода месозанд.

Устод Турсунзода ба ҳайси раиси Кумитаи якдилии халқҳои Осиё ва Африқо ва қосиди сулҳу дӯстӣ ба кишварҳои хурду бузурги дунё сафар мекард, лекин дар ҳама ҷо дили ӯ ба ёди Ватан метапид:

*Вале ман дар ҳама ҷо, дар ҳама кунҷу канори даҳр,*
*Ҳамеша бо Ватан будам, ҳамеша бо Ватан масрур.*

Мирзо Турсунзода ҳамчун шоири бузурги ватандӯст ва халқпарвар, мубориզи фаъоли роҳи сулҳ ва оромиву осудагии ҳаёти ҷамъият соҳиби обрӯву иззат, эътибори баланд ва шуҳрати ҷаҳонӣ гардид. Аз нимаи дуюми солҳои сиюми асри XX - аз ҳамон давроне, ки фашизм дунёро ноором сохта, баъзе мамлакатҳои Аврупо ва Ғарбро зери по кард ва ба сари мардум бадбахтиҳо овард, Мирзо Турсунзода дар асарҳояш ба ҷангу ҷидол ва хусумату душманӣ сулҳу ваҳдат ва дӯстиву бародариро муқобил гузошт. Шоири сулҳпарвари мо халкҳои ҷаҳонро бар зидди фашизм даъват мекард, то ки решаи манҳуси ҷангро аз беху бунаш бурида, парчами сулҳро дар олам устувор созанд. Дар он даврони пуртаҳлука Мирзо Турсунзода дар Париж ҳамроҳи нависандагон ва олимони маъруф, аз қабили Жолио Кюри, Александр Фадеев, Иля Эренбург дар кори аввалин конфронси умумиҷаҳонии ҳомиёни сулҳ иштирок ва дар ҳимояи сулҳу осоиш суханронии басо таъсирбахш карда буд.

Ҳамин тавр, Мирзо Турсунзода - шоири сулҳпарвари мо дар сафи пеши ҷабҳаи мубориза бар зидди зулму ситам қарор гирифта, ҳамчун мубориզи матини ҳамдигарфаҳмӣ ва иттиҳоди халкҳои тамоми ҷаҳон маъруф гардид.

Мавзӯи асосии эҷодиёти ӯ ситоиши дӯстиву бародарӣ, озодиву истиқлолият ва мубориза алайҳи низоъангезону тахрибкорон имрӯз низ, яъне дар замони мо аҳамияти худро гум накардааст. Осори шоир насли наврасро ҳушдор медиҳад, ки дар ҳимояи Ватан, ҳувийяти миллии хеш ҳушёр, зирак ва дурандеш бошанд. Шоир Ватани худ – Тоҷикистони кӯҳсору офтобиро ҳамчун як ҳиссаи ҷудонашавандаи Шарқ ва ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ мешуморад, ки дар доираи сиёсати он замон таргиби ин ғоя кори чандон осон набуд.

Шахсияти шоири ватандӯст дар он зоҳир мешавад, ки дар ҳар шеъри ӯ меҳру муҳаббати Тоҷикистон бараъло ба мушоҳида мерасад. Мирзо Турсунзода доираи мавзӯъ ва масъалаҳои адабиёти муосири тоҷикро вусъат дода, манзараҳои гуногуни ҳаёти мамлакатҳои хориҷиро бо афкори нав ва аз дидгоҳи тоза ба адабиёти мо ворид сохт ва ба ин васила мактаби нави адабиро ба вуҷуд овард. Ҷавҳари хоси ин мактаб шинохти гузаштаи халқи худ, рушди забон, фарҳанг, адабиёти куҳанбунёд ва суннату анъанаҳои миллии мо мебошад. Сабақи дигари ин мактаби адабӣ иборат аз он аст, ки шеъру сиёсатро ба ҳам омезиш дода, адабиётро ҳамчун воситаи муассири муттаҳид кардани ҷомеа ва ташаккули афкори умум нерӯманд гардонид. Мавзӯи сулҳу

ваҳдат, накӯкориву созандагӣ ҳамчун шиори мардуми фарҳангпарвару тамаддунсози тоҷик ба осори адиби башардӯсти мо ҷилои тоза мебахшад. Мо ба ин ҷиҳати осори Турсунзода ва пайравони мактаби ӯ бояд эътибори хосса диҳем.

Имрӯз дар сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол низ мароми сулҳ, ҳамкориҳои иқтисодиву фарҳангӣ ва дӯстиву бародарӣ аҳамияти аввалиндараҷа доранд ва мо барои татбиқи пайгиронаи онҳо кӯшиш менамоем. Ба ин маънӣ, шеърҳои устод Турсунзода ҷавҳари суннатҳои неку писандидаи сулҳпарваронаи халқи моро ифода месозанд. Чунончи, шоир дар ин маврид гуфтааст:

*Одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт,*
*Душманӣ орад ба мардум рӯзи сахт.*

Шоир аз мавзӯъҳои миллӣ то масоили байналмилалӣ изҳори андеша карда, шеъру достон, асарҳои саҳнавӣ, филмномаҳо, мақолаҳои илмиву адабии худро ба нерӯи азими маънавӣ мубаддал намуд. Мероси гаронбаҳои адабии Мирзо Турсунзода дар давраи мо ба муҳимтарин ва мубрамтарин масъалаҳои ҳаёти халқ ва давлат ҷавобгӯ мебошад. Шеъри ӯ ҳамроҳи мардуми Тоҷикистони соҳибистиқлол қадам мезанад, шодиву нишоти моро ифода мекунад ва бо қалбҳои мо ҳамсадо мешавад. Дар замони мо, ки ваҳдати миллӣ ба яке аз рукнҳои сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст, эҷодиёти шоир ба иттиҳод ва бародарии мардуми мамлакат мусоидат менамояд.

Шоири ҳақиқӣ ҳамчун парчамбардори адабиёту фарҳанги миллӣ дар дили халқаш ҳамеша зиндаву поянда аст. Мирзо Турсунзода ҳамин гуна адиби мубориз, шахсияти барҷаста ва инсони наҷиб буд. Аз ин рӯ, ӯ маҳбуби халқи тоҷик ва мардумони сулҳпарвару озодихоҳи олам гардидааст. Бегазанд мондани ном ва осори Мирзо Турсунзодаро ҳаёт ба хубӣ собит менамояд. Чун гиромидошт ва рамзи посдории хизматҳои шоистаи Мирзо Турсунзода ба номи ӯ шаҳр, донишгоҳу мактабҳо ва кӯчаву хиёбонҳо гузошта шудаанд ва муҳимтар аз ҳама, шеъри ӯ пайваста вирди забони мардуми тоҷик аст.

Мирзо Турсунзода тафаккури фарогири кураи замин ва дили дардошное дошт ва шеъри ин шоири нобиға шеъри миллат ва шеър барои инсоният аст. Ашъори оташбори ин вассофи сулҳу дӯстӣ, бародарӣ ва ҳамдилии мардуми олам ва шеъри ин сипаҳсолори назми замони худ ба 60 забони халқҳои дунё тарҷума шудааст.

Аз рӯзи вафоти устод қариб чил сол гузашт, вале хизмату талошҳои ӯ мисли Садриддин Айниву Бобоҷон Ғафуров дар роҳи ташаккул ва таҳкими ҳувийяти миллӣ, худогоҳиву худшиносии миллӣ, посдории нангу номуси Ватан, ифтихори баланди давлатдорӣ, пойдории сулҳу амният ва ваҳдати халқи ҷаҳон беш аз пеш ҷилвагар мегардад. Аз ин рӯ, ӯ барҳақ “Қаҳрамони Тоҷикистон” эътироф гардидааст.

Шеъри ӯ дар эъмори ҷомеаи демократии Тоҷикистони соҳибихтиёр низ нерӯбахши мардум буда, бо мо ҳамқадаму ҳамсафар аст. Ба ибораи дигар, Мирзо Турсунзода бо шеъри ваҳдатсози хеш ҳамзамони мо, ҳамзамони наслҳои нави халқи тоҷик боқӣ мемонад.

Бигзор, номи муборак ва осори арзишманди Мирзо Турсунзода ҳамчун қосиди сулҳи даврони мо аз насл ба насл ва аз аср ба аср идома ёфта, умри абадӣ ёбад. Бигзор каломи оташин, мавзун ва нобу шевои Мирзо Турсунзода қалби тамоми халқи тоҷик ва ҷаҳонро софу мунаввар ва чун ойина пурҷило гардонад!

## *Сотим УЛУҒЗОДА*

# МУСАННИФИ ТАЪРИХИ ПУРФОҶИАИ ХАЛҚ



Боиси ифтихор аст, ки мардуми соҳибфарҳанг ва адабпарвари мо аз қадим ба осори бадеӣ ва шахсиятҳои фарзонаи илму адаб меҳру муҳаббати хосса изҳор мекунанд. Шояд ин аз он сабаб аст, ки шахсиятҳои тавонои адабӣ дар ҳар давру замон бо камоли масъулият дар асарҳояшон дарду армон, орзуҳои ширин, ишқу ҳиссиёти пурнаҷобат, талошу ҷоннисориҳои фарзандони муборизро барои ҳифзи Втан, шарафу номус ва расму таомул, марзу бум зебою мондагор офарида, ба ин васила дар қалби мардум ифтихори ватандорӣ ва ҳифзи беҳтарин арзишҳои миллиро ҷо кардаанд. Ба ин рисолати муқаддаси суханварӣ аз устод Рӯдакиву Ҳаким Фирдавсӣ то Садриддин Айниву Абулқосим Лоҳутӣ ва Мирзо Турсунзодаю Лоиқ Шералӣ бисёр адибони ба миллат вафодор содиқ мондаанд. Воқеан осори арзишманди аҳли ҳунар сарвати аслии миллат мебошанд. Ва боиси ифтихор аст, ки дар ҳар давру замон, новобаста ба фоҷиаҳои мудҳиши рӯзгор, дар осмони илму адаби тоҷик ситораҳои дурахшоне пайдо шуда, бо ҷилои андешаи солим, заковату офаридаҳои нав ба нав ба дили мардум нуру зиё бахшидаанд.

Нависандаи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, узви вобастаи Академияи илмҳои Тоҷикистон, Арбоби шоистаи ҳунари мамлакат Сотим Улуғзода дар радифи фарзандони бузурги суханвари миллати тоҷик ҷою мақоми хосса дорад.

Сотим Улуғзода дар деҳаи Варзики ноҳияи Чусти вилояти Намангони Ҷумҳурии Ӯзбекистон таваллуд шуда бошад ҳам, чун як ҷигарбанди асили тоҷик аз солҳои сиюми садаи бист ба шаҳри Душанбе омада, ба хидмати матбуоту адабиёти тоҷик камар мебандад. Вай ба ҳайси шогирди содиқу бовафои устодон Айнӣ ва Лоҳутӣ дар радифи Мирзо Турсунзода,

Ҷалол Икромӣ, Мирсаид Миршакар хиштҳои нахустини адабиёти навини тоҷикро мегузорад. Дар замони пурошӯб, даврони теғу камон, зиёда аз ин сиёҳкориву тамгагузорӣ зиндагӣ ва эҷод кардан осон набуд. Бо вуҷуди ин Сотим Улуғзода бо роҳнамоии устод Айнӣ дар баробари кори рӯзноманигорӣ фаъолияти адабиашро аз навиштани мақолаҳо дар бораи шахсият ва осори классикони адабиётамон оғоз мекунад ва перомуни арзишҳои бадеии осори Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Носири Хусрав, Ибни Сино, Саъдӣ, Аҳмади Дониш ва дигарон рисолаву мақолаҳо ба нашр мерасонад. Ин навиштаҳои адиб, ки дар китоби «Намунаҳои адабиёти тоҷик» гирд омадаанд, дар замонҳои пур аз мубориза барои исботи ҳастии миллат ва адабиёту фарҳанги он аҳамияти беназир доштанд.

Соли 1940 Сотим Улуғзода ба мақсади такмили илму дониш барои таҳсил ба аспирантураи назди Институти адабиёти ҷаҳонӣ ба Маскав ва аз он ҷо ба ҷанг рафта, ба ҳайси хабарнигор дар сангарҳо хидмат мекунад. Охири соли 1944 ӯро аз ҷанг бозмехонанд ва охири соли 1946 раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон интихоб мешавад.

Аз солҳои панҷоҳуми асри бист давраи сифатан нав ва барои муҳити адабӣ ва хонандаи тоҷик басо манфиатбахши эҷодиёти Сотим Улуғзода оғоз меёбад. Вай чун пайрави сазовори устод Айнӣ ба тасвири бадеии таърихи пурфоҷиаи халқи тоҷик ва шахсиятҳои беназири он камар мебандад. Ин мавзӯъ дар он замон барои эҳёи хотираи таърихӣ, худшиносии миллӣ, бедорӣ ва шинохти фарзандони фарзонаи миллат ва пайдо кардани эҳсоси бузурги ватанпарастӣ барои мардуми тоҷик чун обу ҳаво зарур буд, Ин роҳе буд, ки устод Айнӣ дар адабиёт шурӯъ кард, вале Улуғзода онро бо матонат ва бинишу ковиши чуқуртар идома дод ва садоқату эҳтиромашро ба таърихи миллат ва фарзандони ҷоннисораш нишон дод.

Маҳз аз баракати истеъдод ва килки сеҳрофарини Сотим Улуғзода хонанда, ҷомеаи Тоҷикистон ва берун аз он марҳала ба марҳала ба даврони пурэъҷози Сомониён ва рӯзғори пурфоҷиаи устод Рӯдакӣ дар драмаи «Қисмати шоир», муборизаи беамони мардум алайҳи аҷнабиён дар қиссаи «Ривояти суғдӣ», зиндагиномаи пур аз кашфу эҷоди Ибни Сино, Ҳаким Фирдавсӣ, Аҳмади Дониш, талошҳои ҷоннисоронаи Темурмалику Восеъи диловар барои озодии халқу диёр аз ҷабру ситами ғосибон ошно шудаанд. Оре, Улуғзода пас аз устод Айнӣ ба қаҳрамонҳои таърихии миллат дар адабиёт умри зиндаву абадӣ бахшид.

Фаъолияти филмномаву драманависӣ ва тарҷумонии Сотим Улуғзода як саҳифаи дурахшони эҷодиёти нависанда ба шумор меравад. Вай аслан дар ин самти эҷодиёти худ ҳамон мавзӯи худшиносӣ, ҳақталошӣ ва эҳёи

хотираи таърихӣ, ҳимояи Ватан ва шарафи инсониро таҳким бахшида шоҳасарҳои адибони дунёро рӯи саҳнаи театри тоҷик овард. Аз назари устод Улуғзода, таҳқиқи бадеии таърих ва шахсиятҳои таърихӣ муроҷиат ба имрӯзу фардои миллат аст.

Хидматҳои бузурги нависандаи тавонои тоҷик Сотим Улуғзода дар рушди адабиёти навини тоҷик, тарбияти адибони ҷавон бо бисёр орде- ну медалҳои давлатӣ қадр карда шудааст. Бо амри Президенти мамлакат барои абадӣ гардонидани хотираи ӯ ба номи Сотим Улуғзода гузоштани Донишгоҳи давлатии забонҳои Тоҷикистон нишони олии қадршиносии шахсияти эшон, арзи сипоси мардум ва заҳматҳои беназири ӯ дар рушди адабиёту фарҳанги тоҷик мебошад.

Барҳақ, мутолиа ва омӯзиши осори пурғановати адиб барои хештаншиносӣ, эҳтироми таърих ва таҳкими сулҳу ваҳдат ва дӯст доштани Тоҷикистони азиз саҳми босазо мегузорад.

## МУНДАРИЧА


- ***Куруши Кабир***
  Бунёдгузори давлатдории мутамаддин ....... 6
- ***Спитамен***
  Парчамбардори ҷодаи озодиву истиқлол ....... 25
- ***Зардушт***
  Паёмбари ойини ростин ....... 41
- ***Монӣ***
  Бозтоби нур дар зулмот....... 96
- ***Маздак***
  Пешвои мардумдӯсти Эрони бостон ....... 114
- ***Муҳаммад (с)***
  Бузургтарин марди ҷаҳон ва паёмбари дини барҳақ....... 129
- ***Имоми Аъзам***
  Асосгузор ва пешвои мазҳаби таҳаммулгаро ....... 158
- ***Исмоили Сомонӣ***
  Абармарди хирад ва сиёсат....... 204
- ***Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ***
  Қофиласолори адабиёти тоҷику форс ....... 221
- ***Абулқосим Фирдавсӣ***
  Ситоишгари адлу ростӣ ва нуру хирад ....... 229
- ***Абӯалӣ ибни Сино***
  Мутафаккири абадзинда....... 233
- ***Носири Хусрав***
  Суханвари бузург ва марди андеша ....... 239
- ***Шамси Табрезӣ***
  Шахсияти бузург ва камназири олами ирфон....... 249
- ***Ҷалолуддини Балхӣ***
  Пайвандгари дилҳо ва тамаддунҳо ....... 254
- ***Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ***
  Таблиггари фарҳанги сулҳ ва хостори ваҳдату субот ....... 265

• ***Камоли Хуҷандӣ***
Бунёдгузори кохи азими сухан ........................................ 275

• ***Абдураҳмони Ҷомӣ***
Пешвои ҳавзаи илмиву адабии Мовароуннаҳру Хуросон ........................................ 279

• ***Мирзо Абдулқодири Бедил***
Нобиғаи шеър ва пайвандгари ду кишвар ........................................ 289

• ***Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ***
Суханвари номвари адабиёти тоҷик ........................................ 292

• ***Садриддин Айнӣ***
Зиндагонӣ ва қаҳрамонӣ ........................................ 297

• ***Нусратулло Махсум***
Ҷонфидои миллат ........................................ 315

• ***Шириншо Шотемур***
Тулӯи офтоби зиёбахш ........................................ 321

• ***Бобоҷон Ғафуров***
Олими тавоно ва арбоби барҷастаи сиёсиву давлатӣ ........................................ 328

• ***Мирзо Турсунзода***
Шоири бузург ва ходими маъруфи ҷамъиятӣ ........................................ 344

• ***Сотим Улуғзода***
Мусаннифи таърихи пурфоҷиаи халқ ........................................ 359

*Эмомалӣ РАҲМОН*

# ЧЕҲРАҲОИ МОНДАГОР

Ҷамъоваранда *Шодӣ Шокирзода*
Муҳаррир *Муҳаммадшариф Бобошоҳзода*
Саҳифабанд *Фарҳод Раҳимов*
Ороиши *Нигора Насимова*
Мусаҳҳеҳон *Муҳаммадҷони Шодӣ, Муҳаммадиқболи Нуъмониён*
Ҳуруфчин *Сайрам Аловатшоева*

Ба чопаш 13.06.2016 имзо шуд. Андозаи 70x100 $^1/_{16}$. Коғази офсет. Чопи офсет.
Гарнитураи Times New Roman Tj. Ҷузъи чопии шартӣ 22,75.
Теъдоди нашр 5000 нусха. Супориши №155.

ҶДММ "ЭР-граф".
734036, ш. Душанбе, кӯчаи Р. Набиев, 218.
Тел: (+992 37) 233-50-16. E-mail: r-graph@mail.ru

*Мардуми шарифи Тоҷикистон ҳуқуқи комили маънавӣ доранд, ки бо фарзандони фарзонаи миллат, саҳми беназири онҳо дар рушди тамаддуни умумибашарӣ ифтихор намоянд, осори гаронбаҳои онҳоро омӯзанд ва ҳикмати ҷовидонаи абармардони миллии худро қутбнамои рӯзгори хеш қарор диҳанд.*

ISBN 978-99975-53-14-0

9 789997 553140

R-Graph